ISSN 0235 - 005X

АХБОРИ
ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

ИЗВЕСТИЯ
ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

PROCEEDINGS
OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW NAMED AFTER A. BAHOVADDINOV OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

№2

Душанбе - 2024

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир: Маҳмадизода Н.Д. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Муовини сармуҳаррир: Зиёӣ Х. М. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
Котиби масъул: Саидҷафарова П. Ш. – номзади илмҳои фалсафа

Аъзои ҳайати таҳририя:

1. Олимов К. О. – академики АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
2. Муҳаммад А. Н. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
3. Ятимов С. С. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор
4. Шоисматуллоев Ш. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сотсиология, профессор
5. Раҳимзода М. З – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
6. Музаффар М. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
7. Усмонзода Х. У. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор
8. Назар М. - доктори илмҳои фалсафа, дотсент
9. Саидов А. С. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
10. Раҳимов С. Х. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
11. Маҳмадҷонова М. Т. – доктори илмҳои фалсафа, профессор
12. Қаҳоров Ғ. Ғ. – доктори илмҳои фалсафа, дотсент
13. Мирзоев Ғ. Ҷ. – доктори илмҳои фалсафа
14. Ҷонбобоев С. – номзади илмҳои фалсафа

Масъулони таҳия: Иброҳимова С. Ҳ. – номзади илмҳои фалсафа,
Махшулов А.

Таҳриру такмили матнҳо: Саидова Ф. – номзади илмҳои сиёсӣ,
Шарипов А.

Маҷаллаи илмии "Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон" ба Феҳристи КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия, инчунин ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шохиси иқтибосҳои илмии Россия (РИНЦ) дохил карда шудааст.

Мақолаҳо тақриз карда мешаванд.
Матни мақолаҳо дар таҳрири муаллиф нашр мешаванд.
Фикри ҳайати таҳририя бо фикри муаллиф метавонанд мувофиқ набошад.
Ҳангоми истифода аз мавод ва иқтибос ҳавола ба
"Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон" ҳатмӣ аст.

http://www.ifppanrt.tj/

М У Н Д А Р И Ҷ А

Ф А Л С А Ф А

Маҳмадизода Н.Д., Маҳмадиев Ғ.Д. Роҳҳои самараноки муқовимат ба зидди идеологияи терроризм дар байни ҷавонон..... 11
Музаффарӣ М., **Салимов Ю.Б.** Рақамикунонӣ ва нақши он дар таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон..... 16
Хуршед Зиёӣ. Ҳудудҳои маърифати инсонӣ (таҳлили антропологӣ-табиатшиносӣ).. 21
Сайфуллаев М.Н. «Тоҷикон» - и Бобоҷон Ғафуров дар оинаи тамаддуни тоҷик… 27
Ҷононов С. Ҷомеаи иттилоотӣ ва масоили ҳифзи худшиносии миллӣ..... 32
Диноршоева З.М. Фалсафаи байнифарҳангӣ ҳамчун равияи мубрам дар андешаронии фалсафии муосир..... 40
Самиев Б.Ҷ.Таҳлили фалсафии баъзе аз идеяҳои маорифпарварони тоҷик дар бораи низоми ҷомеадории аморати Бухоро ва дурнамои рушди он..... 47
Усманова З.М. Амалияҳои динии занҳои тоҷик: хусусиятҳо ва сабабҳои афзоиш.. 55
Ладигина О.В. Инъикоси хусусиятҳои миллӣ дар фарҳанги рӯзмарра..... 65
Мирзоев Ғ.Ҷ. Таносуби андешаҳои дунявӣ ва динӣ дар таълимоти фалсафӣ ва адабии гузаштаи халқи тоҷик..... 72
Муродова Т. Нақши устура дар ташаккули тафаккури фалсафӣ..... 81
Ҷонбобоев С. Саъдулло Раҳимов ва таҳаввули фикри таҳлилӣ дар фалсафаи фарҳанги тоҷик..... 91
Асрорӣ М., Урунбоев Қ.А. Абуалӣ ибни Сино ва фазилатҳои инсон..... 99
Бандалиева Ш.Н. Проблемаи ахлоқ дар таълимоти Иммануил Кант..... 108
Ҳаитов Ф.Қ. Муҳоҷират ва тағйирёбии арзишҳои ахлоқӣ-зебоипарастии инсон (таҳлили фалсафӣ–иҷтимоӣ)..... 113
Шаҳовуддинов Н.С. Муносибати ҳастӣ ва моҳият дар метафизикаи Ибни Сино... 120
Саидҷафарова П.Ш., Раҳмонов С. Д. Вижагиҳои иҷтимоии ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш..... 127
Тағоймуродзода М.Т. Таассуб: сарчашмаҳои пайдоиш ва роҳҳои пешгирии он..... 136
Насриддинов Ҳ.Н. Мафҳуми шуури ахлоқӣ дар таълимоти Муҳаммад Ғаззолӣ..... 144
Зиёзода Н.И., Ҷангибекова С.И. Рушди фарҳанг дар ҷаҳони муосир..... 151
Қиматшоев Ш.Л. Оид ба масъалаи таъсири таълимоти файласуфони антиқа ба назариёти онтологии машшоиёни шарқӣ..... 156
Шоисматуллоев Ш., Сулаймонӣ П. Ҳифзи иҷтимоӣ – самти афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 164
Миров Ф.С. Инъикоси масъалаҳои ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ дар таълимоти иҷтимоӣ-фалсафии мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик..... 170
Ғуломова М.С. Таҳлили илмӣ - фалсафии оила ҳамчун институти иҷтимоии ҷомеа..... 177
Гардоншоев А.М. Равишҳои назариявии таҳлили нобаробарии иҷтимоӣ: аз марксизм то функсионализм..... 182
Сангова С. Коммуникатсияи иҷтимоӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии танзими он дар ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд..... 187

СИЁСАТШИНОСӢ

Муҳаммад А.Н., Саидов М. Асосҳои назариявии таҳқиқи «радикализми сиёсӣ», мазмун, моҳият ва хусусиятҳои он..... 196
Хидирзода М.У. Фарҳанги интихоботӣ ва нақши он ҷомеа…….. 204
Сангинов Н.Н. «Ҷангҳои террористӣ» ба муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқовимат ба онҳо..... 212
Саидова Ф.С. Риторика ва нақши он дар амалишавии равандҳои сиёсӣ…… 218

Саъдулоев А.Ҳ., **Қодирзода С.М.** Нигоҳе ба андешаҳои сиёсию ҳуқуқии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ..... 222
Маҳмадиева А.Д. Таъғйирёбиҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ ва таъсири онҳо ба иқтидории инноватсионии занон..... 229
Қодиров З.Қ. Саҳми Пешвои миллат дар эҳёи арзишҳои миллӣ, ташаккули ҳувият ва худшиносии миллӣ..... 239
Ашуров А.М. Осиёи Марказӣ дар меҳвари ташаббусҳои Ҷумҳурии мардумии Чин ва Иттиҳоди Аврупо дар қаринаи равандҳои геофарҳангии муосир..... 245
Саймаҳмадов Л.Н.Таъсири ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ ба равандҳои геополитикии замони муосир..... 249
Каримова З.Ҳ.Ҷаҳонишавӣ аз нигоҳи манфиатҳои ниҳоии миллӣ..... 255
Умарзода А. С. Таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи об: таҳлили сиёсӣ ва ояндабинӣ... 261
Сатторзода С. Н. Омӯзиши низоъ дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии файласуфони тоҷику форс..... 266

ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМЕНИ А.БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

Главный редактор: Махмадизода Н.Д. – доктор философских наук, профессор
Заместитель главного редактора: Зиёи Х. М. – доктор философских наук, профессор
Ответственный секретарь: Саидджафарова П. Ш. – кандидат философских наук

Члены редколлегии:

1. Олимов К. О. – академик НАНТ, доктор философских наук, профессор
2. Мухаммад А. Н. – член-корр. НАНТ, доктор политических наук, профессор
3. Ятимов С. С. – член-корр. НАНТ, доктор политических наук, профессор
4. Шоисматуллоев Ш. – член-корр. НАНТ, доктор социологических наук, профессор
5. Рахимзода М. З. – член-корр. НАНТ, доктор юридических наук, профессор
6. Музаффар М. – член-корр. НАНТ, доктор философских наук, профессор
7. Усмонзода Х. У. – член-корр. НАНТ, доктор философских наук, профессор
8. Назар М. - доктор философских наук
9. Саидов А. С. – доктор философских наук, профессор
10. Рахимов С. Х. – доктор философских наук, профессор
11. Махмаджонова М. Т. – доктор философских наук, профессор
12. Кахоров Г. Г. – доктор философских наук, доцент
13. Мирзоев Г. Дж.- доктор философских наук
14. Джонбобоев С. – кандидат философских наук

Ответственные за подготовку к печати: Ибрагимова С. Х. – кандидат философских наук, Махшулов А.
Редакция и корректура: Саидова Ф. – кандидат политических наук, Шарипов А.

Научный журнал "Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана" включён в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства науки и высшего образования Российской Федерации, а также в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК при Президенте Республики Таджикистан и Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

Статьи рецензируются.
Тексты статей даются в авторской редакции.
Мнение редакции может не совпадать с мнением авторов.
При использовании и цитировании материалов ссылка на
"Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова
Национальной академии наук Таджикистана" обязательна.

http://www.ifppanrt.tj/

О Г Л А В Л Е Н И Е

Ф И Л О С О Ф И Я

Махмадизода Н.Д. Махмадиев Г.Д. Эффективные способы противодействия идеологии терроризма среди молодежи..... 11
Музаффарӣ М., Салимов Ю.Б. Цифровизация и ее роль в обеспечении информационной безопасности Таджикистана……. 16
Хуршед Зиёи. Пределы познания человека (антропологический и естественнонаучный анализ)..... 21
Сайфуллаев Н. «Таджики» Б.Гафурова в зеркале таджикской цивилизации…….. 27
Джононов С. Информационное общество и проблемы защиты национальной идентичности……. 32
Диноршоева З.М. Интеркультурная философия - актуальное направление в современной философской мысли……. 40
Самиев Б.Дж. Философский анализ некоторых идей таджикских просветителей о государственной системе Бухарского эмирата и перспективах его развития…… 47
Усманова З.М. Религиозные практики женщин Таджикистана: особенности и причины активизации…….. 55
Ладыгина О.В. Отражение национальной специфики в культуре повседневности.. 65
Мирзоев Г.Дж. Соотношение светских и религиозных воззрений в философском и литературном учении таджикского народа..... 72
Муродова Т. Роль мифологии в формировании мировоззрения философское мышление……... 81
Джонбобоев С. Садулло Рахимов и развитие аналитической мысли в таджикской философии культуры..... 91
Асрори М., Урунбоев К.А. Абу Али ибн Сина и человеческая добродетель..... 99
Бандалиева Ш.Н. Проблема нравственности в учении Иммануила Канта…… 108
Хаитов Ф.К.Миграция и изменение этико - эстетических ценностей человека (социально – философский анализ)……... 113
Шаховуддинов Н.С. Отношения существования и сущности в метафизике Ибн Сины……... 120
Саидджафарова П.Ш., Рахмонов С.Д. Социальные особенности мировоззрения Ахмада Дониша..... 127
Тагоймуродзода М.Т. Фанатизм: источники возникновения и пути его предотвращения…… 136
Насриддинов Х.Н. Понятие нравственного сознания в учении Мухаммада Газали..... 144
Зиёзода Н.И., Джангибекова С.И. Развитие культуры в современном мире…….. 151
Киматшоев Ш.Л. К вопросу о влиянии идей античных философов на онтологические представления восточных перипатетиков…….. 156
Шоисматуллоев Ш., Сулаймони П. Социальная защита – приоритетное направление государственной молодежной политики в Республике Таджикистан. 164
Миров Ф.С. Отражение правовых проблем и правового просвещения в социально-философских учениях средневековых персидско-таджикских мыслителей…….. 170
Гуломова М.С.Научно-философский анализ семьи как социального института общества..... 177
Гардоншоев А.М.Теоретические подходы к анализу социальной неравенства: от марксизма до функционализма..... 182
Сангова С.С. Социальная коммуникация и правовые нормы ее регулирования в демократическом и правовом обществе..... 187

П О Л И Т О Л О Г И Я

Мухаммад А.Н., Саидов М.Р.Теоретические основы изучения «политического радикализма», содержание, сущность и его особенности…… 196
Хидирзода М.У. Избирательная культура и ее роль в обществе…… 204
Искандаров А.И., Сангинов Н.Н. «Террористические войны» против Республики Таджикистан и противодействие им…….. 212
Саидова Ф.С. Риторика и ее роль в реализации политических процессов..... 218
Саъдулоев А.Х., Кодирзода С.М. Взгляд на политические и юридические мнения Мир Сайид Али Хамадани……. 222
Махмадиева А. Д. Социально-политические изменения и их влияние на инновационный потенциал женщин..... 229
Кодиров З.К. Вклад Лидера Нации Возрождение национальных ценностей, формирование национальной идентичности и самопознания…… 239
Ашуров А. М.Центральная Азия в инициативах Китайской Народной Республики и Европейского Союза в контексте современных геокультурных процессов……... 245
Саймахмадов Л.Н. Влияние глобализации и региональной интеграции на геополитические процессы современности……. 249
Каримова З.Х. Глобализация с точки зрения конечных национальных интересов..... 255
Умарзода А. С. Развитие государственной водной политики: политический анализ и прогнозирование..... 261
Сатторзода С.Н. Изучение конфликта в социально-философских воззрениях таджикско персидских философов..... 266

PROCEEDINGS OF THE BAHOVADDINOV INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

Editor-in-Chief: Makhmadizoda N.D. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
Deputy Editor-in-Chief: Ziyoi Kh. M. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
Executive Secretary: Saidjafarova P. Sh. – Candidate of Philosophical Sciences

Editorial Board Members:

1. Olimov K. O. – Academician, NAST, Doctor of Philosophical Sciences, Professor
2. Muhammad A.N. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Political Sciences, Prof.
3. Yatimov S. S. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Political Sciences, Professor
4. Shoismattulloev Sh. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Sociologocalal Sciences
5. Rahimzoda M. Z. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Law (Jurudical Sciences)
6. Muzaffari M. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Philosophical Science
7. Usmonzoda Kh. U. – Corresponding Member, NAST, Doctor of Philosophical Sciences
8. Nazar M. - Doctor of Philosophical Sciences
9. Saidov A. S. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
10. Rahimov S. H. – Doctor of Philosophical Sciences, Professor
11. Mahmadjonova M.T. – Doctor Philosophical Sciences, Professor
12. Ghayurov G. G. – Doctor Philosophical Sciences, Docent
13. Mirzoev G. J. – Doctor Philosophical Sciences
14. Jonboboev S. – Candidate of Philosophical Sciences

Responsible for Preparation for Printing: Ibrohimova S.Kh. – Candidate of Philosophical Sciences, Makhshulov A.
Editing and Proofreading: Saidova F. – Candidate of Political Sciences, Sharipov A.

Scientific jornal "Proceedings of theInstitute of Philosophy, Political Science and Law after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan" included in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Science and Higher Education of the Russian Federation, as well as in the List of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan and the Russian Science Citation Index (RSCI).

All articles are being reviewed.
Articles are to be submitted by the authors.
Opinion of the Editorial Board may vary from the one of the authors.
While using citing materials, reference must be shown to "Proceedings of the Institute of Philosophy, Political Science and Law after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan".

http://www.ifppanrt.tj/

P H I L O S O P H Y

Makhmadizoda N.D., Makhmadiev Gh.D. Effective ways to counter the ideology of terrorism among young people…… 11
Muzaffari M., Salimov Y. Digitalization and its role in ensuring information security of Tajikistan…….. 16
Khurshed Ziyoi. The limits of human knowledge (anthropological and natural science analysis)..... 21
Saifullaev N. "Tajiks" by B. Gafurov in the mirror of tajik civilization……. 27
Jhononov S.D. Information society and problems of protecting national identity…….. 32
Dinorshoeva Z.M. International philosophy- an current direction in modern philosophical thought…… 40
Samiev B.J. Philosophical analysis of some ideas of tajik enlighteners about the state system of Bukhara emirate and prospects of its development..... 47
Usmanova Z.M. Religious practices of tajik women: features and reasons for increase... 55
Ladygina O.V. Reflection of national specifics in the culture of everyday life…….. 65
Mirzoev G. The ratio of secular and religious ideas in the philosophical and literary teachings of the Tajik people..... 72
Murodova T. The role of mythology in the formation of a world view philosophical thinking…….. 81
Jonboboev S. Sadullo Rakhimov and the development of analytical thought in tajik philosophy of culture..... 91
Asrory M., Urunboev Q.A. Abu Ali ibn Sina human virtues…….. 99
Bandalieva Sh. The problem of morality in the teachings of Immanuel Kant……... 108
Khaitov F.Q. Migration and change of human moral-aesthetic values (philosophical-social analysis)…….. 113
Shakhovuddinov N.S. The relationship between existence and essence in Ibn Sina's metaphysics…… 120
Saidjafarova P. Sh., Rakhmonov S.D. Social features of Ahmad Donish world view..... 127
Tagoymurodzoda M.T. Fanatism: sources of arise and ways to prevent it…… 136
Nasriddinov H.N. The concept of moral consciousness in the teachings of Muhammad Ghazali..... 144
Ziyozoda N.I., Jangibekova S.I. Development of culture in the modern world…… 151
Qimatshoev Sh.L. On the question of the influence of the ideas of ancient philosophers on the ontological views of the eastern peripathetics…….. 156
Shoismatulloev Sh., Sulaymoni P. Social protection - a priority direction of state policy for youth in the Republic of Tajikistan…… 164
Mirov F.S. Reflection of legal problems and legal education in the social and philosophical teachings of medieval persian-tajik thinkers…… 170
Gulomova M.S. Scientific and philosophical analysis of the family as a social institute of society..... 177
Gardonshoev A.M. Theoretical approaches to the analysis of social inequality: from marxism to functionalism..... 182
Sangova S.S. Social communication and legal standards for its regulation in a democratic and legal society..... 187

P O L I T I C A L S C I E N C E

Muhammad A.N., Saidov M.R. Theoretical foundations of the study of "political radicalism", content, Essence and its features…… 196
Hidirzoda M.U. Electoral culture and its role in society…… 204
Iskandarov A.I., Sanginov N. N. "Terrorist Wars" against the Republic Tajikistan and counteraction to them…….. 212
Saidova F.S. Rhetoric and its role in the implementation of political processes…… 218

Sa'duloev A.H., Qodirzoda S.M. Alook at political and legal opinions Mir Syed Ali Hamadani…….. 222
Makhmadieva A. D. Socio-political changes and their impact on women's innovation potential..... 229
Kodirov Z.K. The contribution of the leader of the nation Revival of national values, formation of national identity and self-knowledge…… 239
Ashurov A.M. Central Asia in the initiatives of the People's Republic of China and the European Union in the context of modern geocultural processes..... 245
Saymahmadov L.N. Impact of globalization and regional integration on the geopolitical processes of the modernity…… 249
Karimova Z.Kh. Globalization from the point of view of ultimate national interests…... 255
Umarzoda A.S. Development of state water policy: political analysis and forecasting…… 261
Sattorzoda S.N. Study of conflict in socio-philosophical views of тajik persian philosophers…. 266

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

Ф А Л С А Ф А

РОҲҲОИ САМАРАНОКИ МУҚОВИМАТ БА ЗИДДИ ИДЕОЛОГИЯИ ТЕРРОРИЗМ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН

Маҳмадизода Н.Д. – доктори илмҳои фалсафа, профессор, директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи А.Баҳоваддинови АМИТ
Маҳмадиев Ғ.Д. Ходими калони илмии шуъбаи Шарқи Наздик ва Миёнаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Муқовимат ба терроризм ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти асосии кормандони соҳаи маориф ва кумитаи кор бо ҷавонон, роҳбарони муассисаҳои илмию таълимӣ ва дар маҷмӯъ тамоми ҷомеа маҳсуб меёбад. Бешубҳа, корҳои азиме, ки оид ба тарбияи рӯҳию ватандӯстии ҷавонон гузаронида мешаванд, ба нуқтаҳои назари ғайр, фарҳанг ва динҳои дигар талқин кунонидани сабру таҳаммулпазири ҷавонон, хеле зарур буда, лоиқи баҳои сазовор аст. Аммо, агар дар хусуси муқовимат ба идеологияи терроризм сухан ронем, он гоҳ зарур аст, ҳангоми иҷрои вазифаҳои таълиму тарбияи ҷавонон корҳои нишонрас бо он гурӯҳи ҷавонон пайваста мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд, ки ба ғояҳои терроризму экстремизм нисбатан мубтало гаштаанд ё зери таъсири онҳо монда, ба вазъияти душвори ҳаётӣ гирифтор шудаанд. Ҳангоми гузаронидани ҷамъомадҳо, конфронсҳо ва мизи муддавари донишгоҳию минтақавӣ ташкили корҳо дар бахшҳои тахассусӣ, ки дар онҳо муҳокимаи масъалаҳои муҳим, лоиҳаҳои муқовимат ба ҷалби ҷавонон ба фаъолияти террористӣ сурат мегиранд, дида баромада шаванд.

Калидвожаҳо: экстремизм, тарбияи зиддиэкстремистӣ, идеология, фарҳанг, ҷавонон, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, корҳои тарғиботи, донишҷуён, терроризм, ватандӯстӣ.

Терроризм дар ҷаҳони муосир барои ҳамаи сохторҳои амнияти байналмилалӣ ба худ хусусияти хатари глобалӣ касб кардааст. Ҳодисаи мудҳиши ш.Москва, ки боиси фавти шумораи зиёди одамони бегуноҳ гардид, далолат аз он менамояд, ки ҷомеаи инсонӣ пайваста бо зуҳуроти ифротгароию терроризм мубориза намояд. Президенти кишвар Пешвои миллат дар паёмашон таъкид намуданд, ки дар соле, ки сипарӣ шуда истодааст, мо шоҳиди содир шудани амалҳои мудҳиши террористӣ дар Осиёву Африқо ва Аврупову Амрико гардидем ва қариб рӯзе нест, ки сокинони ин ё он гӯшаи ҷаҳон қурбони ҷиноятҳои террористӣ нагарданд. Бо вуҷуди чунин вазъ, дар арсаи байналмилалӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳумҳои «терроризм» ва «террорист» вуҷуд надорад, ки ин ҳолат ба истифодаи меъёрҳои дугона ва духӯрагиву гуногунфаҳмиҳо мусоидат карда истодааст. Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест. Баръакс, тавре ки ман борҳо таъкид намуда будам, террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад. Зуҳуроти терроризм ба суботу амнияти кураи замин хавфу хатари бениҳоят зиёд дорад» [1;121].

Дар суханронии худ дар 4 майи соли 2018 дар Кохи Сомон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез” иштирок ва бо нутқи пурмуҳтаво баромад карда, зикр намуд, ки мо “моҳиятан бо душмани тамаддун, инсоният ва фарҳанги ҷаҳонӣ сару кор дорем, ки он ғояҳои инсонбадбинӣ ва ваҳшониятро

парвариш медиҳад, ахлоқ, арзишҳои динҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла исломро бо таҳқиру бадномкуниҳо поймол мекунад”. Дар давоми 10 соли охир дар ҷаҳон зиёда аз 100 ҳазор амалҳои террористӣ ба вуқуъ пайвастааст. Фақат дар соли 2014 қариб 13, 5 ҳазор амалҳои террористӣ ба қайд гирифта шудаст, ки бар асари онҳо зиёда аз 32, 5 ҳазор нафар аз 67 кишвари ҷаҳон қурбон шудаанд. Зиёни иқтисодии дар натиҷаи ин зуҳуроти нангин расонидашуда 52, 9 миллиард доллари Амрикоро ташкил медиҳад. Тамоюлоти асосии терроризми муосир аз инҳо иборатанд:

-Васеъ гардидани доираи ҷуғрофии терроризм, хусусияти интернатсионалии ташкилотҳои террористӣ, аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии террористӣ истифода бурдани омилҳои этникӣ-динӣ;

-Таъсири мутақобилаи омилҳои мухталифи дохилӣ ва берунии иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар омилҳо ба пайдошавӣ ва паҳн гаштани терроризм мусоидаткунанда;

-Баланд шудани сатҳи муташаккилии фаъолияти террористӣ, ташкили гурӯҳҳои азими террористӣ бо инфрасохторҳои рушдёбанда;

-Таҳия ва такмили шаклҳо ва методҳои нави мавҷудаи фаъолияти террористӣ, ки ба мақсадҳои васеъ гардонидани доираи оқибатҳои зуҳуроти террористӣ ва афзоиши шумораи осебдидагон равона карда шудаанд. [2;87].

Яке аз тамоюлоти асосии терроризм васеъ гаштани доираи ҷуғрофии он мебошад. Сатҳи баланди даъватҳои террористӣ дар як қатор кишварҳои Аврупо, Африкои Шимолӣ, Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ ба мушоҳида мерасад. Дар байни ташкилотҳои аз ҳама сернуфуз ва аз ҳама хавфнок, ки барои бисёр давлатҳо хатари ҷиддӣ пеш меорад, ҳаракати байналмилалии ифротию террористии мамнуъшуда “Давлати исломӣ” ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии харакати мазкур таъсиси бо ном “хилофати исломӣ” дар ҳудуди Шарқи Наздик, Африқо, Аврупои Ҷанубӣ, Осиёи Марказӣ ва Қафқози Шимолӣ фарогиранда мебошад. Васеъ гардонидани минтақаҳои таъсири давлати бо ном исломӣ аз ҷумла бо сабабҳои васеъ паҳн гардидани ғояҳои радикалии исломӣ имконпазир гаштаанд, ки имкон додааст, ба сафҳои он намояндагони бешаз 80 кишвари олам аз ҷумла Тоҷикистон ҷалб карда шаванд. Мавқеи асосиро дар паҳн кардани ғояҳои терроризм шабакаҳои Интернет ишғол мекунанд, ки имкониятҳои онҳо ба сифати воситаҳои робитавӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти экстремистию террористӣ, ҷустуҷӯи аъзои нави сохторҳои радикалӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Дар саҳифаҳои Интернет ҳамчунин дастурамалҳо оид ба тайёр кардани воситаҳои тайёр ва гӯзаронидани амалҳои террористӣ ҷой дода мешаванд.

Дар баробари ин, мо бояд таваҷҷуҳро ба проблемаҳои мавҷудаи корҳои муқовимат ба идеологияи терроризм дар соҳаи маърифтанокию донишандӯзии дар байни ҷавонон равона намоем [3;76].

1. Қабл аз ҳама бояд қайд кард, ки муқовимат ба терроризм ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти асосии кормандони соҳаи маориф ва кумитаи кор бо ҷавонон, роҳбарони муассисаҳои илмию таълимӣ ва дар маҷмӯъ тамоми ҷомеа маҳсуб меёбад. Бешубҳа, корҳои азиме, ки оид ба тарбияи рӯҳию ватандӯстии ҷавонон гузаронида мешаванд, ба нуқтаҳои назари ғайр, фарҳанг ва динҳои дигар талқин кунонидани сабру таҳаммулпазири ҷавонон, хеле зарур буда, лоиқи баҳои сазовор аст. Аммо, агар дар хусуси муқовимат ба идеологияи терроризм сухан ронем, он гоҳ зарур аст, ҳангоми иҷрои вазифаҳои таълиму тарбияи ҷавонон корҳои нишонрас бо он гурӯҳи ҷавонон пайваста мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд, ки ба ғояҳои терроризму экстремизм нисбатан мубтало гаштаанд ё зери таъсири онҳо монда, ба вазъияти душвори ҳаётӣ гирифтор шудаанд. Ҳангоми гузаронидани ҷамъомадҳо, конфронсҳо ва мизи муддавари донишгоҳию минтақавӣ ташкили корҳо дар бахшҳои тахассусӣ, ки дар онҳо муҳокимаи масъалаҳои муҳим, лоиҳаҳои муқовимат ба ҷалби ҷавонон ба фаъолияти террористӣ сурат мегиранд, дида баромада шаванд.

2. Таҳлилҳои гузаронидашуда оид ба самаранокии системаи амалкунандаи

муқовимат ба идеологияи терроризм аз зарурати фаъол гардонидани мубодилаи таҷрибаи байни донишгоҳҳо оид ба гузаронидани чорабиниҳо дар самтҳои тарғиботи зиддиифротию зиддитеррористӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин агар мо хоҳем, ки ба самаранокии истифодаи усулҳои таҳиягардидаи зидиифротӣ баҳои воқеӣ диҳем бояд мутаасил тадқиқоти сотсиологӣ гӯзаронем, то ки натиҷаи корҳоямонро ба таври аёни бинем.

3. Қайд кардан зарур аст, ки мутаасифона ҳанӯз сатҳи омодагии омӯзгорон дар масъалаҳои пешгирии ифротгароию терроризм баланд нест. Аз ин рӯ, ташкили омодагии мутассили ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таълимии давлатӣ ба мақсад мувофиқ аст, то ки омӯзгорон дар раванди таълиму тарбия тавонанд сари вақт ва самаранок нишонаҳои радикализму ифротишавиро дар байни ҷавонон ошкор намоянд, хеле бомаҳорат ва боэҳтиёт ба онҳо кор бурда иттилооти заруриро дар бораи хатар, воситаҳои ҷалбкунии ҷавонон ба фаъолияти террористӣ ва муқовимат бо идеологони гуруҳҳои ифротию террористӣ расонанд [4;24]. Барои тайёр кардани омӯзгорон ҷалби мутахассисони ботаҷриба аз соҳаҳои фарҳанг, санъат, илмҳои иҷтимоӣ – гуманитарӣ, намояндагони бонуфузи руҳониёни суннати аз ҳисоби аъзои шӯроҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳҳои доимоамалкунандаи муқовимат ба терроризм мақсаднок аст. Ғайр аз ин, омодагии шахсони мансабдор, масъулони корҳои тарбиявиро дар самтҳои тарғиботи зиддиэкстремистӣ ва зиддитеррористӣ дар донишгоҳҳою донишкадаҳо мақсаднок гузаронидан зарур аст.

4. Новобаста аз чораҳои пешбинишуда ҳанӯз маводҳои зарурӣ дар самти тарғиботи зиддифротию зиддитеррористӣ таҳиягардида барои ҳайати профессорон - омӯзгорон нокифоя ва дастнорас боқӣ мемонад. Дар ин маврид огоҳии онҳо дар он хусус, ки чунин маводро аз куҷо дастрас кардан мумкин, баланд нест. Мутахассисон дар бораи интернет-сайти махсуси Кумитаи миллии зиддитеррористӣ иттилоъ надоранд, ки дар бахши “Интишорот”- и он маводи нашрияи махсус, суханрониҳо, мақолаҳо, китобҳо, рисолаҳо ҷойгир кунонида шуда, ҳар кадоме махсус барои истифодабарӣ дар раванди таълим пешбинӣ шудаанд. Гумон мекунем, ки аз мақомоти минтақавии раёсати маориф муштаракан бо Вазорати маориф ва илм гузаронидани чораҳои иловагӣ тақозо карда мешавад, то ки имконияти номбурдаро ба ҳайси манбаи маводи омӯзишӣ ва майдони мубодилаи таҷрибаҳо дар соҳаи муқовимат ба идеологияи терроризм маврди баҳрабардорӣ қарор диҳанд. Чунин захираҳоро дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ташкил кардан ба мақсад мувофиқ аст[5;129-137].

5. Ҳамчунин зарур аст, ки ҳамоҳангсозии баргузории форумҳои мухталиф дар соҳаи муқовимат ба идеологияи терроризм такмил дода шавад. Чунончи, дар моҳҳои сентябр-ноябри соли гузашта чор конференсияи илмӣ- амалии умумироссиягӣ дар мавзӯи мушобеҳ гузаронида шуд. Ба ҳамин монанд конференсияҳо дар ҳамин давра аз ҷониби як қатор муассисаҳои олии таълимӣ ва мақомоти минтақавии раёсати маориф низ гузаронида шуданд. Чунин фаъолнокии ҷамъиятҳои илмӣ-маърифатиро метавон мусбат арзёбӣ кард. Бо вуҷуди ин, гумон мекунем, ки ҳоло вақти гузариш аз конференсияҳои зиёд ба барномаҳои васеи баргузории чорабиниҳо барои муҳокимаи ҷанбаҳои нисбатан нозуки муқовимат ба терроризм фаро расидааст. Беҳтар аст, агар корҳои тарғиботию ташвиқоти алайҳи ифротгароию терроризм дар сатҳи минтақавӣ, бо дастгирии ташкилотҳои бонуфузи соҳаи маориф, бо дарназардошти хусусиятҳои масъалаҳои дар маҳалҳо баррасишаванда ташкил карда шаванд. Ин тадбир аз он ваҷҳ махсусан муҳим аст, ки таъминоти илмии фаъолият оид ба муқовимат ба идеологияи терроризм ҳанӯз ба талаботи амалия ҷавобгӯ нест. Чунин мавзӯъҳои афзалиятноки илмӣ, ба мисли манбаъҳои ташаккули ҷаҳонбинии террористӣ ва ҳолатҳои ба ин раванд мусоидаткунанда, методикаи фаъолияти ташкилотҳои террористӣ, аз ҷумла дар масоҳати доманадор - аз рӯйи шумораи ҷонибдорони онҳо ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҳанӯз аз истифодаи амалии онҳо дур аст. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки ҷавонони донишҷӯ,

кормандони илмӣ ба гузаронидани корҳои ояндадори илмӣ-тадқиқотӣ оид ба масъалаҳои муқовимат ба терроризм фаъолона ҷалб карда шаванд. Шахсони нисбатан қобилиятнок бояд аз ҷиҳати қарзи молиявӣ дастгирӣ ёбанд. Дар фарҷом, мехостам таваҷҷуҳро ба тавсияҳои зерин равона намоям: Аввалан, барои коҳиш додани сатҳи радикализатсияи ҷавонон, роҳ надодан ба ҷалби онҳо ба фаъолияти террористӣ ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои ба минтақаҳои даргири хориҷа сафар кардани ашхоси ҷавоне, ки дорои ақидаҳои радикалӣ мебошанд, тақвият бахшидан ба самтҳои тарбияи ватандӯстӣ ва маънавӣ-ахлоқии ҷавонон зарур аст. Дар ҷавонон маҷмӯи арзишҳо ва меъёрҳои таърихан маъмули ватанӣ, тасаввурот дар бораи зарурати инкор кардани идеологияи зӯровариро ташакул бояд дод [6;164].

Бо неруи мақомоти идоракунии минтақавии соҳаи таълиму тарбия ташкил кардан ва гузаронидани чорабиниҳои зерин аз ҳадафҳои муҳимтарин ба шумор меравад: омӯзиш, натиҷагирӣ ва паҳн намудани таҷрибаи дар ҷавонон ташаккул додани устуворӣ ба идеологияи терроризм ва дигар амалҳои зиддиҷамъиятӣ; аз худ намудани барномаҳо ва маводи таълимӣ-методӣ оид ба масъалаҳои муқовимат ба идеологияи терроризм. Зарур аст, ки корҳои иттилоотонӣ ва ислоҳотӣ бо ҷалби институтҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, ташкилотҳои ҷавонон ва донишҷӯён мақсаднок гузаронида шаванд.

Хулоса боиси зикри хос аст, ки абарқудратҳои ҷаҳонӣ ба марҳилаи сифатан нави бархурдҳо рӯ ба рӯ гаштааст, ки мантиқан дар бархурдҳо аз тамоми воситаҳои ҷанги иттилоотӣ истифода хоҳанд кард. Ҳамчунин мо мушоҳида менамоем, ки аз ҷониби бозингарони равандҳои сиёсию иҷтимоии ҷаҳонӣ фанатизму ифротгароӣ ва тундгароиву терроризм ҳамчун силоҳ бар зидди рақибон истифода шуда истодааст, ки хатари паҳншавии ин зуҳуротҳоро дар ҷомеаи мо низ зиёд мегардонад. Аз ин рӯ, омӯзиши зуҳуроти ифротгароиву терроризм ва бурдани корҳои тарғиботию ташвиқоти баҳри паст кардани шидати паҳншавии ифротгароиву терроризм дар марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон ҳатмию зарур мебошад. Омӯзишу таҳқиқи ин масъала дар ҳар давру замон муҳим арзёбӣ мешавад. Ба назари мо роҳҳои ҳалли ин масъала тақозо менамояд, ки корҳои зеринро анҷом диҳем:

Якум тадбирҳои маърифатию тарғиботӣ, ки ҷиҳати муқовимат ба ҷалби ҷавонон ба фаъолияти террористӣ нигаронида шудаанд, бояд фаъол гардонида шаванд.

Дуввум, таъминоти мутассил пуррагардонии захираҳои интернетӣ бо маводҳои тарғиботӣ оид ба муқовимат ба идеологияи терроризм муҳим аст.

Сеюм, пайваста ва бо ҳамоҳангсозӣ гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ ва дигар тадқиқоти илмӣ, чорабиниҳои илмӣ-амалӣ оид ба масъалаҳои муқовимат ба идеологияи терроризм ва экстремизм зарур аст.

Чорум, тайёр кардан ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии теъдоди зарурии омӯзгороне, ки қобилияти ошкор намудани аломатҳои ифротишавии шуури ҷавононро дошта бошанд ва тавонанд ба онҳо воситаҳои муқовимат ба идеологии манфури терроризмро омӯзонанд, зарур мебошад.

Панҷум, ташкил кардани назорат оид ба фаъолияти шахсони мансабдори мақомоти идоракунии ҳокимият ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои таълимӣ оид ба масъалаҳои муқовимат ба идеологияи терроризм ба мақсад мувофиқ аст. Бо эътимод метавон гуфт, ки фақат тавассути неруи дастаҷамъона мо метавонем муқовимат ба ғояҳои терроризмро муваффақона таъмин намоем.

Адабиёт

1.Паёми Президенти Ҷумҷурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017. http://www.prezident.tj/node/16771 (рузи муроҷиат 23.03.2018)

2.Махмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане дис.канд.филос.наук. Душанбе, 2012. 163 с.

3.Маҳмадизода Н.Д. Омилҳои иҷтимоии ифротгароии динӣ – сиёсӣ. Душанбе, 2019. 260 с.

3.Маҳмадизода Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ – сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он. Душанбе, 2021. 320 с.

4.Махмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане авт.канд.филос.наук. Душанбе, 2012. 24 с.

5.Саидов Д.М. Аҳамияти омӯзиши ҳаёти маънавии ҷомеа барои ҳифзи бехатарии он // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2020.№6. С.129-137.

6.Сатторзода С.Н. Таҳаммулпазирӣ ҳамчун омили муқовимат бо ифротгароӣ ва низоҳҳои динӣ // Маҷаллаи идоракунии давлатӣ Низоъҳои динӣ – мазҳабӣ ҳамчун зуҳуроти муносибатҳои зиддиятноки иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон. Душанбе: “МДМТ”, 2023. – 164 с.

ЭФФЕКТИВНЫЕ СПОСОБЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ИДЕОЛОГИИ ТЕРРОРИЗМА СРЕДИ МОЛОДЕЖИ

Махмадизода Н.Д.

Противодействие терроризму является неотъемлемой частью основной деятельности работников сферы образования и Комитета по делам молодежи, руководителей научно-образовательных учреждений и общества в целом. Несомненно, большая работа, проводимая по духовному и патриотическому воспитанию молодежи, очень необходима и достойна поощрения терпимости молодежи к взглядам, отличным от других культур и религий. Однако, если говорить о противодействии идеологии терроризма, то при выполнении задач по обучению и воспитанию молодежи необходимо постоянно уделять внимание знаковой работе с теми группами молодежи, которые относительно заражены идеями терроризма и экстремизма или находятся под их влиянием и попали в сложную жизненную ситуацию. При проведении университетских и региональных совещаний, конференций и круглых столов рассмотреть организацию работы в специализированных секторах, где происходит обсуждение актуальных вопросов, проектов противодействия привлечению молодежи к террористической деятельности.

Ключевые слова: экстремизм, антиэкстремистское воспитание, идеология, культура, молодежь, вузы, пропагандистская работа, студенты, терроризм, патриотизм.

EFFECTIVE WAYS TO COUNTER THE IDEOLOGY OF TERRORISM AMONG YOUNG PEOPLE

Makhmadizoda N.D.

Countering terrorism is an integral part of the core activities of education workers and the Youth Affairs Committee, heads of scientific and educational institutions and society as a whole. Undoubtedly, the great work carried out on the spiritual and patriotic education of young people is very necessary and worthy of encouraging tolerance of young people to views different from other cultures and religions. However, if we talk about countering the ideology of terrorism, then when performing tasks for the education and upbringing of young people, it is necessary to constantly pay attention to significant work with those groups of young people who are relatively infected with the ideas of terrorism and extremism or are influenced by them and have fallen into a difficult life situation. When holding university and regional meetings, conferences and round tables, consider the organization of work in specialized sectors where topical issues are discussed, projects to counter the involvement of young people in terrorist activities.

Key words: extremism, anti-extremist education, ideology, culture, youth, institutions of higher education, propaganda work, students, terrorism, patriotism.

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

РАҚАМИКУНОНӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ТОҶИКИСТОН

Музаффарӣ М. - Узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа профессор
Салимов Ю.Б. - докторанти (Phd) кафедраи фалсафаи
фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ
E-mail: Yusufsalimov96@mail.ru
Тел.: 992901034010

Дар мақола нақши рақамикунонӣ дар таъмини амнияти иттилооти Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон мутмаинанд, ки технологияҳои рақамӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ қарор дошта, алъон онҳо ба яке аз муҳаррикони асосии рушди инсоният табдил ёфтаанд. Онҳо рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва инчунин ҷанбаҳои муҳими муносибатҳои байни давлатҳоро муайян мекунанд. Аммо, ба ақидаи муаллифон рақамикунонӣ на танҳо сарчашмаи рушди дарозмуддати давлатҳои муосир, балки омили таъмини сохибихтиёрӣ ва устувории давлат, амнияти миллии вай мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як давлати соҳибистиқлол бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки аз раванди рақамикунонӣ дар канор намонад.

Калидвожаҳо: *рақамикунонӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, фазои маҷозӣ, технологияҳои иртиботӣ, киберҷиноятҳо, амнияти миллӣ, амнияти киберӣ, амнияти иттилоотӣ, асъори крипто*

Рақамикунонӣ дар айни замон тамоюли воқеии раванди ҷаҳонишавӣ маҳсуб меёбад. Имрӯз маҳсулоти рақамӣ ва амалияи онлайн қисми зиёди фаъолияти иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Ҳаҷм ва миқёси қудрати табдилдиҳандаи технологияҳои нави рақамӣ равандҳоро дар иқтисодиёт ва сиёсати ҷаҳонӣ вусъат мебахшанд. Ба андешаи мо, рақамикунонӣ раванди комилан мантиқии рушди иҷтимоӣ буда, дар ҷараёни он тамоми соҳаҳои ҷомеа аз нав танзим карда мешаванд. Рақамикунонӣ низ омили муҳими эҷоди системаи муосири амнияти киберӣ мебошад. Аз ин рӯ, давлатҳои миллиро зарур аст, ки барои ҷорӣ намудани технологияҳои нави рақамӣ дар тамоми бахшҳои ҳаёт шароит фароҳам ованд ва ба ин васила амнияти киберии худро таъмин намоянд. Мо муътақид ҳастем, ки Тоҷикистон ба унвони як давлати соҳибистиқлолу демократӣ, ки дар он тамоми бахшҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба таври муътадил фаъолият доранд, дар раванди рақамикунонӣ бояд фаъолона ширкат варзад ва дар ин самт як қатор тадбирҳои муҳимро амалӣ созад.

Технологияҳои рақамӣ ҷузъи ҷудонашавандаи мавҷудияти ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ ва тамоюли глобалии рушди ҷаҳонӣ мебошанд. Технологияи рақамӣ дар асри XXI ба яке аз муҳаррикони асосии тараққиёт ва захираҳои рақобати иқтисодӣ табдил ёфт. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ динамикаи рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва бисёр ҷанбаҳои муҳими муносибатҳои байни давлатҳоро муайян мекунанд. Аммо рақамикунонӣ на танҳо манбаи рушди дарозмуддати иқтисодии кишвар ва воситаи рақобати иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад (масалан, тавассути баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар бозори мол ва хизматрасонӣ, сатҳи зиндагии мардуми аҳолӣ ва ғайра), балки омили сохибихтиёрӣ ва устувории давлат, амнияти миллии вай мебошад.

Дар баробари ин, рақамикунонӣ на танҳо ба амнияти миллии давлат, балки ба сиёсати миллии пешгирифта, аз ҷумла баҳри расидан ба ҳадафҳои таъмини амнияти миллӣ, ба суръат ва миқёси рушди рақамикунонӣ бевосита таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, мо метавонем дар бораи ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи рақамикунонӣ ва амнияти миллӣ андеша намоем.

Яке аз омилҳои тағйир додани муносибатҳои иҷтимоӣ ин қорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар амалияи иқтисодӣ ва низоми ҳамкории иҷтимоӣ мебошад. Технологияҳои рақамӣ «муҳаррик»-и равандҳои инноватсионӣ мебошанд, ки ба ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва таъмини амнияти миллӣ нигаронида шудаанд. «Иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ, иттилоотикунонии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа ба ҳаёти ҷомеаи индустриалӣ ва постиндустриалӣ чунин дигаргуниҳо меоранд, ки он дар ниҳодҳои ташкили мудирият ва ҳуқуқ тағйирот, баъзан кулланро, тақозо мекунанд» [1,10].

Аксар вақт, технологияҳои рақамӣ ба амнияти миллӣ мустақиман таъсир намерасонанд ва ин раванд тавассути таъсир ба динамика ва масири пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ба амал меояд, аз ин рӯ, кишварҳое, ки аз ҷиҳати суръат ва миқёси рақамикунонӣ “ақиб мондаанд” бо як қатор таҳдид ба амнияти миллӣ рӯбарӯ мешаванд. Дар байни чунин таҳдидҳо, масалан, инҳоро метавон ҷудо кард: иҷрои нақши кишвари ақибмонда дар иқтисоди ҷаҳонӣ, маҳдуд гаштани дурнамои рушди инноватсионӣ, паст шудани рақобатпазирии ширкатҳои миллии иқтисодӣ (хусусан дар муқоиса бо корпоратсияҳои трансмиллӣ, ки ба иқтисодиёти мамлакатҳои тараққикунанда бештар тамаркуз кардаанд.), маҳдудияти абзорҳои таъмини амнияти миллӣ ва ғайра.

Технологияҳои рақамӣ дар ҳоле аҳамияти хосса доранд, ки як давлати мушаххас бо мушкилоти бузург рӯ ба рӯ мегардад. Ба монанди бад шудани вазъи санитарию эпидемиологии ҷаҳон дар аввали соли 2020, ки дар натиҷаи паҳншавии пандемияи навъи коронавирус ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҳолат маълумоти дақиқ ва фаврӣ, асосан тавассути Интернет, ҳаётан муҳим мегардад.

Чунин ҳолатҳо инчунин вокуниши зуд ва муассири ҷомеаи ҷаҳониро (дар сатҳи давлатҳо, иттиҳодияҳои ҳамгироӣ, созмонҳои алоҳидаи байналмилалӣ ва ғайра) тақозо менамояд,ҳамчунин татбиқ ва рушди иқтидори ҷамъшудаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамиро вусъат мебахшад.

Мисли ҳама гуна зуҳуроти иҷтимоию иқтисодӣ рақамикунонӣ на танҳо ҷанбаҳои мусбат дорад, балки таҳдидҳои пинҳоние низ дорад, ки метавонанд ба амнияти миллӣ, дар сурати сари вақт таҳти назорат нагирифтан, зарар расонанд. Аз ҳама аёнтаринҳо таҳдид ба суботи иқтисодӣ ин паҳншавии пулҳои беназорат ва инчунин таҳдид ба суботи иҷтимоӣ аз ҳисоби тағирёбии бозори меҳнат мебошанд.

Дар ин бора ҷоиз аст, ки оид ба асъори крипто (cryptocurrency) андеша намоем. Он ҳамчун асъори рақамӣ дар муомилоти мубодилавӣ дар тиҷорати воқеӣ истифода мешавад. Криптовалюта шакли физикӣ надорад, он танҳо дар шабакаи электронӣ дар шакли маълумот мавҷуд аст. Бонкҳо ва аз ин рӯ, давлатҳо амалан наметавонанд мубодилаи онро танзим кунанд ва аз ин рӯ чунин навовариҳои молиявӣ, аз ҷумла ба ном технологияҳои крипто, мумкин,ки ҳамчун раванди манфӣ ба ҷамъият таъсиррасон шавад.

Дар ин масъала чор вижагӣ мавҷуд аст. Аввалин ин аст, ки ин асъори крипто шояд барои қонунигардонии даромадҳои ғайриқонунӣ истифода мешавад.

Ҷанбаи дуюми мушкилот бо хусусияти идора нашудани гардиши асъори крипто (cryptocurrency), яъне мавҷуд набудани як танзимгари чунин асъор ва дар натиҷа, мавҷуд набудани ҳудуди муайян он ва имконнопазирии тобеият ба ҳама гуна адлия ва қонунгузонӣ, алоқаманд аст. Дар ҳолати зиёд шудани асъори крипто дар муомилоти молиявии ҷаҳон он метавонад ба иқтисодиёти мамлакатҳо бо таври назаррас таъсир расонад ва ҳатто метавонад сохибихтиёрӣ ва истиқлолияти иктисодии пули миллиро халалдор созад. Ин падида, дар навбати худ, метавонад ба афзоиши таваррум дар иқтисоди миллӣ таъсир расонад.

Ҷанбаи сеюми мушкилот “лоиҳаҳои қаллобӣ”, ки дар эҷоди нақшаҳои сармоягузории қаллобӣ бо истифода аз асъори крипто ифода карда мешаванд, иртибот дорад. Ҳангоми истифодаи крипто метавонад ҳамчун воситаи пардохт ва ҷамъоварӣ боиси аз даст додани маблағҳои шаҳрвандон гардад. Дар робита ба ин, давлат бояд нақши танзимкунандаро ба ӯҳда гирад, ки ҳуқуқҳои сармоягузорони

оддиро аз чунин ҳолат муҳофизат мекунад [2].

Ҷанбаи ниҳоӣ, чорум, мушкилӣ бо вазифаи фискалии давлат алоқаманд аст, зеро асъори крипто воситаи мусоид барои пешгирӣ аз андозбандӣ мебошад. Асъори крипто, ки механизми босуръат рушдёбанда мебошад, вазъиятеро ба вуҷуд меорад, ки танзими ҳуқуқӣ (аз ҷумла танзими андозбандӣ) дигаргун мешавад.

Бо вуҷуди ин, дар айни замон, аз маъруфият ва талаботро ба cryptocurrency нодида гирифтан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, давлатҳо ҳанӯз танзими салоҳиятноки ин соҳаро таҳия накардаанд, ки истифода бурдани он оё ҷанбаҳои мусбат ва ё манфиро ба миён меоварад ё на.

Дар иртибот бо мавзуи рақамикунонӣ ва амнияти миллӣ бояд ба мавзуи киберамният таваҷҷуҳ намуд. Истилоҳи "таҳдидҳои киберӣ" барои ифодаи амалҳои эҳтимолии ҷиноӣ алайҳи низоми иттилоотии давлат истифода мешавад, бинобар ин онҳо метавонанд ҳам дар иқтисодиёт ва ҳам умуман дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа зоҳир шаванд.

Дар баробари ин, ҳам субъектҳо ва ҳам объектҳои кирдорҳои ҷиноятӣ хеле гуногунанд. Субъектҳо метавонанд шахсони воқеӣ бошанд, ки дастрасии ғайриқонунӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ доранд ё онҳо метавонанд давлатҳое бошанд, ки қасдан ба давлати дигар зарар расонанд. Объектҳои ҷиноятҳои киберӣ ҳамеша системаҳои иттилоотӣ мебошанд ва дар баъзе мавридҳо ин объектҳои ҳуҷуми иттилоотӣ метавонанд ба шахрвандон тааллуқ дошта бошанд.

Киберҷиноят бо ғоратгарии ибтидоӣ оғоз ёфт, яъне бо роҳи фиреб ё қаллобӣ азхуд кардани молу мулки шахсони алоҳида. Аллакай дар асри XXI ҳамлаҳои ҳакерӣ ҳамчун воситаи таъсири душманона ба давлатҳо истифода мешуданд. Далелҳо вуҷуд доранд, ки бештар аз сӣ давлат барои чунин таъсир иқтидор доранд. Ҳодисаҳои харобшавии «бурҷи дугонаҳо» дар Манҳеттен (ИМА) нишон доданд, ки сохторҳои мураккаби технологӣ метавонанд ба дасти шахсони алоҳида афтода, аз ҷониби онҳо барои амалиёти душманона алайҳи дигарон истифода шаванд[3].

Ҳамаи ин боиси зарурати ҷалби сармояи иловагӣ (ҳам давлатӣ ва ҳам хусусӣ) барои таъмини амнияти иттилоотӣ мегардад. Дар шароите, ки корхонаҳои инфиродӣ мустақилона манбаъҳои маблағгузорӣ пайдо карда наметавонанд, таҳдидҳои киберӣ метавонанд на танҳо як омили бозторанда барои рақамикунонии соҳаҳои алоҳида, балки таҳдиди эҳтимолӣ, вобаста ба объекти интихобшуда, ба амнияти миллии давлат гардад.

Зарурати таъмини киберамният як мушкили глобалист, на мушкили ягон давлати ягона, зеро имрӯз ҳар як давлат бо таҳдидҳои киберӣ дучор меоянд. Таҳлилҳои коршиносон нишон медиҳанд, ки мубориза бар зидди ҷиноятҳои киберӣ мушкилоти мураккабест ва онро бо воситаҳои одӣ ҳал кардан ғайри имкон аст.

Масалан, Ҷумҳурии Мардумии Чин (ҶМЧ) яке аз пешсафон дар бозори технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ мебошад. Хусусиятҳои таъмини амнияти иттилоотӣ (дар ҶМЧ мафҳуми "амнияти иттилоотӣ" истифода мешавад, на "амнияти киберӣ") аз амнияти иттилооти ғарбӣ хеле фарқ мекунад. Барои пешгирии ифшои иттилоате, ки барои давлат ва амнияти миллӣ муҳим аст ё, баръакс, ворид шудани маълумоти номатлуб, Чин сиёсатеро риоя мекунад, ки мувофиқи он Интернет инфрасохтори муҳими давлат аст ва аз ин рӯ, он бояд таҳти назорати давлатӣ қарор дошта бошад (то бастани фаъолияти як қатор шабакаҳои иҷтимоӣ). Илова бар ин, фаъолияти ширкатҳое, ки дар фазои маҷозӣ хидмат мерасонанд, бояд дар асоси иҷозатномаи ҳатмӣ сурат гирад. Дар Чин низоми васеи мақомоти давлатӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки вазифаи асосии он таъмини амнияти иттилоотии мамлакат мебошад ва он хеле самаранок амал мекунад.

Сарфи назар аз ҳама таҳдидҳои зикршудаи рақамикунонии васеъ, ба назар чунин менамояд, ки ин раванди ҷаҳонии дигаргунсозии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ногузир омили рушди минбаъдаи ҳамаҷониба хоҳад гашт.

Дар кулли ҷаҳон, дар ҳама ҷо сиёсати давлатӣ дар соҳаи рақамикунонӣ бо роҳи ташаккули стратегияҳои ҳамаҷонибаи мубориза бар зидди киберҷиноятҳо сурат мегирад. Масъалаҳои рақамикунонӣ асоси барномаҳо ва стратегияҳои миллии давлатҳоро ташкил медиҳанд.

Стратегияи охирини ИМА, масалан, ҷазоҳои сахттарро барои ҳамлаҳои ҳакерӣ пешбинӣ мекунад. Иттиҳодияи Аврупо саъй дорад, ки салоҳияти агентии амнияти кибериро тақвият бахшад, инчунин дар шабакаи Интернет низоми умумиевропоии сертификатсияро таъсис диҳад [4].

Дар Россия низоми давлатии ошкор, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳамлаҳои компютерӣ ба захираҳои иттилоотӣ, марказҳои гуногуни киберамният дар иншооти аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, инчунин низоми ягонаи муқовимат ба киберҳуҷумҳо таъсис дода мешавад [5].

Барои рушд ва паҳн кардани технологияҳои рақамӣ сатҳи муайяни суботи миллӣ, инчунин эҳтироми ҳуқуқҳои шахрвандон ва соҳибкоронро кафолат додан лозим аст, аз ҷумла: таъмини ҳуқуқи корбарон дар ҷаҳони рақамӣ ва амнияти маълумоти рақамии онҳо (аз ҷумла тавассути ҳифзи иттилооти беруна ва таъсири техникӣ ба инфрасохтори иттилоотӣ), баланд бардоштани сатҳи эътимод ба муҳити рақамӣ, кам кардани шумораи таҳдидҳои киберӣ, таъмини дастрасӣ ба дастовардҳои рақамикунонӣ дар саросари кишвар, ташаккули иқтидори илмӣ дар соҳаи рақамӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар, ҷорӣ намудани коркардҳои ватанӣ бо мақсади коҳиш додани вобастагии рушди иҷтимоию иқтисодӣ аз содирот ва ғайра.

То замоне ки давлат сиёсати муассир дар соҳаи технологияҳои рақамиро бунёд ва таъмин накунад, технологияҳо вазифаҳои худро дуруст иҷро карда наметавонанд ва ба манфиатҳои миллӣ хизмат намекунанд, зеро равандҳои рақамӣ ва амнияти миллӣ таъсири мустақими мутақобила доранд ва дар робитаи доимӣ қарор доранд.

Рақамикунонии ҷомеаи ҷаҳонӣ ва рушди шабакаи компютерии интернетӣ ба он оварда расонд, ки иттилоот, телекоммуникатсия ва инфрасохтори кишварҳои саноатӣ ба объектҳои хеле осебпазири таъсири созмонҳои террористӣ табдил ёфтаанд. Хавфҳои кибертерроризми байналмилалӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ, аввалан, як воқеияти объективии асри XXI ва дуюм, омилҳои муҳими геополитикӣ маҳсуб меёбанд, ки масирии рушди тамаддуни башариро муайян мекунанд.

Дар айни замон созмонҳои гуногуни террористӣ аз механизмҳои таъсиррасонии иттилоотӣ оид ба шуури инфиродӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ бо мақсади пурзӯр намудани ташаннуҷи байни миллатҳо ва иҷтимоӣ, барангехтани кинаю адовати миллӣ ва динӣ, инчунин ҷалби ҷонибдорони нав ба фаъолияти террористӣ, васеъ истифода мебаранд. Онҳо аз воситаҳои баландтехнологии нармафзор ва сахтафзор барои мақсадҳои ғаразноки худ, яъне расонидани таъсири харобиовар ба объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ хеле васеъ истифода мебаранд.

Ба ин муносибат бояд қайд кард, ки бар хилофи террористи оддӣ, ки барои содир кардани амали ҷиноятӣ намудҳои анъанавии силоҳ ва воситаҳои таркандаро истифода мебарад, пас киберҷиноятқор барои ноил шудан ба мақсадҳои худ аз чунин силоҳҳои гуногуни иттилоотӣ, аз қабили барномаҳо ва таҷҳизоти махсуси тарҳрезишуда истифода мебарад. Ин амал барои ба таври махфӣ ба даст овардан, тағйир додан, нобуд кардан ё бастани иттилооте, ки дар васоити электронӣ, дар компютерҳо ва дигар таҷҳизоти компютерӣ, системаҳои иттилоотӣ ё шабакаҳои компютерӣ мавҷуд аст, истифода мешавад.

Дар робита ба ин, ба вазъи амнияти иттилоотӣ афзоиши доимии мураккабӣ, афзоиши миқёс ва ҳамоҳангии ҳамлаҳои террористии киберӣ, инчунин афзоиши таҳдидҳо ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади расонидани зарар ба сохибихтиёрӣ, томияти ҳудудӣ, устувории сиёсӣ, иҷтимоӣ ва молиявии давлатҳои соҳибистиқлол хос аст. Шумораи ҷиноятҳое, ки дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ содир мешаванд, сол то сол босуръат меафзояд. Аммо бо вуҷуди он, ки айни замон ҷиноятҳои иқтисодӣ дар байни ҷиноятҳои киберҷиноятқорӣ мавқеи пешсафро ишғол мекунанд, ҷиноятҳои террористӣ бо истифода аз «технологияҳои рақамӣ» торафт вусъат меёбад.

Адабиёт

1.Бачило И.Л. Предпосылки укрепления правового регулирования инновационных процессов в публичном управлении на основе информационных технологий // Труды ИГП РАН. - 2009. - № 5/2009. - С. 9-16

2. Criminal Compliant // The United States Department of Justice. URL: https://www.justice.gov/sites/default/files/opa /press-releases/attachments/2015/03/30/ criminal_complaint_force. pdf (санаи мурочиат: 20.04.2020).

3. Hollis D.B. Why States need an International Law for Information Operations // Lewis and Clark Law Review. - 2007. - Vol. 11. - № 4. - P. 1023-1061.

4. Regulation (EC) № 2019/881 of the European Parliament and of the Council of 17 April 2019 on ENISA (the European Union Agency for Cybersecurity) and on information and communications technology cybersecurity certification and repealing Regulation (EU) № 526/2013 (Cybersecurity Act) // Official Journal of the European Union L 151 of 7 June 2019.

5. Указ Президента РФ «О создании государственной системы обнаружения, предупреждения и ликвидации последствий компьютерных атак на информационные ресурсы Российской Федерации» от 15 января 2013 г. № 31с // СЗ РФ. - 2013. - № 3. - Ст. 178.

6.Хайдаров Р.Дж. Цифровизация общества как фактор воспроизводства человеческого капитала в период глобализации // Известия ИФПП НАНТ.- 2021. №3-*С.* 78-82.

7.Хайдаров Р.Дж. Цифровизация общества как ключевой фактор обеспечения кибербезопасности государств в период глобализации// Известия ИФПП НАНТ 2022. -№1.-С.98-103

8. Цветкова Н.А. Социальные сети в публичной дипломатии США // Вестник Санкт-Петербургского университета. Серия 6. Философия. Культурология. Политология. Право. Международные отношения. 2011. № 2. С. 84-89.

9. Чесноков А. Цифровая дипломатия как элемент влияния на геополитическое пространство // Дипломатическая служба. 2013. № 1. С. 5-6.

10.Талапина Э.В. Право и цифровизация: новые вызовы и перспективы // Журнал российского права2018. -№ 2(254).- С. 5-17. DOI: 10. 77.

ЦИФРОВИЗАЦИЯ И ЕЕ РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

Музаффарӣ М., Салимов Ю.Б.

В статье рассматривается роль цифровизации в обеспечении информаионный безопасности в Таджикистане.

Автор утверждает, что цифровые технологии – это современный тренд глобализации. Цифровые технологии стали одним из главных двигателей развития человечества. Они определяют развитие мировой экономики, а также важные аспекты отношений между государствами.

Однако, по мнению автора, цифровизация является не только источником долгосрочного развития современных государств, но и фактором обеспечения их суверенитета и стабильности. Поэтому каждое суверенное государство должно стараться не отставать от процесса цифровизации.

Ключевые слова: *цифровизация, социальные сети, виртуальное пространство, коммуникационные технологии, киберпреступления, национальная безопасность, кибербезопасность, информационная безопасность, криптовалюта*

DIGITALIZATION AND ITS ROLE IN ENSURING INFORMATION SECURITY OF TAJIKISTAN

Muzaffari M., Salimov Y.

The article examines the role of digitalization in ensuring information security in Tajikistan.

The author is sure that digital technologies are a modern trend of globalization. Digital technologies have become one of the main engines of human development. They determine the development of the world economy, as well as important aspects of relations between states.

However, according to the author, digitalization is not only a source of long-term development of modern states, but also a factor in ensuring their sovereignty and the stability of the state, its national security. Therefore, every sovereign state must try to keep up with the digitalization process.

Key words: *digitalization, social networks, virtual space, communication technologies, cybercrime, national security, cybersecurity, information security, cryptocurrency.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ҲУДУДҲОИ МАЪРИФАТИ ИНСОНӢ (ТАҲЛИЛИ АНТРОПОЛОГӢ-ТАБИАТШИНОСӢ)

Хуршед Зиёӣ
доктори илмҳои фалсафа, профессор, муовини директор оид ба илм ва таълими ИФСҲ ба номи А. Баҳоуддинови АМИТ
kziyoev@yandex.ru
992-372-221-77-96

Дар мақола ҳудудҳои маърифати инсонӣ аз нуқтаи назари антропология ё антропологияи системавӣ ва илмҳои табиӣ (физика, астрофизика, космология, биология) дар мисоли якчанд масъалаҳо – имкониятҳои биологии инсон барои маърифати олам, моҳияти мафҳумҳои «уфуқи ҳодисаҳо» ва «сензураи кайҳонӣ», инчунин як қатор масъалаҳои дигар кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки оид ба ҳудудҳои маърифатии инсон якчанд андеша баён карда шавад. Дар ин самт моҳияти маҳдудиятҳои ҳиссу ақли инсонӣ, ки бо олоту таҷҳизот ҷуброн карда мешаванд, инчунин мафҳумҳои «уфуқи ҳодисаҳо», «сензураи кайҳонӣ» ва "сензураи тополог ӣ", ки дар нисбати вартаҳои торик корбаст мегарданд, равшан карда шуда, муаллиф ба хулосае расидааст, ки ба ҳама ҳудудҳои маърифати инсонӣ нигоҳ накарда, қобилият ва имкониятҳои маърифатии инсон батадриҷ васеъ мешаванд ва инсон дар оянда ба қуллаҳои баландтарини маърифати худ мерасад.

***Калидвожаҳо**: маърифат, антропология, табиатшинос ӣ, ҳис, ақл, агноститсизм, скептитсизм, материализм, «уфуқи ҳодисаҳо», «сензураи кайҳонӣ», "сензураи тополог ӣ".*

Маърифати инсонӣ **(**ё когнитсия**),** ки донистан, маҷмуи равандҳо, тартибот ва усул ё методҳои бадастории донишҳо дар бораи ашёву зуҳурот ва қонуниятҳои олами айнӣ ё объективиро мефаҳмонад, дар давраҳои гуногуни рушди илм, аз ҷумла дар фалсафа, антропология ё инсоншиносӣ ва илмҳои табиӣ, махсусан физика, вобаста ба ҳудудҳояш ба таври гуногун баҳогузорӣ шудааст. Аз ин рӯ, дар фалсафа вобаста ба ҷавоб ба ҷанбаи дуюми масъалаи асосии фалсафа (Оё олам донисташаванда аст?) ва вобаста ба ақида оид ба имкониятҳо ё ҳудудҳои маърифати инсонӣ се мавқеъ вуҷуд дорад – 1) лоадрия, агноститсизм; 2) шаккокият, скептитсизм; 3) файласуфон ё равияҳои фалсафие, ки оламро донисташаванда ҳисобидаанд. Барои равшан сохтани ҳудудҳои маърифати инсонӣ аз нуқтаи назари антропология ё антропологияи системавӣ ва илмҳои табиӣ (физика, астрофизика, космология, биология) маҳз мавқеи файласуфони гурӯҳи сеюм метавонад кӯмак намояд. Бо истифода аз таълимоти онҳо дар мисоли якчанд масъалаҳо – имкониятҳои биологии инсон барои маърифати олам, моҳияти мафҳумҳои «уфуқи ҳодисаҳо» ва «сензураи кайҳонӣ», инчунин як қатор масъалаҳои дигар кӯшиш менамоем, ки вобаста ба ҳудудҳои маърифатии инсон якчанд андешаро баён созем.

Чунонки маълум аст, аз нигоҳи антропологӣ ва биологӣ инсон қобилият ва имкониятҳои маърифатӣ дорад, ки тавассути узвҳои ҳис (биноӣ, шунавоӣ, ламс, зоиқа, шомма) амалӣ мешаванд. Инчунин, ақли инсонӣ аз қобилият ва имкониятҳои маърифатии инсон буда, дар ягонагӣ бо ҳисҳо маърифати комили инсониро таъмин месозад, аз ин рӯ, ягонагии маърифати ақлонӣ ва ҳиссӣ дар фалсафа ба ҳайси роҳи асосии донистани олами объективӣ аз ҷониби инсон ва ягона қобилияту имконияти ӯ дар маърифат маҳсуб мешавад. Барои муайян кардани ҳудудҳои маърифати инсонӣ бо ин

воситаҳо бошад, ба ақидаи муҳаққиқи россиягӣ В.Я. Сергин бояд «табиати қобилиятҳои маърифатии инсон ва хосиятҳои ақли инсонӣ» [6; 78] равшан карда шавад.

Дар баробари ҳиссу ақл, ҳанӯз аз қадим ва аз файласуфи маъруфи тоҷик Ибни Сино (980-1037) сар карда, то баъзе муҳаққиқони муосир дар бораи маърифати ҳадсӣ ё интуитивӣ ва ирратсионалӣ низ масъалагузорӣ кардаанд. Аммо бо сабаби баҳснок будани ин масъалаҳо инҷо аз баррасии онҳо худдорӣ мекунем.

Ҳамин тариқ, ҳис ва ақл дар ягонагӣ маърифати оламро аз ҷониби инсон таъмин месозанд, аммо бо сабаби он, ки ҳам ҳисси инсон ва ҳам ақлу зеҳни ӯ маҳдудиятҳо доранд ё дар ҳар як инсон вобаста аз омилҳои биологӣ ё иҷтимоӣ онҳо дар сатҳҳои гуногуни рушд қарор доранд, дар натиҷаи ин ҳудудҳои маърифати инсонӣ танг мешаванд. Аз ҷониби дигар, маърифати олам, ки ҳамчун объекти асосӣ барои ин раванд хизмат мекунад, аз субъекти маърифаткунанда вобаста аст, ки бо ин сабаб низ ҳудудҳои маърифати инсонӣ танг мегарданд. Барои мисол метавон таъкид намуд, ки тибқи иттилооте, ки дар луғатномаю дастурҳои иттолоттии биологӣ омадааст, чашми инсон, босира ё биноии ӯ қодир аст, ки зиёда аз даҳ миллион рангҳои гуногунро фарқ кунад, аммо дар айни замон, дар тафовут аз ҳайвонҳои зиёд чашми инсон наметавонад нурҳои ултрабунафшро бубинад. Аз ҷониби дигар, чашми инсон аз таваллуд, ба таври ирсӣ ё бо гузашти замон баъзе қобилиятҳои худро аз даст дода, дар натиҷа имконоти босираи инсонро маҳдуд месозад.

Шунавоии инсон низ табиатан маҳдудиятҳо дорад, ки имконоти маърифатии инсонро маҳдуд месозанд. Масалан, тибқи иттилои мутахассисони соҳаҳои дахлдор, инсон овозҳоро бо басомади аз 20 гертс то 20 килогертс мешунавад, баъзе ҳайвонҳо бошад, имкони шунидани садоро аз 6 гертс то 60 килогертс доранд. Инсон, инчунин, дар тафовут аз баъзе ҳайвонот қобилияти шунавоии инфрасадоро қариб надорад.

Инсон маззаро танҳо бо забон ҳис мекунад, баъзе навъи моҳиҳо бошад, бо тамоми баданашон маззаро ҳис менамоянд. Шумораи ретсепторҳои ҳисси мазза дар ҳайвонот на камтар аз 2,5 маротиба аз инсон зиёдтар аст. Дар рушди эволютсионии ламсу зоиқа низ инсон аз аксарияти намуди ҳайвонот поинтар меистад. Ҳамаи ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки имконоти ҳамаи навъҳои ҳиссҳои инсонӣ табиатан барои маърифати олам маҳдуд мебошанд. Аз ин рӯ, ҳақ бар ҷониби файласуфи олмонӣ Арнолд Гелен (1904-1976) аст, ки дар асари худ “Инсон, табиати ӯ ва мақоми ӯ дар олам” дар бораи нокифоягии биологии инсон, аз ҷумла сустии инстинкт ё хосиятҳои ғаризавияш сухан ронда, чунин баён доштааст, ки инсон дар олам худ ба худ вогузор шудааст, аз ин рӯ дар фарқият аз ҳайвонҳо маҷбур аст, ки барои такрористеҳсолкунии ҳаёти худ ҳар гуна олоту воситаҳоро ҷустуҷӯ, пайдо ва истеҳсол кунад. Таърих, ҷомеа, ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва амсоли он низ чунин шаклҳои умумиятсоз мебошанд, ки нокифоягии маърифати инсони алоҳидаро аз ҷиҳати биологӣ пурра мекунанд. Ба ибораи дигар, А. Гелен чунин ақида дорад, ки сохтори табиии тани инсон аз ҷониби худи табиат чунон бунёд шудааст, ки ӯ барои ҳаёти ҷамъиятиву фарҳангӣ, аз ҷумла маърифат созгор намояд [8; 494].

Ба ҳамин тариқ, аз нигоҳи антропологӣ ва биологӣ, ҳудудҳои маърифати инсонӣ, қабл аз ҳама, аз қобилият ва имкониятҳои табиии ӯ, аз ҳисҳо ва олоту воситаҳое, ки инсон барои такмили ин ҳисҳо (масалан, айнак) ва ё ақл (масалан, калкулятор) сохтааст, вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, метавон таъкид намуд, ки бо рушди технологияҳои нав (микроскопу телескопҳои механикию электронӣ, мавҷгиру садоқабулкунандаҳои муосир ва амсоли он) ҳудудҳои маърифати инсонӣ мунтазам васеътар мешаванд, ки ҳамзамон ҳалшаванда будани масъалаи дараҷаи донисташаванда будан ё набудани олами объективиро бештар аз пештар собит месозанд.

Ақлу зеҳни инсонӣ низ табиатан ё бо сабаби таъсири омилҳои иҷтимоӣ (таълиму тарбия, навъҳои гуногуни ҷаҳонбинӣ ва ғайра) як қатор маҳдудиятҳо доранд, ки ба маърифати олам аз ҷониби инсон

таъсиргузор мебошанд. Дар таърихи фалсафа, одатан, ба чунин маҳдудиятҳои ақли инсонӣ ишора кардаанд:

1) ба қавли мутафаккир ва шоири бузурги олмонӣ И.В. Гёте (1749-1832) “табиат на ҳама чизро дар якҷоягӣ бо ақл бо ҳам мебинад, ягон чизи дастнорасе дар шакли рамз, образ боқӣ мемонад” [3; 22], аз ин рӯ, на ҳама вақт тамоми зуҳуротро дар табиат бо таври ратсионалӣ фаҳмонидан имкон дорад. Барои ин, одатан, аз микрофизика дар бораи индетерменизм ё кор накардани принсипи сабабият дар ҳаракатҳои дохилиатомӣ, аз химия дар бораи як қатор зиддиятҳои тавзеҳнашаванда, масалан, сӯзанда будани гидроген, вале ҳамчун муҳити сӯзандагӣ набудани он ва баръакс, сӯзанда набудани оксиген, вале ҳамчун муҳити сӯзандагӣ хизмат кардани ин элементи кимиёвӣ ва ғайра мисол меоранд;

2) чунонки ҳанӯз физик, математик, файласуф ва адиби фаронсавӣ Б. Паскал иброз дошта буд, “дил ба мо чунин донише медиҳад, ки дар бораи асосҳои он ақли мо чизеро намедонад” [2]. Аз ин рӯ, ақли инсонӣ баъзан ба сӯйи ирратсионализм ва донишҳои динӣ меравад, ки илмиятро халалдор сохта, инсониятро таҳти салтанати эътиқодгароӣ ё фидеизм (тасдиқи афзалияти эътиқод нисбат ба ақл, ки барои ҷаҳонбинии динии ба кашф такякунанда хос аст) қарор медиҳад;

3) табиатан зиддиятнок будани ақли инсонӣ, ки ба қавли И. Кант, ба зиддияти қоидаҳо, антиномияҳо (зиддият байни ду қоида, ки ҳар ду ҳам асосноккунии якхела боэътимоди мантиқӣ доранд) меорад. Аз ҷониби дигар, ба ақидаи ин файласуфи олмонӣ барои маърифати инсонӣ танҳо зуҳуроти ашё дарстрас буда, «чиз дар худ» (воқеиятеро мефаҳмонад, ки берун аз шуури мо ва новобаста аз он вуҷуд дорад) маърифатнашаванда мебошад;

4) тазод байни эътирофи беохирии олам ва маърифатшаванда будани он дар материализми диалектикӣ (фаро гирифтани фарогирифтанашаванда ғайриимкон аст) ва ғайра.

Дар баробари ин, чунонки дар физика ва биология қабул шудааст, ақли инсонӣ аз мағзи сари ӯ вобастагии бузург дорад. Масалан, мағзи сари инсони муосири ба балоғат расида баъди таҳаввулоти чандин ҳазорсолаи эволютсионӣ тақрибан то ду киллограмм вазн дошта, дар дохили он сад миллиард нейронҳо бо ҳамдигар танҳо миқдори муайяни алоқаҳоро барқарор сохта метавонанд ё дар як сония танҳо имконияти миқдори муайяни импулс - сигнал, иттилоотро ба ҳамдигар расониданро доранд. Ба ибораи муҳаққиқи рус С.В. Хмелевский, “қонунҳои маълуми физикӣ ва биологӣ ба қобилиятҳои зеҳнии мо маҳдудиятҳои басо қатъӣ, дақиқтараш басо сангдилона мегузоранд» [7; 95-96].

Чунонки мебинем, ҳам ҳисҳо ва ҳам ақлу зеҳни инсонӣ маҳдудиятҳои антропологӣ-биологӣ ва иҷтимоӣ доранд. Аз ин рӯ, ба таври максималӣ бартараф сохтан ё дар ҳолатҳои зарурӣ ба инобат гирифтани чунин маҳдудиятҳоро роҳи ягонаи васеъ сохтани ҳудудҳои маърифати инсонӣ ҳисобидан имкон дорад.

Масъалаи дигаре, ки бо муайянсозии ҳудудҳои маърифати инсонӣ иртиботи қавӣ дорад, бо мафҳумҳои «уфуқи ҳодисаҳо» ва «сензураи кайҳонӣ» ифода ёфтааст, ки дар илми муосир дар атрофи онҳо баҳсҳо мераванд. Чунонки маълум аст, дар сатҳи маърифати муқаррарӣ чунин шумурда мешавад, ки инсон масофаро танҳо то уфуқ, то ҷойи барҳӯрди осмон ва замин ё баҳр, ё ягон объекти сунъӣ мебинад, ки онро «уфуқи ҳодисаҳо» меноманд. Барои дидан дуртар аз уфуқи дар ин лаҳза намудорбуда бояд инсон ба пеш ҳаракат кунад. Дар маърифати илмӣ низ, махсусан дар астрофизика, ки фаҳмиши «уфуқи ҳодисаҳо» каме шакли дигар дошта бошад ҳам, маҳз ҳамин пеш рафтан (ба маънии прогресси маърифатӣ) барои тавсеаи ҳудудҳои маърифати инсон тақозо карда мешавад.

Мафҳуми «уфуқи ҳодисаҳо»-ро ба астрофизика олими амрикоӣ Волфганг Риндлер (1924-2019) ворид сохтааст. Ин мафҳум он ҳудудҳоеро аз нигоҳи астрофизика фаро мегирад, ки берун аз онҳо ҳодисаҳо ба мушоҳидакунанда таъсир расонида наметавонанд. Дар назария оид ба «ғорҳои торик», «вартаҳои торик» (бо забони русӣ: «чёрная дыра») мафҳуми уфуқи ҳодисаҳо ба таври мушаххастар

муайян шудааст. Аз ин нигоҳ уфуқи ҳодисаҳоро дар энсиклопедияҳо чунин таъриф додаанд: «… қисмате аз ҳудуди фазой-вақтӣ, ки дар он сигналҳои бо суръати нур паҳншаванда пурра аз ҷониби қувваи ҷозиба нигоҳ дошта шуда, наметавонанд, ки ба беохирии фазои берунӣ раванд. Уфуқи ҳодисаҳо ҳудуди вартаи торик мебошад» [1]. Муҳаққиқони россиягӣ В.М. Самсонов ва Е.К. Петров бошанд, уфуқи ҳодисаҳои вартаи торикро ҳамчун «сатҳе, ки тавассути он мубодилаи энергия байни қисматҳои дохилӣ ва берунии фазо ғайриимкон аст», таъриф додаанд [5; 75].

Ба ибораи дигар, мафҳуми уфуқи ҳодисаҳо он ҷоеро мефаҳмонад, ки сигналҳои электромагнитӣ дар бораи вартаи торик то ҳамон ҷо иттилоъ дода метавонанд. Баъд аз уфуқ бошад, сигналҳо аз ҷониби вартаи торик бо ҷозибаи бузургаш фурӯ бурда шуда, дигар пас барнамегарданд. Аммо барои пурра ворид шудан ба ин масъала бояд иттилоии бештаре дар бораи табиати худи вартаи торик дошта бошем.

Дар маърифати муқаррарӣ вартаи торикро ҳамчун қисмате аз фазою вақт медонанд, ки қувваи ҷозибаи гравитатсионияш то он андозае бузург аст, ки онро ҳатто объектҳое, ки бо суръати нур ҳаракат мекунанд, аз ҷумла квантҳои худи нур, тарк карда наметавонанд. Худи истилоҳи вартаи торикро рӯзноманигори амрикой Э. Юинг пешниҳод намудааст. Дар таҳқиқи моҳият ва табиати он бошад, қабл аз ҳама астрономи олмонӣ К. Швартсшилд (1873-1912) саҳм гузоштааст. Ин олим ва дигар астрономҳои кишварҳои гуногун вартаи торикро ба таври зайл шарҳ додаанд: «Вартаи торик ҳамчун номи умумии объектҳои коллапсияшуда (ҳолати ба мавҷудияти чизе таҳдидкунанда – Х.З.) мебошад, ки сатҳи моддӣ надоранд; ҳудуди онҳо уфуқи ҳодисаҳо аст» [9]. Аз нигоҳи муҳаққиқони россиягӣ В.М. Самсонов ва Е.К. Петров бошад, вартаи торики классикӣ «объекти моделие мебошад, ки ба талаботи модели физикии сингулярият (якҷинсагӣ – Х.З.)-и майдони гравитатсионии навъи марказӣ-симметриявӣ ҷавобгӯ мебошад» [5; 83].

Дар маҷмуъ, вартаи торик бо ҷозибаи бузурги худ сигналҳои ба сӯйи он аз ҷониби инсон (ё объектҳои дигари кайҳонӣ) фиристодаро бозпас барнагардонида, намегузорад, ки моҳият ва табиати он баъди уфуқи ҳодисаҳо маърифат карда шавад. Аз ин рӯ, дар чунин вазъ маърифати инсонӣ дар бораи чунин объектҳои кайҳонӣ маҳдуд мемонад. Ба ибораи дигар, дар баъзе ҳолатҳо худи табиат ҳудудҳои маърифати моро танг месозад. Аз ин рӯ, онро дар илм «сензураи қайҳонӣ» номгузорӣ кардаанд.

Мафҳуми «сензураи кайҳонӣ» аз ҷониби математик ва физики англис Р. Пенроуз соли 1970 пешниҳод шудааст. Тибқи фарзияи сензураи кайҳонӣ, ки ба ду навъ тақсим мешавад (фарзияи сензураи кайҳонии қавӣ ва фарзияи сензураи кайҳонии суст) ҳолати сингулярӣ (якҷинсагӣ) танҳо дар пушти уфуқи ҳодисаҳо вуҷуд дошта, ба мушоҳидакунанда дастрас нест. Худи ҳолати сингулярӣ ё якҷинсагӣ дар назарияи пайдоиши олам, афлок якҷинса ё якранга будани нахустмоддаро дар назар дошта, инчунин ягона будани мавҷудот, ҳодиса ва зуҳуротро мефаҳмонад. Чунин ҳолати сингулярӣ, ки дар пушти уфуқи ҳодисаҳо пурра ноаён аст, бо сабаби сензураи кайҳонии қавӣ ва ҳолати сингулярие, ки то андозае маълум аст, бо сабаби сензураи кайҳонии суст маърифатнашаванда мебошанд [4].

Ба мафҳуми сензураи кайҳонӣ истилоҳи дигаре низ дар назарияи умумии нисбият – сензураи топологӣ қаробат дорад. Бо такя ба топология, ки хосиятҳои сифатии фигураҳои геометриро новобаста аз ҳаҷми онҳо ва зуҳуроти муттасилӣ ё канданашавандагиро меомӯзад, аз ҷониби астрофизикҳо чунин ҳисобида мешавад, ки дар ҳолати мавҷуд набудани моддаи экзотикӣ (ашёи фарзиявӣ, ки шароити классикии мавҷуд буданро риоя намекунанд ё аз барионҳои маълумбуда иборат набуда, зичии манфии энергия доранд ва таҳти таъсири гравитатсия на ҷазб мешаванд, балки, баръакс ба пушт такон мехӯранд) қисмати ғайримуқаррарии топологияи фазо-вақт аз ҷониби мушоҳидакунанда дониста намешавад, зеро онҳо бо чунин суръати бузурге ба ҳолати коллапсияшуда мерасанд, ки нур дастгир намекунад, ки онҳоро бурида гузарад. Чунонки мебинем, дар ин ҳолат ҳам

табиат намегузорад, ки баъзе зуҳуроту ашёи кайҳонӣ аз ҷониби инсон маърифат карда шаванд. Аз ин рӯ, дар маърифати чунин ҳодисаву зуҳурот низ маҳдудиятҳои маърифати инсонӣ маълум мегарданд. Ин ҷо барои инсоният роҳи пешравӣ дар маърифат танҳо рушди минбаъдаи назария ва амалияи илмӣ, техника ва технологияи таҳқиқотӣ ва фаъолият дар ҳамоҳангӣ бо табиат, кайҳон, муҳити атроф ва амсоли он дар ҳамаи самтҳо мебошад.

Таҳлилҳои боло нишон медиҳанд, ки ҳудудҳои маърифати инсонӣ аз нуқтаи назари антропологияи системавӣ ва илмҳои табиӣ (физика, астрофизика, космология, биология) асосан бо омилҳои объективӣ ё табиӣ иртибот доранд.

Ба ҳамин тариқ, олам маърифатшаванда аст, аммо маърифати он бо баъзе сабабҳои объективию субъективӣ маҳдуд карда мешавад, ки тибқи таҳлилҳои боло аз нуқутаи назари антропологияи системавӣ ва илмҳои табиатшиносӣ асосан чунинанд:

1) маҳдуд будани имкониятҳои ҳисҳо ва ақли инсонӣ. Ин маҳдудияти имкониятҳои маърифатии худро инсон бо сохтани олоту воситаҳои гуногун тадриҷан бартараф сохта, ба сӯи маърифатшаванда будани олам муттасил қадамҳои нав ба нав мегузорад;

2) мавҷудияти уфуқи ҳодисаҳо, сензураи кайҳонӣ ва сензураи топологӣ дар кайҳон. Ин маҳдудиятҳои маърифатро низ инсон тавассути рушди минбаъдаи илм, тавсеаи таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи олот, таҷҳизот ва воситаҳои дигар имкон дорад ботадриҷ рафъ созад;

Дар маҷмуъ, дар ҷавоб ба ҷанбаи дуюми масъалаи асосии фалсафа - “Оё олам донисташаванда аст?” – бояд хушбин бошем, зеро ба он ҳама ҳудудҳои маърифати инсонӣ нигоҳ накарда аз нуқтаи назари антропологияи ситемавӣ ва илмҳои табиӣ қобилият ва имкониятҳои маърифатии инсон батадриҷ васеъ мешаванд ва инсон дар оянда ба қуллаҳои баландтарини маърифати худ мерасад. Аз ҷониби дигар, беохирӣ ва беҳудудии олам тақозо мекунанд, ки маърифати инсонӣ ҳам бояд пайваста дар ин фазову вақти беҳудуд дар ҳаракати доимӣ бошад.

Адабиёт

1. Горизонт событий // Большая российская энциклопедия. - https://bigenc.ru/c/gorizont-sobytii-236f17 (санаи мурочиат: 24.01.2024).

2. Зеньковский В. Основы христианской философии // **https://profilib.org/chtenie/103954/vasiliy-zenkovskiy-osnovy-khristianskoy-filosofii-74.php** (санаи мурочиат: 22.01.2024).

3. Мусийчук С.В. Интуиция как проблема синтеза концепций: рациональное и иррациональное в познании // Общество: философия, история, культура. – 2014. - № 1. – С. 17-24.

4. Принцип космической цензуры // Большая российская энциклопедия. - https://bigenc.ru/c/gorizont-sobytii-236f17 (санаи мурочиат: 24.01.2024).

5. Самсонов В.М., Петров Е.К. О физической интерпретации понятий черной дыры и горизонта событий // Вестник ТвГУ. Серия: физика. – 2010. - Выпуск 11. – С. 75-88.

6. Сергин В.Я. Природа познавательных способностей человека: нейроинформатика мозга // Открытое образование. – 2009. - №1. – С. 78-80.

7. Хмелевский С.В. К вопросу об ограниченности человеческого интеллекта и возможностях ее преодоления // Социально-политические науки. - 2015. - №1. – С. 95-99.

8. Хузина Э.М. Философская антропология по замыслу А. Гелена // Молодой учёный. – 2020. - № 25(315). – С. 494-495.

9. Чёрные дыры // Большая российская энциклопедия. - https://bigenc.ru/c/gorizont-sobytii-236f17 (санаи мурочиат: 24.01.2024).

ПРЕДЕЛЫ ПОЗНАНИЯ ЧЕЛОВЕКА (АНТРОПОЛОГИЧЕСКИЙ И ЕСТЕСТВЕННОНАУЧНЫЙ АНАЛИЗ)

Хуршед Зиёи

В статье с точки зрения антропологии и естественных наук (физики, астрофизики, космологии, биологии) рассматриваются пределы человеческого познания на примере нескольких вопросов - биологических возможностей человека для познания мира, сущности понятий «горизонт событий» и «космическая цензура». В этом направлении раскрывается характер ограниченности

человеческих чувств и разума, которые компенсируются инструментами и оборудованием, а также понятия «горизонт событий», «космическая цензура» и «топологическая цензура», которые используются в отношении к чёрным дырам, и автор пришел к выводу, что несмотря на все пределы человеческого познания, его познавательные способности и возможности будут постепенно расширяться и человек достигнет высочайших вершин своих познаний в будущем.

***Ключевые слова**: знание, антропология, естествознание, чувство, разум, агностицизм, скептицизм, материализм, «горизонт событий», «космическая цензура», «топологическая цензура».*

THE LIMITS OF HUMAN KNOWLEDGE (ANTHROPOLOGICAL AND NATURAL SCIENCE ANALYSIS)

Khurshed Ziyoi

In this article from the point of view of anthropology and natural sciences (physics, astrophysics, cosmology, biology) tehere are analized the limits of human knowledge using the example of several issues - human biological capabilities for understanding the world, the essence of the concepts of "event horizon" and "cosmic censorship". In this direction reveals the nature of the limitations of human feelings and reason, which are compensated by tools and equipment, as well as the concepts of "event horizon", "cosmic censorship" and "topological censorship", which are used in relation to black holes, and the author came to the conclusion that despite of all the limits of human knowledge, his cognitive abilities and capabilities will gradually expand and man will reach the highest peaks of his knowledge in the future.

***Key words**: knowledge, anthropology, natural science, feeling, reason, agnosticism, skepticism, materialism, "event horizon", "cosmic censorship", "topological censorship".*

«ТОҶИКОН» - И БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР ОИНАИ ТАМАДДУНИ ТОҶИК

Сайфуллаев М.Н. – д.и.ф., мудири Шуъбаи онтология, гносеология ва мантиқи ИФСҲ - и ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

Дар мақола муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки нақши ҳалкунанда аҳмияти таърихи доштани осори бунёдии аллома Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон»-ро дар такомул ва рушди худшиносию худогоҳии халқи тоҷик мавриди баррасӣ қарор диҳад. Муаллиф зимни китоби тмазкур қонуниятҳои таърихӣ ва марҳилаҳои асосии пайдоиш, амал ва рушди фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон аз даврои қадим то имрӯзро пешкаши хонандагон кардааст. Инчунин, нақш ва мавқеи китоби «Тоҷикон»-и Б.Ғафуров дар ин раванди таърихӣ нишон дода шудааст.

Калидвожаҳо: *Б.Ғафуров, «Тоҷикон», Осиёи Марказӣ, халқи тоҷик, муносибатхои ғуломдорӣ ва феодалӣ, худшиносии миллӣ, давлати Сосониён, давлати Сомониён, ошӯбхои халқӣ, ғосибони арабу муғул.*

Бидуни ягон шубҳа метавон гуфт, ки олим ва муҳаққиқи беҳамто, ходими бузурги давлатӣ, шахсияти нотакрор, муаллифи осори безаволи «Тоҷикон» Қаҳрамони Ҷумҳурии Тоҷикистони навин – Бобоҷон Ғафуров – на фақат ҳамчун фарзанди баруманди халқи тоҷик, балки барои аксарияти халқҳои машриқзамин – алломаи қарни XX ба шумор меравад. Барои ҳамагон маълум, ки Бобоҷон Ғафуров фаъолияти давлатию хизбии хешро бевосита бо таҳқиқоти илмӣ пайваст намудааст. Натиҷаи он буд, ки соли 1972 дар нашриёти «Наука»-и шаҳри Маёкав китобе таълиф гардид, ки нафақат аҳолии машриқзамин, балки дигар қитъаҳои сайёраро дар ҳайрат гузошт. Яъне мардум донистанд, ки дар қитъаи Осиё халқи ориённажоди фарҳангофару фарҳангдӯст иқомат дорад, ки ингуна халқи тамаддуни куҳан доштаро тохикон меноманд. Бо ҳамин васила ҷаҳониён донистанд, ки тоҷикон яке аз қадимтарин қавми тамаддунофаранд.

Албатта чунин саҳми фарзанди фарзонаи миллати тоҷик – Бобоҷон Ғафуров бебаҳост, ки барои ташаккули худшиносии ҳар як фарди бо нангу номуси тоҷик такони бузург бахшид.

Бесабаб нест, ки Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қариб дар ҳар як баромаду маърӯзаи хеш гаштаю баргашта таъкид менамоянд, ки мо бояд худшиносии миллиро рушд диҳем. Аз ин хо чунин натиҷагирӣ кардан мумкин, ки худшиносии миллӣ яке аз омилҳои муҳимтарини бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати миллӣ мебошад.

Истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлатӣ, эъмир ва таҳкими давлати миллии тохикон, эҳёи мухаддади арзишҳои волои гузашта тақозо менамоянд, ки дар қатори масоили мақому арзиши андешаҳои маънавию ахлоқӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, бадеию эстетикӣ, хаҳонбинии илмию фалсафӣ ва ғ., бояд масъалаи худогоҳию худшиносии миллӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирад. Тоҷикистониён имрӯз дар даврони гузариш ба давлати миллию иҷтимоию ҳуқуқбунёди демократӣ ва бунёди таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ба интихоби дуруст ва оқилонаи маънавиёти ахлоқӣ, анъанаву навгонӣ, иродаи озод ва имконоти илмию фарҳангӣ, ҳатман бояд худогоҳию худшиносии миллиро касб намоянд.

Ба андешаи ман шахсияти Бобоҷон Ғафуров ва алалхусус асари безаволи ӯ «Тоҷикон» таърихи қадим, қадимтарин ва асарҳои миёна» дар ташаккули худогоҳию худшиносии ҳар як фарди тоҷик, новобаста аз он ки вай дар қаламрави Ҷумҳурии Тохикистон ё берун аз марзи он иқомат дорад, нақши босазоро дорост.

Донишманди забардаст,ховаршиноси маъруфи Машриқзамин Бобоҷон Ғафуров аз зумраи он чеҳраҳои фурӯзону арҷманде буд ки кору ҳунари зиндагиофариниашон

дар сафаҳоти заррини фарҳанги гуногунмиллати шӯравии собиқ ва хориҷ аз он абадан нақши бегазанде бастааст. Ӯ дар тӯли зиндагии ҳамосаофарин ва пурбаракати хеш осори фарҳангиву таърихии моявари мазидеро ба ёдгор гузоштааст, ки теъдоди онҳоро метавон аз сесад бештар ба қалам дод. Дар радифи ин осори пурбору пурмоя чунин шоҳасарҳои безаволеро аз қабили: “Тоҷикон”, “Таърихи духилдаи халқи тохик”, “Давраи Кӯшониён ва тамаддуни ҷаҳонӣ” , “Владимир Ильич Ленин- дӯсти бузурги халққҳои Шарқ”, “Инқилоби Октябр ва хунбишҳои миллӣ- озодихоҳӣ”, “Масоили муҳими наҳзатҳои миллӣ- озодихоҳӣ”, “Тадқиқи тамаддуни Осиёи Марказӣ”, “Равобити таърихии Осиёи Марказӣ бо мамолики араби Шарқ”, “Ал-Форобӣ дар таърихи тамаддун” “Сиёсати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Осиёи Ҷанубӣ, Хиндустон, Бирма, Индонезия” метавон бо камоли ифтихор ном бурд. Ин асарҳо бар мабнои маъхазҳои боэътимод таълифу тадвин шуда, ҷанбаҳои мухталифи рӯзгору аъмоли халққҳои Шарқро, бар хилофи таҳрифҳои зумрае аз муаррихон, ошкорбаёнона ва ҳақиқатнигорона ба маърази мушоҳида гирифтаанд.

Нигорандаи ин сатрҳо роҷеъ ба яке аз таълимоти ҷавоҳироганда ва барҷастатарини зндагии ин мусташриқи борикбин-шоҳкории ‘Тоҷикон» таърихи қадимтарин, қадим асри миёна ва давраи нав» ибрози назар намудааст, ки аз нигоҳи фарҳангӣ ба рушду такомули тамаддуни маънавии халқи тоҷик дар иртибот мебошад. Б. Ғафуров дар паи таснифи ин шоҳасари комил, ки барои 20 миллион тоҷикони ҷаҳон баъд аз “Шоҳнома”-и Ҳаким Фирдавсӣ ва “Ёддоштҳо”-и устод Садриддин Айнӣ аз муқаддастарин таснифот маҳсуб шуда, зиёда аз 30-сол умри азизу пурбаракати хешро ба харҷ дода, таърихи пайдоиш, рушду такомул ва талошу пайкорҳои халқи тоҷикро дар рафоқату муттафиқӣ ва равобити домазгустурдаву кавӣ ба халққҳои соири Осиёи Марказӣ равшану амиқ ба қалам овардааст.

Ин шоҳкитоби сиккаи заркӯб, дар воқеъ, бидуни иғроқу тардиде Оинаи Сикандарист, ки таҷаллигоҳи равшан ва бозтоби аҳволи мулки Нӯшервону Дорову Яздигурду Хоқону Қайсарон ва гурдони “Шоҳнома"

ҳамсону ҳамсанг аст. Гётеи ҳунарофарин ҳамосаи абадулвуҷудаш “Фауст”- ро умдатарину муҳимтарин офаридаи зиндагониаш номида буд.

Барои Б.Ғафуров низ бузургкитоби “Тоҷикон”, ки подоши заҳматҳои сангину зиндагиофарину матни маърифат аст, тоҷи шараф ва корнамоии ҷовидонаи ӯст. Ӯ дар пешгуфтори китоб ба таърихи маскунии Шарқи хориҷӣ, пеш аз ҳама бумиёни Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон ва мамолики араб сахт марбут будани таърихи тоҷикон ва мардуми соири Осиёи Марказиро таъкид андар таъкид намуда менависад, ки: «Мо – таърихшиносони советӣ ба робитаҳои таърихии халққҳои Осиёи Миёна ва шарқи хориҷӣ, ки онҳоро дар мубориза барои сулҳ ва пешрафти иҷтимоӣ мутаҳҳид месозад, баҳои баланд медиҳем»[1, 19].

Муҳақиқ ба таърихшиносони буржуазӣ, ки дар асарҳояшон ҳақиқати таърихиро таҳриф карда, таърихи мардумони Осиёи Марказиро ба ҷуз ҳалқаи талошу набардҳои хунин, табаддулотҳои паёпаю бемунтаҳои низомӣ ва ивазшавии сулолаҳои сершумори шоҳону ҳокимони мухталиф чизи дигаре қаламдод намекарданд, тезу тунд, эрод гирифта чунин менигорад: «Тамоми ҳуҷҷат ва мадракҳои фаровон оид ба таърихи Осиёи Миёна нишон медиҳад, ки кӯшишҳои як қатор муаррихони буржуазӣ, аз ҷумла, муаллифони ба ватани советӣ хиёнаткарда,» ба хизмати империалистон гузашта, ки таърихи халққҳои ин сарзаминро холӣ аз зиддиятҳои синфӣ ва муборизаҳои синфӣ вонамуд карда, онро фақат чун арсаи задухӯрд ва низоъҳои ирқу нажодҳои мухталиф ба қалам додани мешаванд, беҳуда ва бенатиҷа аст» [1, 19-20]

Вале бо камоли идрок ва масъулият бояд собит кард, ки дар ин қазия таърихгӯёни хориҷӣ то андозае гӯи ҳақшиносиро аз дасти ровии тавонову абарқудрати таърихи тоҷикон бо чолокӣ рабурдаанд. Воқеаҳои ваҳмангезу даҳшатзои солҳои охир дар Афғонистон, Тоҷикистон ба таври барало собит намуданд, ки саҳифаҳои рангомези таърихи чандинасраи тоҷикон

бозтобу ҷилвагоҳи диққат товару таассуфангези ҷангу ҷидолҳои бемаънии хунин, ҷоҳу раёсатталабиҳои нафратовару монданашаванда, табаддулотҳои паёпаю тулонӣ ва қатънашавандаи сулолаву ақвом ва қабоили мухталифе беш набудааст.

Китоби “Тоҷикон” аз таърихи дар Осиёи Марказӣ пайдо шудани аввалин ҷомеаи башарӣ ва инкишофу такомули маънавии халқи тоҷик то масири марзубуми қарни XIII-ро шомилу фарогир аст.

Мавзӯи бахши аввали китоб “Нахустин ҷамъияти инсонӣ ва пайдоиши он дар Осиёи Марказӣ” аз лиҳози таърихнигорӣ хусусиёти ба худ хосу вежаи дар Осиёи Вусто доштаи ҷомеаи нахустини башарӣ тавзеҳ шуда, дар зимни сарчашмаҳои муътамаду ҳафриётҳои бостоншиносон аввалин ёдгориҳои таърихии ниёгони тоҷик, полеолит, мезолит, неолит, нигораҳову суратҳои рӯисангӣ, қарни нуқра ва оини зиндагиву ҳунари дар ин қораи замин доштаи аввалин зоти башарӣ ахбори муфид собит шуда, хосатан инкишофи батадриҷи тамаддуни ин давраҳо, ҳайатҳои этникии халқҳои Осиёи Марказӣ ва қазияи ниёгони покнажоди тоҷикон-ориён бо чашмандози фарохӯрӯ мусалламу муфассале пажӯҳиш шудаанд.

Муаррих воқеъбинона ин мавзӯъро дар қисмати дуввуми китобаш аз ваҷҳи ниёгони мардумони эронинажод, сакоиҳо, бохтариҳо, суғдҳо ва хоразмиҳо тавзеҳоти таърихию фарҳангии мукаммал дода, рӯсуму оин, маишати ин ақвомро дар замони инкишофи муносибатҳои ғуломдорӣ аз ҷабҳаи воқеияти сирфи таърихӣ ҳаққонӣ баррасӣ намудааст. Ӯ ба шарҳу таъвили таърихи сиёсии Осиёи Марказӣ аз садаи VI-уми қабл аз мелод то ибтидои қарни V-и мелоди мӯшикофона даст бурда, зимни ташреҳи нахустин салтанати ниёгони тоҷик-ҳахоманишиён, тохту тоизҳои бешумори ишғолгаронаву истилогаронаи ғосибони аҷнабӣ, ивазшавии сулолаҳои ҳукмрон, аз ваҷҳи тарҳу амал, сохти иқтисодию-иҷтимоӣ, тамаддун ва расму оини вежаи суғдиён, хоразмиён, бохтариён ва соири мардумони эронинажод иттилооти тозаву пуразриш дода, ба вазъи иқтисод, кишоварзӣ, тиҷорати дохилу хориҷ, содироту воридот, банноӣ, ҳунар, ҳирфаву пеша, тамаддун ва расму таомулҳои ин давраҳои дарозно аз дидгоҳи таърихӣ баҳо медиҳад.

Аз дидгоҳи Б.Ғафуров масоили судуру зуҳури муносибатҳои феодалӣ дар Осиёи Марказӣ ва халқиятҳову ақвоми ин сарзамин дар қарни чаҳори то мелод ва шаши мелод иттилооти тоза густариш ёфта, зимни ин таърихи сиёсии ҳокимияти Сосониён ва салтанати мутамаркази тоҷикон-Сомониён батафсил тавзеҳ шудаанд. Бино ба натиҷагирии муҳақиқ, давлати Сосониён, ки дар қарни дуюми мелодӣ ба саҳнаи таърих омада, анқариб панҷсад сол арзи вуҷуд намуда, музаффариятҳои азиму паёпае касб карда ва дар иртиботи ин раванд менигоранд: «Дар давлати Сосониён,- менависад донишманди фарзона, – муносибатҳои феодалӣ босуръат инкишоф меёбад… Бар хилофи қувваҳои марказгурези волию ҳокимони алоҳидаи баъзе ноҳияҳо мақоми ҳокимияти марказӣ дар Эрон баланд мешавад» [1,223].

Ҳамин вежагиҳои ба хештан вобастаи ҳокимияти Сосониёнро ба назари эътибор гирифта, менависад муаллиф, Энгелес онро "салтанати бонизом” номида буд. Мавзӯи қазияи баҳсноку вокуништалаби куҳанривояти пайдоиши қавми хионитҳо ва эфталитҳо аз ҷониби муҳаққиқ батафсил қаламдод шуда ва онҳоро имтизоҷу омезиши аносири туркии форсизабон меҳисобад. Бидуни ин ӯ амвоҷи маддуҷазрношиноси наҳзатҳои паёҳами домангустурдаву озодихоҳонаи яке аз муборизони матини роҳи озодии халқи тоҷик -Маздакро бо як эҳсоси даргир ба қалам дода, аҳамияти пуршаҳомату бузурги таърихӣ доштани ин ҷумбишу тазоҳуроти ба хоку хун омезишёфтаро, ки халқҳои озордидаи Осиёи Марказиро алайҳи ҷабру ситам ва истеъмору истисмори иҷтимоӣ ҳидоят мекард, чунин баррасӣ мекунад: «Таълимоти Маздак ба табақаҳои нодори ҷамъият таъсири бузург расонд ва саросари Осиёи Миёна, ки дар ин ҷо ҳам ташаккули муносибатҳои феодалӣ оғоз ёфта буд, паҳн шуд» [1, 244].

Зуҳури сохти феодал яке аз бахшҳои умдаи асар буда, “Осиёи Миёна дар давраи тараққиёт ва устуворшавии сохти феодалӣ ном дорад, муҳаққиқ зимни он суқути шукӯҳ ва ҷалоли давлати Сосониён ,

саргузашти талхчӯши пурҳаводиси аквоми Осиёи Марказӣ ва давраи ҳучуми гургонаи истилогарони арабро бар мабнои асноди дакик тавзеҳ медиҳад. Муаррих аз назари нури воқеияти таърихӣ омилҳои пайдоишу тазоҳуроти ислом дар миёнаи қарни VII, тоҷовуаи ғосибони бадавии араб ба Мовароуннаҳр (Вароруд), шикасти давлати Сосониён ва аз байтулшараф ба байтулҳазан табдил ёфтани ин сарзамини мардхез муборизаи сарфишонаи мардумони Осиёи Миёна: суғдиёну бохтариён ва соири он ба муқобили таҷовузкорони аҷнабиро ҳақиқатнигорона мунъакис намуда, истодагариву поймардии ин куҳандиёри диёри ёр (таъбири Нодири Нодирпур) - Самарканд, Суғд, Чоч, Фарғонаро бо камоли ифтихор ба забон меорад. Донишманд бо далоили раднопазир истибдод, кушторҳои бераҳму ҷомеавӣ, зулму асорат, ситами миллии касношуниду беэътидоли ба халқи заҳматкаши тоҷик кардаи арабро тасвир намуда, менависад: Ғосибон сарзамини истилошударо ғорат карданд ва сокиниониашро маҷбур сохтанд, ки оини навро қабул кунанд. Онҳо тамаддун ва расму оини халқи мазлумро таъқибу таъзиб ва таҳқиру такфир карданд. Дар ин маврид аз вачҳи таҳмилан ва зӯран ба сари мардуми Бухоро бори сақит кардани оину мазҳаби бегона ва иҷборӣ овардани ғосибони араб ин нуктаҳои дардолу дро муаррихи воқеъбин ва ҳақиқатгӯи қарни Х Муҳаммад Нархашӣ дар шоҳасари таърихии «Таърихи Бухоро» нигоштааст, ки Қутайба ибни Муслим (лашкаркаши ғосиби араб) аҳли Бухороро фармуд, то як нима хонаҳои хешро ба араб диҳанд, то араб бо эшон бошанд. Гӯяндаи таърихи тоҷикон Б.Ғафуров ба муқобили хилофати араб бархостани алангаи фурӯзону ошӯбҳои паёпай ва шиддатпазири халқиро, ки намояндагони барҷаста- Абумуслим, Сумбоди Муғ, Муқаннаъ буданд, бо бурҳонҳои мӯътамаду раднопазир нишон дода, роҷеъ ба аҳамияти бузурги таърихӣ доштани ин ошӯбҳо ва тазоҳуротҳои сиёсии зидди истисморгаронро чунин натиҷагирӣ мекунад: Ингуна шӯришҳо, махсусан «Шӯриши Муқаннаъ дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна аҳамияти бузургеро дарбар кардааст. Ҳарчанд шӯришҳои халқӣ шикаст мехурданд, вале фаъолияти оммаи заҳматкашро инкишоф дода, рӯҳи асоратнописандӣ ва озодидӯстии халқҳои Осиёи Миёнаро тарбия менамуданд ва як дараҷа дасти истисморгарони феодалии нав ба рӯи кор омадаистодаи маҳаллиро кӯтоҳ мекарданд»[1,372].

Бобоҷон Ғафуров дар натиҷаи хурӯҷҳои сертавону пурзӯри мардумӣ аз появу бун суст шудан ва ниҳоят решакан гардидани хилофати араб ва дар Осиёи Марказӣ ба маънии томашон бунёди ҳокимиятҳои миллии тоҷикон-тоҳириҳо, саффориҳо ва сомониёнро равшану муассир ва нақшпазир тасвир мекунад. Дар қарни Х-хотирнишин мекунад муаллиф, бо ташаккул таҷаммул пазируфтани давлати миллии тоҷикон - Сомониён раванди муташаккилӣ вав ташкилёбии халқи тоҷик ба поён мерасад.

Ӯ роҷеъ ба сохти давлатдории Сомониён, маъмурият, хоҷагидорӣ, та- маддуни моддӣ ва муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии им давр саҳифаҳои ибратомӯзи зиёдеро бахшида бар маблои маъхазҳои мӯътамад бисёр паҳлӯҳои торику сояравшани ин замонро равшан кардааст. Замони Сомониён аз нигоҳи муҳаққиқ дар таърихи куҳанумри тоҷикон мавқеи хосса касб карда, замони нашъунамои боавҷу сақфпаймои тамаддуни оламшумул ва таҳаввулоти аршнаварди улуми ақливу нақлӣ муаррифӣ шудааст. Маҳз дар ҳамин давраи зҳёи зарандуду забарҷад тамоми соҳаҳои моддиву маънавии қавми тоҷик, аз ҷумла: зироат, саноати филизгудозӣ, истеҳсоли шишаву чинӣ ва дигар анвои тавлидотии косибӣ, баққолӣ, меъморӣ, туҷҷорӣ ба дараҷаи муртафеъи инкишофи хеш расида буд. Илм ва адаб дар замони Сомониён рушду такомули вусъатпазир па шигифтангезе ёфт. Оли Сомон ба саҳнаи олами тамаддуни умумибашарӣ маҳз дар ҳамин айём чандин тан ба симоҳои камназири илму адаб ва ҳунару фарҳанг, аз зумраи Мухаммад Закариёи Розӣ, Муҳаммад Мусои Хоразмӣ, Берунӣ, Балъами, Дакикӣ, Шахиди Балхӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Фороби, Пури Синоро додааст, ки бо офаридаҳои халлоқонаву башардӯстона ва баландғояшон хазинаи тамаддуин башариро ғанӣ ва рангоранг кардаанд.

Аз дидгоҳи Б.Ғафуров раванди таърихию фарҳангӣ низ бо як назари муҳаққиқона ба қалим омада, пайдост, ки баъд аз суқути шукӯҳи “давлати навққисаву навхостаи Сомониён (таъбири Лоиқ) ба дасти сулолаҳои мухталифи ҷоҳу ҷалолталаби турко ни ҳукқабоз мегузарад. Дар китоб саҳифаҳои муҷаллоро метавон дарёфт кард, ки аз саҳнаҳои хунин ва сангарҳои доғи муборизаи шадид ва набардҳои сарбадорона ва ҷонбаркафонаи ба муқобили таҷовузу ҳамлаҳои гургонаи муғулони ишғолгари бодиянишин бурдаи халқҳои машаққатдидаву ситамдидаи Осиёи Вусто бо ҳарорати ҷӯшанда ба қалам медиҳад. Дар бахшҳои охирини “Тоҷикон” халқи тоҷикро дар қаламрави салтанати темуриён ва ҷонидиён нишон дода, вазъи илму адаб ва ҳунару фарҳанги гӯёву сарнавиштсозу фароофарин доштаи онро, ки заррин-кутуби он бо сугвориҳои сакфи гардуншикофи Бозор Собир “Саргузашти мардуми печидафарёди ман ва сӯхтаносӯхта мероси аҷдоди мананд” дар ин давраҳо равшану возеҳ, пажӯҳишу тасвиркорӣ шудаанд. Китоб қимати тавсифнопазири волоқадронаву беқиёсу андознопазири илмию адабӣ, фарҳангӣ ва сиёсиву иҷтимоӣ дошта, дар пояи падидаҳои тозатарини ковишҳои бостоншиносӣ, забоншиносӣ, сиккашиносӣ, мабдаъҳои мардумшиносӣ ва таҳқиқоти пажӯҳишгарони шӯравӣ таҳти таълимоти воқеъабинонаи рушду инкишофи ҷамъият иншо шудааст. Дар он асноду мадорики ҷадидтарину саҳеҳ, босуботи пайдоиш ва рушду камолоти зеҳниву маънавии халқи тоҷику мардумони Осиёи Марказӣ гардида, мурассаъкоронаву тарҳрезӣ шудаанд.

"Тоҷикон”-и Б.Ғафуров воқеан оинаи тамаддуни тоҷикон буда, бо таъбири Ҳаким Фирдавсӣ, ки гуфтааст:

“Гар эдун, ки бар ман насозед бад,
Кунед он чӣ з-озодмардӣ бувад”- аст.

Адабиёт

1.Бобоҷон Ғафуров. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва даврои нав. Душанбе. «Нашриёти муосир», 2020, 975с.

«ТАДЖИКИ» Б.ГАФУРОВА В ЗЕРКАЛЕ ТАДЖИКСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ

Сайфуллаев Н.

В предлагаемой статье автор предпринимает попытку осветить решающую роль и историческое значение фундаментальной книги выдающего ученого историка Б.Гафурова «Таджики», которая безусловно может служить важнейшим фактором для совершенствования национального самопознания и укрепления самосознания таджикского народа. Автор, опираясь на указанный труд в качестве источника, рассматривает исторические закономерности и этапы становления, функционирования и развития культуры и цивилизации таджикского народа с древнейших времен до настоящего времени. Вместе с тем показывается роль и место книги «Таджики» Б.Гафурова в этом процессе.

Ключевые слова: *Б.Гафуров, «Таджики», Центральная Азия, таджикский народ, рабовладельческие и феодальные отношения, национальное самосознание, государство Сасанидов, государство Саманидов, народные восстания, арабские и монгольские завоеватели.*

“TAJIKS” BY B. GAFUROV IN THE MIRROR OF TAJIK CIVILIZATION

Saifullaev N.

In this article, the author undertakes an attempt to highlight the decisive role and historical significance of the fundamental book of the outstanding scholar historian Babajan Gafurov “Tajiks”, which can certainly serve as the most important factor for improving national self-knowledge and strengthening the self-awareness of the Tajik people. The author, relying on this manuscript as a main source, examines the historical patterns and stages of the formation, functioning and development of the culture and civilization of the Tajik people from ancient times to the present. Also, the author demonstrates the role and place of the book “Tajiks” by B. Gafurov in the mentioned processes.

Key words: *B.Gafurov, Central Asia, Tajik people, slavery and feudal social relations, national self-awareness, Sassanid state, Samanid state, people riots, Arab and Mongol invasions.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ВА МАСОИЛИ ҲИФЗИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

С. Ҷононов – д.и.ф, профессори кафедраи ҷомеашиносии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
E-mail: saydamir@mail.ru j
Тел.: 904245500

Дар мақолаи мазкур яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти қавму миллатҳои замони муосир – ҳифзи худшиносии миллии онҳо аз пайомадҳои имконпазири раванди ҷаҳонишавӣ, махсусан, қувват гирифтани нуфузи ҷомеаи иттилоотӣ, ки оламро ба як “деҳи калон” табдил додаст, баррасӣ гардидааст.

Аз ҷумла таъкид шудааст, ки ҷомеаи иттилоотӣ наметавонад хуб ё бад бошад. Оқибатҳои хуб ё бад ба бор оварданаш аз он вобаста аст, ки элитаи сиёсии мамолики дунё, аз ҷумла Тоҷикистон то кадом андоза аз имконияту захираҳои ин тамоил самаранок истифода бурда метавонад. Кӯшишҳои канораҷӯӣ кардан аз ин тамоил ва ё нодида гирифтани он маънои ба мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангӣ мувоҷеҳ кардани миллатро дорад.

Дар партави тағйиротҳои сайёравии мафҳумҳои анъанавии “давлатдории миллӣ”, “сарҳади миллӣ”, “истиқлолияти миллӣ”, “сиёсати дохилию хориҷӣ” ва “анъанаю фарҳанги миллӣ”, ки ҷаҳвари худшиносии миллиро ташкил медиҳад, зикр карда мешавад, ки ягона роҳи халосӣ ин на пинҳон шудан дар “пероҳани танги миллӣ”, балки фаъолона ворид шудан ба ин маҷро ва ба ҳамин васила дастраси ҷаҳониён гардонидани арзишҳои миллии худ мебошад.

Вобаста ба ҳамин нукта дар мақола як қатор саволҳои рӯзмарра ва ҳамзамон ҳалталаб, аз қабили “Давлат то кадом андоза қобилияти назорат кардани иттилоотро дорад?”, “Оё ҷомеаи иттилоотӣ давлатҳои миллиро иваз карда метавонад?”, “Кадоманд роҳҳои таъмини дурусти хостаҳои ҷомеаи иттилоотӣ ва худшиносии миллӣ?”, “Роҳҳои таъмини бақои арзишҳои миллӣ кадоманд?” ва ғайра ба миён гузошта шуда, зимни омӯзиш ва таҳлили ҳар яке аз онҳо тавсияҳои дахлдори назариявию амалӣ пешниҳод карда гардидааст.

Калидвожаҳо: ҷаҳонишавӣ, ҷомеаи иттиллоотӣ, худшиносии миллӣ, ҳувияти миллӣ, давлатдории миллӣ, арзишҳои миллӣ, нахустин давлатҳои ҷаҳонӣ, иттилоот, технологияҳои коммуникативию иттилоотӣ, фарҳанги иттиллоотӣ, сомонаҳои интернетӣ, мавҷи тамаддунҳои кишоварзӣ, саноатӣ ва пасосаноатӣ.

Имрӯз инсоният, махсусан қавму миллатҳои гуногун марҳилаи басо мураккаб ва печидаеро пушти сар карда истодааст, ки ба масъалаи ҳифзи давлатдорию асолати миллӣ ва арзишҳои неки суннатӣ алоқаманд мебошанд.

Аз як сӯ, қувват гирифтани тамоили ҷаҳонишавӣ ва аз дигар сӯ, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, ки ҷаҳонро “ба як деҳи калон” табдил додаанд, мамолики дунёро водор месозад, ки на фақат дар бораи таҳдидҳои муосири берунӣ, балки хатарҳои дохилӣ низ андеша намоянд.

Ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ, бозори ягонаи молу хизматрасонӣ, ба селаҳои асъори ҷаҳонӣ фаро гирифта шудани иқтисодиёти кишварҳо ва қабули санаду уҳдадориҳо ва тартиботи ягона заминаҳои асосие мебошанд, ки раванди ба гирдоби ин ду тамоил кашида шудани онҳоро зиёд мекунад.

Дар партави ин тағйиротҳои сайёравӣ моҳияти мафҳумҳои анъанавии “давлатдории миллӣ”, “сарҳади миллӣ”, “истиқлолияти миллӣ”, “сиёсати дохилию хориҷӣ” ва “анъанаю фарҳангҳои миллӣ” то андозае тағйир ёфта, дастнигарии давлатҳои миллиро аз субъектҳои бозори сиёсию иқтисодӣ ва “нахустин давлатҳои ҷаҳонӣ” пурзӯр менамоянд. Ҳол он ки маҳз ҳамин арзишҳо ҷавҳари ҳастию бақои миллатро ташкил медиҳанд. Пас метавон гуфт, ки дар сурати наандешидани чораҳои зарурӣ

тамоилҳои ҷаҳонишавӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ пеш аз ҳама барои истиқлолияти давлатӣ, арзишҳои миллӣ ва худшиносию ҳувияти миллатҳо пайомадҳои ногувор ба бор оварда метавонад.

Дигар хел шуданаш ҳам амри муҳол аст. Зеро ки ҳадафи ниҳоии тамоили ҷаҳонишавӣ ин баробар кардани сатҳи тараққиёти кишварҳои олам дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва билохир дар ҳамин поя яксон кардани онҳо мебошад. Пӯшида нест, ки монеаи асосӣ дар роҳи пиёда кардани ин ҳадафҳо давлатҳои миллӣ, махсусан, фарҳанг, забон, худшиносию ҳувияти миллӣ ва расму русуми онҳо мебошад. Чунки маҳз ҳамин арзишҳо меъёрҳои калидии ташаккули худшиносӣ ва “Ман”- ро аз “Вай” фарқ кардани ин ва ё он миллат аст.

Имрӯз дар баробари ҷаҳонишавӣ ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ низ ба раванди фароҷаҳонӣ ва бебозгашт табдил ёфтааст. Сабаб ҳамин аст, ки ягон давлати миллӣ аз васеъшавии майдони иттилоотӣ канорачӯи карда наметавонад. Нодида гирифтани ин тамоил маънои ба мушкилиҳо мувоҷеҳ кардани рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии мамлакатро дорад. Аз ин рӯ, қисми зиёди сиёсатмадорони кишварҳои ҷаҳон на роҳҳои гурехтан ва ё дар “пироҳани миллӣ” пинҳон шуданро аз таъсири ин тамоилҳо, балки бо талаботи ин ду тамоил мутобиқ кардани арзишҳои миллиро ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам берун аз он ҷустуҷӯ менамоянд.

Дар ҳошияи ин падидаҳои нав як қатор саволҳо, аз ҷумла дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ давлат то кадом андоза қобилияти назорат кардани иттилоотро дорад? Оё ҷомеаи иттилоотӣ давлатҳои миллиро иваз карда метавонад? Худишиносӣ ва ҳувияти миллиро чӣ гуна пайомадҳо интизоранд? Роҳҳои таъмини бақои онҳо кадоманд?, аҳамияти хоссаи назариявию амалӣ пайдо намудаанд.

The article examines the essence of intercultural philosophy on the basis of an analysis of the reasoning of Boteva-Richter B. and expresses the idea that the essence and content of this philosophy still gives rise to contradictory. The author of the article, while recognizing the obvious merits of intercultural philosophy and the goals and values it proclaims, at the same time expresses some doubts about their successful implementation.

Key words*: philosophy, method, methodlogy, intercultural philosophy, philosophical traditions, thinking, rationalism, culture, metamorphosis.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФИИ БАЪЗЕ АЗ ИДЕЯҲОИ МАОРИФПАРВАРОНИ ТОҶИК ДАР БОРАИ НИЗОМИ ҶОМЕАДОРИИ АМОРАТИ БУХОРО ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН

Самиев Бобо Ҷураевич – д.и.ф., профессор, мудири Шуъбаи фалсафаи фарҳанги Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ,
E-mail: samiev.veshab@mail. ru;
Тел.: (+992) 918670143

Истилоҳи маорифпарварӣ аз решаи калимаи маориф, дар шакли ҷамъ маърифат таркиб ёфта, маъноияш илму дониш, шинохтан, донистан, фаҳмидан ва бинишро дорад. Дар таърихи афкори фалсафии мардуми тоҷик як равияи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб меравад, ки дар доираи он идеяҳои маорифпарварон нақши хоссаи худро дар рушд ва таҳаввули низоми ҷомеадории марҳилаҳои баъдӣ, хусусан, давлатдории миллӣ гузоштанд.

Муаллиф дар мақолаи мазкур, дар асоси сарчашмаҳои илмӣ, хусусан осори таълифкардаи маорифпарварони тоҷик ҳафт идеяи созандаи онҳоро, ки дар пешрафти ҷомеа ва дурнамои рушди он нақши калидӣ мебозанд ва бе татбиқ ва ё амалигардонии онҳо соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба пешрафт нойил шуда наметавонанд, мавриди баррасию таҳлил қарор медиҳад.

Калидвожаҳо: *инсон, ҷомеа, илм, маориф, маорифпаварӣ, ислоҳталабӣ, анъана, навоварӣ, пешрафт, таназзул, тандурустӣ, адолати иҷтимоӣ, афкори иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоӣ,тағйиротҳои иҷтимоӣ, фарҳанги шаҳрдорӣ, фарҳанги иқтисодӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, системаи обёрикунӣ, боғариҳои табиӣ ва ғайра.*

И.Кант, файласуфи олмонӣ аз зумраи аввалин мутафаккиронест, ки ба шарҳи мафҳуми маорифпарварӣ ё рӯшанбинӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, ба он таърифи илмӣ медиҳад. Аз нигоҳи донишманд «Рӯшанбинӣ ин берун шудани инсон аз ҳолати ноболиғӣ, ки дар он вазъ ӯ бо гуноҳи худ қарор дорад, мебошад. Ноболиғӣ - ин бе кӯмаки дигарон истифода бурда натавонистани ақл аст. Ноболиғӣ бо гуноҳи худ ин чунин иллате аст, ки фарогири норасогиҳои хирад не, балки истифода бурда натавонистани он бе ёрии дигарон мебошад…».[11;27]

Аз ин таъриф бармеояд, ки ба андешаи Кант ноболиғӣ ин давраи аз ҷониби кӯдак истифода бурда натавонистани неруи ақл дар шинохти моҳияти ашё ва зуҳуроти олам, баррасӣ ва ҳалли мушкилаҳо бе кӯмаки дигарон мебошад. Акси ҳол вақте кӯдак ба моҳияти ашёву зуҳурот сарфаҳм меравад, онҳоро мешиносад, ноқисиҳоро ошкор карда, ақлонӣ аз пайи ислоҳи онҳо мешавад, давраи рӯшанбиниаш оғоз мегардад. Бе шакку тардид метавонад озодӣ ва ҳуқуқҳояшро ҳимоя карда, дар ҷомеа мавқеи иҷтимоиашро муайян намояд.

Донишманди эронӣ Муҳаммад Тақии Ҷаъфарӣ бошад, мазмун ва моҳияти мафҳуми рӯшанбинӣ (маорифпарварӣ)-ро нисбат ба Кант возеҳтар ва фаҳмотар шарҳу тавзеҳ дода, менависад ки: «Мафҳуми «рӯшанбинӣ» ё худ «рӯшанфикрӣ» ин фаҳмиши луғавии равшании физикӣ нест, балки мақсади он дарк намудан ва фаҳмидани воқеият бе ягон монеа, тарс, таассуб, бе гузашт кардан аз анъанаҳои классикӣ мебошад». [16;176] Аз ин дидгоҳ бардошт карда мешавад, ки дарк ва шинохти воқеият аз ҷониби инсон бояд бе пардагирӣ аз олудагиҳои хурофотӣ ва ҳамагуна таассубу фишорҳо сурат анҷомад. Дар «Луғати энсиклопедии фалсафӣ» мазмунан мафҳуми маорифпарварӣ ҳамчун идеологияи сиёсӣ, фалсафӣ ва фарҳангии давраи таназзули феодализм ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои сармоядорӣ шарҳу тавзеҳ дода мешавад. [12;540]

Ҳамин тавр, агар ба давраи пайдоиш ва таҳаввули ин равия ба сарчашмаҳои илмӣ, асарҳои гуногуни таҳқиқотӣ такя намоем, иттилои дақиқ ва саҳеҳе ба даст оварда метавонем, ки маорифпарварӣ дар Аврупо, хусусан дар Англия, дар асри XVII ҳамчун равияи фарҳангӣ-фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ пайдо шуд. Дар Россия ин ҷараён охирҳои асри XVIII ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ - нимаи дуюми асри XIX пайдо шуд, ки бо сарчашмаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таърихии пайдоиш, тамоилгирии барномаи амал, аз афкори маорифпарварии Аврупо ва Россия фарқ мекард. Зеро, маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ ба монанди кишварҳои Аврупо на фақат хусусияти зиддифеодалӣ, зиддиархаистӣ, балки тамоили зиддимустамликавиро низ дошт.

Ҳамин тавр, аз ҷанбаи этимологӣ ва ё мантиқӣ истилоҳи маорифпарварӣ аз решаи калимаи маориф, дар шакли ҷамъ маърифат таркиб ёфта, маънояш илму дониш, шинохтан, донистан, фаҳмидан ва бинишро дорад. Новобаста аз он, ки дар тӯли се даҳсолаи аввали асри XX дар Осиёи Марказӣ ба ҷойи истилоҳи маорифпарварӣ мафҳумҳои «тараққипарвар», «тараққихоҳ», «ислоҳотталаб», «ҷадид», «соҳибфикр», «мунаввар-ал-фикр», «рӯшанкалла», «рӯшанфикр», «танвири афкор» ва ғайра кор фармуда мешуд, ҳамагӣ мазмуни маорифпарварӣ, рӯшанбиниро ифода медоштанд. Танҳо Садриддин Айнӣ аз байни донишмандони давр дар асарҳои худ мафҳуми «маорифпарварӣ» - ро мавриди истифода қарор додааст.

Воқеан, маорифпарварӣ, аз тарафи аввал, тарзи тафаккур, ҷаҳонбинии нав, равияи хос дар афкори иҷтимоӣ – фалсафӣ мебошад, ки дар фарҳанги ҷамъият зуҳур карда, ҳамчун идеология дар мубориза бар зидди муносибатҳои архаистӣ, сохти феодалӣ, мустамликавӣ баромад мекунад. Бинобар ин, маорифпарвар он мунавварфикре маҳсуб меёфт, ки дар осору амалиёти вай вазъи умумии ҷамъият дар шакли таҳлили илмӣ, фалсафӣ баррасӣ ва тарҳрезӣ мегашт. Аз тарафи дигар, «маорифпарварӣ - тарғибкунанда ва паҳнкунандаи илму дониш, арзишҳои фарҳангӣ дар байни мардум ва маърифатнок кардани омма мебошад». [4;10-11]

Аз таърифҳо бармеояд, ки маорифпарварӣ ин равияи маърифатӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ буда, ба муқобили идеологияи ҳукмрони давр баромад карда, ҳадафаш таблиғ, паҳнкунии андешаҳои навҷӯёна ва афкори пешқадамона мебошад. Кӯшишаш тағйир додани ҷомеа бо воситаи ғояҳои сиёсӣ, маърифатӣ, шабеҳ ба озодӣ, баробарӣ, ҳамдилӣ, ягонагӣ, риояи адолати иҷтимоӣ, рушди илму маориф, арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ мебошад. Аммо равияе, ки дар он давра бар зидди барномарезӣ ва ҳадафҳои маорифпарварӣ баромад менамуд, онро абскурантизм меномиданд. Абскурантизм (мракобесия) - аз калимаи лотинии obscurans - гирифта шуда, маънояш муносибати хусуматомезона, душманона доштан ба маориф, илм ва пешрафт фаҳмида мешуд. Мақсади асосии абскурантизм муқобил баромадан ба тарғиби илму дониш ва фарҳанги замонавӣ буд.

Ниҳоят, аз омӯзиш ва таҳқиқи афкори иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии мардумони Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми асри XIX маълум мегардад Аҳмади Дониш бунёдгузор ё саромади равияи маорифпарварӣ дар ин минтақа аст. Пайравон ва ҳаммаслакони Аҳмади Дониш - Шамсиддин Шоҳин, Возеҳ, Ҳайрат, Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким ба ҳисоб мерафтанд. Минбаъд идеяҳои пешқадамонаи онҳо аз ҷониби насли дуюми маорифпарварӣ: Садриддин Айнӣ, А.Мунзим ва дигарон мавриди татбиқ қарор мегиранд.

Бояд қайд кард, ки ҳадафи асосии маорифпарварони тоҷик ин табдил додани аморати Бухоро ба давлати пешрафта, ки аҳолии он тавонанд ба мисли аҳолии дигар кишварҳои рушдкарда тамоми ниёзҳои худро бароварда карда, инсонвор ҳаёт бубинанд, ба ҳисоб мерафт, зеро муваффақ шудан ба ин ҳадафҳо бе ягон асосии воқеӣ муяссар намегардид. Бинобар ин, онҳо барои нойил шудан ба ҳадафҳои худ, рӯшан дидани дурнамои рушди аморати Бухоро тавсияву идеяҳои созандаро ба масъулин ва маъмурини ниҳодҳои давлатии аморати Бухоро манзур медоранд.

Ин нуктаҳоро зарур мешуморем дар чанд банд таҳлилу баррасӣ намоем:

- аввалан, маорифпарварони тоҷик асоси рушди ҷомеаро дар таъмини идеяи адолат, риоя доштани рукнҳои баробарии иҷтимоӣ, тартиби дурусти ҷо ба ҷо гузории кадрҳо дар вазифаҳои гуногуни идораи давлатӣ муҳим арзёбӣ мекарданд. Чунки мувофиқ ба маълумоти Аҳмади Дониш аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX кишвари дӯрдаст ва қафомонда аз тамаддуни ҷаҳонӣ ва ба зикри олими тоҷик Ш.Абдуллоев "Нодиртарин гӯшаи мамлакати исломӣ буд, ки дар он зулмоти саросарӣ парда афканда буд. Ҳатто дар тамоми кишварҳои зери мустамликаи Шарқ кишваре ба ин ақибмондагӣ, зулматсаройе, то ин дараҷа бехабар аз оламу одамро пайдо кардан мушкил буд". [1;59]

Ба кишвари қафомонда, гӯшаи торик табдил ёфтани аморати Бухоро иллатҳои худро дошт. Аз ҷумла, дар арсаи салтанати хонадони манғития амирон дар иҷрои умури давлатӣ принсипи адолати иҷтимоиро риоя намедоштанд, қонунҳои худро амали шаръӣ ҳисобида, мувофиқ ба он низоми идоракуниро роҳандозӣ мекарданд. Ин шеваи давлатдорӣ ва зулму ситами беҳад ба он боис мегардид, ки аҳли сипоҳу уламо ва оммаи меҳнаткаш амалу рафтори маъмуринро дуруст шуморида, маҷоли бозпурсии мушкилоти худро надоштанд. Махсусан, ин вазъро Аҳмади Дониш ошкоро ва бепарда ифшо дошта, навишта буд, ки “дар давраи салтанати хонадони манғития касеро на аз сипоҳ ва на аз уламо маҷоли он набуд, ки ҳақиқати шаръиро ба подшоҳ арза дорад. Подшоҳ ҳар чизеро, ки хоҳиши табъи худ раво бинад, онро ба замъи худ шариат дониста, беибо амал менамуд, он чиро ки хилофи хохиши худ медид, онро хилофн шариат медид... ва ҳар касе, ки мухолифи қонуни ӯ барояд, ҳатман ҷиноятеро ба сараш бор карда, ба ин восита молу чизашро мусодира мекард..." ва ғайра.[5;16-20]

- дуюм, афкори ислоҳоти иҷтимоӣ-маорифпарварии Аҳмади Дониш ва ҳаммаслакони ӯ мазмунан ва моҳиятан дунявӣ аст. Аз ин рӯ, дар таълимоти онҳо идеяи тарғиби илму дониш, касбазхудкунӣ аз мавзуҳои муҳим ба ҳисоб меравад, ки бе рушди ин соҳаҳо пешрафти ҷомеаро умед бастан нашояд. Ба ин мақсад, онҳо дар осори худ низоми архаистии раванди таълиму тарбияро дар мадрасаву муассисаҳои таълимии аморати Бухор, ки ба ҷуз илмҳои динӣ, омӯхтани илмҳои дунявиро иҷозат намедоданд, мавриди танқид қарор медиҳанд. Барои муваффақ гаштан ба ин ҳадафи худ ба масъулини дастгоҳи ҳукуматӣ тавсия медиҳанд, ки ҷомеа ҳамон вақт рушд карда, сатҳу сифати зиндагии мардум баланд мегардад, ки агар дар низоми таълиму тарбияи мадрасаву муассисаҳои таълимии аморати Бухоро ислоҳоти ҷиддӣ ворид карда шуда, дар баробари илмҳои динӣ, омӯзиши илмҳои замонавӣ ба роҳ монда шавад. Чунки талаботи ҷомеаи инсонист, ки мардум аз арзишҳо, дастовардҳои илмиву техникии ҷадид воқиф шуда, худро ҳамқадами замон гардонанд. Масалан, Возеҳ - ҳамаср ва ҳамназари Аҳмади Дониш худ аз овони ҷавонӣ ба ҷуз омӯзиши илмҳои динӣ шавқу рағбати зиёде ба омӯзиши илмҳои дунявӣ дошт ва ҳангоми фориғ аз мадраса, мустақилона ба омӯзиши онҳо машғул мешуд. Бавижа, шавқи ӯ ба азхудкунии илмҳои тибб, шеър, нуҷум, таърих ва ғайра зиёд буд. Аз ин рӯ, таблиғ мекард, ки рушди ҷомеа бевосита аз таълими илмҳои дунявӣ ва ашхоси соҳибкасб ва ҳунарманд вобастагии зич дорад.

Ҳайрат дар зери таъсири ақидаҳои Аҳмади Дониш уламои мансабхоҳу ҳисрчӯро маншаи ташаккули хурофот ва таассуб, эҷодкунандаи монеа ҷиҳати рушд наёфтани соҳаҳои тақдирсози ҷомеаи феодалии аморати Бухоро ҳисобида, ислоҳоти ҷиддии соҳаи мариф, омӯзиши илмҳои дунявӣ, истифода бурдани арзишҳои фарҳангӣ ва технологияи кишварҳои пешрафтаро омили асосии пешрафти ҷомеаи Бухоро, пешгирӣ аз вусъатёбии идеологияи ифротӣ мешуморад. Дар ин замина мардумро барои бо маданияти пешрафтаи рус такя кардан, даъват менамояд.

Ба андешаи Сиддиқии Аҷзӣ омӯзиши сарфу наҳв дар мадориси Бухоро ба ахлоқи толибилмон як омили манфиро парвариш медод. Аз ҷумла, онҳо аз сабақҳои мударис ягон саводи зарурие намегирифтанд ва маҷбур мешуданд, ки бештари вақти худро ба бекорию оворагардӣ гузаронанд.

Бекорию оворагардӣ дар ниҳояти кор ба он оварда расонид, ки бачагон ба майнӯшиву даст задан ба амалҳои номатлуб, аз ҷумла дуздӣ, фиребгариву найрангбозӣ машғул шаванд.

Мирзо Сироҷи Ҳаким илму ҳунар ва касбу пешаро асоси рушди ҷомеа меҳисобад. Аз ин рӯ, барои Бухороро ба маркази бузурги фарҳангӣ, асри тиллоии худ расонидан ба мардум тавсия медиҳад, ки фарзандонро ба омӯзиши илмҳои муосир ва интихоби касбу ҳунар сафарбар намоянд. Зеро, таълими дуруст, таълими пайваста, омӯзиши забонҳо, мутолиаи доимии рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, шиносоӣ бо арзишҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои пешрафта биниши кӯдаконро аз давраи хурдсолӣ такмил медиҳад, ҷаҳонбиниашонро васеъ мегардонад. Махсусан, таъкиди мудаввоми маорифпарвар дар хусуси он ки «Дар мактабҳо ҳама фанҳо: тоҷикӣ, рассомӣ, русӣ, арабӣ, арифметика ва ҷуғрофия бояд аз ҷониби мутахассисон омӯзонида шаванд, муаллим бояд мавзуи худро донад» [13] аз идеяи дурбинона ва инсонсози Мирзо Сироҷ ба ҳисоб мерафт, ки имрӯз низ дар раванди таълиму тарбия аз масъалаҳои ҳалпазири муассисаҳои таҳсилотӣ (новобаста аз зинаи таҳсилот – Б.Самиев) ба ҳисоб меравад.

Бар замми ин тавсияҳо Мирзо Сироҷ аз худ кардан ва донистани забонҳои хориҷиро барои рушди тиҷорату саноат муҳим меҳисобад. Зеро бо таъкиди ӯ бе надонистани забонҳо, тиҷорат ва саноат мо ба ҳеҷ вақҳ рушд карда наметавонанд. Имрӯз низ ин тавсия аҳамияти худро дар ҷомеаи муосир аз даст надода, аз рӯзмарра будани худ гувоҳӣ медиҳад. Чунки забон воситаи асосии муаррифии арзишҳои миллатҳо дар сатҳи байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсии кишварҳо низ аз мутахассисони забондону соҳибкасб вобастагии амиқ дорад.

- сеюм, ташаккул додани фарҳанги шаҳрдорӣ, риояи кардани меъёрҳои ахлоқӣ ва дар ин замина арҷ гузоштан ба арзишҳои фарҳангӣ, ҳунарҳои мардумӣ, пешгирӣ кардани мардум аз фарҳанги бегонапарастӣ аз идеяҳои дигари маорифпарварон ба шумор мерафт, ки ҳусни шаҳр ва сирати мардуми онро барои сайёҳон ва мусофирони ба кишвар ташрифоварда аён ҷилвагар менамуд. Дар ин маврид Аҳмади Дониш барҳақ қайд мекунад, ки мардуми шаҳр бояд, ки ҳалим, саховатманд бошанд. Ва он мусофироне, ки бо ҳар гуна сабабҳо вориди кишвар мегарданд, бояд ки хуш қабул карда шуда, аз шаҳр норозӣ нараванд. Акси ҳол, агар мардуми шаҳр ҳирсҷӯ ва сахӣ набошанд дар он сурат мусофирон кам ба ин шаҳр оянд, ки дар натиҷа ба гумномӣ ва харобии он оварда расонанд. [7;130-131]

Сиддиқии Аҷзӣ низ дар асари дигари худ “Анҷумани арвоҳ” баъди дидан кардан аз кӯчаҳои сангфарш, мадраса, осорхона, боғи ҳайвонот ва театрҳои шаҳри Қоҳира кӯчаҳои лойӣ, биноҳои фарсудаи мадрасаҳо, ифлосию ғализии ҳавои шаҳри Бухороро пеши назар оварда, дар анҷумани арвоҳҳо афтодани худро тасвир менамояд. Барояш, рӯҳи амир Музаффар ҳамчун предмети баёни фикр истифода мешавад. Зеро иллати асосии паст гаштани иқтисодиёти кишвар, ба гӯшаи торик табдил ёфтани Бухороро ӯ аз назму насақи давлатдории амир Музаффар мебинад.

Дар баробари тасвир намудани зебогиҳои театрҳои кишварҳои аврупоӣ маорифпарвар иловатан андешаҳои худро дар як нуктаи муҳим чунин ҷамъбаст менамояд, ки тамошои як спектакл ё будан дар намоиши театрӣ ба инсон баробари хондани як асари бадеӣ аст. Дигар ин ки ӯ барои такмил додани фарҳанги зебоипарастии мардуми Бухоро қайд мекунад, ки ҳангоми ба театр рафтан шахс бояд либосҳои махсус ба бар кунад, суратан ва сиратан худро зебо, хушнамо ороста дорад. Инчунин, ӯ бо як ҳасрат орзӯ мекунад, ки дар ватанаш - аморати Бухоро низ бояд китобхонаҳо ва театрҳо кушода шаванд, ки он ба ташаккули инсонҳо ва рушди ҷомеа ва ташаккули фарҳанги шаҳрдорӣ оварда расонад. Ё худ ба ақидаи Мирзо Сироҷ осорхона таърихи зиндаи ҳар як халқ буда, он ёддошти таърихии ҳар як шаҳр барои наслҳои оянда мебошад ва ғайра. Ин тавсияҳои Мирзо Сироҷ ҳарчанд дар Бухорои амирӣ мавриди татбиқ қарор нагирифтанд, вале дар Тоҷикистони соҳибистиқлол татбиқи худро ёфтанд. Бунёди китобхонаи миллии бо

ҳамаи таҷҳизот, воситаҳои технологӣ ва маводи интишорёфта ҷиҳозонидашуда, бунёди китобхонаҳо дар маркази шаҳраку деҳоти кишвар, театру кохҳои фарҳангӣ, осорхонаи замонавӣ ва ғайра мисолҳои равшанест нисбат ба андешаҳои фавқуззикр. Агар Мирзо Сироҷ зинда мебуд, изҳори лутфу меҳрубонӣ, болидахотирӣ менамуд, ки ҳамзабононаш ба чунин дастовардҳои назаррас ноил гардида, барои ҷаҳониён мардуми тамаддунофар будани худро бори дигар исбот намуданд.

- чаҳорум, рушди соҳаи тибб, ки солимии мардумро ҳифз мекунад ва соҳаи афзалиятноки ҷомеа ҳисоб кардани он аз ғояҳое дигаре мебошад, ки маориф-парварони тоҷик дар низоми давлатдории амирӣ аз масъалаҳои ҳалталаб ва муҳим мешумориданд. Махсусан, Аҳмади Дониш дар ин маврид тавсия дода буд, ки дар кишвар бояд масъулини сохторҳои давлатӣ ба соҳаи тиб таваҷҷуҳи хосса диҳанд. Чунки “дар шаҳре, ки табибони донишманд набошанд. мардуми бисёр аз аворизи дохилӣ ва хориҷӣ бемор шуда, ба ҳалокат расанд. Дар натиҷа ҷамъият парешон ва мардумони кишварҳои хориҷ аз сабаби бемориҳо ва марг ба ин шаҳр омаду рафт накунанд”.[7;130-131]

Мирзо Сироҷи Ҳаким, ки худ чӣ дар Бухоро ва чӣ дар шаҳри Сабзавори Эрон дар баробари машғул будан ба корҳои тиҷоратӣ ба табобат беморон низ машғул буд, касби табибиро соҳаи мубраме ҳисобида дар асараш “Туҳафи аҳли Бухоро” мақоми хосса доштанашро дар ҷомеа зикр медорад. Зеро табиб ҳимоятгар ва баркароркунандаи саломатии инсонҳо ва солим нигоҳдорандаи аҳли ҷомеа маҳсуб меёфт. Ё дар мавриди чашмаҳои маъданӣ ва шифобахши шаҳри Тиблис қайд менамояд: «Дар кӯҳистонҳои он ҷо обҳои чашма фаровон. Аксари онҳо дорои хавосси тиббӣ аст. Шурби онҳо ҳам гуворо, хусусан ҷиҳати суъиҳазм ва ҳуссоти куллия ва амрози масона ва кабад (ҷигар) манфиат дорад. Ва баъзе аз онҳо, ки қобили шурб намебошад, истиҳмоми онҳо ҷиҳати никрису амрози ҷилдӣ муфид аст».[15;30]

Ҳадафи Мирзо Сироҷ аз сафарҳои тӯлонӣ на танҳо дидан кардан аз дастоварду зебогиҳои шаҳру рустоҳо, осорхонаву китобхонаҳо, балки беморхонаҳо ва шаклҳои гуногуни табобати маризон буд, ки дар ташаккули касби табибии ӯ таъсири бориз гузошт ва ӯро ба яке аз табибони ҳозиқ ва пуртаҷриба тарбия кард.

- панҷум, рушди фарҳангӣ иқтисодӣ дар асоси татбиқи раванди саноатикунонии кишвар ба хотири ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, танзим намудани воридот ва содир кардани маҳсулоти ниёзи аввал, танзими бозор ва муносибатҳои бозорӣ, мушаххас кардани нархи маҳсулот ва назорати доимии онҳо ва ғайра мавзуи дигари меҳварии таълимоти маорифпарварон ба ҳисоб рафта, барои амалишавии он аз ҷониби онҳо идеяҳои тамоили пешқадамонадошта, созанда пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла, дар таълимоти иҷтимой-сиёсии Аҳмади Дониш ба аҳли туҷҷор (савдогарон) таваҷҷуҳи хосса дода шуда, ӯ туҷорро хазинаи давлат [7;164] меҳисобад. Қайд мекунад, ки дар ҳар як қарну давр ободии мулк ба онҳо вобастагӣ дорад. Зеро, онҳо на танҳо молҳои истеҳсолкардаи ватаниро ба хориҷӣ кишвар интиқол медиҳанд, балки ба кишвари худ маводи хӯрокаю пӯшока ва дигар маҳсулоти заруриро ворид карда, мулкро бо онҳо фаровон мегардонанд. Аз ин рӯ, ба хотири он ки ин соҳа раванди инкишофи худро дар мамлакат пайдо кунонида, баҳри ободии мулк ва ғанӣ гардонии хазинаи давлатӣ замина муҳайё кунонад маорифпарвар тавсия медиҳад, ки подшоҳ бояд аввалан, роҳи онҳоро аз дӯздону авбошон ва роҳзанон ҳифз намояд, сониян, бар онҳо раиси адл интихоб кунонад, то амволу анҷомашонро бо як нархи муайян пешкаши мардум гардонанд. [7;164]

Мирзо Сироҷ ҳамчун як маорифпарвари ҷаҳондидаю соҳибтаҷриба хуб медонист, ки рушди илму фарҳанг бештар ба рушди иқтисодиёти кишвар вобастагии зич дорад ва рушди иқтисодиёт бошад, аз сиёсати ҳоким муяссар мегардад. Бинобар ин, вай мехост, ки нахуст ислоҳот дар сиёсати давлатдорӣ, дар заминаи сиёсати давлатҳои рушдкарда сурат бигирад, то ин ки иқтисоди кишвар инкишоф ёфта, ба рушду нумуи илму фарҳанг роҳ кушояд. Мирзо Сироҷи Ҳаким ҳам масъалаи обёрӣ,

беҳтар намудани вазъи деҳа ва шаҳрҳо, бунёд намудани боғҳо, бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолиро аз масъалаҳои актуалии ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ медонад. [15;90]

Имрӯз саноатикунонии босуръати кишвар бо ҳидоятҳои Пешвои миллат ин идеяи оқилонаи маорифпарваронро татбиқ карда, метавонад Тоҷикистонро дар солҳои наздик ба кишвар пешрафта табдил дода, бо дигар давлатҳои муттараққӣ рақобатпазир гардонад.

- шашум, масъалаи обёрӣ ва кушодани каналҳои сунъӣ ва корезҳо дар ҳар як давру замон барои ҳар як давлат масъалаи муҳим ва асосӣ мебошад. Маорифпарварони тоҷик низ дар асарҳои худ ба ин масъала аҳамияти вижа медиҳанд. Хусусаан, бо таъкиди бевоситаи Аҳмади Дониш "Дар шаҳр бояд обҳои ҷорӣ, дарёву наҳрҳо ва чашмасорҳо мавҷуд бошанд. Агар шаҳре, ки чашмаву обҳои ҷорӣ ва дарёву наҳрҳо надорад, дар он киштукор сурат нагирад ва вайрону хароб бошад". [7;130-131]

Ин пешниҳоди Аҳмади Дониш аз ҷониби дигар маорифпарварон, аз ҷумла Возеҳ, Асирӣ, Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким низ ба амирон пешниҳод карда мешавад, аммо онҳо ин тавсияро қабул намекунанд. Хусусан, Возеҳ дар асари худ "Савонеҳ-ул масолик ва фаросих-ул мамолик" ва ё "Ғариб-ул-хабар фи-аҷоиб-ис-сафар"дар бораи зебогии шаҳрҳо, аз ҷумла Тифлис, Истомбул, Боку, Батумӣ ва ғайра, ки аз фаровонии обҳои ҷорӣ ва чашмасорҳо ба боғистонҳо табдил ёфтаанд, бо хушнудӣ васф карда, қайд мекунад, ки Бухоро низ аз оби нӯшокӣ ва об барои обёрии заминҳо, аз ин шаҳрҳои васфшуда камие надошт. Балки дуртар аз шаҳр дарёи калон ҷорӣ буд. Танҳо маҳорату истеъдод ва таҷрибаи кофие лозим буд, ки аз тарафи ҳукуматдорон ҳалли масъалаи об пурра дар Бухоро амалӣ гардад. Сиддиқии Аҷзӣ низ роҷеъ ба масъалаи об ва кандани канал аз Амударё сухан ронда, мснависад, ки аз сабаби беназоратӣ, камтаҷрибагӣ ва ноуҳдабароии ҳукуматдорони Бухоро аҳолии Қаршию Бухоро аз об танқисӣ мекашиданд.

Дар баробари соҳаҳо ва шуғлҳои фавкуззикр инчунин, шуғли обёрӣ ва пешравиҳо дар системаи ирригатсионӣ дар кишварҳои пешрафта таваҷҷуҳи Мирзо Сироҷро ба худ ҷалб карда буд. Махсусан, дар мавриди заминҳои обёришавандаи Нишопур ва рушди боғдорӣ, обҳои мусаффои он маълумот дода, зикр медорад: «Ва атрофи он тамом кӯҳистонҳои обшор, боғоту чашмасору қанавоти бисёре дорад. Заминаш ҳам ҳосилхез ва мунбит мебошад. Зироати гандуму ҷаву пунба ва соири набототи арзӣ бисёр аст. Сарашҷор ва фавокеҳ ҳам бисёр мерӯяд. Сабзӣ ва боқило ҳам бисёр кишт мекунанд. Боғи ангур ва зардолу ҳам бисёр аст». [15;124]

Тавре аз "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ маълум мегардад, дар шаҳри Бухоро норасоии об дар ибтидои асри XX низ ба мушоҳида мерасидааст ва ҳукумати аморат дар ин самт кӯшише ба харҷ намедодааст. Бинобар ин, на фақат маорифпарварон, балки насли дуюми онҳо, аз ҷумла Мунзим низ дар фикри бо об таъмин намудани Бухоро будааст. Ба маълумоти С.Айнӣ танҳо солҳои 1926-1927 пас аз Инқилоби Бухоро ба шаҳр оби ошомиданӣ оварда мешавад.[2;22]

- ҳафтум, идеяи дигари муҳимме, ки маорифпарварон амалигардонии онро боиси тараққӣ кардани ҷомеаи амаорати Бухоро меҳисобиданд коркард ва мавриди истифода қарор додани боигариҳои табиӣ буд. Махсусан, Аҳмади Дониш дар асари "Наводир-ул-вақоеъ" аҳамият ва чӣ зарурат доштани истифода ва коркарди сарватҳои табииро дар роҳи барқароргардӣ ва инкишофи соҳаҳои мухталифи кишвар асоснок карда, дар як мусоҳибаи худ бо сайёҳи Пешоварӣ муҳтавои онро ба таври зайл зикр медорад: "Фарангӣ гуфт: Аз шумо то Бадахшон чӣ миқдор роҳ аст? - Гуфтам: Тахминан ҳаштод фарсах. - Гуфт: Аз маҳкуми кист? - Гуфтанд: Ба сари худ аст ва ба мо гоҳо итоати забонӣ дорад. - Гуфт: Чаро подшоҳони шумо онро ба тасарруфи худ намеоранд? - Гуфтам: Он чӣ замин аст, заминаш ҷуз санглоху ҳосилаш ғайри санг нест. - Бихандиду гуфт: Шумо турфа мардуми бетамизед, ҷое ки зар бояд сарф кард, шумо зар металабед ва ҷое, ки зар аст, намеҷӯед. Бадахшон замине аст, ки дар он чаҳор маъдан-тилло ва нуқра, лаълу лоҷувард мавҷуд аст. ...агар касе мутасаррифи ин мулк бошад давлаташ ба чаҳор давлат

ҳамсарӣ кунад, балки тафаввуқ талабад..."[7;206] Манзури Аҳмади Дониш аз ин матлаб он аст, ки ҳиммати подшоҳон зар аз кону дурр аз баҳр талабидан ва ба фуқарою раият сарф намудан мебошад. То кишвар обод гашта, раият ба осудагӣ зиндагӣ кунад.

Умуман, тамоми андешаҳои маорифпарварони тоҷик ҷиҳати муваффақ шудан ба як ҳадаф – ин ҳам бошад, ба кишвари рушдкарда табдил додани аморати Бухоро ба ҳисоб мерафт. Ҳарчанд идеяҳояшон аз ҷониби амирони манғитӣ амалӣ нагаштанд, вале барои марҳилаҳои баъдинаи ҷомеадорӣ ва хусусан дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон метавонанд ба сифати сарчашма, дастурамал хизмат кунанд.

Адабиёт

1. Абдуллоев, Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ. (Афкори динию фалсафӣ ва ислоҳотии Аҳмади Дониш)… - Д.: “Ирфон”. – 226с.

2. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми 4. – Д.: Адабиёти бачагона, 2019. 464с.

3. Айнӣ, С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Куллиёт. Ҷ.10. – Душанбе: «Дониш», 1996. - 343с.

4. Ашӯров, Ғ. Маорифпарварӣ ҳамчун ҷаҳонбинии нав. Китоби «Ҷашнномаи Айнӣ (Ҷилди Х)». - Д.: «Ирфон», 2003. - С. 10-11.

5. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. Д., 1992, 98с.

6. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. К. 1. – Д.: “Дониш”, 1989, 287с.

7. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. К. 2. –Д.: “Дониш”, 1989, 344с.

8. Бертельс Е.Э. Рукописи произведений Ахмада Каллэ//Тр. Тадж. Базы АН СССР, 1936. – Т3: Лингвистика. - С.9-28.

9. Боқиев, Ҳ. Саромаде дар тамаддуни навин. – Душанбе: “Ирфон”, 2019, 168с.

10. Девонақулов, А. Аҳмади Дониш мураббии инсон/ Наводир-ул-вақоеъ, китоби 2. – Д.: «Дониш», 1989. - 344с.

11. Кант, И. Сочинения: в 6 тт. - М.: “Наука”, 1976, 468с.

12. Луғати энсиклопедии фалсафӣ. – М.: «Нака», 1972, 680с.

13. Мирзо Сироҷи Ҳаким. Масъулиятшиносӣ//Рӯзномаи Самарқанд. 1913, 12- июл.

14. Мирзо Сироҷи Ҳаким. Мусоҳиба бо ҳаммомӣ // Рӯзномаи “Бухорои Шариф”, 1912. № 49.- С. 3.

15. Мирзо Сироҷ бинни Хоҷӣ Мирзо Абдурауф. Туҳафи аҳли Бухоро [Матн] /Ҳаким М.С. – Д.: Адиб, 1992. - 272 с.

16. Муҳаммад Тақии Ҷаъфарӣ. Шинохт аз дидгоҳи илмӣ ва аз дидгоҳи қуръонӣ. – Теҳрон. Фарҳанги исломӣ. 1360. – С.176.

17. Энсиклопедияи советии тоҷик. – Д.: “Дониш”, 1983. - Ҷилди 4., 824с.

18. Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш. – Д.: “Дониш”, 1967 - 156с.

ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ ИДЕЙ ТАДЖИКСКИХ ПРОСВЕТИТЕЛЕЙ О ГОСУДАРСТВЕННОЙ СИСТЕМЕ БУХАРСКОГО ЭМИРАТА И ПЕРСПЕКТИВАХ ЕГО РАЗВИТИЯ

Самиев Б.Дж.

Понятие “просветительство” происходит от корня слова «просвещения» в его множественном числе и обозначает «наука», «знание», «познание», «понимание» и «видение». В истории философской мысли таджикского народа оно является одной из общественно-политической и культурной тенденцией, в рамках которой идеи просветителей сыграли особую роль в развитии и эволюции общественного строя последующих этапов, особенно национальной государственности.

В данной статье на основе научных источников, особенно работ таджикских просветителей, автор рассматривает и анализирует семь творческих идей, которые играют ключевую роль в прогрессе общества и перспективах его развития, без реализации которыз сферы общественной жизни не могут решить вопрос о прогрессе.

Ключевые слова: *человек, общество, наука, образование, просвещние, реформизм, традиция, инновации, прогресс, упадок, здоровье, социальная справедливость, общественное мнение, социальное равенство, социальные изменения, городская культура, экономическая культура, моральные нормы, ирригационная система, природные богатства и т.д.*

PHILOSOPHICAL ANALYSIS OF SOME IDEAS OF TAJIK ENLIGHTENERS ABOUT THE STATE SYSTEM OF BUKHARA EMIRATE AND PROSPECTS OF ITS DEVELOPMENT

Samiev B.J.

The concept of "enlightenment" comes from the root of the word "enlightenment" in its plural form and means "science", "knowledge", "cognition", "understanding" and "vision". In the history of philosophical thought of the Tajik people, it is one of the socio-political and cultural trends, within which the ideas of the enlighteners played a special role in the development and evolution of the social order of subsequent stages, especially national statehood.

In this article on the basis of scientific sources, especially the works of Tajik enlighteners, the author considers and analyzes seven creative ideas that play a key role in the progress of society and the prospects of its development, without the implementation of which the spheres of social life can not solve the issue of progress.

***Key words**: man, society, science, education, enlightenment, reformism, tradition, innovation, progress, decline, health, social justice, public opinion, social equality, social change, urban culture, economic culture, moral norms, irrigation system, natural resources, etc.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

РЕЛИГИОЗНЫЕ ПРАКТИКИ ЖЕНЩИН ТАДЖИКИСТАНА: ОСОБЕННОСТИ И ПРИЧИНЫ АКТИВИЗАЦИИ

Усманова З.М. - доктор философских наук, Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова НАНТ
E-mail: ZUsmonova@gmail.com

В статье делается попытка анализа некоторых религиозных практик (хадж, облачение в мусульманскую одежду «сатр»), которые выполняются девушками и женщинами в Таджикистане. Исследовательские вопросы, поставленные в исследовании: почему малый хадж стал столь популярным, и почему всё больше женщин и девушек предпочитают «покрыться»? является ли развитие хадж-туризма главной причиной для этого? Гипотеза: женщины в патриархальном обществе ограничены в возможностях получить желаемое уважение и почитание в публичном пространстве, в бизнесе; поэтому некоторые женщины будут в поиске других инструментов достижения статуса уважаемой, «правильной» женщины. Наиболее доступной возможностью для этого является ислам, который предлагает конкретные способы стать «хорошей мусульманской женщиной». С дугой стороны, становясь «правильной», женщины могут получать намного больше социального одобрения, поддержки, и защиту, нежели у них была до этого.

Так как большая часть общества двигается всё ближе к религии, предпочитает религиозные ценности, то такие светские ценности как образование, знания, карьера отодвигаются на второй план, теряют свою значимость и силу. Общество выдвигает новые ожидания для женщин: чтобы им соответствовать, нужно в первую очередь, быть «хорошей, правильной мусульманской женщиной».

На основе включенного наблюдения и анализа автор приходит к следующим выводам. Причинами данного нового феномена являются: а) женщины разрабатывают новые стратегии для выживания и продвижения в патриархальном обществе; б) это стратегии для самореализации личности женщины в контексте самой религии, а не в рамках профессиональной карьеры; в) это попытка обрести большую субъективность, способ соответствовать социальным ожиданиям, желание получить уважение и почитание, достичь более высокого социального статуса в обществе и семье.

Ключевые слова: малый хадж, женщина и ислам, хадж-туризм, стратегии женщин.

В своём выступлении 9 марта перед служителями религии, священниками Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон указал на то, что некоторые граждане страны чрезмерно увлекаются такими религиозными практиками, как паломничество в хадж, и совершают паломничество порой по несколько раз в течение жизни [1], при этом пол паломников не уточнялся. Говоря о женщинах, глава государства подчеркнул, что женщины поддаются иностранному влиянию, облачаются в одежды, далёкие от национальных, традиционных одеяний таджикского народа. Данное утверждение главы государства правдиво: на улицах столицы все чаще можно увидеть девушек и женщин, облачённых в мусульманскую одежду, а взрослых женщин, не накидывающих платок на голову, остаются единицы. Женщины всё активнее пользуются новыми возможностями совершения паломничества – малого хаджа, умра: предполагается, что после малого хаджа женщина обязана покрыть голову и облачиться в мусульманскую одежду - сатр. Но и без совершения хаджа всё больше девушек и женщин принимают решение «покрыться»: при этом некоторые публично сообщают

об этом событии на своих страницах социальных сетей. Также с каждым годом меняется количество людей, которые держат мусульманский пост в месяц Рамазан; некоторые точки общественного питания закрываются на месяц, и начинают работу после окончания Рамазана. Если ещё 10 лет назад во время Рамазана постились не более одной трети сотрудников учреждений (остальные продолжали ходить обедать в столовые/кафе), включая госучреждения, то сегодня, судя по тому, что на обед прерываются только для того, чтобы посидеть и отдохнуть, а не для трапезы, постятся не меньше двух третьих сотрудников

В предлагаемой статье делается попытка, на основе этнографического исследования, показать, насколько сильно на сегодняшний день «увлечение» исламом со стороны таджикских девушек и женщин, а также раскрыть причины столь сильного увлечения мусульманскими практиками.

Автором в течение 2022-2023 г.г. было проведено антропологическое (этнографическое) исследование, главной целью которого было выявить основные причины активизации мусульманских практик среди таджикских женщин. Для этой цели в исследовании главным образом использовался метод включённого наблюдения, когда автору доводилось бывать, участвовать на различных мероприятиях, - как религиозного характера, так и мероприятиях календарного цикла, а также в народных гуляниях, в торжественных встречах, которые устраивали для вновь прибывших из хаджа, и др. Метод включённого наблюдения предполагает неактивное участие в мероприятии/действе, где исследователь вместе со всеми участниками участвует в трапезе, слушании молитв, в разговоре, если это потребуется, в оплакивании (на похоронах). Аудио- или видеозапись невозможны, поэтому автор все записи делает после события, пост-фактум. Имена, фамилии, адреса событий не могут быть разглашены: они закодированы, и нигде не записаны. Автору удалось посетить около двух десятков мероприятий, иметь неформальную беседу с более чем 10 людьми, а также провести наблюдения, - в аэропорте г.Душанбе в октябре и ноябре 2023 г., а также полдня в аэропорте г.Ташкента в январе 2024 г.

Главные исследовательские вопросы исследования: почему паломничество – малый хадж-умра обрёл такую большую популярность, в частности, среди женщин? Почему всё больше женщин предпочитает переходить на мусульманскую одежду «сатр», стараются как можно точнее исполнять все предписания ислама? Является ли развитие хадж-туризма единственной причиной для этого?

Гипотеза исследования: когда женщины в патриархальных обществах располагают ограниченными возможностями (или вовсе их лишены) делать профессиональную карьеру, продолжать образование, становиться публичными личностями, развивать свой бизнес, получать признание и пользоваться почётом, - то возрастает вероятность того, что они будут искать другие способы получить статус «правильных» уважаемых дам, и обрести тот почёт и уважение, которых они желают. Лучшим инструментом для этого является религия ислама, которая указывает весьма конкретные пути для того, чтобы достичь образа «правильной благоверной мусульманской женщины». С другой стороны, становясь «хорошей мусульманской женщиной», женщины возможно получают больше общественного признания, поддержки, защиты, нежели они могли получить до этого.

«Великая теория религии» в современном феминизме заключается в том, что основные религии сыграли важную роль в подчинении женщин и до сих пор поддерживают патриархат во многих обществах. Обращаясь к библейским аргументам, систематизированным правилам и практикам, феминистки тщательно исследуют официальные аспекты религиозных гендерных конструкций. Симона Де Бовуар придерживалась точки зрения, очень похожей на точку зрения традиционных марксистов, только вместо того, чтобы рассматривать религию как помощь в порабощении рабочих, она рассматривала ее как эксплуатацию и угнетение женщин. Она утверждала, что религиозные верования побуждают женщин быть кроткими, мириться с неравенством, эксплуатацией и страданиями, и это принесет награды в

загробной жизни [12, 98]. Согласно феминизму, религия поддерживает и способствует патриархату через следующее: религиозные писания/учения; религиозные церемонии и практики; религиозные организации, их структуры и отношения власти

Таджикские женщины зачастую воспитаны в духе послушания, почитания старших мужчин членов семьи. Мужчина глава семьи не всегда даёт разрешение дочери продолжать своё образование, поступать в ВУЗ, и строить профессиональную карьеру. Старшие женщины также не проявляют особого стремления к тому, чтобы дать девушке возможность получить высшее образование. Девушек воспитывают как будущих жён, внушая, что главная цель в жизни – это выйти замуж, а всё остальное – второстепенно. Когда при сватовстве встаёт вопрос о том, что девушка после замужества должна «покрыться», то, как правило, семья девушки соглашается на это условие, чтобы «не упустить» хороших сватов: «Ну, что нам делать? Посватались очень хорошие люди, прекрасная семья. Они поставили условие, что девочка «покроется». Мы поговорили с дочкой: она согласилась ради счастья… Главное – установиться в семье, потом можно «гнуть» свою линию…» [5]. Эти своеобразные «стратегии выживания» предполагают, что вначале нужно согласиться якобы с второстепенной ролью, а позже можно диктовать собственные условия в семье мужа. Также именно эти стратегии диктуют женщине необходимость подчиниться старшим мужчинам/женщинам, когда они требуют облачиться в мусульманскую одежду. Девушки, выходя замуж, принимают требование семьи жениха о том, чтобы девушка «покрылась» после свадьбы: «из шести сватов четыре семьи сразу сказали, что они хотят видеть девушку «покрытой»: две семьи, которые не требовали, были бедные, - им я дочку не отдам… Если откажешься (покрыться), то так и можно остаться старой девой…» [5].

Весной 2022 г. автору довелось присутствовать на поминальном мероприятии (20/40 дней) у друзей, куда была приглашена женщина, которая очень профессионально читала Коран: все приглашённые женщины заслушивались и просили её снова читать суры, посвящая их усопшим родственникам. После окончания «официальной» части мероприятия, т.е., после прочтения основной части молитв мы начали её расспрашивать, - где она научилась так читать Коран, была ли она в Мекке, и т.д. Женщина ответила, что её научила её бабушка, в хадже она не была и пока не собирается, и обучать других людей она не имеет право, т.к. закон это запрещает. На подобные мероприятия она также не часто ходит, т.к. у неё много домашней работы, и она не собирается зарабатывать этим ремеслом. На вопрос о том, почему она не едет в хадж, женщина ответила, что ждёт, пока супруг заработает на хадж, и пока вырастут её маленькие дети, и что пока она не чувствует себя готовой к хаджу. Это, пожалуй, был единственный случай, когда женщина-мусульманка рассуждала о хадже, исходя из рациональных соображений. Также примечательным было то, что женщина, в отличие от некоторых других, которых довелось услышать ранее (в 2005-2010 г.г.), не поучала других, не стала устраивать проповедей, и вела себя довольно скромно.

Почти все последние наблюдения показывают, что «увлечение» хаджем нынче приобретает массовый характер. Когда бы речь ни заходила о хадже, многие взрослые (45+) женщины выражают своё большое желание съездить в хадж. Те, что уже побывали там, активно «рекламируют» паломничество среди женщин, утверждая, что «хадж – это вершина счастья», «место святости, где ощущаешь единство с богом».

В начале января 2024 г. довелось провести наблюдение в аэропорте г.Ташкента, вернее, в той его части, куда собрали пассажиров душанбинского рейса. Не менее одной трети пассажиров составляли паломники, возвращавшиеся из малого хаджа: большинство паломников были женщины. В целом, паломники вели себя спокойно, но в какой-то момент (до посадки) начали суетиться, искать место для совершения молитвы. В женском туалете творилось нечто невообразимое. Женщины торопились совершить омовение перед молитвой, делали всё в единственной раковине, которая была

доступна в туалете, испытывали большие неудобства, затем находили лишний отрезок пространства, чтобы совершить намаз. На мой вопрос, нельзя ли было отложить намаз до прибытия домой, одна из паломниц ответила, что нельзя, они – хаджи, и это их священный долг совершать намаз где бы то ни было.

Говоря о ассиметричности гендерных отношений, которую ислам внёс в традиционное казахское общество (заменив в свое время религию тенгри), казахстанский автор Жаркимбаева Д.Б. пишет: «Распространение исламской религии привело к конфликту в гендерных отношениях и в гендерной психологии, так как ставило женщину ниже мужчины…» [3, 6]. Попробуем рассмотреть эти утверждения с позиции философской антропологии, а также с точки зрения самих женщин.

Вопрос об объекте и субъекте в религии. Важным вопросом философской антропологии является вопрос о субъекте и объекте. «согласно Д. Н. Узнадзе, только тогда, когда человек превращается в самосознающее «я», которое обладает способностью подлинной регуляции своей жизни», он становится субъектом…» [2, 7]. Сегодня, когда у женщин равные права с мужчинами, когда женщины ведут активную экономическую, социальную и политическую жизнь, они желают быть активными и в религиозной жизни, а не оставаться всё время в тени, «обслуживая» религиозные потребности мужчин. Женщина желает быть субъектом: тем человеком, который выбирает, принимает решения, участвует в главных событиях религиозной/духовной жизни мусульманина. Все пять столпов ислама – это то, что может выполнить и женщина. Во многих религиозных учениях самых разных религий женщинам отводится роль воспитания, ухода и рождения детей. Хотя эти роли представлены позитивно и как важные, они укрепляют гендерные нормы в обществе и патриархальных структурах власти. Если женщины решают не соответствовать гендерным стереотипам, они не только отклоняются от гендерных норм и ожиданий семьи, но и отклоняются от воли Бога. Тем не менее, ислам содержит нормы, которые расширяют полномочия женщин и усиливают их субъектность: «По исламу женщина может: вступать в судебные тяжбы; наследовать имущество; самостоятельно выбирать себе партнера; самостоятельно распоряжаться своим имуществом и заработанными деньгами; инициировать разводный процесс, если нарушаются ее права; получать образование. Современникам эти права кажутся самоочевидными, но исторически ими обладало заметное меньшинство женщин. Часть из перечисленного входило в требования первых суфражисток…» [11]. Можно также добавить, что женщина в исламе имеет право выходить замуж столько раз, сколько посчитает нужным. Таким образом, социальная субъектность женщины в исламе усиливается и может выражаться в её решениях, включая решение о хадже.

Если до периода независимости Таджикистана у женщин не было никакой возможности совершить хадж, то сегодня, благодаря усилиям и мудрой политике Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона, таджикские женщины обрели возможность совершать хадж, и, таким образом, ещё раз реализовать свою социальную субъектность, почувствовать себя хозяйками своей жизни.

Духовный долг. «Я много лет мечтала о хадже, но мне всегда казалось это несбыточной мечтой. В прошлом году я смогла поехать в хадж … Я была очень счастлива, что вот так, самостоятельно, смогла воплотить свою мечту в жизнь, посетить «дом Господа», выполнить свой духовный долг…» [5]. Из этого пассажа можно понять, что женщины активно используют открывшиеся перед ними возможности, едут в малый хадж, выполняют свой «духовный долг», и зачастую испытывают гордость за себя, т.к смогли довести такое важное для них дело до конца. Такое религиозное поведение не имеет ничего общего с желанием выделиться, показать себя: в таком поведении превалирует духовное начало, желание обогатить свой духовный мир, реализовать давнюю мечту, приблизиться к божеству и т.п.

Социальные ожидания по отношению к женщинам значительно возросли: особенно это касается женщин среднего (45-50 +) и выше среднего возраста (60+). Вот что

говорит женщина (65 лет): «В моём кишлаке почти каждая вторая женщина побывала там (в малом хадже) … Даже те, кто вообще далёк от религии, кто только вчера научился совершать намаз. Они понятия не имеют, что такое ибодат (поклонение). И что? Они теперь на разных мероприятиях ведут себя как королевы, чувствуют себя главными. А другие вынуждены слушать их болтовню, поддакивать им и восхвалять. К сожалению, деньги решают всё… Если у тебя есть возможность, но ты не едешь, односельчане начинают криво смотреть, осуждать, некоторые смеются» [5]. Понятие «хорошая женщина» нынче становится синонимом «правоверная женщина», причём, последнее понятие включает в себя не только внешний вид, совершение намаза, соблюдение мусульманского поста в месяц Рамазан, раздача пожертвований (садака), но и совершение хаджа: «Хадж стал таким доступным, дешёвым, у каждого найдётся лишняя тысяча долларов, чтобы отправить мать/отца… Неужели жалко на такое благое дело?.. Любой/любая мечтает побывать в «доме Аллаха»» [5]. Т.е., нынче для того, чтобы соответствовать образу «хорошей женщины», и отвечать социальным ожиданиям, женщинам среднего возраста нужно стараться, ко всему прочему, еще и становиться ходжи-оя. Хадж также способен «обнулить» те ошибки, которые женщина могла совершать в более молодом возрасте, когда она не следовала строгим моральным принципам.

Также мои собеседницы отмечали тот факт, что всё меньше взрослых женщин выходят на улицу и появляются в публичных местах без головного платка: «(на нерелигиозном мероприятии) мы, пара женщин без платка, ощущали себя белыми воронами, т.к. все вокруг были в платках. В следующий раз возьму платок с собой, чтобы убрать дискомфорт» [5]. Женщина преподавательница средней школы признавалась: «Без платка чувствую, что будто без одежды... В моём возрасте (50 лет) без платка уже нехорошо ходить... Выйду на пенсию и покроюсь (облачусь в мусульманскую одежду), а пока нельзя нам, учителям» [5].

Британская социолог Линда Вудхед считает, что ношение хиджаба имеет духовную пользу: «Для многих мусульманок ношение хиджаба рассматривается не только как акт благочестия, но и как источник силы и утешения в трудные времена или страдания. Таким образом, хиджаб можно рассматривать не только как внешний символ веры, но и как внутреннее напоминание о необходимости оставаться верными религиозным ценностям, даже когда сталкиваешься с невзгодами или трудностями…» [6].

Социальные ожидания также включают в себя требование соблюдать мусульманский пост в месяц Рамадан: «я до недавнего времени не держала пост, я боюсь голода, но давление семьи и окружения на работе настолько сильно, что я все же решилась держать… Жена сына (покрытая) ежедневно «капала» сыну о том, что «твоей матери уже скоро 50, а она до сих пор «как русская», - ни рузу не держит, ни платок надевает». Коллеги на работе все поголовно держат рузу: пара больных есть, кто не держит, но они не едят .. Как не держать?!» [5].

«Қарзи фарзанд» - «Долг детей». На мероприятиях, в которых участвовали хаджи, несколько раз автору довелось услышать разговор о «қарзи фарзанд» - «долг детей (перед родителями)»: «раҳмат ба писарам, моя ба ҳаҷ фиристод, бечора, бисёр кор кард, пулашро ҷамъ кард, ҳаҷи мо ба сарф кард» - «спасибо нашему сыну, отправил нас в хадж, бедный, много работал, собрал деньги, и потратил их на наш хадж». Молодой мужчина Н. в разговоре признался: «копил деньги на лечение ребёнка, но решил сначала отправить маму в хадж, выполнить свой сыновний долг, и потом уже лечить ребёнка…» [5]. В общественном сознании укрепляется представление о том, что отправить родителя/родителей в хадж – это долг детей перед родителями, и прежде всего, долг сына. Сыновья таким образом, также заинтересованы в паломничестве родителя/ей, т.к. это, с одной стороны, может оказать влияние на авторитет и статус сыновей в сообществе, а с другой – в какой-то мере освободить от других действий, которые считаются обязанностью детей перед родителями. На свадебном мероприятии женщина Ходжи-оя наставляет другую: «В хадж надо

поехать, тем более, в вашем возрасте». В ответ женщина говорит: «У меня нет сыновей, только дочери, которые не в состоянии мне помочь ...». На что Ходжиоя отвечает: «Ну, племянники же есть, вот пусть они и помогут!» [5]. Т.е., некоторые женщины считают обязанностью мужчин членов семьи помочь матери, бабушке, тёте с совершением хаджа.

«Мода» на малый хадж, которая насаждается не только внутри страны: внешняя пропаганда и реклама хаджа огромна. Стоит в поисковике набрать словосочетание «хаджи умра», выходит десятки тысяч публикаций с опциями совершения малого хаджа. Бизнес малого хаджа становится международным: в малый хадж можно поехать из разных стран: Узбекистана, России, Турции, Казахстана. Среди женщин старшего поколения становится популярным, если не сказать «модным» совершить хадж. Хадж нынче включает в себя не только собственно паломничество: это и особая одежда (до хаджа, после хаджа), и особый образ жизни, уже невозможный без совершения пятикратного намаза, соблюдения мусульманского поста Рамадан, и т.д. Пример других заразителен: «мана вай ҳаҷ рафт, ман чи? Ман лоиқи ҳаҷ не-ми?» - «вот она поехала в хадж, а я что, не могу? Что, я разве недостойна?» Паломничество воспринимается как вызов («а что, я не могу?»), приняв который, можно стать не хуже других.

Бар асоси сарчашмаҳои мухталиф Ибни Ровандӣ аввал пайрави мактаби фикрии муътазила ва яке аз донишмандони маъруфи ин мактаб буд. Вале, бар иллати қонеъ нашуданаш бар ақоиди онҳо баъди чанд муддате аз муътазилиён ҷудо шуда, ба муқобили онҳо баромад ва таълимоти онҳоро ба зери танқид гирифт. Баъдтар бошад, Ибни Ровандӣ ба таълимоти равияи шиа ошно шуда, ба аҳли ин мазҳаб наздик мешавад ва чанд асари худро низ ба таълимоти онҳо мебахшад. Дар мавриди дониш ва истедоди ӯ мутафаккирони баъдина навиштаанд, ки «дар миёни ҳамтоёни ӯ дар замони худаш касе дар илми калом моҳиртар аз ӯ набудааст ва ҳеч кас ба дақиқу ҷалиди илми калом огоҳтар аз ӯ набудааст»[5,655]. Ба гуфтаи мунақидонаш Ибни Ровандӣ аз шогирдони Варроқ будааст ва зери таъсири таълимоти Варроқ аз эътизол рӯ гардонда ба куфру илҳод рӯй овардааст[5,655]. Ҳамчунин, ба зикри ин сарчашмаҳо ӯ устодони дигаре низ аз аҳли зандиқа ба мисли Абушокири Дайсонӣ, Нуъмон ибни Толут ва Абулҳафси Ҳадод доштааст ва зери андешаи онҳо қарор гирифтааст. Ибни Надим дар «Феҳрист» дидгоҳи илмӣ ва фаъолияти ӯро хулоса карда навиштааст, ки: «Сират ва мазҳаби ӯ дар оғоз хуб буд ва худаш марде бисёр боҳаё буд. Баъд бинобар илал ва асбобе, ки бар ӯ ориз шуд ва низ аз он рӯй, ки дониши ӯ аз ақлаш беҳтар буд, ҳамаи ин сифотро ба канор ниҳод. Ҷамоате гуфтаанд, ки ӯ ба ҳангоми марг аз он чӣ аз ӯ сар зада буд тавба кард ва изҳори надомат намуд ва иқрор кард, ки иллати тағйири рафтори ӯ ҷафои ёрон ва тарди ӯ аз маҷолиси худ будааст. Бештари гуфтаҳои ӯ куфриёт аст, ки барои Абуисои яҳудии Аҳвозӣ навиштааст. Вай касе аст, ки Ибни Ровандӣ дар хонаи ӯ вафот кардааст»[12,355]. Дигар мунаққидонаш низ, дар баробари интиқоди назариёташ аз қобилияти сунанварӣ ва жарфи андешаву қобилияти баҳсу ҷадалаш ёдоварӣ кардаанд ва ба ин гуфтаҳо хулосаҳои асараш «Адаб ул-ҷадал» - ро далел овардаанд.

Маврид ба зикр аст, ки сари масъалаи

ададди асарҳои Ибни Ровандӣ дар сарчашмаҳо маълумоти гуногун мавҷуд аст. Масалан, Ибни Халикон ва Масьудӣ ададди осори ӯро 114 китоб гуфтаанд. «Китоб-ут-Тоҷ», «ал-Ибтидоъ ва ал-иъода», «Китоб - аз-Зумуррад», «Китобу домиғ», «Китоб –ул - фарид», «ал-Асмоъ ва ал-аҳком», «Халқ ал- Қуръон», «ал-Бақоъ ва ал-фано», «Ло шайъун илло мавҷуд», «ат-Таббеъ», «Китоб-ал-Лӯълу» аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Вале, аз ин осори ӯ, ба ғайр аз порчаҳои ҷудогонае, ки дар таълифоти мунаққидонаш бокӣ мондаанд, чизи дигаре дар даст нест[17,82]. Аз ин порчаҳои боқимонда маълум мешавад, ки Ибни Ровандӣ монанди табоиён тарафдори қидам ва ҷовидонагии олами ҳастӣ буда, ба адёни маъмул ва таълимоти онҳо эътимод надошт.

Масъалаи пайдоиши олам, қадимӣ ё ҳодисии он яке аз масъалаҳои марказӣ дар асрҳои миёна, умуман, дар таърихи фалсафа ва махсусан дар фалсафаи Шарқ мебошад. Ба ақидаи Ибни Ровандӣ олам қадим аст. Бар асоси манобеи дастрас ӯ муътақид будааст, ки ин дунё дар ҳамин шакл абадӣ ва қадим аст. Ин ҷаҳон офаридгор надорад, ҳамеша ҳамин тавр буд ва ҳамин тавр мемонад. Барои тасдиқи ин фикр далел меоварад, ки ибдоъ муҳол аст, яъне аз ҳеҷ (нестӣ) офаридани ҷисми моддӣ ғайри имкон аст. Дар исботи ин ақида андешаҳояшро дар «Китоб ут–Тоҷ» баён кардааст. Хайёт менависад, ки “Ибни Ровандӣ дар «Китоб ат-Тоҷ» ҳудуси оламро инкор карда исбот менамояд, ки асар бар муассир ва феъл далолат бар фоил надорад. Олам бо ин Офтоб, Моҳ ва ситорагонаш бе ҳеҷ гуна сонеъ ва мудаббири холиқ қадим аст. Касоне, ки барои олам офаридгори қадим қоил шудаанд бо танокузу муҳол сухан гуфтаанд” [17,86].

Дар робита ба ин мавқеъгирии Ровандӣ бештари фирқаҳои исломӣ аз ӯ хазар намудаанд ва ба ҳамин иллат табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ аз аввали асри IV-и ҳичрӣ то ҳол шахсияти ӯро мавриди таъйину танқид ва истеҳзо қарор додаанд. Ибни Ровандӣ дар масъалаҳои фалсафӣ, каломӣ, ҷадалӣ, наҳвӣ, динӣ, сиёсӣ, мантиқӣ ва ғайра таълифот дошт. Зиндагинома ва таълифоти Ибни Ровандӣ ҳамчун донишманд ва мутафаккир хеле зиддиятнок аст. Он чи ба ӯ нисбат медиҳанд, навиштаи мухолифони мафкуравии мугафаккиранд. Вале дар баробари ин, чанде аз донишманди баъдина, аз ҷумла Ибни Холикон ва Шариф ал-Муртазо ба дифои ӯ баромад намудаанд[17,88].

Ба вуҷуди интиқоду такфирхониҳо, дар фарҳанги исломӣ симои Ибни Ровандӣ ҳамеша ҳамчун рамзи рӯҳи озод ва андешаи мустақили фикрӣ баромад мекунад. Маҳз барои ҳамин, мутафаккироне аз қабили Ал-Киндӣ, Абумуҳаммади Навбахтӣ, Хайётӣ, Абусаҳли Навбахтӣ, Мӯътазилӣ, Абулҳасани Ашъарӣ, Абулқосими Балхӣ, Абӯзайди Балхӣ, Абуалии Ҷаббоӣ, Абуҳошим Ҷаббоӣ, Абунасри Форобӣ ва дигарон бар ӯ радия навиштаанд, вале танҳо китоби Хайёти мӯътазилӣ бо номи «Китоб ул-интисор ва рад бар Ибни Ровандии мулҳид» маҳфуз мондааст[17,88].

Ба таври умум, андешаву ғояҳои Ибни Ровандӣ, ки бинишҳои устувори ақлию нигоҳи дунявиро дар бар мегиранд, дар баёну накли таҳрифшудаи мухолифони мафкуравияш то ба мо омада расидаанд ва онҳо омӯзишу таҳлили мунсифонаро тақозо доранд. Ҷиҳати омӯзишу баррасии илмӣ ва бардошти беғаразонаи дидгоҳҳои фикрии Ибни Ровандӣ, ки ӯро мунаққидони ғоявияш ба зандақаю илҳод муттаҳам намудаанд ва осорашро аз байн бурдаанд, таҳлили ҳаматарафа ва васеътаре лозим аст.

Намояндаи дигари барҷастаи мактаби асҳоби ҳаюло ин Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ (865-925) мебошад, ки дар рушду тақвияти андешаҳои ақлонӣ ва дидгоҳҳои дунявӣ дар фалсафаву фарҳанги гузаштаи тоҷик ва соири кишварҳои Шарқи исломӣ нақши бевосита бозидааст. Бар асоси сарчашмаҳои мавҷуда ва инчунин шаҳодати Носири Хисрав “асли таълимоти ӯро собит кардани ҳастии ҳаюло ва азалияту абадияти олам ташкил медиҳад” [14,144].

Дар ибтидо зикр намудан лозим аст, ки Розӣ дар таълифоти илмию фалсафияш донишманди воқеъбин, реалист ва ақлгаро бада, барояш ҳақиқати илмӣ болотар аз ҳама мафкураю бовариҳо ва эътиқодҳо будааст. Ӯ фалсафаву догмаҳои диниро қабул надорад ва ҳама гуна таълимотро

бар асоси далелҳои мантиқӣ ва усули сабабият санҷиданӣ аст. Заминаи ҷаҳонбинии фалсафии ӯро таркиб ваомезиши ҳикмати фалсафии Эрони қадим – фалсафаи хусравонӣ ва ақлгароии даврони атиқаи Юнон ташкил медиҳад. Вале идеализми ӯ аз идеализми Афлотун фарқ мекунад. Идеяи марказии замони асримиёнагии Шарқ – идеяи Худо дар таълимоти ӯ аз таълимоти динӣ фарқ мекунад. Аз таълимоти ӯ, Худо ба ҳайси як хулосаи мантиқие баромад мекунад, ки ба мавҷудияти ин олами нопайдоканор маъною мазмун мебахшад. Маҳз ҳамин ҷиҳати маъниофаринии Худо аст, ки бузургтарин файласуфони асримиёнагии ислом онро ба ин ё он сурат эътироф намудаанд[17,68].

Дар низоми фалсафии Абубакри Розӣ масъалаи ҳастӣ ва масъалаи маърифати падидаҳои олам яке аз масъалаҳои асосиро ташкил медиҳад ва дидгоҳҳои ақлӣ ва дунявии ӯро муайян месозад. Ин мутафаккир дар таълифоти худ аз догматизми анъанавии асримиёнагӣ, ки аксари файласуфони давр пойбанди он буданд, озод аст. Асли андешаашро таълимоти қудамои хамса – азалию абадӣ ва ҷавҳарӣ будани панҷ унсур, яъне замон, макон, моддаи аввал, офаридгор ва нафс ташкил медиҳад.

Назарияи маърифати Розӣ низ, бар эътирофи ин панҷ ҷавҳар ташаккул ёфта, бинишҳои ақлонию дунявии ин мутафаккирро муайян кардааст, ки он барои ин таҳқиқоти мо муҳим мебошад. Масъалаи маърифати ашё ва ё шинохти воқеиву айнии падидаву ҳодисаҳои олам яке аз ду паҳлӯи масъалаи асосии фалсафа ба шумор меравад. Ин масъала аз бомдоди фарҳангу дониши инсонӣ то ба имрӯз дар рафти донишпазирии инсон мавзӯи муҳимтарин буда, махсусан дар низоми донишҳои фалсафӣ ҷойгоҳи калидиро касб менамояд. Он ҳам дар фалсафаи Ғарб ва ҳам дар фалсафаи Шарқ мавқеи меҳварӣ дошта, бо шаклу услубҳои ба худ хос баён шудааст. Ҳадафи аслии назарияи маърифат ин кушодан, яъне дарк кардан ва айнан баён намудани моҳияти чизҳову падидаҳои олам ҳамчун ҳақиқати воқеӣ дар зеҳни инсон мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи кушодани ҳақиқат ҷавҳари аслии назарияи маърифатро ташкил медиҳад, ки он дар ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии мутафаккирони машриқзамин, аз он ҷумла ҷаҳонбинии фалсафии Абубакри Розӣ низ ҷойгоҳи махсус дорад.

Абубакри Розӣ тибқи сарчашмаҳо дар соҳаҳои гуногуни илм зиёда аз сесад асар таълиф намудааст. Ин мутафаккир ва олими ҳақиқӣ бо чанд ҷиҳати осор ва хусусияҳои хоси фаъолияти илмиву фалсафияш аз дигар мутафаккирон фарқ мекунад, ки ҳақиқатҷӯӣ дар сари моҳияти масъалаҳо ва интихоби усулу меъёрҳои дастёбӣ ба дониши илмиро метавон аз ҷумлаи онҳо шумурд. Ин усули мутафаккир аз усулҳои ақлонӣ ва таълимоту андешаи дунявии қавӣ ба шумор меравад. Тибқи сарчашмаҳо Розӣ китобҳои алоҳида низ дар масъалаи марифат ва мантиқ таълиф намудааст, ки аз зумраи онҳо «Китоб дар бораи бурҳон», «Муқаддима ба мантиқ», «Китоб-ул-илоҳӣ», «Маҷмӯи мафоҳим» ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Мутаасифона, қариб ҳама ин китобҳо то ба мо нарасидаанд. Вале аз осори боқимондаи олим ва маълумоти сарчашмаҳо дар мавриди назариёти донишпазирии ин донишманд, метавон ҷиҳатҳои умумии масъалаи маърифатии ӯро муайян намуд.

Авалан қайд намудан ба маврид аст, ки сари масъалаи дарёфти ҳақиқати илмӣ ва методҳову меъёрҳои расидан ба он то ба ҳанӯз дар фалсафа баҳсу талошҳои доманадор идома доранд. Вале қариб ҳама муҳақиқон бар ин назар мувофиқанд, ки дар баробари усулҳои муроқиба, муқоиса ва таҷриба, инчунин баҳси озод, ироа ва таҳлили назароти мухталиф, гуногунии услубу равиши омӯзиш, сароҳатии як далел аз байни далоили дигар, ки хонанда далели беҳтареро аз он пайдо карда натавонад, аз принсипҳои аслӣ дар масъалаи маърифат ба шумор мераванд. Айни ин принсипҳоро Абӯбакри Розӣ ҷиҳати шинохти олами ашёву падидаҳои он, ҳанӯз зиёда аз ҳазору сад сол пеш дар баҳсҳои илмӣ бо рақибони ғоявияш чун усули аслии таҳқиқоти худ баён намудааст. Масалан, сари масъалаи қудамои хамса (асоси ҳастӣ ва абадиву азалӣ донистани панҷ унсур - нафс, ҳаюло, парвардигор, замон ва макон- Ғ.М.) ҳангоми мунозираи илмияш ӯ худ ба

саволи Абӯҳотими Розӣ, ки мунозираҳои рӯёрӯӣ доштанд, дар бораи ин ки «оё фалосифаи қадим дар масъалаи қудамои хамса бо ту мувофиқанд ё мухолиф?» ин тавр ҷавоб дода буд: «Қудаморо дар ин масъала гуфтори мухталиф аст. Вале ман ин матлабро аз роҳи баҳс ва назари фаровон дар усули онон дарёфтам ва ҳақиқатеро берун овардам, ки аз он на роҳи гурез аст ва на роҳи сар печидан» [7,47].

Аз ин мавқегирии мутафаккир дар интихоби равиши таҳқиқ ва фалсафаи шинохти ӯ маълум мешавад, ки Розӣ ба хираду инсон эътимоди қаввӣ дошта, сари масъалаи таркибии фалсафа донисташавандагӣ ва ё надонисташавандагии олам ашёву падидаҳо ва ҳодисаҳои онро қобили шинохт барои инсон медонистааст[4,6]. Дар ин маврид ӯ ҳам донисташванда будани моҳияти чизҳоро мепазирад ва ҳам мақоми инсонро ҳамчун мавҷудоти олии соҳибхирад ва қобили шинохт, ба истилоҳи фалсафии имрӯза субъекти ҷомеаву маърифат таъйид месозад. Зеро, чунончи аз инсоншиносии фалсафӣ бармеояд, то пайдоиши инсони оқил (homo sapiens) ҳастӣ дар худ ниҳон буд, яъне ҳеҷ мавҷуде аз мавҷудоти дигари ҳастӣ эҳтиёҷ ва қудрати шинохти моҳияти чизҳо ва қобилияти худшиносро надоштанд, то ҳастӣ ба худшиносӣ бирасад[2,380]. Дар ин маврид, инсон дар рафти маърифати олами ашё дар як вақт барои худ ҳам объект ва ҳам субъекти дониш мебошад ва худии худашро, ки дар дигар олами зинда дида намешавад, мавриди шинохт қарор медиҳад, ки ин аз манзалату мақоми ӯ дар низоми пайдоиш ва инкишофи олам гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, Розӣ ғояи донистанӣ будани оламро ҷонибдориву тақвият бахшида, ҳамзамон онро бо масоили гуманитарӣ тавъам додааст. Таълимоти гносеологии ӯ табиати ақлгарой дорад, ки ба андешаи мутафаккир инсон танҳо тавассути ақлу хирад метавонад амалиёти созандаву эҷодкоронаи худро роҳандозӣ намояд. Ин ҷо қайд намудан лозим аст, ки мутафаккир ба қудрат ва неруи ақли инсонӣ боварӣ дошта бошад ҳам, вале вобаста бо вазъу шароити таърихӣ моҳияти онро кушода натавонистааст ва ақлро маҳсул ва хосияти майнаи инсон намедонад. Академик М. Диноршоев дар ин бора чунин қайд мекунад: «Перомуни ақл ва қобилияти маърифатии он мулоҳиза ронда, Абубакри Розӣ андеша дорад, ки ақл офаридаи парвардигор ва фиристодаи ӯ аст. Аз ин ҷо хулосагирӣ кардан душвор нест, ки ӯ ақлро хосияти майнаи инсонӣ намедонад. Ба вуҷуди ин ӯ тавонистааст, қудрати маърифатии ақлу хирадро дуруст маънидод ва баъзе хусусиятҳои марифати ақлиро муайян созад» [8,184].

Ба вуҷуди ин ӯ тақлид намуданро, ҳатто агар аз эҷоди донишмандони эътирофшуда бошад ҳам, қобили қабул намешуморад. Ҳамагуна донишу таҷрибаро, ки аз дигарон аст, агар асоси илмиву ақлӣ дошта бошанд ҳам, ба андешаи ӯ бояд бозомӯзӣ кард ва эътимод пайдо бояд кард, ки ба воқеияти мо мувофиқ ҳастанд ё на, ва фақат он гоҳ мавриди истифода қарор бояд дод. Дар ин маврид, ӯ ки худ табиби чирадаст ва ҷонибдори фалсафаи ақлгароии юнониён аст, боз чунин мефармояд: «Дар пизишкӣ мо наметавонем ҳама он чиро, ки Буқрот нофеъ шуморидааст, ҳақиқат бипазирем ва ба он такяву пайравӣ намоем. Бояд худ табиати ин чизҳоро бисанҷему биёмӯзем, ки то кадом дараҷа ба ҳақиқати мо мувофиқанд ва он гоҳ тибқи он амал намоем» [16,18]. Аз ин ҷо бармеояд, ки Розӣ ба як асоси робитаи сабабу натиҷагӣ ва ақливу мантиқии дониш ва ҳолати он қонеъ нашуда, боз инчунин гуногунрангии навъи дониш ва хусусияти дар муҳитҳои мухталиф бо услубҳои гуногун ба амалия ҷоришавии онро низ ба назар мегирад. Инчунин, натиҷаи амалӣ ва аҳамияту судмандии онро ҳам муҳим мешуморад. Яъне қонуниятмандии назарияи дониш, аз ҷумла аслу қонунҳои илми ҷадал (диалектика), ба мисли категорияҳои фард, махсус ва кулл ва дигар категориҳо ҳам барои таълимоти маърифатии ӯ бегона нест. Вале ин ҳама бинишҳо ба таври умум аз табиати ақлгароии назарияи гносеологии ӯ бармеоянд, ки яке аз меъёрҳои хираду маърифати онро низ дар судмандӣ ба ҳаёти инсон мебинад. Ин гуна натиҷагириҳо аз бинишҳои қавии мантиқӣ ва андешамандии дунявии донишманд гувоҳӣ медиҳанд. Мутафаккир хираду ақлро дар асари машҳури тиббияш «Тибби

рӯҳонӣ» чунин шарҳу тавзеҳ додааст: «Ҳеч чизе дар судмандӣ бар мо бартар аз хирад нест. Мо бо ёрии хирад бар чорпоёни ногӯё бартарӣ ёфтаем, то бар онон чирагӣ меварзем. Ононро ба кори худ мегардонем ва ба шеваҳое, ки ҳам барои мо ва ҳам барои онҳо судбахш аст, бар онон фармонфармоӣ мекунем. Бо ёрии хирад ба ҳамаи он чи, ки моро бартар месозад ва зиндагии моро ширину гуворо месозад, даст меёбем ва ба хост ва орзуи худ мерасем. Бо мадади ақл аст, ки сохтан ва ба кор бурдани киштиҳоро дарёфтаем ва ба сарзаминҳои дур, ки ба василаи дарёҳо аз якдигар ҷудо шудаанд, мерасем. Пизишкӣ бо ҳама судҳое, ки барои тани мо дорад ва тамоми улуми дигари барои мо фоидабахш дар партави хирад моро ҳосил шудааст. Бо хирад умури ғализ ва чизҳоеро, ки аз мо ниҳон ва пӯшида будааст, дарёфтем. Бо ёрии он шакли замину осмон, азамати хуршед, моҳ, ситорагон ва бӯъду ҳаракатҳои онҳоро донистем. Хирад чизест, ки бе он ҳоли мо ҳамоно ҳоли чорпоён, кӯдакон ва девонагон хоҳад буд. Вай чизест, ки бо ёрии он афъоли ақлии худро пеш аз он, ки дар ҳавос ошкор шаванд, тасаввур мекунем ва онҳоро гуногун дармеёбем, ки гӯё эҳсосашон карда бошем. Сипас ин суратҳоро дар афъоли ҳисси худ намоён мекунем ва мутобиқати онҳоро бо он чи, ки пештар суратгирӣ ва тахайюл карда будем, ошкор мекунем» [4,9]. Розӣ дар ин ҷо ҳосили маърифатро дар хиради инсон як раванди ягонаю том ба қалам додааст, ки бо назарияи ақлию мантиқии дунявӣ, инъикоси муосир ва протсесси пайдоиши дониш як андозае шабоҳат дорад. Нақши ақлро дар дастёбии маърифат асосӣ ба қалам дода бошад ҳам, наметавон аз ин чунин хулосагирӣ намуд, ки донишманд зинаҳои дигари маърифат, чун дониши ҳиссӣ, эҳсос ва ғайраро эътироф надорад ва ё онҳоро номуҳим мешуморад. Аз баёни ин матлаб маълум мешавад, ки ӯ ақлро он гоҳ олоти тавонои дониш медонад, ки бар маълумотҳои эҳсос такя карда бошад. Тибқи назари Розӣ, маърифати ашёи олам тавассути таъсири чизҳо ба узвҳои ҳисс ва пасон ба ақли инсон сурат мегирад, ки эҳсос дар он зинаи мобайниро ишғол дорад. «Эҳсос – навиштааст Розӣ - ин таъсири чизҳои беруна ба олоти эҳсоскунанда мебошад. Таъсир ин амали таъсиркунанда ба олоти таъсиршаванда аст. Агар таъсири таъсиркунанда ба таъсиршаванда намебуд, ҳеҷ чиз дониста намешуд. Ҳамин тариқ, агар ҳеҷ чиз ба узвҳои ҳисси мо таъсир намекард ва эҳсосро ба вуҷуд намеовард, он гоҳ мо на лаззат ва на машаққатро дониста наметавонистем»[4,9].

Ҳамин тавр, донишманд бо боварӣ қайд намудааст, ки маълумоти ҳиссӣ танҳо таҳти таъсири бевоситаи ашё ва ҳаводис ҳам танҳо дар натиҷаи мушоҳидаи онҳо ҳосил мешавад. Ӯ идроки бар асоси ҳавоси зоҳир, яъне тавассути биноӣ (босира), шунавоӣ (самъ), чашоӣ (завқ), бӯёӣ (шомма) ва ламс ҳосилшавандаро шарҳу тавзеҳ дода, дар ин маврид донишҳои гузаштагонро дар хусуси онҳо радду такмил додааст. Махсусан, назарияи гузаштагонро дар мавриди он, ки биноӣ бар асоси берун омадани нуре аз чашм ҳосил мешавад, беасос шуморида, онро натиҷаи акси манзараи берун дар узви босираи инсон маънидод намудааст.

Чунин шарҳу тавзеҳ додани Розӣ таносуби масъалаи маърифати ҳиссӣ, маърифати ақлӣ, дониши таҷрибавӣ ва дигар масъалаҳои фалсафӣ дар қолаби андешаҳои мантиқӣ ва дунявиро метавон бурҳони хеле қавие донист, ки назарияи гносеологии ӯ ба назарияи инъикос монандӣ дорад.

Ҳамин тариқ, масъалаи ҳастӣ ва маърифат дар таълимоти ин мутафаккир аз умқи бинишҳои ақлонӣ ва андешаҳои дунявии ӯ ва дигар файласуфони ақлгаро дар рушди фалсафаву фарҳанги гузаштаи тоҷик гувоҳӣ медиҳанд.

Бинишҳо ва андешаҳои дунявӣ на танҳо дар дохили таълимотҳои томи фалсафӣ, балки дар матни андешаҳои фалсафӣ – ирфонии гузаштаи тоҷикон низ, арзи ҳастӣ намудаанд. Ин гуна андешаҳо гоҳҳо алоҳида ва гоҳҳо ба таври зимнӣ дар дохили масъала ва ғояҳои гуногун ифодаи худро пайдо намудаанд.

Намуни барҷастаи андешаҳои дунявӣ ва озодфикриро метавон дар адабиёти тасаввуфиву ирфонӣ, ки дар образи «муғи ринд», «муғи озод» (дар баъзе адабиёт он

«мурғи ринд» омадааст.- М. Ғ.) ва ғайра ифода ёфтаанд, пайдо намуд. Бо таъкиди адабиётшинос Х. Мирзозода «таълимоти «риндӣ» дар дохили ҷаҳонбинии худ ҷараёни ягона нест, вай аз ақидаҳои дигар қариб ҳар нуқтаи назареро, ки мафкураи динии синфи ҳоким ва тасаввуфи зоҳидпарастии тарки дуньёро танқид, ибкор ва рад карда бошад, ба худ қабул кардааст. Дар он мумкин аст, унсурҳои моддигароии зарвония (образи муғон), таълимоти эпикуристӣ, ҳаётдӯстӣ, ки талабҳои даҳриён аст, майли дар шаклҳои ифодаи ваҳдати вуҷуд фаҳмидани олам баён мешавад. Ҷараёни риндӣ дар адабиёти форсу тоҷик, асосан аз Рӯдакӣ оғоз ва дар Хайём инкишоф ёфта, дар Ҳофиз ва Убайди Зоконӣ ба пояи баланди худ расидааст, ки баъд аз он аксарият ба онҳо пайравӣ карда, онро ҳамчун анъанаи мусбат давом додаанд»[13,183].

Ҳамзамон, намунаи дигари андешаҳои дунявӣ, ки дар онҳо падида ва унсурҳои озодфикрӣ ба таври возеҳ баён гаштаанд, ин таълимоти пантеистӣ дар адабиёту фарҳанги гузаштаи мо мебошад. Дар таълимоти пантеистии худ намояндагони адабиёту ирфон Офаридгорро ба унсурҳои табиат омезиш дода, як навъ роҳи мусолиҳакорона бо таълимоти динӣ ва омезиш додани ҳаёти дунёиро ба ормонҳои динӣ ҷусту ҷӯ намудаанд. Пантеизм низ дар худ ҷараёни якхелаю якнавохт набудааст. Ба вуҷуди баъзе падидаҳои мусбияш дар он аҳли тасаввуф мазлумӣ, рӯҳафтодагӣ ва ситамкашии занонро дар тамоми Шарқи мусулмонӣ тарафдорӣ мекарданд. «Зоти мутлақ», - навиштааст сӯфӣ Иноятхон, - бо ду ҷиҳат мардона ва занона таҷаллӣ гардидааст. Барои он ки мард таҷаллии аввали илоҳият аст, вай нисбат ба зан бештар дорои рӯҳи илоҳӣ аст. Занҳои Шарқ, ки аз ҳуқуқи инсонӣ тамоман маҳруманд, бисёртар ба вазифаи худ, чун таҷаллиёти дуйумӣ илоҳият мувофиқанд» [13,183].

Маврид ба зикр аст, ки таълимоти пантеистӣ, яъне Офаридгорро бо падидаву неруҳои табиат омезиш дода, андешаи аввалу охир доштани олам ва ҳодис будани онро таъйид намуда, дар баробари ин арзишҳои дунявӣ ва ҳаёти воқеиро низ барои инсон муҳим арзёбӣ намудан аст. Ғояи аввалу охир доштани олам дар фазо ва вақт ҳанӯз мутаффакирони пешқадами гузаштаро низ ба шубҳа андохта, майдони баҳсу мунозираи байни онҳо ва намояндагони рӯҳонияти динӣ гардида буд, ки ин мунозирот дар «Маснавии Маънавӣ»- и Мавлавӣ чунин баён ёфтааст:

В-он яке мегуфт олам ҳодис аст,
Фонӣ аст ин чарху ҳаққаш хорис аст.
Фалсафӣ мегуфт: чун донӣ худус!
Ходисии абр чун донад ғаюс!
Заррае худ нестӣ аз инқилоб,
Ту чӣ медонӣ ҳудуси офтоб?...
Он яке мегуфт гардун фонӣ аст,
Бе гумоне ин биноро бонӣ аст».
В-он дигар гуфт: «Ӯ қадиму бекас аст,
Несташ буневу поёну васат».
Гуфт: «Мункир гаштаӣ халлокро,
Рӯзу шаб орандаву раззокро.

Аз ин муколама бармеояд, ки ҳануз дар асрҳои миёна ба таъсири маъмурӣ ва идеологии динӣ нигоҳ накарда, мутафаккирони пешқадам оламро бе аввалу бе охир гуфта, ба ин восита Офаридгорро бо табиат як хондаанд. Аммо, ба таври умум, ҳаматарафа асоснок кардани ин фикр бо далелҳои илмӣ дар соҳаи табиатшиносӣ, дар шароити асримиёнагӣ ғайриимкон буд. Далелҳои овардашуда ношӣ аз онанд, ки бинишҳои дунявият ва бардошта аз ҳаёти воқеӣ дар ҳар шаклу мазмун дар фарҳанги гузаштаи мо ҷойгоҳи устувор доштаанд.

Дар афкори фалсафӣ, адабӣ ва ҳама соҳаҳои фарҳанги гузаштаи тоҷик унсурҳои дунявият дар баробари дигар шаклҳои ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ ҷойгоҳи устувор дошта, ин фарҳангро аз бисёр ҷиҳат сермуҳтавою пурмазмун ва бою ғанӣ гардонидаанд. Раванди ташаккулу рушди андешаҳои дунявӣ дар ин фарҳанг гарчанде аз дигар шаклҳои ҷаҳонбинию мафкуравӣ ҷудо набошад ҳам, онҳо ҳамзамон дар доираи таълимотҳое, аз қабили шаккокии зиддидинӣ, индеферентизм (бетаваҷҷуҳӣ нисбат ба нормаҳои динӣ), таълимоти риндӣ (риндия), танқиди исломи расмӣ, таълимоти пантеистӣ, озодфирӣ, ақлгароӣ, таҳаммулпазирии ирфонӣ ва ғайраҳо равшантар чеҳраи худро кушодаанд. Раванди тағйирпазирии унсурҳои дунявӣ

ва динӣ дар таърихи фарҳанги тоҷик собит месозад, ки онҳо дар вобастагӣ ба вазъи иҷтимоию сиёсии марҳилаҳои гуногун гоҳҳо равшан чун эътироз ба афкори иҷтимоии замон, гоҳҳо муътадил ва гоҳҳо пардапӯшонаю мусолиҳакорона ифода гаштаанд. Вуҷуди чунин ғояҳо дар фарҳанги гузаштаи халқи тоҷик нишон медиҳад, ки дар равишҳои ҷаҳонбинии он таълимоти динӣ таълимоти ягонаву ҳоким набуда, балки андешаи муътадили динӣ дар ҳамоҳангӣ бо дигар таълимотҳои фикрӣ, аз он ҷумла бо андешаҳои дунявӣ ҷаҳонбинии якҷояро ба вуҷуд овардааст ва ин як заминаи ташаккулёбии модели имрӯзаи давлати дунявии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Адабиёт

1. Абдуллоев Ш. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар пиёдасозии модели нави давлати дунявӣ.// «Набзи Замон» №2.– Душанбе,2013.-123саҳ.

2. Абдуллоев Ш. Муқаддимаи фалсафа (Мантиқ, таърихи фалсафа, ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, назарияи ҳастии таърихӣ) -Душанбе, 2013.-512саҳ.

3. Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ар-Разӣ. Расоилу фалсафия. Ат-табъат-ус-солисати.- Бейрут, 1979, С.-191-217.-347саҳ. (ба забони арабӣ)

4. Абу Бакр-ар-Рази. Избранные трактаты. (Перевод с арабского и комментарии М.Диноршоева и Т.Мардони Вступительная статья М.Диноршоева)- Душанбе, 2006.-413с.

5. Аъсам Абудуламир. Таърих Ибн Риванди ал-мулҳид. – Бейрут, 1375ҳичрӣ.-184саҳ.

6. Баҳоваддинов А.М. Очеркҳои таърихи фалсафаи тоҷик. Сталинобод, 1961.-268саҳ.

7. Диноршоев М. Назарияи қудамои хамсаи Абубакри Розӣ/ Фалсафа дар аҳди Сомониён. –Душанбе.-«Дониш» 1999. -С.47-58.

8. Диноршоев М. Плюралистическая философия Абубакр-ар-Рази.- Душанбе, 2013.-341с.

9. Диноршоев М. Инкишофи илм ва фалсафа дар мамлакатҳои Шарқи Наздик ва миёна / Очеркҳои таърихи фалсафа. – Душанбе, 1982. С.28-39.

10. Додихудоев Х. Полемика Абу Хатима-ар-Рази и Абубакра-ар-Рази/ Ишрак; ежегодник исламской философии, № 4, 2013.

11. Додихудоев Х. Очеркҳои таърихи исмоилия. - Душанбе, 1969.- 311саҳ.

12. Доират ал-маорифи бузурги исломӣ,4.-Теҳрон.1377 ҳичрӣ.- 932саҳ.

13. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри XIII). Китоби 1.- Душанбе: «Маориф», 1989.-420с.

14. Носири Хусрав. Зод-ул-мусофирин.-Берлин, 1341 ҳичрӣ.-339саҳ.

15. Ҷалолиддини Румӣ. Гузидаи ғазалиёти Шамс.-Теҳрон,1372 ҳ.ш.-234 саҳ.

16. Чикин С.Я. Врачи философи. Москва, «Медицина», 1990.-380с.

17. Таърихи Фалсафаи тоҷик (аз қадим то асри 20) дар панҷ ҷилд.- Душанбе: “Дониш”, 2016.-392саҳ.

18. http://www.itar-tass.com/c1/276420.html.

19. htt://www.islamnews.tj/banned

СООТНОШЕНИЕ СВЕТСКИХ И РЕЛИГИОЗНЫХ ВОЗЗРЕНИЙ В ФИЛОСОФСКОМ И ЛИТЕРАТУРНОМ УЧЕНИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

Мирзоев Г.Дж.

В данной статье автор анализирует соотношение светских и религиозных воззрений таджиков в историческом процессе и отмечает, что в философской, литературной и всех других сферах таджикской культуры светские учения занимали устойчивое место наряду с другими формами мировоззрения и мироощущения. Они более ярко вступали в рамках таких учений, как антирелигиозный скептицизм, индифферентизм, учение риндия, критика официального ислама, пантеистические учения, рационализм, мистцизм и т.д. Наличие таких воззрений в истории философии и литературе таджикского народа доказывает, что в мировоззренческих системах таджиков религиозные учения не являются единым и господствующим учением. А лищь, умеренные религиозные учения в гармонии с другими идейными

направлениями, в том числе со светскими, формировали единную мировоззрению, и это является основой формирования нынешней модели светского государства в современом независимом Таджикистане.

Ключевые слова: светские идеи, религиозные учения, антирелигиозный скептицизм, индифферентизм, риндизм, риндия, пантеистические учения, рационализм, суфизм.

THE RATIO OF SECULAR AND RELIGIOUS IDEAS IN THE PHILOSOPHICAL AND LITERARY TEACHINGS OF THE TAJIK PEOPLE

Mirzoev G.

In this article, the author researches the relationship between secular and religious ideas in the past Tajik culture and mentions that in the philosophical, literary and all other areas of the past Tajik culture, elements of secularism have a stable place along with other forms of worldview and understanding. They clearly exist within the scope of teachings such as anti-religious skepticism, indifferentism (indifference to religious norms), Rindiya teachings, criticism of official Islam, pantheistic teachings, libertarianism, intellectualism, mystical tolerance, etc. The presence of such ideas in the past philosophy and literature of the Tajik people shows that in the Tajik worldview approaches, religious teachings are not a single and ruling doctrine, but moderate religious thought in harmony with other thought teachings, including secular thoughts, has created a common worldview, and this is a basis is the formation of the model of secular statehood of today's Tajikistan.

Key words: secular ideas, religious teachings, anti-religious skepticism, indifferentism, Rindism, pantheistic, rationalism, sufism epistemological.

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

НАҚШИ УСТУРА ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНБИНИИ ТАФАККУРИ ФАЛСАФӢ

Муродова Тоҷинисо – н.и.ф., ходими пешбари илмии Шуъбаи таърихи фалсафаи ИФСҲ АМИТ

Устура ва ё достонофаринишу афсонагӯй, ривояту қиссагӯй қисмате аз ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги башарият буда, дар миёни мардум аз қадимулайём ҷорӣ аст, ки дар бораи оғози дунёи ҳастӣ ва чигунагии пайдоиши инсон сухан меравад. Устура таҷассуми орзую омол ва афкори башари қадим дар бораи кайҳоне, ки мезист, буд ва дар кулл дар асотир талош бар он аст, ки то ба суолҳои амиқе посух дода шавад ва ё ҷавоб пайдо намояд. Дар асоси ин тафаккурот эътиқодот ва бовариҳое шакл мегирад, ки гоҳ ба дин ва гоҳе ба дунё ва ҳаёту марг ва оқибат ба хайрии дунёи ҳастӣ тамоил мепазирад. Дар дохили ин андешаҳои гуногунҷанбаву бо ҳам зидди ибтидоӣ масъалаҳои нигариш ба пайдоишу ташаккулёбии худи инсон тавассути чӣ ва ё кӣ, барои чӣ ва ба хотири кӣ, аз куҷо ва кай низ ба вуҷуд омада, боиси ташаккул ёфтани органҳои ҳис, шуур ва ҳамчунин майнаи сари инсон ва диди вай нисбати дунёи ҳастӣ ва пайдоиши он мегардад.

Ҳамин тариқ, дар атрофи офаринишу пайдоиши дунёи ҳастӣ ва мавҷудоти зинда ва аз ҷумла инсону иҷтимои он одамони ибтидоӣ меандешиданд ва нахустин тафаккуроти фалсафӣ низ рӯи хилқати инсон ва олами мавҷуд буруз мекард. Матни мақола ин масоили мубрами замонро мухтасар бо таҳқиқу баррасӣ ва усулу равишҳои хос дар бар мегирад.

Калидвожаҳо: инсон, кайҳон, инсонмеҳварӣ, кайҳонмеҳварӣ, гетӣ, дунё, устура, олами вуҷуд, гиёҳпайкарӣ, мардумпайкарӣ, осмон.

Масъалаи инсон ва кайҳон яке аз масоили марказӣ ва муҳими таърихи фалсафаи башарият ба шумор меравад. Донишмандони илму фарҳанг ва тамаддуни башарӣ аз замонҳои хеле қадим саъю талош намуданд, ки пайдоиши инсон ва кайҳон ва равобити онҳоро шарҳу эзоҳ диҳанд ва асрори ин ду рукни бо ҳам вобастаи дунёи вуҷудро дарёбанд. Инсон ин як шакли махсус, ва ё як ҷузъи олами ҳастӣ мебошад, ки дар баробари табиату олами нуҷумӣ як бахши комили дунёи моддӣ аст. Аз ин рӯ, рӯи таносуби табиату инсон ва олами нуҷумӣ мардуми дунёи бостон тавассути асотир ва нақлу ривоёт мувофиқи диду ҷаҳонбинии хеш дар асоси воқеиятҳо андешаҳои зиёдеро баён намудаанд. Ва минбаъд дар давраҳои таърихии ташаккули афкори фалсафӣ ин масоил дар шаклҳои мухталиф ва равишу усулҳои гуногунҷанба таъбиру таҳлил шудааст ва ҳоло ҳам идома дорад.

Тафаккури фалсафӣ дар бораи пайдоиши инсон, мақоми вай дар олами моддӣ ва иртиботи ӯ ба табиату кайҳон ҳамеша аз проблемаҳои муҳими ҳаёти инсонӣ ба шумор меравад. Дар ин хусус донишманду мутафаккирони Эрони бостон ва Ҳинду Чин саъю талош намудаанд, ки роҳу равиш ва усулҳои гуногунро рӯи ҳаллу фасли он истифода намоянд.

Ин мавзӯи мубрам бештар дар асоси асотиру ривоёти мактабу равияҳои тоҷику форси бостон, ки дар ташаккулу инкишофи тафаккури фалсафӣ нақши муҳим бозидаанд, баррасӣ хоҳад шуд. Бояд гуфт, ки дар байни устураҳои мухталифи дунёи бостон дар бораи пайдоиши инсон ва чигунагии вай ва иртиботи ӯ ба табиату кайҳони боло таъбиру тафсирҳои гуногун вуҷуд дорад, ки мо дар асоси омӯзишу таҳқиқи сарчашмаву адабиётҳои хориҷиву ватанӣ ва китобҳои таърихии бостонии мардуми тоҷику форс баъзе фаҳмишу дидҳои худро нисбати ин масъала рӯи қоғаз ҳоҳем оварад.

Асоси ин сарчашмаҳои муҳими мардуми тоҷику форси бостонро пеш аз ҳама «Авесто», «Динкард», «Бундаҳишн», «Минуи хирад», «Дарахти Асурик», «Таърихи Ғурар-ас-сияр»-и Абумансури Соалиби Нишопурӣ ва ғ. ташкил меди-ҳанд, ки аз тарафи олимону донишмандони тоҷик таҳия ва ба чоп тайёр карда шудаанд.

Дар даврaҳои мухталиф мардуми ҳар тамаддуну фарҳанг бар асоси мавқеияту ҷаҳонбинӣ ва шароити зисти хеш нигоҳи мухталиф ба хилқати инсон ва иллати пайдоиши ӯ дар рӯи замин ва ҳамчунин кайҳон доштанд. Ба монанди он ки қисмате аз инсонҳо ба пайдоиши хеш ва дунёи моддӣ воқеъбинона нигаристанд. Ва дар муқобили он милал ва қавмҳое, ки бо машаққат ҳамдаму ҳамнафас буданд, ошуфтагию гирифтории худро бо мабдаи нахустин марбут дониста, ҳадаф аз хилқати хешро фидокорӣ ва хизмат кардан барои худоён ва тарҳи девон қаламдод кар-данд.[11]

Устура ва ё достонофаринишу афсона-гӯӣ, ривояту қиссагӯӣ қисмате аз фарҳанги башарият буда, дар миёни мардум аз қадимулайём ҷорӣ аст, ки дар бораи оғози ҷаҳон ва чигунагии пайдоиши табиату инсон ва фаъолияти ӯ сухан меравад. Ба гуфти муҳаққиқи Эронӣ Ҳамиди Ковиё-нипуё «бархе вижагиҳо дар миёни устура-ҳои офариниш муштараканд. Дар ҳамагии ин достонҳо тарҳи куллӣ ва шахсиятҳои таъсиргузор вуҷуд доранд, ки наҳваи пайдоиш ва амалкарди онҳо сабаби таҳавулоти умда ва мондагор дар ҷаҳон мешавад».[11] Устура таҷассуми орзӯю омол ва афкори башарият дар бораи дунёе, ки мезист аст ва ба таври куллӣ дар асотир саъй бар он аст, ки то ба суолҳои амиқе ҷавоб дода шавад ва ё ҷавоб пайдо намояд. Дар асоси ин тафаккурот эътиқодот ва бовариҳое шакл мегирад, гоҳ ба дин ва гоҳе ба дунёву сохти он ва зиндагиву марг ва оқибат ба хайрии дунёи ҳастӣ тамоил мепазирад. Ва дар дохили ин андешаҳои мухталифу бо ҳам зидди ибтидоӣ масоили нигариш ба офариниш ва пайдоишу ташаккулёбии худи инсон тавассути чӣ ва ё кӣ, барои чӣ ва ба хотири кӣ ва ё чӣ низ падид омада, боиси пайдоиши шуур ва ҳамчунин ташаккул ёфтани майнаи сари инсон ва диди он нисбати дунёи ҳастӣ ва офариниши он васеъ мегардад. Ҳамин тариқ, дар атрофи пайдоиши ҷаҳони моддӣ ва инсону иҷтимои онҳо одамони ибтидоӣ меандешиданд ва аввалин тафаккуроти фалсафӣ низ рӯи хилқати инсон ва олами ҳастӣ падид меомад. Ин баррасиҳои тафаккуроти инсонӣ дорои аҳамияти муҳим буда, барои пешрафти маърифат ва дидҳо дар бораи тафаккуроти пешиниён ва орзую омоли онҳо нисбати инсону дунё ба асотиршиносии офариниш кумак мекунад. Асотир ва фикру андешаҳои асотирии инсонҳо боиси пешрафт ва камолоти илму маърифати инсон дар бораи пайдоиши инсон ва дунёи мавҷуд гардида, нахустин дурахшҳои ҷаҳонбинии фалсафиро ба миён оварда, барои ҷаҳонбиниҳои дигар низ заминагузорӣ мекунад. Қайд намудан зарур аст, ки устура на танҳо фақат ҷаҳонбинии асотирӣ, балки ҷаҳонбинии динӣ ва фалсафии башариятро дар шакли ибтидоӣ дар атрофи офариниши оламу инсон ва офаридагори онҳо дар бар мегирад. Дар ҷараёни пешрафти улум ва боло гирифтани маърифати инсонӣ, баррасии ихтилоф ва шабоҳати орзую омолҳои ҳар як аз ойину адён ва падидаҳои мадди назар, таҷрибаю баррасии тафаккури миллату нажодҳои гуногун бар асоси таҳлилу таҳқиқ бо роҳу равишҳои илмӣ-мантиқӣ ва муқоисавӣ мушаххас мегарданд. Омӯзишу таҳқиқотҳои ба вуҷуд омада дар бораи асотир ва динҳои қадима аз дер боз «мустақилан ва ё ба гунае таркибӣ дар бораи асотир ва адёни бархе милал бо ановини чун асотири Эрон, асотири Байнаннаҳрайн, торихи адёни осиёӣ сухан ба миён омадааст».[11] Илова бар ин дар қисме аз омӯзишу таҳқиқотҳо масъалаи пешрафти моддӣ-иҷтимоӣ ва ахлоқӣ матраҳ ва баррасӣ шудааст. Монанди китобҳои «Устураи офариниш дар ойини Монӣ»,[1] «Намунаҳои нахустин инсон ва нахустин Шаҳриёр дар торихи афсонаи эрониён»[8] «Офариниш дар адён»[8], «Инсон ва кайҳон дар Эрони бостон»[10] ва ҳамчунин мақолаҳои зиёде дар бораи офариниши инсон дар устураи қадим аз тарафи муҳаққиқони эронӣ ва хориҷӣ навишта шудааст, ки дар ҷараёни таҳлилу таҳқиқ, бо мавқеъ аз онҳо ёдовар

хоҳем кард. Ва ҳоло ба таври мухтасар масъалаи чигунагии офариниши инсон ва ҳадафи офариниш аз инсон дар асотири миллатҳои гуногуни куҳани тоҷику форс дар асоси маводҳои ба даст оварда баррасӣ хоҳад шуд. Дар ибтидо офариниши инсонро дар ойну асотири мардуми тоҷику форси бостон дида мебароем: 1.Судури пайдоиши кайҳон ва олами мавҷудот, аз ҷумла инсон дар ойини Маздаясно ва зардуштия; 2.Асотири Монавӣ дар бораи офариниш; 3. Офариниши инсон дар Миёнрудон (Байнаннаҳрайн - асотири Сумарӣ); 4. Вазъи кайҳон қабл аз пайдоиши олами моддӣ; 5. Ҷаҳонбинии фалсафӣ нисбати ҷавҳар ва ё хамирмояи вуҷуди инсон.

Дар асотири Маздаясно умри ҷаҳон дувоздаҳ ҳазорсола аст, ки ба чаҳор давраи се ҳазорсола тақсим мешавад ва дар сеҳазораи сеюм, ки даврони омехтагии хайру шарр, яъне бадию некӣ аст. Чунонки дар «Фаргарди» XX11-и Авесто омадааст: «Нахустин замони бекарона буд, ки азалиёту абадӣ ва ду ҷаҳон – равшаниву торикӣ, ки бар ҷаҳони равшанӣ Ҳурмузд ва бар дигаре Аҳриман фармонраво буд. Ҳурмузд чун зоти муҳоҷими Аҳриманро мешинохт, тасмим гирифт, ки равшании хешро дар баробари тозиши Аҳриман ҳифз кунад. Ва бад-ин рӯй аз замони бекарона замони каронаманди дувоздаҳ ҳазорсоларо офарид. Чун ҳеҷ хилқате бидуни замон мумкин набуд, бо халқи замони каронаманд тавассути Ҳурмузд, Аҳриман низ қодир ба офариниш шуд». [3,701] Дар ин даврон офариниши минуи (مینوی) шакли моддӣ гирифта, ба тартиб осмон, замин, об, гиёҳ, ҳайвон ва сипас нахустин инсон Каюмарс (Гайумартан ва ё Гаёмард) пайдо омаданд. Дар ин бора дар «Динкард» омадааст, ки «офаридаҳои гетиёӣ рӯйи ҳам рафта, болиғ бар шаштоанд: осмону обу замину гиёҳу ҷонвару мардум.» [6,119] Яъне системаи судури олами ҳастӣ чунин аст: «Эзад осмонро пеш аз ҳамаи дигар ҳастумандон офарид, пас аз он обро офарид, он аз баҳри нигаҳдории ду савияи созгоронаи нерӯи бод, зеро бод минуи ҳаво (ҷавв/ атмосфера аст, яъне гавҳари осмон. Пас аз он заминро офарид, пас аз замин гиёҳ ва сипас ҷонвар ва дар поён мардумро офарид».[6,119]

Судури олами ҳастии бостон ба таълимоти исмоилияи асримиёнагӣ хеле шабоҳат дорад ва ин нишонгари он аст, ки мутафаккирони исмоилия, махсусан Носири Хусрав, Абуяқуби Сиҷистонӣ ва дигарон дар системаи эманацияи оламу одам аз ин сарчашмаҳои қадима баҳра бурдаанд.

Муҳаққиқи устурашиносӣ Эрон Ҳамид Ковиёнипуё менависад, ки «дар Бундаҳишн омадааст: «Шашум мардро офарид, ки Каюмарс аст, ба ҳафтод рӯз, ки аз рӯзро моҳи дей то рӯзи анғазон, моҳи сипандормад аст». [11,5] Ба таври рушантару возеҳтар рӯи офариниши Каюмарс ба матни худи «Бундаҳишн» менигарем, ки чунин омадааст: «Ба «Дин» гӯяд, ки ман нахустин мард, Каюмарси равшану сапедачашмро офаридам. Ӯ бузургтари мардумон аст, аммо ӯ сарвари эшон нест, зеро Зартушт сарвар аст…».[4,140] Чунон ки мебинем дар устураҳои бостони тоҷику форс образи Зардушт нисбати дигар нахустинсонҳо афзалтар аст, зеро ки маънавиёт ва кодекси ахлоқӣ-фалсафии ӯ дар ривоятҳо мақоми воло дорад. Дар китоби панҷуми «Динкард» дар фасли дуюм дар бораи таърихи зиндагии Зардушт ва дини Маздаясно чунин омадааст: «Зардушт дар он рушании пок…аз ҳамон оғози ба сурати мену (он ҷаҳонӣ) офарида ва пардохта шуд, то динро ҳам бе нуқс ҳам ба тафзил ва ба камол ва бе он ки чизе аз он фуру гузарад, бипазирад ва дар ҷаҳон ривоҷ диҳад». Ҳангоме ки фиристода шуд то дар ҷомаи хокӣ (ба сурати инсон) ва вуҷуди гетӣ (ин ҷаҳонӣ) мутаҷаллӣ шавад, фазаҳи (симу нуқра) бузург ва рушане намоён буд». [6,210] Ҳамин тариқ, мувофиқи матни «Динкард» пас аз Каюмарс замон то замон то он вақт, ки «Зардушти сутудафраваҳар» омад қисмате аз он «гуфтори нек» ба фарохури дониш, огаҳӣ, куниш ва наҷоти мардуми он замон буд.[5,239] Баҳман аз Зардушт суол мекунад, ки «Эй Зардушти Спитамон ба чи сабаб ту ранҷай (ранҷ мебарӣ? Ба чи чиз [5,258]Чунон ки фарозкушӣ (кушиш мекунӣ)?- Ҷавоб медиҳад, ки «барои парҳезгорӣ ранҷаам ва барои парҳезгорӣ кушоям ва комдеҳии ман дар парҳезгорӣ аст». Аз намунаи ин суолу ҷавоб мебинем, ки ривоятҳои ин устураҳои мухталифи кишварҳои бостон бе ҳикмат набуд, зеро ки

бо пайдоиши Аҳуромаздою Аҳриман, яъне хайру шар(р) ва зиддияти байни онҳо тоқазо мекард, ки як ҷонишине барои Офаридагор зарур буд, ки дар муқобили қудратҳои аҳриманӣ ва Аҳриман истодагарӣ кунад ва нагузорад, дунё ба касод кашида шавад. Ва Зардушт аз ин қудратҳо буд, ки барои адолату ростиву ростгӯй, росткорӣ бар зидди дуруғҳои асосгузори дуруғгӯён Аҳриман ва нажоди ӯ мубориза кунад ва дунёро аз торикӣ ба рушноӣ бикашад. Он вақт аз паси ростиҳо аъмоли неку пиндор ва гуфтори нек хоҳад амал кард. Ин андешаҳо албатта гуфтаҳою хостаҳои Зардушт аст, ки хонанда метавонад аз сарчашмаҳои таърихию бостонӣ ин фармудаҳоро пайдо кунад.

Дар достони «Устураи офариниши инсон ба ривоёти Эрони бостон» доир ба ҳадаф аз хилқати инсон омадааст, ки ин «кумак ба Офаридагор дар мубориза бо Аҳриман» ва «ҷонишини Худо дар замин» будааст. Ин офариниш пас гузаронидани давраҳои замонӣ мушаххас такмил меёбад. Дар ин бора муҳаққиқ Ковиёнипӯё қайд мекунад, ки «бо тавақуҳ ба ин ки офариниши моддӣ ва ба вижа Каюмарс (инсон) аз замоне оғоз мешавад, ки бархурде байни Аҳуромаздо ва Аҳриман падид меояд ва душмании онҳо ошкор мешавад, метавон офаринишро бад-ин манзур (ёрӣ бо Худованд дар ҷидол бо аҳриманон) қаламдод кард». Бад-ин рӯй дар «Бундаҳишн» чунин унвон мешавад, ки «…шашум марди парҳезкорро офарид барои аз миён бурдан ва аз кор афкандани Аҳриман ва ҳамаи девон». [4,129]

Офариниши олами моддӣ, яъне кайҳон ва хилқати инсон, дар навбати аввал ин нишонаи зиндагӣ дар замин ва муборизаи ду қувва - некӣ бар бадӣ ва боло гирифтани нур бар зулмотро нишон медиҳад. Аҳуромаздо – рамзи сарвари доно ва хайри мутлақу мухолифи ҳамаи бадиҳову ранҷу озобҳо аст. Дар муқобили ӯ Аҳриман қарор дорад, ки рӯҳи шар(р) аст ва ҳамеша саъй мекунад, дар дунёи ҳастӣ ба зиндагии инсонҳо ангезаи бадӣ эҷод намуда, халалпазирӣ кунад. Аз ин рӯ, зиндагӣ дар ин ҷаҳон бозтобӣ аз муборизаи кайҳонии Аҳуромаздо ва Ангра Манӣ, яъне Аҳриман аст. Аз ин рӯ, сабаби офариниши олами моддӣ ва аз ҷумла инсон дар асотири қадими тоҷику форс «мушорикат дар набарди кайҳонӣ» аст. Дигар офаридаҳо, ба монанди гиёҳону ҳайвонот низ ҳамчун инсон дар радифи офаридаҳои ҷузъи ногузир ва муҳим аз ҳастианд (яштҳо, 1377, фақраи 28).[3,701] Аммо мақоми инсон дар таърихи офариниш хос аст, яъне мувофиқи ривояту навиштаҳои муҳаққиқони таърихи фалсафаву адён гӯё халқи одамӣ барои ҷонишинии Худованд ва мубориза бо қуввоҳо ва авомили Аҳриманӣ дар рӯи замин дар мадди назар будааст. Дар ривоятҳои динӣ ва ғайридинии мардуми тоҷику форс дар бораи сиришти одамӣ омадааст: «…Каюмарсро гили шоҳ хонданд, зеро ки аз гил офарида шудааст». Аз он ҷумла дар «Кардаи сиву панҷум»-и «Динкард» чунин баён шудааст: «Нахустин динпазируфтор аз ҷаҳонофарин Каюмарс будааст, ки низ нахустин мардумиён аст, ҳамоно нахустин гилшоҳ, ки баробари доди дин, аз баҳри сомондеҳӣ ва вероиши геҳон (кайҳон) ва пешравандагии офаридагон, рафтор кардааст». [6,35] Ҳамчунин дар «Таърихи Ғурар ас-сияр маъруф ба «Шоҳномаи Саолибӣ» арз шудааст: «Каюмарс дар куҳҳо мезист ва ӯро «Гаршоҳ», яъне подшоҳи куҳ мегуфтанд. Зеро «Гар» дар порсӣ ба маънои куҳ аст».[6,41] Аз ин ҷо, «…сомонпазирии сиришт, ниҳодашуда бар умеде аст, ки он умед, нерӯе барои раҳойи аз фишори тангкунандаи Аҳриман, ба хоҳиши расидан ба ҷаҳони бозпасин (фрашгард) аст». [6,701] Аз ин ҷо, «…ин нахустин инсони устурай барсохта аз гил вижагиҳои дигаре низ дорад. Ӯ чеҳрае баландболо ва ҷазоб «ба рушании хуршед» аст, ки аз замин офарида мешавад».[11] Дар китоби сеюми «Тоҷнома» омадааст, ки «Каюмарс аз ҳамаи мардум зеботар ва дар офариниш аз ҳамагон комилтар ва нерумандтар буд, ба гунае, ки чашмҳоро мерабуд ва ҳеҷ парӣ ё одаме набуд, ки ӯ ӯро бубинад ва дилбохтаи ӯ нашавад ва дар баробари ӯ карниш (таъзим накунад ва намоз набарад».[2]

Дар мақолаи «Дунёи қадим» («Луғати энсиклопедӣ» [7]) омадааст, ки Каюмарс–нахустинсон, баъдан аввалин шоҳи Пешдодиён…буд ва ҳамчунин баъзе версияҳои дигарро низ овардааст, ки гӯё Каюмарс

3000 сол дар биҳишт буда, баъдан ба замин мефарояд ва боз 3000 соли дигар зиндагӣ мекунад, то ба вучуд омадани рамзи бадӣ дар образи Аҳриман. Он вақт писари Аҳриман Хоҷура ба Каюмарс ҳамла мекунад, вале ӯ аз тарафи Каюмарс кушта мешавад. Пас аз ин Каюмарс аз тарафи Аҳриман кушта мешавад.[7]Аммо маълумоти рушантарро мо метавонем аз «Бундаҳишн» нисбати офариниши инсон дар иртибот ба ривояти асотирии Каюмарс пайдо кунем.

Аз мутолиаи сарчашмаҳо бармеояд, ки баландии қади Каюмарс ва паҳноияш баробар андоза аст. Ҳамин тавр Каюмарс дар асотири паҳлавӣ мавҷуде гирд аст, ки дарозоӣ ва паҳноияш мусовӣ аст ва аслан шакли инсон надорад…баъдҳо шакли физикӣ ва моддӣ гирифтааст ва дар шакли моддӣ низ мафҳуми шахсиятёфтаи комиле нест. Аммо дар ривоятҳои Зартуштӣ ба шаклҳои мухталиф васф шудааст…. Каюмарс дар ин тавсиф шакли як нутфаи инсониро дорад.[11] Бинобар ин Каюмарсро бояд нахустин ва ибтидоӣ аз одамӣ бидонем, ки пас аз ӯ хилқати инсон комил мешавад ва инсони гилӣ нахустин оғозе аз ин нуқтаи такомул аст.

Марҳалаи дуюм дар офариниши одамӣ дар асотири Маздаясно пас аз офариниши моддӣ Аҳриман ва дигар девон ба гетӣ ва офариниши Аҳуроӣ ҳуҷум мебаранд. Дар офариниши Маздаясно шаклгирии ҷисм ва равони одамӣ ба ду шакл дида мешавад: Офаридани дунё бо тамоми мавҷудоташ ба сурати минуӣ (рӯҳонӣ ва маънавӣ) ва ҳамон тавре ки дар бахши марбут ба устураи Машӣ ва Машёна (Маҳлӣ ва Маҳлёна) омадааст, ҷисм барои рӯҳ офарида шудааст, на рӯҳ барои ҷисм; дуюм дохил шудани равон ба колбади гиёҳии Машӣ ва Машёна аст, ки пас аз он ба сурати инсонӣ даромаданд.[3,700] «Ва миёни онҳо равон ба минуӣ дохил шуд ва аз гиёҳпайкарӣ ба мардумпайкарӣ тағйир ёфтанд».

Дар «Авесто» ва дигар матнҳои бостонии Маздаясно аз ҷаҳони минуӣ, яъне рӯҳонӣ ва моддӣ ва гетиёна сухан рафтааст. Ҷаҳони менуӣ, яъне рӯҳонӣ ҷаҳоне мебошад, ки қабл аз офариниши дунёи моддӣ будааст ва пас аз поёни он ва барпоии растохез низ ҳамчунон хоҳад буд. [9] Тамоми мавҷудот – ҷондору беҷон сиришҳову хислатҳои ҳаётии ғайри ҷисмонӣ дар ҷаҳон минуӣ доранд. Сипандминуӣ ва ангра минуӣ ҳар як ботини бахше аз офариниш ҳастанд ва аз ин рӯ, ба унвони думинуии оғозини ҳамзод ном бурда мешаванд.

Умуман дар бораи офариниши инсон ва кайҳон ва таносубу иртиботи онҳо ва қадимияти яке нисбат ба дигаре ва ё баробариву пасу пешоии онҳо андеша ва дидҳои мухталиф вуҷуд дорад. Яке аз ин нигаришҳо ин аст, ки худованди некӣ ва рушноӣ Аҳуромаздо, одамӣ - шашумин махлуқро дар қатори дигар офаридаҳо падидор мекунад, ки монанди хуршед сафеду дурахшон аст ва гӯё аз нур баромадааст. Ба ин хотир сиришти нуронӣ дорад. Бар ин асос бинобар ривоёти паҳлавӣ «офаридагон ба минуӣ аз ахгари оташ офарида шудаанд, ки дар рӯшноипайкарона ҷаҳони некӣ бувад».[9] Аммо боз ривояти дигаре вуҷуд дорад, ки инсонро аз оби сиришке медонад. Аз ҷумла дар «Бундаҳишн» омадааст»: «Тани мардумон ба сони гетӣ аст, зеро гетӣ аз оби сиришке сохта шудааст. Чунин гӯяд, ки ин офариниш, нахуст ҳама оби сиришке бувад, мардумон низ аз оби сиришке ҳастанд» (Бундаҳишн, 2005; с.329).[11] Бо вуҷуди ин чунонки қаблан гуфта шуд дар ривояти Паҳлавӣ ишора шудааст: «Мардум аз он гиланд, ки Каюмарсро аз он кард».[11] Боз дигар дидгоҳ низ ҳаст, маншаи одамӣ, яъне зуҷи нахустинро чизе ғайр аз хок муаррифӣ ва тасаввур мекунад. Ин ду мавҷуд – Машӣ ва Машёна,[8,700] ки волидини инсонҳои башар ба шумор мераванд, дар ҳақиқат инсонҳо аз онҳо ва дар ҷараёни омезиш ва зиндагии онҳо падид меоянд, ки сириште гиёҳӣ доштаанд ва аз наботот ба амал омадаанд. Аз гиёҳи ревос, ки «ҳамчун моҳ сафеду рушан аст».[3,700] Ҳамин тариқ, пас аз пайдоиши инсони нахустин ва зувҷи одамӣ маншаи пайдоиши инсон марбут ба «пазириши зоду валад бо комиландешӣ» [5,234] аз омезиши як ҷуфти инсон ба номи Машӣ ва Машёна аст, ки ҳамзод ва ҳамзамон ба вуҷуд омадаанд ва ҳеҷ кадом бар дигаре фазли ҷинсиятӣ ва аз назари пайдоиш тақаддуми замонӣ надоранд ва

паҳншавии насли башар бад-ин тариқ аз эшон аст.[6,129]

Аз табиат пайдоиш ва ба вуҷудоии насли инсон ин дар дунёи бостони тоҷику форс як андешаи бикре буд барои заминагузорӣ ба илми антропологияи асрҳои баъд. Ва бояд қабул кард, ки асотири мардуми тоҷику форси бостон комилан дар заминаи воқеияти моддӣ ба вуҷуд омадааст ва нисбати асотири Мисру Ҳинд ва Чини бостон дар зинаи болотаре меистад.

Дар «Бундаҳишн» омадааст: «Ҳурмузд ба Машӣ ва Машён гуфт, ки: «Мардумед, падару модари ҷаҳониён ед. Шуморо бо бартарин ақли салим офаридам, ҷараёни корҳоро ба ақли салим ба анҷом расонед. Андешаи нек андешед, гуфтори нек гӯед, кирдори нек варзед, девонро маситоед» Ҳангоме, ки яке ба дигаре андешид, ҳарду нахуст инро андешиданд, ки: «Ӯ мардум аст». Эшон чун ба роҳ афтоданд, нахустин кунише, ки карданд ин буд, ки биандешиданд. Нахустин сухане, ки гуфтанд ин буд, ки «Ҳурмузд обу замину гиёҳу ҷанвару ситораву Моҳ бархонанд». Пас, Аҳриман ба андешаи эшон, яъне Машӣ ва Машёна бартохту андешаи (эшон)-ро палид сохт ва эшон гуфтанд, ки: «Аҳриман офарид обу замину гиёҳу дигар чизро».[4,130] Аз ин ҷо, аз матни «Бундаҳишн» ба хуби дида мешавад, ки нахустин дуруғгӯй, ки тавассути эшон, яъне Аҳриман ба ҳам бофта шуд…. ва одам, дар шахси Машӣ ва Машёна дар натиҷаи фиреби Аҳриманӣ тавассути гирифтории нафсашон бо ҳам дар рашк ва ҷангу ҷидол дарҳам меафтанду рӯю муӣ якдигарро мекананду мезананд. Аз он носипосии онҳо девон неруманд гардида, бонг заданд, ки: «мардумед, девро парастед, то рашк биншинад.[4,132]

Офариниши инсон ва кайҳон мувофиқи асотири ойини Монӣ дар оғоз, гавҳари хубӣ «падарбузургӣ», ки дар Шопургон Зарвон номида шудааст, дар сарзамине рушан буд. Дар сарзамини торикӣ ва зулмот гавҳари бадӣ ва разолат мезист, ки дар он ҷо дар баробари бо ҳамоҳангӣ ва назми қаламрави рушноӣ, парешонӣ (хаос) ва беназмӣ ҳукумфармо буд. Дар натиҷа бархурду ҷидоле, ки байни қуввахои хайр (рушноӣ) ва шар(р) (торикӣ) дармегирад, падарбузургӣ барои муқобила ба офариниш (фарохондан) даст зад. Вале дар ин кашмокашии ба вуҷуд омада нерӯҳои аҳриманӣ нерӯҳои рушниро бо макру найранги худ ба дом меандозанд.

Дар матнҳои Монавӣ инсон ва ё насли инсонӣ аз ин ду инсон - Гуҳмард (нарина) ва Мардюна (моддиёна), ё Маҳлӣ ва Маҳлёна падид омадаанд. Дар ин байн Гуҳмард гироишҳои нуронӣ дошт ва Мардюна бошад асири шаҳватҳо буд. Гуҳмард аз омезиш бо Мардюна парҳез кард, то ин ки дар ниҳоят ағво шуд ва аз омезиши ин ду Шис ба вуҷуд омад ва Шис пораҳои нурро дар рӯҳи худ ва офариниши Аҳриманӣ торикиро дар ҷисми худ дошт. Бинобар ин дар дунё, яъне дар олами ҳастӣ боқӣ монд ва тавлиди насл кард.[11] Аз ин ҷо, бармеояд, ки инсон дорандаи нафсу рӯҳ аст, ва аксар вақтҳо нафс аз ҳадди эътидол боло гирифта, инсонро ба ғафлату торикиҳо мекашад, ки онро дар таърихи бостони тоҷику форс нафси аҳриманӣ гуфтанд.

Бо тавақуҳ ба матнҳои устураи Монавӣ офариниш дар кулл, яъне офариниши моддӣ натиҷаи талошу кушишҳо ва ситезҳои қудратҳои Аҳриманӣ барои посдорӣ аз ҷавҳари рӯшноӣ аст, ки аз инсони нахустин ба яғмо бурда буданд ва ба гунае барои ҳифзи нур аст. Бинобар ин пайдоиши инсон тарҳи шайтонӣ ва зиндагии дунявии ӯ дар кайҳон аст ва идомаи зиндагии инсон ёрӣ ба нерӯҳои торикиву зулмот аст. Пас бунёди офариниши моддӣ аз қуввахо коргузорони палидӣ аст, ки ин тарзи баёни офариниши олами моддӣ бо баёноти ойини Маздаясно нисбатан фарқ мекунад. Чунонки дар боло гуфта шуд дар ойини Маздаясно зуҷи нахусти (Машӣ ва Машяна) дар ибтидо ба далели гуноҳе, ки анҷом додан ва Аҳриманро дорои офариниши моддӣ қаламдод карданд, майл барои омезиш ва зоду валад дар онҳо бардошта мешавад. Аммо пас аз тавба бо якдигар васлат мекунанд ва дорои фарзандоне мешаванд, яъне «пазириши зоду валад бо комиландешӣ»[5,234] анҷом мегирад. (Бундаҳишн, 2005; с.189-190). Дар ҳоле, ки дар асотири Монавӣ гуноҳи нахустини инсон фирефта шудан тавассути девон содир мешавад ва дар натиҷа васлат кардан ва омезишу фарзандоварӣ аст.

Дигар ин ки дар дини Монавӣ ба зан, ки тавлид аз ӯ шакл мегирад нисбат ба мард бо нигоҳи манфӣ ба вай нигариста мешавад. Зеро зан бо зоиш зиндонӣ шудани рӯҳи рушноиро маҳдуд мекунад. Вале дар дини Маздаясно зан ба иллати тавлид ва ба дунё овардани насл гиромӣ дониста мешавад ва мард ҳеҷ бартарӣ нисбат ба ӯ надорад. Дар ҳоле, ки ин шарорати зан дар ойини Зарвонӣ низ вуҷуд дорад ва дар он зан «марди растагорро ба омезиш бо худ маҷбур мекунад». [11]

Ҳамчунин ривояте дар бораи офариниши инсон дар Миёнрудон (Байннаҳрайн) бо унвони асотири Бобулиёни эзадони Сумарро вуҷуд дорад. Афсонаи офариниши Сумарӣ аз се қисм иборат аст: қисми аввал офариниши дунё; қисми дуюм танзиму тартиби он ва қисми охир пайдоиши инсон. Дар устураи офариниши Бобулӣ об маншаи офариниш будааст, ки ҳатто осмону замин ва ҳамаи руҳониёт аз он ба вуҷуд омада, баъдан бо ҳамин обҳои сокин (таёмат) қисматҳои мухталиф дунё шакл мегирад. Аз ин ҷо, асотири Бобулӣ навъҳои гуногуну зиёде доранд. Қисме аз онҳо инсонро маҳсули омезиши Мардук (худои бузурги осмон) ва Эзад бону Аруро медонанд, ки Эзад бону Аруро «бо ӯ нутфаи инсониятро падид овард» ва ба Мардук ёрӣ расонд. Аз ин ҷо, бархе инсонро офарида шуда ба дасти Мардук ва аз хуни ӯ медонанд. Ва дар дигар асотирҳои Бобулиён офарандаи инсонро Эзад бону «Момӣ» медонанд, ки одамро аз омехтани гили рас бо хуни эзадӣ меофаринад…. [11]Ин қиссаву ривоятҳои Бобулиро муҳаққиқи асотири бостони форсу тоҷик Ҳамиди Ковиёнипуё дар асоси сарчашмаву адабиётҳои зиёде фароҳам овардааст, ки мо танҳо ба мухтасари таҳқиқоти ӯ ҳавола додем. [11]

Чунонки мебинем инсон ба унвони охирин офарида аз болотарин ҷойгоҳ бархурдор аст ва устураҳои бостонии мардуми тоҷику форс низ ин мақомоти инсонро ба хубӣ арзёбӣ намуданд. Инсон барои набард бо неруҳои бадӣ ва ободонии ҷаҳон аз як тараф ва аз тарафи дигар расидан ба саодати менуӣ ба ин ҷаҳон қадам гузоштааст. Дар «Кардаи яксаду шашту шаш»-и «Динкард» навишта шудааст, ки «барубори ошкори беҳтарини рӯзгор верастагӣ ва перостагии замона… фазоилу некӣ ва ободониву порсоӣ ва ҳама гуна некӣ ва шодобии гетиёни менавӣ аст. [6,178] Аз ин ҷо, ҳадафи офариниши инсон дар ин дунёи моддӣ ин коштани ҷавҳари некуиву ростӣ ва порсоӣ аст, ки дар «Кардаи як саду сиву ҳашт» дар ин бора омадааст: «Тухмаи ҳар некуӣ ҳар он гавҳаре аст, ки пешинбунёд ва некутар аз ҳар некуӣ аст, яъне Спандорминуи некукома, Урмузди ҷаҳонофарин».[5,138] Мувофиқи омӯзиши сарчашмаву адабиётҳо кайҳон қабл аз офариниш дар ҳолати хаос, яъне парокандагиву бе назму низоми қарор дошт. Ва маҳз пайдоиши мавҷудот дунёро аз беназмии азалӣ наҷот бахшид, ки дар ин ҷо нақши ҳалкунандаро асотири милали дунё, махсусан тоҷику форс бозидааст. Дар ин навъи офариниш тамоми мавҷудот аз оғоз аз беназму низомӣ ва парокандагӣ сар бармеоваранд ва аз беназмии аввалия ин ҷаҳонро шакл медиҳанд. Вале тафовуте байни офариниши Маздаясно ва дигар асотирҳо вуҷуд дорад ва ин ки он дар офариниши Маздаясно ибтидо таъкид мешавад, ки эзадон зи ночиз чиз офарид ва дигар ин ки дар оғози офариниш ҳама чиз ба сомон буд ва назму низом дошт. То ин ки бо тохтутозу найрангҳои Аҳриман беназмию парокандагии ҳама чизро фаро гирифт. Бинобар Аҳуромаздо ин ошубу даргириеро пешбинӣ мекунад, ба ин хотир ба офариниши моддӣ даст мезанад, то назму низомро ҳифз кунад. Аз ин ҷо, се даврон дар ойини зардуштӣ –ҷудоии хайру шарр – даврони омехтагии нуру зулмот, некиву бадӣ ва дар ниҳоят ҷудоии ниҳоии хайру шарр, яъне шикасти лашкари Аҳриманӣ ва даврони Фаршкард (тасфияву таҷдид) аз андешаҳои муҳимтарини ойини зардуштӣ буд. Балки офариниш ба ҳадафи ба сомон овардани парокандагӣ, яъне хаос ва ба вуҷуд овардани осоиш буд. Аз ин рӯ, рушанондӯст тамоми заҳматашон барои аз байн бурдани зулмот эзадони дигарро ба муқобили торикию ошуфтагӣ бо юриш кардан аз байн бардоранд. Вале таърихи инсоният нишон медиҳад, ки бо тамомӣ торикиву зулмот аз миён нарафт ва дар баробари рушноӣ дар дили қисмате аз инсонҳо торикӣ маҳбус шуд ва омехтагии

хайру шарр идома ёфт ва то имрӯз ҳам идома дорад. [11]

Чунонки дидем масъалаи офариниш аз ибтидо вуҷуд доштааст ва диққати аҳли башарро чи дар шакли устураву ривоят ва чи дар шакли мафкуравию омӯзишиву баррасии он ҷалб намудааст, ки то замони ҳозир ҳануз ҳам ба таври комил рӯи назм наомадааст ва ҳалли худро наёфтааст. Аммо ҳамин устураву ривоятҳо боиси пайдо шудани идеяҳо ва ҳамчун сарчашмаи бедории тафаккуроти инсоният дар бораи оламу одам мегардад. Худи дунё, бе ҳудуду беинтиҳост ва назму низоми онро низ наметавон ба як низоми комил дарк кард ва дар ин ҷо фақат аҳли илму адаб бо ҷаҳонбинии фалсафӣ-илмӣ метавонад тасаввурот ва тафаккуроти нисбатан дурусти илмиро рӯи олами ҳастӣ – кайҳону инсон ва дигар мавҷудоти он таъин кунад.

Бояд қайд намуд, ки дар ин навишаи мухтасар дар атрофи нақши устура дар ташаккулу такомули тафаккури фалсафӣ ва ҳамчунин офариниши инсон ва мақоми вай дар кайҳон ва иҷтимои он буд, ки дар асоси асотиру ривоятҳои Маздаясно, Монавия ва Байнаннаҳрайн мавриди таҳқиқу баррасии мухтасаре анҷом гирифт.

Адабиёт

1. Абулқосим Исмоилпур. Устураи офариниш дар ойини Монӣ». Интишороти «Фикри рӯз».Теҳрон, 1381.- 328с.https: // taaghche/ com /book/ 74544.

2.Абумансур Абдулмалик ибни Муҳаммад Саолибии Нишопурӣ. Таърихи Ғурар ас- сияр маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолиби. Тоҷнома. Китоби сеюм. Душанбе, «Бухоро» - 2014.-445с.

3.Авасто. Ҷилди 2. «Бохтар». Душанбе, 2019. -700с

4.Бундаҳишн. Тоҷнома. «Бохтар» Ҷилди 2. Душанбе, 2019.-С.112-168.

5.Динкард. Тоҷнома. Китоби 7. Душанбе.- «Бохтар», 2018.-324с.

6.Динкард. Тоҷнома (тоҷикон дар масири тамаддун). Китоби 1У.

Душанбе: «Эр – граф», 2016.-324с.

7.Древний мир. Энциклопедический словарь в 2-х томах.-М Центполиграф. Гладкий Виталий Дмитриевич. 1998. https: //www. Ozon.ru/product/ dreyhiy mir – ensiklpedichtckiy Slovar 4601833/

8.Машӣ ва Машиёна: (Маҳлӣ ва Маҳлиёна) номи нахустин марду зан дар асотири форсу тоҷик аст, ки аз тухми бозмондаи Гайумарт (Каюмарс) дар замин дар гунаи ду шохаи рибос (ривос) мерӯянд ва сипас ба пайкари одамӣ дармеоянд ва ҳамаи одамиён дар ҷаҳон аз табори эшонанд. Авесто. Фаргарди ХХ11. Бахши чаҳорум.-С.700.

9.Маҳшид Мирфахроӣ. Артур Кристенсен (1875-1945. - Дания) – олими шарқшинос, муҳаққиқи таъриху адабиёти бостони тоҷик ва форси асрҳои миёна ва ҳамчунин устурашиноси Шарқи қадим. Нашри «Асотир», Теҳрон, 1327.-328 с.

10.Равоншиносии Эрони бостон. WWW. Persiangulf studies/com/fa/pages/467.

11. Ҳамид Ковиёнипуё. Баррасии татбиқи офариниши инсон дар асотир ва адёни Эрон ва Миёнрудон (Байнаннаҳрайн). Кирмон – Эрон.10.22108/COTH.2017.80109. COTH. Ac.ir> article 21931.

РОЛЬ МИФОЛОГИИ В ФОРМИРОВАНИИ МИРОВОЗЗРЕНИЯ ФИЛОСОФСКОЕ МЫШЛЕНИЕ

Муродова Т.

Мифология или историософия, легенда и прорицание - это часть мировоззрения и культуры человечества, распространенная среди людей с древних времен, которая рассказывает о начале мира бытия и пути происхождения человека.

Мифология была воплощением мечтаний и надежд и мыслей древних людей о существовавшей вселенной, и вообще в мифе есть попытка ответить или найти ответы на глубокие вопросы. На основе этих мыслей формируются верования и убеждения, склоняющиеся то к религии, то к миру, жизни и смерти, а в конечном итоге к благости мира бытия. В рамках этих многогранных и противоречивых первоначальных пониманий и возникли вопросы рассмотрения происхождения и становления человека через что или кого, для чего и для кого, откуда и когда, приведшие к формированию органов чувств, сознания, человеческого мозга и его представлений о мире бытия и его истоках. Таким образом, первобытные люди размышляли о

создании и возникновении мира существования и живых существ, включая человека и его общество, а также были высказаны первые философские мысли о природе человека и существующего мира. В тексте статьи кратко освещаются эти актуальные вопросы с помощью исследований и анализа, а также специальных методов и подходов.

Ключевые слова: человек, космос, человечество, космология, мир, мир бытия, растительная скульптура, человеческая скульптура, небо.

THE ROLE OF MYTHOLOGY IN THE FORMATION OF A WORLD VIEW PHILOSOPHICAL THINKING

Murodova T.

Mythology or history maker, legend and soothsayer is part of the worldview and culture of mankind and is common among people since ancient times, which talks about the beginning of the world of existence and the path of the origin of man.

Mythology was an embodiment of the dreams and hopes and thoughts of ancient people about the universe that existed, and generally in myth there is an attempt to answer or find answers to deep questions. From these thoughts, beliefs and convictions are formed, leaning then towards religion, then towards peace, life and death, and ultimately towards the goodness of the world of existence. Within these multifaceted and contradictory initial understandings, questions of considering the origin and formation of human beings through what or who, for what and for whom, from where and when, leading to the formation of the senses, consciousness, and the human brain and its view of the world of existence and its origins have also arisen. Thus, primitive people reflected on the creation and emergence of the world of existence and living beings, including man and his society, and the first philosophical thoughts about the nature of man and the existing world were expressed. The text of the article summarises these topical issues through research and analysis as well as special methods and approaches.

Key words: man, cosmos, humanity, cosmology, world, world of being, plant sculpture, human sculpture, sky.

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

САЪДУЛЛО РАҲИМОВ ВА ТАҲАВВУЛИ ФИКРИ ТАҲЛИЛӢ ДАР ФАЛСАФАИ ФАРҲАНГИ ТОҶИК

Ҷонбобоев С. - н.и.ф., ходими пешбари Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

Ин мақола хулосаи гузориши илмие мебошад, ки дар Мизи мудаввар бахшида ба "Масъалаҳои фарҳанги муосири бадеии тоҷик" дар толори конфронсҳои АМИТ, 24 маи с.2024 ироаъ гардид. Мизи мудаввар бо ибтикори худи устод Саъдулло Раҳимов, д.и.ф., профессор ба хотири дарки мақоми зебошиносӣ ва ҳунари бадеъии тоҷик дар марҳалаи ҳозираи таърих роҳандозӣ шуда буд. Хеле афсус, ки умр вафо накард ва устод Саъдулло Раҳимов чун нури ***ситораи тобноке, ки аз дуриҳои кайҳони бекарон ва умқи таърих вориди сайёраи мо гашт*** *(образе, ки худи Саъдулло дӯст медоштанд ва дар мавриди дигар олимон истифода намудаанд!), ғайринтизор якбора аз назарҳо пинҳон шуд, ҳарчанд умед мебандем, ки нури дониши устод роҳи насли нави муҳаққиқонро даҳсолаҳои оянда ҳам мунаввар хоҳад намуд. Тибқи маслиҳати пешакӣ мебоист дар ин ҳамоиш дар бораи роҳҳои ҳифз ва рушди мероси фарҳангӣ сухан мегуфтам, вале баъди чунин сурат гирифтани воқеа, қарор додам, ки дар бораи худи Саъдулло ва фазилатҳои ҳунари ӯ сухан гуям. Мақола аз нуҳ бахш ва рӯихати адабиёт иборат аст, ки хулосаи сифатҳои инсонӣ ва касбии устод Саъдулло Раҳимов ва назариёти эстетикии ӯро дарбар мегиранд.*

Калидвожаҳо: *Саъдулло Раҳимов, фарҳангшиносӣ, фикри таҳлилӣ, тафаккури синтетикӣ, фирор аз тафаккури асримиёнагӣ, санъати синамо, намои равшанфикр, фалсафа ва адабиёт.*

Дар мақолаи пешниходгардида масъалаи шахсияти эҷодкор, вижагиҳои санъати синамо, арзиши маънавиёт ва инъикоси рӯҳониёт дар шуури иҷтимоӣ, рабти он ба санъат ва мусиқӣ, вожагиҳои фикри таҳлилӣ дар осори фарҳаншинос С.Раҳимов, мазмуни тафаккури синтетикӣ, таҷрибаи фирор аз тафаккури асримиёнагӣ, мақом ва намои равшанфикр дар ҷомеа, робитаи фалсафа ва адабиёт дар таълимоти устод С.Раҳимов мавриди таҳлил қарор мегиранд. Мақола аз нуҳ бахш иборат аст. Бахши аввал аз тасвири шахсияти муҳаққиқ оғоз мешавад:

1). Аз миёни сифатҳои муҳим ва арзишманди *С.Раҳимов -ахлоқ ва фазилатҳои инсонии ӯ* мебошанд. Аз ин ҷост, ки дар бораи Саъдулло Раҳимов пеш аз ҳама метавон чун дар бораи *инсони самимиву заминӣ, хушахлоқ ва олими беназир* сухан гуфт. Эҳсос ва андешаи аввалине, ки ҳангоми ёдоварии Саъдулло Раҳимов вуҷуди моро фаро мегирад - ин арҷгузорӣ ба шахсият ва шаҳомати илмии устод С.Раҳимов чун файласуф, фарҳангшинос, киношинос мебошад. Саъдулло Раҳимов на танҳо дар риштаҳои алоҳидаи санъат (масалан, синамо) шахси ҳирфаӣ ва фидоӣ буданд, балки дар тамоми риштаҳои санъат ва фалсафаи фарҳанг - аз синамо сар карда то шинохти амиқи шеъру адабиёт, ҳунари меъморивву каллиграфия, мусиқиву театр, минотюраи шарқӣ ва ғ., алоқаманд буданд. Вале дар миёни ҳамаи ин зикри ин нукта муҳим аст, ки Саъдулло дорои шахсияти нотакрор, инсони тозаву дилсоф ва дӯсти самимӣ, соҳиби хислатҳои беҳтарини ахлоқӣ буданд. Саъдулло ин ҷаҳони фониро замоне тарк намуданд, ки дар қуллаи баланди эҷодиёт қарор доштанд, мутаассифона маҳз дар ҳамин давраи камолоти касбӣ Саъдулло ҳалқаи ҳамкорон ва дӯстони худро падруд гуфтанд. Бо вуҷуди ин устод Саъдулло чун улгӯ (модели самимият, касбият ва муҳаққиқи воқеӣ будан) барои ҳамаи дӯстон ва шогирдон боқӣ мемонад.Зеро ба гуфтаи Саъдӣ "марди накуном намирад ҳаргиз...."!

Дар бораи шахсият ва ҷаҳонбинии худ Саъдулло Раҳимов дар сӯҳбат ба суоли Муҳсини Махмалбоф, синамогари чирадасти эронии ҳоло муқими Британия, ки он вақт дар Душанбе фаъолият мекард ва барои рушди синамои тоҷик дар ҳамкорӣ бо "*Хонаи синамо"* (муассисаи машҳуре бо унвони "Дом кино", ки ба он синамогар Сафар Ҳақдод сарпарастӣ мекарданд), заҳмати зиёд мекашид, чунин баён доштааст: "Ман муҳаққиқи фарҳангшинос ҳастам. Динро ҳамчун яке аз бузургтарин маҳсули руҳонии инсоният эътироф мекунам. Худам арзишҳои нави инсониро пайравӣ мекунам. Барои ман, дар баробари ислом зардуштия, панҷ китоби муқаддаси яҳудиён, сурудҳои Сулаймон ва Мусо, Таврот ва Инҷил бо тамоми нусхаҳои мавҷудаи худ азиз аст. Ман бо эҳтироми хос ба дину боварҳои тенгрианӣ, монавӣ, буддоӣ, маздакӣ ва ғ., назар мекунам. Адабиёти суфияро дӯст дорам бихонам. Ҳамзамон ба таври ғайрифаъол дар маросимҳои динии халқи худ ширкат мекунам [6:197].

Тафаккури устод С.Раҳимов боз, озодманишона ва фарогир аст. Ӯ ба дунё бо чашмони боз нигоҳ намуда ҳар гуна маҳдудияти фикрро намепазирад. Ин тафаккур дар миёни дигар падидаҳои илмиву фарҳангии инсоният ҳаргуна сарҳадҳоро намепазирад. Дар сатҳи ин гуна тафаккур эҷодкорӣ имкон дорад. Мӯҳсин Махмалбоф ҳам иқрор мекунад, ки ҷаҳонбинии ӯ айни ҳамин гуна аст!

2).Сифати дигари устод ин лаёқати беқиёси интеллектуалӣ-зеҳнии ӯ буд, ки дар ин самт метавон *С.Раҳимовро таҳлилгари беназири падидаҳои воқеии фарҳанги имрӯзаи тоҷикон шуморид*. Паёми муҳиме, ки С.Раҳимов барои муҳаққиқони фалсафаи фарҳанг аз тариқи суханрониҳо, китобҳои нашргардида, мақолаҳои бешумор ва асарҳои саҳнавии худ ва бо таҷрибаи ҳаётии худ ба ёдгор гузоштаанд, ин -талаби *таҳлилгари воқеии ҳаёт ва падидаҳои фарҳангӣ будани ҳар як муҳаққиқ мебошад.* С.Раҳимов бо доштани фазилати таҳлилгарии фарҳангӣ аз худ мардонагӣ ва ҷасорат нишон додааст. Ба қавли С.Раҳимов, заъфи санъати замони истиқлолияти мо он аст, ки он ба худ рӯз ба рӯз бештар мақоми этнографӣ-фолклориро мегирад (*Наше искусство приобретает фольклорный статус*.)[3:180]. Ӯ даъват мекунад, ки дар замони ҳозира дар баробари ҳунари мардумӣ санъати касбӣ ва ҳирфаиро рушд бояд дод. Ба қавли С.Раҳимов "Арзишҳои ҳақиқиро аз сари нав бояд сохт, бо меҳнати дастҳои худ, бе шитобкорӣ ва бе ба ғазаб омаданҳо. Ин арзишҳоро дифоъ бояд кард ва на як бору ду бор, балки ҳамарӯза ва на аз болои минбарҳо ва на бо шиорҳо.

Ба қавли С.Раҳимов, давраи нав бо он арзишманд аст, ки он як арзишро бори арзишҳои дигар намекунад. Истиқлолият моро аз ғаму тарси идеологӣ раҳонид, он мадоро ва гуногунандеширо мепазирад. Давраи нав ба мо ҳаққи интихобро медиҳад! Ва аз ин ҳаққ истифода бояд бурд.[3:181]. Вале ҳар як кори эҷодӣ бе мушкилӣ ба анҷом намерасад. Ба қавли С.Раҳимов воқеиятҳоро, ки баъзан ба сари эҷодкорон бор карда мешаванд, иқрор бояд кард: "Воқеиятҳое вуҷуд доранд, ки вазъияти ҳаётро тамоман мураккаб мекунанд. Албатта, ин воқеияти лаҳзавӣ модели идеалии воқеият, ки мадоро ва гуногунандеширо тақозо доранд, нест. Мутаассифона, баъзан ба иллати набудани *мелоки адолат (тарозу)* эҷодкори ҳақиқӣ маҷбур аст, ки ҷои худро ба одами на он қадар ҳунарманд ё беҳунар бидиҳад. Дар соҳаи санъату ҳунар, албатта, ин падида ба мисли як ғуборе аст, ки баъзан осмони равшанро фаро мегирад. Вале баъзан ин ғубор ба муддати дарозо ҷои ҳақиқатро мегирад[3:181]. С.Раҳимов боварӣ дорад, ки ҳақиқат ҷои худро мегирад, зеро замони истиқлолият барои ин мусоидат мекунад. Дар роҳ ва раванди эҷодкорӣ ҳар гуна мушкилҳоро аввал ошкор ва баъдан ҳаллу фасл бояд кард.

3).Яке аз муҳимтарин арзишҳои ҳунари *Саъдулло Раҳимов ин буд, ки ӯ тафаккури синтетикиву таҳлилӣ дорад, ӯ падидаҳои* фарҳангии ҳар як навъи санъатро (синамо, санъати тасвирӣ, суратгирии бадеӣ, миниатюра, поэтика-шарҳи шеър, мусиқӣ, меъморӣ ва ғ.) дар якҷоягӣ ба таври зинда таҳлилу баррасӣ мекунад. Чунин назари фарохи таҳлилӣ, усули байнифаннии таҳқиқ на ба ҳар кас муяссар гардидааст... Дар мавриди санъати суратгирии бадеии

Заур Дахте ӯ менависад: “Дар тасвир (сурат) дунёи бои рангҳо оварда шуда, дар мадди аввал, наздик ба чашми бинанда як дона меваи олуболу нишон дода мешавад. Дар нуги ин мева қатраи бороне ба мисли ашк дар нӯги мижгон овезон аст..”. С.Раҳимов ин тасвирро бо хоккуи ҷопонӣ монанд мекунад. Маълум мешавад, ки шаклҳои санъату ҳунар аз ҳамдигар он қадар ҳам дур нестанд.

4).Назари С.Раҳимов дар мавриди зиёиёни давраи шӯравӣ ҷолиб аст. Муҳимтарин рисолати онҳоро ӯ дар ислоҳоти иҷтимоӣ, *модернизатсия ва фирор аз тафаккури асримиёнагӣ мебинад. Бо ин ҳама, Саъдулло* фикр мекунад, ки равшанфикрони замони шӯравӣ бо вуҷуди тамоми мушкилоти система, расолати фарҳангии худро то ҳадди имкон ба анҷом расониданд. Ба андешаи устод С.Раҳимов, расолати асосии эшон он буд, ки *моро аз тафаккури маҳдуди асримиёнагӣ, ки Бухорои охири асри XIX ва аввали асри XX дар он ғарқ буд,* берун карданд. Ин насле аст, ки се бор хати навиштори ӯ иваз ва чанд бор мағзшӯй шуда буд, вале бо вуҷуди ин аз вазифаи навсозӣ ва модернизатсия ба канор нарафт. Ин насл бо вуҷуди маҳдудиятҳои идеологиву сиёсии давраи шӯравӣ пурра аз мероси фарҳангии худ, аз забони худ канда нашуд, хуб ё бад сарчашмаҳои форсиву арабиро истифода бурд ва фарҳанги моро аз асорати асримиёнагӣ берун ва ба сӯи тамаддуни нав раҳнамун намуд [4:44].

Дар партави ин андешаҳо мо бояд дар бораи ояндаи ҷомеаи худ тафаккур кунем. Насле, ки ҳоло дар ивази насли шӯравӣ меояд, бо чи мусаллаҳ хоҳад буд, аз тоҷикият ё эронияти худ чиро дар бағал дорад, ва аз сӯи дигар оё бо ҷаҳонбинии маҳдуд ба бағали исломи ҷиҳодӣ намедарояд?! Баъди тулӯъи хуршеди истиқлолият фарҳанги мардумии исломӣ аз сари нав эҳё шуд. Вале андаке нагузашта дар паҳлӯи он исломи бунёдгаро дар майдонҳои машқҳои ҳарбӣ ва фикрии ғарбӣ обу тоб ёфта низ қомат афрохт. Ҳоло мактабҳои бунёдгарои ихвонӣ ва салафии арабӣ дар фазои пасошӯравӣ (Кафкоз ва Руссия) яккатозӣ мекунанд. Бар асари низомҳои истеъморӣ Исломи имрӯза дифоӣ ва муҳофизакор шудааст, Ба қавли М.Махмалбоф дини ислом бо ворид шудан ба сиёсати замони муосир, то ҷое ҷомеаро ба мисли занҷир бастааст. Мо, тоҷикон ва эрониён гаравгони мероси фарҳангии худ астем, ба ин иллат мо аз набз (ритм)и тамаддуни муосир то ҷое қафо мондаем[4:205]. Дар Тоҷикистон, дар тафовут аз Эрони муосир, давлати дунявӣ аст, вале ҷомеаи мо мазҳабӣ (мушоҳидаҳои М.Миршоҳӣ, Фаронса). Агар дини ислом кори виҷдонии ҳар як фард муаррифӣ гардад, бо ин ҳар гуна низоъҳои оянда пешгирӣ карда мешаванд! С.Раҳимов назари Муҳсини Махмалбофро дар масъалаи муносибат ба дин меорад: “То замоне, ки дар шуури мо нақши дин асосӣ ва ҳалкунанда аст, мо аз асорати тафаккури асрҳои миёна берун баромада наметавонем”[4:212]. Барои ин кор омодагии доимӣ зарур аст.

5).*Назари С.Раҳимов ба санъати синамо (кино)* ҳам арзишманд ва омӯзанда аст. Ба пиндор ва бовари С.Раҳимов, *синамо муаррифигари давлат ва миллат* дар рӯи ҷаҳон аст. Як филм метавонад, ки обрӯ ё имиджи як мамлакатро дигар кунад! Заковати филмҳои кӯтоҳметражи итолявӣ ва гурҷӣ шояд дар ёдҳо монда бошанд. Маҳз ба шарофати ҳамин филмҳо дар гузашта ин маллатҳоро дӯст медоштанд. Силсилафилмҳои дар заминаи достонҳои “Шоҳнома” шӯҳрати давлат ва миллати тоҷикро дар замони шӯравӣ ба тамоми паҳнои олам расонид. Вале синамои хуб маблағи хуб ва калонро талаб мекунад! Дар замони шӯравӣ барои ба навор гирифтани як филм дар асоси “*Шоҳнома*”- и Фирдавсӣ маблағ/ бюджете баробар ба бюджети яксолаи ҷумҳурӣ сарф мешуд. Вале дар айни замон як нафар синамогари боистеъдод метавонад ҷои як киностудияро бигирад! Мисоли Муҳсини Махмалбоф, ки устод С.Раҳимов бо ӯ ҳамкорӣ кардааст ва дар китобҳои худ мазмуни сӯҳбатҳои худро ҳам нигоштааст, ба қавли муҳаққиқ дар бағали худ тамоми ғановати фарҳанги фикрии миллати Эронро дорад, ҳарчанд, ки худ бар асари низоми сахти сиёсии ҷумҳурии исломӣ дар Эрон зиндагӣ карда наметавонад. Бо вуҷуди ин ҷомеаи эронӣ, дар мисоли тамошобин аз дидгоҳи Махмалбоф, дар

муқоиса бо бинандаҳои тоҷик хеле таҳсилдида, мустақил ва фаъол аст.[4:205-207; 5:250;].

Дар муқоиса синамои замони истиқлоли мо, синамои имрӯзаи тоҷик, ба қавли С.Раҳимов, дар ҳоли рушд қарор дорад, вале ин "*рушд ҳоло ҳам дар ҳоли ҷанин* аст"![3:183]. Ҳунари синамо, ба қавли С.Раҳимов, *қобилияти пешгӯӣ кардани воқеаҳо*ро дорад. Масалан, филми "*Адонис-XIV*" (1977), ки ҳамагӣ 8 дақиқаро дар бар дошт, хатари фоҷиабори фурӯпошии ҳокимияти шӯравиро пешгӯӣ карда буд. Ин гуна *қобилиятро на илм ва на фалсафаи* он замон нишон медод! Филми дигари Б.Содиқов «*Тӯфон*" (Смерч) қавми зомби-шударо нишон медиҳад, ки дар фикри он буд, ки дар ҳоли ҷустуҷӯи ҳадаф ва омоли баланд ба ҳеҷ ваҷҳ набояд сукут кард.... Зеро ҳар гуна сукут дар ин ҳол ба марг баробар аст! Ин тӯдаи мардумро Шоир бозмедорад ва мардумро ба фикр кардан водор мекунад[3:163-166; 5:250;]. Баъзе филмҳои даврааи бозсозиро С.Раҳимов хеле баланд баҳо медиҳад. Ба қавли ӯ қ*удрати* ***синамо*** *метавонад гоҳе аз сиёсат ҳам болотар бошад*. С.Раҳимов ба таҷрибаи дӯсташон М.Махмалбоф мурочиа мекунад, ки дар солҳои ҷавонӣ дар ҳаракати зидди режими шоҳӣ иштироки фаъол намудааст, дар зиндонҳои шоҳ ҳам бандӣ будааст. Вале баъди ғалабаи исломиҳо аз кораш пушаймон шуда аз сиёсат рӯй гардонидааст. "Ман ба дарки он расидам, ки *синамо аз сиёсат қудратмандтар аст*. Он ба шуури мо аз тариқи қалб ва эҳсос дохил мешавад. Он на бо шиорҳо, балки бо ҳақиқати ҳаёт моро мутмаъин месозад. Синамо -ин забони халқ аст"![4:160; 3:145].

6). *Масъалаи рӯҳоният. Оё рӯҳоният фақат хоси дину мазҳаб аст? Ин* масъалаи доғи ҷомеаи моро С.Раҳимов дар сатҳи мутафаккирони ҷаҳони муосир мебардорад. Мафҳуми "рӯҳоният" дар ҷомеа асосан ба ду маъно меояд: яке ба дину мазҳаб дахл дорад ва дигаре ба амали ахлоқӣ ва зеҳниву интеллектуалӣ. Бисёре аз одамон рӯҳониятро бештар майдони яккатозии дину диёнат медонад, дар ҳоле ки он ба дигар шаклҳои фаъолияти одамон низ хос аст. Аз он ҷумла, ба ҳунар ва мусиқӣ. С.Раҳимов фикр мекунад, ки рӯҳоният моли ҳамаи мардум, моли тамоми шаклҳои шуури ҷамъиятӣ аст ва танҳо моли дину мазҳаб нест! Вақтҳои охир тасаввуроте ҳукмрон гаштааст, ки гӯё мавқеи дину имон дар ҷомеаи муосири тоҷик нисбат ба дигар падидаҳои иҷтимоӣ хеле афзудааст. Оё воқеан ҳамин тавр аст? Ба назари мо барои баровардани ин гуна ҳукм далел ва асоси басанда вуҷуд надорад. Зеро агар воқеан нуфузи дину имон дар шуури ҷомеа зиёд мебуд, пас чаро дар он пастии ахлоқ ба мушоҳида мерасад?! Асоси имон адаб ва ахлоқ аст ва бо зиёд шудани нуфузи имон амалҳои бадахлоқӣ, чи расад ба куштори дастаҷамъии зархаридон, террор ва амалҳои амсоли он, бояд кам шаванд. Пас ҳоло на мавқеи дин дар ҷомеа, балки истифодаи сиёсӣ аз дин афзудааст. Дар баробари ин устод С.Раҳимов бовар дорад, ки дар баробари қуддусияти дин ва табиати рӯҳонии он мусиқӣ ҳам дар рӯҳонияти инсон ҳамин гуна мақом дорад. Мусиқӣ падида ва маҳсули кори рӯҳ аст ва ҳатто метавон ба қавли В.Б.Коренов, онро *шакли махсуси дин* шуморид. Зеро мусиқӣ *кори нафс* (рӯҳ)-и инсонӣ ва ҳамзамон *кори мағз* низ аст[4:169]. Пас рӯҳоният танҳо мансуби аҳли дин (диндорон) нест, балки моли ҳалоли тамоми эҷодкорон, эҷодкорони мусиқӣ ва дигар шаклҳои санъат низ аст! Ба кори санъаткори касбӣ ва ё оҳангсоз зеҳн монед: чи рӯҳоният дар кори онҳо ба мушоҳида мерасад! Чунин тасаввур мешавад, ки гӯё онҳо ҳангоми эҷод бо кайҳон пайвастаанд. Касе ки китоби Ҳазрат Иноятхон бо номи "Ирфони садо" ("Мистицизм звука")[10:2021] хонда бошад, ин масъаларо тасаввур мекунад. Мусиқӣ ларзиши садо (вибратсия) аст ва он ба тамоми коинот тааллуқ дорад. "Авасто" ҳам ба шакли сурудаҳо ва китоби муқаддаси мусулмонон –«Қуръони шариф" ҳам ба шакли саҷҷ навишта шудааст. Айни ҳаминро дар бораи адабиёти тасаввуфӣ метавон гуфт. Магар адабиёти ирфонии форсу тоҷик одамонро ба рақси само намебарад? Бо ин ҳама магар мешавад, ки адабиёти суфияро танҳо моли дин шуморид. Ин адабиёт ба ҳамон андоза моли санъати баланди рӯҳонӣ аст ва ба ҳамон андоза моли фалсафа аст! Шеъри ирфонӣ ҳунар ё санъати синтетикӣ аст, дар

он дар ҳоли имкон ҳам мусиқӣ, ҳам ирфон, ҳам фалсафаву илм ба мисли "як оркестр" дар ҳоли ҳамкорӣ мебошанд. Бо вуҷуди он, ки С.Раҳимов мактаб ва таҳсилоти русӣ дошт, ӯ сабк ва равиши асосии адабиёти ирфониро аз Саноӣ сар карда то Аттор ва Румиву Бедил, осоре ки комилан ба забони форсӣ аст, хуб мефаҳмад. Ба андешаи ӯ ин адабиёт ба мардум як дидгоҳ ё перспективаи нав медиҳад. Он дар коинот як ваҳдати фавқулодаеро дар байни Инсон ва ҷаҳон кашф карда, онро барои хонандагон пешкаш мекунад. Ҳамзамон адабиёти ирфонӣ тасвири антропоморфии Ҳақиқати Мутлақ (Абсолют), Худоро рад мекунад, он дар тафовут бо авом, Худоро дар ҳама ҷо мебинад: "*Ниҳон дар ҷону пайдо дар ҷаҳон аст"* (Аттор). Ирфон ягонагии олам ва одамро тараннум мекунад: "*Агар дар фалак сад гуна шамъанд, Ба ранги Офтоб он ҷумла ҷамъанд".*

Ин адабиёт дар муқобили ҳама гуна қолабҳои фикрӣ қиём (махсусан, расмии теологӣ)ва эътироз мекунад, ҳолатҳои бикри рӯҳонии инсонро мӯшикофона ба тасвир мекашад: "*Дар намозам хами абрӯи ту бар ёд омад, Ҳолате рафт, ки меҳроб ба фарёд омад"* (Ҳофиз). Адабиёт моро бо кайҳон пайванд медиҳад. Бубинед, ки он фурсати умри инсону ҷаҳонро чи гуна тасвир ва тасаввур мекунад: *"Ашк як лаҳза ба мижгон бор аст, Фурсати умр ҳамин миқдор аст"* (Бедил)[9:88-102]. Ирфон фалсафаи ҳаётро бо суханони сода ва марғуб ва бо рӯҳонияти баланд пешниҳод мекунад. Ирфон дӯсти фалсафа ва ба андешаи С.Раҳимов, он худи фалсафа дар марҳалаҳои душвори зиндагии инсон ва таърих аст.

7).Ба н*азари С.Раҳимов ба шеър ва умуман адабиёт бештар мурур мекунем: - шеър дар шароитҳои мураккаб ҷои фалсафаро мегирад.* Устод С.Раҳимов ба дунё ва санъати дар заминаи он сохташуда назари тоза ва умедворкунанда дорад, ӯ фикр мекунад, ки албатта, назм ба таври пурра ҷои фалсафаро намегирад,зеро фалсафа дорои усулҳои дигари таҳқиқ (мантиқ, хулосабарорӣ, фаразия, назария ва ғ.) ва усули хоси таъсиррасонӣ аст. Вале С.Раҳимов ба қавли Навалис[1] ҳамовоз мешавад, ки баъзан шоир табиатро аз олим беҳтар дарк мекунад. Саъдулло Раҳимов чунин мешуморад, ки манзараи олам, ки дар воситаҳои санъат инъикос меёбад, илмӣ нест, вале дар айни замон он ба илмият муқобил нест. Саъдулло Рахимов барои собит кардани ин фикр ба Готҳо, ёдгории пешазисломии мардуми тоҷику эронӣ мурочиат мекунад. Готҳо сурудаҳои мебошанд, ки дар дини зардуштӣ аз онҳо истифода мешавад. Дар онҳо фалсафа ба шакли мафҳумҳо нигошта шудааст! Дар ин мавзӯъ муаллиф ҳавола ба адабиётшиноси машҳур Е.Э.Бертелс мекунад, ки аз муҷаррад будани тафаккури эрониёни қадим ба ваҷҳ омадааст. Ӯ менависад: "Готҳо ба таври ғайри қобили қабул шигифтангезанд. Тасаввур кардан душвор аст, ки дар ҳамон замони қадим одамон ин қадар тафаккури абстрактӣ доштанд.". "Ман дар ягон китобҳои муқаддас ин гуна тарҳҳо (и фикрӣ) ва мафоҳими интизоъи (абстракт)ро надидаам." "Удивляет невобразимая абстрактность Гот. Трудно поверить, что в ту отдаленную эпоху люди могли дойти до стол абстрактного мышления. Ни в одной из священных книг нет таких отвлеченных схем и понятий»[1:54].

Устод С.Раҳимов менависад, ки аз замони Ғазолӣ, ки рушди афкори касбии фалсафӣ дар Хуросон амалан мутаваққиф шуд ва ин замон он дар баробари рисолати тасвир дар санъати тасвирӣ, ки дар марҳалаҳои аввали ҷорӣ шудани ислом дар Эрон, Мовароуннаҳру Хуросон мамнӯъ буд, вазифаҳои фалсафаро адабиёт, бахусус, назм ба ӯҳда гирифт, зеро фалсафа он замон шадидан таъқиб мешуд. [9:99].

Ин як назари тоза ва нав дар бораи мақоми мафкуравии шеър дар ҷомеаи дар ҳоли инзивои мафкуравӣ қароргирифта аст. Вале дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX маълум шуд, ки шуури интизоӣ ва ирфон оммаи мардуми Бухороро фаро гирифт, одамон дигар тариқи оқилонаи ҳалли воқеии масъалаҳои сиёсиву иҷтимоиро фаромӯш карданд ва ин тарзи

[1]Георг Фридрих Филипп.(Georg Friedrich Philipp Freiherr von Hardenberg) 1772-1801. файласуфи немис.

тафаккур чун як завлонае дар гардани мардуми авом гардид. Чунин тасаврот ба амал омад, ки "гӯё таърих дар ин қитъаи Замин ба охир расида буд". Дар шуури мардуми тоҷик гузаронидани як ислоҳот зарур шуморида шуд. Ва азбаски шеъру назм ба шуури мардум наздиктар буд, мебоист аз он шурӯъ бикунанд. Ҳамин тавр шеъри нави тоҷикиву форсӣ пайдо шуд, ки аввалин намунаи он "*Мариши ҳуррият*" и устод С.Айнӣ буд[3:116]. Махмалбоф мегӯяд, ҷои таассуф аст, ки ҷомеаи тоҷик аз шеъри муосири Эрон (ба ҷуз Н.Нодирпур) огоҳии комил надоранд. Дар ҳоле ки мақоми Нодирпур имрӯз аз осори Нимо Юшиҷ, Махди Ахавон, Солис, Фурӯғ, Сӯҳроб Сипеҳрӣ, Аҳмад Шомлу камтар аст[4:207]. Шеъри тоҷик ҳам бояд дар ҷомеа фаъолтар шавад.

8).Баҳсҳои таҳлилии С.Раҳимов дар бораи *расолати зиёён ҳам* ҷолибанд. Ин гуна баҳсҳо дархури ҷомеаи муосиранд, онҳо марҳам ба ҷони ҳамин миллатанд, онҳо бояд дар бораи оянда фикр бикунад. Саъдулло Раҳимов дар гузоришҳо ва навиштаҳо дар бораи *Расолати то ҷое "аз дастравандаи равшанфикрон"* бисёр фикр мекунад. Хати сурх ё қирмизе, ки тамоми осори С.Раҳимовро ба ҳам пайваст мекунад, ин *ташвиш ва ғаму ғуссаи ӯ дар бораи қишри зиёён ё ба истолоҳ равшанфикрони тоҷик мебошад.* Ин мавзӯи доғ тамоми асарҳои илмӣ ва очеркҳои устодро фаро мегирад. Ӯро *бетарафӣ ва дар ҳалли масоили умдаи сиёсиву иҷтимоӣ аз масъулият худро канор гирифтан*и ин қишри муҳими ҷомеа дар Тоҷикистон ба ташвиш овардааст. Муаллиф ташхис кардааст, ки албатта сабаби ин камҳавсалагӣ тарсе аст, ки дар таҳти шуури равшанфикрон аз замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ боқӣ монда. Вале ҳоло хатари ҷанг аз байн рафтааст, вале *ин қишри ҷомеа ҳамоно дар ҳоли ҳайрат, рукуди фикрӣ ва беҳаракатӣ қарор дорад.* Устод Саъдулло Раҳимов фикр мекунад, ки равшанфикрони мо ба таври инертӣ (ба мисли замони шӯравӣ, ки тамоми зимоми тасмимгириҳо ба дасти давлат буд), бештар на худро, балки ҷамъияту давлатро, ё муҳити атрофи худ, шароитҳое ки ба онҳо дастрасӣ надоранд, интиқод мекунанд. Саъдулло Раҳимов мегӯяд, ки ин дар ҳолест, ки замон тағйир карда, ҳоло ташаббусҳое аз поён заруранд. Вале мо худ коре накардаем, ки вазъияти ҳаётӣ ва эҷодии мо иваз шавад. Расолати равшанфикр баланд аст, фикр мекунад С.Раҳимов, - яъне раҳнамоии мардум ба сӯи идеалҳо, улгуҳои баланд. Равшанфикрон дар бештарини авқот хомӯшанд, расман хомӯшанд, вале онҳо сухан на рӯ ба рӯ, балки аз паси парда, "*аз қафо рафта, ҳамчу шона мӯ ба мӯ гӯянд*" (ба истилоҳи С.Раҳимов "*держут фигу в кармане"*). Ба назар мерасад, ки тибқи андешаи С.Раҳимов, равшанфикрони даврони истиқлолият ҳатто ба зиёёни даврони шӯравӣ баробар намеоянд! Ончи ба онҳо намерасад - ин ҷасорат аст.

Аз мисолҳои овардаи С.Раҳимов, маълум мешавад, ки зиёёни тоҷик ҳангоми вохӯриҳо бо раҳбарияти олӣ ҳам фурсатҳои хубро барои тағйири вазъ ва пешрафт истифода намекунанд. Масалан дар вохӯрӣ бо Президент (дар соли 2008, зимистони қаҳратун), онҳо на ҳалли проблемаҳои муҳими давлативу ҷамъиятӣ, балки барои аз бозӣ берун кардани таҳлилҳои оқилона, авлавият додан ба талабу хоҳишҳои шахсӣ (масалан, додани хона, чопи китоби худ ва гоҳе ҳатто таърифу тавсиф, қасида, мадҳия ғ.)- ро ироъа мекунанд.... Барои тасдиқи ин фикр, С.Раҳимов мисоле аз сужаи филме (дар мақолаи "*Дар бораи як персонаж*") меорад, ки дар он Хуршед, қаҳрамони асосии филм, барои таъмини зиндагии худ бо корҳои майдаву чуйда андармон аст, ӯ навҷӯ ва эҷодкор нест. Вале ба тасаввури ӯ тамоми дунё дар пеши ӯ гунаҳкор аст, махсусан, онҳое ки "ба шаҳр аз қишлоқҳо омаданд". Вале ӯ барои тағйири вазъи худ кореро намекунад, қобилият ва истеъдоди худро рушд намедиҳад, барои мусоидат ба рушди бештари ҷомеа кӯшише ҳам намекунад. Ба қавли С.Раҳимов, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар маҷмӯъ "зиёёни мо тарсуянд".Ин як ҳолати афсурдаҳолии қишри равшанфикри ҷомеаро тасвир мекунад, ки ба ҳадди тавон на зиндагии худашро саришта кунад ва на барои рушди давлату миллат саҳм мегузорад [8:222-230].

Ба андешаи муаллиф, вазъиятро тағйир бояд дод! Раҳимов барои ёфтани

посух барои ёфтани роҳи тағйир ба М.Махмалбоф муроҷиат мекунад, ки чӣ бояд кард? Махмалбоф дар ҷавоб мегӯяд, ки мо эрониён (форсҳову афғониҳову ҳамаи тоҷикон) аз тамаддуни муосири ҷаҳонӣ ақиб мондаем, мо ҳоло чизе барои ҷаҳониён надорем, ки бо он тавонем, ки ҳоло ифтихор бикунем, албатта, ба истиснои мероси фарҳангии замони гузашта (Хоразмиву Сино, Беруниву Руми ва ғ.). *Вале гузаштаҳо гузаштанд*. Муҳим аст, ки иқрор кунем, ки саҳми мо, муосирон дар рушди тамаддуни замони ҳозира ночиз аст. Аз чи бояд сар кард? Аз забон сар бояд кард. Барои пешрафт, забони қадимаро дар муқоисал бо забонҳои пешрафтаи дунё ислоҳ ва рушд бояд дод. Мафҳумҳои нав бояд офарид. Фикр бояд кард, ки мо ба тамаддуни ҷаҳонӣ баъди вожаи "*алҷабр*" ва "*алгоритм*" чи чизи наверо додаем. Маълум аст, ки дини мо, ки мутаассифона дар ҷаҳони муосир бо баёни ошкори зӯроварӣ ва хушунат машҳур аст, онро ҳам ислоҳ бояд кард [4:196-229]. Агар дин кори фардии инсонҳо бошад, набояд яке ба дини дигаре кор дошта бошад. Ниҳоят, одамон бояд дар ҳаёт озодии интихоб дошта бошанд! Ба як ҳисоб, "...на чу дирӯза ба як қоида такрор шаванд (Лоиқ)!"

Албатта дар ин фурсати таърихи муосир аз зиёиён кори бештар талаб мешавад. Чунин ташвишро дар мавриди ислом ва зиёиён, мутафаккироне ба мисли Масъуд Миршоҳӣ ва Зиё Абдулло низ баён доштаанд. Оид ба ифротгарӣ дар ислом З.Абдулло мегӯяд, ки ислом дар муқоиса ба дини католикӣ ва яҳудиву масеҳӣ (ва буддоӣ) дини ҷавон аст, табиист, ки он бештар ба қувваи бозу ва зӯр такя мекунад, на ба "рӯҳу равон" ва ақлу илм[2: Зиё Абдулло.]. Воқеан, сабаби ин гуна диндорӣ он аст, ки ҷомеаи мо то ҳанӯз деҳқонӣ-аграрӣ аст, муҳоҷират ва фирори мағзҳо, бетарафии зиёиён дар ҳалли масъалаҳо ҷомеаи моро рӯз ба рӯз боз ҳам хароб мекунанд. Ин масъалаҳо, албатта, барои баҳси олимона, на баҳси кӯчаву бозоранд. Таҷрибаи ақлгароёни ислом бою ғанӣ аст. Вале баровардани чунин ҳукми қатъӣ дар бораи тамоми дин ва махсусан, тамоми зиёиён, аз рӯи инсоф нахоҳад буд. Дар байни онҳо одамони дилсӯз, мутафаккир ва ҷонфидо хеле бисёранд. Аз рӯи маълумоти интернет маълум аст, ки аз 30% бештари мутахассисони илмиву техникии НАСА эронианд. Зиёиён ҳам чун як қишри ҷомеаи нави даврони истиқлол субъекти фаъоли иҷтимоӣ дар ҳоли гузор мебошанд, табиист, ки онҳо ҳам таҷруба меғундоранд.

С.Раҳимов дар масъалаи рушди минбаъдаи ҳунарҳои зебои халқи тоҷик хушбин аст. Ӯ даъват ба амал меорад, ки арзишҳои ҳақиқии замонро бояд бо оромӣ, бе қаҳру ғазаб, дӯстона ва бомашварат сохт, онҳоро аз ҳуҷумҳои рақибон дифо кард, зеро истиқлолият барои рушди ин гуна лаёқат ва ҳунарҳо бештар аз ҳама мусоидат мекунад. Бояд насл ва табақаи нави ҷавонон ва равшанфикрони масъулиятшинос бо шуури таҳлиливу техникӣ, амаливу назариро, ки бо дигарон дар сатҳи ҷаҳонӣ (глобалӣ) ҳамкорӣ карда метавонанд, тарбия намуд. Дар соҳаи ҳунар бояд идеали нави эстетикӣ офарида шавад, симои қаҳрамони нави асарҳои бадеӣ, навовар, ташаббускор, алоқаманд бо дунёи глобалӣ офарида шавад, ки бо технологияи нав ошно бошад[6:7-13].

Хуллас, имрӯз наҷоти ин миллат боз ҳам ба мисли замони пешин дар илму фановоарӣ, усулҳои нави асбобсозӣ (технология), таҷриба ва татбиқоти амалӣ хоҳад буд.

Адабиёт:

1. Бертельс Е.Э. Избр. Труды. Т.1. -М., 1960, -С.54.
2. Зиё Абдулло. Зиёӣ ва муллои якдарсадӣ. https://pressa.tj/ziyo-abdullo-ziyo-va-mulloi-yakdarsad-s-bati-oshkoro-bo-ziyo-abdullo/
3. Садулло.Рахимов «Зеркало отражения». В кн. «Современное пространство таджикской культуры». -Душанбе. 2023. С.250.
4. Садулло Рахимов. Мухсен Махмалбаф. Садулло Раҳимов. Хорошее кино имидж государство. Душанбе. 2021. 421 с. С.196-229.
5. Садулло Рахимов. О кино, киноведах, о времени и иделах. В кн. «Современное пространство таджикской культуры». -Душанбе. 2023. С.250.С.3-6.
6. Садулло Рахимов. О будущем Таджикистана. В кн. «Современное

пространство таджикской культуры». - Душанбе. 2023. С.250.С. 7-13.

7. Садулло Раҳимов. Хорошее кино имидж государство. Душанбе. 2021. 421 с.

8. С.Раҳимов. О Персонаже (Письмо автору фильма Комилу Кариму). В кн. «Современное пространство таджикской культуры». -Душанбе. 2023. С.250. с.222-230

9. Садулло Рахимов. Философия и поэзия. В кн. «Современное пространство таджикской культуры». - Душанбе. 2023. С.250. .88-102.

10. Хазрат Инаятхан. Мистицизм звука. М., 1998, 2013. 2021.

САДУЛЛО РАХИМОВ И РАЗВИТИЕ АНАЛИТИЧЕСКОЙ МЫСЛИ В ТАДЖИКСКОЙ ФИЛОСОФИИ КУЛЬТУРЫ

Джонбобоев С.

Данная статья является экстрактом научного доклада, который был представлен на «Круглом столе, посвящённом современной таджикской культуре» в конференц-зале Национальной Академии Наук Таджикистана 24 мая 2024 года. Данный круглый стол был задуман лично по инициативе доктора философских наук Садулло Рахимова, с целью понять состояние таджикской эстетики и искусства на современном этапе ее развития. Д-р Садулло Рахимов, к сожалению, как свет яркой звезды, пришедший на нашу планету из бесконечности, из глубин истории (образ, который сам Садулло любил и использовал для других), внезапно погас (ушел из жизни), хотя мы надеемся, что свет его знаний осветят путь новому поколению исследователей.

По предварительному плану, я должен был выступить о путях сохранения и развития культурного наследия, но тут решил рассказать о С. Рахимове, о достоинствах его научного исследования. Данная статья состоит из 9 тезисов и списка литературы, в ней дается описание человеческих и профессиональных качеств Садулло Рахимова, и особенности его эстетической теории.

***Ключевые слова**: д-р Садулло Рахимов, культурология, аналитическая мысль, синтетическое мышление, бегство от средневекового мышления, искусство кино, просвещенный взгляд, философия и литература.*

SADULLO RAKHIMOV AND THE DEVELOPMENT OF ANALYTICAL THOUGHT IN TAJIK PHILOSOPHY OF CULTURE

Jonboboev S.

This article is an extract of a scientific report that was presented at the Round table on "Modern Tajik Art and culture" which took place in the conference hall of the National Academy of Sciences of Tajikistan on May 24, 2024. This round table was organized on the initiative of Dr. Sadullo Rakhimov, with the aim of understanding the state of Tajik aesthetics and art at the present stage of its development. Dr.Sadullo Rakhimov, unfortunately, like the light of a bright star that came to our planet from the depths of cosmos and the history (an image that Sadullo himself loved and used for others), suddenly went out (passed away), although we hope that the light of his knowledge and ideas will illuminate the way for a new generation.

I was supposed to speak at this conference about ways to preserve and develop cultural heritage, but after a well-known incident, I decided to talk about Dr.Sadullah himself and the merits of his art. This article consists of 9 theses and a list of references; it describes the human and professional qualities of Sadullo Rakhimov and particularity of his aesthetic theory.

***Key words**: Dr.Sadullo Rakhimov, cultural studies, analytical thought, synthetic thinking, escape from medieval thinking, cinema art, enlightened view, philosophy and literature.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ВА ФАЗИЛАТҲОИ ИНСОН

Асрорӣ Мирзошохрух – н.и.ф., сарходими илмии ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
E-mail: asrori53@mail.ru
Тел.: (992) 918 62 92 33;
Урунбоев Қобилҷон Абдулхайевич – докторанти PhD ИФСҲ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ
E-mail: uqobil95@mail.ru
Тел.: (+992) 939127770

Аллома Абуалӣ ибни Сино яке аз мутафаккирони бузурги тамаддуни асрҳои миёнаи мо буда, ҳамчун ҳакими бузург, табиби ҳозиқ, олими номвар шӯҳрат дошта, ҳама риштаҳои илмҳои замони худ – мантиқ, фалсафа, илоҳиёт, табииёт, риёзиёт ва тибро тавассути осори гаронбаҳояш рушду камолу тоза бахшидааст.

Абуалӣ ибни Сино асарҳои зиёди худро барои инсон, мавқеи иҷтимоии инсон ва нақши инсон дар рушди ҷомеа бахшида, роҷеъ ба ахлоқи инсон, шаъну эътибори инсон рисолаҳои пурмӯҳтаво эҷод намуда аст. Масалан рисолаи "Андар ахлоқ"-и Ибни Сино низ баёнгари ду ҷанбаи ахлоқӣ мебошад. Дар ин рисола муаллиф масъалаҳои муҳими ахлоқӣ – шинохти хештан, пок сохтани нафси хеш, соҳибфазилат будани инсонро тавсиф намудааст. Ибни Сино дар ин рисола ҳамчунин дар бораи фазилати нерӯи инсонӣ – иффат, қаноат, саховат ва дигар масъалаҳои фазилати инсон андешаҳои гаронбаҳои хешро иброз доштааст.

Мақолаи мазкур ба доираи васеъи донишмандону донишомӯзон, муҳаққиқону хонандагон нигаронида шуда, омӯзиши ин масъала дар шароити кунунин рушди ҷомеа муфид мебошад.

Калидвожаҳо: *Абуалӣ ибни Сино, Шарқ, илм, тиб, инсон, фазилати инсон, иффат, қаноат, саховат, ахлоқи инсон, фалсафа, мантиқ нафс.*

Зиёда аз ҳазор сол аст, ки мероси илмию фалсафӣ ва адабии ҳакими бузург, табиби ҳозиқ, олими номвар Абӯалӣ ибни Сино, ки «дар осораш тамоми ғановати донишҳои инсониро гирдоварӣ карда ва ҳама риштаҳои илмҳои замони худ - мантиқ, фалсафа, илоҳиёт, табииёт, риёзиёт ва тибро рушду камоли тоза бахшидааст», мавриди омӯзишу пажӯҳиши муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм дар сар то сари сайёра гардидааст. Муҳаққиқони осори гаронбаҳои Абӯалӣ ибни Сино дар он назаранд, ки масоили фалсафаи амалӣ таваҷҷӯҳи ӯро нисбат ба мавзӯъҳои умуми-фалсафӣ камтар ҷалб кардаанд. Академик Мӯсо Диноршоев дар муқаддимаи ҷилди аввали «Осор»-и Ибни Сино сабаби масъалаи номбаршударо чунин шарҳ додааст: «Ибни Сино масоили фалсафаи амалиро самти асосии барномаи илмии худ қарор надода буд ва аз ин рӯ бо омӯзиши онҳо ба таври амиқ машғул нашуда аст. Бо вуҷуди ин матлаби баёншуда маънои онро надорад, ки масоили иҷтимоӣ аслан мавриди таҳқиқи Ибни Сино қарор нагирифта буданд. Баръакс, ӯ дар аввалин китобҳои худ «ал-Маҷмӯъ» (ё «Ҳикмат ул-арузия»), «ал-Бир ва ал-исм» (дар ду ҷилд) ва «алҲосил ва ал-маҳсул» (дар бист ҷилд), ки дар овони ҷавонияш таълиф шуда буданд, масоили фалсафаи амалӣ - масоили таҳзиби ахлоқ, тадбири манзил, мадинаи одила ва фиқҳро хеле муфассал баррасӣ карда буд. Баъдан мутафаккир ҳам дар "Шифо", "Наҷот" ва «Донишнома" ва ҳам дар рисолаҳои "Андар саодат", «Таҳсил-ус-саодат", "Андар сиёсати илоҳия", "Тадбир ул-Чунд ва ул-мамолик ва ал-аскар ва арзоқуҳум ва хироҷ ул-мамолик", "Тадбири манзил", "Рисола фӣ исботи аннубувват", "Рисола фӣ-с-сиёсат", "Рисола фӣ-л-ахлоқ" масоили фалсафаи амалӣ (иҷтимоӣ)-и замони худро мӯҷаз, вале басе пурмазмун таҳлил кардааст». Абӯалӣ ибни Сино инсонро ҳамчун вуҷуди иҷтимоие

медид ва мавҷудияти якчанд аломатҳои иҷтимоии инсонро зикр менамуд. Ҳадафнокӣ (мақсаднокӣ) ва фаъолияти барои тарафайн фоидабахшро яке аз ин аломатҳо медонист. Ӯ зикр менамуд, ки инсон аз дигар махлуқот бо он фарқ мекунад, ки ӯ дар давоми тамоми мавҷудияти хеш, наметавонад бе ҷомеа вуҷуд дошта бошад[1.6;120].

Инсон танҳо наметавонад мустақилона он чиро, ки ба он ниёз дорад, ба даст биёварад. Шайхурраис забонро аз ҷумлаи муҳимтарин аломатҳои вуҷуди иҷтимоӣ доштаи инсон мешуморад. Соҳиби нутқи сареҳ ва садои одамӣ будани инсон боз яке аз тафовутҳои ӯ аз дигар ҳайвонот аст. Аз назари мутафаккир аломати сеюми мавҷуди иҷтимоӣ будани инсон аз он иборат аст, ки вай соҳиби меъёрҳои муайяни рафтор аст. “Инсон дар ҷомеа муваззаф аст, ки барои ба даст овардани фавоиди шахсӣ дар миёни маҷмӯи амалҳое, ки бояд иҷро кунад, ба рафторҳое диққат диҳад, ки аз иҷрои онҳо бояд худдорӣ намояд. Ин чизҳоро инсон дар овони кӯдакӣ дарк мекунад, дар ин рӯҳия ба камол мерасад ва баъдан то замоне, ки ин фикр барояш ба эътиқоди табиӣ мубаддал нашавад ба ӯ талқин карда мешавад, ки чунин рафтор накунад. Дар баробари ин амалҳое вуҷуд доранд, ки мухолифи амалҳои зикршуда мебошанд. Амалҳои аввал амалҳои бад ва амалҳои дуввум - амалҳои хубанд”. Бар хилофи рафтори ғаризаи ҳайвонҳо меъёрҳои рафтори одамон мувофиқатӣ буда, ба қобилияти ақлии онҳо такя мекунанд. “Инсон, -навишта буд Ибни Сино, - дорои қобилияти назариёти куллӣ ва қобилияти фикрат дар бораи ашёи алоҳида мебошад: оё ӯ он чиро, ки фоидабахш ё зараровар аст, анҷом диҳад ё надиҳад, оё ин чиз зебо аст ё зишт, хуб аст ва ё бад”. Ба сифати аломати иҷтимоии инсон Ибни Сино қобилияти сирф инсонии оянданигариро низ пешниҳод кардааст. Ӯ собит мекунад, ки ҳайвонот фақат барои лаҳзаи ҳозираи ҳаёт зиндагӣ мекунанд ва дар онҳо “аз миёни қобилияти омода будан барои оянда фақат як хосияти фитрӣ вуҷуд дорад - ва ин эҳсоси он аст, ки оё ин амал барояшон судманд аст ё музир» [2.124,475].

Инсон ба туфайли қобилияти ақлии худ ва истеъдоди оянданигариаш, оқибатҳои рафторҳои худ, ҳалли вазоифи пешбинишуда ва амалӣ сохтани ҳадафҳои дилхоҳ дар бораи кадом амалро анҷом додан ва аз кадом амал ва рафторҳо даст боздоштан фикр мекунад. Бояд гуфт, ки Ибни Сино дар миёни фардҳои инсонӣ ҳам аз рӯи қобилияти маърифатӣ ва ҳам аз руи мақоми иҷтимоӣ ва сиёсиашон тафовутҳои ҷиддиро қоил буд. Чи тавре ки муаллифи муқаддимаи ҷилди аввали “Осор”-и Абӯалӣ ибни Сино файласуфи тоҷик М.Диноршоев менависад: “Инсони иҷтимоӣ бояд дорои ахлоқи некӯ бошад. Аз ин рӯ дар қисми аввали фалсафаи иҷтимоии худ, ки таҳзиби ахлоқ ном дорад, Ибни Сино кӯшиш мекунад, ки пеш аз ҳама масъалаи камолоти нафси фардии инсониро таҳлил кунад. Дар ин маврид мантиқи тафаккури Ибни Сино чунин аст: нафс мабдаъ ва ҳомили тамоми амалҳо ва рафторҳои ахлоқӣ ва ғайриахлоқии инсон аст ва барои ислоҳи ахлоқ пеш аз ҳама ҳомили онро ислоҳ ва такмил бояд дод. Дар заминаи ин мантиқ Ибни Сино таъкид мекард: “Нахустин сиёсате, ки сазовор аст инсон ба он оғоз кунад, ҳамоно сиёсати нафси худи ӯст. Яъне аввал, бояд дар ислоҳи нафси худ бикӯшад, сиёсату тадбирашро дар ин кору кӯшиш ба кор бурда, хештанро солеҳу некӯ бинамояд. Ва агар касе, аз ӯҳдаи сиёсати некӯ ва ислоҳи нафси худ барояд, он гоҳ боке бар вай нест, ки ба болотар аз он иқдом карда, ба сиёсати билод бипардозад. Яъне касе, ки худро ислоҳ карда бошад, метавонад ба сиёсату тадбири умури мардум иштиғол варзад”. Вале ба ислоҳ ва такмили нафс ва ахлоқи худ чӣ гуна метавон расид? Ба ин суол Ибни Сино чунин ҷавоб медиҳад: аввалан, инсон бояд тамоми айбу нуқси нафсу ахлоқи худро бидонад, зеро дар сурати нодида гирифтани нуқсони ахлоқӣ он ба маразе монанд мешавад, ки дар вақташ табобат наёфтааст. Сониян, инсон бояд тамоми амалиёт ва рафтори худро таҳти назорати ақли худ қарор диҳад, онҳоро ба нури ақли худ мунаввар созад ва аз тариқи ақл онҳоро андозагирӣ намояд. Ин ҳама ба хотири он аст, ки фарқ миёни некӣ ва бадӣ, хубӣ ва зиштӣ пайдо шавад ва роҳҳои

ислоҳи сифатҳои манфур дар ниҳоди одамон пайдо карда шаванд. Солисан касе, ки барои ислоҳ ва такмили нафсу ахлоқи худ, саъй дорад, набояд аз маслиҳати дӯстони зираки худ сарфи назар кунад ва аз муошарати ҷамъияти одамони олитабор дурӣ ҷӯяд. Ин кор махсусан барои он муҳим аст, ки ба инсон ҳангоми таҳлил ва мушоҳидаи амалиёт ва рафторҳои худ воқеъбин будан хеле душвор аст. Бинобар ин инсон ба дӯсти хирадманде, ки чун оина хубияшро хуб ва бадию зиштиашро баду зишт нишон бидиҳад, муҳтоҷу ниёзманд аст". Ин маънои онро дорад, ки Ибни Сино ба он акида моил аст, ки мувофиқи он меъёр ва нуқтаи ибтидои такмили ахлоқии инсон инсонҳои дигар мебошанд. [1.576]

Робеъан, инсон бояд одатҳо ва рафторҳои худро бо одоту рафторҳои дигарон қиёс кунад, ҷиҳатҳои хуби ахлоқи дигаронро бипазирад ва дар худ рушд диҳад ва инчунин сифатҳои бади ахлоқи худ ва дигаронро рад кунад. Хомисан, бо мақсади такмили нафс ва ахлоқ инсон бояд худаш барои нафси худ сазо ва ҷазо муайян кунад. Ҷазо бояд аз он иборат бошад, ки хоҳишҳои разилонаи нафсро саркӯб кунад, маҳдуд созад ва баъдан комилан аз байн бибарад, вале сазо иборат аз он аст, ки ниятҳои неки нафсро таҳким бахшад. Пурра ба назар гирифтани ин шартҳо ба инсон имконият медиҳад, ки дар худ сифатҳое тарбия намояд, ки ба чаҳор сифати накӯкорӣ мувофиқ меоянд - парҳезкорӣ, шуҷоат, заковат ва адолат ва дур шудан аз сифатҳои ахлоқии зишт ба мисли ҳарисӣ, ифроткорӣ, молпарастӣ, фориғболӣ ва беақлӣ. Ҳамаи ин маънои онро дорад, ки барои Ибни Сино аҳкоми асосии таҳзиби ахлоқ иборатанд аз худшиносӣ, худогоҳӣ, худро бо дигарон дар қиёс дидан ва назорат ба худ. Андешаи Ибни Сино дар бораи таҳзиб ва такмили ахлоқ дар заминаи эътирофи асли бунёдии таъғирпазирӣ ва иктисобӣ будани сифатҳои ахлоқӣ пайдо шудааст». Чунон ки дар боло зикр гардид, инсони алоҳида аз рӯи андешаи Ибни Сино фақат дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи одамони ҳамҷинси худ зинда мемонад ва ба саодат мерасад. Шакли ибтидоӣ ва содатарини чунин ҷомеаро Ибни Сино манзил ё ки оила меномад. Ибни Сино маҷмӯи масоилеро, ки ба пайдоиш ва идораи манзил (оила) марбут аст, дар қисми дуюми фалсафаи амалии худ, ки тадбири манзил ном дорад, баррасӣ мекунад. Таҳлили асарҳои мутафаккир нишон медиҳад, ки ӯ пайдоиш ва ташаккули манзилро ба зарурати пайдо кардани васоили ҳаёт ва инчунин ҳифз ва имтидоди насли инсонӣ вобаста медонад. Ин чунин маъно дорад, ки мутафаккир дар симои манзил пеш аз ҳама ҳавзаи хурди мулкдорӣ ва иқтисоддириро мебинад, ки ба истеҳсол ва пайдо кардани васоили ҳаёт машғул аст. Дуввум, мутафаккир дар симои манзил тарзи истеҳсоли бевоситаи ҳаёт, тавлид ва ҳифзи навъи инсонро мебинад. Ӯ роҷеъ ба вазифаи аввали манзил сухан ронда, дар рисолаи "Тадбири манзил" менависад: "Ҳама кас аз подшоҳу раият ниёзманд аст ба ғизову хӯрокӣ, ки мояи ҳаёт аст ва низ ба таҳияву омода сохтани зиёдии хӯрок ва рӯзӣ барои рӯзи ҳоҷат, ки барояш пеш меояд, мӯҳтоҷ аст... Балки инсон ниёзманд аст ба макону ҷое, ки он чиро ба даст овардааст, дар он ҷо ҷамъу захира карда, барои ҳангоми ҳоҷаташ нигоҳ бидорад. Пас, бинобар ин инсон мӯҳтоҷ аст ба ин, ки барои худ манзилу маскане иттихоз кунад. Чун одамизод манзилу хонае сохт ва дар он ҷо барои ҳангоми ҳоҷаташ захирае андӯхт, мӯҳтоҷ мешавад ба касе, ки андӯхтаашро аз дастбурди дигарон, ки мехоҳанд онро аз вай бирабоянд, ҳифзу ҳиросат бинамояд. Пас, мӯҳтоҷ аст ба ин, ки барои ҳифзу ҳиросати андӯхтааш каси дигарро ҷонишини худ бинамояд. Ва барои ҷонишин ҳам бояд касе бошад, ки мавриди итминони нафсу оромиши хотир бошад. Барои ин кор касе шоиста ва сазовор нест магар зан, ки Худо ӯро барои мард ҷуфту мавриди итминону сукунати нафс қарор додаст. Бад-ин ҷиҳат мард ногузир мешавад ба ин, ки зан бигирад".

Барои он ки иттифоқи шавҳар ва зан халалнопазир бошад мард, яъне сардори манзил бояд нисбат ба зан сиёсати зеринро пеш гирад: 1) ба зан тарс ва эҳтиромро нисбат ба шавҳар талқин намояд, то ки зан амри шавҳарро рад карда натавонад. Вале ин кор дар сурате натиҷаи дилхоҳ хоҳад дод, ки агар мард шараф, номус ва имони

худро дифоъ кунад ва инчунин ба ваъдаҳои худ бе чуну чаро вафо намояд; 2) нисбат ба зан иззат ва эҳтиром нигоҳ дорад ва беҳтарин шароити зиндагиро бароямуҳайё созад, аз рашк нисбат ба ӯ даст бидорад; 3) ғамхорӣ дар ҳаққи зан, то ки фикри ӯ ба масъалаҳои муҳими манзил банд бошад ва хаёли мардони бегона ва хиёнат ба дилаш роҳ наёбад. Ибни Сино мақоми занро дар таҳкими манзил ва манзилдорӣ хеле баланд арзёбӣ кардааст. Ӯ чунин мешуморад, ки "зани шоиста ва некӯ шарики мард аст дар мулкаш ва кайими ӯст дар молаш ва ҷонишини вай аст дар хонааш ва амини вай аст дар парваришу тарбияи фарзандонаш" [1,128].

Аз нуқтаи назари Ибни Сино беҳтарин зан бояд дорои сифатҳои зерин бошад: хирадманд, диндор, бошарм, зираку бофатонат, дӯстдору бомуҳаббат, валуд, итоаткор, забондароз набошад, покдилу беғаш бошад, дар пушти сари мард ва ҳоли ғайбати ӯ амин бошад, вазнину сангин бошад, бовиқор ва боҳайбат бошад, дар мақоми хидмат ба шавҳараш такаббур наварзад, балки фурӯтан бошад, тадбири кору кирдорашро хубу некӯ бинамояд, андаки шавҳарашро ба сарфаҷӯӣ зиёд кунад, гарду ғубори ҳузну андӯҳро аз дили шавҳараш ба василаи ахлоқи некӯ ва забонаш пок кунад ва ҳумуми шавҳарашро бо лутфи мудорои худ таслият диҳад. Ҳоҷат ба исбот нест, ки Ибни Сино дар ин талаботи худ симои занеро тасвир кардааст, ки ба шароити воқеъии даврони ҳаёти худи ӯ ва талаботи шариати ислом созгор аст.

Ибни Сино аҳамияти басе муҳимми иҷтимоии муносибатҳои оилавиро дар таъмини хифзи насли инсонӣ зикр намуда, таъкид менамуд, ки зинокорӣ, лавотат, фисқу фуҷур ва ҳар гуна бадахлоқӣ бояд аз тарафи чамъият ба таври қатъӣ маҳкум карда шаванд, зеро онҳо ба тавлид ва тарбияи насл равона нашудаанд, балки ақди никоҳи қонунӣ (шаръӣ)-ро халалдор карда, ба муносибатҳои заношӯӣ зарари ҷуброннопазир ворид месозанд. Инчунин онҳо сабаби вайрон шудани оила, муносибатҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ мегарданд. Ибни Сино ба масоили мақоми оила дар тарбияи фарзандон диққати зиёд додааст. Ӯ масъулияти саркори оила - падарро чунин арзёбӣ мекунад: интихоби номи накӯ барои фарзанд; интихоби дояи солим барои тарбияи фарзанд, дояе, ки худ некӯ тарбият дида бошад; тарбияи сифатҳои ҳамида ва неки ахлоқӣ дар фарзанд; ба фарзанд таълим додани илму ҳунар ба манзури раҳнамун сохтани ӯ ба ҳаёти мустақилона. Ӯ чунин мешуморад, ки ҳангоми таълими илму ҳунар, хусусиятҳои фардии кӯдак ба назар гирифта шаванд, то ки таълим ва омодагии ӯ ба ҳаёти мустақилона бомуваффақият бошад. Ибни Сино мӯътақид буд, ки на танҳо волидайн дар назди фарзандон масъуланд, балки фарзандон низ дорои масъулияти муайяне дар назди волидайн мебошанд. Онҳо дар ҳамаи ҳолат бояд ба волидайн гӯш фаро бидиҳанд, дар ҳама корҳо ба онҳо мадад расонанд ва ҳангоми маризӣ ва пирӣ онҳоро парастории кунанд. Фоидаи амалии ин пешниҳодҳо ҳатто барои оилаи замони ҳозира аз шубҳа берун аст.

Яке аз рисолаҳои бисёр арзишманди Ибни Сино рисолаи «Андар ахлоқ» мебошад, ки мавзӯи асосии он иборат аст аз: 1) фазилатҳою разилатҳо ва анвои онҳо; 2) ғояти ахлоқӣ; Ҳадаф ва ғояи рисола аз ин гуфтори ӯ дар муқаддима берун меояд, ки «Ҳар касе ба шинохти хештан иноят меварзад ва мехоҳад фазилатҳои худ ва роҳи чигунагии онҳоро бидонад, бигузор нафси худро тавассути онҳо пок созад». [Ҳамчунин] ҳар касе майл дорад, разилатҳои худ ва кайфияти аз таъсири онҳо нигоҳ доштани хешро дарк намояд, бигузор нафси хештани хешро ба кӯтоҳтарин [роҳ] аз онҳо поку беолоиш намуда, воҷиби инсонии худро дар баробари камоле, ки барои саодати дунявӣ ва ухравӣ омадааст, иҷро намояд». Чуноне аз мазмуни рисола берун меояд, Ибни Сино чун Арасту мавқеъ ва мартабаи мабдаъҳои ахлоқиро, ки дар сурати фазилатҳо ва шохаҳои онҳо акс меёбанд, мавриди таҳлил қарор дода, хусусиятҳои фарқкунанда ва ба ҳам монанди онҳоро нишон медиҳад. Ибни Сино дар ин андеша аст, ки ҳар касе мехоҳад, роҳбар ва саркори дигарон бошад, аввало бояд нафси худро пешрав ва роҳбар гардад, зеро маҳз нафси худи ӯ ба ӯ наздиктар, шарифтар ва авлотар ба иноятy

ғамхорист. Ва касе, ки нафси худро ба даст гирифта қодир аст, як шаҳри комил ё худ мамлакатеро роҳбарӣ намояд. Албатта, ҳеҷ сиёсат ва тадбири мамлакатдорӣ бе илм амалӣ гашта наметавонад, аз ин ҷиҳат, пешрав кардани он, ба ақидаи Ибни Сино, бо ду роҳ анҷом мепазирад: 1) аз роҳи шинохти нафси хеш ва 2) аз тариқи шинохтан ва донистани дигарон [2.34].

Аз он ҷо ки зери итоат даровардани нафс ва тасхири он аз роҳи донистану шинохтани фазилатҳо ва разилатҳои он имкон дорад, Ибни Сино онҳоро аз рӯи нерӯҳои инсонӣ ба се гурӯҳ тақсим менамояд; 1) нерӯҳои шаҳвония; 2) хашму ғазаб; 3) тамйиз (хирад) ё худ (нотиқа). Дар ин ҷода, ба андешаи Шайхурраис се гурӯҳи фазилатҳо ҳар яке ба маҷмӯи разилатҳо муқобил аст. Адолат чун сарвари маҷмӯи хислатҳои накӯ ё фазилатҳо ба ҳамаи онҳо мансуб аст. Аз рӯи таснифоте, ки дар рисолаи «Андар ахлоқ» мавҷуд аст, Ибни Сино фазилатҳои қувваи шаҳватро ба се гурӯҳ тақсим кардааст: иффат (покдоманӣ), саховат ва қаноат. Пас, саховат, қаноат ба қувваи шаҳват боз гашта, ба вай мансубанд. Сабр, ҳалимӣ, карам, бахшандагӣ, гузашт аз гуноҳ, олиҳиммативӣ, пинҳон доштани сир ба қувваи хашму ғазаб ва ҳикмат, хушбаёнӣ, фаросат, ростандешӣ, дурандешӣ, садоқат, вафодорӣ, меҳрубонӣ, ҳаё, накӯаҳдӣ, фурӯтанӣ ба нерӯи хирад мансуб мебошад. Ба андешаи Шайхурраис покдоманӣ яке аз фазилатҳои инсонӣ буда, ӯ ҳангоми ғалабаи шаҳват инони нафси аммораро боз кашида, домани ҳимматро аз олудагии ҳаром пок медорад. “Фазилати иффат, - мегӯяд ӯ, - боздоштани ҳирсу шавқ аст нисбат ба гуноҳҳои ҳархелаи шаҳватҳои маҳсус аз қабили: хӯрдан, ошомидан, ҷимоъу тобеъ насохтани худ ба яке аз онҳо. Гузашта аз ин, иффат пирӯз гаштан бар ин шаҳватҳо ва аз рӯи андешаи саҳеҳ ба кор бурдани онҳост”. Фазилати қаноат ба андешаи Ибни Сино ин аст, ки [инсон] нерӯи худро аз машғул шудан ба чизе, ки аз андозаи кофӣ ва миқдори ниёзи бадан аз қабили: маош ва хӯроки судманд берун аст, боз медорад ва ба чизе, ки дар ғайри худ мушоҳида менамояд, озмандӣ ва ҳирс зоҳир намекунад [2.35].

Фазилати саховат аз дидгоҳи Ибни Сино аз як тараф он аст, ки ҳар ки саховат кунад, дилшод шавад. Аз ҷиҳати дигар, ба ақидаи Шайхурраис саховат боз доштани зимоми қувваи хеш аст барои додан ва бахшидани дороии худ ба ҳамҷинси хеш, ки ба он ниёз дорад ва ҳамчунин нек дилсӯзӣ ва ҳамдардӣ изҳор кардан аст нисбат ба чизе, ки сазовори дилбардорӣ бошад. Гурӯҳи дуввуми хислатҳо, ки ба қувваи ғазаб ва фазилатҳои он мансуб мебошанд: сабр, ҳилм, карам, бахшоиш, гузашт аз гуноҳ, олиҳиммативӣ ва сир пинҳон доштан мебошад. Ва фазилати шуҷоат муҳимтарини онҳост, зеро шуҷоат, ба гуфтаи Ибни Сино, - ба сурати сазовор гом гузоштани инсон дар баробари корҳои нописанд ва таҳқировар аст, ки дар асари онҳо инсон дучори дарду алами [ҷисмонӣ] мегардад, мисли дифои обрӯ ва ҳурмати зани хеш ва ғайра. «Аз масоили муҳимми фалсафаи Ибни Сино, менависад олими тоҷик С.Сулаймонов дар мақолаи худ бо номи «Ибни Сино ва «Ҳикмати машриқия» - и ӯ», ки дар аксари таълифоти фалсафаи худ ҳангоми баррасии мавзӯҳои нафс даст задааст, ҳадди эътидол дар истифода ва муносибат ба ашё ва падидаҳост. Ин муносибати мутафаккир аз он ҷанбаи нафси нотиқаи инсонӣ маншаъ мегирад, ки вай дар зери таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ ҳадди эътидоли худро тағйир медиҳад, ба ибораи дигар, эътидоли нафс аз ҳолати сиҳҳӣ, равонӣ ва иҷтимоии шахс вобаста аст. Ибни Сино гуногунранг будани одамонро аз ҷиҳати мизоҷ, хӯю хислат, истеъдод ва талаботи ҷисмонии худ нишон дода, ҳамчунин монандӣ ва ягонагии табиати инсонро ишорат мекунад. Ӯ мегӯяд: «Он чи бояд ба даст оварда шавад, ин [ҳадди] эътидол дар таом хӯрдан, ҳолати хастагӣ ва дигар ашёест, ки санъати тиб онҳоро муайян кардааст. Агар ҳолати эътидол восита бошад, пас сиҳатӣ ва тандурустӣ ба даст меояд ва агар сиҳатӣ набошад, дар ҳолати пайдо карданаш нигоҳ дошта мешавад. Ҳамчунин ҳолати миёнае, ки инсон аз сиҳатӣ ё муҳофизат кардани он ба даст меоранд, тавассути ҳолатҳое аз бадан муайян карда мешавад, ки аз рӯи замону вақт мавриди муолиҷа

қарор дода мешавад, зеро гармие, ки дар бадани Зайд мӯътадил аст, мумкин аст аз он чи барои Амр зарур аст, бештар бошад. Ба ҳамин минвол он чи дар бадане дар зимистон гармӣ мӯътадил аст, шояд барои ҳамин бадан дар тобистон мӯътадил набошад. Ба ҳамин тариқа, эътидол дар афъол ба воситаи вақт, макон, содиркунандаи он, ғояти он ва чизе, ки дар афъол ҷо дорад, муайян карда мешавад. Чунончи табиб ба бадане рӯ ба рӯ мешавад, ки майлаш ба ҳарорат асту онро тавассути хунукӣ аз ӯ дур месозад ва ё баръакс». Ибни Сино аз фазилати илм ва мақому мартабаи он сухан гуфта, муносибати онро ба «ҳикмат», ки аз фазилатҳои назарии инсон аст, чунин шарҳ медиҳад: «Илм ин аст, ки ақли инсонӣ ашёи даркшавандаро тарзе бояд андарёбад, ки дар онҳо хато ва лағзиш ҷо надошта бошад. Агар андарёфтан бо далелҳои яқинӣ ва бурҳонҳои ҳақиқӣ анҷом пазирад «ҳикмат» номида мешавад». «Аммо аз машрубот (нӯшокиҳо), - мегӯяд Ибни Сино, - бо мақсади бозӣ ва вақтхушӣ инсон бояд дурӣ ҷӯяд, балки онҳоро барои шифо бахшидан, даво ва қавӣ кунонидани бадан истифода намояд». «Масмӯътро (шуниданиҳоро) инсон бояд аз рӯи ҳикмат тарзе истифода кунад, ки барои тақвияти ҷавҳари нафс ва мустаҳкам кардани ҳамаи неруҳои ботина, на барои чизҳое, ки ба умури шаҳвонӣ марбут аст, воҷиб сохта аст» [2.35,37].

Яке аз муҳимтарин фазилатҳои ахлоқи инсонӣ муносибат ва муошират бо одамон аст. Ибни Сино ба ин падидаи ахлоқӣ низ аз ҷиҳати ҳадди эътидол ва хирадмандию инсоншиносӣ наздик мегардад. Ба андешаи ӯ хислатҳои муомилаи хуш, сирро нигоҳ доштан, ба ҳадди эътидол ва миқдори кифоят бахшиш кардан, худнамоӣ накардан дар муносибатҳои ҳаррӯза, эҳтиёҷи ҳамнавъон ва бародарони худро дар ҳоли ғоиб будани онҳо баровардан, савганд нахӯрдан, вафодорӣ дар аҳд ва ғайра аз фазилатҳоеанд, ки аз ҷавҳари нафси инсонӣ бармехезад. «Сипас, - мегӯяд, Ибни Сино - инсонро лозим аст, ки [чигунагии] муоширатро бо мардум бидонад ва ҳар фирқа ва гурӯҳро бо расму одаташ муомила намояд, - оромро бо оромишу оҳистагӣ ва девонаро ба девонагӣ - ва тарзе рафтор кунад, ки касе аз ботинаш огоҳ нагардад. Ҳангоми кумаки молӣ ба шарикони ҳамнавъи худ густохӣ ва дағалӣ зоҳир накарда, аз рӯи тавоноӣ ва ба миқдори муайян бахшиш намояд, лекин ба он андоза, ки ин амал ба сурати чашмрас ва барҷаста ба [зиндагии молии] ойила халал наоварад; ё худ сирри ҳар яке аз бародарони худро, ки бо онҳо пайванди хонаводагӣ дорад, дар худ нигоҳ дорад, то ки дар ҳолати ғоиб будани ҳар яке аз онҳо аз рӯи тавоноӣ чизи мавриди ниёзи хонаводаи онҳоро ба ҷо оварад; ба гуфтори худ ҳамеша вафодор ва аз хилофи ваъда бипарҳезад; ҳангоми сухан гуфтан бесабаб савганд ба кор набарад; дар кӯмаки мардум ғофил нашуда, бештар ба чизе, ки ҳатто хилофи табиати ӯ бошад, камар бандад» Ибни Сино дар рисолаи хеш - “Андар ахлоқ” чунин менигорад: “Чизи ҷавҳарӣ дар донистани масъалаи роҳи тадбир ҷустан барои комёб гаштан ба фазилат ва дур шудан аз разилатҳо ин аст, ки инсон аз азал дорои қувваест, ки тавассути он феълу инфиъолоти зеборо ба вуҷуд меорад. Ва худи он қувва кирдорҳои нописанду ношоямро низ амалӣ мекунад. Ҳама ахлоқи писандида ва носазо аз рафтору кирдорҳо падид омада, иктисобианд ва инсон метавонад, дар ҳоле, ки хулқи муайян надошта бошад, онро дар нафси хеш ҳосил намояд. Ва ҳар гоҳ иттифоқ афтад, ки нафсаш дорои хулқи муайян гардид, раво бошад, ки ба воситаи иродааш аз он хулқ ба хулқи дигаре, ки зидди ин хулқ аст, рӯ оварад [2.38].

Он чи инсон ба воситаи вай барои хештани хеш хулқ ба даст меорад ва онро дар ҳоли набудани хулқе барои худ касб менамояд ё худ хешро ба хулқе ҳавола мекунад, ки бо он рӯбарӯ омадааст, онро «одат» меноманд. Ман дар мафҳуми одат чандин маротиб такрор кардани як феълро дар замони дарозо ва вақтҳои баҳам наздик дар назар дорам. Дар ҳақиқат, хулқи зебо ва писандида аз одат падид меояд. Ҳамчунин аст, хулқи нописандида. Моро боистӣ, ки андар одатҳое, ки аз онҳо ахлоқи писандида ва дар бораи одатҳое, ки аз онҳо ахлоқи нописанд пайдо мегардад, таваққуф намоем. Одатҳо афъолеанд, ки аз соҳибони ахлоқи ҳамида ва нописанд

падид меоянд. Пас, мегӯем: мо аз чизҳои ба онҳо одат карда хулқи сутуда носутударо касб менамоем. Аз афъоли соҳибони ахлоқи сутуда ва ҳамида, хулқи зебо ва аз худовандони ахлоқи зишт ва носутуда, мо хулқи бад ва қабеҳро ба даст меорем. Ин ҳолат монанди вазъи ҳоли [соҳибони] санъатҳо ва ҳунарҳост. Мисли ин ки маҳорат ва устодӣ дар тиҷорат ҳангоме ба даст меояд, ки одати бозаргони бомаҳорат ҳосил гардад ва баракс. Далел бар ин ҳолат, чуноне мебинем, ахлоқи сиёсатмадорони ботадбир ва шоҳони фозил ва фарзона аст, ки онҳо аҳли шаҳрҳоро бо кирдорҳои неки ахлоқии худ одат мекунонанд. Ба ҳамин минвол аст кори сиёсатмадорони бетадбир ва ноаҳл, ки баъди фирӯзӣ ба кишваре аҳли онро ба корҳо зишту бад тела дода, онҳоро ба афъоли шарру номарғуб одат мекунонанд» [2].

Абӯалӣ ибни Сино дар «Рисолат ат тайр»-и хеш ин масъаларо чунин шарҳ додааст: «Эй бародарони ҳақиқат ҳеҷ шигифт набувад, агар фаришта фоҳиша накунад ва ё ҳайвон ва сутуре коре зишт кунад, ки фаришта олати фасод надорад ва ҳайвон олати ақл надорад. Балки шигифт кори одамӣ аст, ки фармонбари шаҳват шавад ва мутақазӣ ё хештанро сахраи шаҳват кунад ва бе нури ақл ва ба иззати Бори Худой он одаме, ки ба вақти ҳамлаи шаҳват қадам устувор дорад, аз фаришта афзун аст. Боз касе, ки тобеи шаҳват бувад, аз чорпоён боз пасттар аст». Назарияи озодӣ-ғуломӣ бо такя ба иродаи инсон дар фалсафаи мусулмонӣ аз бисёр ҷиҳат бо масъалаи хушбахтӣ робита дорад. Форобӣ хушбахтиро ҳамчун «мақсаде, ки ба сӯи он инсон ҳаракат мекунад» тавсиф карда, мақсадро «ҳар гуна камол» медонад ва таъкид бар он дорад, ки «олитарин дараҷаи саодат» хайр мебошад ва он ба шароити зиндагии инсон марбут буда, метавонад боиси таҳсин ё сарзаниш гардад. Барои ба хушбахтии комил ноил гардидан Форобӣ таъкид мекунад, ки бояд амалҳои одам дурусту санҷида бошанд: «амалҳои хайр метавонанд аз ҷониби инсон сар зада, вай онҳоро бархилофи иродаи хеш ба ҷо биоварад. Ҳангоми ин гуна амалҳои хайр, ки дар шароити мазкур сурат гирифтаанд, хушбахтӣ ҳосил наояд. Хушбахтӣ он гоҳ ҳосил ояд, ки агар ин амалҳо бар иродаву ихтиёр ва интихоби озод асос ёфта бошанд. Ҳамчунин, агар ин амалҳоро аз рӯи ихтиёр ва иродатмандона, вале танҳо дар нисбати баъзе ҳолатҳову гоҳ-гоҳ ба ҷо оварда шаванд, хушбахтӣ эҳсос намешавад. [7.28] Агар амалҳои инсон, тамоюлҳои рӯҳонӣ ва ақли солими ӯ ба самти муқобили он ҳолатҳое, ки дар боло арза шуд, равона гардида бошанд: яъне агар ӯ аз рӯи иродаву ихтиёри озодона дар ҳамаи корҳо ва тӯли тамоми умри хеш (ин ба тамоюлҳои бади рӯҳонии ӯ низ дахл дорад) амалҳои носавобро ба ҷо оварда, ба ҳама чизе, ки давоми тамоми ҷараёни умраш баҳо гузоштанаш пеш омадааст, ақли солимро истифода накарда бошад, ин гуна одам бадбахт хоҳад буд». Инсон савобу носавоб, накӯиву зиштҳои амалашро тавассути ҳолати рӯҳонии хеш ба даст меоварад, ки табиист, онҳо ба афкору рафтори ӯ таъсир мерасонанд ва вақте вай соҳиби одоби хуб ва ақли солим мешавад, ба комёбӣ ноил мегардад. Ин маънӣ дар чунин суханони Форобӣ ифода гардидааст: «Одоби хуб ва ақли солим, ҳарду якҷоя, шаъну эътибори одам мебошанд, ба он маънӣ, ки хубии ҳар чиз дар афзалият ва камоли худи он ва амалҳои он аст. Агар ин ҳарду (одоби хуб ва ақли солим) мавҷуд бошанд, мо дар хеш ва амалҳои хеш афзалияту камол дармеёбем ва ба туфайли ин ҳарду мо ҷавонмард, накӯкор ва хайрхоҳ мешавем ва тарзи ҳаёти мо накӯкорона, рафторамон шоистаи таҳсин мегардад» [8.7,8].

Ба масъалаи хушбахтӣ дахл карда, Форобӣ онро ба некии мутлақ баробар ва сабаби мавҷудияти инсон медонад. Барои ӯ ҳама чизе, ки ба хушбахт гардонидани инсон кӯмак мекунанд, хуб ва ҳама чизе, ки монеъ мешаванд, баданд. Саодат ҳамон вақт дастрас мешавад, ки нафс ба камол мерасад ва аз ҷавҳари моддии вуҷуди хеш бениёз мегардад. Хушбахтиро на фақат бояд фаҳмиду эҳсос кард: зарур аст, ки кас барои хушбахт будан изҳори хоҳиш ҳам карда ва онро мақсади ҳаёти хеш қарор дода бошад. Агар хоҳиши хушбахт будан заиф ва ҳатто агар як инсон ҳам миёни умум дар зиндагӣ мақсади дигар дошта бошад, натиҷаи ниҳоиаш манфӣ хоҳад буд:

«агар одам ба хушбахтӣ расиду онро чашид, лекин асос ва мақсади хеш насохт ва онро комилан намехоҳад ва ё камтар мехоҳаду мақсади ҳаёти худро на хушбахтӣ, балки чизи дигаре қарор додааст барои ба он расидан тамоми нерӯашро сарф мекунад, аз ин низ шари мутлақ тавлид мешавад» [9.633,634].

Аз андеша сари мафҳумҳои некию бадӣ, хайру шар нишонаҳои шарафу бешарафиро метавон дарёфт: дар некӣ лаззат зоҳир мешавад, дар бадӣ ранҷ. Лаззат дар фалсафаи мусулмонӣ маънои ҳаловат гирифтан аз неъматҳои моддию ҷисмиро надорад, ҳарчанд ин гуна лаззат ҳам мамнӯъ нест ва гуноҳ ҳисобида намешавад, агар, албатта, аз ҳадди лозим нагузарад. Вале инро набояд чунон фаҳмид, ки мутафаккирони мусулмон аз баррасии масъалаи лаззат ва мавзуи ба он алоқаманди шарафу эътибор, бузургӣ ва нокасиҳои инсон тавассути амалу рафторҳои ӯ комилан даст кашида бошанд. Абӯалӣ ибни Сино дар бораи хушнудӣ ва лаззат мулоҳиза ронда, қайд кардааст, ки «аммо агар хӯроку ҷимоъро ба касе манзур созанд, ки майлаш ба фазилат ё қудрат бошад, ба солимии танаш нигоҳ накарда, вай ин пешниҳодҳоро рад мекунаду хушахлоқиашро ҳифз хоҳад намуд, зеро парҳезкорӣ ба ӯ, назар ба ҷимоъ ва дастурхони пуркарру фар, лаззати бештар мебахшад. Агар ба инсонҳои саховатпеша имкон даст диҳад, ки касеро аз хайри хеш шодком бигардонанд ин кор ба онҳо лаззати зиёд бахшида, он нафси ҳайвониеро, ки дар ниҳодашон ҳаст, хомӯш месозад, бидуни дахолати онҳо нафсашонро фурӯ нишонда, аз пайи он мешитобанд, ки дасти сахои хешро ба инсоне бидиҳанд. Айнан мисли ҳамин, вақте сухан аз ҳифзи шаъну шараф меравад, марди баномус гуруснагию ташнагиро як пули пучак ҳам намегирад. Ӯ вақти набард миёни ҷанговарон тарси мурдану ҳалокати ногаҳониро нафрин мекунад. Дар лаҳзаи хатар метавонад барои шарафу номус нотарсона ба ҷанги нобаробар дарояд, ки шояд он ҷо ҳаёташро аз даст бидиҳад, аммо ҳамин барояш умедворӣ мебахшад, ки шараф ба ҳангоми марг низ ӯро тарк нахоҳад кард».

Дар ин ҷо Ибни Сино афзалияти лаззатҳои ботиниро дар нисбати лаззатҳои ҳиссӣ таъкид карда, айни замон лаззатҳои даркшавандаю оқилонаро, ки ба ақидаи мутафаккир, ба инсонҳо миннатгузорӣ, қадршиносиҳои зиёд, шӯҳрату обрӯ илҳо мекунанд, аҳамияту эътибори махсус медонад. Зимни тавсифҳои мазкур Абӯалӣ ибни Сино ба шарҳу тавзеҳи масъалаи шавқ, иштиёқ, навъҳо ва хусусиятҳои зоҳиршавии онҳо ҳам мепардозад, ки метавонанд касро ё ба хушбахтию бонангӣ ва ё ба бадбахтию беномусӣ роҳнамун бикунанд. Дар мисоли иштиёқи миёни ошиқон вай маънии мазкурро чунин ифода кардааст: «Ишқи сурати накӯ аз инсон се чизро ба дунбол дорад: 1.шавқи бағал гирифтан; 2. дигаре шавқи бӯса задан; 3. шавқи дар пайвастан… Аммо ҳадаф аз оғӯш гирифтану бӯсидан ҳамон наздикиву иттиҳод аст. Чунки нафс мехоҳад ҳамон тавр, ки бо эҳсоси биноӣ ба маъшуқ расида, бо эҳсоси басовоӣ худ низ бирасад. Вале аз бӯсидан ва оғӯш гирифтан ба сурати аразӣ умури шаҳвонии нописанде пеш меояд, ки парҳез аз онҳо ҳатмӣ менамояд ва ҳоле яқин гардад, ки дорандаи ин ду ҳолат бешаҳват ва тӯҳматгар нестанд. Аз ҳамин рӯ, бӯсидани фарзандон нораво нест, ҳарчанд асоси он бо ин гуна тӯҳмат носозгор аст, чунки ҳадаф аз он наздикиву иттиҳод аст, на фаҳшову фасод. Бинобар ин касе, ки ин навъи ишқро ба сар мепарварад ӯ фарзонаву ҷавонмард аст ва ин ишқ ҳам аз они фарзонагону ҷавонмардон аст» [6].

Адабиёт

1. Асрорӣ М. Масъалаҳои фазилати инсон дар осори мутафаккирони тоҷик. Душанбе. 2021.- 176 саҳ.
2. Абӯалӣ Ибни Сино. Осор. Ҷилди 1-4 – Душанбе, 2005.
3. Ибн Сина. Избранные философские произведения. - М.,1980. – 554 с.
4. Носири хусрав. Зад ул-мусафирин (припасы путников) Перевод с таджикиского (персидекого), ветупит, статья и коммент. М. Диноршоева. – Душанбе, 2005. – 635 с.
5. Диноршоев М. Компендиум философии Ибн Сины. - Душанбе, -2010. -340 с.

6. Асрори Мирзошохрух. Проблема человеческого достоинства в средневковой исламской этике (историко – философский анализ). Душанбе, “Истеъдод” 2018. 136 стр.

7. Абубакр Закариёи Розӣ. Тибби рӯҳонӣ.с.28

8. Ал-Фараби. Социально – этические трактаты. С.7-8

9. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Душанбе: Ҷ.2.-с.633-634

АБУ АЛИ ИБН СИНА И ЧЕЛОВЕЧЕСКАЯ ДОБРОДЕТЕЛЬ

Асрори М., Урунбоев К.А.

Абу Али инб Сина – один из величайших мыслителей нашей средневековой цивилизации, он прославился как великий мудрец, врвч, известный учёный, он разраюорал и усовершенствовал все науки своего времени – логику, философию, теологию, естествознание. Науки, математика и медицина посредством своих драгонценных работ.

Абу Али ибн Сина посвятил многие свои произведения человеку, его социальному положению и роли человека в развитии общества, создал всеобъемлющие трактаты о человеческой нравственности и достоинстве. Например, в трактате Ибн Сины “Андар ахлок” также описываются два моральных аспекта – самопознание, самоочищение, человеческая добродетель. В этом трактате Ибни Сина также выразил свои драгоценные мысли о достоинствах человеческой силы – целомудрии, довольстве, щедрости и других вопросах человеческой добродетели.

Данная статья ориентирована на широкий круг ученых и студентов, исследователей и читателей, а изучение данного вопроса полезно в современных условиях развития общества.

Ключевые слова: *Абуали ибн Сина, Восток, наука, медицина, человек, человеческая добродетель, целомудрие, довольство, щедрость, человеческая этика, философия, логика, душа.*

ABU ALI IBN SINA HUMAN VIRTUES

Asrory M., Urunboev Q.A.

Allama Abu Ali ibn Sina is one of the great thinkers of our medieval civilization, he was famous as a great sage, a physician, a famous scientist, and he developed and perfected all the sciences of his time – logic, philosophy, theology, natural sciences, mathematics and medicine through his precious works.

Abu Ali ibn Sina devoted many of his works to man, the social position of man and the role of man in the development of society, and he created comprehensive treatises on human morality, human dignity. For example, ibn Sinas treatise “Andar ahlok” also describes two moral aspects. In this thesis, the author describes important moral issues – self knowledge, self – purification, human virtue. In this treatise, ibn Sina also expressed his valuable thoughts about the virtues of human strength – chastity, contentment, generosity and other issues of human virtue.

This article is aimed at a wide range of scholars and students, researchers and readers, and the study of this issue is useful in the current conditions of the development of society.

Key words: *Abu Ali ibn Sina, East, religion, medicine, human, human vittue, chastity, contentment, generosity, human ethics, philosophy, logic, soul.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ПРОБЛЕМА НРАВСТВЕННОСТИ В УЧЕНИИ ИММАНУИЛА КАНТА

Бандалиева Ш.Н. – к.ф.н., старший научный сотрудник Отдела онтологии, гносеологии и логики Института философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова НАНТ
E-mail: Shodigul19-76@ list.ru

В данной статье представлен один из центральных вопросов, являющийся предметом дискуссий, касающихся философии этики Иманнуила Канта. Своеобразие и величие Канта представлено в том смысле, что он вскрыл внутренние противоречия в существовавших этических теориях, проанализировал их методологические основания с новым подходом и глубоко переосмыслил постановку вопросов. Особенно в представление Канта вопрос об антагонизме между физическим и моральным благом, склонность к благополучие и склонность к добродетелью, он характеризует как диалектическое противоречие, оба абстрактных момента, которого составляют в своем столкновении всю цель благовоспитанного человека. Таким образом, нравственность в целом рассматривается Кантом в связи с конкретным субъектом, понятием свободы главное понятие его практической философии. Именно с понятием свободы его практическая философия построена.

Ключевые слова: *склонность, мораль, этика, нравственность, методология, этика, счастье, философия.*

Сегодняшний цивилизованный мир свое внимание особенно концентрирует на нравственные аспекты. Несмотря на то, что некоторые ученые считают что, глобализированый мир отодвинул на определенное время моральные ценности. Однако в последнее время интерес исследователей к изучению истории этики прошлого, ее происхождению и роли отдельных мыслителей незаметно возрос. Так как только моральные аспекты могут решить важнейшие философские вопросы, вызывающие споры, вдумчиво и взаимно они согласовано. Мыслители самых разных областей старались обсуждать сложнейшие научно-этические вопросы посредством научных дискуссий. В Европе одним из основоположников нравственной философии является Иммануил Кант, чьи размышления об этике вызывает интерес не одного поколения.

Кант считается родоначальником немецкой классической философии, всю жизнь проживший в Восточной Пруссии, городе Кенигсберге. Если мы глубоко сконструируем свое внимание на жизнедеятельности мыслителя, то первые представления о практической нравственности начинаются с жизненной опыта самого философа. Из жизни этого несравненного учёного с усердием нам становится ясно, что его первый пункт этики действенный в силу того, как нужно оценивать время. Человек , который дорожит каждой минутой проведенной, жизни то это уже говорит о его конкретности и устремленности. Отношение Канта к работе и другой деятельности очень строго сформулированы. Его повседневный режим приходить на работу в точное время и потребовать о других соблюдать дисциплину, свидетельствует о его ответственности. Ответственность человека начинается с самых простых вещей, которые мы должны уметь выполнять в своей повседневной деятельности.

Кант стал самым влиятельным философом эпохи просвещения, особенно в своих трех главных фундаментальных сочинениями, которые внесли неоспоримый вклад в науку. Основные нравственные учение Канта стали известны под названием «Критика чистого разума» (гносеология); «Критика практического разума» (этика) и «Критика способности суждения» (эстетика) [1;5].

Но «Критика», не единственный трактат Канта по вопросам этики, ей также предшествует как подготовительное к ней сочинение очень замечательно написанные «Основы метафизики нравственности и «Метафизика нравственности». Нужно отметить, что Кант несмотря на то, что во всех сочинениях предоставляет свои взгляды по вопросам этики, по существу одинаково, имея ввиду ту же систему этических взглядов, однако цель и характер выражений каждого из них различается. Его нравственные изложения и воззрения особенно хорошо сказаны в трактате о «Метафизике нравственности».

Философ, таким образом, создал новую теорию познания и этики. Такие философы, как Ницше, Гегель и Шопенгауэр строили свои теории на отрицании его идей или согласии с ними анализе этических концепций отмеченных здесь мыслителей сумели раскрыть особенности истории средневековой персидско-таджикской социальной философии в большей мере, т.к. этот метод имеет большие преимущества. На его основе можно сделать выводы, которые отражая сути обсуждаемого вопроса в более ёмкой форме, поднимут дискуссию до теоретического уровня. Метод этот был применен многими, в том числе И. Кантом, когда он подытоживая историю всех средневековых форм религии и философии. Кант отмечает: «История любой религии непременно должна содержать три идеи: во-первых мысль о творении мира и, следовательно, о Боге – Творце; во вторых, представление о свободе воли, в третьих о бессмертии души»[2;40].

Если перевести эти понятия на современный философский язык, то речь идет об онтологии, гносеологии (с эсхатологии), а свобода воли, т.е. этику, наличия у человека способности выбора между добром и злом. Таким образом, для того чтобы глубже понимать суть нравственной учения Имннуила Канта необходимо бы уместно концентрировать свое внимание на слова мыслителя о том, что Мир, Бог и Душа три идеи, которые предложил Кант. Они не предмет познания, а его априорные условия. Их роль в том, чтобы обеспечивать синтез всех результатов познания, создавать цельное мировоззрение.

Исходя из изложенного, Кант перевернул признание в его время не только богословии, но и многими философами отношение между моралью и религией. Он признал «мораль автономной, не зависимой от религией». Кроме того он особенно поставил самое веру в Бога в зависимость от морали, изложив тем самим собственное убеждение о том, что именно мораль возвышает авторитет Бога, той веры которым человек постарается возвысить свои добрые намерения и тем самим умертвит плохие качества [1;6-7]. Наоборот человек верит в существование Бога, потому что этой веры по утверждению Канта требует мораль.

Практический разум же главенствует над теоретическим. Поскольку Кант отрицал необходимость религиозного оправдания морали, однако нужно признать тот факт, что его этика оказалась одним из этапов в развитии свободомыслия XVIII в. Принцип автономной этики Канта является продолжением просветительской критики религии начатой Д. Юмом. За несколько десятилетий до появления «Критики практического разума». Д. Юм выступал с утверждением, согласно которому «Этика не нуждается в религиозной санкции» [3;442].

Кант основывает свою этику, прежде всего на принципиальном различии между теоретическим и практическим поведением и то и другое для него суть порождения духа, выражающая однако различные функции. В теории категории рассудка направлены на наличие чувственно эмпирический материал, в результате чего возникает научный опыт. В практике же идеи разума ориентируют на то, что еще не существует, что должна быть совершено заново порождено.

До Канта философия рассматривала человека как природное существо, имеющее естественные потребности. Главенство теоретической этики Канта выражается в том, что моральный закон должен стать приоритетным, обязательным. Чтобы найти моральный, человеку необходимо определить абсолютный закон, которым является людская добрая (чистая) воля. Волей обладает только разумное существо. Воля по Канту считается практический разум, под которым он понимает само

понятие «нравственности». Человек обязан быть нравственным ради самого понятия нравственности. Внутренний духовный закон не должен зависеть от человеческого опыта. Совершать добрые дела стоит опираясь на нравственный долг, закон нравственности выступает в таком случае априори. Идеал человека симбиоз добродетели и счастья. Но счастье не равно главной цели. Верховный смысл человека найти пути добродетель и стремление к ней.

Кант воспевал силу духа, воли, стремление «быть человеком» независимо ни от обстоятельств или естественных условий [1;24]. Философ относил человека к двум мирам: природному и культурному. Человеческую мораль связывал с идеями свободы воли и разумной, ответственной личности. Это стремление к идеалу, к высшей ценности духовного мира, которая служит и в качестве морального критерия, по которому поведение и поступок человека оценивается как доброе или дурное.

Многие, нравственные аспекты Иммануила Канта можно также увидеть в нравственном учении Насира Хусрава, где многообразно повторяет, что «душа, отделившаяся от тела, которое есть его путь (или средство), достигает высшего мира, который является обиталищем ангелов и истинным раем для души»[4;52]. Другими словами, эти моральные ценности представляются как общепринятое положение и как «внутренний закон», с которым приводится в соответствии эмпирический мир.

Такие убеждения о законе имеют общность и различие с учением о нравственном «законе» И. Канта где образно говорит: «две вещи наполняют душу всегда новым и все более сильным удивлением и благоговением, чем чаще и продолжительнее мы размышляем о них, - это звездное небо надо мной и моральный закон во мне»[1;275]. Он добавляет, что «философия природы имеет дело со всем, что есть, а нравственная – только с тем, что должно быть».

Но отметим, что Кант в отличие от Насира Хусрава утверждает «автономность», или независимость морали от религии; По Канту мораль (как общее представление о добре и зле) не зависит от религии (как форма познания сверхъестественного). Для Канта человек (в отличие от других существ) является для себя целью, а не есть средство для других. В этом заключается его свобода. Признавая независимости морали от религии, по Канту, человек верит в бога, потому что мораль требует веры в бога, т.е. вера в бога зависима от морали. Что касается нравственного закона, то он зависит от религиозных заповедей, т.к. его основа находится в понятиях чистого разума, в априорных законах. Исследователи приходят к выводу о том, что хотя по Канту бог не есть творец нравственности, но он есть причина нравственного порядка.

Насир Хусрав повторяет, что душа, отделившаяся от тела, которое есть его путь (или средство), достигает высшего мира, который является обиталищем ангелов и истинным раем для души [5;44]. Другими словами, эти моральные ценности представляются как общепринятое положение и как «внутренний закон», с которым приводится в соответствии эмпирический мир. Такие убеждения о законе имеют общность и различие с учением о нравственном «законе» И. Канта где образно говорит: «две вещи наполняют душу всегда новым и все более сильным удивлением и благоговением, чем чаще и продолжительнее мы размышляем о них, - это звездное небо надо мной и моральный закон во мне» [1;32]. Он добавляет, что …«философия природы имеет дело со всем, что есть, а нравственная – только с тем, что должно быть».

Однако если спросить, в чем же все таки заключается теория Канта, то определенно становится ясно, что человек будет нравственным, если он, свободно определив собственные личностные принципы, соотнесет их со всеобщим нравственным законом, в качестве которого выступает категорический императив. В этом и будет состоять долг человека. Направлять же действия человека будет воля, а контролировать их совесть.

Другой вопрос которому Кант уделял большое внимание это важность этики в разделение науки. Как нам известно древнегреческая философия разделялась на три науки: физику, этику и логику. Все эти науки принадлежат законам природы вещей и нет нужды в нем что-нибудь исправлять. Однако, этика в свою очередь подразделяется на законы и эти законы являются сутью законов природы или же законов

свободы. Наука о первых законах носит название физики, наука о вторых есть этика. Когда, речь идет о первой, подразумевает учение о природе, а последнее учение о нравственности.

Верховный смысл нравственности заключается в приобретение пути добродетели, стремление к ней и в конце приобрести счастье и наслаждаться ей. Кант воспевал силу духа, воли, стремление «быть человеком» независимо ни от обстоятельств или естественных условий. Философ относил человека к двум мирам: природному и культурному. Человеческую мораль связывал с идеями свободы воли и разумной, ответственной личности. Это стремление к идеалу, к высшей ценности духовного мира, которая служит и в качестве морального критерия, по которому поведение и поступок человека оценивается как доброе или дурное.

Многие нравственные учения И.Канта имеет сходство по многим вопросам с средневековыми мыслителями включая Насира Хусрава, где повторяет, что душа, отделившись от тела, которое есть его путь (или средство), достигает высшего мира, который является обиталищем ангелов и истинным раем для души. Другими словами, эти моральные ценности представляются как общепринятое положение и как «внутренний закон», с которым приводится в соответствии эмпирический мир.

Обобщая идеи указанных мыслителя можно заключить следующее:

1.Кант вскрыл внутренние противоречия в существованиях этических теориях и с новым подходом анализировал постановку вопрос.

2. Кант основывает свою этику, прежде всего на принципиальном различии между теоретическим и практическим поведением.

3.Кант провозглашает мораль независимой от религии а нравственный закон не выводимым из религиозных заповедей.

4. Кант выдвигает необходимость веры в Бога, правда, не для обоснования самой морали, ее законов и велений, а для утверждения и обоснования веры в существование порядка в мире.

5. Бог Канта не законодатель нравственности, не источник нравственного закона, не возвещает этот закон непосредственно. Но он причина нравственного порядка в мире.

Литература

1. Веденеев Ю.А. Юриспруденция: явление и понятие. Введение в генеалогию языка концептуальных парадигм: монография.– Москва: Проспект, 2022, 328 с.

2. Гусейнов А.А.,Иррлитц Г. Краткая история этики.-Москва: Мысль, 1987.-589с.

3. Лейбниц Г.В. Новые опыты о человеческом разуме. Издательство - Москва: Лениград 1936. - 483 с

4. Иммануил Кант. Сочинения в шести томах. Том IV часть. Москва: 1965. 543с.

5. Пименов В.А. Возвращение к дхарме.- Москва:1988.-155 с.

6. Носири Хусрав. Зад-ул-мусафирин. (Припасы путников). Перевод с таджикского (персидского), вст. статья и комм. М. Диноршоева.- Душанбе: 2005.-635с.

ПРОБЛЕМАИ АХЛОҚ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИММАНУИЛ КАНТ

Бандалиева Ш.Н.

Дар ин мақола яке аз масъалаҳои марказӣ, ки мавзӯи баҳс дар бораи фалсафаи ахлоқи Иманнуил Кант мебошад, оварда шудааст. Мубраимият ва бузургии Кант дар он ифода ёфтааст, ки вай зиддиятхои дохилии назарияхои мавчудаи ахлокиро ошкор намуда, асосхои методологии онхоро бо равиши нав тахлил намуда, инчунин ба миён гузоштани саволхоро амик аз нав дида баромадааст. Махсусан, ба ақидаи Кант, масъалаи антагонизми байни неъматхои чисмонӣ ва маънавӣ, майл ба некуахволӣ ва майл ба некиро хамчун зиддияти диалектикӣ хар ду лахзаҳои абстрактӣ тавсиф мекунад, ки дар бархурди онхо шахси аз ҷиҳати маънавиёт хуб тарбиягрифта тамоми максади некиро ташкил медиханд.

Ҳамин тавр, ахлоқро дар маҷмӯъ Кант дар алоқамандӣ бо субъекти мушаххас баррасӣ менамояд, ки мафҳуми асосии фалсафаи амалии ӯ мебошад. Фалсафаи амалии ӯ маҳз бо мафҳуми озодӣ сохта мешавад.

Калидвожаҳо: *майл, ахлоқ, методология, хулқ, саодат, фалсафа.*

THE PROBLEM OF MORALITY IN THE TEACHINGS OF IMMANUEL KANT

Bandalieva Sh.

This article presents one of the central issues that is the subject of debate concerning Imannuel Kant's philosophy of ethics. The originality and greatness of Kant is presented in the sense that he uncovered internal contradictions in the existing ethical theories, analysed their methodological foundations with a new approach and deeply reconsidered the formulation of questions. Especially in Kant's view the question of the antagonism between physical and moral good, the inclination to well-being and the inclination to virtue he characterizes as a dialectical contradiction, both abstract moments of which constitute in their collision the whole purpose of a well-behaved person. Thus morality as a whole is considered by Kant in connection with the particular subject. The concept of freedom is the main concept of his practical philosophy. It is with the notion of freedom that his practical philosophy is constructed.

Key words: *inclination, morality, ethics, morality, methodology, ethics, happiness, philosophies.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МУҲОҶИРАТ ВА ТАҒЙИРЁБИИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ-ЗЕБОИПАРАСТИИ ИНСОН (ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ – ИҶТИМОӢ)

Ҳаитов Фирдавс Қаюмович – н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: kais_2007@mail. ru
Тел.: 93-429-24-76

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи масъалаи тағйирёбии арзишҳои ахлоқӣ – зебоипарастӣ дар раванди муҳоҷират дар заминаи таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ бахшида шудааст. Бояд тазаккур дод, ки таъсири раванди муҳоҷират дар шароити имрузаи ҷаҳонишавӣ ба тамоми паҳлуҳои фаъолияти инсон дида мешавад. Масъалаи тағйирёбии арзишҳои ахлоқӣ – зебоипарастии инсон низ дар заминаи ин раванд мавқеи намоёнро ишғол намуда, мутахассисони соҳаро нигарон кардааст. Таҳлили вазъияти имрузаи ҷомеаи тоҷикистонӣ нишон медиҳад, ки ахлоқ ва симои зебоипарастии қисмати зиёди ҷавонони тоҷик хислати бегонаро (аз ҷумла аврупоӣ) касб намуда, аз доираи урфу одат ва расму оинҳои миллӣ берун баромадааст. Ташвишовар он аст, ки чунин раванди бегонапарастӣ сол аз сол зиёд шуда,ҷавонони мо ба он майли бештар доранд. Мувофиқи тадқиқотҳои сотсиологӣ ба ақидаи чунин ҷавонон бо ин рафторашон онҳо тарзи ҳаёти худро беҳтар карда, метавонанд мувафақиятҳои зиёдро ба даст овардаанд. Муаллиф чунин тарафҳои манфии раванди муҳоҷиратро таҳлил намуда, баҳри пешгирии он тавсияву пешниҳодҳои судманд намудааст.

Калидвожаҳо: *ахлоқ, зебоипарастӣ, арзиш, ҷавонон, фарҳанг, муҳоҷират, тадқиқоти сотсиологӣ, бегонашавӣ.*

Дар шароити муосири инкишофи инсоният ва раванди ҷаҳонишавӣ муҳоҷират яке аз омили асосии муайянкунандаи масъалаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии инсон ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди мавҷуд будани таҳқиқотҳои зиёд дар самти алоқамандии муҳоҷират бо дигар зуҳуротҳо, ҳануз ҳастанд проблемаҳое, ки таҳқиқу баррасии онҳо метавонанд косташавии баъзе падидаҳои иҷтимоиро дар ҷомеа аз байн баранд. Яке аз чунин масъалаҳое, ки алоқамандиву таъсири раванди муҳоҷиратро бо падидаҳои иҷтимоӣ муайян мекунад, ин тағйирёбии ахлоқ ва ҳиссии зебоипарсатии инсон дар ин раванд мебошад. Агар аз ин мавқеъ ба он дигаргуниҳое, ки дар ҷомеаи имрузаи тоҷикистонӣ шуда истодааст назар андозем, пас раванди муҳоҷират ва масоили марбут ба ахлоқу зебоипарастӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол менамояд. Чунин вазъияти ба амаломадаро ба инобат гирифта, ҷомеашиноси тоҷик Идиев Х қайд мекунад, ки “муносибатҳои ҷамъияитии таҷрибакардаи ҷомеаи тоҷикистонӣ дар заминаи тағйиротҳои амиқ ва чашмгири иҷтимоии ду даҳсолаи охир дар самти тағйири қишрбандии иҷтимоӣ, ҳавзаи арзишии ҷомеа, меъёрҳои зиндагӣ пайваста назди наслҳои гуногун саволи чӣ гуна ба онҳо мутобиқ шудан ва унс гирифтанро низ матраҳ месозад”[1.61].

Масъалаи мазкур дар ҳамаи давраҳои таърихии инсоният, аз оғози пайдоиш то марҳилаҳои имрӯза таваҷҷуҳи муҳаққиқони ин соҳаро ба худ ҷалб намудааст. Бояд қайд намуд, ки субъекти раванди муҳоҷират инсон буда, ин субъект ҳамеша дар ҳолати тағйирёбӣ қарор дорад ва ахлоқу зебоипарастӣ танҳо хоси ин субъект буда, он хусусияти тағйирпазирӣ дорад. Аҳаммияти таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки айни замон мавҷудияти чунин масъала ба рушди бисёр мушкилоти ҷомеа таъсири калон мерасонад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар як ҷомеаи мавҷуда дорои идеалҳо ва арзишҳои ахлоқии худ мебошад, ки он таҷассумгари олии шуури ахлоқии ҳамон ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби дигар, чунон ки М.Миронов қайд

мекунад, «аз нимаи дуюми асри XX арзёбии арзишҳо ба амал омада истодаст. Ба ҷойи ҷомеаи анъанавӣ фарҳанги «компютерӣ» омада, ҷомеаи индустриалӣ ба ҷомеаи постиндустриалӣ, модернизм-постмодернизм иваз мешавад» [2.212]. Имрӯз мамлакати мо маҳз ҳамин даврараро аз сар гузаронида истодааст. Бояд қайд намуд, ки муҳоҷират таносуби ҷанбаи моддию маишии ҳаёти одамонро бо олами маънавию ботинии онҳо, зеботи муҳити беруна ва ботинӣ таҷассум мекунад. Дар асоси чунин воқеияти объективии мавҷуда метавон қайд намуд, ки таҳқиқи масъала муҳоҷиратро на танҳо илмҳои иқтисодӣ ва демографӣ, балки илмҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ, этика ва эстетика низ метавонанд таҳқиқ намоянд.

Вазъи имрӯзаи муҳоҷирати тоҷикон гувоҳӣ медиҳад, ки раванди муҳоҷират ба ҷудо шудани аксари муҳоҷирин ва ба муҳити дигари ахлоқию зебоӣ рафтани онҳо мусоидат мекунад. Аз ин бармеояд, ки ҳар як ҷомеа меъёрҳои ахлоқии худро дорад ва бо ҳамин меъёрҳояш аз дигараш фарқ мекунад. Зеро тамоми арзишҳои ахлоқию зебоии амалкунанда хусусияту шароити мушаххаси таърихиро ифода мекунанд, ки дар он ба вуҷуд омадаанд. Тавре А.Гусейнов қайд мекунад, “ахлоқ принсипи асосии бегонанашавандаи ҳаёти бошуурона, маънои воқеии он мебошад” [3.40]. Тағйироте, ки солҳои охир дар рафтор ва тарзи зиндагии ҷавонони муҳоҷири тоҷик ба вуқӯъ пайваста истодааст, мутаассифона вазъро дар самти ҳифзи арзишҳои ахлоқию зебоипарастии миллӣ дигаргун карда истодааст. Раванди муҳоҷират асосан ҷавонони синну соли қобили меҳнати 25-35-соларо дар бар мегирад ва Федератсияи Россия мисли пештара шарики асосии қабулкунандаи муҳоҷирони тоҷик мебошад. Ба гуфтаи президенти Россия В.Путин (дар шабакаи PLANETA РТР, Вести соати 20:00), ки ҳангоми мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон санаи 27.12.2021 дар шаҳри Санкт-Петербург зимни нишасти сарони ИДМ баргузор гардида буд, қайд намуд, ки 1 млн. тоҷикон дар қаламравӣ Федератсияи Россия кору зиндагӣ мекунанд.

Ҷавононе, ки ба хориҷа меоянд, бо тарзи нави зиндагӣ ошно мешаванд, дар муҳити дигар зиндагӣ карданро меомӯзанд, бо урфу одат ва анъанаҳои халқҳои дигар шинос мешаванд, даромади ночиз мегиранд, ба муҳити русӣ одат мекунанд. Мо хуб медонем, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар фаъолияти фарҳангӣ ва ҳаётии ҷомеаи руссиягӣ тағйироти ҷиддие ба амал омад, ки он ба пайдо шудани марказҳои дискотека, казино, фоҳишахонаҳо ва ғайра оварда расонид. Ҳамаи ин падидаҳои нав (европаи ғарбгароӣ) мутаассифона вазъиятро аз ҷиҳати қонеъ гардондани манфиатҳои ахлоқӣ ва зебоипарастии муҳоҷирони ҷавонро боз ҳам бадтар ва муқобили арзишҳои суннатии мавҷуда карданд. Маҳз чунин муҳоҷирони ҷавони тоҷик дар ватани хеш тарзи зиндагии аврупоию америкоиро ба фарҳанги миллии худ татбиқ мекунанд. Мувофиқи қонуниятҳои иҷтимоӣ чунин тағйирот аввалан дар муҳити муҳоҷирон ба вуҷуд омада, баъдан ба тамоми ҷомеа паҳн мегардад. Тавре Лоиқназар Мӯъмин, муовини директори Донишкадаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ қайд мекунад “рафтори ғайриахлоқии муҳоҷирони тоҷик, қабули фарҳанги бегона ба тафаккури муҳоҷирони ҷавони тоҷик таъсири манфӣ расонида, бегоносиятезӣ аз тафаккур ва ғурури миллӣ мешавад” [4.11]. Гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки насли наврас пас аз муҳоҷират ё дар давоми 2-3 соли дар он будан, одатан ҳамӣ як моҳ дар ватанашон истодан қариб тамоми тарзи зиндагӣ ва рафтори ахлоқию зебоипарастии онҳоро тақлид мекунанд. Ба ақидаи ин категорияи муҳоҷирон чунин тарзи рафтору зиндагӣ гувоҳи аз нишонаи фарҳанги баланди онҳо мебошад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки муҳоҷират тарзи рафтору зиндагии одамонро тағйир дода, тарзи нави зиндагӣ, моделҳои ахлоқию зебоипарастии рафтор, меъёрҳо ва арзишҳои дигаро ба вуҷуд меорад [5.153-157]. Тадқиқотҳои 5-6 соли охир нишон медиҳад, ки муҳоҷирони тоҷик бештар арзишҳои аврупоии ғайримиллиро, чи тавре ки дар боло қайд намудем, таблиғ мекунанд. Пӯшидани либоси ғайримиллии бегона, рафтору гуфтори ғайриахлоқӣ, ҷаҳонбинии ғайридунявӣ, баҳо додани

фарҳанги аврупоӣ ва худдорӣ аз тарғибӣ муваффақиятҳои кишвари худ ва тарғиби арзишҳои тамоман ғайримиллиро хоси худ кардаанд. Онҳо (бештар занҳо) либосҳои миллии худро тақрибан аз даст истифода намебаранд ва агар дар ин самт чорае андешида нашавад, либоси миллии тоҷикии мо низ метавонад хатари аз байн рафтанро дошта бошад. Солҳои охир ҷавонони мо пӯшидани либоси миллиро намехоҳанд, ки чунин рафтор ба насли калонсол маълум набуд ва он бегонапарастии насли ҷавононро нишон медиҳанд, ки аз тазодҳои дар табиати муносибатҳои иҷтимоии муосир пинҳоншуда бармеоянд. Тибқи тадқиқотҳои сотсиологӣ, ба саволи: «Чаро ба назари шумо духтарону занони мо пӯшидани либоси ғайримиллиро дӯст медоранд?» чунин ҷавоб додаанд: 35,0% пурсидашудагон фикр мекунанд, ки занону духтарони мо ба фарҳангҳои дигар тақлид мекунанд, 29,0% чунин либосҳо ҳоло дар мӯд ҳастанд, 21,3% фикр мекунанд, ки дар ин либосҳо худро бароҳат ҳис мекунанд, 6,7% фикр мекунанд, ки ин либосҳо аз рӯи имон нест, 3,3% фикр мекунанд, ки сатҳи диндории худро нишон медиҳанд. Ба саволи «Чаро ба назари шумо занони мо либоси аврупоӣ пӯшиданро дӯст медоранд?» 34,3% пурсидашудагон посух додаанд, ки он занҳое, ки либоси аврупоӣ мепӯшанд, ба фарҳангҳои дигар тақлид мекунанд, 23,3% фикр мекунанд, ки ҳоло ин либосҳо мӯд шудаанд ва одамоне, ки чунин либос мепӯшанд, дунболи мӯд мешаванд, 17,0% фикр мекунанд, ки либосҳои аврупоӣ замонавӣ ҳастанд ва барои ин занони мо пӯшидани ин либосҳоро дӯст медоранд, 3,0% фикр мекунанд, ки хешовандон ва волидон онҳоро маҷбур мекунанд, 2,7% аз ҷавоб додан худдорӣ карданд, 2,0% дар посух додан ба савол душворӣ диданд [6.73]. Натиҷаи чунин тадқиқотҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки тарғиби либоси дигарон сол то сол бо суръати тез меафзояд ва ҷавонони мо ба ин майл доранд. Ба гуфтаи чунин муҳоҷирон, онҳо тарзи зиндагии худро ба самти беҳтар такмил медиҳанд ва онҳое, ки ин корро кардаанд, ба натиҷаҳои хеле хуби зиндагӣ ноил шудаанд. Тибқи натиҷаҳо илмӣ, чунин суръати паҳншавии арзишҳои бегона на танҳо нуқтаи назари ахлоқӣ, қоидаҳои муошират, балки ҳолати дохилии равонии одамонро низ тағир медиҳад. Имрӯз ҳамагон шоҳиди он ҳастем, ки муҳоҷирони ҷавони мо хоҳиши қабули тарзи суннатии зиндагӣ ва арзишҳои миллии моро надоранд, ҳарчанд дар иҳотаи падидаҳои муосир, ки онҳоро дар муҳити фарҳангии бегона иҳота кардаанд, зиндагӣ мекунанд. А.Толстой ин тарзи зиндагии муҳоҷирони русро дар давраи инқилоби октябрь тавсиф намуда, кайд карда буд: «Агар ман азоб кашам, пас муҳити зистро дигар кардан лозим аст, то ки азоб накашам. Ман рус ҳастам, ман Россияро дӯст медорам, яъне ман худро дар иҳотаи ашё ва одамон дӯст медорам, чунон ки дар Россия будам. Агар ин вуҷуд надошта бошад ё баргардонида нашавад, ба ман ин гуна Россия лозим нест" [7.57]. Арзишҳои миллӣ лаҳзаҳои муҳими аз ҷиҳати иҷтимоӣ гузаштаро ифода мекунанд, ки имрӯз вуҷуд доранду дар зеҳни мардум зиндагӣ карда, ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии моро ташаккул додаанд. Дар шароити имрӯзаи пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзишҳои миллӣ ва ахлоқӣ рафтору тарзи зиндагии моро назорат накунанд, пас чӣ боқӣ мемонад? Ҳеҷ чиз ҷуз таблиғи арзишҳои аврупоӣ ва тарзи зиндагӣ. Ҳама медонанд, ки ҷаҳонишавии имрӯза ҷаҳонишавӣ дар атрофи арзишҳои ғарбист, аммо мо шоҳиди он ҳастем, ки дар ҷомеаҳои ғарбӣ нисбати арзишҳои инсонӣ ва тарзи зиндагии одамон чи рӯй дода истодааст. Пайдо шудани типи нави одамон, никоҳи якҷинс ва дигар омилҳои ғайриинсонӣ дар рушди инсон хусусияти хоси тарзи ҳаёти навро (ғарбӣ) дар аврупо ба вуҷуд овард. Ин равандро метавон таназзули арзишҳои инсонӣ номид, ки ба ҳам мухолиф ва аз бисёр ҷиҳат дардовар сурат мегирад. Хусусияти асосии чунин таназзулёбии арзишҳои ғарбӣ ва паҳншавии он ба ҷомеаҳои дигар, пеш аз ҳама, бӯҳрони ахлоқу зебоипарастӣ мебошад. Ин бӯҳрон дар дигар ҷомеаҳои муосир ба таври ғайричашмдошт паҳн намешавад, баръакс дар ҷараёни инкишофи худ оҳиста-оҳиста ба тағйирот додани ҳаёти инсон паҳн мешавад. Чунин гардиши вазъи муҳоҷирати тоҷиконро дар марҳилаи кунунӣ метавон ба сифати хусусияти хоси муҳоҷират аз Ҷумҳурии

Тоҷикистон дохил кард. Оморҳо нишон медиҳанд, ки барои тоҷикон мисли дигар мардуми Осиёи Марказӣ гирифтани шаҳрвандии дигар кишварҳо, бахусус Россия ва Амрико ба ҳукми анъана даромадааст. Теъдоди тоҷиконе, ки дар дигар давлатҳо зиндагӣ мекунанд, аз шумораи тоҷикони Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 7 маротиба зиёд буда, на камтар аз 30 миллион нафарро ташкил медиҳад [8.4]. Дар шароити имруза Федератсияи Россия бо мақсади ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ барои гирифтани шаҳрвандии Россия барномаҳои гуногуни давлатӣ, аз қабили «Барномаи кӯчонидани аҳолӣ (Переселения)», ҷудо кардани квота ва ғайраро роҳандозӣ карда истодааст. Тибқи омори кормандони корҳои дохилии Федератсияи Россия дар давоми 9 моҳи соли 2021 1 миллиону 596 ҳазору 481 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон барои дарёфти шаҳрвандӣ дар шӯъбаҳои муҳоҷирати Русия сабти ном шудаанд, ки аз ин шумора 69 ҳазору 699 нафар шаҳрвандии Тоҷикистон, 27 ҳазор нафар ба қайди иқомати муваққатӣ (РВП) ва 35 ҳазору 967 нафар ҳуҷҷати иқомат гирифтаанд, ки пас аз пандемияи COVID-19 ин раванд чанд зина боло рафт. Тибқи маълумоти омори Русия, аз 1 декабри соли 2020 аз 77 минтақаи Русия, дар 50-тои онҳо норасоии муҳоҷиронро дар сохтмон мушоҳида мешавад [9.11]. Таърихи тоҷикон гувоҳ аст, ки бархе аз тоҷикони муҳоҷиршуда қаблан натавонистанд забон, фарҳанг ва суннатҳои худро ҳифз кунанд, ки сабаби он набуди иртибот бо хешу табор ва ватани аҷдодиашон мебошад.

Дар баробари масъалаҳои болозикр муҳоҷират дар таърихи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тағйироти ҷиддиро паси сар кардааст. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки қисме аз муҳоҷирони имрӯза ба суннат, расму оин ва фарҳанги миллии худ муносибат ва иртибот доранд. Чунин робитаҳо дар кишвари қабули муҳоҷирон низ тавассути диаспораҳои тоҷик ва вохӯриҳои мухталифи намояндагони сохторҳои давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Бо вуҷуди чунин тарғибу ташвиқ масъалаи баррасишаванда на он қадар ба фоидаи ҳифзи арзишҳои миллӣ ва рафтори ахлоқиву зебоипарастии одамон ҳал шуда истодааст. Ба ҷои он ки арзишҳои миллии тоҷикон аз насл ба насл дода шуда байналмиллалӣ шаванд, дар шароити имруза гирифтори бӯҳрони маънавӣ шуда истодаааст. Натиҷаи ҳамаи ин зиёдшавии назарраси миқдори ҷавонони тоҷик берун аз кишвари аҷдодии худ мебошад. Ба ин гуфта метавонад мисол шавад, ки аз соли 2013 дар Маскав аз ҳар 100 тифли навзод танҳо 30% русҳо, боқимонда 70% намояндагони миллатҳои дигар, асосан халқҳои минтақаи Кавказ ва Осиёи Марказӣ мебошанд [10.124]. Чунин масъалаҳои ташвишовар зарурати ҷустуҷуи шаклҳои нави арзишро ба миён меорад, ки ба шарофати он имкониятҳои инсоният дар рафти азхуд намудани шароити нави фаъолият торафт такмил меёбанд. Вобаста ба ин муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «асри XX замони харобии анъана ва арзишҳое мебошад, ки инсоният дар таърихи худ ба он ноил гаштааст, аммо ахлоқ хусусияти дунявият пайдо карда, барои худ пуштибонӣ ёфта наметавонад» [11.264]. Мо медонем, ки дар рафти инкишофи ҷамъият мазмун ва характери арзишҳои интиқоли таҷрибаи таърихӣ хеле тағьир меёбад. Онҳо бисьёртарафа шуда, ҷиҳати синфии амалро пайдо карда, фардикунонии хотираи коллективии пештара ба амал меояд. Акнун ҳар як аъзои ҷамъият мисли пештара на танҳо хамчун барандаи алоҳида, мустақили хотираи коллективӣ баромад мекунад, балки эҷодкори хотираи таърихӣ гашта, дар он саҳми худро мегузорад. Аммо чунин саҳм обрӯи кишвару мардумро боло намебарад, балки баръакс метавонад онро хароб кунад. Ҳамин тавр, ҳар ҷомеа ва ҳар миллат меъёрҳои ахлоқии худро дорад, ки муайян мекунад, ки кадом шаклҳои рафтор аз ҷониби аъзои он интизоранд, талаб ва таҳаммул карда мешаванд ва кадоме аз онҳо манъ ва муҷозот мешаванд. Ҳамин тавр, тамоми паҳлуҳои раванди муҳоҷирати муосири тоҷикон таҳлил намуда, ба хулосае метавон омад, ки дар шароити имруза Тоҷикистон бояд арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои ахлоқию зебоипарастӣ ва фарҳангӣ худро ҳифз кунаду услуб ва тарзи зиндагии аврупоиеро, ки барои зиндагии тоҷиконаи мо ахлоқӣ нест, бартараф намояд. Татбиқи дигаргуниҳои куллии

ҷомеаи тоҷик набояд ҳамчун нусхабардории холис аз таҷрибаи шеваи зиндагӣ ва анъанаи ғарбӣ, балки дар заминаи шароити мушаххаси таърихӣ ва минтақавии рушди ҷумҳурӣ бо назардошти раванди ҷаҳонишавӣ сурат гирад.

Таърих гувоҳ аст, ки муҳоҷирати оммавии тоҷикон бо сабабҳои гуногун ба кишварҳои дигар аз замонҳои қадим вуҷуд доштааст. Имрӯз, бо сабабҳои гуногун хусусиятҳои фарқкунандаро ба худ касб намудааст. Ба гуфтаи М.Бобохонов, «дар тӯли асрҳои зиёд хатари воқеии нобудшавии тоҷикон вуҷуд дошт. Он аз ҳуҷуми истилогарони хориҷии турку муғул, ки аз асрҳои XXI ва баъд аз он оғоз шуда буд, ба вуҷуд омадааст. Тоҷикон дар ҳар ҷое, ки зиндагӣ кунанд, мушкили хоси худро доранд: дар ватани таърихиашон яке асосан иқтисодӣ, иҷтимоӣ; дар кишварҳои Аврупо, Амрико, Осиё ва Африқо, ки дар муҳити этникии бегона ғарқ шудаанд, барои нигоҳ доштани симои этнофарҳангии худ, яъне забони модари, расму оин ва анъанаҳои фарҳангии халқи худро ҳифз намоянд”[12.561-564]. Маводҳои дар боло зикршуда нишон медиҳанд, ки муҳоҷирати имрӯзаи тоҷикон дар баробари омилҳои иқтисодӣ хусусияти этникӣ пайдо кардааст, ки пеш аз ҳама бо худҳимояи миллати тоҷик ё як қисми он ҳамчун организми мустақили иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва этнофарҳанги алоқаманд аст. Ин маънои онро дорад, ки дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеаи тоҷик мо бояд рушди арзишҳои ахлоқию зебоипарастии мардуми тоҷикро, ки инъикосгари эҳё ва ҳифзи расму русум ва анъанаҳои тоҷикон аст, бедор созем. Чи хеле, ки П.С.Гуревич қайд мекунад “ахлоқ ба ақидаи пажӯҳишгари ватанӣ В.С.Библер, на дар меъёрҳои ахлоқӣ таҷассум ёфтааст, ки дар тӯли садсолаҳо ҳазм шуда, фишурда ва моҳияти худро гум карда, шиддати таърихӣ, асолати фарҳангӣ ва беназириро аз даст диҳад” [13.159-160]. Ҷавонони мо ҳамчун ворисони қадимтарин мардуми ҷаҳон, ки дорои мероси ғании фарҳангӣ мебошанд, бояд ба ҳама мушкилоти муҳоҷирати замони имруза муқовимат намуда, дар атрофи халқи тоҷик муттаҳид шаванд. Барои тақвият ва амалӣ намудани ин ҳадаф дар айни замон мо бояд ба таблиғи арзишҳои анъанавии маънавию ахлоқии ҷомеаи худ дар байни ҷавонон машғул шавем. Зеро ки “агар амали инсон ба ахлоқ муқобил бошад, ин амал инсонро ба фишори инстинкт ва қувваи ҳаракаткунанда ё косташавии ҳиссиёт, ба монанди ҳиссиёти айбдорӣ оварда мерасонад. Вобаста ба ин, ахлоқи анъанавӣ бевосита тавсифи репрессивӣ пайдо мекунад ва дорои механизм мегардад, ки бо ёрии он инсон кӯшиш менамояд андеша, симо ва хотироти барангезандаи инстинктивии ирсии инсонӣ “шахси номуайян”-ро хориҷ ё ба зершуур ворид намояд” [14.17]. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 33 сол дошта дар ибтидои инкишофи роҳи ҳаёти худ қарор дошта, мамлакати мо пур аз қуввахои эҷодӣ буда, қодир аст на танҳо тараққӣ кунад, балки дар пешрафти кишварҳои дигар низ саҳмгузор бошад. Дар сатҳи шуури ҷавонони тоҷик, аз ҷумла муҳоҷирон ташаккул додани ҳисси худшиносии миллию ватандорӣ ва қабули як қатор барномаҳои давлатӣ дар ин самт тадбири муҳими ҳалли ин масъалаҳо мебошад, аз ҷумла:

1) Ба андешаи мо пеш аз ҳама бояд раванди муҳоҷиратро ҳамчун

падидаи мусбат қабул кунем. Зеро дар раванди муҳоҷират на танҳо тоҷикон, балки намояндагони дигар давлатҳои мутараққӣ, аз ҷумла Чину Туркия, Россия ва ғайра ширкат меварзанд. Тибқи омори байналмилалӣ дар ҷойҳои аввалу дуюм аз рӯи шумораи муҳоҷирон дар ҷаҳон аз Мексика (11,9 миллион) ва аз Россия (11,1 миллион) нафар мебошанд. Дар байни онҳо мавқеи пешсафро Чин, Туркия ва Ветнам ишғол мекунанд. Бузургтарин таъминкунандаи коргарони хориҷӣ ба Федератсияи Русия Чин мебошад [15.311]. Аз ин рӯ, муҳоҷирони тоҷик бояд ин вазъро ба инобат гирифта, барҳӯрд ва андешаи худро ба раванди муҳоҷират ба куллӣ тағйир диҳанд.

2. Дар тамоми зинаҳои таҳсилот шурӯъ аз мактаби миёна то хатмкунандагони коллеҷҳо, донишкадаҳо ва донишгоҳҳо омӯзиши фанни “Асосҳои муҳоҷирати меҳнатӣ” ҷорӣ карда шавад. Дар барномаи таълимии ин фан бояд дар бораи раванди муҳоҷират бо назардошти муносибати ҷавонон ба

арзишҳои ахлоқию зебоипарастии мардуми тоҷик ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии он маълумот дода шавад. Имрӯз танҳо дар заминаи Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон барои донишҷӯёни факултетҳои иқтисод, ҳуқуқ ва магистрони факултети таърих ва муносибатҳои байналмилалӣ аз фанни «Муҳоҷирати меҳнатӣ ва интиқоли маблағ» курси махсус таълим дода мешавад. Курси махсусро коршиноси варзидаи соҳаи муҳоҷирати тоҷикон, доктори илмҳои иқтисод, профессор Р.У.Улмасов мегузаронад. Ҳаҷми ин фан 72 соати кори аудиторияро ташкил медиҳад, ки 36 соати онро лексия ташкил медиҳад. Ин фан барои ошноии донишҷӯён бо мушкилоти идоракунии муҳоҷират пешбинӣ шудааст, аммо ҳамаи мавзӯъҳои ин фан хусусияти иқтисодӣ доранд ва на яке аз ин мавзӯъҳо таъсири муҳоҷиратро ба арзишҳои ахлоқию зебоиспарастӣ ва арзишҳои миллӣ нишон намедиҳад. Дар мавзӯъҳои чунин фанҳо таҷрибаи бисёр кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонро оид ба масъалаҳои муҳоҷират, аз қабили хитоиҳо, филиппиниҳо, яҳудиён, арманиҳо, озарбойҷонҳо, гурҷиҳо ва ғайраҳо қайд кардан лозим аст, ки онҳо дар Ҷамъиятҳо муттаҳид шуда бо роҳҳои гуногун ба Ватани таърихии худ ҳам аз ҷиҳати моддию маънавӣ ёрӣ мерасонанд. Ба шарофати мутолиаи чунин мавзӯъҳо ҷавонони мо бо таҷрибаи муҳоҷирони дигар кишварҳо ошно мешаванд. Бо андӯхтани таҷриба аз кишварҳои дигар арзишҳои миллии худро дар муҳити фарҳангии бегона ҳифз мекунанд ва нисбати раванди муҳоҷират тасаввуроти мусбат пайдо мекунанд.

3. Тоҷикистон ҳамчун як давлати иҷтимоӣ дар бораи муҳоҷирони

худ ғамхорӣ мекунад ва ҳадафмандона сиёсати пуштибонии муҳоҷирони тоҷикро дар хориҷ аз кишвар пеш мебарад. Ин ғамхории ҳукумат дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зикр гардида, дар он гуфта мешавад, ки диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, аз ҷумла бо назардошти омили гендерӣ ва пурзӯр намудани танзими давлатии раванди муҳоҷират яке аз ҳадафҳои олии тараққиёти дарозмуддати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҳукумати мамлакат ба хотири он маблағҳое, ки муҳоҷирон ба Тоҷикистон равон мекунанд, ҷиҳати дастгирии ҳаматарафаи оилаҳои муҳоҷирон сиёсати оқилона ва мақсаднокро роҳандозӣ намояд. Ба сифати чунин дастгириҳо онҳо метавонанд муҳоҷиронр аз супоридани андоз озод ё ҳаҷми онро кам кунанд, фарзандони муҳоҷиронро аз ҳисоби бюҷети давлатӣ таълим диҳанд ё ба онҳо квотаи президентӣ ҷудо кунанд ва ғайраҳо.

Ҷамъоварии чунин таҷрибаҳо дар соҳаи ҳифзи арзишҳои миллӣ аз насл ба насл бодиққат интиқол дода мешавад. Таҳқиқи чунин масъалаҳо барои баланд бардоштани мавқеи арзишҳои ахлоқиву зебоишиносии насли ҷавон хизмат карда, имкон медиҳад, ки масъалаҳои муҳими раванди муҳоҷирати тоҷиконро таҳия ва ҳал кунем.

Адабиёт

1.Идиев Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйиротҳои иҷтимоӣ. Душанбе, 2016. – С. 61.

2. Мироно В.В. Философия: учебник. – М.: 2005. – С.212.

3. Гусейнов А.А., Асперян Р.Г. Этика. Учебник. – М: - С. 40

4.Газета «Шуғл ва муҳоҷират”. №7-8, от 16.03.21. – С. 11.

5.Хаитов Ф. К.. Взаимосвязь миграции и процесс старение населения в таджикистанском обществе. Вестник ПУ (серия: философские науки), №2(2).- С 153-157.

6.Гуломова М.С.. Социально-философское осмысление социокультурного отчуждения молодежи в таджикистанском обществе. Дисс.к.ф.н. Душанбе 2021. –С. 73.

7.Толстой А.Н. Эмигранты. – М.: Правда, 1982. – С.57

8.Бабаханов М.. История таджиков мира. Душанбе, 2004 г. – С. 4.

9.Газета «Шуғл ва аҳолӣ», №7-8, от 16.03.2021. – С.11.

10.Современная миграция населения: Учебное пособие. История, теория, политика. Душанбе -2013. –С. 124.

11.Зиёев И.Г., Зиёева З.И. Ахлоқ ва зебоишиносӣ. Душанбе, 2019. – С. 264.

12.Бабаханов М.История таджиков мира. Душанбе, 2004. – С. 561-564.

13.Гуревич П.С. Философия человека. Част 2. Москва, 2001.-С 159-160.

14.Ғаффурова З. А. Таълимоти этикии Абдураҳмони Ҷомӣ. Авт. Диссер. Барои дарёфти дараҷаи имлии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа. –Душанбе, 2020. –С. 17

15.Современная миграция населения: История, теория, политика. Душанбе -2013. – С. 311.

МИГРАЦИЯ И ИЗМЕНЕНИЕ ЭТИКО - ЭСТЕТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ ЧЕЛОВЕКА (СОЦИАЛЬНО – ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ)

Хаитов Ф.К.

Статья посвящена проблеме исследованию изменения этико – эстетических ценностей в процессе миграции через призму социально-философского анализа. Следует отметить, что на современном этапе глобализации ощущается влияние процесса миграции на все стороны действие человека. Проблема изменения этико-эстетических ценностей человека в данном процессе занимая важное место, привлекла пристальное внимание специалистов. Анализ нынешнего этапа развития таджикистанского общества свидетельствует о том, что этико-эстетическое воззрение большинство таджикской молодёжи приобрела отчуждённый характер (в основном европейской) и вышло за рамки национальной традиций и обычаев. Тревожным является то, что это тенденция год за годом увеличивается и наша молодёжь склонна к этому. Согласно социологическим данным, молодые мигранты своим поступкам улучшают свои образ жизни и могут достигать больших достижений. Автор, анализируя негативные стороны процесса миграции для предотвращение его предлагает нужные рекомендации и предложения.

Ключевые слова: *этика, эстетика, ценность, молодёжь, культура, миграция, социологические исследования, отчуждения.*

MIGRATION AND CHANGE OF HUMAN MORAL-AESTHETIC VALUES (PHILOSOPHICAL-SOCIAL ANALYSIS)

Khaitov F.Q.

The article is devoted to the problem of researching the change in ethical and aesthetic values in the process of migration through the prism of socio-philosophical analysis. It should be noted that at the present stage of globalization the influence of the migration process on all aspects of human action is felt. The problem of changing ethical and aesthetic The problem of changing the ethical and aesthetic values of a person in this migration process for everything hand is human action. The problem of changing the ethical and aesthetic values of a person in this process, occupying an important place, attracted the close attention of specialists. Analysis of the current stage of development of Tajik society indicates that the ethical and aesthetic the view of the majority of Tajik youth has acquired an alienated character (mainly European) and has gone beyond the framework of national traditions and customs. It is alarming that this trend is increasing year after year, and our young people are prone to it. According to sociological data, in the opinion of these young people, by their actions, they improve their way of life and can achieve great achievements. The author, analyzing the negative aspects of the migration process to prevent it, offers the necessary recommendations and extensions.

Key words: *ethics, aesthetics, value, youth, culture, migration, sociological research, separation.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МУНОСИБАТИ ҲАСТӢ ВА МОҲИЯТ ДАР МЕТАФИЗИКАИ ИБНИ СИНО

Шаҳовуддинов Н.С. – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктор Ph.D, дотсент, кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа
E-mail:shahobiddinov@yahoo.com
Тел.: (+992) 93 7400284

Дар мақолаи мазкур сари масъалаи ҳастӣ ва моҳият баҳс сурат гирифтааст. Дар оғози мақола муаллиф ба тариқи ниҳоят умумӣ аз раванди ташаккулёбии баҳси ҳастӣ дар таърихи фалсафа ва навгоние, ки Ибни Сино ва Форобӣ доир ба ин масъалаи ҷорӣ кардаанд, маълумот медиҳад. Бояд зикр намуд, ки мақолаи мазкур идомаи мантиқии мақолаи дигар аст, ки дар он низ масъалаи ҳастӣ ва ақидаҳои бунёдии Сино дар ин маврид баррасӣ гардидаанд.

Навгонии асосие, ки Сино дар баҳси ҳастӣ ворид кардааст, он аст, ки ҳастӣ як маънии алоҳида буда, ҳамагӣ танҳо як ҳастӣ вуҷуд дорад ва он дорои маънии трансценденталӣ мебошад. Бо ин васила Сино дорои ҳастии алоҳида будани ҳар як категорияро инкор менамояд. Ҳамчунин дар ҳамин баҳс ва дар муқоиса бо антитезиси ҳастӣ, яъне нестӣ Сино исбот менамояд, ки танҳо як ҳастӣ вуҷуд дорад. Агар ҳастиро ба миқдори мақулаҳо даҳто ҳисобем, пас нестӣ низ бояд дорои даҳ намуд бошад. Вақте ки танҳо якто нестӣ вуҷуд дорад, пас ҳастӣ низ танҳо якто мебошад.

Навгонии дигаре, ки Сино вориди баҳси ҳастишиносӣ гардонидааст, ин дорои моҳият гардонидани он мебошад. Вақте ҳастӣ дорои маънии трансценденталӣ мегардад худ маънии онро дорад, ки даҳ категорияи муайяннамудаи Арасту дигар на ҳамчун навъҳои ҳастӣ, балки ҳамчун моҳият шинохта мешаванд. Маънии моҳиятӣ аз маънии вуҷудӣ фарқ менамояд ва дар сурати ягона донистани онҳо мо ба зиддияти мантиқӣ дучор меоем. Масалан, дар сурати як донистани маънии вуҷудӣ ва маънии моҳиятӣ бояд гуфтори "ҷавҳар аст" бо гуфтори "ҷавҳар ҷавҳар" ҳаммаъно бошад, ки чунин нест. Пас маънии вуҷуд аз маънии моҳият фарқ менамояд. Барои моҳият ҳастӣ дорои маънии аразӣ мебошад, он бо ориз гардидан ба моҳият онро дорои ҳастӣ мегардонад. Ҳаминро низ бояд қайд намуд, ки ҳар як моҳият маҳз тавассути сабабҳо аз ҳолати имконӣ ба ҳолати воқеӣ мегузарад.

Яке аз баҳсҳои дигаре, ки дар мақола матраҳ гардидааст, ин баҳси муносибати ҳастӣ бо даҳ категория мебошад. Агар ҳастӣ дорои хусусияти аразӣ нисбат ба категорияҳоро дошта бошад, пас он оризи категорияҳо мегардад. Оё ориз гардидани он ба мақулаҳо ба мисли ориз гардидани ҷинс ба навъҳои худ аст ва ё аз он фарқ мекунад? Сино чунин ақида дорад, ки муносибати ҳастӣ бо категорияҳо аз муносибати ҷинс ба навъҳо фарқ мекунад. Шиддати ҳастӣ дар ҷавҳар зиёд аст ва пас аз он дар миқдор, сифат ва изофат ва дар шаш категорияи дигар боз ҳам камтар.

Калидвожаҳо: *ҳастӣ, моҳият, ҷавҳар, категорияҳо, араз, трансценденталӣ, шиддат, давомнокӣ.*

Масъалаи ҳастӣ ва ё дақиқтар суоли "Ҳастӣ чист?" боиси ба вуҷуд омадани тамоми системаҳои фалсафии таърихи фалсафа гардидааст, ки ҳар кадом ба шеваи худ кӯшиш кардааст, ки ақидаи худро баён созад. Дар оғоз файласуфон унсурҳои табииро аз қабили об, бод, оташ ва хок ҳамчун нахустунсури ҳастӣ мешинохтанд, аммо тадриҷан ин масъала ба худ хусусияти абстрактӣ мегирад. Ҳанӯз дар таълимоти Анаксимандр (611-548 то мелод), яке аз намояндагони мактаби Милет, кӯшиши абстраксиякунонии масъалаи ҳастӣ ба назар мерасад, зеро ӯ на як унсури муайян, балки апейрон, яъне яке аз мавҷудоти номуайянро ҳамчун асоси ҳастӣ муаррифӣ намудааст. Арасту (384-322 то мелод) гуфта

буд, ки матраҳ сохтани апейрон ҳамчун ҳастӣ худ як кӯшише буд барои ба вуҷуд овардани масъалаи моҳият дар баҳси ҳастишиносӣ. Аммо марҳалаҳои зиёде гузашт то ин ки нахуст худи масъалаи ҳастӣ ҳамчун як мафҳуми абстракӣ фаҳмида шавад ва баҳси моҳият бошад танҳо дар фалсафаи асримиёнагӣ аз баҳси вуҷуд ҷудо мегардад.

Нахустин маротиба Пифагор (570-490 то мелод) ва пайравони ӯ масъалаи ҳастиро вориди баҳсҳои абстрактии математикӣ мегардонанд, ки дар ин мактаб ҳастӣ қисман ҳамчун мавҷудоти воқеӣ ва қисман ҳамчун мавҷудоти абстрактӣ дониста мешуд. Аммо Парменид (540-470 то мелод), намояндаи мактаби Элеат, нахустин маротиба бевосита мафҳуми ҳастиро вориди баҳси онтологӣ мегардонад, ки дар тафсири ӯ ҳастӣ ва тафаккур як чиз буда, ҳастӣ аз тафаккур меояд ва ин маънии ноб доштани мафҳуми ҳастиро мефаҳмонд. Фаҳмиши парменидии ҳастӣ, ки ҳастии зеҳнӣ, ё ҳастии нобро ҳастии ҳақиқӣ меҳисобид, асоси мактаби метафизикиро ташкил дод, ки сароғози як анъанаи беш аз духазорсола дар таърихи фалсафа гардид. Аммо андешаи Парменид дар мавриди ягона будани ҳастӣ аз ҷониби Арасту танқид ва инкор мегардад ва ба ҷои он ӯ ҳастиро ба даҳ категория ва ё мақула тақсим менамояд. Ҳаминро низ бояд зикр намуд, ки Арасту нахустин маротиба ҳастӣ ҳамчун ҳастиро ҳамчун масъалаи асосии метафизика ва фарқияти бунёдии он аз илмҳои табииёт ва риёзиётро дақиқ намуд.

Аммо ҳанӯз дар гуруҳбандии Арасту баҳси аз ҳам ҷудои вуҷуд ва моҳият равшан ба назар намерасид. Он даҳ категорияе, ки дар фалсафаи Арасту ба мушоҳида мерасанд, ҳамагӣ танҳо дорои маънии вуҷудӣ доранд, на моҳиятӣ. Баҳси алоҳидаи вуҷуд ва моҳият бахусус дар асрҳои миёна ба миён меояд ва тадриҷан онҳо ҳамчун ду мафҳуми аз ҳам фарқкунанда шинохта мегарданд, ки он то фалсафаи муосир давом кардааст.

Бояд зикр намуд, ки саҳми Форобӣ ва Ибни Сино дар муайянсозии маънии вуҷудӣ аз маънии моҳиятӣ калон мебошад. Дар фалсафаи асримиёнагӣ баҳси мазкур аз баҳси “чиз” оғоз ёфтааст, ки дар доираҳои мутакаллимон дар он рӯзгор асосӣ ба ҳисоб мерафт. Аммо дар баҳсҳои онҳо на баҳси ҳастӣ ва моҳият, балки баҳси “чиз” ва ё “шайъ” асосӣ ба ҳисоб мерафт ва баҳсҳои маҳдуд буда, бештар хусусияти илоҳиётшиносӣ доштанд, то фалсафӣ-ҳастишиносӣ. Форобӣ ба ин баҳсҳои мутакаллимон таккони тоза дода, дар қадами аввал ба ҷои мафҳуми чиз мафҳуми моҳиятро ҳамчун мафҳуми бунёдӣ қабул менамояд ва дар қадами минбаъда маънии моҳиятро аз маънии вуҷуд ҷудо месозад. То солҳои наздик дар ин муносибат як навъ нофаҳмие вуҷуд дошт ва аксаран гумон доштанд, ки фаҳмиши Форобӣ аз фаҳмиши арастуӣ дар ин масъала фарқ намекунад. Аммо пажуҳишҳои солҳои охир нишон доданд, ки Форобӣ дар баҳси вуҷуд ва моҳият тағйироти бунёдӣ дохил намуда, онҳоро аз ҳамдигар ҷудо месозад ва ӯ ба ҳастӣ маънии трансенденталӣ медиҳад, ки аз фаҳмиши Арасту дар ин маврид фарқ менамояд ва дар як вақт даҳ категорияи арастуӣ дар фаҳмиши Форобӣ ҳамчун даҳ категорияи моҳиятӣ фаҳмида мешавад.

Дар ин маврид агар мо ба натиҷагириҳои донишманди олмонӣ Тео Кобуш бовар намоем, пас ӯ ду хидмати асосии Ибни Синоро дар таърихи метафизика таъкид менамояд, ки минбаъд аз ҷониби дигар файласуфон густариш меёбад. Пеш аз ҳама Сино ва қабл аз ӯ Форобӣ метафизикаро дорои ҳастишиносӣ мегардонанд, яъне ҳастии трансенденталӣ асоси баҳсҳои метафизикиро ташкил медиҳад. Хидмати дигари онҳо ин дорои моҳият гардонидани ҳастишиносӣ мебошад.

Сино ин баҳсро, ки сароғози онро мо дар фалсафаи Форобӣ дучор меоем, густариш медиҳад ва муносибати байни вуҷуд ва моҳиятро муфассалтар ва дақиқтар мегардонад, ки дар идома мо баҳси худро бевосита сари ин масъала мутамарказ мегардонем ва маҳз назари Ибни Синоро ба тадриҷ матраҳ мегардонем. Бояд зикр намоем, ки барои Сино ин баҳс сирф як баҳси мантиқӣ мебошад ва худи ӯ таъкид менамояд, ки маҳс мантиқ ӯро аз тасаввуротҳои ботил дар мавриди ҳастӣ наҷот додааст. Ин маъниро мо тадриҷан ва бо дарназардошти назари куллии Сино дар мавриди вуҷуд ва моҳият матраҳ мегардонем.

Дар фалсафаи Арасту ва ҳамчунин дар фалсафаи Сино дар аввалин қадам ҳастӣ ба ҷавҳар ва араз тақсим карда мешавад. Даҳ мақула, ки Сино онҳоро “олитарин ҷинсҳо” меномад, ҳамон ҷавҳар ва навъҳои аразӣ ҳастанд. Аммо чизи муҳим ва фарқкунанда дар байни фалсафаҳои Арасту ва Сино он аст, ки маъниҳои мақулавӣ аз маънии вуҷудӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва онҳо як чиз нестанд. Маҳз ҳамин нукта дар баҳси машҳури вуҷуд ва моҳият нақши асосиро бозӣ мекунад. Он шарҳҳое, ки аз ҷониби Сино пешниҳод мегардад, дар шинохти назари куллии Сино дар ин маврид нақши муҳим бозӣ мекунанд. Ҳадафи асосӣ дар ин муносибат ин ҷудо ва алоҳида нишон додани маънии вуҷуд аз маънии моҳиятҳо аст, ки ҳамаи мақулаҳо ва ё категорияҳо маҳз ифодакунандаи маънии моҳиятӣ ҳастанд.

Ҳастӣ дорои маънии мутаъолӣ. Дар фалсафаи калом ин назар паҳн гардида буд, ки маънии ҳастӣ ва маънии мақулаҳо ҳар ду бо ҳам айният дошта, байни онҳо фарқияте вуҷуд надорад. Гузашта аз мутакаллимон, чунин айниятро мо чунин айниятро дар тамоми бинишҳои фалсафие, ки то замони Сино вуҷуд доштанд, мушоҳида менамоем. Ин баҳс бештар назарияи идеалистии Афлотунро ба хотири мо меоварад, ки мувофиқи он ҳар як ашё дорои идея ва ё ҳастии алоҳида мебошад ва дар байни онҳо як ҳастии умумӣ вуҷуд надорад. Дар фаҳмиши Афлотун маҳз моҳият ҳамчун ҳастии ҳақиқӣ шинохта мешавад ва олами мавҷудот ва ё ҳастандаҳо дар маънии сояи ҳастиҳои аслӣ ҳастанд. Аммо Сино дар пайравӣ аз Форобӣ ин назарро инкор намуда, маъниҳои вуҷудӣ ва мақулавиро аз ҳам ҷудо арзёбӣ менамояд. Дар фаҳмиши нав идеяҳо ва ё моҳиятҳо ҳанӯз дар худии худ дорои ҳастӣ нестанд ва бо ориз гардидани ҳастӣ бар онҳо онҳо дорои ҳастӣ мегарданд ва аз ҷиҳати ҳастӣ дар байни онҳо фарқият вуҷуд надорад. “Мардумоне, ки эшонро дидори борик нест, пиндоранд, ки лафзи ҳастӣ бар ин даҳ чиз ба иштироки исм уфтад, чунон ки ҳар даҳ чизро як ном бувад ва маънии он ном яке набувад” [1; 232] Мақсади Сино аз ифодаи “бо иштироки исм уфтодан” он аст, ки маъниҳои моҳиятӣ ва вуҷудӣ аз ҳамдигар ҷудо карда нашудаанд ва гумон бар он аст, ки маънии вуҷудӣ низ ифодакунандаи ҳамон маънии моҳиятӣ аст.

Дар оғози бахши мазкур мо аллакай қайд намуда будем, ки баҳси ҷавҳар ва араз ва ё баҳси даҳ мақула дар доираи имконулвуҷуд доир мегардад. Баръакси воҷибулвуҷуд, ки вуҷуд ва моҳият аз ҳамдигар дар он ҷудо нестанд, дар баҳси имконулвуҷуд вуҷуд ва моҳияти ашё аз ҳамдигар ҷудо ҳастанд ва воҷибияти вуҷуди ашёи имконулвуҷуд аз худи онҳо вобастагӣ надорад. Ҳамин тавр, агар ин масъаларо бо баҳси ҷавҳар ва араз пайваст гардонем, пас даҳ мақула моҳиятҳо мебошанд ва вуҷуди онҳо аз ноҳияи худашон намеояд, балки вуҷуди онҳо вобастагӣ дорад ба сабабҳои хориҷӣ. Ба ақидаи Сино, вуҷуд ба даҳ мақула ба тариқи аразӣ ориз мегардад. Агар сабабҳо созгор гарданд, вуҷуд вориди моҳиятҳо мегардад ва моҳиятҳо дорои вуҷуд мегарданд ва дар дигар сурат моҳиятҳо дар ҳолати имконӣ боқӣ мемонанд. Ҳамаи даҳ мақула аз ду ҷанба иборатанд: моҳият ва вуҷуд ва маъниҳои моҳиятии онҳо аз маънии вуҷудиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Барои он ки Сино назари мухолифон, яъне мутакаллимонро инкор намояд, ду далели мантиқӣ пеш меоварад:

Агар моҳият ва вуҷуд маънии фарқкунанда намедоштанд, он гоҳ сухани мо дар мавриди вуҷуди ҷавҳар ва араз фақат маънии ҷавҳар ва аразро дошт ва худи вуҷуд бидуни маънӣ боқӣ мемонд. Масалан, ифодаи “ҷавҳар ҳаст” танҳо дорои маънии “ҷавҳар ҷавҳар” ва ё ифодаи “араз ҳаст” дорои маънии “араз араз”-ро дошт:”[...] ва ин на дуруст аст. Зеро ки агар чунин будӣ, гуфтори мо ҷавҳарро, ки ҳаст он будӣ, ки ҷавҳар аст ва маънии ҳастии ҷавҳар ҷуз маънии ҷавҳарӣ набудӣ ва ҳамчунин ҳаст, ки бар кайфият уфтодӣ, маънияш ҷуз кайфият набудӣ. Пас, агар касе гуфтӣ, кайфияте ҳаст, чунон будӣ, ки гуфтӣ, кайфияте кайфияте. Ва чун ки гуфтӣ, ҷавҳаре ҳаст, чунон будӣ, ки гуфтӣ, ҷавҳаре ҷавҳаре (Осор, ҷилди якум, “Донишнома”, Илоҳиёт, Саҳ. 232).

Ҳамин тавр, Сино назари анъанавиро дар мисоли биниши мутакаллимон танқид менамояд ва бо равиши мантиқӣ фарқияти маънии вуҷудӣ аз маънии моҳиятӣ дар

зеҳни инсонро равшан месозад. Боз ҳам возеҳтар, ба ақидаи ӯ дар қазияи “ҷавҳар ҳаст” сухан дар бораи ду чиз ва дақиқан дар мавриди якум “ҷавҳар” ва дувум “ҳастӣ” меравад. Ҳастӣ ҳамчун маънии авалия ва умумитарин, ки дар зеҳнияти мо нақш бастааст ва аз маъниҳои мақулавӣ фарқ менамояд, дар ифодаи “ҷавҳар аст” бошад, маънии ҳастӣ, ки маънӣ дар зеҳн мебошад, бар маънии моҳиятӣ, ки ин ҷо ҳамчун ҷавҳар омадааст, ориз мегардад ва агар дар сохтори мантиқӣ таҳлил намоем, ҷавҳар ҳамчун мавзуъ буда, ҳастӣ ҳамчун маҳмул бар он ҳамл мегардад ва мавзуъ дорои ҳастӣ мегардад.

Далели дигари Сино он аст, ки агар миёни маънии моҳияти мақулаҳо ва маънии ҳастӣ ҳеҷ гуна фарқият вуҷуд намедошт, он гоҳ ҳастӣ на дорои як, балки дорои даҳ маънӣ буд. Дар ин сурат агар ҳастӣ дорои даҳ маънӣ мебуд, он гоҳ антитезиси он, яъне нестӣ низ бояд дорои даҳ маънӣ мегардид. Аммо барои мо маълум аст, ки нестӣ танҳо дорои як маънӣ аст,пас ҳастӣ низ танҳо дорои як маънӣ мебошад. Ба ақидаи Сино, дар ин муносибатҳо ҳастӣ барои ҳар мақула, агар онҳо дорои вуҷуди хос бошанд, дар алоҳидагӣ қарор мегирад:

Ва дуруст набудӣ, ки ҳар чизе ё ҳаст, ё нест, зеро ки ҳастро як маънӣ набудӣ, бал даҳ маънӣ будӣ ва нестро низ як маънӣ набудӣ, чӣ даҳ маънӣ будӣ.[...] ҳар гоҳ, ки гӯем, ки ҷавҳаре ҳаст ва аразе ҳаст ба ҳастӣ як маъние донем, чунон ки нестиро як маънӣ бувад. Оре, чун ҳастиро хос кунӣ, он гоҳ ҳастии ҳар чиз дигар бувад, чунон ки ҷавҳари хоси ҳар чизе дигар бувад (Осор, ҷилди якум, “Донишнома”, Саҳ. 232 ба баъд).

Сино ин масъаларо боз ҳам муфассалтар шарҳ медиҳад ва боз чунин далеловарӣ менамояд, ки агар ин мақулаҳо ҳар кадом ҳастии мустақили худашонро медоштанд, он гоҳ ҳастӣ ҳамчун маънии умумӣ ва ё куллӣ маънии худро гум мекард ва дар ин сурат фарқиятгузорӣ миёни ҳастӣ ва нестӣ ҳеҷ маънӣ надошт. Ба дигар ибора ҳастӣ дорои маънии мутаъолӣ ва ё трансенденталӣ будани худро аз даст медод. Дар ин муносибат танҳо як натиҷа боқӣ мемонад, яъне ҳастӣ дорои маънии умумист ва ба ҳамаи мақулаҳо ба тариқи аразӣ оризи онҳо мегардад.

Сино шояд яке аз аввалин файласуфоне бошад, ки хусусияти мутаъолӣ доштани ҳастиро пешниҳод намудааст.

Муносибати фарқкунандаи ҳастӣ бо даҳ мақула. Фарқияти миёни маънии вуҷудӣ аз маънии моҳиятӣ дар навбати худ баҳси дигареро ба дунбол дорад, ки он муносибат ва ё шеваи бархӯрди ҳастӣ бо даҳ мақула мебошад. Саволи бунёдӣ дар ин маврид он аст, ки оё шиддати вуҷуд дар ҳамаи мақулаҳо ҳамнавохт аст ва ё ин шиддат вобаста ба аҳамияти моҳиятҳо гуногун мебошад? Дар ин маврид ду ақидаи асосӣ вуҷуд дорад, яке аз ин ақидаҳо ҷонибдори он аст, ки муносибати ҳастӣ ҳамчун маънии умумӣ бо даҳ мақула якхела ва баробар аст. Ҷонибдорони ин ақида муносибати ҳастӣ бо мақулаҳоро бо муносибати ҷинс бо навъҳо шабеҳ месозанд, ки ҷинс бо навъҳои худ муносибати ҳамнавохт дорад. Аммо ақидаи дувумӣ хилофи он мебошад. Новобаста аз он, ки ҳастӣ дорои маънии умумист, он ҷинс нест ва муносибати он бо мақулаҳо аз муносибати миёни ҷинс бо навъҳои худ фарқ мекунад. Ҳайвонӣ ҳамчун маънии ҷинсӣ ба навъҳои худ, аз ҷумла инсон ва асп ва ё сафедӣ бар барф ва кофур як хел меафтад ва ё ориз мегардад ва наметавон дар ин муносибат фарқияте мушоҳида намуд. Сино чунин намуди муносибатро ҳамчун “*мутавотӣ*” меномад. Яъне як чиз ба чизҳои зиёд ба як маънӣ ва бидуни фарқият меафтад. Аммо афтодани ҳастӣ бар даҳ мақула аз чунин навъ фарқ мекунад. Сино онро ҳамчун “*мушаккак*” меномад ва дар як вақт шеваи ҳамл гардидани он ба моҳиятҳоро ба се зина тақсим менамояд: ҳастӣ нахуст ба ҷавҳар ва тавассути ҷавҳар ба каммият, кайфият ва изофа ва пасон тавассути онҳо боз ба шаш мақулаи боқимонда ориз мегардад: “Балки ҳастӣ нахуст мар ҷавҳарро ҳаст ва ба миёнҷии ҷавҳар мар каммият ва кайфияту изофатро ва ба миёнҷии эшон мар он боқиро.”[1,с.233] Муносибати фарқкунандаи ҳастӣ ба мақулаҳо ва бартарияти баъзе аз мақулаҳо нисбат ба дигаре аз алоқамандии онҳо аз ҳамдигар вобаста мебошад. Ҳастии ҳамаи мақулаҳои дигар аз ҳастии ҷавҳар вобаста аст. Шарти

мавҷудияти дигар мақулаҳо мавҷудияти ҷавҳар мебошад. Бино бар ин, ҳастӣ нахуст ба ҷавҳар ориз мегардад ва ҳастии се мақулаи минбаъда, яъне каммият, кайфият ва изофат аз ҳастии ҷавҳар вобастагӣ дорад, бино бар ин, пас аз ҷавҳар ҳастӣ ба ин се мақула ориз мегардад ва ҳастии мақулаҳои боқимонда аз ин се мақула вобаста мебошад. Аз ин ҷиҳат ҳастӣ дар қадами саввум ба шаш мақулаи боқимондаи дигар ориз мегардад. Ба тариқи дигар метавон муносибати ҳастӣ бо мақулаҳоро чунин арзёбӣ намуд, ки шиддатнокии ҳастӣ дар ҷавҳар нисбат ба каммият, кайфият ва изофат қавитар аст ва дар се арази номбаршуда шиддатнокии ҳастӣ қавитар аст нисбат ба шаш мақулаи боқимондаи дигар.

Баҳси дигар дар ин маврид ин давомияти шиддати ҳастӣ дар мақулаҳо мебошад. Дар ин маврид низ Сино бар якнавохт набудани шиддатнокии ҳастӣ дар мақулаҳо таъкид менамояд. Ба ақидаи Сино давомнокии вуҷуд дар кайфият (сафедӣ ва сиёҳӣ) ва ё дар каммият (дарозӣ ва паҳноӣ) нисбат ба давомнокии вуҷуд дар замон ва ё ҳаракат пойдортар аст. Ҳамин тавр, новобаста ба он, ки ҳастӣ дорои маънии умумист, шеваи ҳамл гардидани он вобаста ба махсусиятҳое чун вобастагӣ дар вуҷуд аз ҳамдигар ва пойдории вуҷуд дар мақулаҳо бо шеваҳои гуногун ориз мегардад.

Ҳастӣ ҳамчун араз. Ҳангоми шарҳ додани воҳид Сино ниҳоят мухтасар фарқияти миёни воҳид ва моҳиятро нишон дода буд, аммо дар муносибат ба муносибати байни ҳастӣ ва дах мақула Сино ин масъаларо нисбатан муфассал ва амиқтар шарҳ медиҳад, ки яке аз заминаҳои асосӣ барои шарҳҳои минбаъдаи мо мегардад. Дар боло мо назари Синоро дар мавриди он ки ба ғайр аз ҷавҳар ҳамаи нуҳ мақулаи дигар ҳолати аразӣ доранд, матраҳ намудаем. Ин нуҳ мақула, ки ҳамчун араз шинохта мешаванд, ҳолати аразии худро танҳо дар муқоиса бо мавзӯъҳояшон, ки ба онҳо ориз мегарданд, гирифтаанд. Аммо ҳамаи инҳо бо иловаи ҷавҳар дар худии худ дорои маънии моҳиятӣ ҳастанд, баръакси онҳо ҳастӣ дорои маънии моҳиятӣ набуда, балки фақат дорои маънии аразӣ мебошад. Барои фарқ кардани маънии моҳиятӣ аз маънии аразӣ Сино чунин далеловарӣ менамояд, ки ҳеҷ кас наметавонад бигӯяд, ки ӯ инсонро ҷавҳар ва ё сафедиро ранг кардааст, балки метавон гуфт, ки дар дорои вуҷуд гардидани онҳо таъсир расонидааст: “Ва аз ин қибалро нашояд гуфтан, ки чизе мардумро ҷавҳар кард ва сиёҳиро лавн кард ва шояд гуфтан, ки мавҷуд кард.” [1,с.233]

Яке аз хусусиятҳои муҳимро, ки аз иқтибоси мазкур метавон барои худ ошкор намуд, он аст, ки моҳият барои дорои вуҷуд гардидан ба як сабаби бегона ва ё беруна ниёз дорад. Инсонӣ ва ё сиёҳӣ дар худии худ моҳият ҳастанд, аммо вуҷуд барои инсон ва сиёҳ як маънии аразӣ мебошад. Сино ин маъниро ба тариқи возеҳ чунин ифода мекунад: “Ва ҳастии ӯро “иннийат” хонанд ба тозӣ ва моҳият дигар асту иннийат дигар. Ва иннийат эшонро ҷудо аз моҳият аст, ки маънии зотӣ нест.”[1,с.233] Моҳият ин ифодакунандаи маънии зотӣ буда, аз маънии омии чиз фарқ менамояд ва ин ҷо Сино бори дигар бар фарқияти маънии вуҷудӣ аз маънии моҳиятӣ таъкид менамояд.

Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудем, ки робитаи вуҷуд бо моҳият ва ё фарқияти маънии вуҷудӣ аз моҳиятиро дар фалсафаи Сино, ки худ идомаи баҳси бунёдии ӯ оид ба вуҷуд мебошад, баррасӣ намоем.

Муҳимтарин нуктаҳои мақолаи мазкур он ҳастанд, ки ҳастӣ дар фаҳмиши Сино танҳо як маънии зеҳнӣ мебошад, ки дар қатори иртисомоти аввалия маънии он пеш аз маънии ҳар мафҳуми дигар дар зеҳнияти мо равшан мебошад. Ҳамагуна тасдиқ ва ё инкоре, ки дар ҳукм ва қазияҳои мо сурат мегиранд, пеш аз ҳама тасдиқ ва инкори маъниҳои дар зеҳният вуҷуддошта мебошанд. Азбаски маънии зеҳнӣ бо маънии зоҳирӣ дорои робита мебошад, танҳо ба ҳамин хотир, дар қадами минбаъда, тасдиқ ва инкори мо ба чизҳои беруна низ тааллуқ доранд.

Тасаввурот доир ба ҳастиҳои алоҳида акнун куҳна мегардад ва ҷои онро ҳастии ягона ва воҳид, ки дорои маънии трансценденталӣ аст, мегирад. Чунин фаҳмиш танҳо дар натиҷаи аз ҳам ҷудо сохтани фаҳмишҳо оид ба вуҷуд ва моҳият ба вуҷуд меояд.

Барои он ки Сино фарқияти моҳият ва вуҷудро возеҳ нишон диҳад, мантиқро василаи худ қарор медиҳад ва дар ҳамин иртибот моҳият будани даҳ категорияи арастуиро, ки дар фалсафаи ӯ ҳамчун вуҷуд шинохта мешуданд, нишон медиҳад.

Онҳое, ки гумон мекунанд дар байни вуҷуд ва моҳият фарқияте вуҷуд надорад, дар гуфтори "ҷавҳар аст" бар он бовар ҳастанд, ки ин ҷо сухан танҳо дар бораи ҷавҳар меравад, на чизи дигар. Агар чунин бошад, пас гуфтори "ҷавҳар аст" бояд бо гуфтори "ҷавҳар ҷавҳар" баробармаънӣ ва ё синоним бошад, ки мутаассифона чунин нест. Пас ин ҷо метавон натиҷа гирифт, ки дар гуфтори "ҷавҳар аст" сухан дар мавриди ду маънӣ меравад, ки яке ҷавҳар ва ё моҳият ва дигари вуҷуд. "Ҳаст" ҳамчун маънӣ дар зеҳн бар "ҷавҳар" маънии дигар дар зеҳн ҳамл мегардад ва гуфтори "ҷавҳар аст" ба вуҷуд меояд.

Далели дигари Сино он аст, ки агар "ҳастӣ" онгуна, ки дар категорияҳо омадааст, дорои даҳ маънӣ бошад, пас антитезиси он, яъне "нестӣ" низ бояд дорои даҳ маънӣ бошад. Аммо барои мо маълум аст, ки "нестӣ" дорои танҳо як маънӣ мебошад, пас "ҳастӣ" низ танҳо як маънӣ дороад ва маънии он аз маънии моҳиятҳо ҷудо мебошад.

Вақте сухан дар фалсафаи Сино оид ба ҳастӣ меравад, бояд дар назар дошт, ки ҳастии ом дар назар дошта шудааст, ки он аз ҳастии хос, яъне моҳиятҳо фарқ менамояд. Он дорои хусусияти аразӣ мебошад, яъне бо ориз гардидан ба моҳият онро дорои ҳастӣ мегардонад.

Аммо ориз гардидани ҳастӣ ба мақулаҳо аз ориз гардидани маънии ҷинсӣ бар навъҳои худ фарқ менамояд. Ориз гардидани ҷинс ба навъҳои худ дорои хусусияти мутавотӣ ва ё баробар мебошад. Аммо ориз гардидани ҳастӣ ба мақулаҳо на хусусияти мутавотӣ, балки дорои хусусияти мушаккак мебошад, яъне ориз гардидани он якнавохт набуда, балки дорои шиддатҳои гуногун мебошад. Пеш аз ҳама ҳастӣ бар ҷавҳар ориз мегардад ва дар он дорои шиддати бештар дорад ва пасон бар миқдор ва сифат ва изофат ва танҳо пас аз онҳо бар шаш мақулаи дигар.

Баҳси ҳастӣ аз баҳсҳои бунёдии фалсафа буда, пас аз ба вуҷуд омадани фалсафаи ғайриметафизикӣ низ ҳанӯз он дар бунёди ҳамагуна баҳсҳо қарор дорад.

Адабиёт

1. Абӯалӣ Ибни Сино, Осор, "Донишнома", ҷилди якум, Душанбе 2005.
2. Абӯалӣ Ибни Сино, "Китоб Аш-шифо" (Илоҳиёт) арабӣ-форсӣ, таҳия ва тарҷумаи Иброҳими Додҷу, Теҳрон 1388 (2010).
3. Абӯалӣ Ибни Сино "Ишорот ва танбеҳот" (Таҳия бо тарҷума ва тафсири Ҳусайни Маликшоҳӣ), қисми якум, нашри шашум, Теҳрон 1388 (2009).
4. Динаршоев, Мусо, "Компендиуми фалсафаи Ибни Сино", Душанбе 2010.
5. Кобуш, Тео, "Таърихи Фалсафа", Қисми 5, (Фалсафаи асримиёнагии замони оғозин ва минбаъда), Мюнхен 2011.
6. Ҳикмат Насруллоҳ, "Метафизикаи Ибни Сино", Теҳрон 1389 (2011).

ОТНОШЕНИЯ СУЩЕСТВОВАНИЯ И СУЩНОСТИ В МЕТАФИЗИКЕ ИБН СИНЫ

Шаховуддинов Н.С.

В данной статье обсуждается вопрос бытие и сущности. В начале статьи автор в самой общей форме дает информацию о процессе формирования дискуссии о бытие в истории философии и о новациях, внесенных Ависенна и Фараби по этому вопросу. Следует отметить, что данная статья является логическим продолжением другой статьи, в которой обсуждается вопрос существования и фундаментальные идеи Ависенна в этом плане.

Главное новшество, внесенное Синой в обсуждение существования, состоит в том, что существование — это отдельный смысл, существует только одно существование, и оно имеет трансцендентный смысл. Таким образом, Ависенна отрицает отдельное существование каждой категории. Также в этом рассуждении и в сравнении с антитезой бытия, т. е. небытием, Ависенна доказывает, что существует только одно бытие. Если существование считать десятью категориями, то и небытие должно иметь десять типов. Когда есть только

одно небытие, тогда есть только одно бытие.

Когда бытие имеет трансцендентальный смысл, это означает, что десять категорий, определенных Аристотелем, признаются уже не типами бытия, а сущностями. Сущностный смысл отличен от экзистенциального смысла, и если считать их одним и тем же, то мы сталкиваемся с логическим противоречием. Например, в случае одного и того же познания экзистенциального смысла и сущностного смысла слово «субстанция есть» должно быть синонимом слова «субстанция субстанция», а это не так. Итак, смысл существования отличается от смысла сущности.

Для сущности существование имеет смысл существования, оно делает его существованием, будучи привязанным к сущности. Следует также отметить, что каждая сущность переходит из возможного состояния в актуальное именно через причины.

Еще одна дискуссия, поднятая в статье, — это дискуссия об отношении бытия к десяти категориям. Если существование имеет характеристику бытия по отношению к категориям, то оно становится объектом категорий. Является ли его деление на категории тем же, что и деление рода на виды, или оно отличается от него? Ависенна считает, что отношение бытия к категориям отличается от отношения пола к виду. Интенсивность существования высока в субстанции, за ней следуют количество, качество и отношение, а в остальных шести категориях еще меньше.

Ключевые слова: *существование, сущность, субстанция, категории, трансцендентальное, интенсивность, длительность.*

THE RELATIONSHIP BETWEEN EXISTENCE AND ESSENCE IN IBN SINA'S METAPHYSICS

Shakhovuddinov N.S.

In this article, the issue of existence and essence is discussed. At the beginning of the article, the author provides information in a very general way about the process of formation of the debate on existence in the history of philosophy and the innovations introduced by Ibn Sina and Farabi on this issue. It should be noted that this article is a logical continuation of another article, in which the issue of existence and the fundamental ideas of Sino are discussed in this regard.

The main innovation introduced by Sina in the discussion of existence is that existence is a separate meaning, there is only one existence, and it has a transcendental meaning. In this way, Sina denies the separate existence of each category. Also in this discussion and in comparison with the antithesis of being, i.e. nothingness, Sina proves that there is only one being. If existence is counted as ten categories, then non-existence must also have ten types. When there is only one non-being, then there is only one being.

Another innovation that Sina introduced into the ontological debate is to make it essential. When being has a transcendental meaning, it means that the ten categories defined by Aristotle are no longer recognized as types of being, but as essences. The essential meaning is different from the existential meaning, and if we consider them to be the same, we face a logical contradiction. For example, in the case of the same knowledge of existential meaning and essential meaning, the word "substance is" should be synonymous with the word "substance substance", which is not the case. So the meaning of existence is different from the meaning of essence.

For the essence, existence has the meaning of existence, it makes it existence by being attached to the essence. It should also be noted that each essence passes from a possible state to an actual state precisely through causes.

One of the other debates raised in the article is the debate about the relation of being with the ten categories. If existence has the characteristic of being in relation to categories, then it becomes the object of categories. Is its division into categories the same as the division of a genus into its species, or is it different from it? Sina holds that the relationship of being to categories is different from the relationship of gender to species. Existence intensity is high in substance, followed by quantity, quality, and relation, and even less in the other six categories.

Key words: *existence, essence, substance, categories, transcendental, intensity, duration.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ВИЖАГИҲОИ ИҶТИМОИИ ҶАҲОНБИНИИ АҲМАДИ ДОНИШ

Саидҷафарова П.Ш. – н.и.ф., Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Раҳмонов С. Д. - унвонҷуи Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ҷомеашиносӣ дар асарҳои Аҳмади Дониш тавре мушоҳида мешавад, ки дар он адолат бо нобаробарии иҷтимоӣ тавъам ҳастанд. Инсон дар ҷомеаи тасаввуркардаи Аҳмади Дониш пеш аз ҳама истиқлоли фикрӣ бояд дошта бошад. Аммо истиқтол ва худогоҳӣ танҳо тавассути омӯхтани илму фан муяссар мегардад. Бинобар ин, номбурда дар мисоли зиндагии хеш исбот кардааст, ки дар илмомӯзӣ қобилияти донишандӯзии толибилм дар мадди аввал меистад. Аз назари Аҳмади Дониш, хӯрдану хуфтан зиндагӣ нест, балки василаи зинда мондан аст, аммо барои зистан инсон бояд дониҳои мукамали гуногунсоҳае дошта бошад ва тавассути он тавонад фикри мустақилро изҳор намояд. Бе фарогирии илму хирадӣ башарӣ инсон наметавонад дар дилхоҳ ҷомеа мавқеъ ёфта, аз будани худ ба дигарон дарак диҳад. Аз ин хотир, тарзи тафаккури дунявии Аҳмади Дониш ба ӯ имкон фароҳам овардааст, ки фарохтар андешида, ба пешравии маънавии муосирин сабаб гардад. Лозим ба ёдоварист, ки равиши фалсафии Аҳмади Дониш вижагиҳои фарқкунандаи бисёре дорад ва файласуфон зимни пажӯҳиши осору афкори мавсуф истилоҳи "фалсафаи иҷтимоии маориф-парварӣ"-ро муносиб дидаанд.

***Калидвожаҳо**: дунявӣ, назарияҳои иҷтимоӣ, низоми сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, хушунати оилавӣ, амирони ҷоҳил, сипоҳиёни ғофил, олимони коҳил, норасоии об.*

Аз зумраи муҳаққиқони осор ва афкори фалсафӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва бадеии Аҳмади Дониш адабиётшиноси аҳди Шуравӣ Расул Ҳодизода маҳсуб мешавад, ки даҳсолаҳо ба пажӯҳиши афкори мутафаккир машғул будааст. Номбурда ҳануз соли 1957 иқрор мекунад, ки "саҳифаҳои торик" дар тарҷимаи ҳол ва афкори мутафаккир бисёранд. Муҳаққиқ зимни баррасии сафарҳои мутафаккир ба Русия хулоса мекунад, ки маҳз сафарҳояш Аҳмади Донишро такмил дода, водор кардааст, ки фикрҳои ҷолибе дар таҳқиқи низоми сиёсӣ ва вазъи иҷтимоии Бухоро таҳия бинмояд, аммо ин гуфтаҳои олими шуравӣ нақши фарҳанги русро ба ҳайси омили таъсиргузор дар афкори минбаъдаи Дониш муаррифӣ карда, илова бар он, мутмаин аст, ки Аҳмади Дониш аз фарҳанги пешқадами рус пайравӣ намудааст. Аммо зимни таҳқиқ пайгирӣ аз фарҳанги рус дар андешаҳои мутафаккир мушоҳида нашуда, дар ағлаб ҳикоятҳои ба муҳити Русия бахшидашуда мо эҳсос мекунем, ки мусаннифи "Наводир-ул-вақоеъ" диди мусбат ҳам ба анъанаҳову вижагиҳои фарҳанги проваславӣ надоштааст. Чизе ки дар фарҳанги рус Аҳмади Донишро қонеъ мекунад, майли он ба рушди илму фан маҳсуб мешавад. Суоли матраҳ бар ин минвол хоҳад буд, ки чаро Аҳмади Носируддин аз фарҳанги бегона пайравӣ накард? Посух ин аст: мутафаккири бухорӣ аз фарҳанги ғанӣ ва басе таърихии аҷдодӣ бархурдор буда, дар ин бобат мусаллаҳ аст ва ҳеҷ заминае мавҷуд нест, ки номбурда чун афроди бадавии аз фарҳанги мушаххас маҳрум дунболи фарҳанги бегона ва анъанаҳои он биравад. Шояд ҳамин омил боис шуд, ки Аҳмади Дониш мисли дигар муосирони хеш аз қабили Саид Ҷамолуддини Афғонӣ, Шайх Муҳаммад Абдуҳ, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ,

Маҳмуди Тарзӣ ва дигарон ба ислоҳталабии динӣ нагаравида, чун як мусалмони ҳанафимазҳаб дар рисолаи “Меъёр-ут-тадайюн” ҷиҳати изҳори андешаҳои дунявӣ сахткӯш будааст.

Расул Ҳодизода ҷиҳати саҳеҳ намудани сафари савуми мутафаккир ба Санкт Петербург таваққуф карда, оқибат ба хулосае меояд, ки омили сафар дар ҳеҷ сурат ҷашни арусии духтари император нест: “Дар асарҳои тадқиқотии мо то ҳол менавиштанд, ки сафари сейюми Аҳмади Дониш ба Петербург дар соли 1870 ба муносибати тӯи духтари подшоҳ Александри II иттифоқ афтодааст. Ҳатто худи Аҳмади Дониш дар як ҷои “Рисолаи танқидӣ ва таърихии худ” ба ин ишора мекунад. Аммо материалҳои архив ба хубӣ исбот мекунанд, ки мақсади асосии сафорат дар ҳар ҳол тӯи духтари подшоҳ набудааст. Аввал ин ки дар рӯи делои ин сафорат навишта шудааст: “Дар бобати ба С.П. (Петербург – Р.Ҳ.) омадани ҳайати сафорати Бухоро бо сардории Абулқодирбек-бӣ барои муборакбод намудани ҳазрати император ба муносибати хушбахтона тамом шудани юриши Хева”. Ғайр аз ин, Департаменти Осиёии Вазорати корҳои хориҷӣ ҳануз дар 8 октябри соли 1873 ба Сарштаб маълум мекунад, ки мувофиқи телеграммаи генерал-губернатори Туркистон амир хоҳиши ба Петербург фиристодани ҳайати сафорат доштааст. 17 октябр Александри II розигӣ медиҳад, ки сафоратро дар моҳи январи соли 1874 қабул кунад” [12;87].

Аҳмади Дониш бо дарназардошти рӯйдодҳои бузурги таърихии замонаш тавақҷуҳ бар артиши амирӣ намуда, иқдом менамояд то норасоиҳои дар ҳарб мавҷудбударо ошкор кунад. Бавижа, пас аз мағлубият дар ҷанг бо артиши Русия мутафаккир сабабҳои ба осонӣ мағлубшавии артиши амириро ҷустуҷӯ мекард. Зариф Рақабов дар як мақолаи худ, ки ҳануз соли 1948 дар маҷаллаи “Шарқи сурх” нашр гардидааст, бобати артиши амирӣ чунин менависад: “А. Калла ҳеҷ розӣ шуда наметавонист, ки яке аз истинодгоҳҳои муҳимми давлат – яъне армия ҷоҳил ва таълимнодида бошад. Назарияи танқидии А. Калла дар бораи армияи амирӣ хеле оригинал ва ниҳоят саҳеҳ ва ҳаққонӣ мебошанд. Структураи армияи Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX чандин сол пеш чи навъе, ки бошад, моҳиятан, ҳануз ҳам ҳамон навъ буд. Кӯшишҳои амир Музаффар дар солҳои 60 – уми садаи гузашта, дурусттараш дар арафаи истилои русҳо барои дар армияи Бухоро ҷорӣ намудани устави кӯҳнашудаи русӣ, муваффақият пайдо накард” [7;40]. Воқеан, артиши Бухоро аз савораи “узбакия” иборат буд, ки бидуни низоми муосири ҳарбӣ ба таври бояду шояд ҷанг менамуданд, аммо бархурде, ки онҳо нишон медоданд, ба ҷанги муосир ба замони мутафаккир ҳеҷ иртибот надошт ва дар асли хеш тохтутозро мемонд. Бинобар ин, аморати Бухоро дар арафаи истилои русҳо барои ҷангидан бо кучактарин қудрат омода набуд ва агар дилхоҳ давлат артиши муосир надошта бошад, ҳатман аз ҷониби кишварҳои соҳибқудрат мавриди ғасбкорӣ қарор мегирад. Вақте ки армияи амирӣ ҷанги бонизоми артиши муосирро дид, надонист чи кор кунад ва гурехтан аз майдони ҷанг барои армияи амирӣ роҳи ягона боқӣ мемонд, чунки худи амир бо дидани ҳарби рақиб бо рехтани бавл аз пасаш дар ҳоли нохудогоҳӣ қарор дошта, чун ба ҳушёрӣ мерасад, дарк менамояд, ки аз тарс бавл намудааст.

Бо дарназардошти он авзоъ, ки Махдуми Бухорӣ дар нимаи дуввуми асри XIX баррасӣ намудааст, алъон аз зумраи мушкилоти рақами як норасоии об барои аксар иқоматкунандагони минтақа маҳсуб мешавад, вале кишвари мо, ки дар минтақа макони бештар захираҳои обист, имкон дорад аз ҳисоби таҳия намудани кулҳову баҳрҳои маснӯӣ рушди иқтисодии худро сайқал дода, бо истифода аз коркард ва истеҳсоли нерӯи барқ вазъи молиявии хешро беҳтар намояд. Имрӯз бархе аз корхонаҳое, ки дар ҷараёни кор обро аз меъйёр зиёд истифода мекунанд, аз пешомадҳои норасоии об омӯхта, оби шӯри баҳру уқёнусро мавриди коркард қарор додаанд, вале инчунин чорабиниҳо мушкилиро рафъ намесозад. Рӯз аз рӯз дар ҷаҳон нуфӯз дар афзӯдан қарор дорад ва об, ки манбаи асоситарин барои истеъмол маҳсуб меёбад, кам гардида, арзиши он бо мурури вақт ба боло мегаравад. Аз ин

хотир, об ягона василаи баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон пазирӯфта шудааст.

Аҳмади Дониш дар китоби дигар мавсум ба «Меъёр-ут-тадайюн» сохтани баҳрҳову конҳои маснӯиро барои кишварҳое, ки роҳҳои баҳриву роҳи оҳан надоранд, аз зарурати аввалиндараҷа пиндошта, ин масъаларо чунин шарҳ медиҳад: "Агар вилояти Бухоро ба эътимоди оби Самарқанд тараддуди об барои аҳолии худ накунанд, қаҳтии Бухоро дар замони отия муқаррар хоҳад шуд, чунки оби Самарқанд назар ба қарори имораташ, ки Русия фармон дода аст, ба худи он ҷо ба сарф хоҳад рафт, валиёзу биллоҳи агар се сол аз Самарқанд оби Бухоро қатъ шавад, чоҳҳо низ об нахоҳанд дод" [5;21].

Ба қавли муҳаққиқи осори мутафаккир, ки нависандаи машҳури Шуравӣ Сотим Улуғзода мебошад, назарияҳои иҷтимоии Аҳмади Дониш ду давраи таърихиро аз сар гузаронидааст, аммо номбурда, ки китобе таҳти унвони "Аҳмади Дониш" дар соли 1946 интишор намудааст, махдуми бухориро саромади ҷадидизм ном бурда, ҷиҳати исботи ин фикр душман будани мутафаккир ва ҷадидонро ба сохти амирӣ мисол меорад. Муаллиф бар ин бовар аст, ки дар ахири зиндагӣ Аҳмади Дониш эътимод ба ислоҳшавии амир ва муқарработи ӯ надоштааст. Дар ин бобат мавсуф менависад: "Аммо аз солҳои 90 – ум сар карда дар афкори Аҳмад махдум дигаргунӣ пайдо мешавад. Вай кам-кам ба чунин боварии қатъӣ омад, ки амирони ҷоҳил, олимони коҳил, сипоҳиёни гумроҳи ғофил ва усули идории онҳо ҳеҷ ҷои ислоҳшавӣ надоранд, онҳо маҳкуми сарнагуншавианд. Дуруст аст, вай намедонист, ки ин сарнагуншавӣ чӣ навъ ба амал меояд, чигуна ба анҷом мерасад ва кӣ онро ба анҷом мерасонад, вай ба дараҷаи фаҳмидани ин масъалаҳо нарасида буд, вале хуб ҳис мекард, боварӣ дошт, ки давлат ва ҳукумат дар дасти амирон пойдор наметонад" [11;86]. Ин натиҷагирӣ аз ҷониби нависанда С. Улуғзода аст, аммо агар касе бо осори гаронбаҳои Аҳмади Дониш ошност, дер ё зуд эҳсос мекунад, ки мусанниф хеле хуб дарк карда буд, ки қудрати амирони манғит дер намепояд, чунки касе бо чунин сатҳи афкор ва ҷаҳонбинии илмӣ новобаста аз замони зистан бояд дарк менамуд, ки маводи тавлидёфта оқибат мемирад.

Дар аҳди Шуравӣ таҳияи осори мутафаккир чандон саҳеҳ набуд ва имрӯз зарурати аз нав содир кардани ин амал бо дарназардошти баҳогузории илмии ҷадид ба осору афкори фалсафии Аҳмади Калла ба вуқуъ омадааст. Дар замони истиқлолият бо кӯшишу ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бархе аз осори ниёгон аз расмулхати аҷдодӣ бар алифбои сирилик баргардонида шуд, ки аз зумраи онҳо рисолаи басо олӣ иншошудаи донишманд таҳти унвони «Мейёруттадайюн» низ мебошад. Дар замони муосир, ки ҳар гуна мазҳабҳои бар мо бегона аз хориҷи мамлакат таҳмил мегарданд, чоп шудани рисолаи мазкур айни муддаост. Аммо махдуми бузург Аҳмади Носируддин машҳур ба Дониш ва мулаққаб ба Калла аз зумраи он андешамандонест, ки ба зиндагӣ ва дарки ҳодисаҳо назари интиқодӣ дошта, аксар муноқишаҳо ва мушкилиҳои дохилии оилавиро бо назардошти манфиатҳои тарафҳои бо ҳам муқобил баррасӣ менамояд. Афкори ин мутафаккир аз Қуръони карим ва ҳадисҳои паёмбари ислом сарчашма мегиранд ва аммо бар хилофи бештарини бузургони садаҳои пешин номбурда кӯшиш намудааст ба сарчашмаҳо ва манобеи таърихӣ беш аз пешиниён иктифо намояд, чунонки аз гуфтори Абуҳанифа ибни Нуъмон ин иқтибосро тақдим медорад: «Агар қавли маро мухолиф ба ҳадис ёбед, ба девор занед». Дар ҷои дигар мегӯяд: «Қола Абуҳанифа: Бар ману бар Молик ҳеҷ вақт пайравӣ накунед, маводро аз ҷое бигиред, ки мо аз он баҳравар шудаем». Аҳмади Носируддин ин иқтибосро аз имом Абуҳанифа аз ин хотир меорад, ки муосирони ӯ ҷову беҷо сухан карда, бинобар нуфузи барҷастаи имоми аъзам дар зеҳни саканаи шаҳри Бухоро каломи хешро ба Абуҳанифа нисбат медоданд ва ҳар гуна хурофотро аз номаш муаррифӣ менамуданд. Аз ин ҷо ибораи «Қола Абуҳанифа», яъне «гуфт Абуҳанифа:» дар замони Махдум мустаъмал гардида, аз омилҳои

васеъ паҳн шудани хурофот дар минтақа боис мешавад.

Далелу бурҳон дар ҷиҳати исботи андешаҳои иҷтимоии Аҳмади Дониш ҷӯстуҷӯ дар маънии манобеъ аст, ки аз онҳо донишманди садаи нуздаҳум истифода кардааст. Дарюзагӣ, ки нишонаи нодонию ҷоҳилии уламои тангназар ва зоҳирбин мебошад, аз ҷониби мутафаккир маҳкум гардидааст. Аҳмади Дониш дар интиқоди холисонаи хеш бар фуқаҳо ва уламои муосири хеш бархурд ва мухолифати эшонро бо бузургони садри ислом дарёфта, сабаби ин мухолифатро дар нодонӣ ва тақлиди бемаънӣ аз ҷониби фақеҳи дилмурда мебинад, ки ғолибан пешаи соилӣ доранд ва ҳаммонанди дуздон ба сабаби ҷоҳилӣ ва ғофилӣ «назар ба кисаи ҳар ошною бегона меандозанд ва нобиноёна даст бар шонаи ҳар оқилу девона мегузоранд?!». Имрӯз низ уламои дин бо сӯиистифода аз мақому мартабаашон мардумро ба вартаи гумроҳӣ бурда, буҷаи оилавии ононро бераҳмона тороҷ менамоянд ва боз даъво пеш меоранд, ки омили харҷи шумо дини мубин аст.

Аз бузургтарин таснифоти Аҳмади Носируддин «Наводир-ул-вақоеъ» (Воқеъаҳои нодир) мебошад, ки дар воқеъ аз нодиртарин навиштаҳои беш аз сад соли ахир аст. Бояд иқрор кард, ки пас аз Махдуми Бухорӣ дар манотиқи Мовароуннаҳр касе мисли ӯ ва дар пояи андешаҳои баландпарвозаш асаре таълиф нанамудааст. Агарчи китобҳои бисёре дар ин овон нашр шуда ва теъдоде аз онҳо аз қабили «Мунозира»-и Абдурауфи Фитрат дар пояи баланд қарор доранд, чунки сарманшаи ин таълифот аз «Наводир-ул-вақоеъ» аст. Низ ин нуктаро зарур медонам ёдовар шавам, ки забони таълифоти Махдум осонбаён танҳо дар замони худ будааст, чунки муосирин тарзи баёни андешаҳои Донишро мушкил баррасӣ мекунанд ва дар воқеъ фаҳм кардани осори баргузида аз Аҳмади Носируддин ба ҳар кас муяссар намегардад.

Лозим ба ёдоварист, ки ҳадафи мо аз набиштани ин сатрҳо фақат аз диди муосир баррасӣ намудани он осорест, барои ҳаводорони андешаҳои Махдуми Бухорӣ ва чун ғолибан анъана аст, ки аз зиндагиномаву андарзномаҳои бузургон бештар ҳарф мезананд, аммо мо акси ин суннат амал намуда, ин вазифаро ба дӯши хонандагон вомегузорем. Ҳадафи ин лаҳзаи мо танҳо ба танҳо як ҷанбаи андешаҳои донишманд дар ҷиҳати мавқеияти зан маҳсуб мешавад, аммо масъалаи зан аз масоили нодир ва камназир дар андешаҳои Махдум нест. Асоси тафаккур ва тааққул дар осори ӯро масоили кишвардорӣ аз диди сиёсӣ ва истифода аз санъати қиёс таъсис медиҳанд. Ва аммо назари иҷтимоии ӯро дар ҷиҳати мартабаи зан ҷаҳд намудем ин лаҳза ба қалам оварем.

Баҳсҳои хонаводагии Аҳмади Дониш, ки вижагиҳои иҷтимоӣ доранд, дар якчанд ҳикоёти “Наводир-ул-вақоеъ” ва дар рисолаҳои дигар давом пазируфтаанд. Чаро мутафаккир ба вазъи иҷтимоии занону бонувон мутаваҷҷеҳ шуда, онро дар пояи афкори ислоҳталабона баррасӣ мекунад? Чунки дар аморат бо истифода аз аҳкоми динӣ занонро мардон ба молу матои дунявӣ табдил дода, ононро чун каниз истифода мекарданд. Гузашта аз ин, амирони манғит бо чоплусону риддакҳои дарборашон барои амири аблаҳгунаи манғит сартосари аморатро ҷустуҷӯ карда, духтар мекофтанд ва тавассути инъом намудани бокирае мавқеи худро дар дарбор мустаҳкам менамуданд. Ҳатто мансабдорони амир духтарони хешро аз хотири вазифа ва раёсатталабӣ ба амир ва гумоштагонаш тақдим менамуданд. Чунин авзоъ агарчи басе нигаронкунанда бошад ҳам, аммо аз ҳақиқатҳоест, ки дар Бухоро мавҷуд буд. Ба қавли муосирони мутафаккир, амир китобхонаҳои Бухороро ба макони ишрати амирзодагон табдил додаааст. Аммо ин ҳақиқатест, ки ногуфтанаш беҳтар аст. Аммо матраҳ намудани баҳсҳои хонаводагӣ дар “Наводир-ул-вақоеъ” ва таваҷҷуҳ ба поймолшавии ҳуқуқи занону бонувон Аҳмади Донишро водор кардааст, ки ин мушкилро ҳамаҷониба омӯхта, пас аз пажӯҳиши саҳеҳ ба қалам оварад. Лекин ба ин масъала дахл варзидани мутафаккир исботи ин ақида аст, ки мутафаккири

маорифпарвар бори нахуст аз донишмандони Шарқ ба ҳифзи ҳуқуқи зан таваҷҷуҳ карда, мушкили ҷомеаро мавриди баррасӣ қарор додааст. Бидуни ҳалли ин мушкил дилхоҳ ҷомеа рушд нахоҳад кард ва чун проблеми зан дар ҷомеа вуҷуд дорад, ҳеҷ фарҳанге ё худ тамаддуне дар ҳоли рушду тараққӣ қарор надорад ва ҳатто фарҳангҳое, ки замоне аз фарҳангҳо бартарӣ доштаанд, ба сифати тамаддуни ғолиб пазируфта намешаванд, чунки вижагии асли ҷомеаҳо дар пояи иртиботи марду зан ва баробарии онҳо такмил меёбад. Чунин такмилёбиро дар Бухоро поймолшавии ҳуқуқи занону бонувон ва дигар амалҳои ношоистаи амалдорони дарбор аз миён бардошта буданд. Таваҷҷуҳи мутафаккир ба мушкили мазкур бори дигар исбот мекунад, ки ҷомеа аз оилаи тифоқ асл пазируфтааст ва агар низоми хонаводагӣ ба тарафи мусбат майл кунад, ҷомеа низ имкони пешрафт карданро пайдо хоҳад кард, вагарна чун аморат садсолаҳо ба ақиб баргашта, дер ё зуд аз ҷониби муосирон ғасбкорӣ мешавад. Чун зан аз ҷониби мард маҳбус мегардад, омили он дар занон нест, балки дар мардон буда, ҳароси ононро аз занон гувоҳӣ медиҳад. Лаёқати идора намудани аъзои хонаводаро занон беҳтар аз мардон роҳандозӣ мекунанд ва чун мард мебинад, ки маънаван бо зан мунозира карда наметавонад, ӯро чун молу мато пиндошта, зӯран дар итоати хеш меоварад, аммо дарк нахоҳад кард, ки бо маҳбус сохтани шарики зиндагӣ ӯ аз рушд худро маҳрум мекунад. Мард чун ҷинси дағал тибқи табиати хеш ҳамеша ба кумаки зан ниёз дорад ва баръакс, аммо занон ин ҳақиқатро ҷову бечо бозгӯ мекунанд, аммо мардон аз гуфтани ин ҳақиқат иктифо карда, онро барои хеш таҳқир медонанд.

Сабаби майли марди мусалмон ба зӯроварӣ ва хушунат нисбат ба зани худ он анъанаву одотест, ки чун ривоят ба ислом ворид гардида, гузашта аз он, аз номи пайғомбари ислом муаррифӣ мегардад. Масалан, ба ин ҳадиси сохта, ки муҳтавояш чунин аст: “Машварат кунед бо занҳои худ, вале хилофи гуфтаи онҳо кунед”! Ҷои таассуф аст, ки инчунин афкори ривоятӣ ва аз ҳақиқат дур дар амр ба маъруфи рӯҳониёни бехабар аз аҳкоми исломӣ таблиғ мешавад ва ҳар марди камсаводе инро шунид, ҳатман ҷиҳати иҷро аз он худро мусаллаҳ месозад ва ин беқудратӣ оиларо аз қудрату амалу саҳеҳият маҳрум мекунад. Бояд мутазаккир шуд, ки ҳар навъи партов тавассути дин баррасӣ шуда, сипас таҳмил мегардад ва ҳадаф аз он ғафлати инсонҳо маҳсуб мешавад. Мо ҷиҳати иҷро аз аҳкоми исломӣ занону бонувонро дар маҳкама нигаҳ медорем, то марде бегона онҳоро набинад ва баръакс онҳо марди бегонаро набинанд, аммо он чи диданист, бояд бубинем ва он чи нодиданист, бояд бишносем. Аҳмади Дониш низ вожаи “ғар” – ро истифода карда, ба хулосае меояд, ки табиати инсони бодиянишин ба ғарӣ майл дорад ва ҳар куҷо, ки пеш омад, ба ҷимо машғул мегардад, аммо табиати инсони мутамаддин ба покӣ муаррифӣ шуда, аз бархе аносире, ки маҳсули саҳрогардӣ буда, ҳеҷ иртиботе бо шаҳрнишинӣ надорад, ҷилавгирӣ хоҳад шуд. Аммо Аҳмади Донишдаъвогарони мардро дар шахсияти ду зан баррасӣ менамояд, ки яке модаршӯ ва дигаре ҳамсар маҳсуб мешаванд. Модаршӯ даъвӣ пеш меоварад, ки ин марде, ки бо ту издивоҷ кардааст, аз батни ман ба дунё омада, омили бузург гардиданаш ҳам ман ҳастам, ки ӯро аз замони мутаваллид шуданаш то кунун хӯришҳо омода кардаам ва дар рӯҳияи инсонгарой тарбия намудам. Вале зан, ки ҳамсар мебошад, даъво пеш меорад, ки марди аз батни шумо ба дунёомада маро ҳамсар интихоб карда ва аз ин ба баъд ӯро ман соҳиб хоҳам буд. Аз ин хотир, муқовимати ду зан барои соҳиб шудан ба марддар хонавода хусуматро пайдо карда, аъзои хонаводаро алайҳи якдигар мешуронад. Ин гуна баррасии мавзуи оиладорӣ дар осори Аҳмади Дониш гувоҳӣ аз он медиҳад, ки мавсуф бо мушкилоти оила шинос буда, роҳҳои рафъи мушкилро дар хонавода баён намудааст.

Дар “Хотирот”, ки санаи 1976 дар маҷмуаи “Осори баргузида” интишор гардид, мусанниф аз ҳақиқате изҳори андеша мекунад, ки хоси башар аст. Масалан:

“Олами аносир турфа ҷое бувад, ки ҳар ки ояд, пасу пеши худ набинад ва худро касе донад мустақил ва мустамир. Он ки рафт, ману аз ман гуфту рафт ва он ки ба ҷои ӯ нишинад, ману аз ман гӯяд ба чаҳор сӯ. Аз он ҷиҳат таъбир карда, ки муштамил ба ҷиҳоди арбаа аст ё биноаш ба аркони арбаа аст ё бозор суде нест, ҷуз ранҷи пушаймонӣ. Саҳар ҳар касе дуконе чида бошад, шом бардорад. Дар ин бозор ҳама сармасти мову ман, ғофил аз ҳақиқати будану рафтан. Як сӯ ҷамоате мағрури карру фарри ҳукумату аморат, як тараф тӯдаи толиби иззат ва изҳори синоат, якҷониб фирқае дар садади адоват ва буҳтон, як самт зумрае муддаии молу мерос ва дар фикри ҷамъу зухр. Ин ҳама кашмакаш ҳеҷ бувад ва барои ҳеҷ, ки матои дунявӣ сабаби адами субот ва қарори ҳукм ҳеҷ мегардад. Ва ҳеҷ касе ба ҳеҷ ҳол ба як қарор набошад” [3;277].

Аз зумраи ислоҳот ва равиши сиёсӣ-иҷтимоии мутафаккир “фаромӯшхона” аст, ки ҳикояти он дар “Наводир-ул-вақоеъ” маркуз шуда, дар интишори осори Аҳмади Дониш ба ҳайси осори баргузида нашр гардидааст. Фаромӯшхона, фаромӯшонӣ ва асли ин калима, ки аҷнабӣ мебошад, бо унвони фаромусонрӣ баррасӣ ёфта, ба маънии анҷумани мусонҳо истифода мешавад. Ҳадафи мусаннифи “Наводир-ул-вақоеъ” аз ҳикояти фаромӯшхона ва баёни қурби соат чист? Нахустин суол, ки матраҳ мешавад, ин аст, ки фаромӯшхона куҷост ва мусанниф куҷоро фаромӯшхона мегӯяд? Бобати ин макон мусаннифи “Наводир-ул-вақоеъ” менависад: “Навбате муҳаррири сутурро бо ҷамъе аз дӯстон дар зиёфате иттифоқи маҷлисе афтод. Мизбон ба тақрибӣ ҳикояте овард, аз он чи бар ӯ гузашта буд. Ва ман чун гӯшу чашм ба иборат кушода доштам, сурати он базмро дар силки тақрир кашидам. Мизбон чун аз нақизу радди сухани ёрон оҷиз буд, дар аксари муқаддимот муҳаррири сутурро ба шаҳодат мекашад, ки агар бовар надоред ва дар шак бошед, аз меҳмон пурсед, ки вай дидааст ва хуб шунида ва медонад ва дар аксари ин маорику маҷолис расида ва хуб медонад. Ва ман низ дар он чи дида будам ва яқин дониста, гувоҳӣ медодам” [3;32-51].

Ҳикояти мазкур дар “Наводир-ул-вақоеъ” чунин унвон гирифтааст: “Дар ҳикояти фаромӯшхона ва баёни қурби соат”. Ҳадаф аз “фаромӯшхона” мавзеъе аз қаламрави Фаранг маҳсуб мешавад ва мусанниф Фаромосунриро, ки анҷумани масонҳои Ғарб аст, фармӯшхона унвон кардааст. Ҷиҳати вижагӣ ва тамоили ин макон Аҳмади Дониш чунин менигорад: “Мизбон ҳикоят кард, ки дар ҳама фарангистон хонаҳо омода кардаанд ва бар он касон муваккал мебошанд ва онро “фаромӯшхона” мегӯянд ва касе, ки дар он хонаҳо даршаванд, ба фаромӯшонӣ мулаққаб мегардад ва ҳафтае як-ду бор касон дар он ҷо ҷамъ мешаванд барои духул ва дигар вақт маъзун ба даромадан нестанд” [3;38].

Афкори фалсафию сиёсии Аҳмади Донишро муҳаққиқи сиёсатшинос Шариф Ҷаборов мавриди баррасӣ қарор дода, оқибат ба хулосае меояд, ки якчанд авомил дар густариши ҷаҳонбинии мутафаккири маорифпарвар нақш бозидаанд. Номбурда ин омилҳоро чунин баррасӣ мекунад: а) Муҳити хонаводагӣ; б) Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ бо дарназардошти фалсафаи иҷтимоӣ; в) Дарбори амирони манғития; г) Сафарҳои мутафаккир ба Русия; д) Муҳити илмии Бухоро. Зимни баррасии равиши фалсафии Аҳмади Дониш номбурда бархе аз вижагиҳои таълимоти мутафаккирро чунин изҳор менамояд: “Аҳмади Дониш ҳамчун файласуф ва сиёсатшиноси нуктасанҷ зарурати ин панҷ шартро асоснок кардааст: давлати пуриқтидор, подшоҳ ва амалдорони одил, табибони ҳозиқ, манзилу маоши мувофиқ ва обёрии кишвар” [13;38]. Мавсуф дар таҳқиқи афкори мутафаккир сахткӯш буда, паҳлуҳои гуногуни ҷаҳонбинии Аҳмади Донишро баррасӣ намудааст. Панҷ авомиле, ки номбурда онҳоро дар ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккир зикр мекунад, қонекунанда ҳастанд, вале мутобиқ ба таҳқиқи дигар донишшиносон дар густариши равиши фалсафии Аҳмади Дониш фарҳанги ориёӣ ва вижагиҳои тарзи тафаккури дунявии онҳо, ки тавассути тоҷикон ба фарҳанги исломӣ ворид шудаанд, нақши бориз гузоштааст, вагарна таваҷҷуҳи мутафаккири маорифпарвар ба

авомили дунявӣ ва улуми табиатшиносӣ асли худро гум мекард. Ба қавли аксар муҳаққиқони давраи Шуравӣ, масоили обёрӣ ва дигар хусусиёти дунявӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш сарчашма аз донишҳои ориёӣ мегиранд ва қонеъ будан ба тамаддуни исломӣ то андозае хато хоҳад буд. Гузашта аз ин, нақши муҳитро наметавон инкор кард, аммо бузургтар аз муҳит ирсият аст, ки агар онро инкор кунем, пас ҷаҳонро бояستӣ аз диди интеллекти маснӯӣ матраҳ кунем ва ин интеллект ҷисман аз нуқс орӣ аст. Аммо инсон чун мавҷуди маънавӣ бо нуқс дида ба дунё мекушояд ва нест инсоне, ки ҷисман ва маънаван бенуқс бошад. Лакнат доштани мутафаккир ӯро аз ҳифзи Қуръон боздошт ва барояш ақли таҳқиқиро ато фармуд, ки омили аслии пажӯҳишҳои донишманд маҳсуб мешавад. Навоқиси зотӣ бо истеъдоди фитрӣ ҳамоғуш буда, дар ҳар фарде аз ҷомеа мушоҳида мешавад ва агар дар инсон ин таносуб саҳеҳ набошад, пас инсон хоҳнохоҳ ба дардҳое гирифтор мешавад, ки онҳоро Аҳмади Дониш дар умарои манғит ва амалдорони онҳо дидааст. Ба қавли Аҳмади Дониш, инсон пеш аз ҳама бояд дар умур ихтиёр дошта бошад, то беҳуда дунболи дигарон нарафта, худро дар колбуди хеш маҳв насозад. Бинобар ин, бобати ин масъала чунин менигорад: “Набинӣ, ки ангур агар тарбият накунӣ, ҳар соле мева аз соли гузашта камтар диҳад то он ки хушк гардад. Шумо мева аз ток мехӯред, дигар ғам надоред агар бехи ӯро кирм занад ва сарашро сармо" [2;159]. Яъне, муосирини мутафаккир кам андешаи дунявӣ дошта, масоилро ба сарнавишт нисбат медиҳанд ва ҳар пеёмадро чун “насиб” баррасӣ мекунанд, ки яке аз авомили боздошти ҷомеа аз тараққӣ ва ҳамчунин, аз зумраи маслакҳое мебошад, ки ояндаи онҳо танҳо инҳитот маҳсуб мешавад. Масалан, мутафаккир дақиқ мегӯяд, ки олам якест ва он низ ҳамонест, ки мо дар он қарор дорем: “Пас олами охират ғайри ин олам набувад ва чунонки арш пеш аз вуҷуди самовот қоим ба зоти воҷибулвуҷуд буд, ҳамчунин баъд аз рафъи самовот низ қоим ба зоти ӯ бувад” [2;275].

Дар шароити ҳукумат намудани ҷаҳонбинии динӣ ва нуфузи ҷову беҷои таассуб дар омма донишмандоне чун Аҳмад-махдум ба андак таҳқиқи интиқодӣ қаноат менамуданд, аммо осори марбут ба мутафаккир ин ақидаро инкор намуда, афкори интиқодии ӯро исбот менамояд. Гузашта аз ин, ҳар як ормонҳое, ки Аҳмади Дониш дар осораш пешниҳод намудааст, пажӯҳиши фалсафӣ ё худ чунонки файласуфон Ғ. Ашуров ва М. Диноршоев мутазаккир шудаанд, “фалсафаи иҷтимоии маорифпарварона” хоси ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, Дониш ҳамчун файласуф муқобили афкори динии мансуб ба сарнавишт буда, онро шадидан интиқод менамуд. Мутафаккир суолҳои сирф фалсафиро ба миён мегузорад, ки бояд на танҳо ва на он қадар дар доираи равшанфикрони Осиёи Миёна баррасӣ шавад. Дониш масоили дорои вижагиҳои ахлоқӣ ва сиёсиро ба миён гузошта, дар соҳаи назарияи дониш низ як қатор тахминҳои навоварона баён мекунад. Бисёре аз масъалаҳои марбут ба мушкилоти ҳастӣ, шинохту қонуният ва шароити зиндагии иҷтимоӣ барои даврони худ ва вазъи мушаххаси таърихӣ хулосаву тахминҳои мутафаккир навоварона ва пешрафта буданд. Ин махсусан ба фалсафаи иҷтимоии Аҳмади Дониш дахл дорад.

М. Болтаев ҳамин андешаро дар меъёрҳои ақоиди болшевикӣ таъбир карда, чунин менигорад: “Дониш таълимотҳои дини исломро оид ба беқобилият ва оҷиз будани одам барои дарк кардани олам рад карда, донисташаванда будани ҳодисаҳои табиатро исбот мекард. Аҳмади Дониш ба далелҳои илмӣ-табиӣ такя карда, дар мақолаҳои ба илми астрономия бахшидашудааш курашакл будани Замин ва ҳаракат кардани сайёраҳоро тасдиқ менамуд. Вай кӯшиш мекард, ки чунин ҳодисаҳои табиатро, монанди заминҷунбӣ, гирифтани Офтоб ва Моҳро аз нуктаи назари илмҳои табиатшиносӣ бо далелҳои ҳақиқӣ исбот кунад. Гирифтани Офтоб ва Моҳро ҳодисаи қонунӣ шуморида мегуфт, ки ин ҳодисаҳоро дар натиҷаи омӯхтани тағйирёбии мавқеи онҳо дар фазои олам пешгӯӣ кардан имконпазир мебошад. Ба фикри Дониш, заминҷунбӣ ин оқибати ҳаракат кардани моддаҳои буғшакли гарм, ки дар маркази қабати замин воқеъ гардидааст, мебошад” [6;31].

Сабаби дигари ривоҷ ёфтани ҷараёни таълиму тадриси усули ҷадид ва афкори нави маорифпарварӣ афзоиши ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ мебошад, ки дар он насри Аҳмади Дониш ва Шамсуддини Шоҳин нақши муҳим бозида, ба ҳамзамонони нодон ва амалдорони бемаърифат ошкоро муқобилият мекарданд.

Адабиёт

1. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби I, Душанбе: Дониш, - 1988, 287 с.
2. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби II, Душанбе: Дониш, - 1989, 334 с.
3. Аҳмади Дониш. Осори багузида, - Душанбе: Ирфон, 1976, - 374 с.
4. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития, - Душанбе: Дониш, 2010, - 180 с.
5. Аҳмади Дониш. Меёр-ут-тадайюн, Душанбе: Эр-граф, 2010, - 308 с.
6. Болтаев М. Озодфикрии мутафаккирони Осиёи Миёна, - Сталинобод: 1959, - 38 с.
7. Раҷабов З. Аҳмади Дониш – ифодакунандаи ғояҳои ислоҳот дар аморати Бухоро // Шарқи сурх, 1948, №6.
8. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро, - Душанбе: Адабиёти бачагона, 2017, -240 с.
9. Айнӣ С. Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро // Айнӣ С. Куллиёт,Ҷ. 14, - Душанбе: Матбуот, 2005, - 270 с.
10. Брагинский И.С. О природе среднеазиатского джадидизма в свете литературной деятельности джадидов// История СССР, - М.: Наука, 1965, №6, - С. 26-38.
11. Улуғзода С. Аҳмади Дониш, - Сталинобод, Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1946, - 88 с.
12. Ҳодизода Р. Чанд лаҳзаи нав дар тарҷимаи ҳоли Аҳмади Дониш // Шарқи сурх, - Сталинобод, 1957, №2.
13. Ҷабборов Ш. Андешаҳои сиёсии Аҳмади Дониш, - Душанбе: Аржанг, 2005, - 196 с.

СОЦИАЛЬНЫЕ ОСОБЕННОСТИ МИРОВОЗЗРЕНИЯ АХМАД ДОНИШ

Саидджафарова П.Ш., Рахмонов С. Д.

Социологию можно наблюдать в работах Ахмада Дониша таким образом, что справедливость сочетается с социальным неравенством. Человек в представленном Ахмади Донишем обществе должен прежде всего обладать интеллектуальной независимостью. Но независимости и самосознания можно достичь только через изучение науки. Таким образом, на примере своей жизни упомянутый человек доказал, что в естественнонаучном образовании способность ученика к обучению стоит на первом месте. По словам Ахмада Дониша, еда и сон – это не жизнь, а средство выживания, но для того, чтобы жить, человек должен обладать полным знанием различных областей и через это уметь высказывать независимое мнение. Без освещения науки и человеческой мудрости человек не может найти положение ни в одном обществе и показать свое существование окружающим. Благодаря этому светский образ мышления Ахмади Дониша позволил ему мыслить более широко и стал причиной современного духовного прогресса. Следует отметить, что философский подход Ахмади Дониша имеет много отличительных черт, и философы нашли подходящим термин «просветительская социальная философия» при исследовании произведений и мыслей мыслителя.

Ключевые слова: *светсий, социальные теории, политическая система, социальная ситуация, насилие в семье, невежественные правители, невежественные солдаты, невежественные ученые, нехватка воды.*

SOCIAL FEATURES OF AHMAD DONISH WORLD VIEW

Saidjafarova P. Sh., Rakhmonov S.D.

Sociology can be observed in the works of Ahmad Donish in a way that justice is combined with social inequality. A person in the society represented by Ahmadi Donish must first of all have intellectual independence. But independence and self-awareness can only be achieved through the study of science. Thus, on the example of his life, the mentioned person proved that in natural science education, the student's ability to learn is in the first place. According to Ahmed Donish, food and sleep are not life, but a means of survival, but in order to live, a person must have complete knowledge of various fields and through this be able to express an independent opinion. Without the illumination of science and human wisdom, a person cannot find a position in any society and show his existence

to others. Because of this, the secular way of thinking of Ahmadi Donish allowed him to think more broadly and became the cause of modern spiritual progress. It should be noted that the philosophical approach of Ahmadi Donish has many distinctive features, and philosophers have found the term "enlightenment social philosophy" appropriate when studying the works and thoughts of the thinker.

***Key words**: secular, social theories, political system, social situation, domestic violence, ignorant rulers, ignorant soldiers, ignorant scientists, lack of water.*

№2
2024

АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

УДК: 1Ф3.9+297

ТААССУБ: САРЧАШМАҲОИ ПАЙДОИШ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

Тағоймуродзода М.Т. - доктори фалсафа PhD, дотсент муовини декан оид ба илм ва инноватсияи факултети фалсафаи ДМТ

Дар мақола муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои муътамади илмӣ масъалаи таассубгароӣ дар ҷомеа, сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои пешгирии онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муҳимтарин масъалаҳои матраҳшуда дар ин мақола иборатанд аз мафҳум ва моҳияти таассуб, сарчашмаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули таассубгароӣ, навъҳои таассуб, аз қабили таассуби фикрӣ, ҷинсӣ, фардӣ, қавмӣ, маҳалгароӣ, миллӣ, забонӣ, динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, хусусиятиҳои ҷаҳонбинии афроди мутаассиб, зарарҳои таассубгароӣ ба шахс ва ҷомеа, роҳҳои пешгирии таассубгароӣ ва ғайра. Инчунин муаллиф дар мақола барои бартараф гардидани падидаи манфии таассубгароӣ дар ҷомеа чанд пешниҳод намуда, асоснокии онҳоро низ арзёбӣ намудааст.

Калидвожаҳо: *таассуб, мутаассиб, хурофот, ҷаҳонбинӣ, ҷаҳолат, маҳалгароӣ, ифротгароӣ, терроризм, дин, сиёсат, дунявият, миллат, давлат, ҷомеа, ҷавонон, илм, ахлоқ, қонун, худшиносии миллӣ.*

Таассуб як навъ боварӣ ё рафтори ғайримантиқии одамон ба ягон чиз ё ягон амал аст, ки бо як итминони комил, ва ҳатто бо шавқи зиёд аз тарафи шахси мутаассиб содир мешавад. Таассуб ба маъноҳои зиёде, мисли тарафдорӣ, ҳимоя, пуштибонии куркурона ва ғайра низ фаҳмида мешавад. Метавон гуфт, ки таассуб як навъ нигоҳи манфӣ ва хасмона нисбат ба фард ё гуруҳи хос ва ё баракс тарафдорӣ ё ҳимоят аз фард, гуруҳ ё мавзӯи хос буда, ин тарзи тафаккур бар асоси иттилооти нодуруст ва надоштани таҷрибаи амиқ дар мавриди мавзуъ шакл мегирад. Таассуб монеъи фикр кардан мешавад ва мавҷудияти он дар шуури афрод боис мегардад, ки фард бидуни фикру мантиқ амал кунад.

Донишмандон дар атрофи масъалаи таассуб андешаҳои гуногун доранд ва дар бисёр маврид тассубро бо ифротгароӣ ҳаммарз медонанд. Дар равоншиносӣ таассуб ҳамчун пешдоварӣ ё нигоҳи манфӣ нисбат ба фард, гуруҳ, ё амал дониста шуда, он метавонад таъсири зиёде ба рафтори шахс гузорад.

Асли таассуб ва сарчашмаи пайдоиши он дар зеҳни одамон, аз заъфи илмӣ, ҷаҳолат ва паст будани маърифатнокии ӯ вобастагӣ дорад. Вақте, ки ҷаҳонбинии шахс маҳдуд бошад ва тафаккури илмиаш ташаккул наёфта бошад ҳатман андешаи таассубгароӣ дар зеҳнаш пайдо мешавад. Дар баъзе мавридҳо афроди мутаассиб метавонанд, огоҳона ҳақиқатҳоро қабул накунанд ва пинҳон намоянд. Ин дар сурате имкон дорад, ки ҳисси худхоҳӣ, фардгароӣ ё бартар шуморидани худ аз дигарон дар вуҷуди шахс пайдо гардад. Донишмандон низ ду ҳолати таассубгароиро аз ҳам ҷудо кардаанд, ки иборатанд аз: а) таассуби нохудогоҳ, б) таассуби огоҳона.

Дар ҳоле, ки баъзе афрод ноогоҳона, тасмими нодуруст мегиранд, аз фард, гуруҳ ё равиши эътиқодӣ пуштибонӣ мекунанд, нафароне низ ҳастанд, ки аз паёмади манфии тасмими худ хабардоранд, аз ғайримантиқию ҳақиқат набудани амалӣ худ, гуруҳи худ, муҳити худ, фарде, ки аз у пуштибонӣ мекунанд огоҳанд, лекин аз рӯи тассубкорӣ амали худро дурусту мантиқӣ ва ҳақиқат мешуморанд.

Дар баъзе маврид рақобат баҳри касби манфиат низ метавонад боиси пайдоиши таассуб дар ҷомеа гардад, зеро чуноне, ки маълум аст, афроди муайян барои ба даст

овардани манфиатҳояшон монеи ҳақиқатҳо шуда, андешаи нодурусти худро, ки аз сари таассуб сар задааст, бар дигарон бор мекунанд. Ин омил метавонад боиси шиддат ёфтани таассубкорӣ дар ҷомеа гардад.

Омилҳои дигари пайдоиш ва интишори таассубкорӣ дар ҷомеа ин тарс, ғуруру такаббур, худхоҳии ашхос, эҳсосотӣ рафтор кардани афрод ва одат кардан ба ягон амал, равиш ё чизе, ки мухолифи тафакури умуми мардум аст, ба шумор меравад.

Яке аз аломатҳои асосии шахси мутаассиб ин дуруст шуморидани боварӣ ва рафтори худ мебошад, агарчанде, ки рафтораш нодуруст бошад ва ба донишҳои илмию таҷрибавӣ мутобиқат накунад. Мутассиб дар ҳама маврид эътиқоду боварӣ ва амалу кирдори худро аввалтару афзалтар мешуморад ва нодида гирифтани фикру андешаи дигарон, тангназарӣ, якравӣ, паст будани маърифатнокӣ хосси афродӣ мутассиб аст. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Маҳмадизода Н.Д. «Шахси мутаассиб наметавонад механизми таҳлилу хулосабарориро ба кор дарорад, чун аз дарки умуммиинсонӣ маҳрум аст. Шахси мубталои таассуб олами атрофи худро наметавонад бубинад, вай оҷиз аст, ношунавост, қобил нест, ки дигаргуниҳои ҷаҳонро бубинаду шунавад» [7].

Ҷаҳонбинии шахси мутассиб асосан ба худбинию худписандии оштинопазир асос ёфтааст. Шахси мутаассиб ҳама чизро барои худ мехоҳад ва мардумро аз ҳаққи машруъе, ки доранд маҳрум мекунад. Чуноне, ки маълум аст, ҳар як инсон ҳуқуқҳои фитрию маъмурӣ ва иҷтимоию маънавӣ дорад ва касе ҳақ надорад ин ҳуқуқуқҳояшро поймол кунад. Вале шахси мутаассиб аз сабаби он, ки худро бартарӣ медиҳаду ҳақдортар меҳисобад, аз ҳамин лиҳоз ҳамаи хубиҳо ва манфиъатҳоро танҳо барои худ мехоҳад, ки ин тарзи тафаккур дар бисёр маврид метавонад боиси поймол кардани ҳуқуқҳои дигарон гардад.

Аз ин нуқтаи назар, метавон гуфт, ки шахси мутаассиб метавонад дар ҳама қишри ҷомеа ва ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мавҷуд бошад ва таассубро низ метавон ба чунин навъҳо ҷудо кард: таассуби фикрӣ, ҷинсӣ, фардӣ, қавмӣ, маҳалгароӣ, миллӣ, забонӣ, динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, ва ғайра.

Таассуб як ҷаҳонбинии бисёр хатарнок буда, паёмадҳои манфӣ дар ҷомеа ба бор меоварад. Яке аз зарарҳои асосии мавҷудияти ашхоси мутаассиб ин аст, ки тазодро дар ҷомеа ба вуҷуд меоварад ва ин бархурдҳо боиси аз байн рафтани ваҳдати мардум дар ҷомеа ва сар задани ноамнӣ, душманӣ, кинаю адоват, низоъ ва хушунат мегардад. Дар робита ба ин мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла Носири Хусрав, Умари Хайём, Абуалӣ ибни Сино, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдӣ Шерозӣ, Ҳофиз Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Садриддин Айнӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон дар ашъору осори худ бо таассубу хурофот муборизаи беамон бурда, ҳамеша ин амалли нораворо накуҳиш карда, зарари онро ба ҷомеа равшан баён кардаанд. Масалан, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ сахтгирию таассубро нишонаи хомию бехирадӣ дониста, чунин гуфтааст:

Сахтгирию таассуб хомӣ аст,
То ҷанинӣ кор хуношомӣ аст [6;178].

Аз ин маълум мешавад, ки шахси мутаассиб ҳанӯз аз назари инсонӣ ва арзишӣ комил нагардида, мисли ҷанин хом, нопура ва вобаста ба дигарон буда, кораш хуношомӣ ва зарару зиён ба дигарон аст. Чуноне, ки тифл дар батни модар то пухтаву комил нашавад, вобастаи модар аст ва аз хуни у истифода мекунад, аз ин ҷиҳат шахси мутаассиб ҳамеша вобастаи тафаккури содаву ғайримантиқии худ ва ё гуруҳи худ буда, ҳамеша зарару зиён ба дигарон ва ҷомеа меорад.

Бояд гуфт, ки шахси мутаассиб ҳозир нест, ки дар бораи боварию ақидааш мутолиа кунад ё ҳақиқати онро аз дигарон бипурсад, балки вай пеш аз дониш доштан ба ақидаву таассуроташ гароишу боварӣ ба он дорад. Аз ин ҷиҳат аст, ки мегӯянд шахси мутаассиб пеш аз он ки ақидашинос бошад, ақидапараст аст ва тайёр аст, ки дар роҳи ақидаи худ ҷон диҳад, лекин ҳозир нест, ки дар бораи ақидаи худ мутолиа кунад.

Аз ин хотир метавон гуфт, ки оқибати таассуб ин ифротишавии шахс ва рушди ифротгароӣ дар ҷомеа аст. Аз сабаби он, ки

дин низ тарзи ҷаҳонбиниест, ки бар пояи як зумра боварию эътиқод асос ёфтааст, аз ин ҷиҳат таасубро мо дар дин бештар мушоҳида мекунем. Вале бояд ёдовар шавем, ки таассуб хурофотро парвариш медиҳад. Хурофот бошад ҷаҳолат буда, он сарчашмаи бадбахтию таназзули ҷомеаҳо аст.

Чуноне, ки дар боло ишора кардем, таассуб метавонад дар тамоми қишрҳои ҷомеа ва соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ мушоҳида шавад, вале ба назар мерасад, ки он бештар дар доираи тасаввуроти динӣ шакл гирифта, реша давондааст. Чуноне, ки маълум аст, пайравони ҳар кадом дин худро дар роҳи ҳақ шумурда, дигаронро дар роҳи ботил медонанд. Ҳатто дар дохили як дин пайравони мазоҳиби гуногуне ҳастанд, ки дар доираи таассуботи динӣ гирифтор шуда, танҳо пайравӣ аз мазҳаби худро ҳақ дониста, пайравӣ аз мазҳаби дигарро ботил мешуморанд. Мушоҳида мешавад, ки руҳониёни динӣ ҳар кадом китобҳои динии худро муқаддас ва сарчашмаи донишу тасаввуроти худро аз олами ғайб дониста, фақат ба неруи имон такя менамоянд. Аз пайравони худ мехоҳанд дар эътиқодашон аз чунин равиш кор гиранд ва бе каму кост ба мисли онон фикру амал намоянд. Аз ин хотир дар бисёр маврид ин омил боис мегардад, ки руҳониёни динӣ ва пайравонашон аз неруи ақл, шуур, ва фикр истифода набурда, тасаввуроташон бе истидлоли мантиқӣ ва ақлӣ бошад.

Ин буд, ки дар тӯли таърих ин тарзи тафакур ва таълимот, омили асосии сар задани ҷангу низоъҳои динӣ-мазҳабӣ гардида, боиси таназзули ҷомеаҳо гардида буд. Вақте ба ҳаводиси таърихӣ назар кунем, мебинем, ки пайравони динҳои гуногун аз рӯи таассуби динӣ ва мазҳабиашон, боварҳои пайравони дигар дину мазоҳибро ботил дониста, бо якдигар бархурди хашин намудаанд, ки ин амалҳои нангину ҳузнангез боиси қатлу куштори мардум ва харобу валангор шудани шаҳрҳову азбайнравии ҷомеаҳо гардида аст. Ин раванд ҳанӯз ҳам идома дошта, он яке аз мушкилии асосии кишварҳои гуногун маҳсуб меёбад.

Масалан, дар доираи таълимоти ислом, дар тӯли таърихи мавҷудияташ мазоҳибу гуруҳҳои гуногун, ки аз назари эътиқодӣ тафовут доранд шакл гирифта, дар бисёр маврид бо сабаби таассуботи мазҳабӣ ва гуруҳияшон даргири ҳам шуданд, имрӯз ҳам, ин раванд идома дорад. Бояд гуфт, ки ислом дар ибтидои пайдоишаш бо хеле аз аъмоли даврони ҷоҳилияти араб, ки бо таассуб омезиш ёфта буд мубориза бурд. Паёмбари ислом дар ҳадисе гуфтааст, ки «Ҳар касе, ки мардумро ба таассуб даъват кунад, аз мо нест. Ҳар касе, ки ба хотири таассуб бичангад, аз мо нест. Ҳар касе, ки бо таассуб бимирад, аз мо нест» [11]. Вале дар тӯли таърихи ислом рӯҳониёни мутаассиби зиёде буданд, ки дар асоси таассуботи қавмию динӣ ва мазҳабии худ амал намуда, аҳли илму фарҳангро маҳкум намуда, боиси пайдоиш ва ташаккули мафкураи ифротӣ гардидаанд. Имрӯз ҳам ин ҳолат дар ҷаҳони ислом ба мушоҳида мерасад, ки бо таъсири таълимоти чунин мубаллиғон дар доираи таълимоти ислом гуруҳҳои иртиҷоӣ, экстремистӣ-террористӣ зуҳур кардаанд, ки хатари ҷиддӣ барои башарият ба бор овардааст. Имрӯз мушоҳида мешавад, ки пайравони ҳар кадом мазоҳиби исломӣ равиши худро ҳақ ва равишу эътиқоди дигаронро бидъату ғайриилоҳӣ дониста, бо онҳо даргир мешаванд.

Хусусан, дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки он аҳамияти муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ дорад, муборизаи эътиқодӣ миёни пайравони ин мазоҳиби исломӣ авҷ гирифта, хатари ин гуруҳҳои ифротӣ бештар ба мушоҳида мерасад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳайси яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамҷавор бо Афғонистон аст. Чуноне, ки маълум аст, ин кишвар беш аз чил сол аст, ки зери чатри таассубу хурофот ва ифротгароӣ қарор дорад. Аз ин ҷост, ки хатари ин падидаи номатлуб ба кишвари мо бештар аст. Ифротгароёни динӣ дар асоси таассуботи динӣ-мазҳабиашон кӯшиш намуда истодаанд, ки фазои орому осудаи мамлакати моро халалдор намоянд. Барои амалӣ намуданӣ ҳадафҳояшон онҳо пеш аз ҳама сиёсати давлатӣ ва низоми давлатдории дунявиро, ҳамчун низоми зидди динӣ ва даҳргароӣ маънидод намуда, аз шуури динии мардум суистифода карда, онҳоро бар зидди сиёсати давлатӣ ва сохтори давлатдории миллӣ равона мекунанд.

Дар ин мавриd муҳаққиқи тоҷик Сафарализода Х.Қ. барҳақ қайд меанмояд, ки «Ташкилотҳои террористию экстремистие, ки бо шиорҳои динӣ ба саҳнаи сиёсат ворид мешаванд, мехоҳанд устувории сиёсии давлат, ризоияти миллию шаҳрвандӣ ва ваҳдати миллиро барҳам зананд. Барои расидан ба ин ҳадаф дар аксар маврид онҳо дар муқобили давлати дунявӣ, арзишҳои демократӣ ва қонунҳои шаҳрвандӣ баромад намуда, сокинони мамлакатро дар муқобили ин арзишҳо равона месозанд» [8, с.378-179].

Таъкид кардан зарур аст, ки низоми давлатдории дунявиро, ҳамчун низоми зиддидинӣ ва даҳргароӣ маънидод намудани гуруҳҳои экстремистию террористӣ куллан мухолиф ба арзёбиҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои низомшиносӣ буда, инкори арзишҳои дунявӣ, демократӣ ва умумибашарӣ ҳатто хилофи меъёрҳои динӣ-ахлоқӣ мебошад. Тавре, ки коршиноси масоили сиёсӣ И.Баротов қайд менамояд: «Дунявият ҳамчун мутамаддинтарин шакли давлатдорӣ, мусосибтарин сохт, ва мувафақтарин усули сиёсати давлат дар муносибат ба фазои динӣ мебошад» [1]. Инчунин, муҳаққиқи дигари тоҷик Маҳмадиев Н.Д. таъкид месозад, ки: «Дунявият ҳаргиз маънои бединию даҳргароиро надорад ва он воситаи аз ҳама мусолиҳатомез ва беҳтарини дину давлатро таъмин намуда, заминаи ҳуқуқии худро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” пайдо намудаст. Аз ин рӯ афроди ҷомеаро зарур аст, ки ҷиҳати амалӣ гардидани паҳлуҳои гуногуни ин асл кӯшиш намоянд, то он ба як арзиши умумимиллӣ, умумииҷтимоӣ ва фарҳангӣ табдил ёбад. Дар он сурат принсипи номбаршуда метавонад ба як механизми амалкунанда табдил ёбад ва воситаи эътимод байни фазои динӣ ва миллии ҷомеа гардад. Ин механизм имкон медиҳад, то барои ба ҳам овардани арзишҳои динию миллиамон дар атрофи манфиатҳои миллию давлатӣ наздик шавем» [2, с.165]. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта, ки низоми дунявиятро пеша кардаанд собит намудааст, ки тавассути ба вуҷуд овардани фазои орому ҳамдигарфаҳмӣ миёни пайравони дину оинҳои гуногун ва дар назар гирифтани арзишҳои динию дунявӣ ва миллию умумибашарӣ метавон ба ҳадафҳои рушди устувор расид. Инро дар назар гирифта Ҳукумати мамлакат дар баробари соҳибистиқлол гардидан, зурур шуморид, ки шакли нави муносибати давлат бо иттиҳодияҳои диниро ба роҳ монад, ки пеш аз ҳама ин шакли муносибат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардида аст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро новобаста аз ҷинс, миллат, забон, ва муносибат ба дин кафолат додааст ва давлат бошад муносибати худро нисбат ба ҳамаи дину мазҳабҳо, бахусус, нисбат ба дини мубини ислом муайян намуда, онро бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ба роҳ мондааст. Аммо гуруҳҳои ифротӣ ин муносибатӣ давлат бо динро ба эътиқодмандон ва шаҳрвандони кишвар муғризона, якҷониба ва дар асоси таассуботи қавмию гуруҳиашон маънидод намуда, ба рушди ифротгароӣ дар кишвар заминаи асосӣ гузоштанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоташон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, ки рӯзи 9-уми марти соли 2024 доир гардида буд, аз ин хатарҳо ёдоварӣ намуда, таассубу хурофот, тафриқаандозӣ, бегонапарастиву зиёдаравӣ, ифротгароӣ ва амалҳои террористии хусусияти динидоштаро омили ташвишовар ва нигарониканда маънидод намуданд.

Пешвои миллат дар баромадашон қайд намуданд, ки «Бо вуҷуди муносибати неки давлат нисбат ба ҳамаи дину мазҳабҳо, бахусус, нисбат ба дини мубини ислом, солҳои охир зуҳуроти нороҳатсозандаву нигаронкунандаи таассубу хурофот, тафриқаандозиву ифротгароии динӣ ва дар ин замина риоя нагардидани меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда афзоиш ёфта истодааст. Ин дар ҳолест, ки тибқи андешаву назари донишмандони маъруфи улуми исломӣ хурофоту таассуб ва ифротгароии динӣ бо таълимоти инсонпарвари наи дини ислом робитае надорад. Душмани дини мубини ислом барои коштани тухми нифоқу бадбинӣ, эҷоди ҳисси исломситезӣ, тафриқаи мазҳабӣ дар байни уммати исломӣ ва расидан ба ҳадафҳои

ғаразноки худ ифротгароии диниро бо ҳар роҳу восита пуштибонӣ ва маблағгузорӣ мекунанд» [12].

Ҳукумати кишвар баҳри мубориза бо таассубу хурофотпарастӣ, ифротгароӣ ва ташаккули маънавиёти мардум ҳанӯз аз ибтидои соҳибистиқлолӣ тадбирҳои муассир андешидааст, зеро зарари ин зуҳуроти номатлубро мамлакати мо дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дида буд. Тассуби динӣ, хурофоту ифротгароии динӣ яке аз сабабҳои ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашидани мамлакатамон гардида, истифодаи ғаразноки эҳсоси динии мардум аз тарафи қуввахои манфиатхоҳ ин фоҷиаи миллиро ба вуҷуд оварда буд.

Инро дарк карда, ҳукумати мамлакат, дар даврони соҳибистиқлолӣ мардумро ба арзишҳои миллӣ ва динӣ, хусусан таълимоти мазҳаби аҳдодиамон - мазҳаби таҳаммулгароии ҳанафӣ ҳамаҷониба ошно намуд. Илова бар ин Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ, Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти мамлакат, Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам таъсис дода шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардиданд, ки ҳамаи ин ибтикорот баҳри ба вуҷуд овардани шароити мусоид ҷиҳати таъмин намудани озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин дар мамлакат равона шудааст. Дар муқаддимаи Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», чунин омадааст: “Қонун ҷашну маъракаҳо ва расму оинҳоро дар кишвар ба низом дароварда, барои ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ асос гузошта, суннатҳои динию мардумиро ба танзим даровард, анъана ва маросиму ҷашнҳои миллиро мушаххасу дақиқ намуд. Ба ғайр аз ин пеши роҳи хурофоту таасуб, худнамоию зоҳирпарастӣ ва исрофкорию зиёдаравӣ гирифта шуда, ба ҷорӣ гардидани тартиботи ягонаи баргузории чорабиниҳои миллию мардумӣ роҳ кушод” [9, с.12].

Илова бар ин, бо дастури Пешвои миллат яке аз тафсирҳои муътабари Қуръони карим – «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», «Ҳидоя»-и Бурҳониддин Абуҳасан ибни Абубакр, «Саҳеҳ»-и Имом Бухорӣ, «Муқаддима»-и Ибни Халдун ва асарҳои дигар мутафаккирони бузурги исломӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр карда шуданд.

Мақсад аз ибтикори муҳими Пешвои миллат ҷиҳати ба тоҷикӣ гардонидану бо теъдоди зиёд нашр намуда, дар байни мардум ба таври ройгон паҳн намудани китоби муқаддаси Қуръон ин буд, ки мардум худашон хондаву чӣ будани дини мубини исломро дарк кунанд ва ба таассубу хурофот гирифтор нашаванд. Ин ташаббуси Пешвои миллат, барои пешгирӣ ва мубориза бо ин падидаи номутлуб мусоидат менамояд.

Барои ошкор сохтани роҳҳои мубориза ба таассубгароӣ, бояд пеш аз ҳама муайян намуд, ки кадом қишри ҷомеъа бештар мутаассибанд? Бояд гуфт, ки таассуб метавонад дар ҳар як намояндаи қавму, дин, мазҳаб, забон, ва табақоти иҷтимоӣ зоҳир шавад. Зоҳир шудани таассуб дар ҳамаи ин ҳолатҳо дар ҷомеа боиси пайдо гардидани дигар падидаҳои номатлуб, ба монанди хурофотпарастӣ, ҷаҳолат ва ифротгароӣ мегардад.

Аз сабаби он, ки ҷаҳолат омили асосии авҷ гирифтани таассубгароӣ дар ҷомеа аст, аз ин хотир метавон гуфт, бештари онҳое, ки аз таълиму тарбия дур монандаанд ва ҷаҳонбинии илмиашон ташаккул наёфтааст, мутаассибанд. Аз ин хотир яке аз роҳҳои муҳимми мубориза бо ин падидаҳои номатлуб боло бурдани сатҳи огоҳии мардум ва ташаккули маърифати илмӣ дар шуури афроди ҷомеа мебошад. Бояд пеш аз ҳама падару модарон, омӯзгорон, зиёиён, ниҳодҳои дахлдор дар таълиму тарбия ва дар умум тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон дар самти ташаккули маънавиёти солиму созанда тадбирҳои созанда андешанд. Зеро ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар шуури одамон боиси боло рафтани огоҳии онҳо гардида барои шинохти ҳақиқат ва раҳоии одамон аз ҳар гуна таассубу хурофот мусоидат мекунад.

Роҳҳои дигари мубориза ба ин падидаро метавон ба ташаккули худшиносӣ, шинохти ҳувияти миллӣ, огоҳ шудан аз моҳияти таълимоти бузургону шахсиятҳои бонуфузи илмию адабии гузаштагонамон марбут донист. Зеро тавассути огоҳӣ аз таълимоти инсонпарваронаву башардӯстонаи бузургонамон, маънавиёти ҷомеа ташаккул ёфта, ҳисси таҳаммулгароӣ дар вуҷуди афроди ҷомеа пайдо мегардад. Ташаккули мафкураи таҳаммулгароӣ бошад яке аз роҳҳои муассир дар мубориза ба таассубу таассубкорӣ мебошад. Илова бар ин дар шароити муосир “барои ташаккули худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ва мустаҳкам намудани пояҳои давлату давлатдорӣ омӯзишу тадбиқи афкори ин бузургони илму фарҳанги тоҷик заминаи асосӣ гузошта” [3, с.108-109], ба ин восита метавон дар вуҷуди афроди ҷомеа ҳисси эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллиро бедор намуда, масъулиятшиносии онҳоро дар муносибат ба тақдири миллату давлат тақвият дод. Таърих шоҳид аст, ки яке аз омилҳои асосии аз байн рафтани давлатдории тоҷикон дар тӯли таърихи мавҷудияташон ва таназзули ҷомеаашон ин таассубгароӣ, хуруфотпарастӣ, ифротгароӣ, ҷаҳолат ва эҳтиром нагузоштан ба арзишҳои миллию бетарафӣ намудани мардум нисбат ба тақдири миллату давлат буд.

Пас аз таҳқиқи масъали мазкур ва ошкор кардани сабабу омилҳо, ва роҳҳои мубориза ба таассубгароӣ зарур донистем, якчанд пешниҳод намоем, то тавассути амалӣ намудани онҳо пеши роҳи таассубгароӣ дар ҷомеа гирифта шаванд:

1. Аз сабаби он, ки таассубгароӣ як раванди номатлуб ва падидаи манфӣ дар ҷомеа маҳсуб мешавад, пас хеле зарур аст, ки бо истифодаи имкониятҳои захираи илмии ҷумҳурӣ ва аз тарафи олимону муҳаққиқони соҳа заминаҳо ва омилҳое, ки боиси тавсиаи ин падида мешаванд, таҳқиқ гардида, ҳар гунна китобҳо, буклетҳо, маводҳои дигаре, ки воқеияти ғайриилмию ғайрифарҳангии ин падидаро нишон дода тавонанд, омода сохта, дар байни аҳолӣ паҳн гардад. Ин кор метавонад паёмадҳои манфии таассубгароӣ ба ҷомеаи муосир ва роҳҳои мубориза ба онро барои аҳолӣ маълум кунад ва ба ин восита сатҳи огоҳии мардумро дар самти шинохти ин падидаи номатлуб боло барад.

2. Дар донишгоҳу донишкадаҳо муаллимони соҳаи илмҳои гуманитарӣ бояд аз курсҳои таълимии диншиносии илмӣ гузаронида шаванд. Чун ташаккули ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён вазифаи хеле муҳим ва арзишманд аст, пас бояд ин гуруҳи муаллимон дар ташаккули ҷаҳонбинии онҳо саҳми муайн гузошта, ба ин восита пеши роҳи таассуби динӣ гирифта шавад.

3. Ба таассубгароӣ, хусусан таассуби динӣ «эҳсоси миллатдӯстӣ, ватандӯстӣ метавонад муқовимат кунад. Бинобар ин, маҷмуи чорабиниҳо оид ба ватандӯстӣ ва ифтихороти миллӣ таҳия гардида, аз ҷониби зиёиён ва созмону ташкилотҳои дахлдор пиёда гарданд. Дар ин кор тарғибу ташвиқи осори гаронмояи фарҳангию таърихӣ, аз ҷумла осори адабиёти оламшумули тоҷик нақши азиме дорад.

4. Ба ривоҷи таҳаммулпазирӣ, муносибати толлерантӣ эътибори махсус дода, талаботҳои қонунҳои амалкунандаи ҷумҳуриро доир ба ин масъала пурра татбиқ бояд кард. Чуноне, ки мушоҳида мешаванд ҳануз дар бисёр маврид шахсони таассубгаро, ки тавассути фаъолиятҳояшон тухми кинаю адоватро дар байни мардум мекоранд ба ҷавобгарӣ кашида нашуданд, ҳол он ки меъёрҳои ҳуқуқии Тоҷикистон ҷазоҳои муайянро нисбати чунин касон бешбинӣ кардааст. Аз ин ҷиҳат маҷмуи чорабиниҳои ҳуқуқиро таҳия ва татбиқ бояд кард ва дар ин соҳа ҳуқуқшиносон бояд барномаҳои равшани илмию ҳуқуқӣ таҳия намуда, мафкураи ҳуқуқии шаҳрвандонро ташаккул диҳанд.

5. Ҷиҳати муътадил нигоҳ доштани вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, инчунин пешгирии таассубгароӣ, ки сарчашмаи дигар падидаҳои манфии ҷомеа ба монанди хурофотпарастӣ, тафриқаандозӣ, бегонапарастиву зиёдаравӣ, ифротгароӣ ва анҷоми амалҳои экстремистию террористӣ маҳсуб меёбад, бояд натанҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки тамоми сохтору идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ ҷомеаи шаҳрвандӣ чораҷуӣ намоянд.

Хулоса, мо бояд воситаҳои муосири мубориза бо таассубгароиро ҷустуҷу

намоем ва дар шуури мардум ҷаҳонбинии қавии илмӣ, таҳаммулгароӣ, худшиносӣ ва инкори идеологияи иртиҷоиро парвариш кунем. Чи гунае, ки мушоҳида мешавад, таассубкорӣ ба сифати зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ ва хатарнок барои суботи ҷомеа дониста шуда, омили таназзули давлату миллат маҳсуб ёфта, асоси моддӣ ва маънавии ҷомеаро вайрону халалдор месозад. Аз ин ҷиҳат истифодаи неруи созандаи давлат ва ҷомеа дар мубориза ба ин падидаи номатлуб хеле муҳим ва судманд ба шумор меравад. Дар ин росто оила, мактаб, маориф, сохтору мақомоти давлатӣ ва дар маҷмуъ тамоми ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар мубориза ба ин падидаи номатлуб мубориза баранд. Ҳамаи шаҳрвандонро зарур аст, ки дар тадбиқи сиёсати давлатӣ ва амалӣ шудани қонунҳои миллӣ ба монанди, Қонуни Ҷумҳарии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар иқдомҳои ҳукумати мамлакат, ки асосан баҳри мубориза ба таассубкорӣ, хурофотпарастӣ, бегонапарастӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ равона шудаанд, саҳмгузорӣ намоянд.

Адабиёт:

1. Баротов И. Таҳдидҳои монеаафкан дар масири давлатдории дунявӣ: https://khovar.tj/. (Санаи мурочиат: 20.05.2022)
2. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. Душанбе, 2013. 173 с.
3. Комилов Д.Р., Тағоймуродзода М.Т., Бойзода Ҷ. Ҷ. Хикмати ватандорӣ. Душанбе, 2024. – 130 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ”. Душанбе “Ирфон”, 2009.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикситон”. Душанбе: 2018.
6. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Дафтари саввум. Бахши 49. Теҳрон –1367ҳ.
7. Маҳмадизода Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ – сиёсии дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он. Душанбе, 2022. 320 с.
8. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 420 с.
9. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе: 2018.
10. https://khovar.tj/2022/08/du-poj-dar-loj-kamol-nasrullo-taassub-va-hurofotro-az-bemori-oi-derinu-ku-ansole-nomid-ki-barhe-az-mardumi-mo-ba-on-giriftor-ast/ (Санаи мурочиат: 08.08.2022).
11. https://www.islamweb.net/ar/library/content/ (Санаи мурочиат: 17.04.2024).
12. http://www.prezident.tj/node/32921 (Санаи мурочиат: 17.04.2024).

ФАНАТИЗМ: ИСТОЧНИКИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И ПУТИ ЕГО ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ

Тагоймуродзода М.Т.

В статье автор, опираясь на достоверные научные источники рассматривает проблему фанатизма в обществе, причины его возникновения и пути предотвращения. К важнейшим вопросам, поднятым в данной статье, относятся понятие и сущность фанатизма, основные источники возникновения, формирования фанатизма, виды фанатизма, такие как идеологический, половой, личностный, этнический, местнический, национальный, языковой, религиозный, конфессиональный, политический, особенности мировоззрения фанатичных людей, вред фанатизма для отдельных людей и общества, способы предотвращения фанатизма и т. д. Также в статье автор выдвигает ряд предложений по устранению негативного явления фанатизма в обществе и оценивает их обоснованность.

Ключевые слова: *фанатизм, фанатик, суеверие, мировоззрение, невежество, местничество, экстремизм, терроризм, религия, политика, светскость, нация, государство, общество, молодежь, наука, этика, закон, национальное самосознание.*

FANATISM: SOURCES OF ARISE AND WAYS TO PREVENT IT

Tagoymurodzoda M.T.

In the article, the author, relying on reliable scientific sources, examines the problem of

fanaticism in society, the reasons for its occurrence and ways to prevent it. The most important issues raised in this article include the concept and essence of fanaticism, the main sources of the emergence and formation of fanaticism, types of fanaticism, such as ideological, sexual, personal, ethnic, parochial, national, linguistic, religious, confessional, political, features of the worldview of fanatics people, the harm of fanaticism to individuals and society, ways to prevent fanaticism, etc.

Also in the article, the author puts forward a number of proposals for eliminating the negative phenomenon of fanaticism in society and evaluates their validity.

Key words: *fanaticism, fanatic, superstition, worldview, ignorance, localism, extremism, terrorism, religion, politics, secularism, nation, state, society, youth, science, ethics, law, national identity.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

МАФҲУМИ ШУУРИ АХЛОҚӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ МУҲАММАД ҒАЗЗОЛӢ

Насриддинов Ҳ.Н. – унвончӯи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 907-07-32-88

Дар мақола сухан дар бораи фазоили ахлоқӣ меравад, ки дар илми ахлоқ ҷойгоҳ ва мақоми воло дошта, аксари мутлақи осори ахлоқии донишмандон ба шарҳу баёни онҳо бахшида шудаанд. Фазоили ахлоқӣ дар таълимоти ахлоқии Юнони қадим ҳануз дар андешаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни бостонӣ, ҳатто то замони Афлотун ва Арасту мавриди баҳсу мунозира қарор дошта, аз насл ба насл интиқол ёфтаанд. Барои ба даст овардани фазилат, инсон бояд амалҳои хуб анҷом диҳад, то анҷом додани ин амал барояш одат шавад. Одати хуби аз худ кардаро бояд бо роҳи пайваста анҷом додани амалҳои хуб тақвият бахшид. Чунин амалия ва иҷро муҳим будани амалро дар гирифтан ва ҳифз кардани фазилат таъкид менамоянд. Масалан, барои одил будан, қабл аз ҳама бояд боадолатона рафтор кард.

Маҳз зери таъсири афкори донишмадони Юнони антиқа фазоили ахлоқӣ ба таълимотҳо ахлоқии асримиёнагии Шарқи исломӣ аз роҳи тарҷумаи осори онҳо ба забони арабӣ ворид гардида, дар осори Ибни Мискавайҳ, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Адӣ ва даҳҳо донишмандони дигар мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд. Муҳаммад Ғаззолӣ низ ба масоили фазоили ахлоқӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар аксари китобҳои ахлоқии худ онҳоро мавриди баҳсу баррасӣ, таҳлил ва шарҳу тавзеҳ қарор додааст.

Дар мақола таърихи мухтасари фазоили ахлоқӣ, тавсифи умумӣ, асоси психологии фазоил ва пайдоиши фазоил ва ҷойгоҳу мақоми онҳо дар таълимоти ахлоқии Муҳаммад Ғаззолӣ таҳлилу баррасӣ гаштаанд.

Калидвожаҳо: *ахлоқ, Муҳаммад Ғаззолӣ, Шарқи асримиёнагӣ, накӯкор, адолат, фалсафа, таълимот, норасоӣ ва ғ.*

Фазоил мафҳуми шуури ахлоқӣ буда, ҳамчун тавсифи умумии сифатҳои ахлоқи шахсият (гуруҳи мардумон, синф, ҷомеа) хизмат намуда, ба арзишҳои ахлоқии онҳо далолат мекунад. Дар баробари он мафҳуми фазоил шакли фоъили аз худ кардани хайр (анҷом додани амали хайр) дар муқобили аслиёти донишҳои оддӣ, ки инсонро накукор намегардонад, таъкид мегардад.

Мафҳуми «фазоил» нақши инсони алоҳидаро ҳамчун ҳомили фаъоли ин ва ё он ахлоқ таъкид мекунад. Барои ҳамин тасаввурот дар бораи фазоил дар шуури ахлоқии давраи ҷомеаи антиқӣ ва феодалӣ нақши асосӣ бозидааст, аз як ҷониб, шахсиятест, ки навакак аз шахсияти ҷомеаи ибтидоӣ берун баромада, тавонистааст, ки ахлоқи ҷамъиятиро таҷассум намояд, аз ҷониби дигар, эътиқоде интишор ёфта буд, ки сифатҳои ахлоқӣ дар майли табии инсон реша давонидаанд, ҳарчанд, ки метавон онҳоро аз роҳи иктисоб низ ба даст овард, дар психикаи инсон ҷо гирифтаанд. Фаҳм ва дарки муҳтавои фазоил таърихан дар мувофақа бо эҳтиёҷоти иҷтимоии ҷомеа ва синфҳои ҳукмрони он тағйир ёфтааст. Дар Юнони қадим тасаввурот дар бораи фазоил қабл аз ҳама бо чунин сифатҳои ахлоқӣ, мисли шуҷоат, иффат, ҳикмат ва ҳосили ҷамъи онҳо адолат алоқаманд дониста мешуд, ки дар таълимоти ахлоқии Афлотун инъикос ёфтааст. Ҳанӯз Арасту таъкид мекард, ки фазоил сифатҳои ахлоқӣ, мисли шуҷоат, иффат, ҳикмат ва ҳосили ҷамъи онҳо адолат иборат мебошанд, ки онҳо табиӣ-модарзодӣ набуда, дар раванди иҷтимоишавии шахс дар ҷомеа аз роҳи иктисобӣ ба даст оварда мешаванд.

Дар асарҳои асосӣ оид ба ахлоқ – «Меъёрҳо» ва «Эҳё» Ғаззолӣ ба баҳс дар бораи фазоили он оғоз карда, онҳоро «материя» (уммаҳот) ва ё фазоили марказӣ

меномад; «модарони характер» (уммаҳот ал-ахлоқ) ба худи ҳамон фазоили марказӣ мансубанд [1, 42]. Онҳо ҳамагӣ чаҳор-то мебошанд: ҳикмат, шуҷоат, иффат ва адл [2, 442]. Ӯ онҳоро аз таҳлили нафс берун оварда, вобаста аз қуввaҳояшон фарқ мекунонад. Ин фазоил ва асоси психологии он ба аналогҳои худ дар фалсафаи юнонӣ ва махсусан дар осори Афлотун ва Арасту мушоббеҳ мебошанд [4, 579-580]. Аз ин рӯ, беҳтар аст, муайян кунем, ки Ғаззолӣ чӣ гуна ин фазоилро зимни баррасии онҳо дар робита бо анъанаи фалсафӣ муқаррар, баҳогузорӣ ва таҳлил менамояд.

Дар шарҳи фазоили ахлоқии Ғаззолӣ, ин фасл ба ду қисм ҷудо шудааст. Қисми аввал ба фазоили фалсафӣ аз нуқтаи назари асоси психологӣ, генезис ва муносибати фазоил ба характер ва айнияти он бо таълимот оид ба ҳадди миёна дахл дорад. Қисми дуввум ба баҳси чаҳор фазоили асосӣ ва қисматҳои он бахшида шудааст.

Ғаззолӣ чунин меҳисобад, ки нафс аз ҷисм бо он фарқ мекунад, ки аввалӣ махлуқ ва ҷовидонист, яъне бо марги ҷисм ба охир намерасад. Ӯ шарҳ додааст, ки «ман», рӯҳ ва интеллект (ақл). Ҳар кадоми онҳо дорои ду маъно мебошад - яке моддӣ (материалӣ) ва дигаре рӯҳонӣ мебошад. Маънои маънавии ин чаҳор истилоҳ ба ҳамон як зоти руҳонӣ (ал-латифа ар-руҳония) мансуб аст, аммо онҳо ҳолатҳо (аҳвол)-и гуногуни онро ифода мекунанд. Дар ин маъно нафс нисбат ба ҷисм ва аъзоҳои он муҳимтар аст, зеро асли аввалӣ илоҳӣ буда, аммо ҷисм бошад аз моддаи паст офарида шудааст. Пас, нафс моҳияти ҳамон чизест, ки зери мафҳуми «инсон» дар назар дошта шудааст; онро танҳо тавассути ақл ва муроқибаи амалҳое метавон шинохт, ки маҳз аз ӯ маншаъ мегиранд [4, 27-28]. Ҷиҳати ягонаи шинохти нафс, ки барои ахлоқ зарур мебошад – ин шинохти аҳвол ва амали он аст. Шинохти «моҳияти» нафс ба илми олии назарӣ мансуб аст, ки Ғазоли онро илми мукошифа (илм ал-мукошафа) меномад ва баррасии он аз доираи ахлоқ берун мебарояд [5, 284].

Барои шарҳ додани амали нафс, Ғаззолӣ тавсифи се қувва ва ё «нафсҳо» (нуфус) низ ном бурдааст: ан-наботия, ал-ҳайвония ва ал-инсония. Ӯ ба ду тои охирӣ ба сабаби «Меъёрҳо» ҳамчун дорои ду қобилият: муҳаррика (ҳаракатдиҳанда) ва мудрика (дарккунанда) шарҳ медиҳад. Қобилияти муҳаррика ду хел мешавад: ё вай ҳаракатдиҳанда мебошад, зеро набз (импулс) медиҳад, ё барои он ки вай фаъол мебошад. Дар қобилияти ҳаракатдиҳандандаи фаъоли худ қуввaест, ки тавассути асабҳо ва мушакҳо интишор меёбад; функсияи вай аз он иборат аст, ки мушакҳоро кутоҳ намуда, рагҳо ва пайвандҳоро ба нуқтаи аввалаи ҳаракат бикашонад ва ё суст гардонад ва ё онҳоро чунон бикашад, ки аз нуқтаи аввалия дур шаванд. Дар сатҳе, ки вай набз (импулс)-ро таъмин менамояд, қобилияти муҳаррика қобилияти шавқия (ал-қувва аннузусия аш-шавқия) мебошад. Замоне, ки образи марғуб ва манфур дар бораи ваҳдат ва касрати нафси инсон сухан меравад, Ғаззолӣ ва аксари файласуфони мусулмон андешаҳои Арастуро оид ба функсияҳо ва қуввaҳои нафс қабул намуда, онро тавсия бахшидаанд [6, 349].

Ахирӣ қобилияти водоркунанда, дар навбати худ, дорои ду қисме мебошад, ки барои фазоил аҳамияти ҳалкунанда доранд: яке қувваи хоҳиш (ирода) ва ё шаҳвония номида мешавад, ки ҳаракати аъзоҳои баданро ба вуҷуд оварда, инсонро ба ашёе наздик менамояд, ки дар тасаввури мо зарурӣ ба ҳисоб мераванд ва дар ҷустуҷӯи қаноат манфиатноканд; дуввум, қувваи қаҳру ғазаб (ал-ғазабия) мебошад, ки субъектро ба ҳаракати аъзоҳо водор мекунад, то ки ашёеро дур намояд, ки онҳо зарарovар ва харобиовар тасаввур мешаванд ва аз ин роҳ онҳоро бартараф намояд.

Қувваи идрок, ки дуввумин қувваи асосии нафси ҳайвонӣ мебошад, метавонад ба ду қисм ҷудо шавад: ҳисси зоҳирӣ ва ботинӣ. Ғаззолӣ дар ин матн маънои баҳсро дар бораи панҷ ҳиссиёти зоҳирӣ зарур надониста, панҷ ҳисси ботиниро муфассалан мавриди баррасӣ ва таҷзияю «ҳофиза» - муҳофизакор, «ваҳмия» - «хаёлоти эҳсосӣ» дар нисбати ҳайвон мебошад. Нафс ва муфаккира (муфаккира)-и нафси инсонӣ мебошанд [7, 23-24].

Нафси ҳайвонӣ дар инсон ҳам вуҷуд дорад ва Ғаззолӣ зимни тавсифи муфассали он муҳим будани шаҳвония ва қаҳру ғазабро дар ҳама фазоили инсонӣ, ошкор

месозад. Аммо фазоили инсонӣ наметавонанд бидуни ворид сохтани нафси «ақл» (интеллект) мебошанд, ҳарчанд ки ду маъно дошта бошад. Қувваи амалӣ принсипи ҳаракати ҷисми инсон мебошад, ки баъди андеша дар бораи он ки оё онҳо бо қоидаҳое, ки қувваи назариявӣ муайян кардааст, мувофиқат доранд, ӯро ба амалҳои алоҳида равона месозад, ҳарчанд, ки ду маъно дорад. Қувваи амалӣ бояд тамоми қувваҳои тобеъро идора намояд, то ки дар вай тамоюлоти ғайрифаъол (пассив), ки аз ҷисм ва аз ашёи моддӣ бар меоянд, пайдо нашаванд. Ин тамоюлоти ғайрифаъол сифатҳои аҳмақонаи характер (ахлоқ раффаҳ), яъне нуқсонҳо номида мешаванд. Аммо агар, ин қувва дигар қувваҳои ҷисмониро идора кунад, вай характери мусбӣ касб мекунад, ки онро фазилат ё сифати хуби характер меноманд (хулқ ҳасан) [8, 26-27]. Қувваи назариявӣ, баръакс, дорои функсияи идроки табиати воқеии бо ақл даркшаванда мебошад, зеро онҳо аз материя, макон ва вазъ абстраксия (таҷрид) шудаанд. Пас, қувваи амалӣ барои инсон масоили ахлоқиро муайян мекунад. Сабабе, ки аз рӯи он ахлоқ ба ин қувва мансуб дониста мешавад, он аст, ки нафси инсон ҷавҳари ягонаест, ки ба ду самт – яке олӣ ва дигаре сифлӣ мансуб мебошад. Вай дорои қувваҳои хоссаест, ки муносибатҳоро дар байни худ ва ҳар ду самт барқарор менамояд: қувваи амалӣ, ки нафси инсонӣ нисбати самти сифлӣ, яъне ҷисм ва ҳамчунин назорат аз болои он ва идора кардани он дорад; ва қувваи назариявӣ дар нисбати самти олӣ, ки аз он ғайрифаъолона (пассив) идрокшавандаро қабул ва аз худ мекунад.

Нафси инсонӣ гӯё ки дорои ду чеҳра бошад: яке ба сӯи ҷисм, ки онро бояд идора намояд, равон аст, ва дигарӣ ба мабодии олӣ ва фариштаҳо нигаронида шудааст, зеро илмро аз онҳо ба даст меовард [8, 27-28]. Қувваҳои нафси ҳайвонӣ ҳам дар «Эҳё» ва ҳам дар «Меъёрҳо» мушоббеҳ баррасӣ шудаанд. Аммо дар «Эҳё» Ғаззолӣ онҳоро «аскарони дил» (ҷунуд ал-қалб) номидааст, зеро ӯ дар ин китоб умуман хоҳиши истифода кардани истилоҳоти фалсафиро надоштааст, дар ҳоле ки дар «Меъёрҳо» ду қувваи нафси инсонӣ, аниқтараш қобилиятҳои назариявӣ ва амалӣ мувофиқан «илм» ва «ирода» номида шудаанд. Сарфи назар аз ин «мазмуни» Эҳё дар ин нукта бо мазмуни «Меъёрҳо» мувофиқат менамояд ва ҳар дуи онҳо бо тавсифи ин қувваҳои Абӯалӣ ибн Сино комилан мувофиқанд [4, 39-51].

Ин дидгоҳ оид ба қувваҳои нафс мустақиман ва ғайримустақим ба анъанаи фалсафӣ рафта мерасад. Дар ин масъала Ғаззолӣ ба ананаи динии исломӣ ва ананаи хоси исломӣ такя накарда, бо овардани иқтибос аз Қуръон - оятҳое, ки дар онҳо чизи дигаре дар бораи нафс ва бо чӣ инсон бояд нафси худро дониста гирад, сухан гуфта нашудааст. Ғаззолӣ дар он пофишорӣ мекунад, ки шинохти нафс асоси дин мебошад [12, 348], аммо ин тасдиқ муҳтавои ин шинохтро намекушояд, зеро ин масъала дар анъанаи динии исломӣ, зоҳиран, кушода боқӣ мемонад, Ғаззолӣ таҳлили фалсафии нафсро ворид месозад то ки муҳтавои ин шинохтро таъмин гардонад. Ӯ дар бораи робитаи дутарафаи анъанаҳои фалсафӣ ва динӣ оид ба ин масъала огоҳ буда, даъво мекунад, ки тавсифи қувваҳои нафс моли файласуфон мебошад. Яъне, «Ҳеҷ чизеро аз он чӣ мо зикр намудем бо назардошти мулоҳизоти динӣ набояд инкор кард, зеро ҳамаи ин фактҳои мушоҳида мебошанд, ки сайри оддии онро Худо пешбинӣ кардааст» [1, 303]. Ҳамин тариқ, ӯ, таҳлили фалсафии нафсро қабул дорад ва чунин намеҳисобад, ки вай хилофи таълимоти динӣ мебошад. Ӯ вайро ҳамчун нуктаи «табиии» аввалия баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки онро бояд берун аз доираҳои сахтгиронаи фалсафӣ инкишоф дод.

Барои Ғаззолӣ ҳам фазилат ва ҳам хулқи хуб (хулқ, ҳасан) ҳолатеро ифода мекунанд, ки қувваҳои ҷисмонӣ ба қувваҳои амалии нафси инсонӣ тобеъ бошанд. Ин ҳолати муътадил аст ва дур рафтан аз он нуқсонҳо ва хулқи бадро тавлид менамояд. Дар «Меъёрҳо» Ғаззолӣ қувваҳоро хулоса мекунад, ки агар мо хоҳиши касб кардани хулқи хубро дошта бошем, онҳоро бояд инкишоф дод. Вақте ки қувваи тафаккур (қувват ат-тафаккур), тамрин дода мешавад, қувваи ҳикматро дарк мекунад; қувваи шаҳвонӣ эътидолро эҷод мекунад; қаҳру ғазаб шуҷоатро тавлид мекунад.

Замоне, ки дуи охир, ки қувваҳои нафси ҳайвонӣ мебошанд, таълим дода шуда, ба аввалӣ тобеъ бошанд, фазилати адл (адолат) ба даст меояд. Дар «Эҳё» Ғаззолӣ мисолҳо ва мафоҳиме меоварад, ки робитаи байни ин се қувваро шарҳ дода, нишон медиҳанд, ки онҳо чӣ гуна риёзат (тамрин) мекунанд. Ӯ қувваи тафаккурро «ҳӯш» ва «ақл» (интеллект) ва ду қобилияти дигарро «завқ» (ҳаво) меномад. Завқ ва ҳӯш пайваста дар мухолифат бо якдигар қарор доранд. Барои ба даст овардани фазилат, онҳо бояд ба ҳӯш тобеъ шаванд. Аммо проблема дар он аст, ки инсон бояд амалҳои нисбатан аламоварро анҷом диҳад, зеро чунин амалҳоро одатан «ҳӯш» ба вуҷуд меоварад. Сарфи назар аз ин, ӯ бо ин мавқеи фалсафӣ қаноатманд нашуда, мусоидати илоҳиро ҳамчун воситаи боэътимоди фарқ кунонидани ангезаҳои «ҳӯш» ва «завқ»-ро ворид месозад; ба ғайр аз он, ӯ ҳар дафъа, ки инсон шубҳа мекунад, ки кадоме аз ин ду ангеза нияти ӯро дикта мекунад, маслиҳат медиҳад, ки барои ҳидояти илоҳӣ бояд ба ибодати Худо бипардозад [1, 66]. Ин яке аз аввалин тавзеҳотест, ки Ғаззолӣ барои муттаҳид (интегратсия) кардани фазоили фалсафӣ ба системаи ахлоқиаш ворид кардааст.

Вақте ки савол дар бораи аз кадом мафҳум пайравӣ кардан ҳалли хешро пайдо кардааст, муайян намудани навъи амалҳое боқӣ мемонад, ки ба хулқ алоқаманданд. Ғаззолӣ таърифи фалсафии хулқро мепазирад: «Агар чунин бошад, ки рафтори хайрро, яъне аз ҷониби ҳӯш ва шариат маҳмуд бошад, ба вуҷуд меоварад, пас чунин ҳолатро хулқи хуб ва баръакс меноманд» [2, 441].

Хулқи хуб маънои рушди се қобилият, аниқтараш қувваи муҳокима, шаҳвоният ва қаҳру ғазабро дорад. Хулқ бо рафтор, қобилият ва дониши айният дода намешавад; ғолибан ин ҳолати нафс аст, ки амалҳо аз он бармеоянд. Хулқ дар нафс ҷойгир аст; вай муваққатӣ ва лаҳзагӣ набуда, балки доимист. Пас, инсоне, ки зери таъсири лаҳза маблағи калони пулро тақсим мекунад, он қадар сахӣ нест. Ин тавсифи хулқ айнан бо тавсифи фазилат мувофиқ аст ва Ғаззолӣ ҳатто истилоҳи «фазилат» ва «хулқ»-ро ҳамчун муродиф истифода мебарад (масалан, «хулқи саховат») [12, 71].

Тамрин додани қувваҳои нафс решакан кардан ва ё комилан пахш кардани қувваи нафси ҳайвониро ба дунбол намеоварад, ин метавонад танҳо баъди фарорасии марг анҷом ёбад. Аммо ин маънои ба якдигар тобеъ будан ба қувваи тафаккури амалиро дорад, то ки нафс ба сӯи ҳадафи саҳеҳ - саодат- равона карда шавад [8, 66]. Дар асоси ин идея, Ғаззолӣ тафовути пешакии байни ду категорияҳои фазилатро овардааст: камолоти зеҳн (ҷиддат аз-зеҳн) ва фарқ карда тавонистан (тамйиз), аз як ҷониб, ва хулқи хуб, аз ҷониби дигар. Дар ҷои дигари «Меъёр» Ғаззолӣ дар байни фазоили назарӣ ва ахлоқии нисбатан ошкортарро оварда, тасдиқ мекунад, ки фазоил аз санъати назариявӣ ва амалӣ иборат аст. Ҳамин тариқ, на фазилати оддӣ, балки фазилати ахлоқиро метавон бо хулқи хуб айният дод.

Аз вожаҳои фазилат ва хулқ истифода бурдани Ғаззолӣ барои ифода кардани чандин паҳлуҳои характер он як чиз дар равшан кардани нофаҳмоиҳо, аз ҷониби ӯ, фаҳми предмети фазилатро возеҳ намегардонад; ғолибан, ин барои он аз нияти мақсадноки истифода бурдани вожаи хулқ, ки дар адабиёти оид ба анъанаи ахлоқи исломӣ барои ифода кардани фазилат, муродифи фазилат ҳамчунон ки дар анъанаи фалсафаи юнонӣ вуҷуд дорад, истифода мешавад [7, 74-76]. Ҳамин тариқ, Ғаззолӣ ният дорад, ки ҳар нофаҳмоии фазилатро, ки дар натиҷаи тафоввути истилоҳот дар байни ду фанҳои таълимӣ пайдо мешаванд, ҳаллу фасл намояд [6, 19-24].

Ба андешаи Ғаззолӣ, фазилатро метавон аз се усул ба даст овард: одат кардан, таълим гирифтан ва саховати илоҳӣ. Ду усули аввал дар асоси худ якхела мебошанд, зеро омӯхтани амалҳои фазилат дар ҳақиқат ҳам як шакли одат кардан мебошад; аммо Ғаззолӣ дар миёни онҳо тафоввутро қоил шудааст. Одат кардан, барои ӯ муносибати мусбиро аз ҷониби шахс дар саъю талош барои ба даст овардани фазилатро мадди назар дорад, дар ҳоле, ки омӯхтан аз обрӯи устод вобаста аст, ки чӣ гуна фозилона рафтор

карданро ба ӯ таълим медиҳад, ҳарчанд ки ӯ бо тамоми қалб саъй намекунад, ки чунин ҳолатро ба даст оварад. Ғаззолӣ ба сифати мисоли чунин одамони бо нуфуз падар ва устоди маънавӣ (шайх)-ро ёдовар шудааст [9, 76]. Усули саввуми ба даст овардани фазилат, яъне саховати илоҳӣ замоне таҳаққуқ меёбад, ки Худо аз рӯзи таваллуд ато мекунад, ҳамчунон ки бо Исо ва дигар пайёмбарон чунин ҳолат рух дода буд. Ҳамин тариқ, инсон метавонад бидуни одат ва таълим гирифтан соҳиби саховати илоҳӣ гардад. Ғаззолӣ авлиёро низ сазовори атои худовандӣ медонад [9, 76-77]. Ӯ чунин меҳисобад, ки фазилате ки тавассути раҳмати илоҳӣ интиқол меёбад, дар миёни он се нисбатан комилтар аст, ҳатто агар инсоне, ки баробар бо ҳар се усул соҳиби фазилат гаштааст, фозилтарин инсон мешавад [2, 77].

Ҳамин тариқ, Ғаззолӣ консепсияи фалсафии пайдошавии фазилатро модификатсия кардааст, зеро Арасту тасдиқ кардааст, ки инсон табиатан фазилат доштан наметавонад, фазилатро танҳо ба фазли одат соҳиб мегардад. Ба қавли ӯ, табиат ҳам касб намудани фазилат ва ҳам зидмаънои он - разоилро иҷоза медиҳад. Ғаззолӣ дар муқобили ӯ, тасдиқ мекунад, ки фазилатро метавон (би ат-табъ) табиатан низ ба даст овард. Аз ин рӯ, Ғаззолӣ ба имкони бо фазилат таваллуд шудан таваҷҷуҳ намуда, имконеро, ки таълимоти динии исломӣ чӣ дар Қуръон ва чӣ дар суннати набавӣ вуҷуд дорад, ворид намудааст. Аммо ӯ илова менамояд, ки барои аксарият ин усули ба даст овардани фазилат кори саҳлу оддӣ нест.

Ба ҳар ҳол, инсон метавонад аз рӯзи таваллуд дорои фазилати модарзодӣ бошад ва дар бораи он бештар сухан гуфтан номумкин аст.

Ғаззолӣ фазоили иктисобиро, ки табиатан ба инсон дода нашудаанд, баррасӣ намуда, муҳим будани одатро таъкид карда, ҳадиси пайёмбарро, ки дар он гуфта шудааст: «Ҳар касе бо фитраи муайян зода мешавад; аммо волидонаш ӯро яҳудӣ, масеҳӣ гардонидаанд»-ро ёдовар шудааст» [6, 77-78]. Ғаззолӣ андешаи онро, ки хулқ сифати табии тағйирнаёбанда мебошад, дар он асос инкор менамояд, ки агар он рост мебуд, таълимот, насиҳатҳо ва ҳатто рисолати тамоми пайёмбарон бефоида мебуданд. Асоси дигари инкор намудани тағйирнаёбанда будани хулқ он далел аст, ки ҳайвонотро метавон хонагӣ кард [6, 78]. Зиёда аз ин, Ғаззолӣ одатро дар касб намудани фазилат ҳамчун омили ҳалкунанда баррасӣ мекунад, зеро аксарият тасдиқ мекунанд, ки фазилат одати хубест, ки ба мисли ваҳӣ таҳти таъсири зеҳн қарор дорад [6, 68-69]. Муҳосибаи одат аз он иборат аст, ки оё омилро писанд меёбад. Ба қавли Ғаззолӣ, одат қариб, ки метавонад табиати (натураи) дуввуми инсон бошад. Ин, ба андешаи ӯ, дар нуқсонҳои муқаррашуда ба онҳое шодӣ меоваранд, ки онҳоро дар амал татбиқ менамоянд, масалан, одами бозингар дар бозӣ, ҳаннотро дар ҳаннотӣ ва анусат (занмонанд)-ро дар нозукӣ [3, 4446-450]. Ӯ тасдиқ мекунад, ки агар нафсро ба корҳои бад одат кунонидан тавонем, ки ба табиати ӯ зоти ӯ бегона бошанд, пас нафсро ба омӯхтани фазилат одат кунонидан беҳтар аст, ки табиӣ мебошанд. Аз сабаби он ки нафс аз ҷисм бо он фарқ мекунад, ки асли вай илоҳӣ ва рӯҳонӣ ва ҷисм бошад моддӣ аст ва аз сабаби он ки фазилат маънои онро дорад, ки қувваҳои ҷисм тобеи қувваҳои машваратӣ мебошанд, табиист, ки фазилат барои нафс табиӣ дар он маъност, ки вай нафсро аз контрол (муҳосиба) кардан аз болои қувваҳои ҷисмонӣ озод мегардонад, то вай табиати маънавии рӯҳонии худро дарк карда тавонад. Нуқсонҳо, баръакс ба вай таъсир мерасонанд. Ғаззолӣ ба даст овардани нуқсонҳоро бо хӯрдани қалъагӣ (маъдан) муқоиса мекунад, ки барои организм хӯрдани он «табиӣ» намебошад. Дар муқоиса нуқсон барои нафс «ғайритабиӣ» нест, дар ҳоле, ки фазилати касбшуда бо истифодаи ғизо муқоиса карда мешавад [1, 451].

Барои ба даст овардани фазилат, инсон бояд амалҳои хуб анҷом диҳад, то анҷом додани ин амал барояш одат шавад. Одати хуби аз худ кардаро бояд бо роҳи пайваста анҷом додани амалҳои хуб тақвият бахшид. Чунин амалия ва иҷро муҳим будани амалро дар гирифтан ва ҳифз кардани фазилат таъкид менамоянд. Масалан, барои одил будан, қабл аз ҳама бояд боадолатона рафтор кард [7, 93].

Дар барномаи таҳзиби атфол, Ғаззолӣ тасдиқ мекунад, ки агар кӯдак ба хайр таълим шуда бошад, аз ӯ одами бо фазилат ба воя мерасад, аммо агар ба нуқсон одат карда бошад, ӯ шахси золим хоҳад шуд. Ғаззолӣ ҳамин тариқ, фазилатро бо одати хуб айният дода, зимни он имкони бофазилат таваллуд шуданро иҷоза медиҳад. Ба қавли дигар, ҳарчанд мумкин аст, ки инсон метавонад худодод модарзод табиӣ ба дунё омада бошад, усули оддии касби фазилат одати хуб аст. Барои он ки одати хуб фазилат ҳисобида шавад, вай бояд, ки дар нафс устувор карда шавад, вай наметавонад танҳо бо анҷом додани як амали хуб пайдо шавад ва наметавон онро бо як инҳирофи тасоддуфӣ аз байн бурду вайрон кард.

Аммо ҳодисаи воҳиди вайрон кардан метавонад дигар тамоюлотро барангезонида, ахиран, фазилатро халалдор созад. Ба фазилати пешрафт як амали хайр метавонад амалҳои хайри дигарро ба вуҷуд оварад ва ҳамин тариқ, ба фазилат оварда расонад. Барои бофазилат будан ба ғайр аз касб кардани одатҳои хуб ва амалҳои ҳамешагӣ тибқи онҳо рафтори бо фазилат бояд мақбул бошанд, аммо рафтори бад (ба қавли Ғаззолӣ – мазамматшуда) беморкунанда бошанд. Ба ақидаи ӯ, шодие, ки инсон ҳангоми амали бофазилат эҳсос мекунад, маънои онро дорад, ки ӯ аз аҳли фазилат аст ва ё худро бо фазилат нишон дода, вале дардро эҳсос мекунад.

Адабиёт:

1. Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ. Эҳё ул-улуми-д-дин / Тарҷумаи Муаядудин Хоразмӣ. - Теҳрон, 1375 (ҳ). - 765 с.

2. Ғаззолӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад. Насиҳат-ул-мулук. Мусаҳҳеҳ Азизуллоҳ Ализода. - Теҳрон: Фирдавс, 1361 (ҳ). - 176 с.

3. Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат. Ҷ. 1. - Душанбе: Эр-Граф, 2008. - 666 с.

4. Аль-Газали. Начало наставлений на истинный путь / Перевод с арабского яз. - Махачкала, 2000. - 594 с.

5. Аль-Газали Абу Хамид. Воскрешение наук о вере. - Москва, 1980. - 376 с.

6. Аль-Газали Мухаммад. Избавляющий от заблуждения / Перевод с арабского А. Сагадеева. - Москва, 1960. - 442 с.

7. Абу Хамид ал-Газали. Нравственность мусульманина. - Киев, 2003. - 364 с.

8. Аль-Газали Абу Хамид. Наставление правителям и другие сочинения. - Москва, 2005. - 298 с.

9. Аль-Газали Абу Хамид. Весы деяний. - Москва, 2004.

10. Али-заде А. Газали Мухаммад // Исламский энциклопедический словарь. - Москва: Ансар, 2007. - С. 187-189.

11. Макотиби форсии Ғаззолӣ ба ном «Фазоил-ул-анъом мин расоили Ҳуҷҷат-ул-ислом». Ба тасҳеҳи Аббос Иқбол. - Теҳрон, 1333. - 116 с.

12. Пурҷаводӣ Насруллоҳ. Ғаззолӣ ва маоҳизи суфиёнаи ӯ // Маориф. - Теҳрон, 1353. - №3. - С. 52-94.

ПОНЯТИЕ НРАВСТВЕННОГО СОЗНАНИЯ В УЧЕНИИ МУХАММАДА ГАЗАЛИ

Насриддинов Х.Н.

В статье речь идёт о нравственном пространстве, которое занимает высокое место в науке этики, и подавляющее большинство моральных произведений учёных посвящено его объяснению. Мораль в нравственном учении Древней Греции до сих пор оспаривается и передаётся из поколения в поколение в учениях представителей различных древних школ, ещё до времён Платона и Аристотеля. Чтобы достичь добродетели, человек должен совершать добрые дела, чтобы это стало для него привычкой. Добрую привычку следует укреплять, постоянно совершая добрые дела. Такие поступки и поступки подчеркивают важность поступков в получении и сохранении добродетели. Например, чтобы быть справедливым, нужно прежде всего быть справедливым.

Именно под влиянием идей древнегреческих учёных в этическое пространство вошло в средневековые нравственные учения исламского Востока путём перевода их произведений на арабский язык, обсуждалось и анализировалось в трудах Ибн Мискавайха, Фараби, Ибн Сино, Ибн Ади и десятков других ученых. Мухаммад аль-Газали также уделял особое внимание вопросам

нравственного пространства, и в большинстве своих нравственных книг он обсуждал, анализировал и разъяснял их.

В статье анализируется краткая история нравственных пространств, общее описание, психологическая основа пространств, психологическое происхождение пространств, их место и статус в нравственном учении Мухаммада аль-Газали.

Ключевые слова: *мораль, аль-Газали, средневековый Восток, добродетель, справедливость, философия, учение, недостаток и др.*

THE CONCEPT OF MORAL CONSCIOUSNESS IN THE TEACHINGS OF MUHAMMAD GHAZALI

Nasriddinov H.N.

The article deals with the moral space, which occupies a high place in the science of ethics, and the vast majority of moral works by scientists are devoted to its explanation. Morality in the moral teaching of Ancient Greece is still disputed and passed down from generation to generation in the teachings of representatives of various ancient schools, even before the times of Plato and Aristotle. To achieve virtue, a person must do good deeds so that it becomes a habit for him. A good habit should be strengthened by constantly doing good deeds. Such actions and actions highlight the importance of actions in acquiring and maintaining virtue. For example, to be fair, you must first be fair.

It was under the influence of the ideas of ancient Greek scientists that the ethical space entered the medieval moral teachings of the Islamic East by translating their works into Arabic, discussed and analyzed in the works of Ibn Miskawaih, Farabi, Ibn Sino, Ibn Adi and dozens of other scientists. Muhammad al-Ghazali also paid special attention to issues of moral space, and in most of his moral books he discussed, analyzed and explained them.

The article analyzes a brief history of moral spaces, a general description, the psychological basis of spaces, the psychological origin of spaces, their place and status in the moral teaching of Muhammad al-Ghazali.

Key words: *morality, al-Ghazali, medieval East, virtue, justice, philosophy, teaching, disadvantage, etc.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

РУШДИ ФАРҲАНГ ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР

Зиёзода Н.И. - ходими илмии Шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии ИФСҲ АМИТ,
E-mail: nodirziyoev@mail.ru; Тел.: 901111220
Ҷангибекова С.И. – унвонҷӯи ИФСҲ АМИТ, E-mail: jangibekova@bk.ru; Тел.:935141672

Фарҳанг асоси зиндагӣ ва бунёди ҳастии инсон аст. Пайдоиши фарҳанг бо таърихи башарият пайвастагии ногусастание дорад: он дар робита бо инсон ба вуҷуд омада, баробари инкишофи шууру маънавиёти ӯ такомул меёбад. Дар ин мақола кӯшиш шудааст, ки нахуст муносибати байни фарҳанг ва ҷаҳони муосирро равшан кунад ва сипас ин робитаро дар ҷиҳатҳои гуногун баррасӣ кунад. Пас аз он таърифи мушаххаси фарҳанги муосир оварда шудааст. Воқеан, фарҳанг офаридаи худи инсон аст, ки ба тавассути он одамон на фақат тамоми ниёзу ҳастии худро таъмин менамоянд, балки ба муҳити табиию иҷтимоӣ дигаргунӣ дароварда, худро низ комилан тағйир медиҳанд.

Калидвожаҳо: *Фарҳанг, инсон, табиат, ҳунар, модернизм, таҳаввулот, ҳаёти маънавӣ, субъекти фарҳангӣ, фарҳанги пасомодернӣ.*

Мо имрӯз дар ҷаҳоне зиндаги мекунем, ки шояд аз фарҳанг номе монда бошад, дар ҳоле ки таваҷуҳ ба он дар сояи масъалаҳои иқтисод ва сиёсат, рӯз то рӯз камрангтар мешавад ва ба назар мерасад, ки ин буҳрон ҷоҳонро фаро гирифтааст.

Рушди босуръати техника, саъю кушиши инсон барои фатҳ намудани табиат ва ноил шудан ба гул-гулшукуфии комил аҳли оламро нисбат ба маданият чунон бепарво кардааст, ки тарси сарнавишти талх пайдо мешавад; Чунон ки мо дар вазъияти ҳозираи инсоният нишонаҳои равшани онро дидем. Бисёре аз рӯйдодҳои талхе, ки имрӯз ҷаҳон бо он рӯбарӯ аст, аз ҳамин беэътиноӣ ба рушд ва рушди фарҳанг ба вуҷуд омадааст. Дар ин ҳолат суолҳое ба миён меояд, мебоист ба онҳо посух пайдо кунем.

Нақш ва вазифаи фарҳанг дар ҷаҳони имрӯза чӣ гуна аст? Ҷузъҳои ҷомеаи фарҳангӣ кадомҳоянд ва кишвари мо ба ин ҷузъҳо то кучо наздик аст? Фарҳанг, сиёсат ва иқтисод чӣ гуна робита дорад? Ҳукуматҳо чӣ гуна метавонанд ба афзоиш ва рушди фарҳанг дар ҷомеаҳо кӯмак расонанд?

Бӯҳрони ҳувият дар кишварҳои мухталиф метавонад падидаҳои аз байн рафтани хотираи гузаштаи таърихӣ, дар шакли ифротӣ дар як навъ манкуртпарастӣ, инкори рамзҳои миллӣ, гум шудани эътиқод ба идеали миллӣ ё рисолати давлати миллӣ, холигоҳро байни он чизе, ки воқеият аст ва он чизе, ки бояд бошад, пастшавии арзишҳо ва ғайраро ба вуҷуд орад[2, с. 290].

Дар вазъи дар ин рӯзҳо дар кишвар ба назар мерасад, ки фарҳанг мазлум аст ва бар хилофи шиорҳое, ки дар самти рушду тарғиби фарҳанги ҷомеа мешунавем, камтарин талош ва ҳатто нигарониро мебинем.

Пас аз ҷанги дувуми ҷаҳон, махсусан дар муносибатҳои байни мамлакатҳои мустамликадор дигаргунихо ва пешравихои васеъ ба амал омаданд. Пас аз он ки мутафаккирон ва рӯшанфикрони кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва ҷаҳони саввум дар як озмоишу иштибоҳи тӯлонӣ дарк карданд, ки модели рушди ғарбӣ наметавонад ба дарду ниёзҳои онҳо посух диҳад ва наметавонад ба сӯи рушд равад "эндогенӣ". Дар ин сиёсат ба ҷои пайравӣ аз фарҳанги Ғарб, фарҳангу арзишҳои бумӣ, бумӣ ва миллӣ ҳамчун нуқтаи ибтидоии ҳар гуна ҳаракати пешқадам таъкид шуда, модели рушди ғарбӣ намунаи воридотӣ дониста мешуд. Аз он вақт инҷониб фарҳанг оҳиста-оҳиста дар маркази таваҷҷӯҳи мутафаккирон ва тарҳрезони ҷаҳон, бахусус дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ қарор гирифт.

Дар идомаи ин раванд “ЮНЕСКО”, созмони таълимӣ, илмӣ ва фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид ба таври ҷиддӣ вориди майдон шуда, ба унвони маркази аслии тарҳрезӣ ва экспертизаи фарҳангӣ ба фаъолият оғоз кард. Дар натиҷаи ин талошҳо ва амалҳои ЮНЕСКО дар солҳои 70-уми садаи бистум бори нахуст мафҳуми «рушди фарҳангӣ» пайдо шуда, аз авоили солҳои 80-ум ба таври расмӣ ба адабиёти рушд ворид гардид.

Дар мавриди ҷой ва аҳамияти рушди фарҳанг метавон нуктаҳои зеринро баррасӣ кард:

Бо гузашти замон ва густариши ҷомеаҳои пешрафта мушкилот ва ҷанбаҳои харобиовари рушд ҳам дар кишварҳои пешрафта ва ҳам дар мамлакатҳои тараккиёбанда ва ҷаҳони сеюм равшантар гардид. Аз байн рафтани табиат, афзоиши олудашавии муҳити зист, идомаи фақру нобаробарии иҷтимоӣ, густариши фасод ва ғайра аз вазифаҳои пинҳонии рушд дар кишварҳои пешрафта мебошанд. Аммо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, пас аз талошҳо ва сарфи миллиардҳо воҳиди пули миллӣ, гузашти вақт нишон дод, ки бисёре аз ин кишварҳо на танҳо ба рушд ноил нашуданд, балки дар ҳолати бесарусомонӣ ва тангии фарҳангӣ ва нофаҳмиҳои сиёсӣ қарор доранд раванди нокомии рушд. Он метавонад дар кишварҳои гуногун гуногун бошад, ба монанди набудани ҳукумати муассир, ҷамъшавии сармоя, норасоии захираҳои инсонӣ ва ғайра, аммо он чизе, ки дар аксарияти мутлақи ин кишварҳо маъмул аст, метавон ҳамчун омили асосӣ ва сабаби ин аст, ки ин кишварҳо бояд ба ҷои рушди эндогенӣ ба рушди экзогенӣ рӯ оранд. Яъне аз рӯи фарҳанг, таърих ва расму оини худ рушдро оғоз накардаанд, балки ҳар он чизе, ки дар Ғарб ба вуқӯъ пайваст, дар харобаҳои суннат, замонавӣ ва тараққиёти кишварҳои Ғарбӣ намуна гузошта мешуд. Яъне бо истифода аз фарҳанг ва анъанаи худ тавонистанд, ки роҳи навсозиро боз кунанд ва ба рушд ноил гарданд, вале азбаски фарҳанг ва суннати онҳо аз фарҳанг ва анъанаи Ғарб тафовут дорад, дигар кишварҳо наметавонанд зина ба зина амал кунанд, мисли онҳо. Тақлид ва пайравӣ ба модел ва нишондодҳои рушде, ки дар Ғарб ба далели пайдоиши беруна ва моҳияти синфии сохти капиталистӣ ва номутобиқатӣ бо арзишҳои фарҳанги кишварҳои сусттараккикарда рух додааст, боиси низоъи равонӣ ва бӯҳрони ҳувияти фарҳангӣ гардид.

Бо омӯхтан ва баррасии назарияҳо ва фаъолияти солҳои 70-80, ЮНЕСКО ва дигар кишварҳо оид ба рушди фарҳанг метавон гуфт, ки рушди фарҳанг; Пеш аз ҳама, ин эҷоди табдил ва эҷоди арзишҳо, муносибатҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои мувофиқ мебошад, ки дар шакли ҷомеа барои қонеъ кардани ниёзҳои инсон заминаҳои зарурироро фароҳам меорад. Дуюм, рушди фарҳангӣ бо тағйирот ва таҳаввули фарҳангӣ дар як ҳудуди сиёсӣ иртибот дорад, на ба сатҳи байналмилалӣ. Сеюм, рушди фарҳанг дар ду ҷиҳат, статикӣ ва динамикӣ баррасӣ мешавад, рушди фарҳанг ин тақсимоти одилонаи иншооти фарҳангӣ ва имкониятҳо барои ҳама шаҳрвандон мебошад. Дар ченаки динамикӣ, он ба эҷоди тағйироту таҳаввулот дар унсурҳои фарҳанг нигаронида шудааст, то он ба шароити замонӣ ва фазоӣ мутобиқ карда шавад ва дар натиҷа ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад.

Яке аз масъалаҳои глобалии ҷомеаи кунунӣ заъфи фарҳанги маънавӣ ба ҳисоб меравад, ки натиҷаи интишори иттилооти якранг аст. Ин ҳолат тасаввуроти мардумро дар бораи ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ заиф намуда, раванди «косташавии маънӣ»-и фарҳангро шиддат мебахшад. Бартараф шудани бӯҳрон ва ҳифзи фарҳанг бошад ба худинкишофдиҳӣ ва таҳаввулоти худи фарҳанг вобаста аст. Фарҳанг низоми боз аст, яъне он ҳанӯз ба дараҷаи ниҳоии такомул нарасида, дар ҳоли рушд ва иртибот бо низомҳои ғайрифарҳангӣ қарор дорад. Бинобарин, моро зарур аст, ки пеш аз ҳама ба тамоюли рушди берунии фарҳанг таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Фарҳанг табиат нест, он дар иртибот бо табиат пайдо шуда, рушд намудааст. Муносибати онҳо ҳамеша соддаю осон набудааст. Инсон – офарандаи фарҳанг, тадриҷан аз таъсири нерӯҳои табиӣ раҳоӣ ёфта, офаридаҳои худро ба воситаи тасхир ва тобеъсозии табиат табдил дод. Ҳамин ки инсон бар табиати заминӣ ҳоким гардид, дурандештарин одамон ба хулосае расиданд, ки дар баробари

табиат фарҳанг, ки дар дохили он равандҳои манфӣ ба вуҷуд омадаанд, низ ғуломи инсон гардид. Инсон муносибаташро бо худ ҳамчун як ҷузъи табиат дар нисбати табиат ҳамчун «бегона» дигар намуда, дар ҳолати душвор қарор гирифт. Охир ӯ ҷисман аз табиат, ки гӯё барои фарҳанг бегона гардидааст, ҷудо буда наметавонад. Бинобарин, инсон худро маҷбур намуд, ки аз байни табиат ва фарҳанг якеро интихоб намояд. Танқиди фарҳанг, ки дар асри XVIII аз тарафи Ж. Ж. Руссо оғоз гардид, дар баъзе назарияҳо то ба ҳадди инкори пурраи фарҳанг расида, андешаи «табиатан зидди фарҳанг будани инсон» ироа шуд ва фарҳанг ҳамчун воситаи саркӯбсозӣ ва ғуломсозии инсон (Ф. Нитсше) тавсиф гардид. З. Фрейд фарҳангро ҳамчун механизми иҷтимоии фишороварӣ ва сублиматсияи равандҳои психикии бешуурона баррасӣ намуд. Ин ҳама дар ҳоле сурат гирифт, ки инсоният бо ҷидду ҷаҳд воситаҳои тобеъсозии табиатро ба вуҷуд меовард. Муқобилати фарҳанг ва табиат ҳанӯз ҳам идома дорад. Аммо баъзе нишонаҳои гузариш аз ин ҳолат ба мушоҳида мерасанд. Ғояи ноосфера – шоҳигарии ояндаи Ақл, Некуӣ ва Зебоӣ, ки аз тарафи В. И. Вернадский ва П. Тейяр де Шарден таҳия ва пешниҳод гардид, солҳои охир тарафдорони зиёд пайдо кард. Принсипи табиат-муносибӣ, ки аз як тараф дар асоси ғояҳои ғайримустақим ироашуда дар бораи масъулияти фарҳанг дар назди табиат ба вуҷуд омадааст ва аз тарафи дигар бар озодии нисбии «табиати дуюм» аз «якум» ва табиати маснӯӣ аз воқеӣ, инчунин фосилагирии ногузири равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз биологӣ асос ёфтааст, ҳамчун яке аз нишонаҳои рушди фарҳанг эътироф карда шуд.[1, С. 14-17]

Қонуниятҳои асосии рушди дохилии фарҳанг бо тамоюлҳои берунии рушди фарҳанг ва таҳаввули муносибати он бо табиат иртиботи боз ҳам наздиктар касб намудаанд. Яке аз тамоюлҳои асосии рушди дохилии фарҳанг зиёд шудани масрафи неруи ақлонии инсон дар нисбати нерӯи ҷисмонии ӯ мебошад. Ба шарофати инқилоби илмӣ-техникӣ аз миёнаҳои асри XX ба таври қатъӣ кам шудани эҳтиёҷ ба меҳнати вазнини ҷисмонӣ ба мушоҳида мерасад. Талошҳои ҷисмонии инсон дар ташаккули равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ тадриҷан коҳиш ёфта, нақши камтар мебозанд. Ҳамин тариқ, фарҳанг зина ба зина худро ҳамчун маҳсули эҷоди маънавӣ, ақлонӣ ва равонии инсон зоҳир менамояд. Вобаста ба ин арзиши талошҳои маънавӣ бемайлон афзоиш меёбад. Ва агар қаблан донишҳои улуми табиӣ аксаран чун меъёри пешрафти фарҳанг шинохта мешуданд, пас ҳоло баробарии онҳо бо донишҳои фанҳои ҷамъиятӣ барқарор шуда истодааст [3, с. 280].

Дигар тамоюли дохилии таҳаввули фарҳанг гузариш аз бархӯрди ҷиддии фарҳангҳои «бумӣ», «гурӯҳӣ», «субъективӣ» ба марҳалаи муколамаи онҳо мебошад. Асри XX ба фаҳмиши раванди фарҳангӣ драматизми пуршиддат, эҳсоси фоҷиавии талафоти барқарорнашавандаро ворид намуд. Ғояи номуттасилии фарҳанг ва муқоисанашавандагии фарҳангҳо ба таври нисбатан муттасил дар назарияи О. Шпенглер таҷассум ёфтааст.

Қабул намудани фарҳанги субъектҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ҳамчун «организмҳои мумиёишуда» бар ақидае асос ёфтааст, ки ҳар як фарҳанг аз «нахустпадида»-и бемисли хос – «таҷрибаи ҳаётӣ», тавлид меёбад. Агар дар назарияи навъҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва ҳалқаҳои фарҳангӣ чунин бархӯрд ҳангоми таҳлили иртибот байни фарҳанги халқиятҳои гуногун истифода шавад, пас дар таълимоти чапгароён ва ростгароёни ифротӣ он дар муқобалаи фарҳангҳои синфҳои гуногун (назарияи «ду фарҳанг» дар ҷомеаи синфӣ), дар таълимоти «чапгароёни нав» ва баъдан «ростгароён» аз ҳамин мавқеъҳо муносибати аксулфарҳанги «нав» бо фарҳанги «куҳан» тавсиф дода мешаванд. Ҳамин тариқ, дар доираи сотсиологияи детерминизми иқтисодӣ барои «навгароён» ба ҳайси ҳомилони фарҳангҳои носозгор ва якдигарро инкоркунанда ҷавонон ва насли калонсол баромад мекунанд [3, с. 280]. Ихтилоф, якдигарнофаҳмӣ ва қабул накардани фарҳанг ҳамчун воқеияти ногузир баррасӣ карда мешаванд. Аммо вазъи муосири равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ андешаи инкори дуҷонибаи фарҳангро дар ҳоли

нигаронӣ ва завол қарор додааст. Зарурати тамомияти фарҳангӣ танҳо тавассути «фарҳанги мухолиф» – бо роҳи дарки имконнопазирии мавҷудияти он дар шакли ихтилоти фарҳангӣ дар оянда дарк карда мешавад.

Дигар тамоюли муҳими таҳаввули фарҳангиро метавон дар рафъи ихтилоф (бо ҳифзи таноқуз)-и байни фарҳанги анъанавӣ ва фарҳанги навоварона мушоҳида кард. Ин тамоюл татбиқи худро дар фарҳанги постмодернизм пайдо намудааст. Ҳарчанд ифода кардани марҳалаҳои томи фарҳангӣ тавассути мафҳумҳои «класситсизм» ва «модернизм» шартӣ аст, аммо чунин тарзи ифода имкон медиҳад, бубинем, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ номутассилии фарҳангро дар маҳдудаи замонӣ чӣ гуна нишон медиҳанд.

Дар ибтидои асри XX дар фарҳанг усули «модерн» мавқеи устувор пайдо кард. Модернизм – талоши нав барои инъикоси воқеият, махсусан фарҳанг на чун табиат, балки ҳамчун як падидаи ғайритабиӣ, маснуӣ, нав ва покиза, ба тамоми самтҳои ҳаёти маънавӣ, пеш аз ҳама ҳунар ва илмҳои ҷамъиятӣ роҳ ёфт. Тозагӣ, ғайримаъмулӣ ва зиддианъанавӣ будан дар доираи ин усул ҳамчун мафҳумҳои айнӣ фаҳмида мешаванд. Тадриҷан ҳама он чизе, ки ба модернизм мутааллиқ буд, ба анъана табдил ёфт, ба анъанае, ки дар ибтидо ин фарҳанги пешсаф аз он фосила мегирифт. Аммо дар ҷустуҷӯи шакл ва мазмуне, ки то ба ҳол ба фарҳанги мавҷуда (то ҷое куҳна ва нолозим) алоқа надошта бошад, фарҳанги нав худро ба бунбасти музахрафот – мусиқии беоҳанг, рассомии бетасвир, илм ва идеологияи бетавзеҳ, расонид, ки на барои худмуҳофизатӣ, балки худхаробсозии субъекти идеология, ки аз анъанаи устурашиносӣ канда шуда буд, хизмат мекунанд [5, с. 335].

Эҳтиёҷоти табии офарандаи фарҳанг ҳангоми ифода кардани беҳудагӣ ва носозгории олам дар шакле сурат мегирад, ки ин беҳудагиро боз ҳам қувват мебахшад. Дар фарҳанге, ки саршор аз ноҷӯрӣ (какофония) аст, аз ҳама бештар эҳтиёҷ ба хомӯшӣ эҳсос карда мешавад, ба хомӯшие, ки бе он «пурра кардани захираи тиллоии арзишҳои фарҳангии инсон» номумкин аст. «Хомӯшӣ» тадриҷан оромишро таъмин намуда, пулҳои вайроншуда ба сӯйи фарҳанги анъанавиро барқарор мекунад ва дар ин замина арзишҳое, ки тавассути фарҳангҳои рушдёфтаи пешин ба вуҷуд оварда шуда буданд, дар шакли нави ғанӣ зуҳур мекунанд. Иртиботи харобгаштаи замонҳо барқарор мегардад ва боз як бори дигар инсоният мутмаин мегардад, ки «дастхатҳо асло намесӯзанд».

Фарҳанги пасомодернӣ фарҳангест пуразият, аммо он бемайлон вартаи дар байни фарҳангӣ пешин ва нав, ё фарҳанги сохташудаву сохташавандаро убур мекунад. Дар дохили ин фарҳанг, ки моломоли аломоту рамзҳои фарҳангӣ аст, барои нигоҳ доштани анъана ва дар ин баробар қафо намондан аз замони нав мувофиқа ба вуҷуд меояд. Ниҳоят, дар матни таҳаввулоти фарҳангии муосир раванди тағйири шахсият ҳамчун субъекти фарҳанг инъикос меёбад[6, с. 490]. Гуногунии фарҳангӣ, ки марбути олами берунии инсон буд, ба муҳимтарин сифати олами дарунии ӯ табдил меёбад. Раванди офариниши фарҳанги муосир шахсро маҷбур месозад, ки аз талош ба ягонагӣ (тамомият) ва ҳам аз намоиши бардурӯғи ягонагӣ худро дур нигоҳ дорад. Ихтилофоти ботинӣ ва кӯшиши бартараф намудани онҳо ҳолати муқаррарии ҳаёти маънавии инсон – субъекти фарҳангӣ, ба ҳисоб меравад. Ба ҷойи инсоне, ки тамоми падидаҳои фарҳангиро бо як меъёр андоза мекард, шахсияте ба миён меояд, ки мухолифатҳоро на чун фоҷиа, балки ҳамчун омили табдили раванди эҷодӣ қабул мекунад.

«Имрӯз вазифаи муҳимтарин ва таъхирнопазири мо ин ба камол расидани аҳли ҷомеа, бахусус насли наврас, эҳёи ғояҳои миллӣ, мафкураи миллӣ, эҳсоси муҳаббату садоқат ба Ватан, тарбия намудан дар рӯҳияи миллӣ ва фарҳангӣ мебошад. арзишҳои умумибашарӣ» [4, С. 23-24].

Комёбихои инсон дар шакли техника дар давоми 300 соли охир ба инкишофи маданияти моддии чамъиятхо таъсири калон расонданд. Технология маҷмӯи усулҳо, таҷрибаҳо ва илмҳои амалӣ мебошад, ки одамон барои азхудкунии муҳити зист ва ҳалли масъалаҳои марбут ба муносибати онҳо бо муҳити зист истифода мебаранд.

Технологияи дуруст бо асосҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа, ки онро истифода мебарад, технологияи дуруст барои рушди фарҳангии ҷомеа чанд бартарият дорад:

1. Дастовардҳои инсонӣ ҳар қадар бештар ба низоми иҷтимоии ҷомеа иртибот доранд; ҷамъият, ин худи проблема боиси мустаҳкам шудани техника гардида, парокандагии маданиро дар ҷамъият кам кард.

2. Мутобиқати фанноварӣ бо фарҳанги мавҷуди ҷомеа кафолати роҳати мардуми минтақаро медиҳад. Аксар вақт рушди технологияи мувофиқ ба фарҳанги ҷомеа боиси афзоиш ва огоҳии он фарҳанг мегардад, ҳар қадар технология ва дастовардҳои инсонӣ дар андозаҳои миёна ва камхарҷ барои ҷомеа истеҳсол шаванд, ҳамон қадар манфиати он камтар мешавад. ба ҳаёти мадании аъзоёни ҷамъият таъсир мерасонад.

3. Дар кишварҳои фақир ба далели дастрасӣ ба фанноварӣ дар миқёси васеъ онҳо ба истифодаи оптималии фанноварихои мувофиқ майл доранд.

4. Технологияи муносиб барои ҳалли мушкилоти кишварҳои рӯ ба тараққӣ омили хеле хуб барои кашфиёт ва навоваришои илмӣ мебошад. Ба қавли Ден, ҳадафи фарҳангии технологияи мувофиқ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ мувофиқат бо ормонҳо, фарҳанг ва анъанаҳои иҷтимоӣ аст ва боиси парокандагии иҷтимоӣ нашавад.

Адабиёт:

1. Библер В. С. Культура. Диалог культур / Вопросы философии. – №6, 1989. – С. 14-17

2. Библер В.С. От наукоучения - к логике культуры. М., 1990. С. 290.

3. Гуревич П. С. Культурология. − М., 1996. – 280 с.

4. Каримов И.А. «Идея национальной независимости: основные понятия и принципы», 1999.Т. 8. С. 23-24.

5. Маркарян Э. С. Теория культуры и современная наука. – М., 1983. – 335 с.

6. Соколов Э. В. Культурология: Очерки теорий культуры. – М., 1994. – 490 с.

Обобщение вышеизложенных вопросов, показывает, что государственные органы, проявляющие заботу о будущем поколении, не смотря на все свои достижения и осуществленных мер, все еще не смогли предоставить молодым гражданам соответствующий и требуемый уровень жизни. Отсюда и следует необходимость предусмотреть различные методы и способы устранения упомянутых проблем в «Национальной стратегии развития Республики Таджикистана на период до 2030 года». В этом важном документе отчасти говориться: «Мы предусматриваем дальнейшее устойчивое развитие страны в индустриальной и инновационной сфере, стремимся к повышению эффективности использования ресурсов и возможностей во всех сферах социально-экономической жизни и уже осуществляем отдельные меры для недопущения уязвимости национальной экономики страны в долгосрочный период» [7].

Для эффективного осуществления социальной молодежной политики и устранения общественных проблем необходимо, чтобы государство и общетсво создали благоприятные условия для жизнедеятельности молодёжи. Реализации молодежных проектов, прежде всего, способствуют развывающаяся экономика, организованное и устойчивое развитие государства, политическая стабилизация, подходящая культурная атмосфера и поддержка созидательных инициатив молодежи.

После изучения и анализа теоретических и эмпирических материалов, имеющихся нормативно-правовых актов, а также действительное положение молодежи в сфере социальной защиты, можно сделать следующие заключения и выводы:

– социальная защита молодежи в условиях трансформирующегося таджикистанского общества в государственной молодежной политике занимает особое место;

– эффективность осуществления государственной молодежной политики, особенно её социальные аспекты, прежде всего, зависит от двух основных и взаимосвязанных факторов: теории молодежной политики и практической её реализации;

– решение жилищного вопроса молодежи может способствовать преодолению нескольких других проблем молодежи, в том числе безработицы, миграции, снижения цен на жилищном рынке. Поэтому в государственной молодежной политике этот вопрос всегда должен быть объектом изучения и принятия конкретных мер;

– в период гражданской войны и экономического кризиса основу молодежной социальной политики составили оказание денежных пособий и социальные гарантии. Именно в этот период были установлены различные виды помощи и поддержки, услуги и социальные льготы, которые финансируются из государственного бюджета;

– с добыванием необходимых денежных средств и повышения финансового дохода у молодежи появляется больше возможностей защитить свои интересы, осуществить различные проекты и в результате укреплять свою позицию в обществе;

– гарантии, льготы, пособии и другие компенсации, одновременно с улучшением социально-экономической ситуации, также имеют политическое значение, которое состоит в снижении уровня напряженности в обществе.

Основатель национального мира и единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своем послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» 23 декабря 2022 года Президент страны заявил: «С целью профессионализации граждан, в том числе молодёжи, Правительству страны необходимо на основе анализа состояния внутреннего и внешнего рынка труда разработать и реализовать проект среднесрочной программы подготовки профессиональных кадров начального и среднего звена из числа молодёжи для национальной экономики... Охват молодёжи заботой, решение их жизненных проблем, правильное и раци-

ональное использование этого национального стратегического ресурса во имя прогресса и процветания Родины, обеспечение безопасности и стабильности общества являются одними из важных задач, которые находятся под непосредственным вниманием Правительства страны, поскольку Таджикистан – страна молодёжи» [8].

Литература

1. Бугров В.П. Социальные изменения. Монография / В.П. Бугров. – М., 2000. – 472 с.
2. Кадомцева С.В. Социальная защита населения: учеб. пособие / С.В. Кадомцева. Рос. акад. гос. службы при Президенте Рос. Федерации. – М.: РАГС, 1999. – 255 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон, аз 23.12.2021, № 1830 [электронный ресурс]. URL: https://mmk.tj/content/%D2%9B%D (дата обращения: 06.12.2023 г.).
4. Ленькова Р.В. Социология молодежи: Учебник / Р. В. Леньков, и др.. – 1-е изд. – М.: Юрайт, 2015. – 416 с.
5. Лисовский В. Т. Концептуальные основы социальной защиты населения в условиях изменяющейся среды / Молодой человек в условиях кризиса. – М., – СПб., 1994. – 249 с.
6. Статистические данные отрасли образования и науки Республики Таджикистан за 2017–2018 гг. – Душанбе, 2018.
7. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. – Душанбе, 2016. – 103 с.
8. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» аз 21.12.2021 [электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/29824 (дата обращения: 24.12.2022 г.).
9. Сарычев С.М. Молодежная политика как направление социальной политики в регионе: Социологический аспект: дисс. ... канд. социол. наук: 22.00.08 / Сарычев Сергей Михайлович. – М., 2001. – 152 с.
10. Социальная защита населения в регионе. – Екатеринбург, 1999. – 349 с.

ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ – САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шоисматуллоев Ш., Сулаймонӣ П.

Дар мақолаи илмӣ самтҳои ҳифзи иҷтимоии ҷавонон дар сиёсати давлатии ҷавонон баррасӣ шудаанд. Муаллифон дар заминаи маводи илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ самтҳои афзалиятнок ва вазифаҳои сиёсати давлатии ҷавонон, ҳифзу дастгирии ҷавонон, иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа, таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон, тарзи ҳаёти солим ва рушди ҷисмонӣ, таҳсилот ва шуғлмандии ҷавонон ва ҳифзи иҷтимоии оилаҳои ҷавонро таҳқиқ намудааст.

Калидвожаҳо: *сиёсати иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, сиёсати давлатии ҷавонон, таҳсилоти ҷавонон, шуғлмандии ҷавонон, ташаббусҳои ҷавонон.*

SOCIAL PROTECTION - A PRIORITY DIRECTION OF STATE POLICY FOR YOUTH IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Shoismatulloev Sh., Sulaymoni P.

In the scientific article, the author studied and discussed the areas of social protection of youth in the state youth policy. The author, on the basis of scientific materials and the results of sociological research, issues of priority directions and tasks of the state policy of youth, protection and support of youth, active participation of youth in the political, social and economic life of society, ensuring the protection of rights, freedom and legal interests of young people, ensuring health protection, a healthy lifestyle. and researched the physical development of young people, education and employment of young people and social protection of young families.

Key words: *social policy, state youth policy, youth protection, youth education, youth employment, youth initiatives.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

УДК: 301:32

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ ВА МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФИИ МУТАФАККИРОНИ АСРИМИЁНАГИИ ФОРСУ ТОҶИК

Миров Ф.С. — н.и.ф., дотсент, ходими калони илмии ИФСҲ АМИТ
E-mail: mirov.firuz.s@gmail.com;
Тел.: (+992) 93-733-33-11

Дар ин мақола таълимоти иҷтимоӣ ва фалсафии мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик бо назардошти инъикоси масъалаҳои ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таваҷҷуҳи асосии муаллифи мақола ба таҳлили осори файласуфон ва фақеҳони асосии ин давра, аз қабили А. Сино, А. Форобӣ, А. Берунӣ, Ф. Розӣ ва дигарон дода шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки асарҳо ва андешаҳои мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик дар бораи адолати иҷтимоӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, ҳуқуқ ва ахлоқ ба рушди шуур ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат кардааст.

Дар мақола масъалаҳои асосии ҳуқуқие, ки мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик ба миён гузоштаанд ва таъсири онҳо ба рушди минбаъдаи афкори ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст. Дар мақола нишон дода шудааст, ки осори ин мутафаккирон на танҳо мубоҳисаҳои фалсафию ҳуқуқии замони худро ғанӣ гардонидаанд, балки барои рушди минбаъдаи низомҳои ҳуқуқӣ ва мероси фарҳангии минтақа замина гузоштаанд. Дар хулосаҳои мақола аҳамияти мероси таърихию фалсафии мутафаккирони форсу тоҷик барои дарки муосири масъалаҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои таълими ҳуқуқӣ арзёбӣ шудааст.

Калидвожаҳо: *ҳуқуқ, қонун, афкори ҳуқуқӣ, масъалаҳои ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, адолати иҷтимоӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, шуури ҳуқуқӣ, қонунгузор, асри миёна, форсу тоҷик, табақабандии иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ.*

Дар бораи ҳуқуқ, алоқамандии ҳуқуқ ва ахлоқ, маърифати ҳуқуқӣ ва нақши ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои иҷтимоӣ мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик осори арзишманде ба мерос гузоштаанд. Бузургтарин намояндагони илму фалсафаи асримиёнагии форсу тоҷик Абӯалии ибни Сино, Абунасри Форобӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Фахриддини Розӣ ва дигарон моҳият ва вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқро баррасӣ намуда, дар бораи дигар масъалаҳои ба ҳуқуқ алоқаманд, мисли низоми табақабандии иҷтимоӣ, нобаробариҳои иҷтимоӣ, амали қонун дар ҷомеа, адолати иҷтимоӣ, мақомоти ҳуқуқӣ ва ғайраҳо андешаҳои худро иброз намудаанд.

Яке аз намояндагони илми асримиёнагии форсу тоҷик файласуф ва табиби бузург Абӯалии ибни Сино (980-1037) мебошад, ки дар масъалаи ҳуқуқ, асосан ҳуқуқи исломӣ нуқтаи назари хешро иброз кардааст ва ҳуқуқи исломиро илми алоҳида номида, онро ба сиёсат алоқаманд донистааст. Мутафаккир барои идора ва ба тартиб даровардани қонунҳои динӣ ва сиёсат ба ин назар аст: “... Ва ин [илм] ду навъ аст: 1) дар бораи он, ки қавонини динӣ чӣ гуна бояд бошад, 2) сиёсат. Якумаш асос ва дуюм шоха ва натиҷа аст” [8;103].

Абӯалии ибни Сино барои устувории низоми ҷомеаи одилона мавҷудияти ду қонунро ҳатмӣ медонад: қонунҳои дунявӣ барои зиндагии дунявӣ ва қонеъсозии талаботи моддии мардумон, инчунин қонунҳои илоҳӣ барои ҳастӣ ва бақою охирати мардум. Мутафаккир дар бораи арзиши қонунҳои илоҳӣ чунин менависад: «Мақсуди ҳакимон (файласуфон) аз шариат он чӣ авом мепиндоранд, нест» [2;14]. Мутафаккир дар асари машҳури худ «Тадбири манзил» ба таҳқиқи масъалаҳои ҳокимияти сиёсӣ ва асоси ҳуқуқии он рӯ

оварда, нақши ҳуқуқро дар идора кардани давлат фавқуллода бузург донистааст. Бояд зикр кард, ки ҷомеаи адолатпешаи мутафаккир асосан ба арзишҳои исломӣ бунёд ёфтааст.

Мутафаккир таъкид кардааст, ки муносибатҳои байни одамон ва адолати иҷтимоӣ бояд дар асоси қонунҳои муқаррарнамудаи қонунгузорон ба роҳ монда шаванд ва риояи қонунҳо ҳатмӣ бошанд, зеро сарчашмаи пайдоиши ҳуқуқ ва қонунҳо Худованд аст. Ҳар касе, хоҳ парҳезгор бошад, хоҳ нолоиқ, аз ҷониби Худои тавоно подош мегирад, аз ин рӯ, ҳар як инсон мукофотдиҳанда ва қонунгузори асосиро бояд шиносад. Муҳаққиқи соҳаи фалсафа Д. Комилов андешаҳои ҳуқуқии А. Синоро таҳқиқ намуда, хулосаи хешро чунин тасвир менамояд: “Барои ҳамкории одамон қонун ва адолат лозим аст. Барои он ки қонун ва адолат танинандоз бошад, шахсе лозим аст, ки қонун ва адолатро барқарор намояд. Ин шахс дар назди одамон сухан гуфта, онҳоро барои риоя ва иҷро намудани қонунҳо уҳдадор намояд” [9;49].

Мувофиқи назари Абӯалии ибни Сино шаҳр ва деҳот вобаста ба хусусиятҳои хоси худ аз якдигар фарқ мекунанд, аз ин сабаб, як мансабдор якбора ҳам шаҳр ва ҳам деҳот роҳбар буда наметавонад. Мутафаккир аввалин шуда, масъалаи тақсимоти ҳокимияти давлатиро матраҳ намуда, пешниҳод кардааст, ки барои шаҳр ва деҳот қонунҳои ба шароити онҳо хос қабул карда шаванд. Муҳаққиқи осори Абӯалии ибни Сино файласуфи тоҷик А. Умаров хеле воқеӣ ба тасвир кашидааст: “Абӯалӣ ибни Сино дар бораи адолати иҷтимоӣ изҳори назар намуда, аввалин шуда, зарурати фардикунонии мансабдорони давлатиро таъкид кардааст. Бино бар андешаи ӯ як шахс дар як вақт наметавонад ҳам низоми идории шаҳрро бар ӯҳда дошта бошад ва ҳам низоми идории деҳро. Дар чунин сурат ҳуқуқҳои инсонҳо поймол мегарданд, зеро шаҳр барои қонеъ гардонидани талаботи худ нерӯи муайянро доимо талаб дорад ва деҳ сарвари муносиби худро бояд дошта бошад. Гузашта аз он дар чунин сурат як шахс бар манфиати худ сӯйистифода аз мансаб намуда, ҳуқуқҳои мардумро поймол хоҳад намуд. Аммо дар масъалаи қонунгузорӣ Сино ҷонибдори он аст, ки як мақоми қонунбарор метавонад ҳам барои танзими низоми шаҳр ва ҳам барои танзими низоми деҳ қонун қабул намояд. Ба назар чунин мерасад, ки ин табиби бузург аз илми сиёсат ва ҳуқуқ низ хуб огоҳӣ дошта, аввалин шуда назарияи тақсимоти ҳокимиятро дар Шарқ пайрезӣ намудааст” [15;34].

Нобаробариҳои иҷтимоӣ ва дар ин замина пайдоиши табақаҳои иҷтимоиро мутафаккир ба хусусияти табиати инсон рабт дода, нобаробарии иҷтимоиро кори Худованд пиндоштааст, ки мувофиқи он мардум ҳама аз ҷиҳати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва тарзи тафаккур мухталиф офарида шудаанд. Ба ақидаи Абӯалӣ ибни Сино баробарии иҷтимоӣ ва аз байн бурдани табақаҳои иҷтимоӣ сабаби азбайнравии насли инсонӣ мегардад ва ин матлабро хело дақиқ чунин ифода намудааст: «Хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум подшоҳу шаҳриёр бишаванд, ҳамагӣ аз байн мераванд. Ва агар ҳамаашон ранҷбару коргар ва тобею раият бишаванд, подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд. Ҳамчунон, ки агар ҳамагӣ дар тавонгарӣ ва сарват мусовӣ ва баробар бо якдигар бишаванд, касе барои касе кор намекунад ва атову муованати дӯст аз дӯст мунқатеъ мегардад. Ва агар ҳамагӣ фақиру муҳтоҷ бошанд, аз фақру фалокат ва бечорагӣ ҷон месупоранд. Пас, тафовути аҳвол ва ихтилофи иқдор сабаби ба қоимзиндагии одамизодагон мебошад» [8;13].

Абӯалӣ ибни Сино он давлатеро адолатпеша номидааст, ки дар он ҳар як шаҳрванд ба коре банд ва соҳиби манзил бошад, ҳар як шаҳрванд бояд ба ҷамъият ягон фоида биёрад, рафтору амали худро зери назорат гирифта тавонад. Яке аз вазифаҳои муҳими давлат қабули қонунҳо ва таъмини амалигардии қонунҳо мебошад. Ба андешаи мутафаккир қонун барои ба тартибу низом даровардани муносибатҳои иҷтимоӣ муҳим мебошад, зеро на ҳар шахс қонун ва адолатро барқарор карда метавонад. “Ҳар як ҳамкорӣ тавассути қонун ва ҳокими амалкунанда зоҳир мегардад ва қонуни шариат ин ҳамкориҳоро муҳофизат менамояд” [9;50].

Абӯалӣ ибни Сино дар пайравӣ бо Афлотун, Арасту ва А. Форобӣ ҷомеаро ба табақаҳо ҷудо намуда, табақаи ҳунармандону заҳматкашонро аз табақаи ҷанговарон боло мегузорад:

– табақаи мудаббирон (ҳокимон);

– табақаи ҳунармандон (заминдорон);

– табақаи ҷанговарон (артиш ва муҳофизони тартиботи иҷтимоӣ).

Ба андешаи донишманд мавҷудияти ҷомеа ба он вақт имконпазир мегардад, ки агар табақаҳо ва гурӯҳҳо вобаста ба мавқеи ишғолнамудаашон бо ҳам тобеъ бошанд: “Барои ҳифзи ҳаёти ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ) қонунгузор бояд ба ҳар як гурӯҳ роҳбар гузорад, аз паси он боз дигар роҳбар ва ин таъинот то он даме давом намояд, ки зинаҳо то инсони зинаи поёнӣ хотима наёбад” [1;45].

Умуман, Абӯалӣ ибни Сино барои мавҷудияти ҷамъият, ҳифзи тартиботи иҷтимоӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ давлат ва ҳуқуқро ниҳоят муҳим шуморидааст. Донишманд ҳуқуқро бо адолат алоқаманд медонад ва андеша дорад, ки бояд қонунҳо адолатнок бошанд ва барои рушди ҷомеа маҳз нобаробариҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунанд.

Дигар намояндаи фалсафаи шарқи асримиёнагӣ, файласуфи форсу тоҷик Абунасри Фороби (872-950) дар бораи сохтори ҷамъиятӣ, ҷомеаи фазила ва ҷоҳила нуқтаи назари худро пешниҳод карда, таълимоти фарогиреро ба вуҷуд овардааст ва дар маҷмуъ ҷомеаи ормониеро тасвир кардааст. Мутафаккир қонунро дар ҷомеаи фозила омили пешгирии каҷрафториҳо ва рафторҳои ҷоҳилона номидааст, баъзе аз шаҳрвандони ин мадина ё аз нафаҳмидани моҳияти қонунҳо ва ё дидаю дониста қонунҳоро ба манфиати худ истифода бурдан мехоҳанд. “Дар миёни шаҳравандони мадинаи фозила касоне ҳастанд, ки аз аҳком ва ҳадафҳои муайяни мадинаи ҷоҳила пайравӣ мекунанд, вале азбаски қонуну ҳолати мадинаи фозила монеи онҳост, ба гуфтаҳои қонунгузорон, гуфтаҳо ва навиштаҳои онҳо муроҷиат мекунанд ва онҳоро мувофиқи хоҳишҳои худ тафсир мекунанд... Дар байни онҳо шахсоне ҳам ҳастанд, ки ба таҳрифи қонун кӯшиш намекунанд, вале аз сабаби дарки сусти қонунгузорон ва ба қадри кофӣ нафаҳмидани гуфтаҳои онҳо қонунҳои шаҳрро дигар хел мефаҳманд ва амали ин одамон ба мақсадҳои сарвари аввал мувофиқ нестанд. Онҳо бехабар ба гумроҳӣ меафтанд” [3;165].

А. Форобӣ қонунгузоронро муҳимтарин шахсиятҳои мутафаккири ҷомеа номидааст, ки бояд саодат ва хушбахтии одамонро қаблан дарк карда, қонунҳоеро амалӣ созанд, ки ба манфиатҳои инсон мувофиқ бошанд, барои расидан ба саодати инсонӣ дар қонун шароитҳои зарруриро фароҳам оваранд, инчунин дар ин замина, қонунгузорон бояд тафаккури фалсафӣ дошта бошанд. “Қонунгузор шахсе шуда метавонад, ки ба шарофати бартарии ақидаи худ қобилияти муайян кардани шароитеро, ки дар он қонунҳо воқеан вуҷуд доранд, ба даст овардан ба хушбахтии ниҳоиро имкон медиҳад... Аз ин рӯ, касе, ки ба сифати қонунгузор амал мекунад, ... бояд файласуф ҳам бошад» [3;340].

Ба андешаи А. Форобӣ ҳуқуқи исломӣ ба шахс имконият медиҳад, ки ба ҳама чиз баҳо диҳад. Мутафаккир ба ақидаҳои Афлотун такя карда, менависад, ки агар қонунгузор шахси нодон бошад, пас қонуни барои мардум нафъоварро муқаррар карда наметавонад. Қонунгузор вазифадор аст, ки ба камбағалон ва сарватмандон таваҷҷуҳ зоҳир кунад, барои онҳо қонунҳое муқаррар намояд, ки нафси онҳоро ислоҳ карда тавонанд. Ӯ ба ин бовар будааст, ки дар риоя гаштани ҳуқуқ дар ҷомеа тарбия нақши калон дорад ва “касе, ки худаш ба қонунҳо беэътиноӣ мекунад ва зердастонашонро ба ин кор ташвиқ мекунад, бо амали худ боиси бесарусомонии бузург мешавад” [4;146-147].

Дар ҷомеаи идеалии тасвирнамудаи А. Форобӣ волоияти қонун, хирадмандӣ ва адолат ҷенаки олии ахлоқӣ инсон ва хушбахтию ояндаи он ба ҳисоб меравад. Мутафаккир ҷамъиятеро, ки ба беадолатӣ асос ёфтааст, сахт маҳкум кардааст ва дар ҳамаи соҳаҳо паҳн шудани адолатро зарур донистааст ва моҳияти адолати иҷтимоиро хеле амиқ ва дуруст шарҳ додааст: «Адолат, пеш аз ҳама, тақсимоти неъматҳои ҷамъиятии дар ихтиёри ҳамаи аъзоёни ҷамъият буда, инчунин нигоҳ доштани неъматҳои

дар байни одамон тақсимшуда мебошад. Ба чунин неъматҳо некӯаҳволӣ, сарват, мартаба, мавқеи ҳар як шахс дар ҷомеа ва дигар неъматҳои марбут ба ҳаёти бошандагон дохил мешаванд. Ҳар як аъзои ҷамъият бояд мувофиқи меҳнаташ аз ин неъматҳо ҳиссаи худро гирад. Агар касе аз ин неъматҳо камтар аз сазовораш бигирад, ин ба ӯ беадолатӣ мешавад. Ва агар ҳангоми тақсими ин неъматҳо касе бештар соҳиб шавад, нисбат ба дигар аъзоёни ҷамъият беадолатӣ содир мешавад» [3;224].

Умуман, А. Форобӣ ҷомеаи ормониеро тасвир менамояд, ки дар он волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ ҳукумфармо аст ва барои пешгирии каҷрафториҳои иҷтимоӣ донистани қонунҳоро аз ҷониби сокинони мадина ҳатмӣ ҳисобидааст. Мутафаккир қонунгузоронро шахсони муҳиме донистааст, ки тавассути қабули қонунҳои босифат адолати иҷтимоиро таъмин мекунанд ва барои қонеъ гардонидани талаботҳои муҳими иҷтимоӣ шароити мусоидро таъмин менамоянд.

Донишманди дигари форсу тоҷик Абӯрайҳони Берунӣ (973-1048) низ паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои ҳуқуқиро таҳқиқ намудааст. Дар китоби «Осор-ул-боқия»-и А. Берунӣ оид ба қоидаҳои рафтор, урфу одат ва тарзи зиндагии мардуми форсу тоҷик маълумоти зиёд оварда шудааст. Чӣ тавре, ки донишманди тоҷик Муҳаммад Осимӣ дар сарсухани «Китоб-ут-таҳфим-ли-авоили-саноат-ит-таҳфим» навиштааст, «Осор-ул-боқия» таърихи тамаддуни умумиинсониро бо тартиби муайян баён намуда, тарзи такомулёбии афкори ҷамъиятиро бо далелҳои ақлӣ дар бар мегирад [5; 9]. Ба ақидаи мутафаккир одамон аз рӯйи зарурат, барои бартараф намудани хатар ва таъмини талаботҳои моддию маънавии худ ба ҳам меоянд ва муштаракона фаъолият мекунанд.

А. Берунӣ ба андеша буд, ки тамоми қонунҳо сарчашмаи илоҳӣ доранд, дар тамоми халқҳо қонунҳо бо кумаки Худо ба миён омадаанд. Мутафаккир дар китоби худ “Мо-ли-л-Ҳинд” чунин навиштааст: “Юнониҳо қонунҳои динӣ ва шаҳрвандии худро аз хирадмандони худ, аз қабили Солон, Драко, Пифагор, Минос ва амсоли онҳо гирифтаанд, ки ин кор рисолаташон буд ва гӯё аз кумаки илоҳӣ баҳра бурдаанд... Дар замони Дорои якум, ки баъд аз Куруш ҳукмронӣ мекард, румиён ба афина сафирони худро фиристоданд ва аз онҳо дар дувоздаҳ китоб қонунҳо гирифтанд” [6;127].

Мутафаккир дар бораи шартнома ва ҳуқуқи меҳнатӣ андеша ронда, изҳор кардааст, ки инсон дар хизмати инсони дигаре қарор дошта метавонад, вале корфармоии як фард бояд на аз тариқи зӯрӣ, балки дар натиҷаи созиши тарафайн ва мукофот ба амал ояд. А. Берунӣ ба дӯстӣ ва таҳаммулпазирии байни одамон, нажодҳо ва намояндагони динҳои гуногун, ки дар минтақаҳои мухталиф зиндагӣ мекунанд, тавоҷуҳи махсус дода, дар дӯстии халқҳо неруи тараққиёти ҷамъиятӣ ва хушбахтии инсонро дидааст.

Дар таълимоти А. Берунӣ қоидаҳои рафтор, ҷашну маросим ва тарзи зиндагии мардуми ориёнажод таҳқиқ гардида, ҳуқуқро ҳамчун воситаи бартараф намудани хатарҳо, омили ҳамкориҳои муштараки одамон ва воситаи қонеи талаботҳои моддию маънавии аҳолӣ номидааст. Таҳқиқи таҳаммулпазирӣ, озодии виҷдон ва ҳамзистии осоишта байни одамони фарҳангҳои гуногун дар таълимоти иҷтимоӣ ва фалсафии мутафаккир ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд.

Файласуфи дигари тоҷик Фахриддини Розӣ (1150-1210) андешаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии худро дар асарҳои машҳураш «Ҷомеъу-лу-лум», «Ар-рисолату-л-камолия фи-л-ҳақоиқ-ил-илоҳия” ва ғайраҳо баён кардааст. Ӯ бештар ба муносибати ҳокимону қонундонҳо нисбат ба аҳолӣ таваҷҷуҳ дода, принсипҳои фаъолияти онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Мувофиқи назари мутафаккир баровардани ҳукм вобаста ба қонун ва адолат рисолати асосии ҳокимону қозиён мебошад, қозӣ ҳангоми содир кардани ҳукм бояд тамоми талаботҳои қонунро ба инобат гирад ва риоя кунад, адолати иҷтимоиро сарманшаи кори худ қарор диҳад ва нисбати даъвогарон ҷабру зулм ва ноҳақиро раво набинад.

Ҳануз дар асрҳои миёна Фахриддини Розӣ амалҳои ғайриқонунӣ ва ришвагирии шахсони мансабдор ва қозиёни замони худро маҳкум намудааст. Донишманд аз

қонун дур шудани қозӣ ва ришва ситонидани ӯро амали куфр номида, маҳкум кардааст ва барои собит намудани андешаи хеш ба чунин ҳадис такя кардааст: «Чун яке аз шумо ба мансаби қазоват (ҳукм кардан) қарор гирад, пас набояд дар ҳоли хашм ҳукмеро содир намояд ва ҳамчунин бояд, ки дар ҳолати мурофиаи ҷонибайн баробариро дар нигоҳ кардан, нишастан ва ишора кардан риоят намояд» [14;206-207].

Дар рушди андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқии форсу тоҷик нақши олим, маорифпарвар ва файласуфи тоҷик Аҳмади Дониш (1827-1897) низ хело назаррас аст. Донишманд дар рисолаи худ бо номи «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» барномаи ислоҳоти ҷиддии тарзи давлатдорӣ дар Аморати Бухороро навишта, ҷорӣ намудани вазоратҳо ва маҷлиси машваратӣ, маҳдудияти ҳуқуқи амир дар асоси қонун ва муносибати давлатдоронро бо халқ батафсил баён намудааст. Дар асараш "Наводирул-вақоеъ" А. Дониш беқонунӣ, беадолатӣ, нобаробариҳои шаддиди иҷтимоӣ, қафомондагии маорифу фарҳанг ва ҷиноятҳои табақаҳои хукумрони ҷомеаи замони худро танқид намудааст.

Мутафаккир боварӣ дошт, ки танҳо бо роҳи тағйир додани тафаккури аҳолӣ ва инкишофи илму маориф дар ҷомеа дигаргуниҳои мусбатро ба вуҷуд овардан мумкин аст. А. Дониш дарк карда буд, ки сохти сиёсии аморати Бухоро дар заминаи беадолатии иҷтимоӣ, ҷаҳолату нодонӣ ва бемаърифатӣ қарор дорад, унсурҳои ин сохти сиёсӣ ноустувор буда, амиру мансабдорон аз уҳдаи иҷрои тараққиёту пешрафти ҷамъият, инкишофи илму маърифат, баланд бардоштани маънавиёти мардум, ба амал баровардани адолати иҷтимоӣ баромада наметавонад.

А. Дониш фаъолияти ҳокимияти судӣ (қозӣ)-и Бухороро танқид карда, онҳоро фосиду бесавод ва беинсоф номидааст, ки арзу шикояти мардумро одилонаю боинсофона дар доираи шариат ҳал намекунанд, барои ба даст овардани ин мансаб маблағҳои зиёд ришва дода, барои ба даст овардани фоида аз корафтодагон фатвоҳои ғайришаръӣ медиҳанд. Ӯ аз мансабдорон эътироф кардани ҳуқуқи мардум ва даст бардоштан аз зулму беадолатиро талаб намудааст: "Султон агар хоҳад, ки дар раият адл кунад, маворидиӣ эҳтиёҷи эшон шуморад ва бидонад, то зулм раво надорад ва ҳуқуқи он бишносад, то адо кунад" [7;155].

Бо назардошти вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Аморати Бухоро А. Дониш ба хулосае меояд, ки бояд низоми ҳуқуқии давлат мавриди ислоҳоти ҷиддӣ қарор гирад, адолати судиро қозиҳои инсонгаро ва донишманд ба амал бароранд, ҳуқуқҳои мансабдорони давлатӣ бознигарӣ шуда, тамоми табақаҳои ҷомеа барои ҳуқуқвайронкунии хеш ҷазои сазовор гиранд. Мутафаккир тағйирёбии сохтори иҷтимоии ҷомеаро ба рушди маориф, баланд гардиданисатҳи саводнокӣ ва тафаккури илмии аҳолӣ алоқаманд донистааст.

Хулоса, тамоми мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик ҳуқуқро ҳамчун воситаи танзми муносибатҳои иҷтимоӣ, таъмини тартиботи иҷтимоӣ ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ эътироф намуда, ҳамбастагии амали самараноки қонунро бо маърифати ҳуқуқӣ, саводнокӣ ва таълиму тарбия махсус таъкид намудаанд. Онҳо ба ин бовар будаанд, ки аз байн бурдани ҷаҳолат, хурофот ва маҳви бесаводӣ мардумро аз зулму истибдод, беҳуқуқӣ, беадолатӣ ва нобаробарии шадиди иҷтимоӣ раҳо карда метавонанд.

Адабиёт

1. Абуали ибни Сино. Избранные философские произведения / А.И. Сино. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 450 с.

2. Абӯали Ибни Сино. Осори мунтахаб (иборат аз даҳ ҷилд). Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 560 с.

3. Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты / Абу Наср Мухаммад Аль-Фараби. Пер. с арабского. Алма-Ата: Наука, 1973. – 435 с.

4. Аль-Фараби. Историко-философские трактаты / / Абу Наср Мухаммад Аль-Фараби. Перевод с арабского. – Алма-Ата: Наука, 1985. – 624 с.

5. Беруни, А. Китоб ут-тафҳим ли авомили саноат-ит-танджим / А. Берунӣ. – Душанбе, 1973. – 364 с.

6. Бируни А. Индия / А. Бируни. Пер. с араб. Репринт с изд. 1963 г. – М.: Ладомир, 1995. – 727 с.

7. Дониш А. Наводир-ул-вақоеъ, китоби 2 / А. Дониш. – Душанбе: Доннш, 1989. – 344 с.

8. Ибн Сина (Авиценна). Избранные философские произведения / Ибн Сина. – М.: Наука, 1980. – 553 с.

9. Камилов, Д. Политико-правовые взгляды Ибн Сино / Д. Камилов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2018. – №4 (252). – С. 48-52.

10. Комилов, Р.С. Фалсафаи ҳуқуқ. Кафедраи фалсафаи Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи АИҶТ. Китоби дарсӣ / Р.С. Комилов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 544 с.

11. Қурбонов, А.Ш. Фалсафаи аҳди бостон. Монография / Қурбонов, А.Ш.. Душанбе, 2013. – 176 с.

12. Миров, Ф.С. Сотсиологияи ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ / Ф. Миров, В. Баҳромбеков. Зери таҳрири профессор Шоисматуллоев Ш. – Душанбе: ДМТ, 2023. – 230 с.

13. Муҳаммадқодири, Н. Таълимотҳои иҷтимоии мутафаккирони Шарқ. Воситаи таълимӣ / Н. Муҳаммадқодир. – Душанбе: ДМТ, 2021. – 214 с.

14. Пиров, С. Фахруддини Розӣ ва андешаҳои ахлоқиву тарбиявии ӯ / С. Пиров. Муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2015. – 196 с.

15. Умаров, А. Ҷойгоҳи Ибни Сино дар таърихи тамаддуни ҷаҳон (Рисола) / А. Умаров. – Тошкант: Yangi nashr, 2019. – 48 с.

ОТРАЖЕНИЕ ПРАВОВЫХ ПРОБЛЕМ И ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ В СОЦИАЛЬНО-ФИЛОСОФСКИХ УЧЕНИЯХ СРЕДНЕВЕКОВЫХ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

Миров Ф.С.

В данной статье рассматриваются социально-философские учения средневековых персидско-таджикских мыслителей с учетом отражения правовых проблем и правового просвещения. Основной интерес автора статьи представляет анализ работ главных философов и правоведов этого периода, таких как А. Сино, А. Фароби, А. Беруни, Ф. Рази и др. Исследование показывает, что труды и идеи средневековых персидско-таджикских мыслителей о социальной справедливости, социальном неравенстве, праве и нравственности способствовали развитию сознания и правового воспитания населения.

В статье рассматриваются основные правовые проблемы, поднятые средневековыми персидско-таджикскими мыслителями, и их влияние на дальнейшее развитие правовой мысли. В статье показано, что труды этих мыслителей не только обогатили философско-правовые дискуссии своего времени, но и заложили основу для дальнейшего развития правовой системы и культурного наследия региона. В выводах статьи оценивается значение историко-философского наследия персидско-таджикских мыслителей для современного понимания правовых вопросов и методов правового образования.

Ключевые слова: право, закон, правовая мысль, правовые проблемы, правовое просвещение, правовое воспитание, социальная справедливость, социальное неравенство, правосознание, законодатель, социальная стратификация, общественные отношения.

REFLECTION OF LEGAL PROBLEMS AND LEGAL EDUCATION IN THE SOCIAL AND PHILOSOPHICAL TEACHINGS OF MEDIEVAL PERSIAN-TAJIK THINKERS

Mirov F.S.

This article examines the social and philosophical teachings of medieval Persian-Tajik thinkers, taking into account the reflection of legal problems and legal education. The main interest of the author of the article is the analysis of the works of the main philosophers and jurists of this period, such as A. Sino, A. Farobi, A. Beruni, F. Razi, etc. The study shows that the works and ideas of medieval Persian-Tajik thinkers on social justice, social inequality, law and morality contributed to the development of consciousness and legal education of the population.

The article examines the main legal problems raised by medieval Persian-Tajik thinkers and their influence on the further development of legal thought. The article shows that the works of these thinkers not only enriched the philosophical and legal discussions of their time, but also laid the foundation for the further development of the

legal system and cultural heritage of the region. The conclusions of the article assess the significance of the historical and philosophical heritage of Persian-Tajik thinkers for the modern understanding of legal issues and methods of legal education.

Key words: law, legal thought, legal problems, legal education, legal education, social justice, social inequality, legal consciousness, legislator, social stratification, social relations.

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТАҲЛИЛИ ИЛМӢ - ФАЛСАФИИ ОИЛА ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА

Ғуломова М.С. – н.и.ф., дотсенти кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
E-mail: gulomova2018@mail.ru
Тел.: 001-66-44-48

Дар мақолаи мазкур сабабҳои иҷтимоӣ-равонии ба амал омадани низоъҳои оилавӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик дида баромада шудааст. Дар асоси таҳлили маводи илмӣ-тадқиқоти оила аз ҷиҳати илмӣ-фалсафӣ таҳлил ва барасси шудааст. Инчунин роҳҳои пешгирии сар задани низоъҳои оилавӣ дида баромада шудааст.

Калидвожаҳо: *оила, "ҷомеаи ибтидоӣ", "никоҳи ибтидоӣ" мактаб, психология, илм, некуаҳволӣ, сатҳи зиндагӣ, "сабади истеъмолӣ", муҳаббат, ҳамдигарфаҳмӣ.*

Масъалаи оила ва оиладорӣ аз масъалаҳое ба шумор мераванд, ки ба таҳқиқи он мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм машғул шудаанд. Хусусан, андешаҳои файласуфони бузург Афлотун, Арасту, Абуалӣ Ибни Сино ва дигар мутафаккирони тоҷику форс доир ба ин масъала аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ пайдо намуданд.

Тадқиқотҳои илмии солҳои охир гувоҳи донанд, ки масъалаи оила, оиладорӣ ва омӯзиши паҳлӯҳои гуногуни он диққати доираи муайяни мутахассисонро ҷалб намудааст.

Омӯзиши илмии оилаи аз нимаи аввали асри XIX, аниқтараш аз замоне, ки китоби таърихчии шведи Иогган Якоб Бахофен таҳти унвони «Ҳуқуқи модарӣ» аз чоп баромад, оғоз гардид. Бахофен адабиётҳои қадимиро ҳамчун сарчашмаи таърихӣ истифода бурда, оиларо мавриди омузиш қарор дод. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда дарк кард, ки асотирҳои қадима тағйироти таърихии оила ва ҳолати иҷтимоии муносибатҳои байни зану мардро инъикос менамоянд. Мувофиқан ба ин Бахофен муборизаи байни ҳуқуқи аз байнрафтаистодаи модаршоҳӣ ва пайдоиши ҳуқуқи модаршоҳиро ба таври равшан нишон дода дар андешаҳои онвақтаи ҳукмрон, ки гӯё оила тағйирёбанда аст ва ба хости Худо ба вуҷуд меояд, як инқилоб (револютсия)-ро ба вуҷуд овард.

Новобаста аз Бахофен ҳуқуқшинос ва таърихчии англис Джон Фергюнсон Мак-Леннан дар асари «Никоҳи ибтидоӣ» (1865) дар асоси омилҳои этнографи никоҳи барвақтаи Юнон ва олмониҳоро омӯхта, андешаи Бахофенро дар бораи аввалин будани ҳуқуқи модаршоҳи тасдиқ намуд. Пас аз ин олими атрополог ва таърихшиноси англис Люис Морган дар асари «Ҷомеаи ибтидоӣ» (1877) оиларо мавриди омӯзиш қарор дод. Морганро асосгузори илм дар бораи оила меноманд.

Морган Л. сохтори иҷтимоӣ ва ҳаёти оилавии ҳиндуҳои амрикоиро омухта, соҳаи махсуси донишҳои сотсиологӣ - илм дар бораи оиларо ба вуҷуд овард. Дар кори ӯ мавқеи асосиро консепсияи монеизм ишғол менамояд, ки муқобили назарияи нажодпарастӣ баромад менамояд. Дар асари Морган «Ҷомеаи ибтидоӣ» назарияи илмии инкишофи оила коркард шудааст. Таълимоти Морган догма будани назарияи пайдоиши худовандии оиларо собит намуда антропологияи теологии ҳукмрони он замонро куллан инкишоф дод. Ӯ аввалин маротиба оиларо ҳамчун категорияи таърихӣ номида эволютсияи онро аз нигоҳи гурӯҳи то моногомия (яканикоҳӣ) мавриди таҳлил қарор дод. Методе, ки ин донишманд ҳангоми омӯзиши оила мавриди истифода қарор дода аст, методи таърихӣ мебошанд, яъне то оиларо ҳамчун категорияи таърихи дар раванди таърихии

он наомӯзем ба моҳияти он сарфаҳм намеравем. Илми муосир таълимоти Морганро оиди пайдоиш ва инкишофи оила дастгирӣ менамояд.

Асосгузори илми сотсиология О.Конт оиларо аз нуқтаи назари статикаи иҷтимоӣ ҳамчун зуҳуроти универсалии умумиинсони дида баромадааст. Дар асари ӯ «Курси фалсафаи позитивӣ» оила ҳамчун унсури асосии ҷамъиятӣ номида шудааст. Бо андешаи О. Конт ҷомеа аз маҷмӯи оилаҳо таркиб ёфтааст. Инсоният бо мурури замон аз оила, қабила, миллат то ба давлат омада расидааст. Оилаи иттифоқест, ки дар асоси алоқамандии ҳиссиётӣ ва институти пайдо шудааст. «Оила – ин мактаби ҳастии иҷтимоӣ аст, ки ба фард идоранамоӣ, мутобиқшави ба ҳаёт ва мутобиқшавии инсонҳоро дар ҷамъият меомӯзонад» [1, 7]. Вазифаи муҳими оила-интиқоли урфу одат аст, ки маромияти иҷтимоиро таъмин менамояд. Тавассуси оила гузашта ва ояндаи ҷамъият бо ҳам пайваст мегарданд. Оила бояд бо одамон бо насли гузаштаи худ вобаста бошад. Ниҳоят муҳим аст, ки инсон фикр накунад, ки имрӯз таваллуд шуд, зеро пеш аз он занҷири томи ҳаёти гузаштагони ӯ вуҷуд дорад. Оила дар тақсимоти меҳнат ва ҳамгироиву ҳамдигарфаҳмии одамон нақши бузургро соҳиб мебошанд. Оила аз низоми қонунҳои иерархӣ асос ёфта, зан бояд ба мард итоат намояд ва мард бояд оиларо таъмин намояд, иборат аст. Конт ҷонибдори моликияти хусусӣ ва ҳуқуқи меросият буд. Моликияти хусусӣ табиати иҷтимоӣ дорад. Оила ҳамчун соҳиби моликияти хусусӣ дар назди ҷомеа барои тақсим намудани он нақши муҳим доранд. Конт оиларо муҳофизатгари моликияти хусусӣ меномад. Оила унсури асосии ҷомеа аст, ки дар асоси намунаи он ҷомеа бунёд меёбад. Оила чун ҷузъи динамикаи иҷтимоӣ пайваста дар тағйироту инкишоф аст. Қонуни фундементалии тартиботи ҷомеа тағйир ва меросияти насл аст. Ҳангоми инкишофи муътадили ҷомеа як насл ба насли дигар сарвати моддӣ ва маънавии ҷамъкардаи худро мерос мегузорад. Ҳар як насли нав нисбати насли гузашта бояд нерӯи бештари сарватҳои моддӣ ва маънавиро доро бошанд пас аз ин инкишофи прогрессивии ҷамъият таъмин мегардад. Аз гуфтаҳои болоии О. Конт метавон ба хулосае омад, ки оила ҳамчун интиқолдиҳандаи урфу одат ва анъанаҳо буда, пешрави ва тараққиёти ҷамъият аз он вобаста аст.

Идеяҳои О. Контро минбаъд Э. Дюркгейм давом дода институти оиларо ҳамчун ҷузъи воқеияти иҷтимоӣ ва тартиботи табиии универсалӣ дида баромадааст. Оила зуҳуроти устувор ва асосиест, ки бо қонунҳои объективии ҳиссӣ тобеъ аст. Оила-шакли ҳаёти коллективӣ ва шакли ассотсиатсияи фардҳо мебошад. Масалан, ҳамдигарфаҳмии иҷтимоӣ дар сотсиологияи Э. Дюркгейм мавқеи марказиро ишғол менамояд [2, 32]. Бе ҳамдигарфаҳми ҷамъият ва институтҳои он устувории худро аз даст медиҳанд. Институтҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла оила ба талаботҳои ҷомеа мувофиқ буда мисли табиат устувор аст. Хароб шудани ҳамдигарфаҳмии иҷтимоӣ боиси буҳрони низоми иҷтимоӣ мегардад. Дар натиҷа аномияи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамдигарфаҳми дар натиҷаи аномия аз байн меравад. Гузариш аз як сохтор ба сохтори дигари иҷтимоӣ, тағйирёбии босуръати ҷомеа дар баробари проблемаҳои иқисоди бӯҳрони, ҳуқуқиву ахлоқӣ инчунин аномияро ба бор меорад [3, 86].

Тағйироти иҷтимоӣ ногаҳон руй медиҳанд, ки аксарияти аҳолӣ ба таъсири он омода нестанд. Дар зери таъсири ин раванд фардҳои иҷтимоӣ таҷрибаи ҳаётии худро аз даст дода, «муфлисшавии доимӣ» пайваста онҳоро таҳдид менамояд. Ф. Энгелс дар асараш «Пайдоиши оила моликияти хусусӣ ва давлат» [4,56] тасдиқ мекунад, ки лаҳзаи муайянкунандаи таърих-ин истеҳсолот ва худистеҳсолнамоии ҳаёти маҳсуб мешаванд. Аз як тараф истеҳсоли воситаҳои ҳаёт, мисли хурока, пушока, манзил ва аз тарафи дигар истеҳсоли худи ҳаёт, давоми насл устувории ҷомеа ва мавҷудияти онро таъмин менамояд. Тартиботи ҷамъияти ҳар як марҳилаи тарихӣ дар ҳар як давлат бо воситаи ин ду навъ: инкишофи меҳнат аз як тараф, инкишофи оила-аз тарафи дигар муайян карда мешаванд. «Оила воситаест, ки дар асоси он давлат пайдо шудааст». Ба андешаи Энгелс асоси моногомияро омилҳои иқтисодӣ ташкил медиҳад. Якканикоҳи-ин катакчаҳои

ҷамъият аст, ба воситаи он зиддиятҳои низоми иқтисодиро омӯхтан мумкин аст. Маҳз моногомия дар танзими муносибатҳои шаҳвонии ҷинсҳои муқобил нақши босазо дорад. Дар ҷомеаи сотсиалистӣ меандешад Энгелс - моногамия аз байн нарафта, балки хусусиятҳои нави сотсиологиро қабул менамояд. Бо аз байн рафтани моликияти хусусӣ дар оилаҳои моногоми танҳо ҳукмронии мард қатъ гашта баробарҳуқуқии зану мард мустаҳкам мешаванд. Дар оила нақши ҳалкунандаро шароитҳои иҷтимоӣ ва шахсони дигар мебозанд, озодшавии зан аз ҳукмронии мард, баргаштани зан ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ аз меҳнати вазнини оилавӣ халос ёфтани зан, пайдоиши шакли ҷамъиятии ҳаёти оилавӣ аз байн рафтани нобаробариҳои иҷтимоӣ хусусиятҳои асосии моногомияи марҳилаи инкишофи сотсиолистии ҷамъият аст.

Дар асри XX масъалаҳои оила дар қатори масъалаҳои глобалӣ аҳамияти хосаеро пайдо намуд. Гротский, Бухарин ва Крилсино мурдани оила ва ҳамзистии ҷинсиро дар ҷомеаи сотсиалистӣ гуё пешгӯи менамуданд ва менависанд: «Дар ҷомеаи сотсиалистӣ ҳамаи мардону занон дар колхозҳо дар зери як курпа хоб мераванд» [5, 5].

Оила ягона институти иҷтимоӣ аст, ки дар он тавлиди фарзанд ба амал бароварда шуда, равандҳои интиқоли иттилооти анъанавӣ аз волидон ба фарзандон руй медиҳанд. Дар асоси таҳлилҳои адабиётҳои ба ин мавзуъ бахшидашуда тамоюлҳои инкишофёбӣ ва тағйири нақшҳои оилаҳои тоҷикро дида мебароем.

Айни замон оилаи тоҷик дар зери таъсири модернизатсияи иҷтимоӣ-фарҳангӣ нақши иҷтимоияшро аз даст надода инкишоф ёфта истодааст. Тағирёбии нақши оилаҳои тоҷик пеш аз ҳама ба эволютсияи прогрессивии раванди таърих ва дигар омилҳои ногузири объективӣ рӯй медиҳад. Ҳарчанд дар Ғарб институти оила ба буҳрони ҷидди (зиёд шудани шумораи одамоне, ки дер оиладор мешаванд ё умуман оила барпо намекунанд, зиёд гаштани шумораи талоқ ва кам гаштани шумораи тавлид ва ғ.), аммо дар ҷомеаи тоҷик оила бо истиснои таъсири пуравҷи равандҳои модернизатсионӣ ва глобализатсионӣ нақши қаблиашро аз даст надодааст. Имрӯз дар оилаҳои тоҷик низ баъзе тағйироти нақши руй дода истодаанд. Муҳоҷирати меҳнати асосан аз ҳисоби мардҳо мебошад, занҳо дар оила қисми аз нақшҳои онҳоро ба души худ гирифтаанд. Муҳоҷират бо оилаи тоҷик таъсири манфи низ расонид. Шумораи оилаҳое, ки дар натиҷаи муҳоҷирати мардҳо ба хориҷ аз ҳам ҷудо мешаванд то рафт меафзоянд. Илова ба ин бисёре аз ҷавонон дар Руссия оиладор шуда дар ватани хеш дер оиладор мешаванд ё умуман оиладор намешаванд.

Оилаҳои муосирро сотсиологҳо чунин тасниф менамоянд [6, 32-33].

1. Оилаи накуаҳвол-масъалаҳо ва мушкилотҳои хешро бо ёрии беруна ҳал карда метавонад, аммо ин оилаҳо қодир нестанд аз хизматҳои пуразриш ва маҳсулоти қиммат истифода баранд.

2. Оилаи пешрафта-даромади калон дошта имконият дорад аз ҳамагуна хизматрасонии пуразриш истифода барад.

3. Оилаҳои буҳронӣ- дар ҳолати қашоққии мутлақ гирифтор буда, танҳо зиндагии ҷисмонӣ мекунанд.

4. Оилаи маргиналӣ- бо сабаҳои гуногун ниҳоят қашоқ буда, дар он бемориҳо, оворагардӣ, бекорхуҷагӣ, майхурагӣ авҷ гирифтааст. Ин оила вазифаи оддитарини худ иҷтимоишавии кудаконро ҳатто ба амал бароварда наметавонад. Ин гуна оила ниҳоят даромади паст дошта, ҳамаи пули ночизи худро бо истеъмоли нушокиҳои спиртӣ, нашъа ва ғайра сарф мекунад. Кӯдакони ин гуна оилаҳо ҳатто мактаб нарафта, рӯзи дароз ба оворагӣ, майдадуздӣ ва каҷрафтори машғуланд.

Дараҷаи ҳолати оилаҳоро индикатори «сабади истеъмолӣ» муайян менамояд. «Сабади истеъмолӣ» - аз истеъмоли ҳар як шахс (неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ) бармеояд. Сабади истеъмолӣ барои гурӯҳҳои иҷтимоӣ- демографӣ истифода мешавад. «Бо ин методика нушокиҳои спирти, курпа (бояд 20 сол хизмат кунад), сачоқи ҳамом (бояд 23 сол бардошт намояд) дохил намешавад» [7,94]. Ҳатто аз рӯи хароҷоти оила ба хурокворӣ аҳволи оиларо муайян намудан мумкин аст. Масъалан, дар Япония ва ШМА барои хурока 10-15% ва хондану табобат 15-18% даромаданашон

сарф мекунанд. Дар Русия хароҷот барои хурок 40-48% ва барои хондану табобат 1,6-3% -и даромадашонро сарф мекунанд. Дар Тоҷикистон ичунин таҳқиқот гузаронида шуда аст, ки аксарияти тоҷикон қариб 90-% зиёди даромадашонро ба хурок сарф мекунанд ва барои табобату хондан пулашон намерасад.

Андешаҳои пурмуҳтавои А.С.Меликсетян барои ташкили хадамоти психологӣ нақши муҳим мебозанд. Хусусан, барои бунёди оилаи нав заминаи хело хуби психологӣ ба шумор мераванд. Чунин андешаҳои пешниҳод кардаи А.С.Меликсетян дар Тоҷикистони имрӯза, акнун фаҳмида шуда истодааст ва барои ташкили он баъзе чорабиниҳо низ дар воситаҳои ахбори омма ба роҳ монда шуда истодааст. Махсусан, баъзеи ин пешниҳодоти олимро дар газетаи «Оила», «Чархи гардун» ва «Муҳаббат ва оила» дидан мумкин аст, ки натиҷаҳои дилхоҳро дода истодаанд. Соли 1986 аз ҷониби равоншиноси рус Галина Разумихина китобе бо номи «Олами оила» навишта шуд [8,64]. Разумихина дар ин асари илмии худ масъалаҳои гуногуни оилавиро ба муҳокима гузошта мавқеи илмии худашро дар он низ муайян намудааст.

Галина Разумихина дар бораи санъати муошират ва ҳамдигарфаҳмӣ, хусусиятҳои психологии мард ва зан, дар бораи алифбои оиладорӣ, оид ба масъалаи никоҳу талоқ андешаҳои тозаи психологӣ мегӯяд ва ба эътибор гирифтани онҳо аҳамияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалиро доранд. Разумихина оид ба масъалаи низоъ, пешгирӣ ва бартараф намудани он омӯзишҳо намуда қайд мекунад, ки дар даврахои аввали ҳаёти оилавӣ ҳамсарони ҷавон бо якчанд минтақаи низоъ рӯ ба рӯ мешаванд.

Минтақаи якуми низоъро номувофиқии идеалҳои ҳамсарон ташкил медиҳад. Низоъ дар он вақт ба амал меояд, ки шахси идеалии ё бо шахси реалӣ мувофиқат накунад.

Минтақаи дуюми низоъро кӯшиши тобеъ намудани шахси дигар ба худро ташкил медиҳад. Ин маънои онро надорад, ки шахс сарвар шудани аст, ҳокимиятро дар оила ба даст гирифтанист, балки имконият ба фардияти шахсӣ дигар дода намешавад, то ин ки дунёро бо чашми худаш бинад. Чунин тарзи муносибат дар ниҳоят ба низоъҳои оилавӣ оварда мерасонад.

Минтақаи сеюми низоъро тобнаоварӣ ба одатҳои шахси дигар ташкил медиҳад. Чунин ҳамсар одатҳои шахсии худашро, аз одатҳои шахсии ҳамсар хубу болотар медонад ва бо ҳамин таъғйир додани одатҳои ҳамсарро талаб мекунад. Ин бевосита ба пайдоиши низоъ замина мегузорад.

Андешаҳои Галина Разумихина оид ба психологияи муҳаббат, рафоқат ва садоқат ҷолибанд ва дар бунёди муҳити солими равонӣ дар оилаҳо татбиқшавандаанд.

Агар ба тадқикотҳои олимони Ватанӣ рӯ оварем, он гоҳ мебинем, ки аксарияти онҳо омӯзишҳои иҷтимоию педагогӣ мебошанд. Як даврахо дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ китоби Афанасева С., ки ба забони точикӣ тарҷума шуда буд, таълим дода мешуд ва он «Этика ва психологияи ҳаёти оилавӣ» ном дошт. Дар китоб роҳҳои бунёди оила, тарзи ташкили ёрии равонӣ бо дарназардошти руҳияи мардуми рус навишта шудааст ва он ба шароити кунунии Тоҷикистон ва ба психологияи мардуми кам андар кам мувофиқат мекард.

Солҳои наздик доктори илмҳои педагогӣ Хуррам Раҳимов дар атрофи масъалаҳои оила ва оиладорӣ тадқиқҳо намудааст, барои мактабҳои ҳамагони барномаи таълимӣ тартиб додаст. Тадқиқотҳои Х. Раҳимов аз доираи ақидаҳои педагогӣ берун намебароянд.

Аз ин хотир, зарурате пеш омадааст, ки дар Тоҷикистон тадқиқотҳое илмӣ-фалсафии оила ва оиладарӣ бештар гузаронида шаванд, чунки “Оилаи босавод –ҷомеаи босавод” – ро месозад.

Адабиёт

1. Черняк Е.М. –Социология семьи: Учебное пособие. – 3-е изд. Перераб. И доп. – М.: Издательско - торговая корпорация «Дашков и КО», 2004. – 238с.

2. Дюркгем Э. Сомоубийство: Социологический этюд / Пер. с фр. С сокр. Под ред. В.А. Базарова. –М.: Мысль, 1994. –399с.

3. Мертон Р. Социалная структура и аномия // Социология преступности

(Современные буржуазные теории) Москва, 1966. Перевод с французского Е. А. Самарской. Редактор перевода М.Н. Грецкий. Издательство «Прогресс». 380 с.

4. Энгелс Ф.Происхождение семьи, частной собственности и государство «Директ - Медиа» – М.: 2012. –160с.

5. Светлов В.И. Брак и семьи при капитализме и социализме. «Соцэгиэ» –М.: 1939. –152с.

6. Резник С.Д., Бобров В.А. Управление семейной экономикой. Учебное пособие для вузов. – М.: Экономика, 2003. –439с.

7. Галина Разумихина «Мир семьи» Кн. для учащихся ст. классов по курсу «Этика и психология семейной жизни». – М.: Просвещение, 1986. – 208 с.

НАУЧНО-ФИЛОСОФСКИЙ АНАЛИЗ СЕМЬИ КАК СОЦИАЛЬНОГО ИНСТИТУТА ОБЩЕСТВА

Гуломова М.С.

В данной статье автор рассматривает социально-психологические причины возникновения семейных конфликтов в современном таджикском обществе. На основе научно-исследовательского анализа семья анализируется с научно-философской точки зрения. Также в статье приводятся пути преодоления семейных конфликтов.

Ключевые слова: семья, “первобытное общества”, школа, психология, наука, благосостояние, уровень жизни, “потребительская корзина” любовь, взаимопонимание.

SOCIO-PSYCHOLOGICAL PECULIARITIES OF TEENAGERS WITH DEVIANT BEHAVIOR

Gulomova M.S.

In this article, the author examines the socio-psychological causes of family conflicts in modern Tajik society. Based on scientific research analysis, the family is analyzed from a scientific psychological point of vie.

Key words: family, “primitive societas”, school, psychology, science, welfare, standard of living, “shopping basket” love, understanding.

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲЛИЛИ НОБАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ: АЗ МАРКСИЗМ ТО ФУНКСИОНАЛИЗМ

Гардоншоев Алишер Мехробшоевич – докторант PhD третьего курса кафедры социологии философского факультета Таджикского национального университета
E-mail: gmalisher@gmail.com;
Тел.: (+992) 550 10 35 10

Мақола равишҳои назариявии таҳлили нобаробарии иҷтимоиро баррасӣ мекунад, ки аз марксизм то функсионализмро дар бар мегирад. Муаллиф бо истифода аз намунаҳои классикӣ ва муосир, сабабҳо ва механизмҳои нобаробарии иҷтимоиро шарҳ медиҳад ва таъсири онро ба сохтори иҷтимоӣ ва рафтори одамон таҳлил мекунад. Дар мақола марксизм ҳамчун назарияи асосие, ки нобобариро дар заминаи муборизаи синфӣ ва муносибат ба моликият шарҳ медиҳад, тасвир шудааст. Инчунин, муаллиф ба функсионализм таваҷҷуҳ мекунад, ки нобаробарии иҷтимоиро ҳамчун падидаи зарурӣ ва функсионалӣ барои фаъолияти самараноки ҷомеа мебинад. Интераксионизми рамзӣ низ баррасӣ мешавад, ки нобобариро тавассути муносибатҳои ҳаррӯза ва рамзҳое, ки одамон барои муошират истифода мебаранд, шарҳ медиҳад.

Калидвожаҳо: *нобаробарии иҷтимоӣ, марксизм, функсионализм, интераксионизми рамзӣ, муборизаи синфӣ, истисмор, табақабандӣ, институтҳои иҷтимоӣ, сохтори иҷтимоӣ, равишҳои назариявӣ.*

Нобаробарии иҷтимоӣ яке аз мавзуъҳои муҳимтарин ва баррасишаванда дар сотсиология мебошад. Зери мафҳуми “нобаробарии иҷтимоӣ” тақсимоти нобаробарии захираҳо, имкониятҳо ва ҳуқуқҳо дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ фаҳмида мешавад, ки новобаста аз сохти иқтисодӣ ва сиёсии он дар ҳама ҷомеаҳо мавҷуд аст. Фарқиятҳо метавонанд аз омилҳои гуногун, аз ҷумла синф, нажод, ҷинс, синну сол, дин ва ғайра вобаста бошанд [2; 296].

Дар илми сотсиология назарияҳои зиёде мавҷуданд, ки намояндагони онҳо кӯшиш мекунанд сабабҳо ва механизмҳои нобаробарии иҷтимоӣ, инчунин таъсири онро ба рафтори шахсони алоҳида ва сохтори иҷтимоии ҷомеа шарҳ диҳанд [5; 34]. Ин назарияҳо зарурати мавҷудияти нобаробарӣ барои ҷомеаро таҳқиқ намуда, онро манбаи муноқиша ва номутаносиби иҷтимоӣ медонанд.

Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз - узви вобастаи АМИТ, д.и.с., профессори ИФСҲ АМИТ
Тел.: 935051558
Саидов Муҳаммадҷон - унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Муаллифон дар мақолаи мазкур таҳқиқи «радикализми сиёсӣ», мазмун, моҳият ва хусусиятҳои онро таҳлилу баррасӣ намуда, нуқтаи назари бисёр муҳақиқони соҳавиро ба инобат гирифта, баъзе хулосабардориҳои муҳим намудаанд. Ба андешаи муаллифон мафҳуми «радикализми сиёсӣ» бештар маънои манфиро ба бар намудааст ва бо истилои «экстремизм» алоқамандии зич дорад, «радикализми сиёсӣ» ин принсипи асосии идеологияи экстремистӣ мебошад.

Дар мақола, хусусиятҳои радикализми сиёсӣ асоснок карда шуда мавқеи идеологҳои радикализми сиёсӣ шарҳу баён дода шудааст. Аз ин ҷо, онҳо худро муҳофизони дин, суннатҳо ва асолати мазҳабӣ шуморида бо роҳҳои гуногун шакл ва намудҳои гуногуни радикализми сиёсиро истифода мебаранд. Хусусан, вазъи имрӯзаи иҷтимоию иқтисодии ҷавононро ба инобат гирифта, мо бояд дар бораи ин зуҳуроти номатлуби ҷомеа ба мардум шарҳу баёни муҳтавои онро дода тавонем, ки ҷавононро ба гурӯҳҳои радикалиш экстремистию террористӣ ҷалб карда наавонанд.

Калидвожаҳо: *назария, радикализми сиёсӣ, моҳият, хусусият, радикализми динӣ, ҷараёнҳои радикализм, системаи сиёсӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, зӯроварӣ, экстремизм, терроризм, ҳизбҳо, сарварон, хатарҳои радикалӣ.*

Бояд тазаккур дод, ки дар замони ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири гурӯҳҳои алоҳидаи дохилӣ ва хориҷӣ раванди эҳёи дин хусусияти радикалӣ ва экстремистӣ касб намуд. Вобаста ба пешгирӣ ва муқовимат намудани ба ин зуҳуроти номатлуб зарурати танзим намудани масоили динӣ пеш омад. Соли 1994 ва 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар асоси таклифу пешниҳодоти мардуми кишвар қабул гардид. Дар ин замина, Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон қариб, ки дар ҳар як баромадҳояшон дар бораи ин зуҳуроти номатлуб мардумро ҳушдор менамояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надиҳем. Аз ин рӯ, мо бояд таҳдид ва хатарҳои радикалӣ, ифротгароӣ ва терроризмро, ки рӯз то рӯз хусусияти динӣ касб кардаистодаанд ва таҳдид ба ҳаёти мардуми мо доранд, аз нуқтаи назари назариявию методологӣ муайян намуда, интишори онҳоро дар ҷомеа пешгирӣ намоем.

Аз ин рӯ , таҳлилу таҳқиқи радикализми сиёсӣ дар шароити ба даст овардани истиқлоли давлатӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор меравад. Дар ҷомеа ирӯз мафҳуми “Радикализми сиёси”, бештар эътироф накардани қонуниятҳои иҷтимоӣ ва таассубгароӣ фаҳмида мешавад. Ба андешаи аксари сиёсатшиносон он дар кишварҳое реша паҳн мекунад, ки давраи гузариш ва ё рӯ ба истиқлолро аз сар мегузаронанд.

Радикализм аз забони англисӣ – *radicalism* гирифта шуда, маънояш тарафдорӣ аз «дигаргуниҳои бунёдӣ»-и ҷомеа ва ниҳодҳои иҷтимоии мавҷуд мебошад. Радикал бештар ба маънои аслу реша буда, дигаргуниҳои бунёдиро дар умури сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ талаб мекунад.

Зуҳуроти радикализмро баъзан дар забони тоҷикӣ ба маънои «тундгароии хушунатомез» низ истифода мебаранд, ки ба андешаи мо, он мазмуни пурраи радикализми

сиёсиро дода наметавонад. Яъне радикализм ҳамчун андешаи оштинопазир фаҳмида мешавад ва ба сохтори конститутсионии давлат ҳамеша таҳдид менамояд.

Мафҳуми “радикализм” воситаест, ки аллакай дар дунё бо чунин ном мисли экстремизму терроризм қабул карда шудааст. Масалан , баъзе таҳқиқотчиён “ радикализмро афкори сиёсӣ ва фаъолияти сиёсие медонад, ки барои пурра тағйир додани муносибатҳои сиёсӣ ва институтҳои муҳими системаи сиёсӣ нигаронида шудаанд”[3, с.60].

Дарвоқеъ, радикализм ин идеология, нақша, образҳои тахайюлот ва стратегияи номатлубе мебошад, ки метавон онро ба гурӯҳҳои динӣ, сиёсӣ, гендерӣ, ҳарбӣ, фарҳангӣ ва ғайра ҷудо намуд. Инчунин, радикализм ин равандест, ки дар худ тарафдорони ақидаҳои яктарафаро мутаҳид мекунад ва нуқтаи назари дигаронро қабул надорад, барои он фаҳмиши муросо ва муколама намудан ба хотири ба эътидол овардан аслан вуҷуд надорад.

Дар илмҳои сиёсӣ идеологияҳое мавҷуданд, ки онҳо дар заминаи анъанаҳои радикалӣ ташаккул меёбанд. Мафҳуми «радикализм» маъноҳои гуногун дорад. Ба воситаи он истифодаи роҳу усулҳои қатъӣ ва амалҳои қатъии сиёсиро ифода менамоянд. Аз ин рӯ, онро дар муносибат бо ҳизбҳо, фраксияҳои ҳизбӣ, ҳаракатҳо ва идеологияҳои сиёсӣ, сарварони алоҳида ва ғ. истифода менамоянд. Хамчунин он ба таври ҳамеша барои ифодаи рафтору амали мухолифон, ҳизбу ҳаракатҳои канорӣ ва идеологияи сиёсиашон мавриди истифода қарор медиҳанд [4, с.134].

Муҳаққиқи дигар хусусиятҳои радикализми сиёсиро шарҳ дода чунин менависад: “шакли фаъолияти инқилобӣ, радикалӣ ва экстремистии ҳизбҳои оппозитсионӣ дар тағйири сохти ҷамъиятӣ бо иттифоқи парадоксалии исломистҳо ва демократҳо чунин шарҳ дода мешавад, ки он дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ ва низоъҳои хурди яроқнок оварда расонид” [5, с.350-351]. Яъне муносибатҳои радикалии ҳизбҳои оппозитсионӣ дар кӯтоҳтарин муҳлат тавонистанд мардумро ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ оварда расонанд. Чуноне ки маълум аст, радикализм, падидаи манфии иҷтимоӣ-сиёсӣ ба шумор рафта, ҷаҳони имрӯзаро нигарон намудааст. Худи калимаи «радикализм» маънои амали қатъӣ, канораро дорад.

Гузашта аз ин, рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ низ боиси бештар гардидани таблиғи ғояҳои радикалистӣ шуда, ба афкори ҷамъиятӣ мустақиман таъсири манфӣ расонида истодаанд. Бахусус, имрӯзҳо тарғибу ташвиқи радикализми рост (масалан, радикализми динӣ) таҳдиду хатари бештарро ба вуҷуд оварда истодааст. Аз ҷониби дигар, гузариш аз як сохтори ҷамъиятӣ ба сохтори дигар, яъне дар давраи гузариш қарор доштани кишвар, ба буҳрон дучор шудани низоми таълим, зери таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ дур шудани ҷавонон аз китобхонӣ ва умуман осебпазир гардидани афкори ҷамъиятӣ ба тундгароёну ифротгароён шароити мусоид фароҳам овардаанд.

Ҳатто тӯли чанд соли охир зери таъсири ҳуҷумҳои идеологию иттилоотӣ як зумра ҷавонон аз ғояҳои ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ҷонибдорӣ намуда, ба сафи онҳо пайвастаанд. Роҳи ҳалли ин масъала ва мубориза бо экстремизм ва радикализм аз амнияти идеологии кишвар вобаста мебошад, аммо таъмини амнияти идеологии кишвар аз дараҷаи баланди саводнокии ҷомеа низ вобаста аст [7, с.23].

Агар радикализм ҳамеша дар асоси ягон идеология таъсис ёфта бошад, барои экстремизм платформаи идеологӣ ҳатмӣ нест. Худи мафҳуми “радикализм “ фаҳмиши эҳтимолӣ мебошад. Аммо он асоси идеологияи терроризмро ташкил мекунад, ки ба воситаи он актҳои маҷбуркунии ғайриқонунӣ амалӣ карда мешаванд. Дар фарқият аз фаъолияти радикалӣ, ки баҳодиҳии он маънои хубу бадро дар бар мегирад, амали террористӣ ҳамеша хусусияти харобиовар ва ғайриқонунӣ дорад.

Раванди амалӣ гардидани радикализм метавонад хеле ноаён ва оромона сурат гирад. Радикалҳо бештар барои номуайян будани хеш аз ҷомеа дурӣ ҷуста, рафтору кирдорашонро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Онҳо ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки нишонаҳои радикалии хушунатомезашонро падапӯш намоянд. Хусусан, дар ин ҷода радикализми динӣ дар мадди аввал қарор дорад ва хеле эҳтиёткорона амалҳоеро иҷро мекунанд, ки махфияти ҷиддӣ доранд. Экстремизм ва терроризм низ давоми

мантиқии ҳамдигар буда, шаклҳои канории радикализми сиёсӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки мафҳуми «радикализм» чун муродифи истилоҳи «экстремизм» фаҳмида мешавад. Лекин байни мафҳумҳои мазкур фарқият мавҷуд аст. Радикализм метавонад бар хилофи экстремизм, ки амалӣ аст, танҳо «ғоявӣ» бошад. Экстремизм ин як шакли канории радикализми сиёсӣ буда, диққатро бештар ба усул ва воситаҳои мубориза равона мекунад.

Радикализм ин «идеологияи дигаргуниҳои куллӣ дар ҷамъият», асоснок намудани идеологияи истифода бурдани зӯроварӣ барои ҳалли масъалаҳои гуногун дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Шакли ниҳоии радикализм ин ташвиқоти идеяи барангехтани ҷанг бо давлатҳои дигар ё генотсиди ягон қавм, гурӯҳи миллӣ дар дохили давлат мебошад. Одатан радикализм дар муҳите рушд меёбад, ки он зери таъсири таҷовузи беруна мондааст ё дар ҷамъияте, ки сохти сиёсиаш дар ҳолати фалаҷ қарор дошта, наметавонад ислоҳоти заруриро барои ҳалли масъалаҳои дохилии ҷамъияти мазкур амалӣ гардонад. Вале роҳи радикалии ҳалли масъалаҳои дохилӣ онҳоро то дараҷае мерасонад, ки дуруст будан ё набудани ин роҳ номуайян мемонад. Радикализм дар талаб намудани натиҷаи мушаххаси мусбат зоҳир мегардад, ки ин маҳаки он мебошад [10, с.38].

Муаллифони дигар чун Шарипов Т.Ш., Сафаров Х.С. ибрози андеша доранд, ки «Радикализм» даставвал ҳамчун шакли ғайризӯроваранаи экстремизм эътироф шуда, маъмулан дар асоси ангезаҳои сиёсӣ рушд менамояд ва танҳо вақте он шакли истифодаи зӯроварӣ ва ё даъвати оммавии истифодаи зӯровариро барои ноил шудан ба мақсад дар бар мекунад, он ба яке аз намудҳои экстремизм ҳамчун зуҳуроти ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ табдил меёбад [10, с.39].

Радикализм ҳамеша тамоюли оппозитсионӣ мебошад ва дар ҷомеа нақши вайронкунандаи босуботӣ ва истиқрор аст. Дар заминаи он ғояҳои тунди чапгаро ва ростгаро тавлид меёбанд, ки бо амалҳои мутобиқ ҳамшафатанд. Идеологияи радикалӣ зарурати ба таври қатъӣ дигаргун намудани сохтори ҷамъиятӣ ва сиёсиро асоснок намуда, бо системаи сиёсии ҳукмрон мухолифати шадид менамояд. Радикализми чап ва ростро аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Чунин гурӯҳбандии радикализм таърихи худро дорад. Таърихи пайдоиши ин мафҳумҳо бо анъанае алоқаманд мебошад, ки тибқи он аъзои Маҷлиси муассисони давраи Инқилоби Бузурги Фаронса дар толори маҷлисгоҳ ба ду гурӯҳ тақсим карда мешуданд: консерваторон аз тарафи рости раисикунанда ва радикалистон аз ҷониби чапи ӯ менишастанд.

Айни замон мафҳумҳои «чапгаро» ва «ростгаро» барои нишон додани хусусиятҳои идеологияи сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, самтгириҳои ВАО, ҳатто барои мавқеъгириҳои шахсони алоҳида ба кор бурда мешаванд [13].

Ба ақидаи ҷомеашиносон, радикализм зинаи аввали инкишофи экстремизм мебошад. Бо дарназардошти вазъи ҷаҳони муосир ва шаклҳои зуҳури ин падидаи номатлуби ҷомеа терроризм аз рӯи хусусияташ гуногунҷабҳа буда, дар чанд шакл амалӣ карда мешавад: инфиҷор намудани фурудгоҳҳо, ҷойҳои серодам; барҳам додан ва валангор намудани объектҳои махсусан муҳимми стратегӣ; бо роҳи зӯрӣ гаравгонон гирифтани одамон; дар зеҳни мардум ворид намудани тарсу ваҳм ва нобоварӣ ба фардои ҳаёти осоишта ва ғ.

Намуди дигари фаъолияти экстремистӣ ташвиқоти амалиёти террористӣ мебошад. Ин амал бевосита дар он ифода мегардад, ки баъзе давлатҳо дар таъсис додани ташкилотҳои террористӣ мусоидат мекунанд, дигар давлатҳо бошанд чунин ташкилотҳоро дар қаламрави худ ҷойгир карда, бо маблағҳои калони пулӣ сарпарастӣ менамоянд. Инчунин, ташкилотҳои мазкур аз ҷониби созмонҳои ғайридавлатии байналмилалӣ ҳамчун нерӯи пуштибони озодиҳои шаҳрвандон ва рандҳои демократӣ эътироф мешаванд ва ҳатто баъзе давлатҳо онҳоро ба расмият мешиносанд. Дар асл онҳо дар ҳудуди давлатҳои бегона бо роҳи амалҳои террористию экстремистӣ ба сохти давлатдорӣ таъсири манфӣ мерасонанд [1, с.33].

Бояд гуфт, ки радикализм ин идеологияи истифода бурдани зӯроварӣ барои ҳалли масъалаҳои гуногун дар ҳаёти ҷомеа мебошад. Шакли ниҳоии радикализм - ин ташвиқоти идеяи бесубот намудани ҷомеа, давлат ё аз байн бурдани ҷониби дуюм дар дохили кишвар мебошад. Экстремизм бошад, ин идеологияи радикализм дар амал аст.

Аломатҳои радикализм дар мағзу қалбу манзили ифротгароёна зоҳир мешаванд.

Мафҳуми «радикализм» ҳамчун истилоҳ дар илмҳои сиёсӣ дар асоси фаҳмишу ҷаҳонбиниҳои гуногун арзёбӣ мегардад. Зери фаҳмиши радикализми сиёсӣ итоат накардардани қонунҳои кишвар, эътироф накардани ҳақиқат, қонуниятҳои иҷтимоӣ ва таассубгароӣ фаҳмида мешавад. Ин зуҳурот дар байни дигар падидаҳои номатлуб, ба қавли сиёсатшиносон, дар кишварҳое рушд меёбад, ки нооромӣ ва муноқишаҳои мухталиф тезутунд мегардданд.

Бо таври дигар, радикализми сиёсӣ маҷмуи андеша ва ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки мақсади дигаргун кардани вазъ, сарнагун намудани институтҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеаро фарогир аст. Ба қавли дигар радикализми сиёсӣ маънои изҳори амали қатъӣ ва канорагирӣ карданро бо роҳи зӯрӣ дуруст мешуморад.

Аз таҷрибаи ташаккули мафҳуми «радикализми сиёсӣ», мазмун, моҳият ва хусусиятҳои асосии он радикализми сиёсӣ то қадри имкон маълум шуд, ки он зуҳуроти манфии сиёсӣ буда, ҷаҳони имрӯзаро ба худ нигарон намудааст. Ин зуҳуроти манфӣ бо экстремизму терроризм робитаҳои сабабӣ дорад, чунки радикализми сиёсӣ омили асосии пайдоиши экстремизм буда, дар навбати худ сабаби асосии пайдоиши тазоҳуроти террористӣ мебошад.

Ҳамин тавр, истифодаи равиши функсионалӣ ба масъалаи радикализми сиёсӣ нишон медиҳад, ки дар системаи сиёсӣ ҷанбаҳои функсионалии радикализми сиёсиро аз назари манфӣ ва мусбат ҷудо намоем. Маълум аст, ки радикализм дар системаи сиёсӣ функсияҳои муайянеро иҷро менамояд, Масалан, функсияҳои сафарбарнамоии радикализм дар самтҳои манфию мусбат падид омада метавонанд. Идеология ва таҷрибаи радикалҳо ҳамчун омили сафарбаркунӣ ҳама танқидҳои танзимнамуда ва норизоияти режиму ҳокимиятро муттаҳид мекунад.

Дар масъалаҳои мусбат бошад радикализм метавонад воситаи сафарбаркунии ҷомеа шуда, дар барпо намудани реформаҳои радикалӣ ба манфиати аксарият бошад. Аммо муносибати радикализм вобаста ба вазъи иҷтимоию сиёсӣ тағйир меёбад. Худи сатҳи фаъолнокии радикалҳо ва ташкилоти онҳо, инчунин аз фаъолияти ҳокимияти кунунӣ то аз байн бурдани радикализм бурда мерасонад. Бояд кайд кард, ки эҳтимолияти ба вуҷуд омадани тамоюлҳои арзишҳои радикалӣ ва амал ба онҳо назар ба амали фаъоли ташкилотҳои радикалӣ дар раванди сиёсӣ хеле баланд мешаванд. Албатта ҳамаи ин назар ба идоранашавӣ ва хусусияти номуайян маълум мешаванд. Зеро пешгӯинашавандагии номуайян, тағйирпазирӣ, бесарусомонӣ ва ғ. Хусусиятҳои раванди сиёсӣ мебошанд. Зинда намудани ҷараёнҳои радикалистӣ ба зиёд ва кам будани маълумот дар бораи ташкилотҳои радикалӣ, ҳизбҳо ва сарварон мусоидат мекунад.

Радикализм ин мавқеи шадидест, ки ҳеҷгоҳ тоқати созиш надорад, канорагирии он ҳамеша аз ҳисоботи системаи мушаххас яъне ҳукумронии идеология дар ҷомеа мебошад.

Дар дилхоҳ даврaҳо пажуҳишгарон мафҳуми «Радикализм»-ро бештар ба маънои харобшавӣ, нооромӣ, бетанзимӣ, ва дар ҳолатҳои дигар бо методҳои самаранокии ҳалли антагонизми синфӣ ва тағйироти ҳаёт мефаҳманд [8, с.558].

Дарвоқеъ, барои муайян намудани моҳияти радикализми сиёсӣ ва хусусиятҳои мафҳуми он муайян намудани қоидаи мушаххаси он мушкилтар менамояд. Аз ин рӯ, аксари муҳақиқони илмҳои сиёсӣ ҷонибдори ақидае мебошанд, ки танҳо ба як қоида муайяан намудани радикализми сиёсӣ мушкилӣ ба миён меорад. Зеро ҷамъбасти қоидаи мушаххас метавонад танҳо як қисми онро дар бар гирад. Яъне чунин коида наметавонад, ки ҳамам самтҳои радикализми сиёсиро фарогир бошад. Аз ин бармеояд, ки эҳтимолияти ҳама гуна мафҳумҳои радикализм ва гуногунҷабҳа будани он дар равиши пажуҳиши объекти мазкур ба дарк ва диди мухталиф шарҳу баён дода шавад.

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки мафҳуми «радикализм» дар илмҳои сиёсӣ ҷойгоҳи таҳмилии худро пайдо кардааст. Дар аксар луғатҳои ҷомеашиносӣ радикализм бо ду маънӣ шарҳу баён дода шудааст: Якум, ҳамчун уҳдадории шадид, тадбирҳои қатъӣ. Дуюм, ҳамчун таълимоти иҷтимоию сиёсӣ барои сафарбар намудан ба тағйироти асосии институтҳои маҳфузи ҷамъиятӣ ва гурӯҳи одамони ташкилнамудае, ки таълимоти

мазкурро кӯшиш менамоянд, ки дар амал татбиқ намоянд.

Дар луғати Энсиклопедии фалсафӣ мафҳуми «радикализм» чунин шарҳ дода шудааст:1) Идеяи иҷтимоию сиёсӣ ва амале, ки ба ҳалли тағйироти институтҳои мавҷуда равона шудааст.2) «Истилоҳи нисбие, ки танаффуси анъанаҳои эътирофшударо муайян мекунад» [8, с.558].

Дар энсиклопедияи сотсиологӣ бошад, «радикализми сиёсӣ ин назария ва амалияест, ки барои қарори ҷиддӣ қабул ва ҳифз намудан бештар барои амалӣ кардани функсияҳои иҷтимоӣ сафарбар шудааст [3, с.62].

Дар баробари ин, радикализм боз ба гурӯҳҳои гуногун тақсим мешавад ва радикализми динӣ яке аз намудҳои ниҳоят махфӣ ва хатарноки экстремистӣ мебошад, Радикализми динӣ дар бисёр ҳолатҳо ба дин ва хурофоти динӣ такя намуда, барои амалӣ намудани ҳадафҳои худ таълимоти диниии ғайришариатиро истифода мебарад. Дар натиҷа, агар амалҳои радикалии динии шахс пешгирӣ карда нашаванд, он ба таҳдиду куштори одамон бурда мерасонад.

Шакли дигари радикализм идеологияи фашистӣ мебошад. Идеологияи фашизм аз мавқеи зиддидемократӣ, таҳаммулнопазирии нажодию шовинистӣ баромад намуда, давлати тоталитарӣ, ҳокимияти пурқувват ва бераҳмро ташаккул медод. Идеологияи мазкур ҳукмронии сиёсии ҳизби авторитариро таъмин намуда, ба воситаи он назорати қатъии одамон ва ҷомеаро амалӣ мегардонид. Аммо фашизм ҳамчун идеологияи зиддигуманистӣ ва инсонбадбинӣ пурра аз байн бурда нашудааст. Баъди анҷоми ҷанги дуюми ҷаҳон он дар шакли неофашизм эҳё гардид ва баъди фурӯпошии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар баъзе ҷумҳуриҳои собиқ бо шаклҳои гуногуни нави неофашистӣ, абарқудратӣ ва миллатгароӣ рушд намуда истодааст.

Неофашизм низ идеологияи радикализмро ҷонибдорӣ менамояд ва масъалаҳои бадбинии инсон ва фашистии мавҷударо бо роҳи зӯроварӣ ҳал кардан мехоҳад. Фаъолияти ҳаракатҳои неофашистӣ аллакай дар кишварҳои гуногуни олам ба ниҳодҳои демократӣ таҳдиду хатар эҷод намудаанд [2].

Мавриди тазаккур аст, ки радикализми сиёсӣ аз назари маърифатӣ ин раванди пайдоиши андеша мебошад, ки идеяҳои ифротиро дар зеҳну тафаккури шахс ва ё гурӯҳи алоҳида фаро мегирад. Радикализми сиёсӣ метавонад бар хилофи экстремизм, ки идеологияи терроризм аст, ғоявӣ бошад. Он ҳамеша тамоюли мухолиф буда, ба амният ва суботи сиёсии кишвар таҳдид менамояд. Маълум аст, ки радикализми сиёсӣ имрӯз авзои минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонро ба ташвиш овардааст ва новобаста ба оне ки дарк ва фаҳмишҳо нисбати ин зуҳуроти номатлуб гуногун ва бисёрҷабҳа мебошанд, вале шаҳрвандони моро зарур аст, ки аз ҳар гуна ташкилоту гурӯҳҳои радикалию экстремистӣ ҳазар дошта бошанд. Яъне таъмини якпорчагии давлату миллат ва сулҳу ваҳдат барои мо бояд аз дигар манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ баланду боло бошад.

Маълум аст, ки ҷавонон аз нигоҳи сиёсӣ ва идеологӣ камтаҷриба буда, дар баробари бунёдгароӣ осебпазир мебошанд. Теъдоди зиёди онҳо аз хонаводаҳои камбизоат мебошанд. Аз ин рӯ, бештари онҳо зери таъсири ноошноёни миллат қарор гирифта, мағзшӯӣ мегарданд ва майли ҷараёнҳои радикализм ва экстремизм мегарданд. Хусусан, бо сабаби дар хориҷӣ кишвар рӯ ба рӯ шудан ба мушкилоти гуногун, беадолатиҳо ва нобаробариҳои зиёди иҷтимоӣ таваҷҷуҳи баъзе аз онҳо ба дин бамаротиб меафзояд. Аз ин вазъият гурӯҳҳои ифротгаро ва шахсони алоҳидаи манфиатҷӯ моҳирона ва маккорона истифода мебаранд [11].

Бояд тазаккур дод, ки худи раванди радикализатсия фард ё гурӯҳеро дар бар мегирад, ки амалҳои террористиро дастгирӣ мекунанд ва метавонанд дар рафтор ва муносибатҳои онҳо зоҳир шаванд.

Раванди радикалии ҷомеа – афзоиши шумораи тарафдори ақидаҳои яктрафае, ки нуқтаи назари дигарро таҳаммул надоранд, ягон намуди муросоро эътироф намекунанд ва ба муколамаи самаранок моил нестанд[9].

Ҳамин тариқ, радикализм падидаи иҷтимоӣ ва сиёсие ба шумор меравад, ки вазифаи он дигаргуниҳои қатъӣ ворид кардан мебошад. Дар ҷомеаҳое, ки вазъашон ором аст, ҳукумат метавонад қувваҳои гуногуни иҷтимоиро ба низом дароварад. Аммо дар ҷомеае, ки ба истилоҳ «давраи гузариш»-ро аз сар мегузаронанд, зуҳуроти радикализм

меафзояд. Ба ақидаи ҷомеашиносон, радикализм зинаи аввали инкишофи экстремизм, яъне ифротгароӣ мебошад [13].

Аммо радикализм ҳеҷ вақт муродифи терроризм буда наметавонад. Одатан, мавқеи радикализм бояд пеш аз терроризм бошад, вале террористон метавонанд раванди радикализатсияро канор гиранд. Аммо ҳаракатҳои радикалӣ набояд ҳатман ба гурӯҳҳои террористӣ табдил ёбанд. Аз ин рӯ, радикализм воситаҳои мавҷудаи иштироки сиёсӣ, инчунин институтҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро, ки барои ҳалли шикоятҳои ҷомеа номувофиқанд, комилан рад мекунад.

Ҳамин тариқ, радикализм ба тағйироти куллии сохторӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа муроҷиат мекунад ё ба он бармеангезад. Инҳо метавонанд муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бошанд. Дар ин самт радикализм мафкураи нави маъмулро ба вуҷуд оварда, қонуният ва аҳамияти ақидаҳо ва эътиқодҳои ҳокимро зери шубҳа мегузорад. Он баъд тарафдори дигаргунихои катъӣ ҳамчун рохи бевоситаи конструктивӣ ва прогрессивии азнавсозии чамъият аст [3,с.64].

Албатта, моҳияти радикализм ҳатман динӣ нест, он метавонад дар ҳама гуна муҳити идеологӣ ё дунявӣ рух диҳад.

Радикализатсияи сиёсӣ дар таблиғи амалҳои шадиди хушунат дар амалисозии тағйироти радикалӣ ифодаи муфассал пайдо мекунад. Ба раванди радикализатсия ба мардум камбизоатӣ, бекорӣ, бесаводӣ ва канорагирӣ таъсир мерасонад. Омилҳои хатари радикализм дар ҷомеа имрӯз хеле мураккаб ва гуногунанд. Яке аз онҳо ба мавҷудияти ҷунбиши салафиён ва ваҳоббигароӣ иртибот дорад. Мутаассифона идеологияҳои радикализми сиёсӣ дар саросари ҷаҳон босуръат густариш ёфта, тавассути технология ва интернет ба мардум дастрас мегарданд. Тафаккури радикалӣ бошад, ба ин пайваст шуда, ба радикализатсия таъсири назаррас мерасонад.

Идеологияи радикализми рост ҳам як ҷараёне ба шумор меравад, ки дар асоси таклидкорӣ аз анъанаҳои дигар ва бо роҳи дигаргунсозии унсурҳои идеологияҳои дигар ташаккул меёбад. Дар чунин шароит рӯҳияи эътирозии гурӯҳҳои иҷтимоӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Чунин амалҳо бо роҳи маҷбур намудани омма ба воситаҳои радикалии ҳалли масъалаҳои мавҷуда анҷом дода мешаванд. Ба сифати сарчашмаи чунин масъалаҳо радикалистони рост метавонанд мухолифатҳои байалмилалӣ ва байниэтникиро истифода баранд. Дар ҳама шакли зоҳиршавии худ идеологияи радикализми рост худро ҳомии манфиатҳои миллат ва ҳимоятгари худи миллат муаррифӣ менамояд. Радикалистони рост бошанд дар бисёре аз мавридҳо ҷонибдорони худро ба қатлу ғорат даъват менамоянд.

Миллатро тоза намудан аз унсурҳое, ки сарчашмаи пайдоиши низоъҳои сиёсӣ мебошад, барои радикалистони рост воситаи таъмини ягонагии миллӣ мебошад. Ҷонибдорӣ намудани зӯроварӣ ҳамчун усули амалӣ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат хусусияти муҳимми идеологияи радикализми ростро ташкил медиҳад [1, с.13].

Мавриди тазаккур аст, ки яке аз сабабҳои асосии густариши радикализми сиёсӣ мавҷудияти ҷавонони бе ҷойи кор дар ҷомеа, бе оянда ва пешнарафтани онҳо мебошад. Чунин ҳолат дар ҷавонон бадбиниро нисбат ба ҷомеа ба вуҷуд меоварад, низоми ақида ва эҳсосоти ифротиро ифода менамояд. Ҳадафи асосии ин гурӯҳҳо, мо дарназар дорем гурӯҳҳои ноошноеро, ки нисбати ҳукумату давлати мо норозигӣ баён намуда, худро оппозитсионер ва ё мухолиф меҳисобанд. Махсусан, як қисми ҷавононе, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, зери таъсири рӯҳониёни ифротгарои динии тоҷикию қафқозӣ афтида, ба рафтори иҷтимоиашон таъсири назарраси радикалӣ расонида мешавад. Ин аст, ки онҳо ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ ақидаҳои динии ифротӣ ва радикалии хешро паҳн менамоянд.

Рӯйдодҳои «Крокус Сити Холл» гувоҳӣ медиҳанд, ки терроризм ба хатари аввалиндараҷа табдил ёфта, ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Новобаста ба ин доманаи фаъолияти созмонҳои радикалию экстремистӣ васеъ шуда, вазъиятро боз ҳам мураккабтар мегардонад. Зеро радикализми сиёсӣ ҳамчун пояи асосии идеологияи як қатор қувваҳои сиёсии чап ва рост гардида, ҳалли масъаларо дар барҳам додани сохтор ва дигаргун намудани ҳокимияти давлатӣ ба воситаи амалҳои радикалӣ ва экстремистӣ медонанд. Ин аст, ки радикализм ҳамчун модари зуҳуроти номатлуби ҷомеа бо сохти

сиёсии мавҷуда ҳамеша дар мубориза буда, сайъ мекунад, ки авзои ҷомеаро ноором созад. Ин мақсадҳо бо роҳи расонидани иттилооти бардурӯғ, туҳмату буҳтон ба сарварони сиёсӣ, ташкили низоъҳо, тақвият бахшидани буҳронҳои иҷтимоӣ бо роҳи норозигӣ, фишор овардан ба ҳокимияти сиёсӣ амалӣ мегарданд.

Мувофиқи таҳлили қоидаҳои мухталифи илмӣ дар соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ муаллиф чунин хулосабардорӣ менамояд, ки радикализми сиёсӣ яке аз категорияҳои илмҳои сиёсӣ буда, тағйирпазирии иҷтимоию сиёсиро инъикос намуда, менталитет хусусиятҳои системаи сиёсиро дар замони инқирозҳо, ноороми, тағйиротҳои кулии системаи иҷтимоию сиёсӣ, муайян намудани хусусияҳои ҳамкориҳои сиёсиро байни ҳокимият ва шаҳрвандон дар бар мегирад. Таъсири гурӯҳҳои радикалӣ аз ҷумла экстремистӣ дар ояндаи наздик эҳтимоли зиёд шудан доранд. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки таҳлилу таҳқиқро дар самти радикализм ва экстремизм ҷоннок намуда, фарқият ва монандии онҳоро муайян намоем.

Адабиёт

1. Авинцова Г.Н. Политический радикализм в России. Социокультурный аспект проблемы: автореф. дис….док.-ра филос. наук.- М., 1996- 50 с.

2. Ғуломов М.Н., Радикализми динӣ - зуҳуроти номатлуби ҷомеа. **https://new.kgu.tj/tj/news/658**

3. Идеологияи сиёсӣ. (Мураттибон, Муҳаммад А.Н., Хидирзода М.У.) – Душанбе: Ирфон, 2022. – 156 с.

4. Махмадов А.Н. Процесс межнационального общения как социально-политический феномен (опыт Таджикистан): дис. …докт.полит.наук.- Минск,1996.- 335 с.

5. Сафарализода, Х. К. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ / Х. К. Сафарализода. – Душанбе : Эр-граф, 2023. – С.350-358.

6. Социологическая энциклопедия в 2 т. Т.2. М, 2003- 510 с.

7. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм». Зери таҳрири муовини якуми Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи сеюм Холиқов А.Ғ. - Душанбе, 2014. – 28 с.

8. Философский энциклопедический словарь. Гл.ред. Ильичев Л.Ф., Федосеева П.Н.М.: Советская энциклопедия,1983.-1028с.

9. Шарипов А. Радикализм – роҳ ба сӯйи экстремизм ва терроризм. https://mi.tj/article

10. Шарипов Т.Ш., Сафаров Х.С. Баъзе андешаҳо перомуни таносуби мафҳумҳои «Экстремизм», «Фундаментализм», «Радикализм», «Натсионализм» ва «Сепаратизм» // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. - № 4 (28). - С.38-45

11. Шокиров Ҳ. Тундгароӣ (радикализм), ифротгароӣ(экстремизм), даҳшатафканӣ (терроризм) ва роҳҳои мубориза ба онҳо. https://ddstdt.tj

12. Ҷорҷ А. Genyi. Радикализм ва терроризм дар Шарқи Наздик ва Африқои Ҷанубӣ. https://icermediation.org/tg

13. https://www.tajmedn.tj/tj/nazareba/muboriza-bar-ziddi-terrorizm-va-korrupsiya/radikalizm-chist/

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИЗУЧЕНИЯ «ПОЛИТИЧЕСКОГО РАДИКАЛИЗМА», СОДЕРЖАНИЕ, СУЩНОСТЬ И ЕГО ОСОБЕННОСТИ

Мухаммад А.Н., Саидов М.Р.

В данной статье авторы проанализировали «политический радикализм», его содержание, сущность и характеристики, рассмотрели различные взгляды многих исследователей в данной области и сделали ряд важных выводов. По мнению авторов, понятие «политический радикализм» имеет негативное значение и тесно связано с термином «экстремизм», «политический радикализм» является основным принципом экстремистской идеологии.

В статье обоснованы особенности политического радикализма и объяснена позиция идеологов политического радикализма, следовательно, они считают себя защитниками религии, традиций и религиозной аутентичности, и по-разному используют разные формы и виды политического радикализма. В частности, учитывая современное социально-экономическое положение молодежи, мы должны суметь разъяснить это нежелательное для общества проявление и разъяснить его содержание, чтобы не привлекать молодежь к радикальным экстремистским и террористическим группировкам.

Ключевые слова: теория, политический радикализм, природа, особенности, религиозный радикализм, процессы радикализма, политическая система, социальные сети, насилие, экстремизм, терроризм, партии, лидеры, радикальные опасности.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE STUDY OF "POLITICAL RADICALISM", CONTENT, ESSENCE AND ITS FEATURES

Muhammad A.N., Saidov M.R.

In this article, the authors analyzed "political radicalism", its content, essence and characteristics, examined the different views of many researchers in this field and made a number of important conclusions. According to the authors, the concept of "political radicalism" has a negative meaning and is closely related to the term "extremism"; "political radicalism" is the basic principle of extremist ideology.

The article substantiates the features of political radicalism and explains the position of the ideologists of political radicalism, therefore, they consider themselves defenders of religion, traditions and religious authenticity, and use different forms and types of political radicalism in different ways. In particular, taking into account the current socio-economic situation of young people, we must be able to explain to the people this manifestation, undesirable for society, and explain its content, so as not to attract young people to radical extremist and terrorist groups.

Key words: theory, political radicalism, nature, features, religious radicalism, processes of radicalism, political system, social networks, violence, extremism, terrorism, parties, leaders, radical dangers.

ФАРҲАНГИ ИНТИХОБОТӢ ВА НАҚШИ ОН ҶОМЕА

Хидирзода Махфират Умар - д.и.ф., профессор,
узви Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсии
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: makfirat@mail.ru;
Тел.: (+992) 918639754

Мақолаи мазкур ба таҳлили масъалаи фарҳанги интихоботӣ ва нақши он дар ҷомеа бахшида шудааст. Қайд гардидааст, ки фарҳанги интихоботӣ - инъикоси сатҳи фарҳанги сиёсии ҷомеа мебошад, ки тавассути он интихоби бошуурона, озод, бевосита ва пинҳонӣ таъмин карда мешавад. Фарҳанги интихоботӣ ифодаи маҷмуи арзишҳои сиёсӣ ва тамоюлҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии ҷомеа буда, муайян мекунад, ки майли ҷомеа ба кадом ҷониб аст. Фарҳанги интихоботӣ ба сифати падидаи муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ баромад намуда, ифодаи ҳолати воқеии рушди муносибатҳои демократӣ дар ҷомеа мебошанд. Вобаста ба ин маҳз фаъолгардонии омили объективӣ – баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон зарур мебошад. Дар навбати худ омилҳои зикргардида баҳри ташаккули шакли хоси фарҳанги интихоботӣ замина мегузоранд.

Калидвожаҳо: *интихобот, фарҳанги интихоботӣ, фарҳанги сиёсӣ, асосҳои маънавию сиёсӣ, заминаҳои ҳуқуқӣ, ҷомеа, интихоботи озод, овоздиҳӣ, иштирок дар интихобот, шуури ҳуқуқӣ, маърифати сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ.*

Рушди демократия ва таҳкими равандҳои вобаста ба он тақозо менамоянд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми замони муосир – масъалаи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон боло бурда шавад, зеро маҳз омили мазкур ҷиҳати бемонеа амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, танзими ҳуқуқии фаъолияти ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа мусоидат намуда метавонад. Бо дарназардошти муҳим будани масъала, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба паёми соли солӣ ба Маҷлиси Олии кишвар дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар соли 2024-ро ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон эълон намуданд.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун василаи муҳимми танзимкунандаи рафтор ва фаъолияти шахс дар ҷомеа баромад намуда, омили муосоид ҷиҳати таъмини волоияти қонун ва риояи тартиботи ҳуқуқӣ дар кишвар маҳсуб меёбад. Маҳз дараҷаи баланди донишҳои ҳуқуқӣ, фарҳанги риояи тартиботи ҷамъиятӣ ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар, дарки муҳим будани риояи чаҳорчӯбаи муайяннамудаи рафтор, ки тавассути қонунгузорӣ муқаррар шудааст, нишонаи сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа баромад мекунад.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсӣ баромад намуда, ба шахс имкон медиҳад, ки дар шинохти ҳуқуқу озодӣ ва вазифаю уҳдадориҳои худ муваффақ гардад. Дар робита ба ин яке аз масъалаҳои муҳим татбиқи ҳуқуққои сиёсии шаҳрвандон, аз он ҷумла ҳуқуқи интихоботии онҳо мебошад. Вобаста ба ин кишварҳо ҳар кадом механизмҳои ҳуқуқию ниҳодӣ ва ташкилии худро ташаккул додаанду дар ин доира баҳри иҷрои амали мазкур кушиш мекунанд. Дар робита ба ин метавонем қайд намоем, ки масъалаи ҳуқуқи интихоботии шаҳрванд ду паҳлу дорад: якум, доираи муқаррарнамудаи давлат, ки тавассути қонунгузорӣ муайян ва амалӣ карда мешавад, дуюм ин ки то кадом дараҷа ва

дар кадом сатҳ шаҳрванд ҳуқуқи мазкурро истифода мебарад. Ин паҳлуи масъала низ аҳамияти муҳим дорад, зеро дар шароити такмили муносибатҳои сиёсӣ дар ҷомеаи муосир, васеъшавии фазои иттилоотӣ ва имкониятҳои иштирок дар раванди идоракунии давлат тағйирпазирии ҷиддии фарҳанги интихоботӣ ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, масъалаи ҳуқуқи интихоботӣ бо фарҳанги интихоботӣ робитаи мазмунию функсионалии хос пайдо мекунанд.

Мафҳуми “фарҳанги интихоботӣ” худ ифодаи маҷмуи меъёру арзиш, қоида ва шакли рафторест, ки шаҳрвандон дар маъракаҳои интихоботӣ нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, масъалаи омӯзиш ва арзёбии зуҳуроти мазкур хеле муҳим мебошад. Маҳз фарҳанги интихоботӣ, ба ақидаи мо, дар маҷмӯъ инъикоси сатҳи фарҳанги сиёсии ҷомеа мебошад, ки тавассути он интихоби бошуурона, озод, бевосита ва пинҳонӣ таъмин карда мешавад.

Дар баробари ин, фарҳанги интихоботӣ бо фарҳанги ҳуқуқӣ низ робитаи бевосита дошта, дар баъзе ҳолатҳо онро ҳамчун “фарҳанги ҳуқуқӣ-интихоботӣ” низ маънидод мекунанд. Заминаи асосии чунин маънидодкунӣ аз он бармеояд, ки татбиқи самараноки ҳуқуқи интихоботӣ ва сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ вобаста мебошад. Доираи дониш, тасаввурот, ақидаҳои шаклгирифта дар масъалаи мавқеъ ва нақши ҳуқуқ, малакаҳои рафтори мақбули ҳуқуқӣ, ки шаҳрванд дар худ ташаккул додааст, баҳри амалӣ намудани доираи муқарраргардидаи ҳуқуқу озодӣ ва вазифаю уҳдадориҳои ӯ мусоидат менамояд. Рафтори танзимшудаи ҳуқуқӣ ҳамчун паҳлуи амалии ифодаи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрванд дар раванди интихобот низ аҳаммияти хос дорад.

Олим О.С.Морозова фарҳанги интихоботиро таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки: “Фарҳанги интихоботӣ маҷмуи арзишҳо, тасаввурот ва меъёрҳое мебошад, ки мазмун ва хусусияти раванди интихобот ва тамоюлҳои ҳукмрони ҷомеаро муайян мекунад” [1]. Воқеан ҳам, фарҳанги интихоботӣ, ки ҳамчун унсури таркибии фарҳанги сиёсии ҷомеа баромад мекунад, ифодаи маҷмуи арзишҳои сиёсӣ ва тамоюлҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии ҷомеа буда, муайян мекунад, ки майли ҷомеа ба кадом ҷониб аст. Ё худ ба таври дигар метавон маънидод намуд, ки ин шакли фарҳанги ҷомеа дар давраи баргузории интихобот аён гашта, амалан натиҷаи доираи муносибатҳои дар заминаи арзишу муъёрҳои гуногун шаклгирифта мебошад.

Дар доираи коршиносону олимон фарҳанги интихоботиро ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанги сиёсӣ низ маънидод мекунанд. Чунончи ба қавли К.А. Литкина:”Ҷанбаи муҳим дар омӯзиши фарҳанги интихоботӣ мутобиқ намудани он бо мафҳуми фарҳанги сиёсӣ мебошад. Фарҳанги интихоботӣ мафҳуми нисбатан маҳдуд ва мушаххасгардонидашуда буда, дар худ маҷмуи падидаҳои шуури сиёсӣ ва рафтори сиёсӣ, инчунин хусусиятҳои ташаккул, инкишоф ва фаъолияти давлату ниҳодҳои сиёсии гуногунро чӣ дар давраи маъракаҳои интихобот ва чӣ берун аз онҳо дар бар мегирад. Дар баробари ин, фарҳанги интихоботӣ вижагиҳои устувори дарки ниҳоди мушаххаси иҷтимоию сиёсӣ – интихобот, хусусияти муносибати объективии аҳолӣ ба таҷрибаи амалкунандаи интихоботӣ ва инъикоси ин муносибат дар шаклҳои муайяни фаъолнокии интихоботиро таҷассум мекунад. Ҳамин тариқ, новобаста ба робитаи зичи худ ба фарҳанги сиёсӣ, фарҳанги интихоботӣ майдони хусусии масъалаҳои вижаи худро дорад, ки бе ҷудо намудани он ҳамчун самти алоҳидаи омӯзишӣ, ҳалли онҳо номумкин аст” [2]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки воқеан ҳам фарҳанги интихоботӣ ҳамчун падидаи муҳимми ҷамъиятию сиёсӣ, новобаста ба қаробаташ бо фарҳанги сиёсии ҷомеа дар умум, дорои махсусиятҳое мебошад, ки таҳлилу омӯзиши мустақилонаро такозо менамоянд. Ин вижагиҳо дар шакли рафтору муносибат ва амал дар давраи мушаххас ё худ марҳилаи муайяни раванди сиёсии ҷомеа ошкор мешаванд. Интихобот ҳамчун саҳнаи намоиши фарҳанги шаклгирифтаи интихоботӣ баромад мекунад.

Тавассути таҳлили сохторӣ ба масъалаи матраҳшаванда муносибат намуда, олимон С.Г. Зирянов ва В.М. Зирянова,

қайд мекунанд, ки: “Фарҳанги интихоботӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи фарҳанги ҷомеа буда, ба сифати омили муҳимми низомсоз дар ҳаёти сиёсӣ баромад мекунад. Он дар рафтори интихоботӣ таҷассум ёфта, яке аз шаклҳои рафтори сиёсӣ маҳсуб меёбад. Зеро мафҳуми рафтори интихоботӣ таҷрибаи устувори фаъолияти интихобкунандагон, ҳизбҳои сиёсӣ ва ходимони ҷамъиятӣ дар давраи ташкил ва баргузории интихоботро ифода мекунад, ки тавассути ниҳодҳои интихоботӣ, актарҳои дигари сиёсӣ ва ВАО ташаккул ва фаъол гардонида мешаванд” [3,с.65]. Дар ин ҷо, диққати бештар ба омилҳои сохторӣ ва ниҳодӣ равона карда шудааст, ки тавассути онҳо рафтори интихоботӣ, ҳамчун ифодаи фарҳанги интихоботӣ инъикос мегардад.

Таҷрибаи баргузории маъракаҳои интихобот дар Тоҷикистон, ки ба сифати анъанаи муҳимми давлатдорӣ қабул шудааст, нишон медиҳад, ки ҳамаи онҳо дар доираи арзишҳои сиёсӣ ва тамоюлҳои мавҷудаи ҷамъиятию сиёсӣ сурат гирифтаанд. Дар ин самт яке аз нишондиҳандаҳои муҳим сатҳи иштироки интихобкунандагон мебошад. Фаъолнокии хосе, ки шаҳрвандон дар ин маъракаҳо нишон додаанд, аз ҷониби мушоҳидони дохилию байналмилалӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар маъракаҳои интихоботи парлумонӣ аз соли 1991 сар карда, нишондиҳандаи иштирок дар интихобот дар сатҳи баланд қарор дорад. Масалан, иштирок дар интихоботи парлумонии соли 1990 – 81,1%, 1995, ки дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ баргузор шуда буд, 84%, соли 2000 – 93,36%, 2005 - 85,2%, 2010 – 85,2%, 2015 – 87,7% ва соли 2020 – 86,4%-ро ташкил дод. Оморҳои зикршуда аз он далолат мекунанд, ки сатҳи маърифати сиёсӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ низ ба ин раванд таъсиргузор мебошад. Маълум аст, ки касе ва ё ниҳоде наметавонад шаҳрвандро барои ширкат дар интихобот маҷбур созад ё барои иштироки он монеа гардад, зеро иштирок дар интихобот ҳуқуқи шаҳрванд аст. Танҳо истифодаи васила ва механизмҳои фаъоли менеҷменти интихоботӣ, ташкил ва пешбурди фаъолияти васеъ ва густурдаи маърифатию иттилоотӣ, сегментатсияи дурусти электорат ва корбарии мақсаднок ҷиҳати фаҳмонида додани моҳияти интихобот ва аҳаммияти истифодаи ҳуқуқи интихоботӣ метавонанд омили муайянкунанда дар ташвиқ ва эътимодбахшии онҳо барои иштирок дар интихобот бошад.

Ҳамзамон бо ин, дар доираи фарҳанги сиёсии дар замони соҳибистиқлолӣ шаклгирифта иштирок дар интихобот ҳамчун василаи ифодаи иродаи шаҳрванд дарк карда мешавад. Хусусан муносибати насли миёна ва калонсол ба ин масъала ҷиддӣ буда, онҳо ҳамаҷониба ҷавононро ҷиҳати иштироки фаъолона дар ин маърака тарғиб менамоянд. Аҳамияти ин амал пайванди ғоявӣ ва арзишии байни наслҳои гуногунро таъмин намуда, баҳри шинохти масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Ба таври дигар гуем, ин натиҷаи таъсири олими иҷтимоию фарҳангӣ мебошад, ки то ба имрӯз баҳри тарбияи сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва шаҳрвандии ҷавонон таъсири худро расонида истодааст.

Фарҳанги иштирок дар интихобот тақозо менамояд, ки он бояд бо риояи дақиқи меъёрҳои пазируфта амалӣ шавад, то ин ки дар таъмини ҳуқуқи интихоботии дигар шаҳрвандон халал ворид насозад. Аз ин рӯ, дар ҷомеаи Тоҷикистон дар ташаккули фарҳанги интихоботӣ яке аз унсурҳои муҳим маҳз арзишмандии робита байни наслҳои гуногун мебошад. Мубрам будани унсури мазкур дар он аст, ки дар замони муосир дар баъзе кишварҳо ихтилофи рӯйирости назар дар ин масъала байни “фарзандон” ва “падарон” ҷой дорад. Далели ин гуфтаҳо мавҷудияти абсентеизми сиёсӣ дар муҳити ҷавонони ин кишварҳо мебошад, ки онҳо ширкат дар интихоботро ҳамчун амали нозарур мешуморанд. Абсентеизм (аз калимаи фаронсавӣ гирифта шуда, маънии «ғоиб будан», «иштирок надоштан»-ро дорад) ё худ канор гирифтани хеш аз иштирок дар интихобот ва раъйпурсиҳо дар ҳаёти сиёсии давлатҳои пешрафта ва рӯ ба инкишофи ҷаҳон ба ҳодисаи муқаррарие табдил ёфтааст. Абсентеизм ҳамчун шакли рафтори сиёсие маънидод мешавад, ки ба он ширкат накардан дар интихобот хос аст. Таҳлил ва омӯзиши масъалаи мазкур

нишон медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар кишварҳои гуногун дорад. Масалан, сатҳи иштирок дар интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон соли 2021 – 39,75%, Булғористон дар соли 2021, ки дар ду давр гузашт мутаносибан 40,50% ва 34,84%, интихоботи соли 2023 дар Македонияи шимолӣ – 43% ташкил дода буд. Фарқияти байни нишондиҳандаҳо худ гувоҳи сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон дар маъракаҳои интихобот мебошад.

Нишондиҳандаи дигаре, ки сатҳи фарҳанги интихоботии ҷомеаро инъикос менамояд, ин рафтори субъектҳои интихобот дар раванди маъракаи мазкур мебошад. Ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои онҳо, номзадҳои мустақил, аъзои ситодҳои интихоботӣ, интихобкунандагон ва мақомоти ваколатдори ташкил ва баргузоркунандаи интихобот дар ин маърака бояд дар доираи муқарроти қонунгузории кишвар фаъолияти худро ба роҳ монанд. Риояи дақиқи қонунгузорӣ дар раванди баргузории интихобот омили муҳимми таъмини шаффофият ва қонуният дар он мебошад.

Ташаккули муносибати объективии аҳолӣ ба таҷрибаи амалкунандаи интихоботӣ ва инъикоси ин муносибат дар шаклҳои муайяни фаъолнокии интихоботӣ дар натиҷаи фаъолияти мақсадноки сохтори ваколатдор дар самти ташкил ва баргузор намудани интихобот ба даст оварда мешавад. Қонунгузории кишвари мо дар соҳаи интихобот дахолати дигар субъектон, аз он ҷумла мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба ин маърака манъ кардааст. Тибқи моддаи 39 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» “Кормандони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ наметавонанд дар вохӯрии номзадҳо бо интихобкунандагон раисӣ кунанд” [4, с.41]. Ин муқаррарот бо мақсади пешгирии пешниҳоди ҳама гуна бартарият ба ин ё он номзад ва истифодаи захираҳои маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

Ин маҳдудият ба масъалаи маблағгузории номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳам дахл дорад. Чунончи, тибқи модди 9 Қонуни конститутсионии зикргардида, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳое, ки саҳми давлат дар онҳо аз сӣ фоиз зиёд мебошад ва қисмҳо, ҷузъу томҳо ва дигар сохторҳои ҳарбӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳуқуқ надоранд маъракаи интихоботии номзадҳоро маблағгузорӣ намоянд. Ин ҳам шакли муайяни пешгирии дахолат ба маъракаи интихобот мебошад, ки метавонад боиси костагии боварӣ ба натиҷаҳои холисонаи овоздиҳӣ бошад. Аз ин рӯ, қонунгузорӣ бо инобати ҷанбаҳои зикргардида мустақилияти комиссияҳои интихоботиро кафолат дода, дахолати дигар субъектонро ба фаъолияти онҳо манъ кардааст.

Дар баробари ин моддаи 10 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқаррар намудааст, ки: “Таъсис ва фаъолияти дигар сохторҳо (мақомот, ташкилотҳо), ки мақомоти интихоботиро иваз мекунанд ё пурра ё қисман вазифаи онҳоро анҷом медиҳанд, ё ба фаъолияти қонунии онҳо халал мерасонанд, ё ғайриқонунӣ ба фаъолияти онҳо дахолат мекунанд, ё мақом, ё салоҳияти онҳоро ба зиммаи худ мегиранд, манъ аст” [4,с.12]. Вобаста ба ин ҳолат, маҳз мақоми ваколатдори давлатӣ – Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба таври шаффоф, ошкоро, баробар, бефаразона ва овоздиҳии пинҳонӣ гузаронидани интихобот масъулият дорад.

Дар баробари ташкили фаъолияти густурдаи иттилоотӣ бо интихобокунандагон яке аз самтҳои муҳим дар раванди такмили фарҳанги интихоботӣ ин баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва донишҳои сиёсии аъзои комиссияҳои интихоботӣ, ҳамчун субъектони раванди интихобот мебошад. Вобаста ба ин масъала В.И.Еригина қайд мекунад, ки: «Принсипи системанокӣ дар самти боло бурдани сатҳи фарҳанги интихоботӣ бояд тамоми субъектони раванди интихобот, чӣ интихобкунандагони оянда ва эҳтимолӣ (мактаббачагон, ихтиёриён ва ғ.) -ро ҳамчун таълимгиранда, ва чи тамоми субъектони дигарро, ки вазифаи омӯзиш ва маърифатноккунонии интихобкунандагон

ва тайёрии касбии ташкилкунандагони интихоботро амалӣ мекунанд, дар бар гирад. Василаи пайвасткунандаи ин система комиссияҳои интихоботӣ, ҳамчун мақоми барои иҷрои функсияи ҷамъиятии ташкили интихоботу раъйпурсиҳо махсус таъсисдодашуда баромад мекунанд" [5, с.44]. Яъне, омӯзиши аъзои комиссияҳои интихоботӣ низ василаи муҳимми боло бурдани фарҳанги интихоботӣ мебошад. Таҷрибаи интихоботҳои гузашта дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар ин самт аллакай пешравиҳои муайян ба даст оварда шудаанд. Масалан, дар маъракаи интихоботи парлумонии соли 2020 дар панҷ марҳила дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо роҳбарон ва аъзои комиссияҳои ҳавзавӣ ва участкавии интихобот зиёда аз 300 семинар баргузор карда шуд, ки дар он беш аз 30 ҳазор нафар иштирок намуданд. Ҳамчунин, ба таври васеъ аз василаҳои гуногуни иттилоотӣ истифода бурда шуд. Ин ҳама ҷиҳати ба таври мусбӣ дигар шудани муносибати аҳолӣ ба ин маърака мусоидат намуд. Дар натиҷа интихобкунандагон на ба ваъдаҳо ва шиорҳои номзадҳо, балки бештар ба салоҳиятнокии онҳо таваҷҷуҳ намуда, мавқеи худро муайян намуданд.

Ташкил ва пешбурди фаъолияти мақсадноки иттилоотӣ, маърифатӣ, омӯзишӣ, амалӣ намудани чораҳои зиёди ташкилию сафарбарнамоӣ, меъёрию дастурдиҳӣ имкон медиҳанд, ки муносибати объективонаи аҳолӣ дар ин масъала ташаккул дода шуда, эътимоди мардум ба ниҳоди интихобот боло бурда шавад.

Ҷузъи таркибии фарҳанги интихоботиро муносибат ва шакли муошрати байниҳамдигарии номзадҳо ташкил медиҳад. Таҷрибаи баргузории интихоботҳо дар кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки дар маъракаи интихоботӣ номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ аз василаҳои гуногун, аз он ҷумла василаҳои бадномкунӣ, дуруғафканӣ, ҳангомасозӣ, иғвоангезӣ, паст задани обруй, таҳқири шахсият, дахолат ба ҳаёти шахсӣ ва паҳн намудани маводи гуногуни поймолкунандаи шаъну шарафи инсонӣ истифода мебаранд. Ин василаҳоро дар амалияи имрӯза ҳамчун технологияҳои "ифлос" маънидод мекунанд ва гуиё ҳамчун як падидаи муқаррарӣ қабул шудаанд.

Дар робита ба ин қайд намудан зарур аст, ки дар ҷомеаи мо, хушбахтона, муносибат ба ин масъала дигаргуна аст. Фарҳанги сиёсӣ ва интихоботии дар замони соҳибистиқлолӣ ташаккулёфта асосан ба арзишу меъёрҳое такя мекунад, ки бештар ба эҳтироми якдигарӣ, таҳаммулпазирӣ, фарҳанги гӯш карда тавонистани рақиби сиёсии худ, эҳтироми шахсияти рақиб, худдорӣ аз иғво ва риояи арзишҳои умумибашарӣ арҷ мегузорад.

Қонунгузории интихоботӣ низ муқаррар намудаст, ки: "Воситаҳои ахбори омма, ки дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ иштирок менамоянд, ҳақ надоранд ба нашри ахбороте, ки шаъну шараф ва обрӯю эътибори кории номзадро паст мезананд, роҳ диҳанд" [6, с.42]. Дигар ин, ки дар доираи арзишҳои дар ҷомеа пазируфташуда ва фарҳанги мақбули муошират дар маъракаҳои интихоботӣ ба ҳолатҳои дар боло зикргардида роҳ дода намешавад. Ин ҷанбаи фарҳанги интихоботии ҷомеаро мушоҳидони байналмилалӣ низ қайд кардаанд. Вобаста ба ин масъала роҳбари ҳайати мушоҳидони Иттиҳоди Давлатҳои Мустакил С.Лебедев оид ба мушоҳидаи натиҷаи интихоботи парлумонии соли 2020 қайд намуда буданд, ки: «Дар интихоботҳои пешин интихобкунандагон нисбати номзадҳо он қадар серталаб набуданд, зеро ба шиорҳои популистии баъзеи онҳо дода мешуданд, ки дар натиҷа ваъдаҳо беиҷро мемонданд. Ҳоло бошад интихобкунанда интихоб мекунад, ки ба ҷонибдории кӣ овоз диҳад, чӣ ваъда медиҳад ва дар барномаи пешазинтихоботиаш чӣ омадааст. Оё номзад метавонад онро иҷро намояд ва ё барномаи ӯ ноиҷро монад. Ҷиҳати дигари фарқкунандаи интихоботи парлумонӣ дар Тоҷикистон дар он аст, ки он бе ҳангомасозии ифлос ва ҷанги бадномкуниҳо байни номзадҳо баргузор гашт» [7,]. Маҳз ҳамин баҳогузорӣ тасдиқи гуфтаҳои боло дар бораи ташаккули фарҳанги хоси интихоботӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

Дар баробари ин ба инобат бояд гирифт, ки раванди рушди технологияҳои

иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири бевоситаи худро ба фарҳанги интихоботӣ расонида истодааст. Рақамикунонии муносибатҳо дар ин самт тавассути истифодаи василаҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияҳои муосири овоздиҳӣ тақозо менамояд, ки фаъолият дар самти такмили минбаъдаи фарҳанги интихоботӣ ин омилҳоро низ дар бар гирад. Зеро василаҳои технологию иттилоотии замони муосир қудрати қавии таъсиррасонӣ ба мавқеъ ва ҷаҳонбинии интихобкунандагонро дошта, метавонанд ба мавқеи шаҳрвандии онҳо таъсир расонад.

Айни замон дар доираҳои гуногуни коршиносон чунин ақида ҷой дорад, ки овоздиҳии электронӣ дар фарқият аз овоздиҳии анъанавии тавассути бюллетен қудрати пешгирии ҳолатҳои тақаллуби натиҷаҳои овоздиҳиро дорад. Дар амалияи интихоботии замони муосир истифодаи овоздиҳии электронӣ ва интернетӣ яке аз шаклҳои маъмули иштирок дар интихобот гаштааст. Айни замон овоздиҳии интернетӣ дар Эстония ва Шветсария, овоздиҳии электронӣ дар Белгия, Бразилия, Бутан, Венесуэла, Ҳиндустон, Қирғизистон, Муғулистон, Намибия, Парагвай ва Филиппины васеъ истифода шуда, тарҳи истифодаи омехтаи онҳо дар Россия, Белгия ва ИМА истифода шуда истодааст. Ба ақидаи В.И.Федоров: “ Гузариш аз овоздиҳии анъанавии коғазӣ ба электронӣ тамоми қитъаҳои ҷаҳонро фаро гирифтааст. То соли 2020 аллакай дар 40 кишвари дунё дар участкаҳои интихоботӣ овоздиҳии электронӣ ва фосилавӣ таҷриба карда мешуд. Дар баробари ин кишварҳои оператори овоздиҳии электронӣ аз рӯйи фарҳанги интихоботии худ, анъанаҳои демократия, сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ, рушди фарҳангию илмӣ аз дигар кишварҳо фарқ мекунанд” [8,с. 65]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ин ҳолат ҳам фарҳанги интихоботӣ метавонад нақши муҳим дошта бошад. Зеро амалияи сиёсӣ нишон медиҳад, ки ҳолатҳои тақаллуб метавонанд дар овоздиҳии электронӣ низ ҷой дошта бошад.

Модернизатсияи технологии раванди овоздиҳӣ дар интихобот таъсири худро ба сатҳи овоздиҳӣ ва иштирок дар интихобот ҳам расонида метавонад. Вале бояд дар назар гирифт, ки истифодаи василаҳои номбурда наметавонад барои ҳамаи кишварҳо натиҷаҳои мусбии якхела дошта бошанд. Ин ҳолат аз омилҳои гуногун, аз он ҷумла сатҳи фарҳанги техникию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ, анъанаҳои ташаккулёфтаи демократӣ, имкониятҳои моддию иқтисодӣ ва ғайраҳо вобаста мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари коршиносон ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи мазкур ба омили иқтисодӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд ва маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварро ба сари аҳолӣ ҳисоб мекунанд. Ин ҳам, албатта, бесабаб нест. Зеро гузариш ба низоми фосилавӣ ва электронии овоздиҳӣ манбаҳои муайни молиявиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, имкониятҳои молиявии давлат ҳам дар ин самт нақш мебозанд.

Рушди технологияҳои иттилоотӣ имкониятҳои васеъро дар самти боло бурдани донишҳои сиёсӣ фароҳам оварда, ба раванди иҷтимоишавии шаҳрвандон низ таъсири бевоситаи худро расонида истодааст. Тамоюлҳои мавҷудаи ҷаҳонӣ дар самти ташаккули фарҳанги интихоботӣ таъсири бевоситаи худро ба шаклгирии фарҳанги интихоботии ҷавонони мо ҳам расонида метавонанд. Аз ин рӯ, зарурат ба фаъолгардонии чораҳои маърифатию иттилоотӣ ва идеологию омӯзишӣ боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, дар заминаи таҳлили мавзӯъ муайян гардид, ки фарҳанги интихоботӣ ба сифати падидаи муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ баромад намуда, ифодаи ҳолати воқеии рушди муносибатҳои демократӣ дар ҷомеа мебошанд. Вобаста ба ин маҳз фаъолгардонии омили объективӣ – баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон зарур мебошад. Дар навбати худ омилҳои зикргардида баҳри ташаккули шакли хоси фарҳанги интихоботӣ замина мегузоранд.

Боло бардоштани фарҳанги интихоботӣ дар шароити муосири рушди равандҳои демократикунонӣ хеле муҳим мебошад. Зеро айни ҳол чунин нуктаи назар шакл гирифтааст, ки маҳз иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар интихобот

нишонаи эътибору нуфуз ва қудрати ҳокимият мебошад. Вобаста ба ин, тамоюлҳои гуногуни дар замони муосир мавҷудбуда, ки баъзан хусусияти зиддиятнок доранд, масъалаи мазкурро аз паҳлуҳои гуногун шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Гурӯҳе иштирок дар интихоботро ҳуқуқи шаҳрванд дониста, ширкат варзидан ва ё наварзидани ӯро дар ин маърака ба иродаи ӯ хос медонанд. Гурӯҳи дигар бошад истифодаи ҳатмии ин ҳуқуқро ҳамчун омили муҳимми татбиқи принсипҳои демократӣ мешуморад. Ҳамин аст, ки дар бархе аз кишварҳо иштирок дар интихобот ҳамчун уҳдадории шаҳрванд эътироф шудааст. Ба иттилои манбаҳои мавҷуда айни замон дар 27 давлати дунё таҷрибаи овоздиҳии ҳатмӣ амалӣ карда мешавад. Аз он ҷумла, дар Австралия, Аргентина, Бельгия, Боливия, Бразилия, Болгария, Кореяи Шимолӣ, Коста-Рика, Ҷумҳурии Демократии Конго, Эквадор, Египет, Габон, Грасия, Гондурас, Ливан, Ливия, Лихтенштейн, Люксембург, Мексика, Науру, Панама, Парагвай, Перу, Сингапур, Таиланд, Турция и Уругвай [9]. Вобаста ба ин, фарҳанги интихоботӣ албатта вижагиҳои худро пайдо мекунад.

Таҳлили масъала ба мо имкон дод то ба хулосае биёем, ки иштирок дар интихобот ва истифодаи ҳуқуқи интихоботӣ, пеш аз ҳама, аз сатҳи иҷтимоишавӣ, фарҳанги сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва масъулияти шаҳрвандии шахс вобаста мебошад, ки онҳо дар маҷмуъ унсурҳои фарҳанги интихоботиро ташкил медиҳанд.

Адабиёт

1. Зырянов С.Г., Зырянова В.М., Особенности электоральной культуры современной российской молодёжи [Текст] / С.Г.Зырянов, В.М.Зырянова // Социум и власть, №2, (58), 2016. – С. 65-74.

2. Ерыгина В.И. Система повышения уровня электоральной культуры граждан Российской Федерации посредством современных образовательных технологий [Текст] /В.И.Ерыгина//Гражданин. Выборы. Власть. - № 2(16), - 2020. - С.40-53.

3. Как изменилось отношение таджикских избирателей к выборам, рассказал глава миссии наблюдателей СНГ, председатель Исполкома организации Сергей Лебедев// https://tj.sputniknews.ru/radio/20200302/1030804852/Lebedev-vybory-tajikistan-izbiratel.html// (санаи мурочиат 2.04.23)

4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн].- Душанбе, 2019. – 119с.

5. Лыткина К.А.Теоретические основы изучения феномена электоральной культуры [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://cyberleninka.ru/ (дата обращения: 23.12.23).

6. Морозова О.С. Электоральная культура: понятие и основные функции / [Электронный ресурс] — URL: http://vestnik-rzi.ru/2013/12/1145 (дата обращения: 12.10.23).

7. Федоров В.И. Электоральная культура как фактор транзита к электронному голосованию [Текст] В.И.Федоров // Гражданин. выборы. власть. - № 2(16), - 2020. – С.65-76.

8. В каких странах голосование является обязательным и каковы штрафы, например, на которые указал Пабло Гомес в Мексике// https://www.infobae.com/ru/. (санаи мурочиат: 2.03.24).

ИЗБИРАТЕЛЬНАЯ КУЛЬТУРА И ЕЕ РОЛЬ В ОБЩЕСТВЕ

Хидирзода М.У.

Данная статья посвящена анализу вопроса электоральной культуры и ее роли в обществе. Отмечается, что электоральная культура является отражением уровня политической культуры общества, посредством которого обеспечивается сознательный, свободный, прямой и тайный выбор. Электоральная культура является выражением совокупности политических ценностей и различных политических, социальных, культурных и духовных тенденций общества и определяет, к какой стороне склоняется общество. Электоральная культура является важным явлением общественной жизни и является выражением реального состояния развития демократических отношений в обществе. В связи с этим необходимо активизировать объективный фактор – повышение культуры и правового воспитания граждан. В свою очередь, указанные факторы закладывают основу для формирования особой формы электоральной культуры.

Ключевые слова: выборы, электоральная культура, политическая культура, духовно-политические основы, правовые основы, общество, свободные выборы, голосование, участие в выборах, правосознание, политическое образование, юридическое образование.

ELECTORAL CULTURE AND ITS ROLE IN SOCIETY

Khidirzoda M.U.

This article is devoted to the analysis of the issue of electoral culture and its role in society. It is noted that electoral culture is a reflection of the level of political culture of society, through which conscious, free, direct and secret choice is ensured. Electoral culture is an expression of the totality of political values and various political, social, cultural and spiritual tendencies of a society and determines which side the society leans towards. Electoral culture is an important phenomenon of public life and is an expression of the real state of development of democratic relations in society. In this regard, it is necessary to activate the objective factor - improving the culture and legal education of citizens. In turn, these factors lay the foundation for the formation of a special form of electoral culture.

Key words: elections, electoral culture, political culture, spiritual and political foundations, legal foundations, society, free elections, voting, participation in elections, legal consciousness, political education, legal education.

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

«ТЕРРОРИСТИЧЕСКИЕ ВОЙНЫ» ПРОТИВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ ИМ

Сангинов Н.Н., к. п. н., старший научный сотрудник отдела политических проблем международных отношений ИФПП им. А. Баховаддинова НАНТ

Авторы в настоящей статье, исследовал «террористические войны», как одну из технологий «гибридных войн» которые реализуются против Республики Таджикистан. Сделан детальный анализ конкретных сил, которые причастны к аналогичным войнам.

По мнению авторов, характер и методы террористических действий не претерпели каких-либо изменений. Их основу, как и раньше, составляют физическое устранение неугодных лиц, массовое убийство мирного населения и инфраструктурных объектов.

Авторы резюмирует, что «террористические войны» в перспективе также будут представлять реальную угрозу национальной безопасности Республики Таджикистан до тех пор, пока существуют международные террористические партии, организации, движения, деятельность которых запрещена на территории республики и др. сопутствующие факторы.

Ключевые слова: *«террористические войны», «гибридные войны», оппозиционные силы, «спящие» ячейки, криминальные группировки.*

Анализ показывает, что против Республики Таджикистан на протяжении многих десятилетий реализуются «террористические войны» как одна из технологий «гибридных войн». В ходе таких войн используются разновидности стрелкового оружия, направленные на физическое уничтожение людей. В последнее время особую опасность приобретает тенденция по получению террористическими группировками различной ориентации, доступа к оружию массового уничтожения.

На нынешнем этапе против Республики Таджикистан «террористические войны» ведут следующие силы:

-международные и региональные террористические партии, движения, группировки как «Аль - Каида», ИГИЛ/ИГ, «Братья мусульмане», «Хизб – ут - Тахрир», ИДУ, движение «Талибан» и т.д.;

-Национальный альянс Таджикистана (НАТ) как основная оппозиционная партия, которая юридически признана террористической и экстремистской организацией и объединяющий в своих рядах ТЭО ПИВ, Группа – 24 и Конгресс свободомыслящих Таджикистана;

-выходцы из Республики Таджикистан, числящиеся в составе указанных выше международных и региональных террористических и экстремистских организаций различной ориентаций, проникающие на территорию республики на нелегальной основе, а также совершающие террористические акции на территории третьих стран;

-крупнейшие криминальные группировки внутри республики, связанные с силами международного терроризма и религиозного экстремизма;

-«спящие» ячейки известных международных и региональных террористических и экстремистских организаций внутри республики;

-заинтересованные мировые и региональные державы, которые применяя «двойные» стандарты в отношении крупнейших террористических и экстремистских партий, движений и группировок, предпринимают шаги к дестабилизации общественно – политической обстановки здесь.

В начале 90-х годов XX века, т. е. с момента обретения республикой независимости, «террористические войны» вели новое поколение террористов - потомков вышеуказанных басмаческих лидеров из оппозиционно настроенных группировок

бывшей Объединенной таджикской оппозиции (ОТО).

Их можно разделить в два этапа: военный период (1992 – 2001 годы) и мирный период (1997 г. – по настоящее время).

Первый период (1992 – 1997 гг.) характеризовался активностью террористических группировок и формирований, которые использовались силами ОТО для реализации своих политических целей. В результате страна была ввергнута в гражданскую войну, где важная роль отводилась именно деятельности террористических группировок.

Так, крупнейшими террористическими формированиями ОТО 90 - х годов прошлого века, задействованных в «террористических войнах» против Республики Таджикистан считались бандитские группировки братьев Садировых (Ризвон и Бахром) и Рахмона Сангинова (прозвище «Гитлер»), Мансура Муваккалова и др., против которых борьба велась очень долго. В результате все они были уничтожены в разное время. Например, братья Садировы в 1997 году, а Рахмон Сангинов только в 2001 году.

В результате террористических акций ими были физически ликвидированы ряд крупнейших политиков, дипломатов, ученых с мировым именем, захвачены в заложники представители международных организаций как ООН, Красного креста, некоторые ответственные гражданские лица. Известен факт нахождения в качестве заложника у Бахрома Садирова бывшего первого министра безопасности Республики Таджикистан генерал – полковника Зухурова Сайдамир Зухуровича.

Второй период начинается с 2001 года. С этого момента «террористические войны» против Республики Таджикистан осуществлялись таджикскими боевиками преимущественно извне под патронажем определенных внешних сил и «прославившихся» на весь мир радикальных группировок как «Аль-Каида», «Талибан», ИГИЛ/ИГ, «Братья мусульмане», «Ансоруллох», «Хизб – ут - тахрир», «Джебхат - ан - Нусра» и другие, которые по нашему мнению, оказали и оказывают ныне негативное влияние в распространение идей международного терроризма и религиозного экстремизма среди граждан республики.

На этот период приходятся террористические вылазки Абдулло Рахимова (мулло Абдулло), Аловиддина Давлатова (Али Бедаки), генерала Мирзо Зиёева, генерала Абдухалима Назарзоды и других, которые были ликвидированы в короткий промежуток времени.

Особую опасность национальной безопасности Республики Таджикистан представляют «спящие» ячейки сил международного терроризма и религиозного экстремизма на территории страны. О чем свидетельствуют выявление и осуждение к различным годам тюремного заключения сотен боевиков и сторонников из «спящих ячеек» упомянутых группировок. Ярким примером может служит выявление, задержание на территории республики в период 2019 – 2020 годы более ста членов негласно действующей ячейки «Братьев мусульман» из числа таджикских граждан и двух иностранцев арабского происхождения, которые были осуждены на длительные тюремные сроки.

В плане вербовки и привлечения на свою сторону таджикских граждан, с последующим использованием их в террористических вылазках/акциях на территории Сирии и Ирака, в пику своей активности в 2011 – 2015 годах. особенно преуспела группировка ИГИЛ/ИГ (Исламское Государство Ирака и Леванте/ Исламское Государство), на борьбу с которым тогда было сфокусировано внимание мирового сообщества.

Следует подчеркнуть тот факт, что в те годы пропагандистскому аппарату ИГИЛ/ИГ удалось завербовать в свои ряды более 1000 таджикских граждан, которые по отработанным каналам связи выехали в зоны боевых действий ИГИЛ/ИГ в Сирию и Ирак. Отдельные из них получили высокие должности в составе казанного террористического бандформирования. К ним, в частности следует отнести бывшего беглого полковника ОМОН МВД РТ Гулмурода Халимова, назначенного министром обороны ИГИЛ в Сирии. По предварительным данным, якобы он был убит в ходе бомбардировок ВКС Российской Федерации на территории Сирии. Однако, его смерть до сих пор официально не объявлена, в связи с отсутствием его тела.

Другим влиятельным командиром ИГИЛ/ИГ считался также выходец из

Таджикистана - Тоджиддин Назаров по кличке «Абу Усама Нораки», который имел бригады террористов, действующих по всему миру. В 2014 году вступил в ряды ИГИЛ/ИГ. В 2017 году был назначен «амиром» - одним руководителем ИГИЛ/ИГ. Получая указания через виртуальную сеть, боевики совершали террористические акции на территории республики и за её пределами. Так, по его указанию была попытка совершения террористического акта, а именно взрыв здания ГРУ Генштаба России 201 МСД (мотострелковая дивизия), а также здания МВД Республики Таджикистан и другие. Установило, что он координировал подготовку террористических атак в российских городах, В частности, через мессенджер создал террористическое сообщество в Москве для совершения терактов на административные здания, включая ФСБ РФ и российских граждан, чтобы добиться вывода российских Вооруженных сил из Сирии и Ирака. Абу Усама Нораки до 2020 года находился в Сирии, где был задержан и экстрадирован в Россию. В 2022 году и осужден на пожизненный срок заключения с отбыванием в тюрьме особого режима.

Еще одним из ярых проповедников идей ИГИЛ/ИГ являлся гражданин Таджикистана Парвиз Саидрахмонов (кличка «Абу Довуд»), который в 2018 году задержан турецкими военными в подконтрольных ими территориях Сирии. По указанию «Абу Довуда» были организованы несколько терактов в России, Республике Таджикистан и др. странах.

Он был экстрадирован на родину из Турции в июле 2022 года. В начале февраля 2023 года Абу Довуд бы приговорен к 21 годам лишения свободы за организацию нескольких террористических актов на территории Республики Таджикистан, Российской Федерации и некоторых других западных стран.

В последние годы дает о себе знать еще один главарь таджикских террористов в Афганистане Мухаммад Шарифов (уроженец к. Шербегиен Нурабадского района), известен как Махди Арсалон, который в направлении Баадахшанской провинции Афганистана создал новую группировку под названием «Таҳрики толибони Тоҷикистон» (Движение Талибов Таджикистана). Она является аналогом пакистанской террористической организации «Техрике толибони Покистон» (Движение талибов Пакистана). Данный факт свидетельствует о причастности группировки к Движению «Талибан». На данное время группировка М. Арсалона насчитывает более 250 боевиков. Его «крышует» общий руководитель Движения «Талибан» Бадахшанской провинции Афганистана Кори Фасехиддин. Чтобы обозначить свое присутствие его имя большими буквами написано на вершине одной из гор Дарвазской провинции Афганистана, которая просматривается с территории Республики Таджикистан. Итак, можно предположить, что в рамках «террористических войн» против Республики Таджикистан нынешние власти Афганистана в лице Движения «Талибан» активно используют данную группировку.

Не исключено, что боевики М. Арсалона составят костяк военного крыла Национального альянса Таджикистана (НАТ), о создании которой в одном из своих последних обращений сообщил Мухиддин Кабири.

Рассуждая о «террористических войнах», все более убеждаешься, что они стали причинами многих бед практически для всех народов, поскольку сопровождаются вооруженными конфликтами, массовой миграцией, разрушениям жизненно важных инфраструктур, распространением наркомании, опасных заразных заболеваний и других негативных явлений.

Каждая из имеющих известность в мировом и региональном масштабе террористическая группировка опирается на определенную идеологию, которая в неизменном виде передается из поколения в поколение. Например, сын Усамы бен Ладена - Хамза, стоя у руля нынешнего поколения террористов «Аль-Каиды», продолжал реализовывать идеологические установки организации после смерти отца. Последний, как и его отец был ликвидирован в ходе спецоперации спецслужб США на территории Пакистана в 2019 году.

В этом плане научно доказано, что основная угроза исходит от тех партий и движений, которые придерживаются крайне радикальных идеологий терроризма и экстремизма. При этом идеологи терроризма и экстремизма умело используют все недостатки общественной жизни, вбивая в

умы своих сторонников мысли о необходимости исправления ситуации в лучшую сторону путем терроризма и экстремизма.

Если провести хронологический анализ на примере Республики Таджикистан периода 90-годов XX в. по нынешний день, то можно прийти к выводу, что характер и методы террористических действий не претерпели каких-либо изменений. Их основу, как и раньше, составляют физическое устранение неугодных лиц, массовое убийство мирного населения и инфраструктурных объектов.

Особое беспокойство в последние годы вызывают тенденции увеличения количество задержание субъектов террористических актов, о чем свидетельствуют статистические данные силового блока страны. Так, по данным МВД Таджикистана, в течение первого полугодия 2023 года на территории республики были установлены и задержаны 195 членов террористических и экстремистских организаций. [1]

Многие страны мира, включая и Республику Таджикистан, встревожены участием своих граждан в составе международных террористических группировках, которые совершают или предпринимают попытки совершить террористический акт по заказу своих хозяев, в той или иной стране. Имеются множество фактов относительно задержания и осуждения таджикских граждан в зарубежных странах. Все они были членами таких запрещенных во многих государствах организаций как ИГИЛ/ИГ или присягнувшихся к ней из других международных террористических организаций.

Так, в мае 2018 года в Алтайском крае России за причастность к «Таблиги Джамаат» к одному году лишения свободы был приговорен гражданин Республики Таджикистан Гадоев Самандар.

В июле 2023 года на территории Германии и Нидерландах по подозрению в терроризме задержаны девять выходцев из Центральной Азии, пять из которых составили граждан Республики Таджикистан: Мухаммадхужа А., Нуриддин К., Джамшуд Н, Саид С. и Раббони З. Установлено, что они почти одновременно прибыли в Германию из Украины весной 2022 года. В конце июня того же года объединились, чтобы сформировать террористическую организацию с целью проведения в Германии громких терактов в духе ИГИЛ/ ИГ. С задержанными поддерживал связь живущий в Нидерландах гражданин Таджикистана. [2]

Годом раньше, т.е. в мае 2022 года суд Германии также за причастность к ИГИЛ/ ИГ осудил на различные сроки лишения свободы пятерых граждан Республики Таджикистан (Суннатулло К., Фарходшох К., Азизжан Б., Комрон Б., Мухаммадали Г.). По данным правоохранительных органов Германии, осужденные руководствуясь радикальными исламскими взглядами, преследовали цель начат джихад. [3]

В августе 2023 года в Исламской Республике Иран к смертной казни приговорен гражданин Республики Таджикистан член ИГИЛ/ ИГ Рахматулло Наврузов (известен также по имени Мустафа ислам - яр). Он был обвинен по делу о теракте в мавзолее Шах – Черах иранского города Шираз провинции Фарс. [4]

Анализ совершенных на территории республики террористических актов свидетельствует о том, что террористами использовались все известные формы и методы терроризма как взрыв зданий и учреждений с использованием заминированных транспортных средств, террористов смертников или смертниц и др. Так, во время нападения на здание РОБОП УВД Согдийской области Республики Таджикистан, произошедшего в начале сентября 2010 года, была использована автомашина ГАЗ – 24, начиненная взрывчаткой. По официальной версии МВД Республики Таджикистан заминированным автомобилем управлял террорист - смертник, причастный к террористической организации ИДУ (Исламское Движение Узбекистана). [5]

При атаке на пограничную заставу Ишкобод погранотряда "Султонобод" в районе Рудаки на таджикско-узбекской границе, были задействованы пять террористок – смертниц. Эти женщины в течение долгих месяцев проходили специальную подготовку в качестве террористок - смертниц в лагерях боевиков ИГИЛ на территории Афганистана. [6]

В начале сентября 2023 года в Республике Таджикистан была уничтожена группа террористов из трех человек – членов Джамаата «Ансорулло», которые числились в розыске (Бободжонов Зариф Махмудджонович уроженец джамоата Кулканд г. Исфара; Баходуров Фарход

Башарович уроженец кишлака Шербегиён джамоата Сафедчашма Нурабадского района и Косимов Ахтам Султонович из Куляба).

На них были заведены уголовные дела по статьям УК Таджикистана за незаконное участие в вооруженных конфликтах на территории других государств.

Определенную тревогу вызывает вопрос выявления и отслеживания денежных средств, направленных на финансирование терроризма. Это объясняется тем, что пока не удается полностью перекрыть каналы финансирования терроризма и экстремизма. До сих пор не уточнены финансовые цели и задачи субъектов террористической деятельности, расходы на популяризацию идеологии терроризма (экстремизма), содержание легальных структур, представляющих интересы террористических организаций (благотворительные фонды, религиозные организации, информационные агентства и т.д.).

Республика Таджикистан принимает действенные меры по противодействию «террористическим войнам» самостоятельно и кооперируясь в некоторые международные и региональные организации по безопасности как ОДКБ, ШОС, ООН, ОБСЕ, СНГ и др. Для чего реализуются следующие мероприятия:

1.Специальными, силовыми и правоохранительными органами на регулярной основе ведутся оперативно – розыскные работы по выявлению «спящих» ячеек сил международного терроризма на территории страны.

2.Постоянно совершенствуется нормативно – правовая база по противодействию международному терроризму и экстремизму во всех его формах. В настоящее время в Республике Таджикистан создана достаточная законодательная база по противодействию «террористическим войнам» в виде законов, указов и др. документов.

3.Реализуются предупредительно – профилактические работы по недопущению привлечения населения в международные террористические и экстремистские партии, движения и организаций, реабилитационные и реинтеграционные мероприятия возвращенцев из – за рубежа.

4.Организовываются различные научно – пропагандистских мероприятий (международные и республиканские научно – теоретические конференции, семинары и т. д.) по проблемам терроризма и экстремизма и т. д.

В Республике Таджикистан впервые в мире утверждена и реализовывается вторая «Национальная Стратегия Республики Таджикистан по противодействию экстремизму и терроризму на 2021 - 2025 годы. В рамках реализации данной стратегии при Генеральной прокуратуре республики создана консультативная группа профилактики насильственного экстремизма и реинтеграции возвращенцев. Так, в настоящее время ведется профилактическая работа с более ста жен и детей таджикских боевиков ИГИЛ/ИГ возвращенных из Сирии и Ирака.

На территории Республики Таджикистан наложен запрет на деятельность 19–ти террористических и экстремистских организаций и движений. Среди них: ИГИЛ/ИГ, «Аль-Каида», «Хизб-ут-Тахрир», «Джабхат-ан-Нусра», «Исламское Движение Туркестана», «Братья мусульмане», ТЭО ПИВ, Группа – 24, Совет Свободомыслящих Таджикистана, объединенных в Национальный Альянс Таджикистана (НАТ) и другие.

В этом контексте отметим, что «террористические войны» как одна из технологий «гибридных войн» в перспективе также будут представлять реальную угрозу национальной безопасности Республики Таджикистан, пока существуют международные террористические партии, организации, движения, деятельность которых запрещена на территории республики; оппозиционные силы как НАТ (Национальный альянс Таджикистана) и др. сопутствующие факторы.

Противодействие «террористическим войнам» будет оставаться приоритетным направлением внешней политики Республики Таджикистан, а также компетентных органов страны путем принятия соответствующих организационных, правовых и предупредительно - профилактических мероприятий.

Литература

1.В текущем году в Таджикистане сократилось количество преступлений// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://avesta.tj/2023/08/11/v-tekushhem-godu-v-tadzhikistane-sokratilos-kolichestvo-prestuplenij/ Дата обращения: 23.09.2023/.

2.Девять уроженцев Центральной Азии задержаны в Германии и Нидерландах по подозрению в терроризме// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https:// fergana. agency/ news/ 130661/ Дата обращения: 28.09.2023/.

3. Суд в Германии вынес приговор пятерым членам «таджикской ячейки» ИГИЛ// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://fergana.media/news/126358/ Дата обращения: 27.09.2023/.

4. Таджикистанцу вынесли два смертных приговора по делу о теракте в иранском мавзолее// Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://fergana.media/ news/131406/ Дата обращения: 27.09.2023/.

5. Теракт в Таджикистане совершил смертник, сообщило МВД республики**//** Электронный ресурс/ Режим доступа**/** https://ria.ru/20100903/271812990.html / Дата обращения: 27.09.2023/.

6.Ситдиков Р. Стало известно, кто готовил напавших на погранпост женщин-террористок//Электронный ресурс/ Режим доступа/ https://tj.sputniknews.ru/20191107/ ataka-pogranpost-tajikistan-zhenshchiny-smertnicy-1030176960.html// Дата обращения: 27.09.2023/.

«ҶАНГҲОИ ТЕРРОРИСТӢ» БА МУҚОБИЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МУҚОВИМАТ БА ОНҲО

Сангинов Н.Н.

Дар мақолаи мазкур аз тарафи муаллифон яке аз технологияҳои «чангҳои омехта» чун «ҷангҳои террористӣ», ки ба муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон пиёда карда мешаванд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Таҳлили амиқи неруҳое, ки ба чунин ҷангҳо даст доранд, гузаронида шудааст.

Ба ақидаи муаллифон, дар характер ва усулҳои амалҳои террористӣ ягон тағйирот дида намешавад. Асоси онҳоро чун пештара, аз байн бурдани физикии ашхоси номаъқул (нописанд), катли оммавии аҳолии осоишта ва объектҳои инфрасохторӣ ташкил медиҳанд.

Муаллифон чунин хулосабарорӣ кардаанд, ки «ҷангҳои террористӣ» дар дурнамо низ, яъне то замони мавҷудияти аҳзоб, ташкилот, ҳаракатҳои вобаста ба терроризми байналмилалии фаъолияташон дар қаламрави ҷумҳуриамон мамнуъбуда, неруҳои оппозитсионии ПМТ (Паймони миллии Тоҷикистон) ва омилҳои дигари мусоидаткунанда,. ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиди воқеӣ доранд

Калидвожаҳо: *«ҷангҳои террористӣ», «ҷангҳои омехта», неруҳои оппозитсионӣ, гуруҳҳои «хуфта», дастаҳои ҷиноятпеша.*

"TERRORIST WARS" AGAINST THE REPUBLIC TAJIKISTAN AND COUNTERACTION TO THEM

Sanginov N. N.

The authories in this article has studied one of the technologies of "hybrid wars" as "terrorist wars", which are being implemented against the Republic of Tajikistan. A detailed analysis of specific forces that are involved in similar wars is made.

The authories described the activities of terrorist and extremist forces in the past and at the present time with specific examples.

According to the authories, the nature and methods of terrorist actions have not undergone any changes. Their basis, as before, is the physical elimination of unwanted persons, mass murder of civilians and infrastructure facilities.

The authories summarizes that "terrorist wars" in the future will also pose a real threat to the national security of the Republic of Tajikistan, as long as there are international terrorist parties, organizations, movements whose activities are prohibited on the territory of the republic, opposition forces such as NAT (National Alliance of Tajikistan) and other associated factors.

Key words: *"terrorist wars", "hybrid wars", opposition forces, "sleeper" cells, criminal groups.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

РИТОРИКА ВА НАҚШИ ОН ДАР АМАЛИШАВИИ РАВАНДҲОИ СИЁСӢ

Саидова Ф.С. - номзади илмҳои сиёсӣ, ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

Дар мақолаи мазкур нақш ва мақоми риторика дар амалишавии равандҳои сиёсӣ таҳлил шудааст. Муаллиф ҷойгоҳи риторикаи сиёсиро дар шароити муосир таҳлил намуда, аҳамияти онро дар амалӣ гардидани мақсадҳои сиёсӣ, аз қабили мубориза барои ҳокимият, таблиғоти сиёсӣ, муттаҳидкунӣ ва ғайра ба таври муфассал нишон додааст. Инчунин, дар мақола нақши суханронии сарварони сиёсӣ ва аҳамияти он дар ташаккули ҳувияти ҷомеа ва идоракунии сиёсӣ баррасӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: *риторикаи сиёсӣ, раванди сиёсӣ, сарвари сиёсӣ, манипулатсия, боваркунонӣ, таблиғоти сиёсӣ.*

Риторика яке аз падидаҳои муҳим дар раванди сиёсӣ маҳсуб мешавад. Он ҳамчун унсури муайяни раванди сиёсӣ ба ҳисоб рафта, таҳқиқоти амикро бо мақсади муайян кардани қоидаҳои рушди раванди сиёсӣ талаб мекунад. Албатта, омӯзиши риторикаи сиёсӣ дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад, ки дониши оммаро дар бораи сиёсат ғанӣ намуда, ба онҳо кумак менамояд бо қоидаҳои суханварӣ ва меъёрҳои раванди сиёсӣ шинос гарданд.

Воқеан, риторика маҳоратҳои сиёсии оммаро баланд мебардорад. Он дар коммуникатсияи сиёсӣ ҷомеа нақши объекти сиёсиро иҷро менамояд. Омӯзиши риторикаи сиёсӣ на танҳо офарандаи нутқро ба ташаккул додани сухани таъсирбахш водор менамояд, балки ба омма барои фаҳмидани маънои ниҳонии ибораҳо ва мақсади коммуникатсияи раванди сиёсӣ кумак мекунад. Ба ибораи дигар, муносибати риторикӣ ба омӯзиши раванди сиёсӣ имкон медиҳад муайян карда шавад, ки чӣ гуна қудрати сиёсӣ зери таъсири риторикаи сиёсӣ амал карда, рушд меёбад ё аз байн меравад.

Хусусияти дигари раванди сиёсӣ ҳангоми идораи корҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ аз худ дарак медиҳад. Ҳангоми идораи корҳои давлатӣ фаъолияти ходимони намоёни сиёсию давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ё институтҳои дигари сиёсии ҷомеа таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Қарорҳои сиёсии ҳизби ҳукмрон дар давраи муайяни инкишоф чун мисол хизмат менамояд, ки асосан барои муайян намудани роҳи стратегии рушди ҷомеа омода гаштаанд. Ё мисоли дигари оддитареро хотирнишон намудан мумкин аст: дар аксари кишварҳои мутамаддин сарвари давлат бо нутқи барномавӣ дар назди мақомоти олии қонунбарор баромад намуда, роҳҳо ва воситаҳои асосии инкишофи ҷомеаро дар давраи наздиктарин муайян карда, самтҳои асосии инкишофи стратегии кишварро тарҳрезӣ менамояд [1;452]. Таҷрибаи кишварҳои гуногун нишон медиҳанд, ки чунин амали лидери сиёсӣ асосан самарабахш буда, дар ҳалли мушкилот ва мухолифатҳои гуногуни ҷамъиятӣ кумак мерасонад.

Бештар ба риторикаи сиёсӣ нутқи роҳбарони давлатҳо, арбобони давлатию сиёсӣ ва дигар нафароне дохил мешаванд, ки онҳо ба корҳои идоракунӣ машғуланд. Чуноне муҳаққиқи илмҳои сиёсӣ профессор Муҳаммад А.Н. қайд менамояд: «баромади қаблан омодашуда ва муҳокимашудае мебошад, ки метавонад баҳои мусбат ё манфӣ ва далелҳои асоснокшуда дошта бошад. Ҳамзамон нутқи сиёсӣ, барномаҳо ё нақшаҳои амалиёт, барномаҳои дурнамои рушд ва пешниҳодҳои дигаргунсозиро дарбар мегирад» [2;132].

Дар тақвияти ин гуфтаҳо бояд тазаккур дод, ки нутқи сиёсатмадорон қодир аст, дар ташаккули ҳувияти ҷомеа ва сохтори нави талаботи иҷтимоӣ аҳамияти калидӣ дошта бошад. Яъне дар нутқи сиёсӣ

тамоми равандҳои сиёсӣ дарҷ мегарданд ва ин ба одамон имконият медиҳад, ки нисбат ба падидаҳои ҷомеа маълумот пайдо карда, ояндаро таҳлилу баррасӣ ва пешбинӣ намоянд. Тавре маълум аст, дар нишастҳои сатҳи ҷаҳонӣ субектҳои байналмилалӣ аз тамоми роҳу усулҳои суханронӣ барои исботи мавқеи хеш истифода мебаранд то манфиатҳои худро ҳифз намоянд. Муҳим он аст, ки дигар акторҳо ба суханронии он боварӣ ҳосил намоянд. Чи андоза сарвар маданияти баланди суханронӣ дошта бошад, ҳамон андоза манфиатҳои кишвари худро ҳимоя карда метавонад.

Албатта, риторикаи сиёсӣ ҳамеша хоҳиши ба даст овардани қудрати сиёсиро, ки мақсади амалии субъектҳои сиёсӣ мебошад, ҳамроҳӣ мекунад. Аммо дар баробари ин бояд таъкид кард, ки қудрати сиёсӣ танҳо дар сурати ба даст овардани қонуният, ки аз тариқи боваркунонии риторикӣ ба даст меояд, эътибори воқеӣ дорад. Бидуни риторикаи сиёсӣ дар бораи ба даст овардан ва фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ ҳарф задан номумкин аст. Имконияти ба тарзи дилхоҳ таъсир расонидан ба рафтори одамонро тавассути риторикаи сиёсӣ ва дигар шаклҳои нутқи сиёсӣ дуруст ба роҳ мондан мумкин аст.

Дар раванди сиёсӣ муҳимтар аз ҳама таҳия ва татбиқи қоидаҳои ҷамъиятӣ ба шумор мераванд. Дар ин раванд риторикаи сиёсӣ нақши бузург дошта, мақсад аз он бовар кунонидани аҳли ҷомеа мебошад. Риторикаи сиёсӣ ҷомеаро водор мекунад, ки ба дурустӣ ва дастрас будани қоидаҳои ҷамъиятӣ боварӣ ҳосил намояд.

Ба андешаи муҳаққиқ Хуан Мей дар раванди сиёсӣ риторикаи сиёсӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: амалисозии боваркунонии сиёсӣ, муайян намудани қонунӣ будани ҳокимият, гузаронидани таблиғоти сиёсӣ, ташаккули воқеияти сиёсӣ, амалисозии манипулатсияи сиёсӣ, инъикоси тамаддуни сиёсӣ ва таҳаввули рушди он [4].

Ҳамин тавр, амалисозии боваркунонии сиёсӣ барои исботи қонунӣ будани ҳокимият татбиқ карда мешавад. Зери боваркунонии сиёсӣ фаъолияти нотиқии субъекти сиёсиро бо мақсади тағйир додани шуури сиёсӣ барои дарёфти дастгирии сиёсӣ фаҳмида мешавад.

Дар баробари ин, муайян намудани қонунӣ будани ҳокимият ҳамчун шарт барои пеш бурдани фаъолияти сиёсӣ маҳсуб мешавад. Он комилан аз самаранокии боваркунонии сиёсӣ вобаста аст, ки тавассути он субъекти сиёсӣ кӯшиш мекунад ба объекти сиёсӣ таъсир расонад. Ҳангоми муроҷиат ба эътибори ба вуҷудовардаи риторикаи сиёсӣ субъектони сиёсӣ ба муқаддас будани қудрат ҳамчун василаи боваркунонӣ таваҷҷуҳ мекунад. Ҳангоми муроҷиат ба принсипҳои ҳуқуқӣ субъекти сиёсӣ принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқиро ҳамчун манбаи қудрат шуморида, қонунияти қудрат ба меъёрҳо, қоидаҳо ва қонунҳое асос меёбад.

Инчунин, гузаронидани таблиғоти сиёсӣ ҳамчунин ҷузъи муҳими раванди сиёсӣ ба ҳисоб рафта, амалест, ки дар он субъекти сиёсӣ ба психологияи сиёсӣ ва рафторҳои сиёсии объект аз тариқи ташаккули риторикаи сиёсӣ таъсир мерасонад. Яъне, мақсади таблиғоти сиёсӣ низ аз бедор кардани эҳсосоти сиёсӣ, пайвастани шуури сиёсӣ, тавлиди ризоияти сиёсӣ ва ғайра иборат мебошад. Самаранокии риторикаи сиёсиро натиҷаҳои таблиғоти сиёсӣ муайян мекунанд.

Бояд гуфт, ки ташаккули воқеияти сиёсӣ, ки муносибати мутақобилаи байни воқеият ва нутқ аз замонҳои қадим мавриди муҳокима қарор дорад, бар хилофи объективият, воқеият танҳо вақте қобили дарк мешавад, ки он дар шакли ифодаҳои нутқӣ тавсиф карда шавад. Ҳанӯз Арасту қайд карда буд, ки объекти риторикаи сиёсӣ ҳамеша ба оянда нигаронида шудааст, баръакси он, ки риторикаи судӣ ба гузашта нигаронида шуда, риторикаи нутқи тантанавӣ бошад, дар бораи вақти ҳозир сухан меронад. Зарур аст идеяи сиёсӣ муайян шуда, низоми муносиби арзишҳо ва сарҳади коммуникатсия муайян гардад ва мақсади сиёсӣ ба таври шифоҳӣ ифода ёбад.

Тавре маълум аст, дар таърихи таҳаввулоти илм риторика ҳамеша мавриди интиқод ва шубҳа барои он қарор гирифта буд, ки онро барои фиреб, чунон ки дар Юнони қадим дар софистҳо ҷой дошт, истифода бурда метавонанд. Раванди сиёсӣ ҳамеша ба як идеологияи муайяне такя

мекунад, ки ҷомеаро ба ҷонибдорон, рақибон ва онҳое, ки мавқеъи бетарафро ишғол менамоянд, тақсим мекунад. Риторикаи сиёсӣ нисбат ба рақибон ва гурӯҳи бетараф аксар вақт манипулатсияро, бо ёфтани далелҳо ва воситаҳои мақсадноки баён, ҳамчун мақсади муошират қарор медиҳад.

Ҳанӯз донишмандони қадим қайд карда буданд, ки суханварии нотиқи ҳақиқӣ бояд баҳри марому мақсадҳои олӣ: мубориза барои хайрияти умум, адолат ва қонунияти воқеӣ, фаъолияти бунёдкорона ва ғайра равона гардад. Онҳо дар симои нотиқ - сиёсатшинос шахс - шаҳрвандеро медиданд, ки донандаи моҳири санъати суханварӣ, намояндаи ҷамъиятӣ, донишманди сиёсӣ ва фарди поквиҷдону масъулиятшинос ва ватанпарасту вафодор буд [3, с.20].

Тамаддуни сиёсӣ низ бо дастовардҳои фаъоли сиёсӣ ва вазъи пешрафт бо роҳи дигаргунсозии худ ва ҷомеа аз ҷониби инсоният муайян мешавад. Он тамаддуни низоми сиёсӣ, шуури сиёсӣ ва фаъолияти сиёсиро дарбар мегирад. Тамаддуни сиёсӣ бидуни риторикаи сиёсӣ, ки аз як ҷониб аввалиро ифода карда, аз ҷониби дигар ба рушди тамаддун мусоидат мекунад ё монеа мешавад, имконнопазир аст [4].

Воқеан онҳое, ки риторикаро ҳамчун санъати шаҳрвандӣ тасниф мекунанд, чунин меҳисобанд, ки риторика қудрати ташкили ҷомеаҳоро дошта, ба ташаккули хислати шаҳрвандон ва ба ҳаёти шаҳрвандӣ таъсири назаррас дорад. Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки риторикаи сиёсӣ тавонистааст ба равандҳои сиёсӣ, шаклгирии ҷаҳонбинӣ, рафтор, тасмимгириҳои сиёсии кишварҳо таъсири бевосита гузорад.

Хулоса, равандҳои сиёсӣ воқеияти сиёсии ҳар як ҷомеа ба шумор рафта, инъикосгари тағйирот ва дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошанд. Махсусан, равандҳои сиёсӣ мазмуни аслии сиёсатро ташкил намуда, гуногунрангии онҳо аз муносибатҳои сиёсӣ ва шакли амалишавии ҳокимияти давлатӣ вобаста мебошанд. Мавҷудияти равандҳои сиёсӣ характери доимӣ дошта, динамикаи сиёсии ҳар як ҷомеаро ташкил медиҳанд. Албатта, дар раванди сиёсӣ риторика барои амалӣ гардидани мақсадҳои сиёсӣ, аз қабили мубориза барои ҳокимият, легитимикунонии ҳокимият, ташаккул ва таҳкими ҳокимият ва ғайра истифода шуда, ба тамоми ҷомеа таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, риторика ҳамчун илм ва санъати сиёсӣ дар равандҳои амалишавии сиёсӣ нақш ва мақоми муҳим дошта, бештар дар хизмати сарварони сиёсӣ қарор дорад. Сухани сарвари сиёсӣ дар раванди идоракунӣ ва ё роҳбарӣ дар дохили худ хусусияти сафарбаркунӣ ва муттаҳидкуниро дорад, ки бештар мақсади асосии муайян шударо амалӣ менамояд. Аз ин рӯ, амалишавии равандҳои сиёсӣ бевосита ба гуфтор ва бо шакли дуруст расонидани хусусияти сиёсии нутқи суханвар вобастагӣ дорад. Бинобар ин, риторикаи сиёсиро ҳамчун илми маърифати бояд дар ҳама соҳаҳои ҳаёт мавриди истифода қарор дод.

Адабиёт

1. Зокиров Г.Н.Сиёсатшиносӣ. - Душанбе, 2010.-540 с.

2. Маҳмадов А.Н.Риторика ва баҳси сиёсӣ. - Душанбе, 2011.-192с.

3. Раҷабов И.Ш.Риторика ва баҳси сиёсӣ. - Душанбе, 2016. - 262 с.

4. Хуан М. Политическая риторика как практическая деятельность политического процесса. Электронний ресурс.Дата обращение:10. 04.2024

РИТОРИКА И ЕЕ РОЛЬ В РЕАЛИЗАЦИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ

Саидова Ф.С.

В данной статье анализируется роль и статус риторики в реализации политических процессов. Автор расматривает место политической риторики в современных условиях и подробно раскривает ее значение в реализации политических целей, таких как борьба за власть, политическая пропаганда, объединение и т.д. Также в статье раскрывается сущность выступлений политических ораторов и их значение в формировании идентичности общества и процесса политического управления.

Ключевые слова: *политическая риторика, политический процесс, политический лидер, манипуляция, убеждение, политическая пропаганда.*

RHETORIC AND ITS ROLE IN THE IMPLEMENTATION OF POLITICAL PROCESSES

Saidova F.S.

This article analyzes the role and status of rhetoric in the implementation of political processes. The author examines the place of political rhetoric in modern conditions and reveals in detail its significance in the implementation of political goals, such as the struggle for power, political propaganda, unification, etc.

The article also reveals the essence of the speeches of political speakers and their significance in the formation of the identity of society and the process of political governance.

Key words: *political rhetoric, political process, political leader, manipulation, persuasion, political propaganda.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

НИГОҲЕ БА АНДЕШАҲОИ СИЁСИЮ ҲУҚУҚИИ МИР САЙИД АЛӢ ҲАМАДОНӢ

Саъдулоев А.Ҳ. д.и.с. (PhD), дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: prof.asrt@mail.ru
Тел.:(+992) 918781212
Қодирзода С.М. н.и.ҳ., и.в. дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатии факултети идоракунии давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара
E-mail: saidmuso.kodirov@mail.ru
Тел.:(+992) 918797507

Дар мақолаи мазкур андешаҳои яке аз орифон ва мутафаккирони форсу тоҷик Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ дар бораи сиёсат, ҳуқуқ, адолат, ахлоқ ва шеваи давлатдорӣ мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ оиди давлату давлатдорӣ масъалаҳои сиёсиву ҳуқуқиро шарҳ дода, дар боби ҳокимият ва раият пешниҳодҳои худро байён намудааст. Инчунин барои пешравии давлат ва ҷомеа як дастурамали хубе ба роҳбариву ҳокимон пешниҳодҳои дақиқи илмӣ ироа намудааст.

Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ ба тариқи уҳдадор сохтани мардум оид ба иҷро ё риояи хислати ҳамидаи инсонӣ (баъзан уҳдадорӣ) ҳуқуқи раиятро муайян сохта, кӯшиши ҳимояи онро мекунад. Механизми ӯ чунин аст, ки асосан идоракунии ҷомеа ва давлатро тавассути мардум ба роҳ мемонад. Чунки дар натиҷаи иҷро намудани кирдорҳои муайян ҳамзамон ҳуқуқи ҳамагон ҳифз карда мешавад. Муалифон таъкид менамоянд, ки паҳлуҳои тафаккуни сиёсию ҳуқуқӣ ва давлатдории ин мутафаккири тоҷикро боз бештар аз ин низ метавон ба таври дақиқтар мавриди таҳлил қарор дод.

Калидвожаҳо: *Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ, қонун, сиёсат, ҳуқуқ, адолати иҷтимоӣ, султону раият, маърифат, вазифаи инсонӣ.*

Ситораи пурҷилои тобноке қариб 700 сол инҷониб аз қаъри асрҳо бо нури маърифати хирад андешаи моро равшанӣ мебахшад. Ин ахтари дурахшони дунёи маънавӣ бешубҳа, ҳакими ориф ва адибу мутафаккири нуктасанҷ Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ, мулаққаб ба Сиёҳпӯш, Мири Сиёҳпӯш, Мири Ҳамадон, Амири Кабир, Алии Сонӣ, маъруф ба Шоҳи Ҳамадон ва Ҳазрати Амирҷон мебошад, ки номи асосиаш Алӣ ибни Шаҳобуддин буда, дар ҳамадони Эрони имруза соли 1314 дар оилаи донишманду пурзаковат ва барӯманди замон ба дунё омадааст ва соли 1384 дунёи фониро тарк кардааст. Аз ӯ ба мо мероси гаронбаҳое бар ҷой мондааст, ки тақрибан то 140 асари хурду бузургро ба вай нисбат додаанд. Аз ҷумлаи муҳимтарини ин асарҳо ба “Макорим-ул-ахлоқ”, “Захират-ул-мулук”, “Миръот-ут-толибин”, “Машориб-ул-азвоқ”, “Авроди фатҳия”, “Сайр-ут-толибин”, “Зикрия”, “Мактуботи амирия”, “Ақлия”, “Довудия”, “Рисолаи Баҳромия”, “Воридоти амирия”, “Чиҳил мақоми сӯфия”, “Ҳалл-ул-фусус”, “Одоб-ул-мурииддин”, “Қуддусия”, “Кашф-ул-ҳақоиқ”, “Вуҷудия”, “Анвар-ул-ахлоқ”) [11;23] ва ғайра ишора намуд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 52 асари илмии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ зери таҳлили донишмандону олимон ва муҳақиқони соҳаҳои гуногун қарор гирифтааст.

Ақидаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва давлатдории Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ асосан дар китоби “Захират-ул-мулук” гирд омадаанд. Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ шаклҳои гногуне аз ҳокимиятро мавриди

баррасӣ қарор додааст, ки подшоҳӣ салтанат аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо мебошанд. Инчунин зикр кардан ба маврид аст, ки дар масъалаи пайванди ахлоқ бо сиёсат, тарафдори касонест, ки сиёсат бо ахлоқ ва арзишҳои динӣ вобастагии зиҷ ва асосӣ дорад.[9;14]

Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ ҳокимонро вазифадор месозад, ки раиятро зери ҳимояи худ гирифта, нагузоранд, ки онҳо мавриди зулми зердастони ҳоким бошанд ва дар сурати рух додани чунин ҳолате бояд коре кунад, ки эътимод ва боварии мардум ба шахси ҳоким ва дастгоҳи ҳокимият суст нагардад. Зеро, агар ҳоким онҳоро бо қонун муқобила накунад ва пеши роҳи зулму ситами раиятро дар дастгоҳи ҳокимияти худ нагирад, иззату эҳтироми ҳоким назди раият паст мегардад.

Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ ҳокимонро ба чор (4) гӯрӯҳ тақсим менамояд:

1. Ҳокимони соҳиби ақлу заковати зотӣ;
2. Ҳокимони бефаросату бехирад;
3. Ҳокимоне, ки майли донишомӯзӣ доранд.
4. Ҳокимоне, ки исбат ба раият роҳи дурустро дар пеш мегиранд.[9;15]

Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ салтанат ва подшоҳиро ба шартҳои зерин вобаста медонад.

1. Ҷиҳати бароварда намудани ҳоҷатҳои раият ҳамаи кушиши худро ба харҷ диҳад.
2. Равиши зиндагии сода ва оддиро дар пеш гирад.
3. Мудоро кардан дар сухан гуфтанро риоят намояд.
4. Ризоят ва тавсифу таърифи халқро баҳонаи сустӣ дар амри ҳокимият қарор надиҳад.
5. Аз хатарҳои гуногуне, ки дар пеши роҳи ҳокимияташ мумкин аст пеш ояд ғофил набошад.
6. Аҳли илму фазлро дуст бидорад ва ононро доиман мавриди эҳтирому иззат қарор диҳад.
7. Аз такаббуру худбартарбинӣ дар рафтор бо хадқ парҳез намояд.
8. Ҳамворад ҳикмату тадбирро дар умури ҳокимият сармашқи кори худ қарор диҳад.[15;266]

Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ дар “Захират-ул-мулук” ба ҳокимон тавсияҳое менамояд, ки аз ҷумлаи ҳуқуқи раият ба шумор мераванд ва риоят намудани онҳоро бар ҳокимон шарти лозим медонад. Адлу инсоф, сухани неку, рафтори мулоим ва ғайра танҳо намунаҳое аз мавридҳои мазкур мебошанд.

Ҳаст доим салтанат дар маърифат,
Ҷаҳд кун то ҳосил ояд ин сифат,
Ҳар ки масти олами ирфон бувад,
Бар ҳама халқи ҷаҳон султон бувад.
[15;268]

Тавре, ки дида мешавад, масъалаи дар боло омада дар шеъри мазкур ба таври равшану ошкоро худро нишон медиҳад. Яъне, ҳамаи сифатҳои неку ва ахлоқи ҳамидаи подшоҳон дар маърифату ирфон хулоса мегардад, ки бар ҳоким лозим аст ҷиҳати касби онҳо талош намояд.

Дар шароите, ки мо қарор дорем на танҳо андешаҳои сиёсию ҳуқуқӣ, балки андешаҳои ахлоқии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ барои тарбияи ҷавонону наврасон, пешгирии ҷавонон аз ҳамроҳшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароии динӣ ниҳоят муҳим мебошад. Махсусан дар шароити то рафт паҳн гардидани тамоюлҳои бади фарҳангиву идеологӣ, омӯзиш ва тирғиби осори Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ дар байни ҷомеа ва махсусан ҷавонон бисёр зарурӣ ба ҳисоб меравад.[12;20] Андешаҳои ин донишманд ва орифи бузург оиди ҷавонмардӣ ва аҳли футувват бисёр диққатҷалбкунанда мебошад. Ба ақидаи вай пайравони аҳли футувват бояд “бо пирон боҳурмат, бо ҷавонон бо насиҳат, бо тифлон бо шафқат, бо заифон бо ҳиммат, бо дарвешон бо базлу саховат, бо халқ бо эҳсону мурувват, бо нафс ба ҷанг, бо халқ ба сулҳ, дар муқобили адлу ҳалим, бар илм наҷот ҳарис ва бо андаке дунё қонеъ бошанд”.

Нақши Шоҳи одил, дар андешаҳои Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ дар тамаддуни башарият басо бузург аст. Махсусан муайян намудани бузургии шахсияти шоҳи Ҳамадон дар умури давлатдорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ яке аз хизматҳои эшон маҳсуб меёбад. Маҳз инъикоси чунин тартибот дар осори муҳаққиқи варзида ва оламшумул Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ гирд оварда шудааст. Ақидаҳои Шоҳи

одил ва раиятпарвар, ки дар боби панҷуми асари “Захират-ул-мулук”, ки “Дар аҳкоми вилоят ва салтанат ва иморат ва ҳуқуқи раъоё ва шароити ҳукмт ва хатарҳои он ва зарурияти иҷрои адолат ва эҳсон” номгузорӣ шудааст, хело муфассал гуфтааст. [4;436] Ҳаким барои нишонрас гардидани андарзҳои хеш, аз ҳаёт ҳокимони варзидани салаф ва рӯзгору хилофати халифаҳои садри ислом ва ҳатто паёмбарони мурсал дар ин боб андарзҳои фаровон истифода намудааст. Сири ин мансаб дар вуҷуди шарифи эшон зуҳур карда, ба адои ҳуқуқи он, чунон ки мебоист киём намояд ва сиратҳои эшонро бар золимони ҷабркунанда ва ҷоҳилони осӣ нисбат додааст. Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ якчанд ҳокимонро дар муқоиса бо салтанат ва ҳокимони одил натиҷагирӣ менамояд. Аз шеваи ҳокимияти ҳокимони одил дар таърих гузашта, ки онҳо намунаи барҷастаи адолати иҷтимоӣ дар таърихи ҳокимияти башарият ҳастанд дар осораш ёдрас намуда, ҳокимони замони хеш ва ояндаро ҳушдор месозад. Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ ба такрор таъкид менамояд, ки шоҳону ҳокимон пайваста бояд пайи некуаҳволии раъият кушиш намоянд. Ӯ дар низоми давлатдорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ вобаста ба ҳидояту накӯкорӣ, адолату инсоф, пайравии афкори неки инсониро дар тамоми осораш чун хати сурх ба назари хонандаи нозукбин мерасонад.

Асарҳои илмии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ то имрӯз на танҳо дар доираи ислом, балки берун аз он низ мубрамияти худро нигоҳ доштаанд.[15;268] Сабаб он аст, ки дар онҳо проблемаҳои ҳуқуқие баррасӣ ва ҳал гардидаанд, ки дар ташаккули давлатдорӣ ва мустаҳкамкунии асосҳои он аҳмияти ниҳоят муҳим доранд.

Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ ба тариқи уҳдадор сохтани мардум оид ба иҷрои ҳуқуқи раиятро муаян сохта, кӯшиши ҳимояи онро мекунад.[5;194] Механизми худмуайянкунии ӯ, асосан тавассути уҳдадоркунии мардум ба ягон рафтор муайян мегардад. Чунки дар натиҷаи иҷро намудани кирдорҳои муайян ҳамзамон ҳуқуқи дигарон ҳифз карда мешавад.[10;92]

Ҳаминро бояд гуфт, ки афкори Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ саршори нишондодҳои дорои харектери ҳуқуқию давлатдорӣ мебошад. гуфтаҳои ӯ қариб, ки ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷамиятро фаро мегирад. Ба мисли нишондодҳо оиди ҳокимият ва давлатдорӣ, муқарар кардани ҳуқуқу уҳдадориҳои инсон, оиди ахлоқи ҳуқуқӣ дар ҷамъият, таъминоти иҷтимоии ҷомеа, оид ба тиҷорати соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои муносибатҳои ҷамитяӣ.

Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ бо вуҷуди сайру саёҳатҳо ва зиндагонии нооромона мероси бою гуногун вобаста ба самти давлатдорию ҳуқуқӣ боқӣ гузоштааст. Асарҳои ӯ асосан, ки аз рисолаҳои ҳаҷман хурд иборатанд ба форсии тоҷикӣ навишта шудаанд, ки дар аксари асарҳояш масъалаҳои ахлоқ, сиёсат, ҳуқуқ, адлу инсоф, давлатдориро таҷасум менамояд. Дар ин асраҳои мутафаккир, муҳимтарин масъалаҳои сиёсию ҳуқуқӣ, тарзи идора кардани ҳокимият ва худшиносию инсондустӣ, таълиму тарбияи фарзанд ва дигар масъалаҳои мубрами ҷомеаро мавриди таҳқиқ қарор додааст.[3;9] Назарияи “Ҳокими одил ва оқил хирадманду накукор” тақрибан ҳамаи чораҳое, ки ӯ нисбати давлату давлатдорӣ пешниҳод менамояд фаро гирифтааст. Мутафаккир ҷамъи андешаҳо ва мулоҳизаҳои худро роҷеъ ба ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, тариқи салтанат ба он вобаста менамояд.

Алӣ Ҳамадонӣ ҳамаи ҳокимон ва подшоҳон, ба таври хосса идракунандагони бахшҳои ихтисосии ҳаёти иҷтимоиро ба ду гурӯҳ одил ва ноодил ҷудо менамояд. Ӯ дар рисолаи “Захират-ул-мулук” ва “Мактуботаш” ҳокими одилро ҳаматарафа ёрӣ намуда, баръакс дар худи ҳамин рисолаҳо султону ҳокими ноодилро танқид ва мазаммат менамояд ва фаъолияти онро қатъан маҳкум намудааст. Аз назари вай танҳо ҳокимони одил ва оқил метавонад ҷомеаро идора кунанд. Чунин ҳокимон қодиранд, ки пеши роҳи ахлоқи нописандида ва сифати ношоиста ва ноодилонаро бигиранд. Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ сабаби таназзул ва бадбахтии давлату миллатро дар салтанати ҳокими ноодил донистааст.

Аз ин гуфтаҳо хатари ҳукумат ва вилоятро огоҳ намуда, таъкид менамояд, ки подшоҳро уҳдадорие ҳаст, ки бе он умури салтанат дар дин ва дунё низом намегирад ва мардуми мамлакатро ба

подшоҳ ҳуқуқе аст, ки ба адои он подшоҳ наметавонад масъулияти худро назди халқ иҷро намояд.[4;436]

Ба ақидаи мутафаккир низоми подшоҳиро шартҳои гуногун ташкил медиҳад, ки баъзе аз онҳо чунин иборат мебошанд. [13;69]

1. Агар воқеаи пеш ояд, подшоҳ ва ҳоким худро яке аз мардум дар он воқеа тасаввур намояд. Дар он ҳол, ҳар амр, ки аз дигаре бар худ раво намедорад, мисли он аз худ, бар дигаре раво надорад ва ҳар чӣ бар худ намеписандад бар ҳеҷ кас намеписандад.

2. Ҳалли мушкилоти мардумро аз болотарин ибодатҳо ба ҳисоб оварад.

3. Дар хӯрдан ва пӯшидан пайравӣ ба сирати подшоҳони одил кунад.

4. Дар ҳолати ҳукумат карданаш, ба нармӣ сухан гуяд ва дар суҳбат карданаш дуруштӣ накунад ва аз шунидани далели бисёр озурда нашавад. Аз сухан гуфтан бо заифон ва мискинон нанг надорад.

5. Ба ҷиҳати ризои халқ дар ҳукм, сустӣ ва дуруягӣ накунад ва барои хушнудии ҳар кас мухолифати қавонинро раво надорад. Бидонад, ки хусусияти ҳукумат он аст, ки пайваста халқ бояд аз ҳоким розӣ бошанд. Зеро, танҳо бо баровардани ҳукми одилона, адолатро дар байни мардум метавонад пойдор намуда, ба ҳадафи мкзкур даст ёбад.

6. Аз хатари ҳукумат ва вилоят ғофил набошад ва яқин донад, ки мансабу давлатдорӣ сохторест, ки ба воситаи он ҳам саодат ва ҳам некномии абадӣ метавон касб кард.

7. Дар зиёрат ва сӯҳбати олимон рағбаткунанда бошад. Дар ҳали мушкилоти давлатдорӣ бо онҳо машварат намуда, маслиҳатҳои эшонро сармашқи кори худ гардонад.[13;434 / 1;28]

Дар ҳар шарте, ки Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ барои ҳокимитяи одилонаву оқилона бар подшоҳон воҷиб мешуморад, асосан на ҳимояи манфиатҳои шахсони алоҳида ё гурӯҳҳои муайяне, балки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои мардуми заҳматкаши халқи оддӣ байён гардидааст. [6;179]

Тарбияи сиёсии ҷавонон ва нақши тарбия дар идоракунии давлатӣ дар ҳама давру замон яке аз масъулаҳои мубрами илмӣ, давлатию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дониста мешуд. Масъалаҳои мазкур ҳануз дар Авастову Шоҳнома, Сиёсатномаву Қобуснома, Марзбонномаву Бахтиёрнома барин асарҳои хусусияти сиёсию ҳуқуқӣ дошта аз ҷониби мутафаккирони зиёд баррасӣ гардидааст. Таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки афкори сиёсии Шарқ дар хусуси тарбияи сиёсию идоракунӣ дар се самт инкошоф ёфтааст:

1. Дар доираи илми фалсафа;

2. Дар доираи таълимоти давлатию ҳуқуқӣ;

3. Дар доираи этикаи ахлоқӣ.

Дар хусуси ваколатҳои султон Алӣ Ҳамадонӣ бар он аст, ки султон бояд барои тарбият ва ислоҳи худ ва анҷоми рисолате, ки бар уҳда дорад, қоидаҳои муайянеро бояд истифода намояд. Ӯ таъкид менамояд, ки шарти дуруст будани амали инсон, аз он ҷумла ҳокимон илм буда ва илми ба амал пайваста мебошад.

Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ қайд мекунад, ки султон дар сурате рафтори хубу некӯ ва одилона карда метавонад, ки ба асли ин масъалаҳо эътиқодманд бошад ва қарорҳои баровардааш асоси илмӣ ва таҷрибавӣ дошта бошанд.[7;178]

Бар андешаи Алӣ Ҳамадонӣ дар сурате, ки роҳбари ҳокимият тамоми манфиатҳои давлат ва воситаҳои зиндагиро дар даст дошта бошад ҳам, лекин пеш аз ҳама худи ӯ аз ҷумлаи “раият” буда, як инсон аст ва дар муносибат бо халқ худро бо онон баробар шуморад. Халқро бояд дӯст дорад ва он чизеро ки барои худ дӯст медорад барои дигарон раво дорад ва чизеро, ки барои худ намепазирад барои дигарон низ раво надорад.[14;7] Аъзои ҷомеа ва роҳбари давлат ҳама дорои ҳуқуқи баробар буда, дар сахтиҳои ҳаёт якҷоя ва якдил бошанд ва барои пешрафти ҷомеа дар якҷоягӣ талош варзанд. Султон бояд ҳамчун роҳбар ва пешво барои халқ манфиатвор бошанд ва халқ ҳам аз роҳбари худ розӣ бошанд ва дар тамоми ҳолатҳо пуштибонӣ аз ҳокими худ намоянд.

Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ қонун ва ахлоқро ҳамчун заминаи асосии муваффақияти султон медонад. Вай пешниҳод менамояд, ки масъалаҳои ҳуқуқӣ ва

ахлоқию сиёсӣ бояд дар доираи ахлоқ ва сиёсат баррасӣ ва амалӣ гардад. Бинобар ин, ӯ шахсияти султонро муаррифӣ намуда ӯро аввалан ба ҳамчун донанда ва амалкунандаи меъёри ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ мебинад ва даъват ба сиёсати ахлоқмеҳвар менамояд.[2;367]

Мутафаккир дар самти вазифаҳои давлатии султон чунин баён мекунад, ки султон бояд кӯшиш намояд то як қатор вазифаҳо ва ваколатҳои худро доир ба ҳокимият муайян созад. Таъмин ва расидагӣ намудан ба ҳоҷатҳои мардум яке аз муҳимтарини он мебинад.[8;123] Пас, яке дигар аз вазифаҳои асосии подшоҳ он аст, ки пайваста дар пайи ҳалли ҳоҷоти муҳтоҷон бошад ва то эҳтиёҷоти онҳо бартараф нагардад, ба ҳеҷ ибодате машғул нашавад.[14;8]

Муттафакир ба сарвар эҳтиёҷ доштани одамонро пеш аз ҳама дар гуногун будани онҳо мебинад. Ба қавли ӯ сарвар онҳоро аз ҷабру зулми якдигар эмин дошта, муносибатҳои байни онҳоро мураттаб менамояд. Ӯ таъкид мекунад, ки султону раият набояд ба зоҳирфиребии якдигар машғул бошанд. Хушнудие, ки мардум нисбат ба роҳбари давлат баён мекунанд набояд аз тарсу бим бошад, балки аз муҳаббате сар занад, ки воқеиятро нисбати давлатдор исбот созад. Ба андешаи ӯ роҳбари давлат ба мақсади ҷалби ризояти халқ худ қоида ва муқаррароти қонунро бояд риоя кунад. Волоияти қонун ҳангоми содир кардани ҳукм бояд таъмин гардида, одилона ва бе ғараз бошад. Ӯ набояд ба хушнудӣ ё нохушнудии одамон рӯй орад ва агар дар содир намудани қарор ба муҳаббат ва ҷонибдорӣ аз гӯруҳе майл кунад, дер ё зуд амалҳои содиркардааш боиси бесарусомонии ҷомеа мегардад. Султон дар содир намудани ҳукм бояд тарзе рафтор кунад, ки аз доираи қонун ва адолат берун набарояд ва барои розигии халқ аз ризогии Ҳақ даст накашад. Яъне меъёри аслӣ ва ҳадди муайян бояд адолати қонунӣ бошад.

Риштаи бисёр устувори давлатдорӣ, ба ақидаи Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ хиёнат накардани ҳокимон ва ягонагии қавлу амалҳои онҳост. Роҳбар, ба қавли он ҳазрат, бояд ба сони мурғони ҳаво зирак, мисли пирони хирадманд дурандеш ва чун соҳибхонаи оқил сарфакор бошад. Ин ҳикмат имрӯз ҳам ба роҳбарони ҳамаи зинаҳои идораи давлатӣ бисёр омӯзанда мебошад.[14;7-8]

Мақсади Ҳамадонӣ аз пешниҳод намудани масъалаҳои ҳуқуқӣ дар доираи сиёсат ва ахлоқ аз он иборат аст, ки низоми давлатдорӣ бояд дар асоси адолату фазилатхоҳи ахлоқӣ ба вуҷуд оянд ва аҳли ҷомеаро ба саодату хушбахтӣ раҳнамуд созад. Осудагии ҷамъият, зиндагии ором ва бо фазилати раъият заминаи таъмини саодати рӯзгор буда, барои амалигардии воқеии қонун, ахлоқ ва сиёсат шароити мусоид фароҳам меоранд. Амалҳои султони одил дар ҷомеа боиси он мегардад, ки ҷомеа он фозилу дониш ва ахлоқи тирбиятро инкишоф бахшида, дар осоиш ва субот зиндагӣ намоянд. Иҷрои бечунучаро ва яксони қонунҳои дар ҷомеа амалкунанда, ахлоқ ва амалҳои хубу наку боиси баланд бардошта шудани обрую иззатмандии инсон гашта, мояи оромии рӯҳ, каромати нафс ва беҳбудии ҳаёти иҷимоӣ хоҳад гашт.

Адабиёт

1. Абдулхонов Ф.М., Қодиров С. Принсипҳои адолат дар афкори Абуалӣ ибни Мискавайҳ. Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. Равандҳои ҷаҳони муосир ва ояндабании иҷтимоӣ (маҷмӯи мақолаҳо).- Душанбе: “Пойтахт”, 2017.-154с.

2. Азиззода У.А., Калонов Ф.М. Ақидаҳои Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ оид ба вазъи ҳуқуқии Подшоҳон, вазирон ва амалдорон. Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқии инсон дар Тоҷикистон. Маводи конфронсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон 5-уми декабри соли 2023. Душанбе- 736с.

3. Зарипова Р. Таълимоти ахлоқии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ ҳайати устодону кормандон ва аспирантону донишҷӯён бахшида ба 700 солагии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ, 24 солагии Истиқлолияти ҶТ ва 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Данғара-2015. 288с.

4. Калонов Ф.М. Нақши давлат ва ҳуқуқ дар осори Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ. Масъалаи назариявии амалисозии ҳуқуқи инсон дар ҶТ. Маводи конфронсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон 7-уми декабри соли 2020. Душанбе-2020. 512с.

5. Қодирзода С.М. Ахлоқ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ аз нигоҳи Ибни Мискавайҳ. Форуми илмии умумидонигоҳии "Қонуният ва низом дар идораи давлатӣ" бахшида ба хотираи Нурулло Ҳувайдуллоев-аввалин прокурори генералии ҶТ (20-21 марти соли 2020) Данғара 2020. Душанбе "Графика-83", 238с

6. Қодиров К. Шеъри ирфонии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ. Монография. Душанбе: "Ирфон", 2015.- 256с.

7. Қодиров К., Мирзо Муллоаҳмад. Шеъри ирфонии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ. – Душанбе: "Ирфон", 2015 256с.

8. Мир Сайд Алӣ Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. Табрез: Муассисаи таърих ва фарҳанги Эрон. 1980, 938с.

9. Н.Бердӣ, Қ. Бадридин. Таълимоти сиёсии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ ҳайати устодону кормандон ва аспирантону донишҷӯён бахшида ба 700 солагии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ, 24 солагии Истиқлолияти ҶумТ ва 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Данғара-2015. 288с.

10. Насиҳатномаи Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ. Монография / Зери таҳрири Раҷаб Асозода. Кӯлоб, 1993. 192с.

11. Т.Султонӣ. Бархе ҷанбаҳои рӯзгори Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ ҳайати устодону кормандон ва аспирантону донишҷӯён бахшида ба 700 солагии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ, 24 солагии Истиқлолияти ҶТ ва 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Данғара-2015. 288с.

12. Ш. Саидов. Аҳмияти андешаҳои сиёсии Мир Сайид Алии Ҳамадони дар шароити муосир. Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ ҳайати устодону кормандон ва аспирантону донишҷӯён бахшида ба 700 солагии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ, 24 солагии Ис ва 70-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Данғара-2015. 288с.

13. Р. Асозода.,Ҳ. Асозода. Шамае аз «захират-ул-мулук"-и Сайид Алӣ Ҳамадонӣ. Монография / зери таҳрири Кулоб:1991. 83с.

14. Э. Раҳмон. Нақше ба ёдгор гузорем //Суханронии Президенти ҶТ дар маҷлиси ботантана бахшида ба ҷашни 680-солагии олим ва мутафакири бузурги Шарқ Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ. 4-сенитиябри соли 1995. Ҳотам Асозода. Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ: Таълифоти илмӣ, ирфонӣ ва адобӣ.- Душанбе, 2015. 124с.

15. Э. Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: "ЭР-граф", 2016. 364с.

ВЗГЛЯД НА ПОЛИТИЧЕСКИЕ И ЮРИДИЧЕСКИЕ МНЕНИЯ МИР САЙИД АЛИ ХАМАДАНИ

Саъдулоев А.Х., Қодирзода С.М.

В данной статье научному исследованию и обсуждению подвергнуты мнения одного из персидско-таджикских мудрецов и мыслителей Мир Сайида Али Хамадони о политике, праве, справедливости, этике, стиле правления. Мир Сайед Али Хамадани разъяснил политические и правовые вопросы, касающиеся государства и государственности, и представил свои предложения по теме власти и субъектов.

Мир Сайед Али Хамадани определяет право на гражданство и пытается защитить его, обязывая людей проявлять или соблюдать основные человеческие качества (иногда обязательства). Его механизм таков, что он главным образом управляет обществом и государством через людей. Потому что в результате совершения определенных действий одновременно защищаются права каждого. Авторы подчеркивают, что аспекты политико-правового мышления и государственного управления этого таджикского мыслителя можно проанализировать более точно.

Ключевые слова: Мир Саед Али Хамадани, закон, политика, право, социальная справедливость, султан и подданные, образование, человеческий долг.

A LOOK AT POLITICAL AND LEGAL OPINIONS MIR SYED ALI HAMADANI

Sa'duloev A.H., Qodirzoda S.M.

In this article, the opinions of one of the Persian-Tajik sages and thinkers, Mir Sayyid Ali Hamadoni, about politics, law, justice, ethics, and style of government are subject to scientific research and discussion. Mir Syed Ali Hamadani explained the political and legal issues relating to the state and nationhood and presented his proposals on the topic of power and subjects.

Mir Syed Ali Hamadani defines the right to citizenship and attempts to protect it by obliging people to exhibit or comply with basic human qualities (sometimes obligations). His mechanism is such that he mainly controls society and the state through people. Because as a result of performing certain actions, the rights of everyone are simultaneously protected. The authors emphasize that aspects of the political-legal thinking and public administration of this Tajik thinker can be analyzed more accurately.

Key words: Mir Syed Ali Hamadani, law, politics, law, social justice, Sultan and subjects, education, human duty.

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТАЪҒЙИРЁБИҲОИ ИҶТИМОӢ – СИЁСӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ИҚТИДОРИИ ИННОВАТСИОНИИ ЗАНОН

Маҳмадиева А. Д. – Омӯзгори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар мақолаи мазкур методологияи парадигмаи гендерӣ аз назари сиёсӣ ва иҷтимоӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Дар шароити дигаргунсозии ҷомеаи Тоҷикистон энтропияи иҷтимоӣ ҳамчун натиҷаи тезутунд шудани як қатор масоили нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ, паст шудани сатҳи зиндагии қисми васеъи аҳолӣ, занон ҳамчун гурӯҳи осебпазир, беэътиноии сиёсӣ ба ҳаёт ва нерӯи навоваронаи занон меафзояд. Аз ин бармеояд, ки барои ҳалли масоили гендерии дигаргунсозии иҷтимоию сиёсии кишвари мо, тафсири идоракунии энтропия ҳамчун ченаки бесарусомонӣ ва ташкили система ва тақозо ба навъи идораи давлатӣ қобили қабул аст.

Ҷанбаи сиёсии идоракунии ҷараёни дигаргунсозиҳои чамъиятию сиёсӣ дар ин маврид моҳияти экзистенсиалии мавҷудияти инсонро ҳамчун мавҷудоти фаъоли иҷтимоӣ, дорои неруи зиёди дигаргунсозии табиат ва ҷомеа мекушояд. Диалектикаи таъғйирпазириҳо ҳамчун муносибати байни энтропия ва зиддиэнтропия дар шакли хақиқӣ ошкор ва муаян карда шудаанд. Ба хулоса омадан мумкин аст, ки ин хусусияти муайяншуда хислати мунтазамӣ пайдо месозад ва ин раванд «имкон медиҳад, ки ҳангоми ба ҳисоб гирифтани он дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон, пеш аз ҳама идоракунӣ, ба имкониятҳои таъминоти иттилоотию иқтидории система баҳо дода шавад.

Калидвожаҳо*: Иноватсия, парадигма, гендер, занон, модернизатсия, дигаргунсозӣ, баробарӣ, системаи сиёсӣ, иҷтимоёт, ҷомеа.*

Дигаргунсозиҳои иҷтимоию сиёсӣ ҳамчун мафҳуми пешбаранда ва маънисоз, ҳамчун раванди навсозӣ ва дигаргунсозии зиддиэнтропӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаааст. Раванди мазкур, иштироки табақаҳои васеи иҷтимоии занонро ҳамчун гурӯҳи бартаридоштаи демографӣ талаб мекунад, ки манфиатҳои иҷтимоии онҳо метавонанд тавассути кори эҷодӣ, ҳаёти маънавӣ, амалияи иҷтимоӣ ва сиёсат муттаҳид карда шаванд.

Моҳияти дигаргунсозӣ дар хусусияти синергетикии вайроншавии низоми иҷтимоӣ дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ мебошад, ки аломатҳои он самти энтропӣ, эммерҷентӣ ҳамчун гузариши ғайрихатии ҷомеаҳои анъанавӣ ба ҷамъиятҳои саноатӣ ва баъдисаноатӣ иборат аст.

Чунин ифодаи дигаргунсозӣ бо мубрамшавии вазифаи идоракунӣ дар сиёсат–интиқоли энтропияи равандҳои табдилдиҳӣ ба антиэнтропияи навсозӣ дар асоси таъмин ва татбиқи сиёсати одилонаи гендерӣ алоқаманд аст. Таҳти мафҳуми ин навъи сиёсат низоми тадбирҳои давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои занон дар дастрасӣ ба ҳокимият, манфиатҳои ҷомеа, захираҳои рушд истисно кардани ҳама гуна шаклҳои табъиз, поймолкунии ҳуқуқҳои конститутсионӣ бо назардошти фарҳанги этникӣ, динӣ, дар асоси назорати доимии вазъи занон ва омори гендерӣ фаҳмида мешавад.

Ин дуруст будани фарзияи дар бораи таъсири энтропия ба зиёд шудани «профилҳои гендерии нобаробарии иҷтимоӣ» пешниҳодкардаи моро тасдиқ мекунад. Хусусиятҳои муҳими ҷанбаҳои гендерӣ инҳо мебошанд: заволи мақом ва нақши арзишҳои ахлоқӣ, бекории пӯшида, афзоиши падидаҳои манфии иҷтимоӣ: маргинализми занон, нашъамандӣ ва намудҳои дигари каҷрафторӣ ва инҳирофи иҷтимоӣ, ҷиноятқорӣ, беморшавӣ, фавт, тезу тунд шудани муноқишаҳои байнимиллӣ ва сиёсӣ дар андозаи гендерӣ ва ғайра.

Аз ин бармеояд, ки ба антиэнтропия табдил ёфтани энтропияи иҷтимоӣ бо нерӯи ҳамаи гуруҳҳои аҳолӣ, аз ҷумла занонро фаро гирифтани навсозии сиёсӣ, иштироки фаъолонаи онҳо дар қабули қарорҳо ва

равандҳои идоракунӣ алоқаманд аст. Ин ақидаи мо ба мавқеи бонуфузи М.Бачелет, сарвари ташкилоти нави байналмилалии СММ «СММ - занон», собиқ президенти Чили мувофиқ аст. М.Бачелет дар маърӯзаи худ чунин фикри муҳимро баён кард: «Нерӯи занон, соҳаҳои «занона»-и иқтисодиёт, зеҳну хиради занон — ҳамаи инҳо захираҳои бузурги азхуднашуда мебошанд. Вазифаи аз ҳама муҳим он аст, ки ин захираҳои занона чӣ тавр ба манфиати ҳама самаранок истифода бурда шаванд» [1].

Мафҳумҳои дигаргунсозии иҷтимоию сиёсӣ ва навсозии сиёсӣ – ин ягонагии диалектикӣ мебошад. Падидаи аввал тағирёбии шаклҳо, мундариҷаи нави ниҳодҳо, тамоми сохторҳо, вазифаҳо, арзишҳои низоми номутавозин ва динамикии иҷтимоӣ мебошад. Падидаи дуюм, яъне навсозии сиёсӣ маънои идоракунии инноватсионии раванди дигаргунсозӣ ҳамчун сиёсати мусбати гендериро дорад. Ба шарофати дигаргунсозии бевоситаи низоми сиёсӣ барои ба навсозии зиддиэнтропӣ табдил додани навсозии энтропия шароити мусоид ба вуҷуд меояд.

Аз ин рӯ, ба назари мо дигаргунсозии иҷтимоӣ-сиёсӣ ин модернизатсияи нигаронидашудаи зиддиэнтропияи раванди ташаккул, инкишоф, ҳамгироии неруи инноватсионии занон дар соҳаҳои иқтисод, сиёсат, менеҷмент, илм ва ғайра мебошад. Чунин тартиб додани савол ва мантиқи асосноки сегонаи методологии тадқиқот ба мо имкон медиҳад, ки ба таҳияи парадигмаи гендерии дигаргуниҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ гузарем.

Тавре зикр гардид, таҷдиди гендерии низомҳои сиёсӣ ҳамчун яке аз навъҳои пешбари модернизатсияи сиёсӣ ба рушди нерӯи сиёсии занон дар равандҳои қабули қарорҳои сиёсӣ нигаронида шудааст. Ин тасмимҳои муассир, чандир, оқилонаро бо назардошти маҷмӯи омилҳои рушди ҷомеа: фарҳанги этникӣ, маориф, дин, шариати ислом талаб мекунад. Дар ин бобат андешаи муҳаққиқи рус В. Жуков дар муайян кардани омилҳои нерӯи инноватсионии ҷомеа ҳамчун омили навсозӣ аз аҳамияти методололгӣ бархӯрдор аст. Чунончи В.И. Жуков таъкид мекунад: «... сарнавишти навбатии муосиркунонии ҷомеа дар садсолаи XXI аз тавоноии ҳукуматҳо дар бобати муттаҳидсозии иқтидори боқимондаи амалинашудаи иқтисодӣ, зеҳнӣ, молиявӣ ва ғайра бо гурӯҳи тараққиёти иҷтимоӣ ва ҷараёнҳои глобалии дар ҷаҳон рушдёбанда дар чаҳорчӯбаи самтгириҳои сиёсати иҷтимоию сиёсии кишварҳо вобаста мебошад»[2].

Маҳз дар ҳамин ҷо сарчашмаи фаҳмиши консептуалии падидаи дигаргунсозии иҷтимоӣ ҳамчун падидаи воқеияти сиёсӣ бо мақсади баланд бардоштани дониши сиёсӣ дар асоси тавсеа, амиқсозии андешаҳо дар бораи муайянкунандаи гендерии дигаргуниҳои сохторӣ ва системавӣ дар ҷомеа оғоз мешавад. Чунин фаҳмиш дар асоси татбиқ ва ғанисозии ҳамдигарии назарияҳо, консепсияҳои парадигмаҳои гуногуни мактабҳои илмӣ имконпазир аст. Хусусияти байнисоҳавии омили гендерии дигаргунсозии иҷтимоию сиёсӣ муносибати бисёр парадигмавии инъикоси маҷмӯи муайяни назарияҳо, консепсияҳои соҳаҳои донишҳои иҷтимоӣ-гуманитариро муайян мекунад. Ин таҳлили мушкилоти иқтидори инноватсионии зан ҳамчун омили дигаргунсозии иҷтимоию сиёсӣ дар генезиси рушд ва ягонагии эмпирикӣ ва назариявӣ ҳамчун якпорчагии илми сиёсатро фароҳам меорад.

Ҷанбаҳои сиёсатшиносии назарияҳо ва мафҳумҳое, ки бо ин роҳ барои рушди парадигмаи гендерӣ таҷдид шудаанд, имкон медиҳад, ки модели консептуалии неруи инноватсионии зан, шаклҳо, усулҳо, воситаҳои ба равандҳои модернизатсияи мувофиқ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар доираи парадигма дар сиёсатшиносӣ системаи принсипҳои ирфонии шинохту инъикоси воқеияти сиёсӣ дар асоси як дастгоҳи мушаххаси консептуалӣ ва мақулавӣ мутобиқи қонунҳои сиёсатшиносӣ баррасӣ мешавад. Этимологияи истилоҳи парадигма дар афкори фалсафии Юнони Қадим маънои намуна ё моделро дорад. Дар сиёсатшиносӣ таснифоти ба таври умум эътирофшудаи парадигмаҳои мактабҳои мавҷуда вуҷуд дорад: сотсиологӣ, антропологӣ, ратсионалӣ-танқидӣ, теологӣ ва ғайра. Дар таҳқиқоти муаллифони солҳои охир такя ба парадигмаи феминистӣ дар сиёсатшиносӣ, ба таври умум дар соҳаи гендершиносӣ ҳамчун таҳлили мақоми зан ва барқарорсозии он маъмулӣ шудааст[3].

Аммо таъкид мекунем, ки дар баробари мафҳуми “парадигма” дар улуми сиёсӣ

“метапарадигма” низ истифода мешавад. Маъноҳоро фарқ карда, тафсири мафҳумҳоро ошкор мекунем.

Этимологияи истилоҳи метапарадигма ба калимаи юнонӣ - префикси "мета" ба маънои "берун", "пайравӣ", "пас" ҳамчун гузариш ба чизи дигар, пайгирӣ, ҳамчун тағирёбии ҳолати рушди падидаҳои мушаххас бармегардад. Моҳияти метапарадигмаи сиёсатшиносӣ маҷмӯи равишҳои наверо мефаҳмад, ки «берун» аз парадигмаҳои муқарраршуда ташаккул ёфта, аз ҷониби ҷомеаи илмӣ эътироф карда мешаванд. Онҳо, чун метапарадигма - дониши нав дар шакли модели назариявӣ барои гузоштан ва ҳалли масъалаҳои воқеият ташаккул меёбанд. Хусусияти метапарадигма дар рушди илми сиёсат дар асоси «тағйирёфтаи ғояҳо дар бораи асосҳои бунёдии онтологии тасвири умумии ҷаҳон, табиат, шуур, фарҳанг ва дин» мебошад[4]. Чунон ки Л.Г. Фишман қайд менамояд, метапарадигма дар илмҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ба сохторҳо, институтҳо, муносибатҳои мушаххас нигаронида шудааст, то равишҳои навро дар воқеияти сиёсӣ қонунӣ гардонад.

Ба андешаи мо, равандҳои таҳаввулоти амиқ дар соҳаи илм диалектикаи гузариши метапарадигмаро ҳамчун объекти омӯзиш ба парадигмаи сиёсатшиносӣ ҳамчун эътирофи ин равиш дар давраи навшудаи раванди рушди илм муайян мекунанд. Дурустии ин мавқеъ бо тафсири файласуфи машҳури қарни XX Т.Кун дар бораи мафҳуми парадигма ҳамчун падидаи илм асоснок карда мешавад. Т.Кун нахуст истилоҳи парадигмаро барои истинод ба низоми назарияҳо, усулҳо ворид кардааст, ки аз рӯи модели он амалияи олимон дар соҳаи муайяни дониш дар давраи муайяни таърихӣ ташкил карда мешавад. Умуман, бо пайрави аз равиши Л. Фишман дар тафсири мантиқ, сохтори рушди метапарадигма дар илми ҷамъиятию сиёсӣ, мебояд хизмати барҷастаи Т. Кунро дар бобати тафсири онтологӣ - васеи падидаи парадигма ҳамчун алоқаи мутақобилаи давраҳои рушди интизоми илмӣ қайд намуд. Муаллиф марҳалаи ибтидоиро дар шакли марҳилаи пеш аз парадигма (дар маънои метапарадигма), аз он ба марҳилаҳои «шинохт», «буҳрон», «тағйири парадигма» ҷудо кардааст. [4]. Аз ҷумла, олимон 5 марҳилаи инкишофи низоми илмиро муайян кардаанд:

1. марҳилаи пеш аз парадигма (пеш аз таъсиси парадигма);

2. марҳилаи ҳукмронии парадигмаи эътирофшуда (марҳилаи «илми муқаррарӣ»);

3. марҳилаи бӯҳронӣ дар рушди парадигма;

4. инқилоби илмии ивазшавии парадигма;

5. нуфузи парадигмаи нав ҳамчун объекти дониш аз ҷониби ҷомеаи илмӣ.

Аз ин ҷо мо ба таҳияи як хулосаи муҳим барои таҳқиқот дар бораи робитаи мутақобилаи мафҳумҳои таҳлилшуда ва муқоисашаванда мегузарем.

Аввал. Консепсияи пешбаранда парадигма мебошад.

Дуюм. Метапарадигма марҳилаи дуюмдараҷа ва асосии инкишофи интизом мебошад;

Сеюм. Метапарадигма бо хусусияти инструменталӣ ва амалии худ фарқ мекунад.

Дар асоси ин, алгоритми методологии зеринро метавон мушоҳида кард:

1. Коркарди метапарадигмаҳои сиёсатшиносӣ дар мавзӯи тадқиқот дар асоси равишҳо, ақидаҳои эътирофшудаи классикон, олимони муътабар дар тафсири тағйироти иҷтимоӣ-сиёсӣ;

2. Инъикоси мазмуни ҷанбаҳои гендерии дигаргунсозии метапарадигмаҳои иҷтимоию сиёсӣ;

3. Муаррифии постулатҳои парадигмаи гендерӣ ҳамчун модели назариявии тағйироти иҷтимоӣ-сиёсӣ.

Асоснокии татбиқи равиши метапарадигмавӣ дар таҳқиқоти мазкур бо зарурати асосноккунии илмии қонуниятҳои гендерии тағйиротҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ ҳамчун ҳадаф, асос, мазмуни сиёсати инноватсионии давлат алоқаманд аст. Хамин тариқ мо ба тезиси пешниҳодшудаи метапарадигмавӣ дар таҳқиқи омили гендерии тағйиротҳои иҷтимоӣ - сиёсӣ дар асоси як қатор ҳолатҳо далел меоварем.

Аввал. Динамикаи тағйиротҳои иҷтимоию сиёсӣ бо ғайримувозинатӣ, гайрихаттии ҷараёни афзоиши энергияи энтропии хаотизатсияи бисёрсамтӣ муайян мешавад. Азнавтақсимкунии энергия иқтидори неруи устувории зиддиэнтропияро талаб мекунад. Ин дар заминаи афзоиши куллӣ ва азнавтақсимкунии неруи инноватсионии занон ҳамчун омили экзистенсиалии тағйиротҳои иҷтимоию сиёсӣ имконпазир аст.

Дуюм. Нақши бунёдии омили тағйироти гендерӣ ҳамчун як амри қатъӣ барои қонунигардонии “де-факто” баробарии ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар барои занон дар сатҳи меъёрҳои қонунгузории кишвари мо. Энтропияи ҷомеа дар соҳаи номутавозунии манфиатҳои сиёсии ашхос, ҷомеаҳо, гурӯҳҳо аз рӯи фарқиятҳои мавҷуда (ҷинс, нажод, синф, дастрасӣ ба қудрат, захираҳои рушд, манфиатҳои ҷомеа) ҳамчун вазифаи асосии сиёсӣ мураккабтар мегардад.

Сеюм. Барои баланд бардоштани мақоми зан зарурати дастрасӣ ба назорати захираҳои иқтисодӣ ба миён меояд. Ба ҷараёнҳои тағйиротҳои иҷтимоӣ- сиёсӣ дохил намудани нерӯи иктисодии занон талаб карда мешавад. Зарурати бартарафсозии тафовути гендерии бозори меҳнат ба миён меояд. Тағйирот бемаърифати сиёсии занон, фарҳанги гендерӣ, иштироки сиёсии онҳо ғайриимкон аст. Зарурати тайёр намудани занон - роҳбарон барои пешбарӣ кардан ба вазифахо ва мақомҳои давлатӣ, рушди харакати занон ба миён меояд.

Чорум. Ҷомеаи тағйирёбанда- ин афзоиши иқтидори энтропикии тамоми якпорчагии иҷтимоӣ ва унсурҳои он ҳамчун сохтори синергетикӣ мебошад, ки дар асоси хусусиятҳои умумии он «нерӯи мавҷудияти» ашхос ҳамчун падидаи сиёсӣ баромад менамояд. Якпорчагии иҷтимоӣ дар худ таъсиси сингулярӣ-динамикиро дар бар мегирад, ки қувваи пешбарандаи онро хусусиятҳои энергетикии равандҳои равонӣ ва майлҳои хоси ашхос ҳамчун психосоматикаи мақоми сиёсӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, мо табиати сохтории ҷомеаро дар шакли худии алоҳида аз рӯи ҷинс ҳамчун манбаи худмубрамӣ, худрушдёбандагӣ барои раҳоӣ ва ифшои ҳаёт ва алалхусус нерӯи сиёсии занон баррасӣ менамоем.

Панҷум. Рушди нерӯи сиёсӣ дастрасиро ба муҳити воқеии ҳамкорӣ ва интиқоли энергия ба самти созанда, ба сӯи ҳадафҳои рушд, ки барои инсон, ҷомеа ва давлат аҳамият доранд, тақозо мекунад. Маҳрук, устуворӣ, самти психосоматикаи шахсро сотсиобиологияи ҷинсӣ дар робита бо муҳити беруна ҳамчун фазои сиёсӣ муайян мекунад.

Шашум. Шавқу майли равонашуда барои фаъолсозӣ ва афзоиши энергияи мавҷудияти потенсиали инноватсионии табдилдиҳандаи зан заруранд. Ин аз ҷониби навовариҳои сиёсати гендерӣ муайян карда мешавад. Дар ҳоле ки набудани имкони ташаккули ниятҳо ва ба иқтидору неру табдил додани афрод дар муҳити ҳавасмандкунанда як шакл ивазкунии ниҳонӣ ва хатарноки иҷтимоӣ ва сиёсӣ, талафоти ҷуброннашаванда барои рушди иҷтимоии занон ва таҳдидҳои ноором кардани ҷомеа мебошад.

Ҳафтум. Моҳияти стратегияҳои сиёсати гендерӣ бо дарназардошти ахлоқӣ дар рушди ниятҳои сотсиобиологияи ҷинс ва аз байн бурдани иқтидорҳои илми сиёсии ҷинс ҳамчун асоси нерӯи инноватсионии зан иборат аст.

Ҳамин тариқ, мувофиқи вижагиҳои дар боло зикршуда мо намудҳои зерини метапарадигмаҳои сиёсатшиносиро ҳамчун роҳҳои парадигмаи гендерии дигаргуниҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ муайян кардем:

1. Метапарадигмаи диалектикии ягонагии давлат ва ҷомеа мувофиқи назарияи марксистии дигаргунсозӣ хамчун баробарии дастрасии шаҳрвандҳо ба ҳокимият, захираҳо, манфиатҳо; императиви «озодии сиёсӣ», сарфи назар аз фарқиятҳои иҷтимоӣ ва гендерӣ; ҳарчониба инкишоф додани неруи одамон, пурратар худро дарк кардани одам.

2. Стратификатсия мета-парадигмаи муайянкунии иқтисодӣ ва иҷтимоию нақши андротсентризм, бартарияти системавию сохтории «синфи иқтисодии ҷинсӣ»-и мардон бо рафъи табақабандии гендерӣ.

3. Метапарадигмаи ғайрихаттӣ-синергетикии табдили ҷомеа ҳамчун қонуни ваҳдат ва мухолифати энтропияи табдилёбӣ ва зиддиэнтропияи нерӯи зан, қонуни энергияи афзоянда ва устувории экзистенсиалӣ дар ғайримувозинат.

4. Метапарадигмаи феминистии қудрати сиёсӣ ҳамчун эргономика ва этоси сиёсат, “асбобҳои математикӣ” барои арзёбии мавқеи зан.

5. Метапарадигмаи институтсионалии постулятсияи ҷанбаи иҷтимоӣ-гендерии равандҳои дифференсиатсияи зерсохторҳои системаи иҷтимоӣ: 1) қабули қарорҳо; 2) амният; 3) бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, истеҳсолот; 4) ҳамкории иҷтимоӣ, фарҳангӣ; 5) рушди зеҳнӣ; 6) соҳаи маънавии тараққиёти ҷамъият; 7) ҳамгироии байнидавлатӣ.

6. Пас, биёед ба таҳлили субъективии метапарадигмаҳои шаклҳои гендерии дигаргунсозиҳои иҷтимоию сиёсӣ мегузарем. Усули диалектикӣ-материалистӣ, ки К.Маркс ва Ф.Энгельс кор карда баромадаанд, принсипи ибтидоии классикони методология хамчун асоси илмии омӯзиши ҳодисаи дигаргунсозиҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Ба ақидаи марксистон масъалаи асосии дигаргунсозии ҷамъият масъалаи қувва ва захираҳо мебошад. К.Маркс ва Ф.Энгелс консепсияи «ҷомеаи шаҳрвандиро» таҳия намуда, омилҳои муайянкунандаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро ошкор менамоянд. Махсусан, К.Маркс дар асари «Танқиди барномаи Гота» (1875) диалектикаи ҳокимияти давлат ва ҷамъияти шаҳрвандиро ҳамчун воситаи барҳам додани бегонашавии шаҳрвандиҳо, инкишофи ҳаматарафа ва пурраи озодиҳо, сарфи назар аз тафовутҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла аз рӯи гендер медонад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тафсири К.Маркс соҳиби қудрати давлат аст, дар ҳоле ки давлат як шакли ҳокимият аст. К.Маркс чунин постулат медихад: «Халлан дар таърихи навтарин давлат, системаи сиёсӣ тобеъ буда, ҷомеаи шаҳрвандӣ — соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ унсури ҳалкунанда мебошад»[5]. Минбаъд К.Маркс муқарраротро дар бораи иродаи давлат инкишоф медиҳад, ки дар маҷмӯъ ва умуман бо ниёзҳои тағйирёбандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян карда мешавад, ки хусусияти асосии он «қобилияти дикта кардани ирода ба давлат» мебошад [5]. Муҳимтарин барои методологияи гендерии таҳқиқоти мо постулатҳои диалектикии К.Маркс дар бораи ҷанбаҳои иқтисодии нобаробарӣ, озодии сиёсии инсон ва ҷомеа ҳамчун мақулаи худидоракунии потенсиалии шахс ҳамчун субъекти сиёсат дар рушди самтонаи худшиносӣ, озодии сиёсии инсон ва ҷомеа мебошад.

Дар баробари ин барои инкишоф додани мавзӯи дигаргунсозии ҷомеаи Тоҷикистон, қонуни озодкунии сиёсӣ, ки дар асари «Оид ба масъалаи яҳудиҳо», мароқи илмӣ дорад. К.Маркс таъкид мекунад, ки аз як тараф, ҳама гуна озодӣ аз «баргардонидани ҷаҳони инсон, муносибатҳои инсонӣ ба худи шахс» иборат аст. Аз тарафи дигар, «танҳо вақте, ки одам «қуввахои худро» ҳамчун қувваҳои ҷамъиятӣ эътироф ва ташкил мекунад ва аз ин ру дигар қувваи ҷамъиятиро дар шакли қувваи сиёсӣ аз худ ҷудо намекунад, танҳо дар ҳамон вақт озодии инсон ба амал меояд»[6].

Барои асоснок кардани кори системаи номгӯи гендерӣ оид ба ченкунии нерӯи инноватсионии занон дар ҷомеаи Тоҷикистон назарияи иқтисодии ҷанбаҳои нобаробарӣ аз ҷониби К.Маркс барои муайян кардани самтҳои муҳими ҳаёти занон ва рафъи мушкилоти афзояндаи иқтисодӣ, поймолкунии иҷтимоӣ, сиёсии занон бо бепарвоии сохтору кумитаҳои масъул.

Дар асоси таҳлили асарҳои К.Маркс ва Ф.Энгелс нуқтаҳо хамчун принсипҳои асосии парадигмаи гендерии дигаргунсозиҳои ҷамъиятию сиёсӣ муайян карда шудаанд.

Меҳнат ҳамчун воситаи инкишоф додан ва ба амал баровардани неруи шахсон. Баробарҳуқуқии шаҳвандон ба меҳнат ҳамчун воситаи рӯзғор. Озодии сиёсӣ ҳамчун шарти худшиносӣ, худфаъолият ва худтаъкидкунии нерӯи шаҳрвандон. Нерӯи иҷтимоии шахс ҳамчун омили иштироки сиёсӣ. Озодии интихоби намудҳо, шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ. Баробарҳуқуқии шаҳрвандон ба меҳнат ва музд ҳамчун ченаки баробарии меҳнат, музди баробар барои меҳнати якхела. Шарикии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, субъектҳои баробар масъул барои рушди нерӯи навоваронаи занон ва ҳамгироии он ба иқтисодиёт, бозори меҳнат ва шуғл, сиёсат ва идоракунӣ. Аз ин ҷо мо ба метапарадигмаи табақабандии табдили мақоми иқтисодии занон, рафъи марзмеҳварӣ ҳамчун бартарияти системавӣ ва сохтории «синфи бартаридоштаи иқтисодии ҷинси мардона» бо ёрии назорати иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва динӣ мегузарем.

Ш.П. Гилман (1860-1935) асосгузори равияи классикии феминистӣ дар ҷомеашиносӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ мебошад. Дар асари «Дунёи офаридаи одам, ё маданияти марзмеҳварии мо» Ш.П. Гилман таъсири арзишҳои патриархалӣ, фарҳанги этникӣ, динро ба ҳукмронии мардон дар ҷомеа ва мавқеи занон вобаста ба мардон ошкор ва исбот мекунад. Маҳз ҳамин далел табиати оила, саломатӣ, зебоӣ, одоб, дин, бозӣ, варзиш, ҳуқуқ ва маорифро ба таври қатъӣ муайян мекунад. Ба гуфтаи Ш.П. Гилман, асоси иқтисодии ҷамъият «тартиби марзмеҳварӣ», болосохт маданияти марзмеҳварикист.

Ин тартиби ташкили иҷтимоӣ бартарии мардонро ҳамчун табақаи иқтисодии ҷинсӣ ва тобеияти занҳоро дар системаи муносибатҳои ҷинсию иқтисодӣ муайян мекунад. Ш.П. Гилман исбот мекунад, ки тартиби андросентристӣ барои худшиносии занон дар зиндагӣ ва кор монеаҳои системавӣ эҷод мекунад; шароити сохтории бегона кардани занон аз ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳаи сиёсат. Муаллиф тартиби андросntристиро ҳамчун патологияи иҷтимоӣ муайян кардааст, ки дар нобаробар додани музди меҳнат барои меҳнати истеҳсолӣ ва хонагӣ, амалҳои ғайриинсонии таълиму тарбия, поймол кардани ҳуқуқ, озодиҳо, камфаъолиятии иҷтимоии занон, имконнопазирии таъсир расонидан ба рушди ҷомеа ифода меёбад.

Ш.П. Гилман омилҳои нобаробарии гендериро таъкид мекунад: 1) такрористеҳсоли табақабандии иҷтимоӣ аз рӯи ҷинс; 2) таъсири стратификатсия ба иқтисодиёт, бозори меҳнат. Ш.П. Гилман императиви озодкунии иқтисодии занонро ҳамчун василаи ҳамоҳангсозии ҷомеа пешниҳод мекунад: «Калонтарин ва муҳимтарин самараи истиқлолияти иқтисодии занон дар ниҳояти кор, дар покизагӣ ва ҳамоҳангсозии нафси инсон ифода меёбад».

Хулосаҳои Ш.П. Гилман дар бораи ислоҳоти ниҳоди оила, соҳаи муносибатҳои наздик, хоҷагидории хонагӣ, муносибатҳо дар бобати тарбияи фарзандон аз руйи ҷинсият, барҳам додани назорати динӣ аз болои рафтори репродуктивии занон ба далели миқёси падидаҳои табъизи занон дар заминаи сиёсӣ шудани ислом муҳим ба шумор мераванд[7].

А.К. Даггер бо назарияи худ, ки бо номи назарияи «табақабандии гендерӣ» машҳур аст, дар инкишофи таҳлили феминистии сохти ҷамъиятӣ (Ш.П. Гилман) ва равиши диалектикӣ-материалистӣ (К. Маркс, Ф. Энгельс) саҳми назаррас гузоштааст. Олим хислати таърихии тақсимоти бозори меҳнатро аз рӯи аломатҳои ҷинсӣ, тафриқаи гендерӣ дар такрористеҳсол ва иҷтимоикунонии кӯдакон, муносибатҳои оилаи моногамӣ (якникоҳӣ), моликияти хусусӣ ва давлат исбот кард. Асари К.Даггер «Мақоми иҷтимоӣ ва тамоюли гендерӣ-нақшавӣ: муқоисаи занони сафедпуст ва сиёҳпуст» (1990) ба таҳқиқи падидаи низоми табақабандии ҷомеа ҳамчун шарти се қисмавии омилҳо, аз қабили синфӣ, ҷинсӣ ва нажодӣ бахшида шудааст[8; С.11]. Барои таҳияи нишондиҳандаҳои гендерии неруи инноватсионии занон дар равиши К.Дагер ҳамчун методологияи табақабандии сохтори иҷтимоии ҷомеаи дигаргуншаванда истифода мешавад. Истифодаи ин усул имкон медиҳад, ки вазифаҳои тадқиқотии марбут ба мавзӯи омили гендерии дигаргунсозии иҷтимоию сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон ҳал карда шаванд:

1) муайян кардани хусусияти муносибатҳои гендерӣ дар муҳити байни миллатҳо (низоъ, таҳаммулпазирӣ, табъиз);

2) муайян кардани навъи шуури фардҳо (патриархалӣ, эгалитарӣ, ниҳонӣ);

3) таҳлили сатҳи айнияти гендерии зан (баланд, миёна, паст);

4) чен кардани сифати мақоми гендерии зан (фаъол, ғайрифаъол) ҳамчун маҷмӯи мақоми зан дар оила, ҷомеа, бозори меҳнат, иҷтимоиёт, маориф, илм, фарҳанг, иқтисод, ҳуқуқ, сиёсат, ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Ҳамин тариқ, метапарадигмаи табақабандӣ як қатор омилҳои таърихӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, гендерӣ, синфӣ - иҷтимоӣ, этникӣ, детерминантҳои сиёсии табақабандии гендериро ҳамчун омил ба миён меоварад, ки рафъи онҳо, ба қавли К.Дагер, стратегияҳои гендерии сиёсати давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо мекунад.

Дар шароити дигаргунсозии ҷомеаи Тоҷикистон энтропияи иҷтимоӣ ҳамчун натиҷаи тезутунд шудани як қатор масоили нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ, паст шудани сатҳи зиндагии қисми васеъи аҳолӣ, занон ҳамчун гурӯҳи осебпазир, беэътиноии сиёсӣ ба ҳаёт ва нерӯи навоваронаи занон меафзояд. Аз ин бармеояд, ки барои ҳалли масоили гендерии дигаргунсозии иҷтимоию сиёсии кишвари мо, тафсири идоракунии энтропия ҳамчун ченаки бесарусомонӣ ва ташкили система ва тақозо ба навъи идораи давлатӣ қобили қабул аст.

Ҷанбаи сиёсии идоракунии ҷараёни дигаргунсозиҳои чамъиятию сиёсӣ дар таҳқиқотҳои Е. Бабосов таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла, Э.М. Бабосов моҳияти экзистенсиалии мавҷудияти инсонро ҳамчун мавҷудоти фаъоли иҷтимоӣ, дорои неруи зиёди дигаргунсозии табиат ва ҷомеа мебошад. Табиати энергияю неруи табдилдиҳандаи инсон ошкор карда мешавад, ки он «амалиёти

фаъоли инсонро, ки энергияи доимо афзояндаро барои табдил додани олам равона мекунад, самти зиддиэнтропикӣ дорад» дар бар мегирад[9]. Е.М. Бабосов диалектикаи дигаргунсозиро ҳамчун муносибати байни энтропия ва зиддиэнтропия дар шакли хақиқӣ ошкор месозад. Олим ба хулосае меояд, ки ин хусусияти муайяншуда хислати мунтазамӣ пайдо месозад, ки «имкон медиҳад, ки ҳангоми ба ҳисоб гирифтани он дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон, пеш аз ҳама идоракунӣ, ба имкониятҳои таъминоти иттилоотию энергетикии система ва дар бораи чӣ кор кардан мумкин аст ва чӣ кор кардан мумкин нест, кадомаш ба мақсад мувофиқ, чӣ хавфнок, чӣ шубҳанок ва чӣ зарур аст, баҳо дода шавад[9].

Муҳаққиқи тоҷик А.Муҳаббатов модернизатсияро ба таври маҷозӣ ҳамчун «навъи махсуси умеде, ки тамоми инқилобҳои гузашта ва тамоми кӯшишҳои олии инсониро фаро гирифтааст шарҳ медиҳад, ки аз ин нуқтаи назар, мавқеъи А.Муҳаббатов ба мавқеъи илмии мо наздику мувофиқ мебошад. Олим ҷанбаи динамикии модернизатсияро ҳамчун «раванди афзояндаи мураккабии масоили инсонӣ, ки низоми ташкилоти сиёсӣ дучор меояд алоҳида қайд менамояд[10;С.32]. Муаллиф навъҳои зерини модернизатсияро ҷудо мекунад: бозсозӣ, муосиршавӣ, ислоҳот.

Модернизатсияи сиёсӣ ва масоили гендерии ҷомеаи Тоҷикистонро дар асоси синтези анъанаҳои таърихӣ, хусусиятҳои фарҳанги этникӣ, динӣ ва навовариҳои идоракунӣ пешниҳоду баррасӣ намудан аз аҳаммият холи нест. Ҳамин тариқ, моҳияти модернизатсияи сиёсӣ ҳамчун раванди тезонидашуда «аз боло идорашаванда», ҳамчун «раванди гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосир (саноатӣ ё баъдисаноатӣ), ба демократияи аслӣ» баррасӣ карда мешавад.[10;С13].

Бояд қайд намуд, ки дар таҳқиқоти мазкур дар бораи меъёри самарабахшии модернизатсия ҳамчун нишондиҳандаи системавии мутобиқшавӣ, ҳамчун системаи сиёсии бисёрҷанбавии худташкилкунанда, ки ба ҳалли масъалаҳои дигаргунсозӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ кодир аст, ифода меёбад. Аз ҷумла, мо меъёри қобилияти давлатро ҳамчун субъекти сиёсати гендерӣ ҷудо намудем. Ин системаи самтҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ, сохторҳои идоракуниро, аз ҷумла тадбирҳои беҳтар намудани мавқеи занон, ташаккул, инкишоф ва ҳамгироии неруи инноватсионии занон дар равандҳои дигаргунсозиҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеаи Тоҷикистонро тақозо менамояд.

Ба назари мо постулатҳои метапарадигмаи феминистӣ дар бораи сиёсати давлат ҳамчун субъекти ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи занон ҳамчун назария ва методологияи муҳим истифода карда шаванд. Ин постулат ҳам аз муқаррароти назарияи демократикунонии Ҳ.Спенсер ва ҳам назарияи таҳлили феминистии сиёсат аз Х. Мартинеу бармеояд. Ин назарияҳо ба таҳлилу баррасии муфассал ниёз доранд.

Назарияи Г.Спенсер (1820-1903) дар бораи демократикунонии ҳокимият ба системаи принсипҳои таҳаввулотӣ, муттасилият, якпорчагӣ ва сохтор, мутобиқшавӣ ва рушд дар асоси маориф, ахлоқ, бо назардошти «сатҳи миёнаи инкишофи одамон дар ин ё он ҷамъият дар давраи муайян»[11; С.11], хусусиятҳои этникӣ, фарҳангӣ ва равонӣ мекӯшад. Ҷамъият хамчун объекти аз боло органикии таҳаввулоти иҷтимоӣ дар асоси қонуни детерминизми тараққиёти ҷамъият аз руи дараҷаи миёнаи тараққиёти ҳамаи аъзоёни он шарҳ дода мешавад.

Дар идома назарияи Г.Спенсерро дар бораи шуури ҳуқуқии шаҳрвандӣ, ки барои кори мо дар бобати рафъи «вазъиятҳои квазинормативӣ» дар ҷомеаи мо мубрам аст, баррасӣ менамоем. Зеро беш аз 32 сол боз дар ҷомеаи Тоҷикистон зери таъсири омилҳои берунӣ, хурофотпарастӣ, ифротишавии шуури ҷавонон ва бархурду низоъҳои байнимазҳабӣ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, солҳои охир сатҳи хурофотпарастӣ байни занон ва духтарон ру ба афзоиш дорад. Вақтҳои охир ба гурӯҳҳои ифротгаро шомил шудани ҷавонон ва занону духтарон ба дарди ҷонсӯзи миллату ватан мубаддал гаштааст. Имрӯзҳо гурӯҳҳои ифротгаро дар тасаввуроти занону духтарони мо тамаддуни исломро нодуруст шарҳ дода, онҳоро ба сӯи фанатизм, ифротгароӣ ва хурофотпарастӣ ҷалб менамоянд. Бояд занону духтарон таълимоти дурусти динро пурра дарк намуда, кӯшиш намоянд, ки фирефтаи ҳар гуна гурӯҳҳои ифротгаро нагарданд. Ҳаминро бояд дониста бошанд, ки дарвоқеъ ҳеҷ гоҳ ба вуқӯъ

пайвастани амалҳои террористии хусусияти динидошта, моҳияти динро инъикос карда наметавонад. Ҳар гуна дин, бахусус дини ислом мухолифи амалҳои террористӣ буда, онро ба куллӣ рад менамояд. Террорист, ки шахси бегуноҳро аз ҳаёт маҳрум месозад, ҳеҷ гоҳ мусалмон буда наметавонад ва куллан зидди исломанд. Нафароне, ки бо шиорҳо ва даъватҳои ғаразноки хеш занону духтаронро ба сӯи ифротгароию хурофотпарастӣ ҷалб менамоянд, онҳо дар воқеъ ба шаъну эътибори дини ислом иснод меоранд ва онро бадном месозанд. Танҳо номусалмон метавонад аз дини ислом бо ғаразҳои нопоки хеш истифода барад.

Дар робита ба ин, Г.Спенсер ба нақши давлат ҳамчун роҳбалади қонуният, озодии иқтисодӣ, фарҳанги сиёсӣ, арзишҳои сиёсии некӣ, хирад, заковат, оқилӣ диққат медиҳад. Қонунҳои қабулшуда, ки ба дараҷаи тараққиёти ҷамъият мувофиқ нестанд, ба ақидаи муаллиф харобиованд ва боиси таҳавулоти регрессивӣ мегарданд. Ба назари мо қонунҳои демократикунонии қудрат ба «тағйир додани рафтори инсон, маҷбур кардан ё осон кардани зиндагии инсон нигаронида шудаанд, эҳтиром ба қудрати сиёсӣ боиси таъғйир ёфтани худи табиати инсон мегардад. Инкишофи ақидаҳои демократикунониро метапарадигмаи феминистии пешрафти иҷтимоӣ ва қонунҳои баробарии гендерии Х.Мартинеу (1802-1876) идома медиҳанд. Принсипҳои баробарӣ, озодӣ, масъулияти занону мардонро муаллиф ҳамчун авлавиятҳои рушди ҷомеа бидуни ҳеҷ гуна “зӯроварӣ, ҳукмронӣ, таҳмили ирода” эълон кардааст[12].

Масъалаи асосии ноил шудан ба баробарии гендерӣ, ба қавли Х. Мартинеу, категорияи ахлоқ ҳамчун асоси муҳими меъёрҳо, воситаҳои таълиму тарбия, бо роҳи баҳо додан ба дараҷаи пешравӣ, пешравӣ нисбат ба тағйир додани мавқеи занон аз рӯйи маҷмӯъи меъёрҳо, қолабҳои муошират байни ҷинсҳо мебошад, ки «на бо роҳи инқилобӣ, балки бо роҳи ислоҳотӣ» ба даст омадааст. Барои омӯхтани мавзӯи гендерии дигаргунсозиҳои ҷомеаи Тоҷикистон ақидаҳои демократии Х. Мартинеу дар бораи баҳо додан ба нақши ниҳодҳои давлатӣ дар ташкили ҳуқуқии муносибатҳои баробарҳуқуқии байни занон ва мардон аҳамияти калон доранд. Тасодуфӣ нест, ки асари Х. Мартинеу «Намунаҳо ба иқтисоди сиёсӣ» (1834) дар тамоми ҷаҳон эътирофи умум гардида, аз тарафи О. Конт баҳои баланд дода шудааст. Маҳз дар ин асар иқтисоди сиёсии феминистӣ ҳамчун тимсоли илми сотсиологӣ, ки дар он замон ташаккул ёфта буд, асоснок карда мешавад[12].

Барои кори мо мазмуни методологияи баҳодиҳии пешрафти иҷтимоӣ ҳамчун ду усули ба ҳам алоқаманди ченкунии сиёсати давлат ва зерсиёсати ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳим аст. Усули аввалине, ки Х. Мартинё пешниҳод кардааст, ҳамчун «усули моддӣ» - и таҳлили «қонунҳои хушбахтӣ ва вазифаи ҷамъиятӣ» дар шакли воситаҳои математикӣ барои баҳодиҳии объективии мавқеи зан маълум аст. Усули дуюмро муаллиф ҳамчун «усули ахлоқӣ»-и омӯзиши ахлоқи ҷомеа, ҳамчун воситаи ислоҳот барои таъмини баробарии гендерӣ ҷудо кардааст. Ҳамин тавр, Х. Мартинё аввалин бор дар илм нишондиҳандаҳои мавқеи занро ҳамчун меъёри пешрафти ҷамъият кор карда баромад. Ба ин мақсад муаллиф комилан тарзи қонунии таҳлили фарҳангӣ ва амалияи хамкории байни ҷинсҳоро дар мамлакатҳои Шарқи Наздик, Британияи Кабир ва ШМА мегузаронад. Ҳамин тавр, Х. Мартинё хусусиятҳои намунаҳои миллии меҳмоннавозӣ, тарбияи фарзандон, пешбурди хоҷагии хонагӣ, муносибати байни ҳамсарон, муносибат бо танфуруширо таҳқиқ менамояд.

Аз ин бармеояд, ки Х. Мартинё нишондиҳандаҳои асосии мақоми занонро ҳамчун суммаи меъёрҳои тараққиёт нишон медиҳад: 1) дараҷаи тараққиёти иқтисодии занон; 2) некӯаҳволии ахлоқӣ; 3) дараҷаи мустақилият ё вобастагии зан; 4) шароити зиндагонии занони аз ҷиҳати иҷтимоӣ вобаста: ақаллиятҳои нажодӣ, маҳбусон, беморон ва ғайра; 5) дараҷаи қобилияти зан барои мустақилона иҷро намудани санадҳои ҳуқуқӣ. Маҳз аз ҳамин ҷо равиши методологии мо дар таҳияи минбаъдаи низоми нишондиҳандаҳои гендерии иқтидори навоваронаи занон дар ҷомеаи Тоҷикистон маншаъ мегирад.

Дар хулоса метавон гуфт, ки метапарадигмаи феминистӣ вазифаҳои таҳияи воситаҳои гендерӣ, маҷмӯи усулҳои таҳлили мавқеи занон дар ҷомеа, сатҳи рушди сиёсӣ ва иштироки сиёсиро мубрам мегардонад.

Ҳамин тариқ, ба сифати тезиси ибтидоии таҳлили институтсионалӣ ва гендерӣ барои мо интихоби бозори меҳнат, шуғл, иқтисод ва хоҷагӣ ҳамчун омилҳои асосии нобаробарии гендерӣ ба шумор меравад. Ба ақидаи мо, дараҷаи иқтисодиёт, тақсимоти одилонаи даромадҳо, муосиркунонии истеҳсолоти моддӣ, ҳисса ва андозаи маҳсулоти ба даст омада, содироти захираҳои табиӣ, ҳама дар маҷмуъ сохтори бозори меҳнат, андозаи доираи фарогирии занон, дараҷаи даромади занон, дараҷаи бекории занон, муҳоҷирати захираҳои меҳнатии занон дар кишвари моро муайян мекунанд.

Адабиёт

1. Мишель Бачелет призвала к повышению роли женщин в продвижении мира и безопасности. https://news.un.org/ru/story/2012/11/1213861 (санаи мурочиат ба сайт 22.02.2023)

2. **Жуков, В.И.** Россия в глобальной системе социальных координат: социологический анализ и прогноз - М.: Издательство РГСУ, 2011;

3. Маҳмадизода Н.Д. Фалсафаи иҷтимоӣ (дастури таълимӣ). Душанбе, 2016. 165 с.

4. **Фишман, Л.Г.** Трансформация метапарадигмы социально-политических наук : дис. ... канд. пелит. наук Л.Г. Фишман; Уральское отделение Российской академии наук; Ин-т философии и права. — Екатеринбург, 2000;

5. **Карл Маркс, Фридрих Энгельс,** Соч., 2-е гад. Т.21;

6. **Карл Маркс.** Немецкая идеология / Сочинения. Т.1. Издание второе; Ин-т марксизма-ленинизма при ЦК КПСС. - М.: Политиздат, 1955;

7. **Lemert, C. Charlotte Perkins Gilman**. - In: Blackwell Companion to Major Social Theorists. Edited by G.Ritzer. - Blackwell Publishers Ltd, 2000;

8. Dugger, K. "Social location and gender-role attidudes: A comparison of Black and White women" Gender and Society, Dec. 1988. -v. 2. n. 4. P. 11.

9. **Бабосов, Е.М.** Антиэнтропийная направленность человеческого бытия и социальная энтропия / Е.М. Бабосов '/ Философские проблемы бытия, познания веры и культуры / Е.М. Бабосов. — Минск: РИВШ, 2010;

10. Муҳаббатов А. Сиёсатшиносӣ-Душанбе: Истеъдод, 2013. – С.78.

11. Спенсер, Г. Грехи законодателей // Социс. 1992. - №2. - С. 13.

12. Баҳромбеков, В.А. Сотсиология. Китоби дарсӣ / В. А. Баҳромбеков, Ф.С. Миров. Зери таҳрири профессор Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе: ДМТ, 2023. – 520 с.

Социально-политические изменения и их влияние на инновационный потенциал женщин

Махмадиева А. Д.

В данной статье методология гендерной парадигмы исследуется с политической и социальной точки зрения. В условиях трансформации таджикского общества социальная энтропия возрастает в результате обострения ряда проблем социального и гендерного неравенства, снижения уровня жизни значительной части населения, женщин как уязвимой группы, политических пренебрежение жизнью и инновационной силой женщин. Из этого следует, что для решения гендерных вопросов общественно-политической трансформации нашей страны приемлема трактовка энтропийного управления как меры хаоса и организованности системы и востребованности типа государственного управления.

Политический аспект управления процессом социальных и политических изменений в данном случае раскрывает экзистенциальную суть существования человека как активного социального существа, обладающего большими возможностями для изменения природы и общества. Диалектика изменчивости раскрывается и определяется как соотношение энтропии и антиэнтропии в ее истинной форме. Можно сделать вывод, что эта детерминированная особенность создает закономерность и этот процесс «позволяет оценить возможности информационного обеспечения и емкость системы при ее учете в различных областях человеческой жизни, прежде всего в управлении.

Ключевые слова: *Инновации, парадигма, гендер, женщины, модернизация, трансформация, равенство, политическая система, общество, сообщество.*

Socio-political changes and their impact on women's innovation potential

Makhmadieva A. D.

In this article, the methodology of the gender paradigm is explored from a political and social point of view. In the context of the transformation of Tajik society, social entropy is increasing as a result of the aggravation of a number of problems of social and gender inequality, a decrease in the standard of living of a significant part of the population, women as a vulnerable group, political disregard for the life and innovative power of women. It follows from this that in order to solve gender issues of socio-political transformation of our country, the interpretation of entropy management as a measure of chaos and organization of the system and the relevance of the type of public administration is acceptable.

The political aspect of managing the process of social and political change in this case reveals the existential essence of human existence as an active social being with great opportunities to change nature and society. The dialectic of variability is revealed and defined as the ratio of entropy and antientropy in its true form. It can be concluded that this deterministic feature creates a pattern and this process "allows us to assess the possibilities of information support and the capacity of the system when it is taken into account in various areas of human life, primarily in management.

Keywords: *Innovation, paradigm, gender, women, modernization, transformation, equality, political system, society, community.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ, ТАШАККУЛИ ҲУВИЯТ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Қодиров Зоҳир Қодирович – н.и.ф., ходими калони илмии шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
E-mail: zohir-85@mail.ru

Дар мақола саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи арзишҳои миллӣ, ташаккули ҳувият ва худшиносии миллии шаҳрвандони кишвар баррасӣ карда шудааст. Пешвои муаззами миллат эҳёи суннатҳои таърихию фарҳангӣ ва дар руҳияи арзишҳои ниёгон ташаккул додани ҳисси худшиносии миллии шаҳрвандонро муҳим арзёбӣ намуда, як қатор арзишҳои миллии тоҷиконро аз қабили Иди Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада, либоси миллӣ, мусиқии классикии тоҷикон, анъанаи бофтани атласу адрас, санъати зарҳалкорӣ ва ёдгориҳои таърихии "Тахти сангин" ва "Саразм", ки чун далел аз қадим дар Осиёи Миёна сукунат доштани тоҷикон шаҳодат медиҳанд, аз нав эҳё намуда, Ҳукумати кишвар онҳоро дар Феҳристи репрезентативии ЮНЕСКО оид ба мероси фарҳангии ғайримоддии башарият сабт намуд.

Барои далел аз таъриху фарҳанги куҳанбунёди миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ дар давоми 32 соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сайю талошҳои шабонарӯзии худ Пешвои дар сатҳи байналмилалӣ бузургдошти санаҳои муҳимми таърихӣ ва як қатор намояндагони барҷастаи илму фарҳанги миллиро ҷашн гирифтанд.

Бо дастури худ барои ҳифзи арзишҳои миллӣ дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида – Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангиро таъсис доданд.

Арзишҳои миллӣ унсури асосии фарҳанги миллиро ташкил дода, фарогири анъана ва расму оинҳои миллӣ мебошад. Дар таълиму тарбияи наслҳои имрӯзу оянда арзишҳои миллӣ дар ҳамоҳангӣ бо технологияҳои пешқадам дар замири ҳар як ҷавон эҳсоси ватандӯстӣ худшиносӣ ва ҳувияти миллиро бедор намуда, дар ташаккули шахсияти комил нақши муҳимро иҷро мекунад.

Калидвожаҳо: *Пешвои миллат, анъана ва оинҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ, фарҳанги миллӣ, ҳувият ва худшиносии миллӣ, либоси миллӣ, мусиқии классикии тоҷикон, ёдгориҳои таърихӣ, мероси фарҳангии ғайримоддӣ.*

Барои нигоҳ доштани истиқлоли давлатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид менамоянд, ки худшиносии миллиро дар доираи арзишҳои ниёгон, ки таърихан дар мо ташаккул ёфтаанд, тақвият дода, насли имрӯз ва ояндаро дар руҳияи он тарбият намоем.

Арзишҳои миллӣ фарогири анъана, расму оинҳои миллӣ ва фарҳангу санъати миллати мо мебошанд. Дар таълиму тарбияи наслҳои имрӯзу оянда арзишҳои миллӣ дар ҳамоҳангӣ бо технологияҳои пешқадам дар замири ҳар як ҷавон эҳсоси худшиносии миллӣ ва ватандӯстиро бедор месозад ва дар ташаккули шахсияти комил нақши муҳимро иҷро мекунад.

Арзишҳои миллии миллати тоҷик фарогири эҳсоси ватандӯстӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ, шаҳрвандӣ, оилаи солим, фаъолияти илмӣ, меҳнатӣ ва эҷодкорӣ, эътиқоди динии суннатӣ, санъат ва фарҳанги миллӣ, табиати нотакрор ва принсипҳои инсондӯстӣ мебошад.

Нигоҳ доштани истиқлол ва пойдории давлат аз доштани тафаккур ва худшиносии миллии ҳар фарди тоҷикистонӣ

вобаста мебошад. Дар шароити муборизаҳои этносиёсӣ дар минтақа дарк намудани муҳиммият ва арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ хеле муҳим мебошад. Маҳз арзишҳои миллӣ, ки дар заминаи онҳо худшиносии миллӣ ташаккул меёбад, минбаъд тавонист ба сифати омили бақо ва рушду пешрафти ҳамешагии миллати тоҷик баромад намояд.

Дар ин росто саҳм ва хизматҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи суннатҳои таърихию фарҳангӣ ва дар руҳияи арзишҳои ниёгон ташаккул ва такомул додани ҳисси худшиносии миллии шаҳрвандон хеле баланд мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2023 қайд намуданд, ки «...тайи солҳои охир дар баробари андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба ҳалли масъалаҳои соҳаи фарҳанг, ҷиҳати муаррифии фарҳанги бостонии халқи тоҷик дар арсаи байналмилалӣ як қатор иқдомоти назаррас амалӣ гардиданд. Дар соли 2023-юм 15 ёдгории таърихиву фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд, ки боиси эътибори бештар пайдо кардани фарҳанги бостонии миллати тоҷик дар байни ҷомеаи башарӣ гардид» [1].

Маҳз бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат як қатор арзишҳои миллии мо ба мисоли Иди Наврӯз (соли 2010), Тиргон, Меҳргон, ва Сада (соли 2023), эҳё гардид, хӯроки миллии «Оши палав» (2016), куртаи «Чакан» (соли 2018), мусиқии классикии тоҷикон «Шашмақом» (соли 2008) ва «Фалак» (соли 2021), ёдгориҳои таърихии «Саразм» (соли 2010) ва «Тахти сангин» (соли 2021), анъанаи бофтани атласу адрас ва санъати зарҳалкорӣ (соли 2023) дар феҳристҳои ЮНЕСКО - Феҳристи репрезентативии ЮНЕСКО оид ба мероси фарҳангии ғайримоддии башарият сабт намуд. [5]

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мекунанд, ки «Шинохту гиромидошти мероси фарҳангии ниёгон, ҳифз кардану ба манфиати ҷомеаи имрӯза истифода намудани мероси таърихиву фарҳангии халқ чун самти афзалиятноки сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст» [7].

Дар робита бо ин, ҷиҳати густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ Сарвари давлат дар ироаи Паёми навбатии худ ба мақоми қонунгузори кишвар пешниҳод намуданд, ки дар назди Ҳукумати мамлакат зарурияти таъсис додани сохтори алоҳида – Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ ба миён омадааст [1].

Қобили зикр аст, ки олимони Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот ва чанд тан аз муҳаққиқони муассисаҳои илмию фарҳангии кишвар китоби «Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон» дар ҳамкорӣ бо Маркази мероси фарҳанги ғайримоддии кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (ICHCAP) таҳия намуда, ба нашр расониданд. Китоби мазкур яке аз тадбирҳои ҳифзу густариш ва муаррифии мероси фарҳанги ғайримоддии тоҷикон ба шумор меравад [7].

Барои далел аз таъриху фарҳанги куҳанбунёди миллати тоҷик дар арсаи байналмиллалӣ дар давоми 32 соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Созмони байналмилалии ЮНЕСКО дар сатҳи байналмилалӣ санаҳои муҳимми таърихӣ, аз қабили 1100-солагии давлати Сомониён, 2700-солагии «Авасто», 2500-солагии Истаравшан, 2700- солагии шаҳри Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисори Шодмон, 6500-солагии Саразми бостон ҷашн гирифта шуданд. [2, 70]

Худшиносии миллӣ бидуни шинохт ва ифтихорот аз гузаштагони худ ногузир аст. Сарвари давлат барҳақ қайд мекунанд, ки «Яке аз сарчашмаҳои асосии худшиносии миллӣ маҳз дӯст доштан ва рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихору қаҳрамононаи халқи худ, ҳифз ва инкишофи мероси маънавии ниёгон ба шумор меравад». Арҷ гузоштан ва гиромӣ доштани шахсиятҳои таърихиву фарҳангӣ ҷузъе аз худшиносии миллӣ мебошад, ки осори арзишманди онҳо дар тамаддуни башар миллати моро муаррифӣ менамояд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо қарорҳои ЮНЕСКО бузургдошти соли як қатор намояндагони барҷастаи илму фарҳанги миллӣ, ба мисли 1000-солагии Носири Хусрав, 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 645- солагии Камоли Хуҷандӣ, 960- солагии Умари Хайём, 545-солагии Камолиддини Беҳзод ва 1310-солагии Абу ҳанифа Нуъмон ибни Собит ҷашн гирифта шуданд [2, 71].

Арзишҳои миллӣ унсурҳои муҳими фарҳанги миллиро ташкил медиҳанд, ки дар заминаи онҳо ҳувияти миллӣ ташаккул ёфта, эҳсоси мансубият ба давлат ё миллат бавуҷуд меояд. Арзишҳои миллӣ ваҳдат ва ягонагии умумиро дар одамон тақвият медиҳад, ки он дар анъана, фарҳанг ё забони сиёсат зоҳир мешавад.

Ҳувияти миллӣ ҳамчун падидаи дастаҷамъӣ метавонад дар ҳаёт ва фаъолияти муштараки одамон, рамзҳои миллӣ, забон, таърихи миллат, шуури миллӣ ва бозёфтҳои қадима ифода шавад. Ҳувияти миллӣ дар шакли мусбаташ метавонад бо фарогири эҳсосоти мусбат ва ифтихор аз миллӣ ва кишвар худ зоҳир гардад, вале дар ҳолати манфиаш бошад метавонад кишварро ба оқибатҳои хатарнок, аз қабили зуҳури омилҳои экстремистӣ, фашизм ва шовинизм мувоҷеҳ созад.

Президенти кишвар ҳангоми суханронӣ бо намояндагони зиёии кишвар 20 марти соли 2001 қайд намуданд, ки «Экстремизми диннӣ дар симои Толибон ба чи ҷаҳолатҳо даст мезананд. Дар амалиёти онҳо экстремизм, шовинизм, иртиҷоъ ва таассуб ба ҳам омезиш ёфта, дар натиҷа баъзе халқҳо, аз ҷумла тоҷикон, қатли ом мегарданд, осори таърихӣ ва ёдгориҳои фарҳангии ин сарзамин ваҳшиёна аз байн бурда мешаванд. Масалан, муҷассамаҳои буддоӣ дар Бомиён, ки ба давраи Кушониён мансубанд ва дар ҷахон назир надоранд.

На ҳангоми юришҳои Искандари Мақдунӣ, на дар замони истилои араб, на дар давраи тохтутози муғулон ва ҳукмронии Темуриён ба ин ёдгории бузурги таърих касе кордор нашуда буд.

Ин ваҳшонияти Толибон боз як гувоҳи он аст, ки экстремизми динии имрӯза бо асли дини мубини ислом ҳеҷ наздикӣ надорад.

Кор то ҷое расидааст, ки Толибон ҳатто таҷлили иди Наврӯзро дар қаламрави Афғонистон манъ кардаанд» [4, 42].

Ҳувияти миллӣ хусусияти зотӣ нест ва низомест, ки аз муносибатҳои иҷтимоӣ сохта шудааст, ки шахс бо такя ба «нуқтаҳои умумӣ» дар муносибатҳои иҷтимоӣ бо одамони дигар ба он мерасад ва доираи он метавонад фарогири рамзҳои миллӣ, забон, таърихи миллат, касбу ҳунари муштарак, робитаҳои нажодӣ, мусиқӣ, ғизо ва услуби омодасозии таомҳои миллӣ ва ғайраҳо бошад. Дар зери таъсири гуногуни иҷтимоӣ мардум бо қабули эътиқод, арзишҳо, тахминҳо ва интизориҳо, ки бо ҳувияти миллии фард мувофиқат мекунанд, ҳувияти миллиро ба ҳувияти шахсии худ ворид кардаанд. Мардум бо шинохти миллати худ эътиқод ва арзишҳои миллиро аз нигоҳи шахсӣ маънидод карда, ин эътиқод ва арзишҳоро дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ татбиқ мекунанд.[3:]

Ҳувияти миллӣ тақозо менамояд, ки умумиятҳо бо тафовутҳояшон дар дохили ҷомеа бо фарогири эҳсосоти мусбат, аз қабили муҳаббат, эҳтиром ва ифтихор аз миллат бо дарки маъсулият дар назди ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон дар фазои ҳамзистии осоишта арзи ҳастӣ дошта бошанд. Иҷтимоигардонии ҳувияти миллӣ ба мисли ҷомеапазирии арзишҳои миллӣ ва эҳсоси фавқулода аз ватану кишвар боиси ҳамоҳангии қавмҳои гуногун дар зери парчами як миллат мегардад.

Ҳувияти миллӣ замоне, ки миллат дучори офатҳои табиӣ ва ё бо душманони дохиливу берунӣ мувоҷеҳ мешавад ба худ муҳимияти махсус касб мекунад ва ба сифати омиле баромад мекунад, ки ҳисси худшиносӣ, ватандӯстӣ ва ғурури миллиро тақвият медиҳад.

Бо шиддат гирифтани раванди муҳоҷират, бисёр кишварҳо бо мушкилоти ҳувияти миллӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Баъзе кишварҳо дар робита ҷиҳати бартараф намудани буҳронҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва қувваи арзони корӣ муҳоҷиронро барои ташаккули ҳисси мансубият ба кишвари худ бештар ташвиқ мекунанд.

Бо афзоиш ёфтани шиддати равандҳои ҷаҳонишавӣ, сатҳи робита ва ҳамкории байналхалқӣ дар самти муносибатҳои тиҷоратӣ, рушди соҳаи саёҳӣ, табодули фарҳангӣ ва илму маориф тарзи ҳаёти одамон тағйир ёфта истодааст, ки дар баъзе ҳолатҳо ба устувории арзишҳо ва ҳувияти миллӣ таҳдид мекунанд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ шинохти ҳофизаи таърихӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Арзишҳо ва таҷрибаи муштараки одамон дар саросари ҷаҳон рӯз то рӯз меафзояд. Ин омил шакли нави ҳувияти муштаракро барои ҷомеаҳо дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд меорад. Ҳувияти миллии одамон коста гардида, онҳо бештар ба мансубияти умумияти ҷаҳонӣ майл пайдо мекунанд. Ҳарчанд зоҳиран ин тамоюл метавонад арзишҳои навро бавуҷуд биорад, аммо аз байн рафтани арзишҳое, ки аз ҳувияти миллӣ маншаъ мегиранд ба коҳиш ёфтани эҳсоси худшиносии миллӣ, садоқат ва ватандӯстии одамон боис гардад. Дар оянда метавонад ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар хатар ворид созад.

Ҳувияти миллӣ яке аз ҷузъи асосии худшиносии шахс ба шумор рафта, дар низоми ҷаҳони муосир нақши ҳалкунанда дорад. Табиати ҳувияти миллӣ дар ҳама гуна ҷомеа аз хотираи таърихӣ, эъҷодкорӣ, навоварӣ ва тафаккури созанда алоқамандии зич дорад. Вобаста ба табиати обзорҳои созанда ва вазъи он дар ҷомеъаҳои мухталиф натиҷаҳои гуногун ба даст оварда мешавад.

Аз ин рӯ, дарки намудани таъсир ва паёмадҳои ҳувияти миллӣ, ҷанбаҳои созанда ва мавқеи он барои гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоиро дар ҳар ҷомеа тақозо мекунад.

Дар замони муосир падидаи ҷаҳонишавӣ бо рушди технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ ба як навъ чолиш барои фард ва дар маҷмуъ башарият гардидааст. Дар чунин шароит барои нигоҳ доштани истиқлоли давлатӣ моро зарур аст, ки худшиносии миллиро дар доираи арзишҳои ниёгон, ки таърихан ташаккул ёфтаанд, тақвият дода, насли имрӯз ва ояндаро дар руҳияи он тарбият намоем. Зеро давлатсозиву давлатдорӣ танҳо бо расман эътироф шудани он ба анҷом намеёбад. Ҳастии давлат ва рушду такомули минбаъдаи он, пеш аз ҳама ба худшиносӣ ва доштани тафаккури миллии ҳар як сокини он низ вобаста аст. Таърих борҳо собит намудааст, ки қавму миллатҳои гуногун зери таъсири фарҳанг ва ғояҳои бегона тадриҷан аз асолат ва ҳувияти миллиашон дур шудаанд. Аз ҷумла, баъди истилои араб мисриён, сурёниҳо ва бобулиҳо ҳамчун миллат аз саҳифаи таърих бенишон гардиданд.

Ҳамчун миллат ташаккул ёфтани тоҷикон раванди дуру дарози таърихӣ дошта, урфу одат, анъана, хотираи таърихӣ, доштани шуур ва тафаккури миллӣ - мо тоҷиконро аз омехташавӣ бо дигар қавму миллатҳо нигоҳ дошт. Сатҳи баланди худшиносӣ ва ҳифз намудани арзишҳои миллӣ боис гардиданд, ки тоҷикон аз туфонҳои харобиовари таърих солим берун баромада, ҳувияти миллии хешро ҳифз намоянд.

Умуман, дар шароити барҳӯрди тамаддунҳо ва авҷ гирифтани тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ қавму миллат ва давлате ба ҳамешагӣ пойдор ва устувор боқӣ мемонад, ки агар хотираи таърихиро нигоҳ дорад, омӯзад ва онро бидуни таҳриф ба насли имрӯзу ояндаи худ интиқол дода тавонад. Хотираи таърихӣ унсури муҳиммест, ки ҳувият ва худшиносии миллиро устувор нигоҳ медорад. Он дар худ маълумот оид ба бурду бохт, сӯхтану сохтанҳо, зулму ситам, ҷангҳову бедодгариҳои таърихӣ, адолату хайрхоҳӣ, рӯйдодҳои тақдирсоз, ҳаёт ва фаъолияти шахсиятҳои барҷастаи миллати тоҷикро нигоҳ медорад.

Худшиносии миллӣ ҷавҳарест, ки истиқлол, амният, устуворӣ, пойдорӣ ва рушду гулгулшукуфоии давлатро таъмин мекунад. Худшиносӣ моро ба сӯи асолати милливу ҳувияти ватандорӣ раҳнамун сохта, роҳи моро барои эъмори давлати озоду ҳуқуқбунёд осон мекунад.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 сол. шаҳри Душанбе / http://prezident.tj/node/32191 (Санаи мурочиат 03.01.2024 сол)

2. Амиров Р. Сиёсати давлатии Тоҷикистон оид ба эҳёи фарҳанги миллӣ // Истиқлолият ва фарҳанг. – Душанбе: «Матбаа» 2017.

3. Идиев Х.У. Нақши арзишҳои фарҳангӣ дар танзими рафтори иҷтимоӣ //Истиқлолият ва фарҳанг. – Душанбе: «Матбаа» 2017.

4. Раҳмонов Эмомалӣ Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди чорум. – Душанбе: «Ирфон», 2002. 472с.

5. Сомонаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон https://vfarhang.tj/index.php/tj/fa-oliyat/fe-rist/merosi-e-joshuda (Санаи мурочиат 25.09.2023),

6. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон» ба нашр расид // https://khovar.tj/2018/01/merosi-far-angi-ajrimodd-dar-to-ikiston-ba-nashr-rasid/ (Санаи мурочиат 04.01.2024 сол)

7. Шариф К. Эътирофи фарҳанги ғайримоддии тоҷикон // Садои мардум https://sadoimardum.tj/far-ang/e-tirofi-far-angi-ajrimoddii-to-ikon/

ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ ВОЗРОЖДЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ, ФОРМИРОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ И САМОПОЗНАНИЯ

Кодиров З.К.

В статье рассматривается вклад Основоположника мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в возрождении национальных ценностей, формировании национальной идентичности и самосознания граждан Республики Таджикистан. Лидер нации считает важным возродить историко-культурные традиции и сформировать у граждан чувство национального самосознания в духе ценностей предков. Были возрождены ряд национальных праздников, таких как Навруз, Тиргон, Мехргон и Сада, национальную одежду, таджикскую классическую музыку, традиции плетения атласа и ювелирное искусство. Исторические памятники «Тахти Сангин» и «Саразм», свидетельствующие о существовании таджиков в Центральной Азии с древнейших времен, включены в Репрезентативный реестр нематериального культурного наследия ЮНЕСКО.

По поручению Лидера нации для защиты национальных ценностей при Правительстве страны была создана отдельная структура - Агентство по охране исторического и культурного наследия.

Национальные ценности составляют основной элемент национальной культуры и включают в себя национальные традиции и обряды. Национальные ценности играют важную роль в воспитании подрастающего поколения, в гармонии с передовыми технологиями пробуждают в каждом молодом человеке чувство патриотизма, самопознания и национальной идентичности, играют важную роль в формировании совершенной личности.

Ключевые слова. Лидер нации, национальные традиции и обряды, национальные ценности, национальная культура, национальная идентичность и самопознание, национальная одежда, классическая музыка таджиков, исторические памятники и нематериальное культурное наследие.

THE CONTRIBUTION OF THE LEADER OF THE NATION REVIVAL OF NATIONAL VALUES, FORMATION OF NATIONAL IDENTITY AND SELF-KNOWLEDGE

Kodirov Z.K.

The article examines the contribution of the Founder of peace and national unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the revival of national values, the formation of national identity and self-awareness of citizens of the Republic of Tajikistan. The leader of the nation considers it important to revive historical and cultural traditions and to form among citizens a sense of national identity in the spirit of the values of their ancestors. A number of national holidays, such as Navruz, Tirgon, Mehrgon and Sada, national clothing, Tajik classical music, satin weaving traditions and jewelry were revived. The historical monuments “Takhti Sangin” and “Sarazm”, testifying to the existence of Tajiks in Central Asia since ancient times, are included in the UNESCO Representative Register of Intangible Cultural Heritage.

On behalf of the Leader of the Nation, a separate structure was created under the

Government of the country to protect national values - the Agency for the Protection of Historical and Cultural Heritage.

National values constitute the main element of national culture and include national traditions and rituals. National values play an important role in educating the younger generation, in harmony with advanced technologies, they awaken in every young person a sense of patriotism, self-knowledge and national identity, and play an important role in the formation of a perfect personality.

Key words: Leader of the nation, national traditions and rituals, national values, national culture, national identity and self-knowledge, national clothing, classical music of Tajiks, historical monuments and intangible cultural heritage.

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР МЕҲВАРИ ТАШАББУСҲОИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР ҚАРИНАИ РАВАНДҲОИ ГЕОФАРҲАНГИИ МУОСИР

Ашуров А.М. - н.и.т., ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru;
Тел: (+992) 917 34 02 94

Дар мақола Осиёи Марказӣ дар доираи ташаббусҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Иттиҳоди Аврупо дар қаринаи равандҳои геофарҳангии муосир мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки дар шароити шаклгирии низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ таҳким ва густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Чин ва Иттиҳоди Аврупо дар рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои Осиёи Марказӣ тамоюли мусбӣ дошта, дар пайванди масирҳои нақлиётии содирот ва воридоти мол миёни кишварҳо мусоидат менамояд. Илова бар ин, лоиҳаҳои мазкур имконият медиҳанд, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ ва муколамаҳои фарҳангӣ миёни кишварҳо устувор гарданд.

Калидвожаҳо: *Осиёи Марказӣ, Чин, Иттиҳоди Аврупо, Стратегия, ташаббус, манфиат, ҳамкорӣ, сиёсати хориҷӣ, фарҳанг, геополитика, ҳамкорӣ.*

Осиёи Марказӣ таърихан аҳаммияти бузурги геосиёсӣ, геоиқтисодӣ, геофарҳангӣ ва геостратегӣ дошта, ҳамчун пайвандгари Роҳи бузурги Абрешим ва ҳамзамон тамаддуни Шарқ ва Ғарб ба ҳисоб меравад.

Ҳанӯз дар солҳои аввали Истиқлоли давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба эътирофи расмии соҳибистиқлолии онҳо изҳор дошта, равобити сиёсӣ ва тиҷоратӣ-иқтисодиро бо кишварҳои минтақа ба роҳ монд, ки далели он боздиди Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ли Пэн соли 1994 ба Тошканд мебошад. Он вақт, зимни сафар ӯ чор самти рушди робитаҳо бо кишварҳои минтақа муайян гардид:

1) Ҷумҳурии Мардумии Чин ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ манфиатҳои умумӣ доранд, ки метавонанад асоси равобити дӯстона гарданд;

2) Рушди ҳамкории Ҷумҳурии Мардумии Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба муқобили кишварҳои сеюм равона нашудааст;

3) Чин нияти рақобат дар минтақа бо Россияро надорад;

4) Байни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Осиёи Марказӣ манфиатҳои ғаразнок набуда, он ба кишварҳои минтақа таҳдид наменамояд [7, с. 9].

Аз тамоюлоти ҳамкориҳои Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ маълум мегардад, ки Чин ва кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ асосан як ҳадафи умумии стратегӣ доранд, ки ин ҳам рушди устувори иқтисодиёт, шукуфоӣ ва ҳамкориҳои дӯстонаву боэътимод миёни давлатҳо мебошад. Аз ин рӯ, зарурати тавсеаи ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва густариши муколамаи сиёсӣ, фарҳангӣ, табодули илмӣ, наздикии ҷуғрофӣ ва ҳамбастагии иқтисодӣ ба манфиати ҳамкорӣ, рушди устувор, эҷоди ҷомеаи мусоид барои манфиатҳои тарафайн арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, Чин истифодаи моделҳои нави ҳамкориро дар қаламрави Авруосиё ва кӯшиши муштаракро барои ташаккули “Камарбанди иқтисодии роҳи Абрешим” даъват намуда, як чанд тадбири заруриро амалӣ менамояд:

Якум, таҳкими ҳамкориҳои сиёсии давлатҳо бо мақсади мусоидат ба рушди иқтисоди кишварҳои минтақавӣ;

Дуюм, суръатбахшии сохтмони шабакаи ягонаи роҳ, ки ба ташкили хатсайри

нақлиётӣ аз Уқёнуси Ором то баҳри Балтика имкон медиҳад;

Сеюм, таҳкими равобити тиҷоратӣ ва ҳамкориҳои сармоягузорӣ тавассути таҳияи нақшаи рафъи монеаҳои гуногун бо мақсади баланд бардоштани суръат ва сифати амалиёти иқтисодӣ дар минтақа;

Чорум, тавсеа додани истифодаи пули миллӣ дар ҳисоби амалиёти ҷорӣ ва сармоявӣ, ки хароҷоти нақдро коҳиш диҳад, системаи молиявии кишварро аз хатарҳо муҳофизат намояд ва рақобатпазирии иқтисоди минтақаро баланд бардорад;

Панҷум, таҳкими ҳамкориҳои гуманитарӣ, мусоидат ба ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстии халқҳо бо мақсади ба вуҷуд овардани заминаи иҷтимоӣ барои рушди ҳамкориҳои минтақавӣ [8, с. 6].

Нуктаҳои мазкур бар он далолат мекунанд, ки дар қаринаи равандҳои геофарҳангии муосир ду лоиҳаи бузурги ҷаҳонӣ яке "Камарбанд ва Роҳ", дигаре "Дарвозаи ҷаҳонӣ" дар минтақаи Авруосиё ҳам аз лиҳози иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати фарҳангӣ мавқеи намоён доранд.

Ташаббуси "Камарбанд ва Роҳ" моҳи сентябри соли 2013 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин барои пайваст намудани роҳҳои тиҷоратии хушкӣ ва баҳрӣ, ки то ба кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Африқо, Ховари Миёна ва Аврупо масири тиҷоратиро таъмин менамояд, пешниҳод гардида буд. Дар доираи Ташаббуси мазкур асосан як чанд вазифаи асосӣ матраҳ мегардад:

- таҳкими ва тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ;
- бунёди инфрасохтори ягонаи нақлиётии фаромарзӣ;
- аз байн бурдани монеаҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратӣ;
- баланд бардоштани нақши асъори миллӣ ва амиқсозии ҳамкорӣ дар соҳаи гуманитарӣ [8].

Илова бар ин, солҳои охир бо назардошти тағйироти фазои муносибатҳои байналмилалӣ Иттиҳоди Аврупо дар баробари Чин ва дигар қудратҳои ҷаҳонӣ, ҷиҳати ҳамкориҳои устувор доштан бо ҷомеаи ҷаҳон дар ҳошияи Стратегияи соли 2019 боз Ташаббуси навро бо номи "Дарвозаи ҷаҳонӣ" (Global Gateway) роҳандозӣ намуд. Хислати Ташаббуси мазкур ба Ташаббуси Чин "Камарбанд ва роҳ", (Belt and Road) то андоза шабеҳият дорад. Яъне "Дарвозаи ҷаҳонӣ" ҳамчун воситаи пайванд сохтани инфрасохтори кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо, суръат бахшидан ба гузариш ба рушди иқтисоди сабз, рақамикунонӣ, дастгирии самти тандурустӣ, маориф, сармоягузорӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки дар шароити шаклгирии низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ ҳанӯз 1 декабри соли 2021 ҳамчун стратегияи нави Комиссияи Аврупо эълон гардид [2, с. 7]. Илова бар ин, Стратегияи мазкур ба эҳтиромии стандартҳои иҷтимоӣ ва экологӣ, волоияти қонун, арзишҳои демократӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, ки ба афзалиятҳо ва арзишҳои Иттиҳоди Аврупо мувофиқанд, асос ёфта, дорои хислати бисёрҷониба мебошад.

Ташаббусҳои ҷаҳонии Чин ва Иттиҳоди Аврупо дар марҳалаи нави муносибатҳои байналмиалӣ далели густариши рақобати стратегӣ дар минтақаи Авруосиёро буда, ҳам ИА ва ҳам Чин ҷонибдори ҷустуҷуи имконоити нави ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳавзаи Авруосиё мебошанд.

Метавон ишора кард, ки дар пасманзари ривоҷёбии бозии бузург, дар доираи ҳарду лоиҳа мавқеъи аз ҷиҳати стратегӣ муфиди Осиёи Марказӣ қайд карда мешавад, ки дурнамо ва имкониятҳои навро ҷиҳати ҳамкориҳо бо кишварҳои минтақа боз менамояд.

Агар аз ҷиҳати сармоягузориҳо муқоиса намоем, ташаббуси Чин аз соли 2013 идома дорад ва то соли 2022 1 триллион доллар чудо кардааст, дар ҳоле ки стратегияи Gateway дар Аврупо танҳо дар соли 2021 оғоз шуда, то соли 2027 ҳамагӣ 300 миллиард доллар сафарбар хоҳад кард [9, с. 25].

Дар доираи Ташаббуси Иттиҳоди Аврупо асосан самтҳои афзалиятнок сармоягузорӣ мегарданд, ки дар сурати ҳамкориҳо бо Тоҷикистон дорои манфиати муштарак мебошад. Масалан, ҷалби сармогузории аврупоӣ ба соҳаҳои технологияҳои рақамӣ, энергетика, нақлиёт, тандурустӣ, маориф ва тадқиқот, самти тағирёбии иқлим ба

манфиати соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвари мо метавонад мусоидат намояд.

Дигар ин, ки самоягузорони асосии лоиҳаи Global Gateway Комиссияи Аврупо, кишварҳои узви ИА, агентиҳои рушди онҳо, аз қабили Agence française de développement (AFD), Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ), инчунин донорҳои асосии аврупоӣ - Бонки сармоягузории Аврупо (EIB, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) ва дигар муассисаҳои молиявии Аврупо (EDFIs) ба ҳисоб мераванд [2]. Аз ин рӯ, ҳамкорӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тақвияти соҳаи кишоварзӣ бо назардошти судовар будан дар шароити Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо саривақтӣ маънидод мегардад.

Боиси таъкид аст, ки ташаббуси чинии "Камарбанд ва Роҳ" бо тамоюлоти давр, бо назардошти вазъи кунунии ҷаҳон таҳия гардидаст. Пас аз буҳрони молиявии ҷаҳонӣ соли 2008, вазъ дар Авруосиёи муосир тағйир ёфт**.** Чунин ба назар мерасад, ки иқтисодиёти Осиёи Шарқӣ босуръат рушд мекунад, дар ҷануб-он идома дорад, дар Осиёи Марказӣ-андак ба таъхир мондааст, дар Ғарб бошад, вазъи иқтисодиёт муракқаб боқӣ мемонад. Гарчанде Аврупо яке аз минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикардаи ҷаҳон аст, аммо дар зери таъсири манфии буҳрон монда, суръати рушди иқтисодии он заиф мегардад [5, с. 7]. Бо назардошти ин ҳама, вазифаи ташаббуси “Камарбанд ва Роҳ” маҳз дар он аст, ки тавассути ҳамкориҳои бисёртарафа бояд иқтидори рушди иқтисодӣ дар Авруосиё маҳфуз бударо боз намояд ва дар раванди ҷаҳонишавӣ фаъолиятро дар асоси манфиати тарафайн амалӣ созад.

Аз ҷониби дигар, қисмати муҳим ва калидии лоиҳаи “Камарбанд ва Роҳ” қаламрави Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, масоили амнияти минтақавӣ барои амалишавии лоиҳаи чинӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ҳам барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳам барои Чин маҳсуб меёбад [5, с. 8]. Бо назардошти он ки минтақа бо қудратҳои ҷаҳонӣ аз ҷумла Россия ва Чин ҳаммарз буда, аз тарафи дигар сарҳади тӯлони бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дорад, маҳз ин омил хавфи хатарро зиёд мекунад. Дар ин замина, мусоидати ҷиддии Ҷумҳурии Мардумии Чин барои таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷаи стратегӣ ба шумор меравад.

Ба тариқи хулоса метавон зикр кард, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо ва Чин дар доираи ташаббусҳои “Дарвозаи ҷаҳонӣ” ва “Камарбанд ва роҳ” дар қаринаи равандҳои геофарҳангии муосир метавоанд фазои ҳамгироии минтақавиро устувор гардонида, аз лиҳози иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рушд ёбанд. Илова бар ин, дар доираи ин ташаббусҳо барои Осиёи Марказӣ густариши соҳаҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ, таҳияи лоиҳаҳои муштарак дар самти илм ва маориф унсурҳои асосӣ дар тақвияти дипломатияи илмӣ миёни давлатҳои минтақа ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Иттиҳоди Аврупо ба манфиат буда, тақвияти соҳаҳои сайёҳӣ ва варзиш ҳам дар таҳкими ҳамкориҳои дӯстонаи ҷонибҳо мусоидат менамод. Ҷиҳати ҳамкориҳо бо Чин ва Иттиҳоди Аврупо кишварҳои минтақаро зарур аст, ки барои фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорони оянда тадбирҳои судманд андешида, имкониятҳои ҳамкорӣ ва хусусиятҳои хоси онро бо Чин ва Иттиҳоди Аврупо муайян намоянд. Зеро Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои наздикшавии Чин ва Иттиҳоди Аврупо буда, дар ин замина, фаъолияти Чин ва Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ бо роҳандозии лоиҳаҳои муштарак, ки бояд хислати мутақобилан судовар дошта бошанд, метавонад механизмҳои наздикшавии ҷонибҳоро фароҳам оварад ва ҳамзамон дар таҳкими суботи минтақавӣ, устувории сулҳу таҳаммулпазирӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва ҳамчунин эҳтиромии арзишҳои маънавию фарҳангии тарафайн мусоидат намояд.

Адабиёт

1. Абдугани Мамадазимов. Великий шелковый путь. История становления, расцвета и распада. Душанбе: “Сино”, 2014 г.-384 стр.

2. Глобальные ворота против Шёлкового пути: ЕС соперничает с КНР. https://ru.euronews.com/my-europe/2021/

12/01/eu-gateway-china-competition. (дата обращения: 15.06.30)

3. Новый Шелковый путь и его значение для России / под ред. В.Е. Петровского (отв. ред.), А.Г. Ларина (сост.), Е.И. Сафроновой. – М.: "ДеЛи плюс", 2016. – 234 с.

4. Один пояс, один путь»: чего следует опасаться Таджикистану? https://sugdnews.com/2023/10/23/odin-pojas-odin-put-chego-sleduet-opasatsja-tadzhikistanu/.(дата обращения: 17.06.30)

5. Талбаков С. "Як камарбанд-як роҳ" дар Осиёи Марказӣ: мушкилоти амниятӣ ва ҳалли онҳо. https://osiyoavrupo.tj/tg/post/yak-kamarband-yak-ro-dar-osijoi-markaz-mushkiloti-amniyat-va-alli-on-o (Санаи мурочиат: 12.06.30)

6. Ф.Т. Кукеева, Д.К. Жекенов, А.К. Ордабаев, А.М. Абдикамал- Проблемы реализации инициативы «Пояс и путь» в странах Центральной Азии. (articlekz.com)-26.10.2021.

7. Чин ва Осиёи Марказӣ. сатҳи нави ҳамкориҳо.https://mo.tnu.tj/tj/chin-va-osijoi-markaz-sat-i-navi-amkori-o/(санаи мурочиат: 28.06.30)

8. Speech by Chinese President Xi Jinping at Nazarbayev University // People's Daily newspaper online. September 7, 2013. URL: http://russian. people.com. cn/95197/8392674. html., sanai dastra 02.15.2022.

8. Renminwang. 2018. "Xi Jinping Zai Zhongyang Waishi Gongzuo Huiyishang De Zhongyao Jianghua." [Xi Jinping's Important Address at the Central Work Conference on Foreign Affairs.] *Renminwang*, June 24

9. Wong, E.; Chi, K.; Tienjun, W. One Belt, One Road. China's Strategy for a New Global Financial Order / Monthly Review, Vol. 68, Iss. 8, Jan. 2017.

ЦЕНТРАЛЬНАЯ АЗИЯ В ИНИЦИАТИВАХ КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ И ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА В КОНТЕКСТЕ СОВРЕМЕННЫХ ГЕОКУЛЬТУРНЫХ ПРОЦЕССОВ

Ашуров А. М.

В данной статье рассматриваются место Центральной Азии в рамках инициатив Китая и Евросоюза в контексте современных геокультурных процессов. Отмечено, что взаимовыгодное сотрудничество с Китаем и Евросоюзом в развитии экономической и социальной сферы стран Центральной Азии имеет положительную динамику и способствует соединению транспортных маршрутов экспорта и импорта товаров между странами. Для стран Центральной Азии проект, предложенный КНР и ЕС, может оказаться весьма выгодным, так как, эти проекты дают возможность чтобы укрепить культурное и экономическое сотрудничество между государствами. С этой целью Китай и Евросоюз в настоящее время предпринимают решительные шаги по расширению и развитию сотрудничества со странами Центральноазиатского региона.

Ключевые слова: *Центральная Азия, Китай, Евросоюз, Стратегия, инициатива, интерес, сотрудничество, внешняя политика, культура, геополитика, сотрудничество.*

CENTRAL ASIA IN THE INITIATIVES OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA AND THE EUROPEAN UNION IN THE CONTEXT OF MODERN GEOCULTURAL PROCESSES

Ashurov A.M.

The article discusses and analyzes the place of Central Asia within the framework of initiatives of China and the European Union in the context of modern geocultural processes. It is noted that cooperation with China and the European Union in the development of the economic and social sphere of the countries of Central Asia has positive dynamics and contributes to the connection of transport routes for the export and import of goods between countries. For the countries of Central Asia, the project proposed by China and the EU may turn out to be very beneficial. In addition, these projects provide an opportunity to strengthen cultural and economic cooperetions. To this end, China and the European Union are currently taking decisive steps to expand and develop cooperation with the countries of the Central Asian region.

Key words: *Central Asia, China, European Union, Strategy, initiative, interest, cooperation, foreign policy, culture, geopolitics, cooperation.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ БА РАВАНДҲОИ ГЕОПОЛИТИКИИ ЗАМОНИ МУОСИР

Саймаҳмадов Л.Н. – унвонҷӯи ИФСҲ АМИТ

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти чаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ таҳлулу баррасӣ гардидааст. Муаллиф равандҳои мазкурро таҳқиқ намуда, таъсири онҳоро ба равандҳои геополитикии замони муосир баррасӣ намудааст.

Махсусан, унсурҳои минтақавии равандҳои глобализатсиониро нишон дода, таъсири онҳоро ба сиёсати имрӯза муқоиса намудааст. Муаллиф, сарчашмаи дигаргуниҳои геополитикии замони муосирро аз ин равандҳои дар боло зикршуда вобаста медонад. Ҳамзамон ҷонибдории худро аз сиёсати ҳамгироии минтақавӣ нишон дода роҳи ҳалли бисёр мушкилиҳои геополитикиро дар ҳамкориҳои байни кишварҳои ҷаҳон медонад.

Калидвожаҳо: *чаҳонишавӣ, ҳамгирои, геополитика, замони муосир, минтақа, сиёсати ҷаҳонӣ, созмонҳои байналмилалӣ.*

Мавриди зикр аст, ки солҳои охир дар илмҳои сиёсӣ мафҳумҳои замонавӣ чун «ҷаҳонишавӣ» ва «ҳамгироии минтақавӣ» беш аз пеш истифода мешаванд ва онҳо аллакай ба яке аз категорияҳои асосии геополитика ворид гардидаанд. Чунин ба назар мерасад, ки баррасӣ ва таҳлили ин ду масъала, муайян намудани робитаи онҳо бо равандҳои геополитикӣ ҳамчун мавзуи таҳқиқоти илмӣ аз манфиат холӣ нест. Ҳарчанд бисёре аз олимон оид ба ин падидаҳои сиёсӣ корҳои зиёд анҷом додаанд, аммо онҳо дар чаҳорчӯби мавзуҳои геополитика ҳанӯз ҷойи худро дурӯст наёфтаанд.

Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, сабабҳои асосии пайдоиш ва ташаккули раванди ҷаҳонишавӣ инқилоб ва пешрафти илмию техникӣ дар ҷаҳони муосир, пешрафти сифатӣ дар сохтори иқтисодиёти ҷаҳонӣ, тағйирёбии шакли истеҳсоли мол ва ғайра мебошанд. Таҳқиқ ва баррасии адабиёти гуногуни илмии мавҷуда нишон медиҳад, ки омилҳои зерин ба афзоиши суръати равандҳои ҷаҳонишавӣ мусоидат кардаанд:

- вобастагии кишварҳои рӯ ба тараққӣ аз абарқудратҳои дорои иқтисоди пешрафта;
- пайдоиши созмонҳои байналмилалӣ ва паҳн шудани нуфуз ва фаъолияти онҳо дар саросари ҷаҳон;
- фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва системаи ҷаҳонии коммунистӣ;
- паҳн кардани забонҳои гуногуни байналмилалӣ;
- омилҳои иқтисодӣ, аз қабили афзоиши ҳаҷми содирот ва воридоти молу маҳсулот;
- рушди илму техника, иттилоот ва таблиғ, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ;
- рушди туризм;
- гузаштан аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозаргонӣ [1, 22].

Як қатор олимони дигар ҷаҳонишавиро раванди мусбат мешуморанд. Ба андешаи онҳо, ҷаҳонишавӣ самараи рушди истеҳсолот мебошад ва ба зуд паҳн шудани комёбиҳои илму техника мусоидат мекунад. Дар ин соҳа давлатҳо хароҷоти истеҳсоли мол ва маҳсулотро кам карда, ҳамон соҳаҳои саноатро, ки камсамараноканд, ба соҳаҳои тараққикарда табдил дода метавонанд. Бархе аз муҳаққиқон таъсири мусбати раванди ҷаҳонишавиро ба иқтисоди кишварҳо, аз қабили Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Ҳонконг, Сингапур, Малайзия ва ғайра тасдиқ мекунанд. Барои онҳо соҳаи технологӣ бартарӣ дорад ва онҳо дар таҳсимоти байналхалқии меҳнат фаъолона иштирок мекунанд, аз содироти маҳсулот ва хидматҳои технологияҳои баланд даромади калон мегиранд [6, 116].

Ба андешаи мо, ҷаҳонишавӣ хусусияти дуҷониба дорад ва он ба як навъ давлати азим мубаддал шудааст. Ҷаҳонишавӣ аз

равандҳои дигар бо он фарқ мекунад, ки марзи муайян надорад. Ҷаҳонишавӣ равандаи воқеӣ буда, бо рушди воситаҳои иртиботот ва технологияҳои нави иттилоотӣ алоқаманд буда, метавонад ба қалламрав ва соҳибихтиёрии кишварҳои ҷаҳон таъсир расонад, ё онҳоро мутеъ созад, инчунин ба тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ низ ворид шавад. Албатта, ҷаҳонишавӣ паҳлӯҳои мусбат низ дорад (ҳамбастагии манфиатҳо, тамаддунҳо, фарҳангу анъанаҳо, иқтисод ва содироти молу маҳсулот ва ғайра), аммо аз нигоҳи геополитикӣ ин падида бояд ба суолҳои зиёд посух дода тавонад. Раванду ҳодисаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки ҷаҳонишавӣ на ба ҳамаи кишварҳои ҷаҳон таъсири мусбат мерасонад ва бояд ба он чизе, ки дар мавриди ҳадаф ва ғояҳои он пинҳон аст, посухҳои мушаххас дода шавад.

Ҳарчанд дидгоҳи пажӯҳишгарон дар мавриди ҷаҳонишавӣ комилан мутафовит аст ва ба гуфтаи бархе аз онҳо, он метавонад ба амнияти кишварҳо ва мардумони ҷаҳон таъсири манфӣ расонад. Масалан, сиёсатшиноси ватанӣ Г.Н. Зокиров таъкид мекунад, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ масъалаҳои дохилии рушди давлат аҳамияти байналмилалӣ пайдо карда, мақоми воситаҳои алоқа тадриҷан баланд мешавад. Дар баробари ин, суръати тағйироти технологӣ, махсусан дар соҳаи иттилоот ва телекоммуникатсия ба раванди ҷаҳонишавии сиёсат таъсири калон мерасонад [3, 305].

Дар ин бора андешаҳои А.А. Ковалев низ ҷолиби диққатанд. Ба қавли ӯ, мухолифат ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, махсусан вақтҳои охир, ба шарофати сиёсати таҷовузкоронаи амалӣ ва ҷорӣ намудани қоидаҳои геополитикӣ ва геоиқтисодии фаъолияти ҷомеаи муосир, ки намехоҳад дар соҳаҳои ҷаҳонишавӣ иштирок кунад, ба воқеият табдил ёфтааст. Дар чунин шароит иқтисод ва геополитика мувофиқи сенарияи худ инкишоф меёбанд [5, 52].

Табиист, ки ҷаҳонишавӣ на танҳо ба ҳукуматҳои маҳаллӣ, балки ба назари мо, ба давлатҳои алоҳида, истиқлоли онҳо, фарҳанги миллӣ, расму оин, марзу буми онҳо, психология ва тафаккур, рушду таназзул, ҳуқуқу озодиҳо ва ғайра таъсири калон мерасонад. Мусбат ё манфӣ будани таъсири ҷаҳонишавӣ аз худи ин кишварҳо ва роҳи интихобкардаашон, муқовимати онҳо ба раванди ҷаҳонишавӣ, ба андеша ва шуури шаҳрвандони ин давлатҳо вобаста аст.

Дар баробари падидаи ҷаҳонишавӣ дар рушди давлатҳои муосир як падидаи дигари сиёсӣ-геополитикӣ – «ҳамгироии минтақавӣ»-ро ном бурдан бамаврид аст, ки таърифи ягонаи он дар адабиёти илмӣ то ҳануз мавҷуд нест. Бархе аз пажӯҳишгарон ва мутахассисон ҳамгироии минтақавиро як шакли ҳамгироии байнидавлатӣ дар посух ба афзоиши рақобат ва рушди нобаробари иқтисодии давлатҳо ва минтақаҳо медонанд. Дигарон, баръакс, бар ин назаранд, ки ҳамгироии минтақавӣ ҷаҳонишавии дар миқёси хурд, дар сатҳи минтақавиро ифода мекунад. Он гурӯҳи мушаххаси давлатҳои соҳибихтиёрро фаро мегирад [6, 116].

Ба андешаи О.Ю. Дубинина, ҳамгироии минтақавӣ раванди ташаккули минтақавии фазо дар ҳудуди як давлат, инчунин раванди воридшавии минтақаҳо ба муносибатҳои байналмилалӣ дар сатҳи байнидавлатӣ мебошад [2,16]. Ба назари мо, изҳороти олимоне, ки ҳамгироии минтақавиро падидаи ҳамгироии байнидавлатӣ медонанд ва он муҳаққиқоне, ки онро ҷаҳонишавии иқтисоди ҷаҳонӣ медонанд, дуруст ва воқеӣ аст, зеро падидаи мазкур бо ҷаҳонишавӣ зич алоқаманд аст. Дар марҳилаи имрӯза ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ ҳамчун ду тамоюли босуръат рушдёбанда ба шумор рафта, ба ҳамдигар таъсири мутақобила доранд. Ҷаҳонишавӣ таҳкими робитаҳои мутақобилаи байни қисмҳои гуногуни ҷаҳонро дар бар мегирад ва ин на танҳо тавассути системаи муносибатҳои байналмилалӣ, балки тавассути муайян намудани сарҳади минтақаҳои геополитикӣ низ ба даст меояд. Раванди ҳамгироии минтақагавиро метавон як василаи ҳифзи ҳувияти минтақавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ арзёбӣ кард.

Дар таҳлилу баррасии паҳлуҳои манфӣ ва мусбати ҳамгироии минтақавӣ андешаҳои А. Ковалев бошад ҷолиби диққатанд. Ба ақидаи ӯ, ҳамгироии минтақавӣ як шакли хурди ҷаҳонишавӣ аст ва метавонад

паҳлӯҳои манфӣ дошта бошад, аммо барои баъзе кишварҳо муфид ба ҳисоб меравад [4, 42]. Масалан, яке аз шаклҳои ҳамгироии минтақавии давлатҳо Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки тамоми давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ва як қисми шарқии онро муттаҳид менамояд. Дар натиҷаи ин ҳамгироӣ сарҳадҳои байни кишварҳои ин минтақа аз байн бардошта шуда, дар қораи Аврупо низоми ягонаи гумрукӣ ва ҳаракати бемамониати шаҳрвандони он ҷорӣ гардидааст. Акнун ҳар як шаҳрванд метавонад озодона ҳаракат кунад ва берун аз кишвараш кору фаъолият намояд, тиҷорат кунад ва агар дар кишвари дигар кор ёбад, метавонад ба он кишвар сафар кунад ва бидуни раводид вориди он кишвар шавад.

Чунин ба назар мерасад, ки иддаои муҳаққиқон дар бораи мавҷуд будани ду шакли ҳамгироии минтақавӣ: дохилидавлатӣ ва байнидавлатӣ, ки тамоюл, замина, сабаб ва омилҳои пайдоиши онҳо гуногунанд, беасос нест. Сабабҳои ташаккули ҳамгироии минтақавии байнидавлатӣ асосҳои иқтисодӣ доранд, дар дохилидавлатӣ бошад, омилҳои сиёсӣ таъсиргузоранд.

Бояд гуфт, ки равандҳои минтақавӣ дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон мушоҳида мешаванд. Ё бар асари бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодии солҳои 2007-2009 кӯшиш муттаҳид шуданро кардаанд, ё дар натиҷаи афзоиш ва густариши ҷаҳонишавӣ давлату кишварҳои гуногун бо ҳамдигар шартнома мебанданд ва ба созмони байналмилалӣ шомил мешаванд. Натиҷаи чунин ҳамгироиро дар шакли таъсиси чунин иттиҳодияҳо, ба монанди Иттиҳоди иқтисодии Аврупо, Иттиҳоди давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ, Бразилия, Россия, Ҳиндустон, Чин ва Африқои Ҷанубӣ (БРИКС), Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастҷамъӣ (САД), Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), Созмони Иқтисодии АвруОсиё ва ғайра дидан мумкин аст. Тибқи консепсияҳои пажӯҳишгарон, ҳамгироии минтақавӣ ба кишварҳои узви ин созмонҳо барои васеъ кардани бозори маҳсулоти худ, кам кардани харочоти нақлиёт ва ба даст овардани бартариҳои иловагии рақобатӣ нисбат ба маҳсулоти кишварҳои сеюм мусоидат мекунад [7, 45].

Тавре маълум аст, дар шароити ҳозира ягон давлати бузурге вуҷуд надорад, ки ба тамоми ҷаҳон роҳбарӣ карда тавонад. Ба эътибор нагирифтани арзишҳо ва фарҳангҳои гуногуни ҷаҳонӣ, бахусус фарҳанги халқу миллатҳои Шарқу Ҷануб аз ҷониби баъзе абарқудратҳо боиси ихтилофу низоъҳо мегардад. Дар маҷмуъ, вазъи геополитикии ҷаҳони муосир аз он шаҳодат медиҳад, ки маълум нест, ки дар даҳсолаҳои наздик дар сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ чӣ ҳодиса ва падидаҳо рух медиҳанд, кадом кишварҳо ба кадом самт ҳаракат мекунанд ва ба кучо рафта мерасанд.

Ин ба он далел аст, ки дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ абарқудратҳои наве чун Иттиҳоди Аврупо ва Чин зуҳур мекунанд. Маълум аст, ки Иттиҳоди Аврупо ҷонибдори ҷаҳонишавӣ ва шарики сиёсии ИМА дар НАТО мебошад, ки тақрибан 90% иқтидори низомии ин паймонро ташкил медиҳад. Иттиҳоди Аврупо аз лиҳози иқтидори иқтисодии худ аз Россия ва дигар абарқудратҳои минтақавӣ бартарии қобили мулоҳизае дорад. Аммо Россия дуввумин абарқудрати ҳастаист ва Аврупо дар мавриди манбаҳои энергетикӣ ва сӯзишворӣ аз Россия сахт вобаста аст. Чизи дигар ин аст, ки Чину Россия ва дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, бахусус кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (САД) ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба доранд. Украина, Гурҷистон, Қирғизистон ва бархе аз кишварҳои шуравии собиқ бо Амрико ҳамкориҳои дуҷониба доранд ва бештар ба давлатҳои ғарбӣ такя мекунанд, аммо Тоҷикистон, Беларус ва Қазоқистон бошанд бештар ба Россия такя мекунанд.

Аммо ин кишварҳои номбурда низ намехоҳанд бо дигар кишварҳои абарқудрат, аз қабили ИМА ва шарикони стратегии он дар НАТО равобити манфӣ дошта бошанд ва ё равобити худро бо онҳо вайрон кунанд. Муғулистон низ ба Россия такя мекунад, аммо Камбоҷа, Лаос, Малайзия ва Таиланд ба Чин наздик

мешаванд. Як қатор кишварҳои дигар, ба монанди Филиппин, Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ ва Ветнам ба ИМА такя мекунанд, Индонезия, Бангладеш ва Бруней мавқеи бетарафиро интихоб кардаанд. Иқтидори Япония, ки вай шарики стратегии ИМА ба шумор меравад, дар Осиё тадриҷан меафзояд. Нимҷазираи Курил то ҳол як масъалаи ҳалношуда барои Ҷопон ва Россия боқӣ мемонад. Иёлоти Муттаҳида ва Ҷопон узви ҳамкории Укёнуси Ором фаромиллӣ (ТРР) мебошанд, ки ба он 12 кишвари дигар низ ҳамроҳанд. Инҳо Австралия, Бруней, Ветнам, Канада, Малайзия, Мексика, Зеландияи Нав, Перу, Сингапур, ИМА, Чили ва Ҷопон мебошанд. Ин кишварҳо 40%-и иқтисоди ҷаҳонӣ ва 30%-и савдои ҷаҳониро ташкил медиҳанд ва нуфузу қудрати онҳо сол то сол афзоиш меёбанд [8].

Дигар абарқудратҳои минтақавӣ, аз қабили Туркия, Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон, Олмон, Фаронса, Канада, Австралия, Бразилия ва ғайра дар шароити кунунии ҷаҳон манофеъ ва ормонҳои геополитикии худро доранд ва намехоҳанд, ки касе ва ё давлате онҳоро идора кунад ва тақдири минбаъдаи онҳоро муайян намояд. Бояд гуфт, ки ҷаҳони муосир аз ҷаҳони якқутбӣ ба ҷаҳони бисёрқутбӣ мегузарад ва чунин раванд сиёсатмадорон ва раҳбарони давлатҳои абарқудратро водор мекунад, ки бечунучаро аз ин вазъият пуштибонӣ кунанд.

Қобили зикр аст, ки Россия ва Чин дар доираи Шарики ҳамаҷонибаи иқтисодии минтақавӣ ва Созмони иқтисодии Авру Осиё иттиҳодияи иқтисодии худро таъсис медиҳанд. Чуноне, ки воқеиятҳои замони мо нишон медиҳанд, нуфуз ва қудрати Чин дар соҳаҳои сиёсат ва иқтисодиёти ҷаҳон торафт меафзояд. Чин дар даҳсолаҳои ахир ба яке аз абарқудратҳои ҷаҳон табдил ёфтааст ва эҳтимол дорад, ки дар оянда боз ҳам тавонотар шавад ва бо тамоми кишварҳои Осиё созишномаҳои ҳамкориҳои дуҷониба имзо кунад. Айни замон молу маҳсулоти чиниро дар тамоми гушаю канори дурдасти ҷаҳон дидан мумкин аст. Дар Хартленди Маккиндер (харитаи геополитикии Маккиндер) боз як кишвари калон - Чин низ ворид шудааст. Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва густариши арзишҳои ғарбӣ афзоиши нуфузи ин кишвар барои ғарбиҳо ва Амрико қобили қабул нест ва монеа дар роҳи нақшаҳои стратегии онҳост. Абарқудрати дигар - Россия низ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва густариши арзишҳои ғарбӣ як монеаи ҷиддӣ барои Амрико маҳсуб мешавад.

Бешубҳа, ҷаҳонишавии ҳудудӣ метавонад дар оянда дар рушди ҷаҳон нақши муҳим бозад, ки он дар самтҳои зерин инкишоф меёбад:

- боз ҳам бештар шудани тараққиёти давлатҳои Амрикои Лотинӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ;

- таъсиси иттиҳоди давлатҳо дар Аврупо, Амрикои Шимолӣ ва ҷаҳони ислом;

- пайдоиши сохторҳои минтақавӣ дар Амрикои Шимолӣ, Амрикои Ҷанубӣ, Аврупо, Шарқи Дур ва тамаддуни исломӣ ва ғ. [4, 1150].

Дар ҳақиқат, пас аз дигаргуниҳои бузурги сиёсати ҷаҳонӣ дар тамоми гушаю канори олам ташкил ёфтани давлатҳои нав, иттиҳоди давлатҳо, ҳамгироии минтақавӣ ба амал меоянд, ки дар оянда ҳам давом карда метавонанд.

Дар ин раванд баъзе давлатҳо метавонанд аз байн раванд, зеро ба фишори ҷаҳонишавии муосир тоб оварда наметавонанд. Аз ин рӯ, робитаи зичи онҳо бо ҳамгироии минтақавӣ зарур аст, ки то як андоза метавонад таъсири манфии ҷаҳонишавии муосирро ба давлатҳои рушдёбандаи ҷаҳон пешгирӣ намояд.

Таъсири мутақобилаи ҷаҳонишавии муосир ва ҳамгироии минтақавӣ махсусан дар фазои геополитикии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ соҳибихтиёрии давлатиро ба даст овардаанд, равшан зоҳир мегардад. Аммо ин маънои онро надорад, ки маҳз равандҳои геополитикӣ ба мардумони кишварҳои Осиёи Марказӣ соҳибистиқлолиро туҳфа намудаанд. Ба даст овардани истиқлоли сиёси боз ба дигар омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ, таърихию фарҳангӣ ва демократикунонии ҷаҳони муосир вобастагӣ доранд, ки онҳоро бояд аз мади назар дур насозем. Дар ин раванд ҳамгироии минтақавӣ барои минтақаи

Осиёи Марказӣ махсус қайд карда мешавад. Зеро хавфу хатар ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ имрӯз ба худ хусусиятҳои махсусе пайдо намуда истодаанд, ки ба обрӯ ва имиҷи ҳар як кишвар метавонанд таъсири манфии худро расонанд. Аз ин рӯ, ҳамгироии байни Сарварони сиёсӣ ва кишварҳои минтақа дар айни ҳол, муҳимияти хосса дорад.

Масусан, сафарҳои сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ баъди ҳодисаҳои «Крокус Сити Холл» байни ҳамдигар як сиёсати нави ҳамгироии минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Албатта, новобаста ба равандҳои нави ҷаҳонишавӣ, ки таъсири манфию мусбати он ба мутахассисони касбӣ маълум аст, боз вазъи нави геополитикӣ, муносибати пуртазодди байни кишварҳои абарқудрат, муносибати кишварҳои Аврупо бо Россия ва ҳолати имрӯзаи Афғонистону Украина низ ба кишварҳои Осиёи Марказ бетаъсир наемонад. Хусусан, тезу тунд шудани вазъи геополитикии кишварҳои ҷаҳон имрӯз бештар ба зуҳуроти экстремизму терроризм вобаста карда мешаванд, ки ин начандон дуруст ба таҳлилҳои илмӣ рост меоянд. Ин амалҳои номатлуб бештар барои даҳшатафканӣ, бераҳмӣ ва паҳн кардани тарсу воҳима, ғоратгарӣ, ҷиноятқорӣ ба кор бурда мешаванд. Албатта мо мутмаинем, ки онҳо дар маҷмуъ ба равандҳои геополитикии ҷаҳон таъсиргузор мебошанд, ва онҳоро ҳамчун яроқ(инструмент) дар бисёр ҳолатҳо кишварҳои бо ҳам мухолиф истифода мебаранд.

Сабаби асосии бад шудани муносибаҳои геополитикӣ имрӯз дар арсаи байналмилалӣ ин, пеш аз ҳама, иқтисодиёти нокифоя, гегемонияи ҷаҳонӣ, нуфуз, муссалаҳшавии босуръат, хариду фуруши яроқу аслиҳа мебошанд, ки аксарияти кишварҳои абарқудрат ба ин роҳу восита умри давлатдории худро дароз кардани мешаванд. Дар баробарии ин, сар задани ҷангҳои хурду бузург ва ба доми худ кашидани кишварҳои рӯ ба истиқлол низ сабаби номуносиб шудани муносибатҳои геополитикӣ мегардад. Ҳамаи ин бе чуну чаро ба халалдор кардани созишномаҳои байналмилалӣ, итоат накардани қонуну қарорҳои СММ ва озодию ҳуқуқҳои мардумони кишварҳои гуногун бетаъсир наемонад.

Тасаввур намоед, ки баъди ба сари ҳокимият омадани ҳаракати Толибон чи тағироти кулли дар арсаи байналмилалӣ ба вуқуъ омад. Вазъи ин ҳодиса чи гуна таъсир ба кишварҳои Осиёи Марказӣ расонад? Боз бисёр саволҳое ба миён омадаанд,ки ба онҳо посухи илмӣ додан мушкилҳои зиёдеро пеши рӯ меоваранд.

Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ҳамгироии минтақавӣ падидаест, ки кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро ба як ҳудуди иқтисодии минтақавӣ табдил дода метавонад. Бояд гуфт, ки ҳамгироии минтақавӣ як намуди хурди ҷаҳонишавӣ мебошад, ки ҳам паҳлуҳои манфӣ ва ҳам мусбӣ дорад. Ҳамгироии минтақавӣ ба самтҳои мусбати ҷаҳонишавӣ монеъ намешавад. Яъне таъсири ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ ба равандҳои геополитикии ҷаҳони муосир хусусияти дуҷониба дошта, пеш аз ҳама, ба рушду инкишофи ин ва ё он кишвари мустақил майл дорад.

Адабиёт

1. Вовченко, Н.Г. Факторы развития и современные тенденции глобализации [Текст] / Н.Г. Вовченко, Н.В. Фадеева // Финансовые исследования. – 2006. – №13. – С.1-22.

2. Дубинина, О.Ю. Влияние регионализации на международные связи регионов Российской Федерации (1991-2007) [Текст]: автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / О.Ю. Дубинина. – М., 2007.

3. Зокиров, Г.Н. Сиёсатшиносӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2007. –

4. Ковалёв, А.А. Влияние процессов глобализации и регионализации на вопрос национальной и государственной безопасности: путь от экономики до геополитики [Текст] / А.А. Ковалёв // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2017. –Т.13. –№ 6. –С.1150-1161.

5. Ковалёв, А.А. Приоритеты России [Текст] / А.А. Ковалёв // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2017. – Т.13. –№5.

6. Проблемы современной экономики: глобальный, национальный и региональный контекст [Текст]. – Гродно: ГрГУ, 2019.

7. Селищева, Т.А. Евразийская экономика и идея многополярного мира в

контексте глобализации и регионализации [Текст] / Т.А. Селищева, Ч. Вэйди // Евразийский международный научно-аналитический журнал ЦНИТ «Астерион». – 2016. – №1 (57).

8. Соглашение о Транстихоокеанском партнерстве с участием 11 стран вступило в силу [Электронный ресурс]. –URL: https://tass.ru/ekonomika/5965882 (дата обращения: 29.12.2020 г.)

ВЛИЯНИЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ И РЕГИОНАЛЬНОЙ ИНТЕГРАЦИИ НА ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРОЦЕССЫ СОВРЕМЕННОСТИ

Саймахмадов Л.Н.

В статье анализируются понятие и сущность глобализации и региональной интеграции. Автор изучил процессы и рассмотрел их влияние на геополитические процессы современности.

В частности, он показал региональные элементы глобализационных процессов и сравнил их влияние на сегодняшнюю политику. Автор считает, что источник геополитических изменений современности зависит от вышеперечисленных процессов. Также, демонстрирует поддержку политике региональной интеграции, он видит путь решения многих геополитических проблем в сотрудничестве между странами мира.

Ключевые слова: *глобализация, интеграция, геополитика, современный мир, регион, мировая политика, международные организации.*

IMPACT OF GLOBALIZATION AND REGIONAL INTEGRATION ON THE GEOPOLITICAL PROCESSES OF THE MODERNITY

Saymahmadov L.N.

The concept and essence of globalization and regional integration are analyzed in this article. The author studied these processes and considered their influence on the geopolitical processes of modern times.

In particular, he showed the regional elements of globalization processes and compared their impact on today's politics. The author considers the source of the geopolitical changes of modern times to be dependent on the above-mentioned processes. At the same time, he showed his support for the policy of regional integration and considers the way to solve many geopolitical problems in cooperation between the countries of the world.

Key words: *globalization, integration, geopolitics, modern times, region, world politics, international organizations.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХАВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

УДК 347

ҶАҲОНИШАВӢ АЗ НИГОҲИ МАНФИАТҲОИ НИҲОИИ МИЛЛӢ

Каримова З.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ
E-mail: zabirjon.karimova@mail.ru
Тел.: 992 372 34 83 46

Доир ба пайдоиш, сабабҳо, моҳият ва оқибатҳои ҷаҳонишавӣ ҳамчун як падидаи ҳамарофарогиранда таҳқиқотчиёни илмҳои гуногун, махсусан ҷомеашиносон ақидаҳои зиёде баён ннамудаанд.

Ҳангоме, ки таърифҳои доир ба ҷаҳонишавӣ пешниҳод намудаи ин муҳақиқонро назар менамоем, онро ҳамчун ба ҳам воридшавии иқтисодиёт дида ба ҳамалоқаманд ва баҳам ҳамроҳшавии моликиятҳоро эҳсос менамоем.

Дар мақола ҷаҳонишавӣ ҳамчун зинаи сифатан наву баландтари ҷомеаи инсонӣ арзёбӣ шуда, зиддият ва ғайриимкон будани муносибатҳои байни давлатҳо ва ташкилотҳои гуногуни фаромиллиро хоҳ иқтисодӣ бошад, хоҳ сиёсию фарҳангӣ ва хоҳ илмӣ-техникӣ дар шаклҳои гуногун нишон дода шуда аст.

Калидвожаҳо: *Ҷаҳонишавӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, сиёсию иҷтимоӣ, динӣ, мазҳабӣ, фарҳангӣ сиёсати гендерӣ, нобаробарӣ, объект, субъект.*

Ҷаҳонишавӣ раванди объективии инкишофи ҷамъияти инсонӣ ва зинаи сифатан нави ташкили ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ-техникӣ ҳуқуқию ахлоқӣ инчунин барқароршавии сифатан нави ташаккули муносибатҳо байни ашхоси алоҳида халқу миллат ва давлатҳо арзёбӣ шавад ҳам вале он боиси саросар некуаҳволшавии инсонист ва барҳам додани зиддиятҳоро дар ҷамъият таъмин карда натавониста оламро ба ду ҳисса бою камбағал ҷудо менамояд. Идеологҳояш бошанд ба ҳар баҳона мақсадҳои нопокашонро тавассути ҳар гуна бурсҳо ба мамлакатҳои сустарақикарда интиқол медиҳанд, бе он ки ҳадафҳои ҷаҳонишавиро ҳамчун падидаи пуртазоду пурпечутоб ва оқибатҳои нохуши онро ошкоро ифода намоянд.

Аз байн бурдани ғаразҳои ниҳонӣ вазифаи ходимони роҳбарикунандаи давлатӣ ва аҳли илму адаб аст.

Аз замоне, ки Теодор Левитт соли 1983 бори аввал мафҳуми ҷаҳонишавиро истифода намуд, қариб 40 сол боз аз забони аҳли қаламу сухан канда нашуда, ҳар пажуҳишгар андешаашро ба тарзи диду даркаш таъриф медиҳанд. Яке ӯро объективӣ, дигаре бебозгашт, сеюме рафъи ҳама иллатҳои ҷомеаи инсонӣ баҳо дода, муътақиданд, ки ҷаҳонишавӣ ҷаҳон як қутбаро ташкил намуда,сарҳадҳо, ҳокимиятҳои миллӣ давлатҳои миллиро барҳам зада ҷаҳонеро ташкил медиҳад, ки он ҷаҳонро Амрико сарварӣ менамояд. Дар заминаи фарҳанги Америкоиҳою Аврупо фарҳанги ягонаи умумибашарӣ ташаккул меёбад. Миллатҳо ба ҳам омехта шуда инсони умумисайёравӣ ташаккул меёбад. Аксарияти таҳқиқоташонро оҳанги изҳори ақидаашон тарзе садо медиҳанд, ки гӯё ҷаҳонишавӣ аллакай ҷаҳонро фаро гирифта бошад, агарчӣ мураккабӣ, серпаҳлугӣ, зиддиятнокии ин равандро ҳамаашон эътироф менамоянд, онро ба чашм надидаанд, ки агар дар пеши сел монеае пайдо шавад вай маҷрояшро ҳатман таъғир медиҳад. Вай ба кадом тарафе муқовимат камтар бошад ба ҳамон тараф ҷорӣ мешавад.

Агар ҷаҳонишавӣ ба ақидаи Робертсон ҳамчун майдони серпаҳлуи фаъолияти инсонӣ бошад, дар сари роҳи ин сел этносҳо, халқу миллатҳо, давлатҳо, ташкилотҳо, ҳаракатҳои оммавӣ ва динӣ истодаанд, ки раванди дар назари аввал хеле осон вале дар асл хеле мушкил амалишаванда аст, меистанд.

Созмондиҳандагони ин раванд, қуввахои гуногуни дар сари роҳи ҷаҳонишавӣ истодаро муайян намуда ба онҳо рӯ оварда, пул, капитал, молашро ба он давлатҳои сустараққӣ мекучонад ва онҷо бозорашро аз ҳисоби меҳнати арзон ва ашёи хоми арзон васеъ менамояд.

Агар мо ба мазмуну мухтавои ҷонибдорони ҷаҳонишавӣ бодиққат назар намоем, мебинем, ки як қисми онҳо ҷаҳонишавиро ҳамчун далели аллакай ҳамарофарогирифта мебинанд. Ҳол он ки ин раванд акнун дар баъзе соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи техника ва технологияи ахборотӣ ҷаҳонро ба ҳам пайваста аст.

Байни худ пайвастани корхона ва фирмаҳое, ки соҳибонашон аз давлатҳои гуногунанд иттиҳодияҳо ташкил намуда, як ва ё якчанд давлатро ба ҳам пайвастаанд. Вале давлатҳои миллӣ, миллату халқиятҳо ҳануз аз ҳамдигар он қадар дур ҳастанд, ки барои ҳалли як қарор ҳамақида ва дорои як тарзи ҷаҳоншиносӣ ҷаҳонбинӣ намудан асрҳои шадид лозим аст. Ҳақ ба ҷониби Валерстайн ҳаст, ки қайд намудааст. Усули ҷаҳонишавӣ дар ҳақиқат шарҳдиҳии воқеияти ҳозира дуруғи азим ва фиреб аст, ки гурӯҳи ҳокимиятдорон моро ба он бастаанд [1;6].

Мо инчунин ба андешаи Сэмюэл Филлипс Хантингтон розӣ ҳастем ба он хотир, ки воқеан дар ҷаҳони имрӯза на танҳо инетративишавӣ нест, балки баръакс бунёдгароии миллӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ пуркувват гаштаанд. Дар ин росто ташкили ҳокимияти глобалӣ, иқтисод ва фарҳанги глобалӣ хаёл буда, ин лоиҳаи мамлакатҳои ғарб (пеш аз ҳама ИМА) ҳаст, ки барои дар тамоми олам паҳн намудани таъсирашро мехоҳад. Вале чунин талош қуввати муқобилиятнишондиҳии мамлакатҳо, иқтисодҳо ва фарҳангҳои дигарро афзунтар менамояд.

Замоне, ки Амрико якаҳокимияти ягонаи ҷаҳон гашта буд, паси сар шуда акнун қуввахои гуногуни миллату давлатҳо, ки якаҳокимиятии Амрикоро дар ҷаҳон намехоҳанд, то рафт афзун ва муташаккил гашта истодаанд. Ҳама ба ин раванди ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди инсониятро аз ҳама балоҳои иҷтимоию сиёсӣ наҷот намебахшанд, назар мекунанд. Вай зиддиятҳоро, нобаробариҳоро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ меафзояд.

Ақидаҳои гиперболистҳо Джеймс Розенау, Хервье Легер, Александр Чешнов, Мантатова Лариса Вячеславовна, Левин Иосиф Давыдович, ки гӯё “Баҳам таъсирасонии доимии фаромилии одамон тавассути сохторҳои коммуникатсионӣ ба дарки баланди манфиатҳо ва мушкилиҳои дар навбати худ ба ташаккули глобалии ҷамъияти шаҳрвандӣ ва шуури глобалӣ боис мегашта бошад, ин танҳо фарзия ҳаст ё аниқтараш орзӯи некест, ки хоси ҳар як фарди бошуур аст. Эҳтимол меравад, ки дар марҳилаи муайяни рушди таърихии инсоният халқҳои ба ҳам ҳамсарҳад, ҳамфарҳанг, ҳамзабон, ҳамдин вақте таҳдиди нобуд шуданашро эҳсос менамоянд, онҳо бо хотири нигоҳдоштани нодирияташон аз баҳри баъзе хусусиятҳои хоси миллиашон гузашта ба ҳам наздик шаванд ва чун решаи хуниашон, нажодиашон яксонанд замоне ба ҳам бисозанд. Зеро мақоли халқии тоҷик аст, ки “Об агар садпора гардад боз бо ҳам ошност” шояд ин раванд асрҳои зиёдеро талаб намояд. Ба қавли Эрнес Мулдашев дар ҷаҳон ёздаҳ нажод вуҷуд дорад, ки онҳо дар айни ҳол ба се гурӯҳ, сафедпустон, сиёҳпустон ва зардпустон ҷудо карда шудаанд. Мулдашев чунин нажотҳоро аз рӯи усули афторитарӣ чунин муайян намудааст, помирӣ, кавказӣ, шимолӣ, ҳабашӣ, негрӣ, африкоӣ, бушманӣ, арманӣ, баҳримиёназаминӣ, динорӣ, алпӣ ва шимолӣ. [2;40-44].

Ин муҳаққиқ ҷараёни паҳншавӣ ё саргоҳе, ки аз онҷо одамон ба ҳар як гушаю канори дунё паҳн шудаанд, “Тибет”-ро нишон додааст, яъне бо мурури гузаштани вақт ба ҷузъҳои алоҳида ҷудо шуда дар ҳама гӯшаи саёраи замин дар он ҷойҳое, ки барои зиндагӣ шароити табии мусоидат менамуд паҳну парешон гаштаанд ва ҳар кадом баъдтар ташкилотҳои сиёсии хешро дар шакли давлат ба вуҷуд овардаанд. Ҳар кадом давлат аз имкониятҳои доштаи табииаш ба қадри дараҷаи инкишофи зеҳниаш аз як ҷиҳат ва аз ҷиҳати дигар меҳнатдӯстиаш дар дараҷаҳои гуногуни рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва зеҳниаш ҷомеаи хосе офарид, ки он ифодагари амолу орзӯи ҳамон халкро ҳимоя ва амалӣ мегардонд.

Дар сурати пайдоиши мушкилӣ барои ҳалли он боз ба қадри қобиляту тавоноии зеҳниаш чора андешида он мушкилиро ё рафъ мекард ва ё онро чуқуртар ва ё мушкилтар менамуд.

Мо ба андешаи Питер Людвиг Бергер розӣ ҳастем, ки навиштаанд. Бар хилофи гиперболистҳо дигар созандагон тасдиқ менамоянд, ки дар зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ механизмҳои муайяне баҳри худмуҳофизаткунӣ ба кор медароянд, ки аз нав эҳёшавии айнияти миллиро ба вуҷуд меоранд, ки ин нақши давлатро боз бештар менамояд. [3;14].

Эътироф бояд кард, ки бо дар ҳудуди миллатҳои ғайр ҷо кунонидани корхонаҳо, фирмаҳо, корпорацияҳои бегона паҳн шуда нуфуз пайдо намуда ба сиёсати ин давлат мудохила карданашон ин давлат барои рушташон имконият дода бошад ҳам, чун хавфи суст гаштани мавқеашро дар дохили давлати милии хеш эҳсос намояд. Эҳсоси худмуҳофизатнамоӣ боиси баландшавии ҳисси миллӣ номуси миллӣ гашта, барои нигоҳ доштани нодирияти миллӣ ва истиқлолияти миллиаш чораҳои маҳдудсозии фаъолияти он корхонаҳои корпоративиро меандешад. Яке аз чунин чораҳо бедорнамоии ҳисси худшиносии миллӣ буда, аҳолӣ дар чунин ҳолат, агар роҳбарони сиёсиашон дар байнашон обрӯю эътиборе дошта бошанд барои нигоҳдории истиқлолияти сиёсию дар ин замина ба дастории истиқлолияти иқтисодӣ ба муҳофизатӣ ҳокимияти сиёсиашон ба ҳам боз зичтар муттаҳид мегарданд. Миллате, ки худро шинохт доир ба сабабҳои қафомонӣ, ба ҳудудҳои вай воридшавии корхонаҳое, ки моли дигарон буда, онҳо на барои бойшавии давлати миллӣ хеш балки барои пешрафти соҳибони корхонаҳою корпоратсияҳои фаромилӣ хизмат менамоянд, ҳамоно муносибаташонро тағйир дода бо мустаҳкамсозии иқтисоди милии хеш даст мезананд. Шиддатнокии дастзанӣ баҳри рушди иқтисоди миллӣ пеш аз ҳама ба шиддатнокии таъсири воситаҳои ахбори миллӣ вобаста аст. Ба он вобаста аст, ки ин воситаҳои ахборотӣ масъаларо ба аҳолӣ чигуна дастрас намуда ба шуури шаҳрвандон ғайратмандӣ, эҷодкорӣ ташаббуснишондиҳиро ҷой менамоянд. Зеро воситаҳои ахбори таблиғкунандаи арзишҳои ба ном умумибашарӣ вале аслан бошад Америкоию Аврупоӣ имконияти бештар таъсирасонандагӣ доранд. Расонаҳои ахбори умумро бояд пеш аз ҳама ашхоси дониши чуқури сиёсӣ дошта ва миллатдусти ҳақиқӣ буда сарварӣ намуда, оқибатҳои барояшон фоҷиабори ҷаҳонишавиро инъикос ва ба самти кулли аҳолӣ расонида битавонанд. Зеро ҷаҳонишавӣ ин раванди идорашавандаест, ки аз ҷониби субъектҳо корпоратсияҳои фаромилӣ институтҳои фаромилӣ мисли НАТО, МВФ, ВТО ва давлатҳои пешрафта идора карда мешаванд. Инҳо бошанд маҳсули эҷодии милиардерҳо ва онҳое, ки дар хизмати онҳоянд буда, Штатҳои Муттаҳидаи Амрикоро кафили амнияту бехатарӣ баҳамсозишдиҳии давлатҳо арзёбӣ менамоянд.

Аз ҷумла муҳаққиқ Е.Н.Яковлева ҳама далелҳоеро, ки муҳақиқони дигар ба онҳо ишора намуданд чунин ҷамъбаст намудааст; “1. Алтернатива надоштани ҷаҳони якқутба. 2. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бо қудрати амрикоӣ розӣ аст, чунки муқобилистӣ ба ИМА хатарнок ва кам оянда дорад. 3. Афзалиятдории ИМА дар ҷаҳон қобили қабултар аст чунки вай нисбатан худро нигоҳдоранда буда, аз иқтидораш сӯистеъмол наменамояд. 4. Пешвогии амрикоӣ дар берун дастгирӣ дошта, аксарияти халқҳо ба ИМА ҳамчун кафили низоми байналмилалӣ шуда метавонад. Зиддиятҳои байни чунин марказҳои геополитики мисли Аврупо, Хитой, Росия, Япония ҳамвор созад” [4;7].

Воқеан идеологияе, ки ҳадафаш ҷаҳонро бояд як давлат идора намояд тахту ҳамвор карданисту бо ваъдаҳои ҳамкории барои ҷаҳон судманд ва ба ном барои инсоният қобили қабул ҷаҳониёнро дар ғафлат мондани аст. Чунин идеология пешқадам нест. Онро ба эътибор намегиранд, ки ба ҳар як миллат нангу номуси миллӣ хос аст ва он на танҳо ҳамчун қувваи муқовиматнишондиҳанда балки созанда эҷодкор ва дурбин аст. барои ин Ҷумҳурии Халқии Чин намунаи барҷаста аст. Ҳангоме соли 1964 вақте, ки роҳбарияти Ҷумҳурии Халқии Чин аз иттиҳоди

Шуравӣ ки дустӣ стратегиаш буд хоҳиш намуд, ки ба вай технологияи сохтани яроқи ҳастаиро бидиҳад, роҳбари ҳамонвақтаи иттиҳоди Шуравӣ Никита Сергеевич Хрущёв гуфт, ки ин пайвастшавӣ боиси беозор монданашон мегардад.

Давлатҳои тараққикарда ба вай техникаи истеҳсолкунанда намедод. Ба бохти Чиниҳо чанд сол хушксолӣ шуду истеҳсоли ғалла низ кам шуд.

Роҳбарияти Чин ба Созишномаи Миллали Мутаҳҳид муроҷиат намуд, то ки бо ин давлат ғалладона ёрӣ расонад, аммо ин ташкилот шарт гузошт, ки бояд оилаи чинӣ аз як фарзанд бештар тавлид накунад. Роҳбарияти ин давлат бо ин шарт розӣ шуд. Инқилоби маданиаш барпо намудани каммунаҳо боис гашт, ки ин давлат соли 1967 ба бозори ҷаҳонӣ ғалладона ба фуруш барорад, технологияи тайёр намудани яроқи ҳастаиро аз худ намояд ва ба давлати пешрафтаи кунунӣ табдил ёбад.

Яковлева Елена Ивановна ин омилро дар миллатҳо ба инобат нагирифта гумон кардааст, ки ҳама миллатҳои дигар ба тақдири кунуниашон тан дода аз вартаи қафомондагӣ онҳо дигар халос намешаванд.

Дараҷаи инкишофи иқтисодии Эрони имрӯза, ки беш аз чил сол боз дар зери таҳрими Амрикою аврупоиҳо қарор дорад тавонист ба давлати худкофӣ табдил ёбад.

Тамоили инкишофи ҳозираи ҷаҳонишавӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ғояи ташкили ҷаҳони якқутба ва дар он нақши асосиро бозидану сарвари он якаҳокимиятро гирифтан барои Амрико ба ҷуз орзу аз ин беш нест, зеро дар ҷаҳон боз ба ғайр аз 7-давлати аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи ҷаҳон, иттиҳоди давлатҳои муштаракул манофеъ, шартномаи Шанхай, БРИСК, ҷаҳони исломӣ вуҷуд дорад, ки сиёсаташон аз сиёсати ИМА фарқ мекунад. Виктор Николаев Купин дуруст қайд намудаанд, ки 1. ҷаҳони якқутба сохторӣ ва геополитикӣ системаи ноустувор аст. 2. сабзиши мултикултурализми ҷамъияти америкоӣ, ки тамоили нажодпарастӣ, забонӣ, динӣ, иҷтимоӣ, этникӣ, фарҳангӣ ҷудошавии иҷтимоӣ-гуруҳӣ то рафт қувват гирифта истодааст; 3. баробари ҷаҳонишавӣ тамоили ба минтақагароӣ, бисёрандешагӣ (чинӣ, славянӣ, православӣ, исломӣ, индусӣ, америкоӣ, лотинӣ ва тамаддуни ҷопонӣ қувват гирифта истодаанд. 4. монеаи объективӣ барои баркарорсозии ҷаҳони якқутба бисёрзабонӣ плюрализми динӣ ҷамъияти ҷаҳонӣ мебошад. [5;58].

Албатта ҷамъияти инсонӣ, ҳамчун организми зиндаи иҷтимоию сиёсӣ ҳамеша дар ҳаракат, ҷустуҷӯ бадастории муваффақият ва ҳамзамон аз даст додани чизе ҳаст ҷаҳонишавӣ бо худ неку бадро ҳамеша ҳамроҳ дорад. Дар ҳақиқат мо мушоҳида менамоем, ки чӣ тавр ҷаҳон ба чандин блокҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҷудо шуданд ва ин ҷудошавӣ то рафт пуркувват шуда истодааст. Азбаски блокҳо аз ҷиҳати географӣ алоҳидаанд, аз ин рӯ тақсими ҷаҳон ба минтақаҳо ҷудошавӣ ба блокҳои тамаддунӣ идома ёфта зиддият байни онҳо меафзояд навиштааст Анатолий Александрович Никифоров [6;30].

Агар чунин бошад ин раванди зиддиятноке фаҳмида мешавад, ки яке аз он фоидаи бузург ба даст биёрад дигареро фоҷиаи иқтисодию – сиёсӣ ҳамсафар мегардад. Муҳаққиқ Манакова Ирина Юрьевна таълимоти Ульриха Бекаро таҳлил намуда, ҳафт ҷиҳати андешаҳояшро доир ба ҷаҳонишавӣ чунин мушаххас намудааст.

1. Инқилоби идомадори ахборотӣ ва техникаи коммуникатсионӣ.

2. Саросар пешниҳоднамоии талаботи риояи ҳуқуқи инсон ва принсипҳои демократия (америкоӣ).

3. Интихоби соли санъату фарҳанги саросари ҷаҳонро дарбар гирифта.

4. Сиёсати пасоинтернатсионалию бемаркази сиёсати ҷаҳонӣ

(ташкилотҳои ғайридавлатӣ ТММ).

5. Масъалаҳои қашоқии глобалӣ.

6. Мушкилоти глобалии вайронкунӣ муҳити атроф.

7. Дар маҳалҳо ба вуҷудоии низоъҳои фарофарҳангӣ. [7;58].

Аз хулосаҳои баровардаи ин пажуҳишгар маълум мегардад, ки ҷаҳонишавӣ ҳам қашоққиро зиёд менамояд ва ҳам зиддиятҳоро меафзояд.

Аз ҳамин хотир ҷаҳони аз ҷиҳати иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ пешрафта ниятҳои аслиашонро бо ваъдаҳои дилкашу безарар дар шакли қоғазпеч пешниҳод менамоянд.

Ашхоси салоҳиятдори мамлакатҳои қафомонда агарчӣ хуб медонанд, ки шахси миллианер ё миллиардер бе он ки фойда набинад, ба касе маблағи бемақсад вале дар зери барномаҳои пешниҳод намудаашон манфиат аз онҳо рӯёндан ҷудо менамоянд.

Масалан яке аз ҳамин гуна маблағгузорӣ низоми таҳсилоти кредитӣ ва демократии ҳуқуқи инсон Джордж Сорос таблиғгари андешаи Либералӣ ба шумор меравад.

Ин миллардери америкоӣ аз камбағалии давлати Тоҷикистон, ки ҷанги шаҳрвандӣ ҳамаро хароб намуда буд истифода бурда барои таҳвили ҳадафҳои дури хеш бурсҳо ҷудо намуда, тавассути шаҳрвандию маҳаллӣ идеалогияшро паҳн намуд. Вақте элиторҳои Сорос доир ба низоми кредитӣ ва афзалиятҳои он дар назди омӯзгорони мактабҳои олӣ баромад менамуд нафаре саволе дод, ки чаро шумо ин низомро дар ин ҷо ҷорӣ карданиед, гуфт мо аз Осиёи Миёна рафтанӣ нестем. Инҷо корхонаҳо месозем ва ба кор онҳоро қабул менамоем, ки аз рӯи ҳамин низом маълумот гирифтаанд. Солҳо гузашт ва Амрико дар Тоҷикистон корхона насохт.

Талошҳои ғаразноки мамолики ғарбро баъзеҳо пай бурда буданд. Дар саҳифаҳои матбуот ва баромадҳояшон он ғаразҳоеро, ки ҷаҳонишавӣ ба худ меоварад мефаҳмонданд. Яке аз муаллифони ҳамин мақола дар зери сарлавҳаи оё ҳама он чиро ки ғарб пешниҳод менамояд қабул намудан шарт аст? Дар рузномаи бизнес ва политика дар се шумороаш идеяи филтралогияи Посейдонро пешниҳод намуда буд, зеро сел ба худ ҳама лоюю сангу хасу хошокро меорад. Оби аз обанборҳо низ ҳамин тавр. Аммо одамон обро меполоянд ҳатто вақте говро меҷӯшанд, ширашро меполоянд. Мо низ аз аҳли илму маърифат ва роҳбарияти муассисаҳои таҳсилотӣ хоҳиш намудем, ки пеш аз он ки ин ё он пешниҳоди олами сармояро қабул намоем, онро садҳо бор бояд санҷид. Имрӯз мо бо дили пур гуфта наметавонем, ки ин низом сифати донишро беҳтар намуд. Баракс ин низом боиси хеле пастшавии сатҳи дониш гашт, зеро дар шароити либералӣ зиддияткунонӣ аксаран ва ё умуман қонунҳои миллӣ он равандро назорат наменамоянд. [8;52].

Литература

1. Л.Г.Кирьянова, О.А.Мазурина Теории глобализации в контексте постклассической парадигмы 115 УДК 141 Известия Томского политехнического университета. 2007. Т. 311. № 7

2. Эрнст Мулдашев от кого мы произошли? Аиф-Принт ОЛМА- ПРЕСС. 2003, 473с.

3. Л.Г. Кирьянова, О.А. Мазурина Теории глобализации в контексте постклассической парадигмы 115 УДК 141 Известия Томского политехнического университета. 2007. Т. 311, № 74.

4. Зубкевич.Л.А. Сущность глобализации и ее сценарии Вестник ВГУ серия философия 582015 №2 УДК 101.1. 316 Нижегородский государственный университет имени Н. И. Лобачевского Поступила в редакцию 12 февраля 2015 г., С. 262

6. Никифаров А. А. Идеи теории глобализации и взгляды ее представителей в области экономики и управления. Научный журнал НИУ ИТМО. № 3, 2015 28 УДК 330.8, С.428

7. Манакова И.Ю. Сущность и перспективы развития глобализатционних процессов. УДК 101.1 316.3. Вестник ВГУ. Серия: Философия. 2010. № 2, С. 467

8. Шимаи М. Глобализация как источник конкуренции, конфликтов и возможностей. //Проблемы теории и практики управления 1999.-№8. С. 319

ГЛОБАЛИЗАЦИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ КОНЕЧНЫХ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИНТЕРЕСОВ

Каримова З.Х.

Исследователи различных наук, особенно социологи, высказали множество мнений о происхождении, причинах, сущности и последствиях глобализации как всеобъемлющего явления. Когда мы смотрим на определения глобализации, предложенные этими исследователями, мы воспринимаем ее как интеграцию экономики, а не как интеграцию и совместное использование собственности.

В статье оценивается глобализация как качественно новый и более высокий уровень человеческого общества и показывается противоречивость и невозможность отношений между государствами и различными транснациональными организациями, будь

то экономические, политические, культурные или технические.

Ключевые слова: *Глобализация, производственные отношения, политическая и социальная, религиозная, культурная, гендерная политика, неравенство, объект, субъект.*

GLOBALIZATION FROM THE POINT OF VIEW OF ULTIMATE NATIONAL INTERESTS

Karimova Z.Kh.

Researchers from various sciences, especially sociologists, have expressed many opinions about the origin, causes, essence and consequences of globalization as a comprehensive phenomenon.When we look at the definitions of globalization offered by these researchers, we perceive it as the integration of the economy rather than the integration and sharing of property.

The article evaluates globalization as a qualitatively new and higher level of human society and shows the inconsistency and impossibility of relations between states and various transnational organizations, be they economic, political, cultural or technical.

Key words: *Globalization, industrial relations, political and social, religious, cultural, gender policy, inequality, object, subject.*

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ТАҲИЯИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ОБ: ТАҲЛИЛИ СИЁСӢ ВА ОЯНДАБИНӢ

Умарзода А. С.– ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Тел: (+992) 938383839, E-mail: amriddin0101@mail.ru

Дар шароити муосир масъалаи об ва заминаҳои ташаккулёбии он диққати бештари муҳаққақон ва махсусан сиёсатшиносонро ба худ ҷалб намуда истодааст. Об ҳамчун захираи табиӣ ва манбаи ҳаёт буда, рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳамзистии осоиштагии ҳаёти солими инсоният аз он вобастаги дорад. Об ва захираҳои обӣ дар рушди ҳамаҷонибаи давлат ва устуворӣ сиёсии он аҳаммияти маҷмуӣ дорад. Ба манфиати халқ истифода бурдани иқтидори истеҳсолии об яке аз вазифаҳои асосии ҳокимияти сиёсӣ мебошад, ки унсури асосии он мунтазам бо об таъмин намудани мардум мебошад. Ммаврид ба зикр аст, ки таъмини об нишондиҳандаи асосии рушди устувори давлат ба шумор меравад. Дар ҷаҳони муосир бо сабаби афзоиши демографӣ ва тағйирёбии иқлим мушкилоти гидротехникӣ босуръат инкишоф ёфта, мураккабтар гардида истодааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки бо дарназардошти вазъи тағйирёбии сайёра махсусан тағйирёбии иқлим имрӯз зарурати таҳияи сиёсати давлатӣ дар самти гидрополитика ба вуҷуд омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ниҳоят муваффақ аст.

Калидвожаҳо. *Об, сиёсати об, тағйирёбии иқлим, дарёҳо, ҳифзи пиряхҳо, терроризм, экстремизм, коркарди гидрополитикаӣ, қудратҳои ҷаҳонӣ, мушкилоти об, захираҳои оби, норасоии об, оби ошомидонӣ, истифодаи зироатҳо, обёрии фаровон, технологияи обтозакунӣ, фазои гидрополитикӣ, истеъмолкунандаи об.*

Дар марҳилаи муосир сиёсати об бо суръат пеш меравад, ки ин бевосита ба мураккаб шудани масоили об дар арсаи ҷаҳонӣ алоқаманд аст. Дар ҷаҳон аллакай заминаи кофии ҳуқуқӣ барои ташаккул ва такмили сиёсати ҷаҳонии об таҳия шудааст. Аммо саволе ба миён меояд. Кадом намуди сиёсати об ба ҷаҳони муосир лозим аст? Ва ин гуна сиёсатро чӣ тавр бояд таҳия кард?

Ҳамчунин бояд зикр кард, ки ҳамаи давлатҳои ҷаҳон сиёсати худро оид ба об таҳия намудаанд, ки дар асоси санадҳои ҳуқуқии миллӣ ташаккул ёфтаанд. Сиёсати миллии об характери миллӣ дошта, вобаста ба мавқеи ҷуғрофии давлат ва хусусияти захираҳои оби он таҳия карда мешавад. Тибқи маълумоти мавҷуда, сокинони беш аз 80 кишвари ҷаҳон аз оби тозаи ошомиданӣ маҳруманд. Табиист, ки сиёсати оби ин кишварҳо, пеш аз ҳама, ба таъмини аҳолӣ бо об ва беҳбуди вазъи санитарию гигиении мардум нигаронида шудааст.

Минтақаҳое вуҷуд доранд, ки сатҳи баланди захираҳои обтаъминкунӣ доранд: Канада ва шимолу ғарби Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷанубу Шарқи Осиё, шимоли Бразилия, Скандинавия, Африқои Марказӣ ва ғайра ва минтақаҳои дорои сатҳи нокифояи захираҳои об: Шарқи Наздик, Африқои Шимолӣ, Европаи Ҷанубӣ ва ғйра.[1]

Аз ин нуқтаи назар давлатҳои ҷаҳонро метавон ба чаҳор гурӯҳ ҷудо кард:

1. Давлатҳое, ки аз оби тозаи ошомиданӣ танқисӣ мекашанд ва инфрасохтори зарурии об надоранд (дар ин ҷо зери инфрасохтори об тамоми системаи об ва технологияи муосири тозакунии об фаҳмида мешавад).

2. Давлатҳое, ки аз оби тозаи ошомиданӣ танқисӣ мекашанд, вале инфрасохтори зарурии об доранд.

3. Давлатҳое, ки бо захираҳои обӣ таъминанд, вале инфрасохтори об рушд наёфтааст.

4. Давлатҳое, ки бо захираҳои кофии об ва инфрасохтори муосири об таъминанд.

Таъминоти миёнаи ҷаҳонӣ бо захираҳои маҷрои умумии дарёҳо ба ҳар сари аҳолӣ мунтазам коҳиш ёфта, имрӯз 7 ҳазор м^3/солро

ташкил медиҳад. Агар дар Норвегия, Канада, кишварҳои Африқои Марказӣ, Зеландияи Нав таъминот бо захираҳои об тақрибан 100 ҳазор м³/сол бошад, пас дар Аврупои Ғарбӣ, қисмати аксари Африқо, Шарқи Миёна, Чин – 1 ҳазор метри мукааб ё камтар аз он дар як сол.[2]

Сиёсати оби давлатҳои гурӯҳи якум бо сабабҳои молиявию иқтисодӣ дар якҷоягӣ бо созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ва донорҳо таҳия ва амалӣ карда мешавад. **Онҳо мушкилоти** оби дохилиро мустақилона ҳал карда наметавонанд.

Мутобиқи маълумоти мавҷуда дар давоми шаш соли охир, Бонки рушди Осиё лоиҳаҳои беҳтар кардани дастрасӣ ба об ва шароити беҳдоштро дар ҳаҷми 3,3 миллиард доллар сармоягузорӣ кардааст, ки тақрибан 2,2 миллиард доллари ин маблағ ба лоиҳаҳои системаҳои шаҳрӣ, ки ҳадди аққал ба 17 миллион нафар хизмат мерасонанд, равона карда шудааст.

Бар асоси таҳлил метавон гуфт, ки ҳадафи асосии сиёсати оби кишварҳои Африқо, ки дучори камбуди об ҳастанд, пеш аз ҳама, ба ҷалби сармоя аз сарчашмаҳои гуногуни маблағгузорӣ, таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ ва беҳбуди вазъи санитарию гигиении одамон нигаронида шудааст. Онҳо сиёсати мустақилонаи обро надоранд ва роҳандозӣ намекунанд. Илова бар ин, дар ин ҷо то ҳол стратегия ё барномаи мувофиқи таъмини устувори аҳолӣ бо об таҳия нашудааст.

Ба гурӯҳи дуюм мамлакатҳои араб дохил мешаванд. Сарфи назар аз он, ки онҳо дар минтақаи нисбатан камтаъмини об ҷойгиранд, онҳо тавонистанд ин мушкилотро тавассути эҷоди инфрасохтори мувофиқи об ҳал кунанд. Ба далели рушди демографӣ ва тағйирёбии иқлим дар ин кишварҳо, нишондиҳандаҳои истифодаи об ба ҳар сари аҳолӣ дар чанд даҳсолаи охир коҳиш ёфтааст. Агар дар соли 1960 дар ин минтақа ба ҳар сар аҳолӣ сарфи об соле 3,3 ҳазор метри мукааб об рост ояд, вале ҳоло ин рақам то ба 1,3 ҳазор метри мукааб кам шудааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар мамлакатҳои араб бар хилофи мамлакатҳои Африқо кӯшиш мекунанд масъалаи обро мустақилона ҳал намоянд. Илова бар ин, онҳо инфрасохтори муосири обро ба вуҷуд овардаанд. Дар ин ҷо маблағгузории татбиқи сиёсати об дар сатҳи баланд қарор дорад. Махсусан, маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҷорӣ намудани технологияи муосир дар системаи обтаъминкунӣ, ки нишондиҳандаҳои махсуси татбиқи гидрополитика мебошанд. Сиёсати оби кишварҳои арабиро, бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофӣ ва дошани захираҳои обӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани технологияи тоза кардани шӯр, метавон сиёсати муосиртарини сиёсати об арзёбӣ кард.

Қадамҳои аввалин дар роҳи ҳалли мушкилоти об дар Либия гузошта шуданд. То соли 1984 барои ба вуҷуд овардани обанборҳои зарфияташон 387 миллион метри мукааб 6 сарбанд сохта, 2,9 ҳазор чоҳи артезианӣ парма карда шуд. Ғайр аз ин, 30 стансияи обкашӣ сохта шуд, ки дар як шабонарӯз 150 ҳазор мукааб/метр оби шӯрро соф менамоянд.[4]

Пешвои инқилоби Либия Муаммар Қаззофӣ дар соли 1983 идеяи бунёди дарёи бузурги сунъиро барои интиқоли оби тоза ба шимол аз кӯлҳои зеризаминии Саҳрои Кабир дар минтақаҳои Мурзук, Куфра ва Ҳамада ба миён гузошта буд, ки 35 ҳазор км мукааб об дорад.[5]

Ин лоиҳа, ки 30 миллиард доллар арзиш дорад, бузургтарин иншооти гидротехникии ҷаҳон дар асри 20 буд. 270 чоҳ парма карда, 250 ҳазор қубури оҳану бетонии диаметраш аз 1,6 то 4 метр гузаронда шуд. Дар натиҷаи сохтани дарёи сунъӣ ба соҳил гузарондани 2 км мукааб об дар як сол мумкин шуд.

Сохтмони стансияҳои обтозакунӣ дар кишварҳои минтақа густариш ёфта, теъдоди онҳо дар баҳри Миёназамин ва Халиҷи Форс ба 1,5 ҳазор расидааст, ки 120-тои онҳо дар Имороти Муттаҳидаи Араб, Қатар, Баҳрайн, Арабистони Саудӣ, Кувайт ва Ироқ ҷойгиранд. Аморати Муттаҳидаи Араб бо 2,4 миллион аҳолӣ ҳар рӯз 1,1 миллион метри мукааб оби тозашуда мегирад ва дар Абу-Даби ба ҳар сари аҳолӣ дар як шабонарӯз 528 литр оби тоза рост меояд, ки дар навбати худ дар Германия – 128 литр. Мамлакатҳои нимҷазираи Араб 70 фоизи эҳтиёҷоти худро аз захираҳои обӣ тозакардашуда қонеъ мегардонанд. Дар ин ҷо ягона мушкилӣ нархи об аст: 1 литр оби софкардашуда ҳудуди 50 сент арзиш дорад. [4]

Умуман, метавон гуфт, ки аз ҷиҳати захираҳои табиии об кишварҳои Африқо ва Араб дар як сатҳ қарор доранд. Аммо татбиқи

самараноки гидрополи тика дар кишварҳои араб ба рушди устувори давлат мусоидат кард. Фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатӣ ва тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, устувории сиёсии мамлакатҳои араб бештар ба ҳалли мушкилоти об вобаста аст.

Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои асосии пайдоиш ва паҳн шудани гурӯҳҳои гуногуни террористию экстремистии мусаллаҳ дар баъзе кишварҳои африқоӣ ин ҳал нашудани мушкилоти об мебошад, ки дар баробари омилҳои дигар, ба паст шудани рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва шиддатнокии сиёсии мардум мусоидат мекунад.

Барои коркарди гидрополи тикаи муосир сиёсати об дар абарқудратҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти хоса дорад. Дар ин ҷо Русия ҷойи махсусро ишғол мекунад. Аммо, қудратҳои ҷаҳонӣ ҳастанд, ки бо сабабҳои объективӣ ба таври ҷиддӣ ҳал нашудани мушкилоти обро доранд. Масалан, сиёсати обии Русияро бо сиёсати оби Ҳиндустон муқоиса кардан душвор аст.

Федератсияи Россия кишвари дорои захираҳои бойи об аст. Россия ба гурӯҳи давлатҳои дорои захираҳои нисбатан бойи об мебошад. Захираҳои обии дарозмуддати барқароршавандаи Русия ба ҳисоби миёна 10 дарсади маҷрои дарёҳои ҷаҳонро ташкил медиҳад (дар ҷаҳон пас аз Бразилия ҷои дуюмро ишғол мекунад) ва 4,3 ҳазор км мукааб дар сол ҳисоб карда мешавад. Умуман, дар кишвар захираи об 30,2 ҳазор мукааб метр ба як нафар дар як сол ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар Ҳиндустон нисбат ба Россия хеле паст аст.

Ба гуфтаи Арнабха Гоша, директори иҷроияи Шӯрои энергетика, муҳити зист ва захираҳои оби Ҳиндустон, дар соли 1951, ба ҳисоби миёна ҳар як ҳиндӣ ба 5200 метри мукааб об дастрасӣ дошт, дар ҳоле ки аҳолии кишвар 350 миллион нафар буд. Соли 2010 ин рақам то 1600 метри мукааб коҳиш ёфт.[8]

Аз рӯи нишондиҳандаҳои байналмилалӣ ин сатҳ хеле ташвишовар арзёбӣ мешавад. Дар шароити имрӯза ин сатҳ то 1400 метри мукааб коҳиш ёфтааст, ва таҳлилгарон нигаронанд, ки дар давоми ду даҳсолаи оянда он то ба камтар аз 1 ҳазор метри мукааб коҳиш хоҳад ёфт.[9]

Сабаби воқеии норасоии об дар Ҳиндустон ин афзоиши хеле босуръати аҳолӣ, низоми бесамари нақлиёт, истифодаи зироатҳое, ки обёрии фаровонро талаб мекунанд, аз қабили шолӣ ё лаблабуи қанд дар заминҳои лалмии кишвар ва қобилияти назорат карда натавонистани талабот ба об бинобар ройгон будани қувваи барқи ва субсидия барои сӯзишвории дизелӣ мебошад.

Арнабха Гоша инчунин тағйирёбии иқлимро қайд менамояд, ки ба мушкилоти об дар кишвар таъсир расонидааст. Тибқи пешгӯйӣ ҳарорат дар Ҳиндустон боло равад, ки ин ҳам афзоиши истифодаи об меорад, аммо ҳамчунин интизор меравад, ки боришоти борон низ камтар пешгӯй мешавад.[8]

Аз рӯйи ин муқоиса метавон гуфт, ки сиёсати оби Ҳиндустон, пеш аз ҳама, ба васеъ намудани дастрасӣ ва таъмини аҳолӣ бо захирахои об ҳам барои эҳтиёҷоти дохилӣ ва ҳам барои обьёрии кишоварзӣ ва истеҳсолоти саноатӣ нигаронида шудааст. Афзоиши демографӣ ва тағйирёбии иқлим сол аз сол ин мушкилотро дар Ҳиндустон душвортар гардонида истодааст.

Дар ҷаҳони муосир муборизаи байни абарқудратҳои ҷаҳонӣ барои васеъ кардани минтақаи геополитикии таъсири онҳо маҳз дар фазои гидрополи тикӣ сурат мегирад. Фазои обӣ қодир аст, ки қуввахои пуриқтидортарин, дар айни замон хавфноктарини ҳарбӣ: ракетаҳои баллистикӣ, яроқи ядроӣ ва атомӣ ва ғайраро муддати дароз дар худ нигоҳ дорад.

Таҳлили муқоисавии сиёсати давлатии оби ин давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки захираҳои об на танҳо аҳаммияти хоси иҷтимоию иқтисодӣ, балки аҳаммияти махсуси ҳарбӣ низ доранд. Ин танҳо ба абарқудратҳои ҷаҳонӣ ва кишварҳои дар соҳили уқёнусҳо ҷойгиршуда хос мебошад. Сиёсати оби давлатҳое, ки ба баҳр баромад надоранд, чандон аҳамият надорад.

Дар асоси ин метавон гуфт, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон ва фаъолияти сиёсати давлат бо гидрополи тика алоқаманд аст. Гидрополи тика муҳимтарин фаъолияти сиёсии ҳокимияти давлатӣ ва самти асосии сиёсати давлатӣ мебошад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, сиёсати оби давлатҳои ҷаҳон ин сиёсати гуногунарзишманди об мебошад. Аммо, новобаста аз он ки ҳар як давлат сиёсати худро барои об дорад, хусусияти умумии сиёсати об барои

тамоми кишварҳои ҷаҳон таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ, васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба оби маишӣ ва беҳтар намудани вазъи санитарию гигиении аҳолӣ мебошад.

Сиёсати об, инчунин, аз мавқеи ҷуғрофии давлат вобаста аст. Аз ин нуқтаи назар метавон сиёсати оби давлатхои Осиёи Марказиро муқоиса кард. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳама дарёҳои бузург фаромарзӣ мебошанд. Сиёсати об дар Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон асосан аз бисёр ҷиҳат бо ҳам монанд аст. Онҳо давлатҳои поёноб мебошанд. Онҳо ҷараёни асосии обро аз дарёҳои фаромарзӣ мегиранд, ки дар кишварҳои дигари минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул меёбад.

Захираҳои обу энергетикӣ дар Осиёи Марказӣ дар байни давлатҳо бениҳоят нобаробар тақсим карда шудаанд ва истифодаи онҳо нисбат ба вазифаҳои иқтисодӣ бештар вазифаҳои сиёсиро иҷро мекард ва ҳоло ҳам иҷро карда истодааст.[10]

Бо дарназардошти робитаи табиии об, раванди истеъмоли об ва истифодаи об дар яке аз кишварҳои минтақа ба раванди истеъмоли об дар кишварҳои дигар таъсир мерасонад. Зиёда аз 80 фоизи захираҳои оби минтақа дар қаламрави Тоҷикистону Қирғизистон ташаккул меёбанд, ки асосан ба тавлиди неруи барқ манфиатдоранд. Қазокистон, Туркманистон ва Ӯзбекистан ба истифода бурдани захираҳои обӣ бо мақсадҳои ирригатсионӣ ва дар фасли тобистон барои обёрӣ кардани заминҳои обӣ бо сарфи ҳадди аксари захираҳои обӣ бештар манфиатдор мебошанд. Ва барои Тоҷикистону Қирғизистон ҳадди аксари сарфи об дар фасли зимистон барои тавлиди неруи барқ муфид аст.

Дар маҷмуъ, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ сиёсати ҳамоҳангшудаи об бо эҳтироми манфиатҳои тарафайн сиёсати аз ҳама гидроэнергетикӣ муассиртарин, боэътимод, замонавӣ ва муосир мебошад. Дар умум, дар минтақа ду манфиат вуҷуд дорад – манфиати ирригатсионӣ ва гидроэнергетикӣ. Вазифаи асосии сиёсати оби кишварҳои минтақа ҳамоҳангсозии ин ду манофеъ аст. Маҳз, ҳамин гуна сиёсати об дар ин минтақа зарур аст. Ин равиш имкон медиҳад, ки рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа ва амнияти сиёсии он таъмин карда шавад.

Барои ҳалли ин мушкилот дар тамоми кишварҳои ҷаҳон заминаи ҳуқуқӣ таҳия ва сиёсати гидрополитикаи давлатӣ амалӣ карда мешавад. Дар асоси унсурҳои асосии сиёсати оби кишварҳои алоҳида зарурати таҳияи гидрополитикаи муосири ҷаҳонӣ ба миён меояд.

Дар ин замина дар баъзе мамлакатҳои ҷаҳон рушди технологияи намакзанӣ аҳаммияти махсус дорад. Унсури дигари таркибӣ технологияи обёрии қатрагӣ мебошад, ки барои кам кардани талафоти об дар кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Истифодаи оқилонаи захираҳои об дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳо, рушди инфрасохтори об, муносибати эҳтиёткорона ба об, танзими рушди демографӣ, ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи истифодаи мутақобилан судманди захираҳои об, мутобиқшавӣ ба буҳронҳои об ва тағйирёбии иқлим чузъҳои муҳимми гидрополитикаи муосир маҳсуб мешаванд.

Дар айни замон зарурати такмили мавқеи ҳуқуқии об ҳамчун унсури асосии мавҷудияти ҳаёт ва муҳимтарин сарвати табиӣ ба миён омадааст. Бояд иқрор шуд, ки муносибати манфӣ ба захираҳои об поймолкунии ҳуқуқи инсон аст, зеро об манбаи ҳаёт аст ва ҳаёт дахлнопазир аст.

Адабиёт

1. Сулеймен М. Б. «Водные ресурсы как фактор безопасности в Центральной Азии» //https://articlekz.com/article/7850. (дата обращения 06.07.2018г).

2. В.Горбанёв "Водная проблема в условиях глобализации"// http://www.mirec.ru/upload/ ckeditor/files/mirec-2016-4-gorbanev-2.pdf (дата обращения 02.07.2018г).

3. Акинвуми А. "Справиться с проблемой воды в Африке"//https://inosmi.ru/politic/ 20170703/239718264.html(дата обращения 02.07.2018).

4. Подцероб А. Б. Проблема водообеспечения в арабских странах//http://www.iimes.ru/?p=15919 (Дата обращения 25.08.2017)

5. The Man Made River. Libya. // New Dawn Magazine – at: http://wwwgalenfrysinger.com/man_made_river_libya.htmhttp://www.iimes.ru/?p=15919 (Датаобращения 25.08.2017)

6. Подцероб А. Б. Проблема водообеспечения в арабских странах//http://www.iimes.ru/?p=15919 (Дата обращения 25.08.2017)

7. Водная стратегия Российской Федерации на период до 2020 года //http://docs.cntd.ru/documen t/902173350 (дата обращения 29.06.2018

8. Вести Экономика-Индия и другие: войны за воду - новая реальность?// https://www.vestifinance.ru.http://www.iimes.ru/?p=15919 (Дата обращения 25.08.2017)

9. Индия и другие: войны за воду - новая реальность? // https://www.vestifinance.ru. http://www.iimes.ru/?p=15919 (Дата обращения 15.10.2017)

10.Муртазаев У.И., Мавлони М. С. «Управление водными ресурсами центральноазиатскогорегиона:проблемы и и пути их решения (минимизации). Душанбе, «Ирфон» - 2016, 213 с.

РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВОДНОЙ ПОЛИТИКИ: ПОЛИТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ И ПРОГНОЗИРОВАНИЕ

Умарзода А. С.

В современных условиях проблема воды и оснований ее образования привлекает внимание исследователей и особенно политологов. Вода является природным ресурсом и источником жизни, от этого зависит развитие мирового сообщества и мирное сосуществование здоровой жизни людей. Вода и водные ресурсы имеют общее значение для всестороннего развития государства и его политической стабильности. Использование мощностей по производству воды на благо народа является одной из основных задач политической власти, главным элементом которой является регулярное снабжение народа водой. Стоит отметить, что водоснабжение является основным показателем устойчивого развития государства. В современном мире в связи с демографическим ростом и изменением климата гидротехнические проблемы стремительно развиваются и усложняются.

Автор отмечает, что с учетом меняющейся ситуации на планете, особенно изменения климата, возникает необходимость разработки государственной политики в направлении гидрополитики, и Республика Таджикистан чрезвычайно преуспевает в этой области.

Ключевые слова. Вода, водная политика, изменение климата, реки, защита ледников, терроризм, экстремизм, гидрополитическая обработка, мировые державы, водные проблемы, водные ресурсы, дефицит воды, питьевая вода, использование сельскохозяйственных культур, обильное орошение, технология очистки воды, гидрополитическое пространство, водопотребитель.

DEVELOPMENT OF STATE WATER POLICY: POLITICAL ANALYSIS AND FORECASTING

Umarzoda A.S.

In modern conditions, the problem of water and the basis for its formation attracts the attention of researchers and especially political scientists. Water is a natural resource and a source of life; the development of the world community and the peaceful coexistence of a healthy life for people depend on it. Water and water resources are of general importance for the comprehensive development of the state and its political stability. Using water production capacity for the benefit of the people is one of the main tasks of political power, the main element of which is the regular supply of water to the people. It is worth noting that water supply is the main indicator of sustainable development of the state. In the modern world, due to demographic growth and climate change, hydraulic problems are rapidly developing and becoming more complex.

The author notes that given the changing situation on the planet, especially climate change, there is a need to develop state policy in the direction of hydropolitics, and the Republic of Tajikistan is extremely successful in this area.

Keywords. Water, water policy, climate change, rivers, glacier protection, terrorism, extremism, hydropolitical treatment, world powers, water problems, water resources, water scarcity, drinking water, use of crops, abundant irrigation, water purification technology, hydropolitical space, water consumer.

№2
2024
АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА ИМ. А. БАХОВАДДИНОВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN

ОМӮЗИШИ НИЗОЪ ДАР АФКОРИ ФАЛСАФӢ – СИЁСИИ ФАЙЛАСУФОНИ ФОРСУ ТОҶИК

Сатторзода Субҳидин Наҷмудин – номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи кори иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ
E-mail: ssubxiddin@inbox.ru
Тел: 918923092

Дар мақолаи мазкур мафҳуми низоъ ва омилҳои сар задани он аз нигоҳи мутафаккирони форсу тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамчунин муаллиф қайд намудааст, ки низоъ зодаи омил ва сабабҳои ниҳоят зиёдест, ки дар бофтаи ҷомеа нуҳуфтаанд, махсусиятҳои худро дошта, робита ва таъсири гуногун ба ҳамдигар доранд. Мақоми ниҳоят муҳимро дар байни онҳо манфиат ишғол кардааст, ки табиати мураккаб ва тазод дошта, дар шароити мушаххаси таърихӣ ва дар чаҳорчӯбаи ҷомеаҳои таърихан ташаккулёфта симои хос касб менамояд. Мафҳуми низоъ маъноҳои зиёд дорад ва ба мафҳумҳои «зиддият», «мухолифат», «муқовимат», «моҷаро», «рақобат», «бархӯрд» ва ғайраҳоро, ки равандҳои ташаккул, рушд, тағйироти иҷтимоиро ба тарзе муайян мекунанд ё ба он равандҳои иҷтимоӣ ба таври назаррас таъсир мерасонанд, дар бар мегирад. Низоъ ба ҳам зид омадани майлу хоҳишҳо, фикру андешаҳо, манфиатҳо, мақсадҳо, талабот ва мавқеъҳои нисбат ба якдигар ишғолкунандаи одамон ҳангоми фаъолият ва муошират фаҳмида мешавад.

Калидвожаҳо: *низоъ, зӯроварӣ, манфиат, муқовимат, ҷиноятқорӣ, пурихтилоф, муқовиматомезӣ, асрорангез, бофта, робита, тағйирот, зуҳурот, қувва, ҷомеа.*

Дар ҷаҳони муосир тағйиротҳои гуногун ва хеле амиқ ба назар мерасад ва онҳо таҳлили ҳамаи омилҳои ба раванди таърихӣ таъсирбахшро талаб мекунад. Аз ҷумла, зиддияту низоъҳои байни одамон дар сатҳи мухталиф тамоми таърихи башарро ҳамроҳӣ намудаанд. Низоъ падидаи ниҳояд мураккаби иҷтимоӣ ва таърихи мебошад, ки он дар давраи муайяни ташаккули таърихии инсон ва ҷомеаи инсонӣ зуҳур кардаву ташаккул ёфтааст. Табиист, ки оғози дақиқи таърихии он маълум нест. Агар мо танҳо даврони ташаккули типи муосири инсон “инсони оқил” ё “Homo sapiens”-ро баррасӣ намоем, возеҳ мебинем, ки шаклгирӣ ва таҳаввули усул, меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоӣ дар шароити муқовимат ва муборизаи шадид сурат мегирифт [5. с. 48].

Тасаввуротҳо оид ба табиати низоъ дар давраҳои гуногуни рушди ҷомеаи инсонӣ бетағйир намонда, балки ба таври пайваста тағйиру таҳаввул ёфтаанд. Бо ташаккул ёфтани ғояҳои шахс дар бораи олами атроф бо инкишофи афкори илмӣ, муносибати умумии ғоявӣ, ки барои фаҳмиши ҷаҳон асос ёфта, дар доираи он падидаи низоъ шинохта ва баҳо дода мешавад, низ тағйир меёбад. Шояд, пеш аз ҳама, дарки низоъ бо дарки табиати худи инсон алоқаманд аст. Аз замонҳои қадим то имрӯз ҳангоми посух додан ба саволе, ки моҳияти он дар табиати инсонӣ таъсис додани бартарияти иҷтимоӣ ё фардӣ мебошад (ба истилоҳ масъалаи асосии фалсафаи иҷтимоӣ), ду нуқтаи назар бархӯрд мекунанд. Муаллифони гуногун, ки ба он бо роҳҳои гуногун посух медиҳанд, мутаносибан ё кондитсияи биологиро нишон медиҳанд, яъне онҳо низоъро ҳамчун табиати инсонӣ эътироф ё мавқеи детерминизми иҷтимоиро ишғол намуда, ихтилофро ҳамчун натиҷаи равандҳои ҳаёти иҷтимоӣ эътироф мекунанд.

Маълум мешавад, ки вобаста ба мавқеъҳои ишғолкардаи муҳаққиқон, муносибатҳо ба дарки моҳияти низоъ низ гуногун мебошанд. Агар ин мавқеъҳои назариявиро муқоиса кунем, мо метавонем эътироф кунем, ки на дар таърихи ҷомеаи башарӣ ва на дар ҳаёти шахсӣ бартарияти мутлақи ин ё он нуқтаи назарро мушоҳида намекунем. Дар айни замон, чуноне ки муҳаққиқони муосири рус одилона қайд мекунанд, «муноқишаҳое, ки дар ҳаёти одамон ба вуҷуд меояд, на танҳо натиҷаи омилҳои ҳастии иҷтимоӣ, балки ҳам

пайомад ва ҳам пешгузаштаи вазъи шуур ва ҷаҳони маънавии инсон мебошанд ва ин хусусият, ба назари мо, ба моҳияти низоъ бетафовут нест, балки мувофиқ аст» [4. с. 29-30]. Ин маънои онро дорад, ки дар табиат моҳияти низоъ, ҳам омилҳои хастӣ ва ҳам омилҳои шуур дар як низоми ягонаи мураккаб якҷоя инкишоф меёбанд ва ҳамкорӣ мекунанд.

Оид ба ҷой доштани низоъ мутафаккирони бузурги форсу тоҷик ибрози андеша кардаанд. Масалан, А. Фирдавсӣ дар бораи моҳияту хусусиятҳои низоъҳо, аз ҷумла шӯришҳо, андешаҳои пурқимат иброз кардааст. Сабаби ба шӯриш бархостани одамонро дар норасоиҳои замона, дар қашшоқию гуруснагӣ мебинад. Ба муқовимати мусалаҳона, ба мисли Афлотун, ҳамчун ба бадтарин бадбахтӣ барои одамон менигарад. Ӯ ба низоъҳои мусаллаҳонаи байни кишварҳо назар карда, онҳоро ҳамаҷониба таҳлил карда, хулосаҳои пурқимат мебардорад. Назари ин мутафаккир дар он аст, ки одамон ба хотири манфиати сиёсӣ, бойигарӣ, вазифа ва мавқеъ аз қашшоқию нотавонии одамон сӯиистифода намуда, онҳоро гумроҳ менамоянд [2. с. 127].

Мутафаккири бузурги Шарқ М. Ғазолӣ оид ба муқовиматҳо андешаҳои худро баён намудааст. Ӯ дар бораи манбаи муқовиматҳо - зулму бедодгарӣ ва ситамгарӣ андеша меорад; 1) Ситами султонӣ ба раият ва ситами қавӣ ба заиф ва ситами тавонгар бар дарвеш; 2) Ситаме, ки "ту бар тани хеш кунӣ, он шумии маъсияти ту аст" [13. С. 22]. Ҳар ду навъи ситамгарӣ яке дигареро пурра менамояд. Агар касе бо касе ситам намояд, дар як ҳолат ситам ва зулм бар ҷони худ аст. Шояд зулмдидае аз золим қасд ситонида наметавонад. Аммо золим дар макон ва замони дигар зулм ва ситам мебинад ва он зулмест, ки бар зулми кардаи ӯст. Дар ин масоил мутафаккир чунин андеша дорад, ки ҳар амали зиште, ки анҷом медиҳӣ, зарараш охир боз ба худ бармегардад [6].

А. Дониш дар асарҳои "Рисола дар назми тамаддун ва таъовун" ва "Рисолаи таърихӣ" [9. С. 8] дар қатори дигар масъалаҳо ба омӯзиши мушкилоти мухталифи низои сиёсӣ таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намудааст. Ӯ дар бораи муносибатҳои пурихтилофи халқ бо шоҳ, дар бораи низоми тартибот, дар бораи ҷанг ва сулҳ, дар бораи роҳҳо ва воситаҳои баамалбарории сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ва ғайраҳо баҳс кардааст. А. Дониш ба сифати идеологи оммаи заҳматкаш баромад намуда, табиати ғоратгарони ҳокимияти амир, сохти феодалии Аморати Бухороро сахт танқид намудааст. Сабабгори ҳамаи нокомиҳо, манбаи қашшоқӣ, бенавоӣ ва ҳар гуна муқовиматро дар ихтилофоти манфиатҳои подшоҳу дарбориён ва халқ медид. Ӯ роҳи аз ҳолати харобиовари ҷомеа баромаданро дар ислоҳотҳои қатъии институтҳои иҷтимоию сиёсӣ ҷустуҷӯ мекард [7].

Дар охири солҳои 70 – ум А. Дониш ба хулосае омад, ки бойигарӣ ва ҳокимияти васеъро гирд овардани шоҳон ғайриқонунӣ ва беадолатӣ буда, он дар натиҷаи зӯроварӣ аз худ кардани молу мулки бечорагон пайдо гаштааст. Давлати амирон, ки ба золимӣ бунёд гардидааст, ё нобуд мегардад ё онро сарнагун менамоянд. А. Дониш мардумро ба муборизаи фаъоли зидди золимон даъват менамояд. Ӯ дар солҳои ҷанги Империяи Россия бо Аморати Бухоро хеле фаъолона бар зидди ҷанг мубориза бурдааст. А. Дониш кӯшишҳои зиёде намуд, то ки низоъ бо роҳи осоишта ҳал гардад. Аммо қуввахои иртиҷоӣ боло гирифтанд ва оташи ҷанг аланга зад [7].

Устод С. Айнӣ, ки ходими фаъоли ҷамъиятӣ ва арбоби шоистаи илму фарҳанг буданд, дар омӯзиши масъалаҳои мухталифи ҷамъиятӣ саҳми худро гузоштаанд. Аз ҷумла ӯ дар бораи масъалаҳои сиёсии рушди ҷомеа ба таври амиқ ва ошкоро ибрози андеша намудааст. Мухолифат ва муқовимати байни умумиятҳои иҷтимоӣ ва неруҳои сиёсиро ҳамаҷониба танқид намуда, дар боби ташхиси сабабҳо ва оқибатҳои раванду ҳодисаҳои мушаххас кори бузургеро ба анҷом расондааст. С. Айнӣ, ки дар замони салтанати амирони манғитӣ басо азобу шиканҷа кашида буд, тавонистааст, сабабҳои зулму асорат, зиддиятҳо ва муқовиматҳои байни неруҳои сиёсӣ, байни оммаи заҳматкаш ва амирону дарбориёнро ба таври барҷаста нишон дода, кӯшиши дарёфти роҳу воситаҳои аз байн бурдани чунин мухолифат ва ҳатто, моҷароҳоро намояд [3]. Ӯ дар хусуси роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳои пурихтилоф ва муқовиматомези сиёсии ҷомеа андеша намуда, муборизаи фаъоли сиёсиро калиди ҳалли мушкилот меҳисобад. Инқилобро бошад, воситаи муҳимми аз байн бурдани зулму золимӣ медонад.

Муҳаққиқи тоҷик А. Муҳаббатов қайд менамояд, ки низоъ вақте ба амал меояд, ки ду ва ё зиёда қуввахои равияҳояшон гуногун барои амалӣ гардондани мақсадҳояшон байни якдигар мубориза мебаранд. Ба низоъ метавонанд шахсони алоҳида, гурӯҳҳои хурду калон, иттиҳодияҳое, ки характери сиёсӣ доранд, гурӯҳҳои ҷинояткор, ҷараёнҳои гуногуни идеологӣ ва ҳатто гурӯҳҳои мафиозӣ низ барои амалӣ кардани мақсадҳои иҷтимоию сиёсии худ дохил шаванд. [12. С. 208].

А. Маҳмадов барои шарҳи падида асосан мафҳуми «низоъ»-ро истифода бурдааст. Ба андешаи ӯ, низоъ ба ҳайси падидаи иҷтимоию сиёсӣ ҳамеша ҳамсафари одамон ва ҷомеа буда, мутаносибан дар шаклҳои гуногун: иқтисодӣ, сиёсӣ, ғоявӣ, миллӣ, байналхалқӣ, минтақавӣ ва ғайра зуҳур мекунад. Ӯ дар заминаи тадқиқоти илмии худ ба падида дар замони шӯравӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Мувофиқи андешаи муҳаққиқ аз ҷониби ҷомеашиносони шӯравӣ масъалаи низоъ нодида гирифта мешуд ва онҳо ин андешаро қабул карда наметавонистанд, ки ҷомеа аз одамони тоифаҳои гуногуни иҷтимоӣ иборат аст. Онҳо низоъро дар ҷомеа ба ҳайси навъи махсуси бархӯрд ва зиддияти ҷамъиятӣ қабул надоштанд. Низои ҷамъиятӣ зуҳури муборизаи байниҳамдигарии қуввахои гуногуни ҷомеа мебошад, ки дар он ҳар кадом манфиати худро дорад. [11. С. 16]

Муҳаққиқи тоҷик Г.Н.Зокиров роҷеъ ба истилоҳи низоъ назари хос дорад. Ӯ чунин мешуморад, ки “Муносибатҳои объективона ва холисона ба ҳамаи ҳодисаҳо, аз ҷумла, ба масъалаҳои мухталифи моҳароҳои сиёсӣ дар муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои сиёсат имконият медиҳанд, ки моҳият, хусусиятҳо, шаклҳои зуҳурот ва аҳамияти ҳодисаро дар олами муосир барои рушду камоли муносибатҳои байни одамон ва умуман, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дарк намоем ва аз он баҳра барем».[10. С. 34] Ин нуқтаи назар бисёр ҷолиби диққат буда, табиати моҳароҳоро ба таври назариявӣ кушода, ба сифати роҳнамои муҳимми методологӣ баромад мекунад.

Шояд дар ин замина, маҳз ба ҳайси як низоми мураккаби ғайрихаттӣ дарк намудани низоъ имкон диҳад, ки муносибати ба дониши анъанавӣ хос ба дарки моҳияти низоъ бартараф карда, нишон дода шавад, ки табиати низоъро ҳам ҳастии иҷтимоӣ ва ҳам ҳастиии маънавӣ ва ҳамкории диалектикии онҳо муайян мекунанд. «Аз он чизе, ки гуфта шуд, маълум мешавад, ки мавқеи назариявӣ ва методологӣ, бо эътирофи гуногунии табиати низоъ ва муайянкунандагони ин падида, имкон медиҳад, ки ба доираи таҳлили назариявӣ ва соҳаи таҳқиқоти амалӣ бисёр омилҳои ҳам ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳам маънавии инсон, ҳамкориҳо ва таъсири мутақобилаи онҳо дохил карда шаванд, ки ин дар навбати худ, доираи маърифати худи низоъро ба таври назаррас васеъ мекунад».[1. с. 12].

Муқоиса ва таҳлили таърифҳои гуногуни низоъ ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои дигаргуншавии онро қайд намоем ва ҳадди аққал дар тахминҳои аввал доираи масоилу мушкилоти онро маҳдуд кунем. Муаллифон аксар таърифҳои мавҷудаи низоъ дар бораи «бархӯрд»-ро, ки бар асоси низоъ расидаанд ки он метавонад бо «носозгорӣ», «мубориза», «ихтилоф» ва ғайра муродиф бошад. Ҳар гуна низоъ, новобаста аз мундариҷа ва намуди мушаххаси он, ҳатман лаҳзаи муқовимат ва мухолифатро дар бар мегирад.

Дар ҳамаи ин низоъҳо, аз ҷумла, даргирии мусаллаҳонаи давлатҳои ҳамсоя, ҷанҷоли оилавӣ, муноқишаи хидматӣ, корпартоии коргарон дар корхона ва ғайра бархӯрди манфиатҳо, мавқеъҳо, тамоюлҳои ба ҳам зид ё номувофиқ мавҷуд аст. Ин «бархӯрди як чиз бо чизи дигар» чӣ маъно дорад? Он, пеш аз ҳама, мавҷудияти принсипҳои мухолифро пешбинӣ мекунад. Мавзуи «бинарӣ» ё «қутбӣ» ба фалсафа маълум аст, ки дар шаклҳои мухталиф ба он дар марҳилаҳои гуногуни рушд муроҷиат мекарданд. Барои мо муҳим аст, ки ин «қутбҳо», тавре ки файласуфон таъкид мекунанд, якдигарро ҳамчун чапу рост, некиву бадӣ, баландиву пастӣ ва ғайра тахмин кунанд».[14. с. 98]. Ин маънои онро дорад, ки мухолифати онҳо танҳо дар ҳамкорӣ имконпазир мешавад, ба ибораи дигар, зиддият худ аз худ, берун аз интиқолдиҳандагони мушаххаси он вуҷуд дошта наметавонад. Дар заминаи мушкилоти муайян кардани низоъҳо, ин хусусият метавонад ҳамчун хусусияти дуқутбӣ таъйин карда шавад, ки он алоқамандӣ ва мухолифати тарафайн мебошад. Нуқтаи назари рост танҳо дар сурате вуҷуд дошта метавонад, ки дурӯғ бо он ҳамзистӣ кунад. Муқовимати манфиатҳо мавҷудияти

ду манфиати ба ҳам зид ё номувофиқро пешбинӣ мекунад. Муборизаи ангезаҳо низ танҳо бо гуногунии онҳо имконпазир аст. Дуқутбӣ ҳамчун хусусияти низоъ, зоҳиран, барои ҳолатҳои зиддияти васеътари иҷтимоӣ хос аст.

Ҳамин тариқ ба таври хулоса қайд намудан зарур аст, ки низоъ зодаи омил ва сабабҳои ниҳоят зиёдест, ки дар бофтаи ҷомеа нуҳуфтаанд, махсусиятҳои худро дошта, робита ва таъсири гуногун ба ҳамдигар доранд. Мақоми ниҳоят муҳимро дар байни онҳо манфиат ишғол кардааст, ки табиати мураккаб ва тазод дошта, дар шароити мушаххаси таърихӣ ва дар чаҳорчӯбаи ҷомеаҳои таърихан ташаккулёфта симои хос касб менамояд. Раванд ва тамоюлҳои навин таркиб ва мазмуни низоъро ҷиддан дигаргун месозанд. Аз як тараф, рукнҳои таркибии низоъ таҳти таъсири рӯзафзуни омилҳои фарокуллӣ ва умумӣ сохтор ва шакли нисбатан шабеҳ ва ҳатто монанд пайдо мекунанд ва мазмуни онҳо низ шабоҳати муайян мегирад. Аз ҷониби дигар, мураккабшавии босуръати сохтори ҷомеаи муосир ва фаъол гардидани мабдаъҳои гуногун матои низоъро мураккаб ва сатҳи шиддати онро афзоиши ҷиддӣ хоҳад дод. Дар натиҷа, низоъ ҳамчун падидаи мураккаб ва асорангез ҷилва менамояд ва шинохти пайгирии он амри зарурӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев, А. Ҷанг не созишу ҳамкорӣ даркор [Матн] / А. Абдуллоев // Тоҷикистон. – 1990. – №8. – С.12.

2. Азизов, К.Ҷ. Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ [Матн]: дисс… ном. илм. фал. / Азизов Комил Ҷурахонович. – Душанбе, 2020. – С.127.

3. Айнӣ, С. Таърихи аммрони мангитияи Бухоро [Матн] / С. Айнӣ // Куллиёт. – Душанбе, 1966. – Ҷ.10. – 343 с.

4. Анцупов, А.Я., Шипилов, А.И. Конфликтология [Текст]: теория, история, библиография / А.Я. Анцупов, А.И. Шипилов. – М., 1996. – С.29-30.

5. Ворожейкин И. Е., Кибанов А. Я., Захаров Д. К. Конфликтология: Учебник. – М.: Инфра-М, 2004. – С. 48.

6. Ғазолӣ, М. Кимиёи саодат [Матн] / М. Ғазолӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 672 с.

7. Дониш, А. Путешествие из Бухары в Петербург [Матн] / А. Дониш. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 280 с.

8. Дониш, А. Рисола дар назми тамаддун ва таъовун [Матн] / А. Дониш. – Душанбе, 1972. – 146 с.

9. Дониш, А. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони мангития [Матн] / А. Дониш. – Душанбе, 1992. – С.8.

10. Зокиров, Г.Н. Моҷарошиносӣ [Матн]: монография / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2002. – С.34.

11. Маҳмадов А. Муқаддимаи низоъшиносӣ [Матн] / А. Маҳмадов. - Душанбе, 2006. С.16.

12. Муҳаббатов, А. Сиёсатшиносӣ [Матн] / А. Муҳаббатов. – Душанбе: Истеъдод, 2013. – С. 208.

13. Сатторзода С.Н. Низоъҳои динӣ - мазҳабӣ ҳамчун зуҳуроти муносибатҳои зиддиятноки иҷтимоӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон: Монография. – Душанбе: “МДМТ”, 2023. – 164 С.

14. Маҳмадизода, Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ – сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он. : монография [Матн] / Н.Д. Маҳмадизода.– Душанбе, 2022.–323 с.

ИЗУЧЕНИЕ КОНФЛИКТА В ФИЛОСОФСКО - ПОЛИТИЧЕСКИХ ВОЗЗРЕНИЯХ ТАДЖИКСКИХ ФИЛОСОФОВ

Сатторзода С.Н.

В данной статье изучены понятие конфликта и факторы его возникновения с точки зрения персидскии и таджикскии мыслителемй. Также автором отмечено, что конфликт является следствием многих факторов и причин, которые заложены в ткань общества, свои особенности, имеют разную связь и влияние друг на друга. Важнейшее место среди них занимает интерес, который имеет сложный и противоречивый характер и приобретает особую форму в конкретных исторических условиях и в рамках исторически сложившихся обществ. Понятие конфликта имеет много значений и включает в себя понятия «противоречие»,

«сопротивление», «противостояние», «конфликт», «конкуренция», «столкновение» и которые определяют прецесса фармированая, развития, социальных изменений или социальные прецессы существенно вляют на него. Конфликт определяется как противоречивые желания, мысли, интересы, цели, требования и позиции людей по отношению друг к другу в процессе деятельности и общения.

Ключевые слова: *конфликт, насилие, интерес, сопротивление, преступность, спорное, конфронтационное, загадочное, ткань, связь, изменение, проявление, сила, общество.*

STUDY OF CONFLICT IN PHILOSOPHICAL AND POLITICAL VIEWS OF TAJIK PHILOSOPHERS

Sattorzoda S.N.

This article examines the concept of conflict and the factors of its occurrence from the point of view of Persian and Tajik thinkers. The author also noted that the conflict is a consequence of many factors and causes that are embedded in the fabric of society, have their own characteristics, and have different connections and influence on each other. The most important place among them is occupied by interest, which has a complex and contradictory nature and takes on a special form in specific historical conditions and within the framework of historically established societies. The concept of conflict has many meanings and includes the concepts of "contradiction", "resistance", "confrontation", "conflict", "competition", "clash" and which determine the process of development, development, social change or social processes significantly influence it. Conflict is defined as conflicting desires, thoughts, interests, goals, demands and positions of people in relation to each other in the process of activity and communication.

Key words: *conflict, violence, interest, resistance, crime, controversial, confrontational, mysterious, fabric, connection, change, manifestation, force, society.*

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОЕ, КИ БА «АХБОРИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН» ПЕШНИҲОД ШУДААНД

Мақолаҳои ба идора расида, ташхисро гузашта (ташхисро аъзои таҳририя – мутахассисони бахшҳои марбутаи илм мегузаронанд), сипас тибқи тартиботи муқарраршуда қабул карда мешаванд. Талабот ба таҳия кардани мақолаҳо бо унвони «Қоидаҳо барои муаллифон» дар ҳар шумораи маҷалла чоп мешавад.

Дастнависи мақолаҳоеро, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, идора қабул намекунад. Эродҳо оид ба мазмун ва сохтори мақолаҳо бояд пеш аз супурдан ба тақриз ислоҳ карда шаванд.

Сипас ба мақолаҳо бо тартиби муайян, аз ҷониби ҳайати таҳририяи маҷалла ё мутахассисони ба мавзӯи мақола алоқаманд, (номзад ва докторҳои илм) тақриз дода мешавад.

Тақриз бояд хусусиятҳои илмии мақола, аз ҷумла, навоварӣ дар масъалагузорӣ, муҳимият, арзишҳои фактологӣ ва таърихӣ, дақиқ будани иқтибосҳо, услуби баён, корбурди манбаъҳои муосир ва инчунин камбудиҳои чойдоштаро фаро гирад. Дар хулосаи тақриз бояд баҳои умумӣ ва тавсия барои нашр ё баъд аз ислоҳ нашр кардан, ё барои тақризи иловагӣ гирифтан аз мутахассиси марбут ба мавзӯъ, ё ба чоп тавсия надодан қайд шавад.

Ҳаҷми тақриз бояд на камтар аз як саҳифа бошад.

Мақолае, ки ба такмил зарурат дорад, бо қайду эродҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон баргардонида мешавад. Муаллифон бояд ислоҳоти заруриро ба мақола ворид карда, нусхаи охирини мақоларо якҷоя бо шакли электронии он ва матни дастнависи аввала ба идора супоранд. Пас аз такмили муаллиф, мақола дубора барои тақриз фиристода мешавад ва ҳайати таҳририя қарори нашр шудани онро мебарорад.

Мақола ҳамон вақт барои нашр пазируфта мешавад, ки тақризи ба он дода шуда мусбат бошад ва ҳайати таҳририя онро ҷонибдорӣ намоянд. Тартиб ва навбати чопи мақола ба санаи расидани нусхаи охирини ислоҳшуда ба хайати тахририя вобаста мебошад.

Тақризнависӣ ба мақола ба таври махфӣ сурат мегирад.

Ошкор кардани ҷузъиёти махфии тақриз ҳуқуқи муаллифро вайрон мекунад. Нусхбардории мақола барои корҳои шахсӣ ба муқарризон иҷозат дода намешавад.

Муқарризон ва инчунин ҳайати таҳририя то лаҳзаи аз чоп баромадани мақола ҳуқуқи истифодабарии маълумоти дар мақолаҳо дарҷшударо надоранд.

ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ИЗВЕСТИЯ ИНСТИТУТА ФИЛОСОФИИ, ПОЛИТОЛОГИИ И ПРАВА НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводится членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в «Правилах для авторов», публикуемых в каждом номере журнала.

Рукописи, оформленные не по правилам, редакцией не принимаются. Замечания по содержанию и оформлению статей необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике, отклонить.

Объем рецензии – не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о её публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяются в зависимости от даты поступления её окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

RUES FOR REVIEWING ARTICLES SUBMITTED FOR PUBLISHING AT THE ACADEMIC PERIODICAL JOURNAL TITLTED “PROCEEDINGS OF THE INSTITUTE OF PHILOSOPHY, POLITICAL SCIENCE AND LAW NAMED AFTER A.BAHOVADDINOV OF THE NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF TAJIKISTAN”

Articles coming to the editory board will pass preliminary expert examination (it is carried out by associate editors – specialists in the corresponding branch of science) and are accepted in accordance with the established procedure. Requirements to registration of the original are provided by article in "Rules for the authors" published in each issue of the journal.

The manuscripts issued not by rules aren't accepted by edition. Remarks according to the contents and registration of articles need to be eliminated before transfer of the text on reviewing.

Then articles are reviewed without fail by associate editors of the journal or experts of the corresponding specialty (candidates and doctors of sciences).

The review has to contain reasonable transfer of qualities of article, including scientific novelty of a problem, its relevance, factual and historical value, citing accuracy, style of a statement, use of modern sources, and also motivated transfer of its shortcomings. In the conclusion the general assessment of article and recommendation for an editorial board – to publish article, to publish it after completion, to direct on the additional review to the specialist in a certain subject, to reject is given.

Review volume – not less than one page of the text.

The article adopted to the publication, but needing completion goes to authors with remarks of the reviewer and editor. Authors have to make all necessary corrections to a final version of the manuscript and return to edition the corrected text, and also its identical electronic option together with the original version of the manuscript. After completion article is repeatedly reviewed, and the editorial board makes the decision on its publication.

Article is considered to be accepted to the publication in the presence of the positive review and if it was supported by associate editors. The order and sequence of the publication of article are defined depending on date of receipt of its final version.

Reviewing of the manuscript is carried out confidentially. Disclosure of confidential details of reviewing of the manuscript violates the rights of the author. Reviewers aren't allowed to make the copy of articles for the needs.

Reviewers, and also associate editors have no right to use in own interests information containing in the manuscript before its publication.

ҚОИДАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Ҳайати таҳририяи маҷалла ба таваҷҷуҳи муаллифон мерасонад, ки мақолаҳои худро дар шаклҳои чопию электронӣ, бо назардошти ҷанбаҳои илмию амалии таълифот ирсол намоянд.

Дар маҷаллаи «Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» мақолаҳое чоп мешаванд, ки натиҷаи таҳқиқот оид ба масъалаҳои илмҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ марбут бошанд.

Мақолаҳо мутобиқ ба қоидаҳои мазкур бо тавсияномаи яке аз шуъбаҳои Институт ё яке аз аъзои ҳайати таҳририя барои чоп қабул карда мешаванд.

Ҳаҷми мақолаҳо якҷоя бо тасвир, ҷадвал, нақшаҳо ва калидвожаҳою фишурдаи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд то як ҷузъи чопӣ (то 12 саҳифаи чопи компютерӣ) бошанд. Фишурдаи мақола ба як забон на зиёдтар аз чор ҷумла ва миқдори калидвожаҳо бояд то даҳ адад бошанд. Матн бояд дар файли барномаи Microsoft Office Word пешниҳод шуда, андозаи ҳарфҳо 14, гарнитураи Times New Roman (барои мақолаҳои русӣ ва англисӣ), Times New Roman Tj (барои мақолаҳои тоҷикӣ), фосилаи 1,5 ва канораҳои матн аз ҳар тараф – 2,5 см бошанд. Корбурди ҳарфҳои хоси тоҷикӣ дар мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, фишурда ва калидвожаҳо ҳатмист. Саҳифаҳо бояд рақамгузорӣ шуда бошанд.

Ба мақола тавсияи муассиса (барои муаллифони беруна), тақризи шуъбаи марбутаи Институт, фишурда, калидвожаҳо (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) дар ду нусха, бо нишондоди унвони мақола, сарҳарфи ном ва насаби муаллиф ҳамроҳ карда мешаванд.

Барои чоп маводи таҳқиқотие, ки қаблан дар дигар нашрияҳо чоп нашуда бошанд, қабул карда мешаванд. Дар охири мақола, баъд аз матн ва фишурдаи рӯйхати адабиёти истифода шуда зикр гардида, аз тарафи чап номи муассисае, ки мақоларо пешниҳод кардааст, инчунин маълумот дар бораи муаллиф, телефон ва имзои муаллиф (муаллифон) оварда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёти истифодашуда мушахассоти зеринро бояд қайд кард: а) барои китобҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи китоб, макони чоп, нашриёт, соли нашр, рақами ҷилд, саҳифа; б) барои мақолаҳо аз маҷаллаву маҷмӯаҳо – насаб ва сарҳарфи ном ва номи падар, унвони пурраи мақола, номи маҷалла ё маҷмӯа, соли нашр, шумора ва саҳифа (барои маҷмӯа). Ҳангоми иқтибоси такрорӣ аз як манбаъ шакли маъмулии ихтисоршавӣ истифода мешавад.

Агар дар матн ҷадвалҳо оварда шуда бошанд, нусхаҳои иловагии онро дар варақ чоп карда, бо нишон додани саҳифаи матлуб ба мақола ҳамроҳ кардан лозим аст.

Дар ҳолати баргардонидани мақола ба муаллиф барои ислоҳот ё ҷиҳати таҳрир, муаллиф бояд ислоҳоти заруриро ворид карда, нусхаи охирини ислоҳшударо якҷоя бо нусхаи аввалӣ, инчунин шакли электронии мақолаи ислоҳшударо дар муддати то 3 рӯз ба идора бозгардонад.

Масъулияти истифодаи маълумоте, ки барои чопи озод иҷозат нест, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дӯши муаллифон аст.

Идораи маҷалла ҳуқуқи ихтисорнамудан ва ба дастнависҳо тағйирот ворид карданро дорад.

Мақолаҳое, ки ба қоидаҳои мазкур ҷавобгӯ нестанд, барои чоп қабул карда намешаванд.

ПРАВИЛА ДЛЯ АВТОРОВ

1. В журнале "Известия Института философии, политологии и права Национальной академии наук Таджикистана" печатаются статьи, являющиеся результатом научных исследований по философским, социологическим, политологическим и юридическим наукам.

2. Статьи принимаются к печати по рекомендации одного из членов редколлегии, в соответствии с настоящими правилами.

3. Объем статьи не должен превышать 1-го п.л. (до 12 страниц) компьютерного текста, включая в этом объеме рисунки, таблицы, графики, текст аннотации и ключевые слова, приводимые в конце статьи. Объем аннотации – не более 0,5 страницы. Три рисунка считаются за одну страницу.

4. К статье прилагаются направление от учреждения (для внешних авторов), рецензия соответствующего Отдела, аннотации и ключевые слова (на таджикском, русском и английском языке) в двух экземплярах, с указанием названия статьи, инициалов и фамилии автора.

5. Статья принимается в одном экземпляре, в текстовом и в электронном вариантах. Статья должна быть напечатана: на компьютере, с одной стороны листа, через 1,5 (полуторный) интервал, в файле Microsoft Office Word, размером шрифта 14, гарнитура Times New Roman (для русских и английских текстов), Times New Roman Tj (для таджикских текстов), интервалом 1,5, поля с каждой стороны – 2,5 см. В статье обязательно использование таджикского шрифта для таджикских текстов гарнитурой Times New Roman Tj, аннотации и ключевых слов. Страницы должны быть пронумерованы.

6. В конце статьи после текста аннотации дается список использованной литературы, слева указываются название учреждения, представляющего статью, а также сведения об авторе, телефон и подпись автора (авторов).

7. При оформлении списка использованной литературы следует указать:

а) для книг - фамилию и инициалы автора, полное название, место издания, издательство, год издания, номер тома, страницу;

б) для журнальных статьей и сборников – фамилию и инициалы автора, название статьи, название журнала или сборника, год издания, номер и страницу (для сборника). При повторной ссылке на литературу допустимы общепринятые сокращения.

8. К имеющимся в тексте таблицам необходимо отпечатать дубликаты и приложить к статье с указанием страницы, к которой таблица относится.

9. В случае возращения статьи автору для существенных исправлений или для ее окончательного редактирования, автору необходимо в трехдневный срок внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи.

10. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

11. Редакция оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей.

12. Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором (авторами).

Адрес редакции: Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33, Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана.

RULES FOR AUTHORS

The Editorial Board requires from the authors to submit their papers to the editor, in printed and electronic forms, paying special attention to the scientific and practical aspects of their works.

The Academic Legal Journal publishes scientific articles on the results of research on legal sciences.

Articles are accepted for publication on the recommendation of one of the departments of the Institute or one of the board members, in accordance with these rules. The paper should not exceed one unit (up to 12 pages of computer text), including drawings, tables, graphs, summaries and keywords in Tajik, Russian and English, given at the end. Abstract in the same languages should contain no more than four sentences and the number of keywords should be given up to ten words and word combinations. The text should be presented in the Microsoft Office Word program: font size - 14 headset - Times New Roman Tj, line spacing - 1.5, farmland - 2.5 cm on all sides. The use of specific Tajik letters in the materials prepared in the Tajik language, as well as keywords and annotations are necessary. Pages must be numbered.

To the article should be attached a cover letter from the institution (for foreign authors), review of the relevant department of the Institute, abstracts and keywords (in Tajik, Russian and English) in duplicate, with the name of the article, initials and surname of the author.

Accepted for publication research materials should not previously be published in other publications. At the end of the article after the text and annotations there should be given a list of references, on the left side one should indicate the name(s) of the institution that submit the article(s), as well as information about the author(s), telephone and signature of the author (s).

When making a list of references one should indicate: a) for books - surname and initials of the author(s), full name of the books, place of publication, the publisher, year of publication, volume number, page; b) for journal articles and collections - surname and initials of the author, article title, journal title or collection, year of publication, and page number (for collection). After repeated references to the same literature standard abbreviations are acceptable.

To existing tables in the text one should print a duplicate of the tables indicating the page to which the tables belong.

In the case of the return of the article to the author for substantial corrections or its final editing, one should make any necessary corrections in the final version of the manuscript to the editor and return the corrected text, as well as its electronic version identical with the original version of the manuscript.

Responsibility for the use of the data, not intended for open publication lies on the authors of articles in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

The editors reserve the right to make editorial changes and reduction of manuscripts.

Articles that do not meet these rules will not be accepted for the publication.

Ба матбаа супорида шуд 27.08.2024
Барои нашр имзо шуд 05.09.2024
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 24,8. Андоза 70x100¹/₈.
Адади нашр 100 нусха. Супориши №112.

МН «Дониш»

Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АМИТ
ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.